ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научный журнал**

**№ 1 (33)**
**2024**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ**

**№ 1 (33)**
**2024**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 196/МҶ-97 аз 12 апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Миралиев И.Қ. – н. и. ҳ., дотсент** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ғаюрзода Ш.К.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Искандаров З.Ҳ.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Маҳмудов И.Т.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Қодиров Н.А.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

**ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**
**Научный журнал**

**№ 1 (33)**
**2024**

**Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 196/МЧ-97 от 12 апреля 2021 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***

| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Миралиев И.К. – к. ю. н., доцент** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Гаюрзода Ш.К.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Искандаров З.Х.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Махмудов И.Т.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Кодиров Н.А.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Шарофзода Р.Ш.** | Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ | **7** |
| **Холиқзода А.Ғ., Сафарзода Б.А., Шосаидзода Ш.Ш.** | Пешво эҳёгари ҳуввияти истиқлоли сиёсӣ: таҳлил ва таҳқиқи таърихӣ-хуқуқӣ | **31** |
| **Раҳмон Д.С., Азимов С.Ш.** | Ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ | **49** |
| **Азиззода У.А., Собирзода А.Ҷ.** | Оид ба баъзе масъалаҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ | **61** |
| **Камолзода И.И.** | Источники права Таджикистана в период трансформации правовой системы Средней Азии | **72** |
| **Аминжонов А.Х.** | Шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани никоҳ дар Тоҷикистони Шуравӣ | **82** |
| **Бобозода У.Э.** | Право человека на труд в Республике Таджикистан: история формирования и этапы совершенствования | **96** |
| **Пирова Г.С.** | Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи болоравии фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ | **110** |
| **Баҳодурзода М.** | Назаре ба масъалаи татбиқи принсипи робитаи зичтар дошта дар соҳаи муносибатҳои шартномавӣ | **127** |
| **Шарифӣ Д.Д.** | Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҳуқуқи оилавӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои асосии он | **135** |
| **Давлатзода Р.С.** | Баъзе масъалаҳои ҳуқуқи инсон ба ҳифзи меҳнат дар Тоҷикистони Шуравӣ ва муосир | **146** |


## ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Мирзозода П.З., Шабонов Ш.С.** | Тавсифи умумии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ | **135** |
| **Ҷураев А.Ш.** | Шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ | **165** |
| **Шерзода Б.С.** | Мафҳум ва аломатҳои маҷмуаи томи ғайриманкул тибқи қонунгузории Тоҷикистон | **182** |

| | | |
|---|---|---|
| **Асомуддинов Б.Б.** | Соотношение инновационной и предпринимательской деятельности | **193** |


## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

| | | |
|---|---|---|
| **Шарипов Т.Ш., Мирзоев Қ.Х.** | Объекти ҷинояти савдои одамон | **202** |
| **Қурбонзода Б.Ш., Каримова М.М.** | Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм тибқи санадҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида | **214** |
| **Абдуллозода Б.В.** | Масъалаи умумӣ-назариявии эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷинояти ифлос кардани об | **226** |
| **Зокирзода З.Х.** | Масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ | **237** |
| **Миралиев Н.А.** | Масъалаҳои муайян намудани аломатҳои тарафи субъективии роҳзанӣ | **250** |
| **Сайдалиев О.И.** | Танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус | **261** |
| **Сафарзода Н.Н.** | Ташаккули мафҳуми ретсидиви ҷиноят мутобиқи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: (солҳои 1961-1998) | **275** |


## ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

| | | |
|---|---|---|
| **Искандаров З.Ҳ., Абдуллозода П.С.** | Супоридани маълумоти шахсӣ ба давлати хориҷӣ оид ба масъалаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ | **285** |
| **Табаров Н.А.** | Мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ҳамчун принсипҳои асосии ҳуқуқи мурофиавӣ | **294** |


## ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)

| | | |
|---|---|---|
| **Шарипов Т.Ш., Саъдизода Ҷ., Холиқзода Ш.Л.** | Нигоҳе ба ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ аз дидгоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва илми ҳуқуқи инсон | **312** |
| **Идизода Ф.Ф.** | Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил | **335** |

## КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)


| | | |
|---|---|---|
| **Сафаров З.С.** | Хусусиятҳои тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда | **350** |

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** **362**

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

# МАФҲУМИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Шарофзода Рустам Шароф**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда**: Дар мақола мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар робита бо мафҳумҳои «тарбияи ҳуқуқӣ», «шуури ҳуқуқӣ», «фарҳанги ҳуқуқӣ» муайян карда мешавад. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун намуди мустақили маърифат, дар муқоиса бо намудҳои дигари маърифат (иқтисодӣ, экологӣ ва дигар) таҳлил карда мешавад. Таносуби мафҳумҳои маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи мафҳумҳо, ақидаҳо, иттилоот оид ба ҳуқуқ, арзишҳои ҳуқуқӣ, падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ ва ҳамчун фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба паҳн намуани дониши ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Ҳамчунин, таносуби мафҳумҳои зерин муайян карда мешавад: маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун назария, барнома, консепсия ва маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ. Омилхое, ки зарурати таҳқиқи илмии маърифати ҳуқуқиро муайян мекунанд, таҳлил карда мешаванд. Нуқтаҳои назари гуногун оид ба мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ дар робита бо тарбияи ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, таносуби маърифати ҳукуқӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ, ҳамчун самти ё шакли сиёсати ҳуқуқӣ, самти сиёсати давлатӣ, робитаи маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва иттилоотонии ҳуқуқии аҳолӣ таҳқиқ мешаванд. Иттилоотонии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ташаккули маърифати ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад. Хулоса пешниҳод мешавад, ки маърифатнокии ҳуқуқӣ ҷузъи маърифатнокии умумии инсон буда, ҳамаи давраҳои ҳаёту фаъолияти инсонро дар бар мегирад, мунтазам, бо дарназардошти синну сол, намуди таълим, намуди муассисаи таҳсилотӣ, эҳтиёҷоти хонанда ба ин ё он намуди хизмати таҳсилотӣ, мақсадҳои гуногуни таълиму тарбия, дар робита бо шаклҳои таълиму тарбия ба роҳ монда мешавад. Намудҳои маърифати ҳуқуқӣ, ба мисли маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ, маъмурӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, маданӣ, оилавӣ, экологӣ ва ғайра ҷудо карда мешаванд. Хулоса пешниҳод мешавад, ки

дурнамои рушди маърифати ҳуқуқӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ алоқаманд аст.

**Калидвожаҳо**: Маърифат, фаъолияти маърифатӣ, маърифати ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, дониши ҳуқуқӣ, арзишҳои ҳуқуқӣ, ташвиқи ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, иттилоотонии ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ.

## ПОНЯТИЕ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ

**Шарофзода Рустам Шароф,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры теории и истории государства и права, доктор юридических наук
**Тел.:** (992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация**: В статье раскрывается понятие «правовое просвещение» в контексте его соотношения с понятиями «правовое воспитание», «правосознание», «правовая культура». Правовое просвещение анализируется как вид просвещения, в различии от иных видов просвещения (экономическое, экологическое и др.). Раскрывается соотношение понятий правового просвещения как совокупности понятий, идей, представлений о праве, правовых ценностях, правовых явлениях и как организованной деятельности государства и гражданского общества по распространению правовых знаний. Определяется также соотношение понятий правового просвещения как теории, программы, концепции и как объекта научного юридического познания. Анализируются факторы, требующие исследование правового просвещения. Исследуются различные точки зрения о понятии правового просвещения в контексте правового воспитания, правосознания и правовой культуры, соотношения правового просвещения с правовым воспитанием и правовым обучением, как направления или формы реализации правовой политики, направления государственной политики, с учетом взаимодействия правового просвещения и правосознания, правового просвещения и правового информирования. Правовое информирование исследуется как условие формирования правового просвещения. Обоснован вывод, что правовое просвещение, будучи частью социального просвещения человека, включает все периоды его жизни и деятельности, осуществляется постоянно, в зависимости от возраста, формы обучения, типа образовательного учреждения, потребности индивида в той или иной разновидности образовательных услуг, целей воспитания и обучения, форм воспитания и обучения. Осуществляется классификация видов правового просвещения –

конституционное, административное, финансовое, трудовое, гражданское, семейное, экологическое и др. Сформулирован вывод, что перспектива развития правового посвящения связана с применением цифровых технологий и искусственного интеллекта.

**Ключевые слова**: Просвещение, просветительская деятельность, правовое просвещение, правовое воспитание, правосознание, правовая культура, право, правовые знания, правовые ценности, правовая пропаганда, правовая агитация, правовое обучение, профессиональное юридическое образование, правовое информирование, правовая политика.

## THE CONCEPT OF LEGAL EDUCATION

**Sharofzoda Rustam Sharof**
Tajik national university, faculty of law, professor of the department of the theory and history of the state and law, doctor of the legal sciences
**Phone.:** (992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Research supervisor:** Azizzoda Y.A., doctor of legal Sciences, professor

**Abstract**: In this article the notion of "legal education" opens in context of his(its) correlation with notion "legal education", "legal consciousness", "legal culture. The Legal enlightenment is analysed as type of the enlightenment, in difference from other type of the enlightenment (economic, ecological and others.). Opens the correlation a notion legal enlightenment as collections notion, ideas, beliefs about right, legal value, legal phenomenas and as organized activity state and civil society on spreading the legal knowledges. Correlation notion legal enlightenment is Defined also as theory. program, concepts and as object of the scientific legal cognition. They Are Analysed factors, requiring study of the legal enlightenment. The different standpoint are Researched about notion of the legal enlightenment in context of the legal education, legal consciousness and legal culture, correlations of the legal enlightenment with legal education and legal education, as directions or the forms to realization legal politicians, directions state politicians, with provision for interactions of the legal enlightenment and legal consciousness, legal enlightenment and legal information. Legal information is researched as condition of the shaping the legal enlightenment. The Motivated output that legal enlightenment, being part of social enlightenment of the person, includes all periods to his(its) lifes and activity, is realized constantly, depending on age, the forms of the education, type of the educational institution, need of the individual in one or another varieties of the educational services, integer of the education and education, the forms of the education and education. It Is Realized categorization type legal enlightenment - constitutional, administrative, financial, labor, civil, household, ecological and is others Worded output that prospect of the development of the

legal initiation is connected with using digital technology and artificial intelligence.

**Keywords**: Enlightenment, enlightenment activity, legal enlightenment, legal education, legal consciousness, legal culture, right, legal knowledges, legal value, legal propaganda, legal spreading, legal education, professional legal formation, legal information, legal policy, Information legal consciousness

Маърифати ҳуқуқӣ одатан бо паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ вобастагӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар маърифати ҳуқуқӣ бо мафҳумҳои «тарбияи ҳуқуқӣ», «шуури ҳуқуқӣ», «фарҳанги ҳуқуқӣ» алоқаманд аст. Айни замон мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» аз мафҳумҳои зикршуда фарқ дорад, чунки объекти мустақили дарки илмӣ буда, мақсадҳо ва вазифаҳои худро дорад, бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои муайян амалӣ карда мешавад.

Заминаи этимологии истилоҳи «маърифати ҳуқуқӣ»-ро калимаи «маърифат ташкил медиҳад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи «маърифат» (арабии معرفت) чунин шарҳ дода мешавад: «дониш, илму дониш; дар фалсафа – «дарки воқеият ба воситаи ақлу ҳис; шинохти чигунагии олам: назарияи маърифат»; дар иртибот бо маориф – «омӯзишу парвариш, таълиму тарбия»; аҳли маърифат – соҳибмаърифатон, одамони аз илму дониш баҳраманд, ашхоси огоҳу доно. Ҳамчунин, дар робита бо маърифат калимаҳои зерин шарҳ дода мешаванд: «маърифатнокӣ» – «маърифатнок будан, соҳиби илму дониш будан»; «маърифатпарварӣ» – «маърифатпарвар будан», инчунин, «маорифпарварӣ, фарҳангпарварӣ»[1].

Тавре мушоҳида мешавад, маърифат маънои илму дониш, дарки илмии воқеият, маорифпарварӣ, фарҳангпарвариро дорад. Аз ин хотир. маърифат танҳо бо паҳн намудани дониши ибтидоӣ, аз ҷумла дар давраи кӯдакӣ ва наврасӣ маҳдуд намешавад. Маърифатнокӣ сатҳи баланди илму дониш ва фарҳангро дар назар дорад. Шахси бомаърифат ё соҳибмаърифат илму дониш дорад, қобилият, маҳорат, истеъдоди паҳн намудани илму дониш, дастовардҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, таълиму тарбияи шаҳрвандонро дорад, тибқи сифатҳои касбӣ фаъолияти илмӣ, педагогӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, маърифатиро ба роҳ мемонад, ба рушди ҷомеа тавассути тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои нави илму фарҳанг мусоидат мекунад.

Аз ҷумла дар моддаи 10 Қонуни намунавӣ «Дар бораи фаъолияти маърифатӣ», ки аз тарафи Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ 7 декабри соли 2002 қабул шудааст, ду самти асосии фаъолияти маърифатӣ муайян карда мешаванд:

– фаъолияти умумии таҳсилотӣ тавассути барномаҳои маърифатӣ, ки ба тамоми аҳолӣ паҳн мешаванд, инчунин, дар раванди маърифати илмӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ,тиббӣ;

---

1 Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – С. 787-788. – 950 с.

– фаъолияти маърифатии махсус тавассути барномаҳои маърифатӣ, ки барои мутахассисони касбӣ пешниҳод мешаванд[2].

Тавре мушоҳида мешавад, маърифати илмӣ яке аз намудҳои маърифат буда, намудҳои дигари маърифат (иқтисодӣ, экологӣ ва дигар) низ дониши илмиро (иқтисодӣ, экологӣ ва дигар) талаб мекунад.

Маърифати ҳуқуқӣ намуд, самт ва ҷузъи таркибии маърифат буда, ҳамчун падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ дарку омӯхта мешавад, дар натиҷаи фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути барномаҳо, консепсияҳои давлатӣ ва дигари илмӣ ташаккул меёбад.

Мафҳуми маъмулии «маърифат» дар сарчашмаҳои дигар низ истифода мешавад. Чунончи, дар Луғати забони русии С.И. Ожегов маърифат ҳамчун «паҳн намудани дониш, таълим» шарҳ дода мешавад[3]. Мафҳуми «маърифат» дар ҳуҷҷатҳои гуногун, ки дар соҳаи маърифати аҳолӣ солҳои охир қабул шуда истодаанд, шарҳ дода мешавад. Чунончи, дар Қонуни намунавии ИДМ «Дар бораи фаъолияти маърифатӣ» аз 7 декабри соли 2002 мафҳуми «маърифат» чунин шарҳ дода мешавад: «раванди мақсадноки иттилоотонии аҳолӣ оид ба таҷрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба доираи калони аҳолӣ, сарфи назар аз тақсими он ба гурӯҳҳои устувор паҳн мешавад ва воситаҳои назоратиро дар соҳаи аз худ намудани маълумоти пешниҳодшуда пешбинӣ намекунад»[4].

Дар Қонуни намунавӣ мафҳуми «фаъолияти маърифатӣ» чунин шарҳ дода мешавад: «намуди таҳсилоти ғайрирасмӣ, маҷмуи чорабиниҳои иттилоотӣ-таҳсилотӣ оид ба тарғиб ва паҳн намудани дониши илмӣ ва маълумоти дигари дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, ки фарҳанги умумии инсон, асосҳои ҷаҳонбинӣ ва маҷмуи қобилияти зеҳнии ӯро ба фаъолият тибқи салоҳият ташаккул медиҳанд». Асоси фаъолияти маърифатиро принсипҳои таҳсилотӣ ташкил медиҳанд, яъне робитаи маърифат ва таълим, ташаккули маърифати аҳолӣ дар раванди таълим эътироф мешавад.

Тибқи моддаи 6 Қонуни намунавӣ низоми маърифат ҷузъи низоми таҳсилот буда, аз барномаҳо ва лоиҳаҳои маърифатӣ, ташкилоту муассисаҳои татбиққунандаи ин барномаҳо иборат аст. Дар моддаи 7 функсияҳои зерини маърифат ифода ёфтаанд: таҳсилотӣ, иттилоотӣ, тафсирӣ, идеологӣ, ташвиқию тарғибӣ, машваратӣ. Дар моддаи 11 мафҳуми ҳуқуқ ба маърифат ҳамчун қисми ҳуқуқ ба таҳсил баён мешавад. Дар моддаи 18 намудҳои зерини маърифат шарҳ дода мешаванд: касбӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ, илмӣ, бадеӣ-эстетикӣ, миллӣ-ватандӯстӣ, тиббӣ.

---

2 Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/901865093 (санаи муроҷиат 3.03.2024).

3 Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка / С. И. Ожегов / Под ред. Н.Ю. Шведовой. – М.: Рус. яз., 1978. – С. 570. – 846 с.

4 Модельный закон «О просветительсокой деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/901865093 (санаи муроҷиат 3.03.2024).

Мафҳумҳои зикршуда, аз ҷумла мафҳуми «маърифат» ҳамчун «раванди иттилоотонии аҳолӣ оид ба таҷрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ» дар ҳуҷҷатҳои дигар низ истифода мешавад[5].

Маърифатпарварӣ бо иттилоотонии аҳолӣ робита дошта, роҳандозии маҷмуи тадбирҳои тарбиявӣ ва таълимиро дар назар дорад. Маърифатпарварӣ саъю кӯшиши доираи васеи мақомот, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони масъулро талаб мекунад, мунтазам, муташаккилона, бо истифодаи ҳамаи имкониятҳо ва захираҳои мавҷуда (оила, мактаб, муассисаҳои тарбиявӣ, воситаҳои ахбори омма, асарҳои бадеӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ ва ғайра) ба роҳ монда мешавад.

Илова бар ин, маърифатпарварӣ ташаккули шахсияти инсони нав, баланд бардоштани сатҳи шуури ҷамъиятӣ (ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ ва ғайра), омода намудани аъзои ҷомеа, пеш аз ҳама, насли наврасро ба дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, ширкати фаъолонаро дар ислоҳоти ҷомеа ва рушди устувори он дар назар дорад. Маърифат аз як тараф таҷрибаи миллии иҷтмоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла мероси таърихӣ, анъанаҳои миллӣ (дар соҳаи таълиму тарбияи фарзанд, фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, истифодаи осори фарҳангӣ ва ғайра), арзишҳои ахлоқию маънавиро ҳимоя мекунад, аз тарафи дигар ба рушди устувори ҷомеа тавассути паҳн намудани дониш ва арзишҳои иҷтимоӣ бояд мусоидат намояд. Рушди илм, дастовардҳои нави илмӣ, такмили мунтазами раванди таълим, шаклу усулҳои нави тарбияи шаҳрвандон самтҳои нави маърифатпарвариро муайян мекунанд.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ маҷмуи мафҳумҳо, ақидаҳо, иттилоот оид ба ҳуқуқ, арзишҳои ҳуқуқӣ, падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти муташаккилона – фаъолияти мақсаднок ва мунтазами мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, аз он ҷумла муассисаҳои таҳсилотӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, инчунин, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бевосита шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ ба сомон мерасад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун назария, барнома, консепсия – маҷмӯи унсурҳои таркибӣ (асосҳои назариявии маърифати ҳуқуқӣ, методологияи таҳқиқи маърифати ҳуқуқӣ, мақсадҳо, вазифаҳо, тарзу воситаҳо, шаклҳо, самтҳои амалӣ намудани маърифати ҳуқуқӣ) мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятиро, ки бо ҳолати воқеии маърифати ҳуқуқӣ алоқа доранд, дар назар дорад. Айни замон маърифати ҳуқуқӣ объекти таҳқиқоти илмии фалсафа, педагогика, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва соҳаҳои дигари илм буда, танҳо дар алоқамандӣ пурра дарк карда мешавад. Аз ин хотир, таҳқиқи маърифати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ барои таҳлили ҳаматарафаи маърифати ҳуқуқӣ аҳаммият дорад.

---

5 Концепция правового просвещения на период до 2020 г. (подготовлена Общественным советом при Уполномоченном по правам человека в Хабаровском крае) [Электронный ресурс] // Уполномоченный по правам человека в Хабаров. крае : офиц. сайт. - URL: http://pravo.khv.ru/concept.

Ҳангоми таҳқиқи мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» мафҳумҳои зикршуда бояд ба инобат гирифта шаванд.

Солҳои охир дар асарҳои илмӣ ба таҳқиқи маърифати ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Зарурати таҳқиқи илмии мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» бо омилҳои зерин муайян карда мешавад.

1. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи низоми тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ буда, яке аз омилҳои эъмори давлати ҳуқуқбунёд мебошад, чунки сатҳи кофии дониши ҳуқуқии аҳолӣ воситаи самараноки амалӣ намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон буда, барои таъмини волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд, иштироки шаҳрандон дар ҳаёти ҳуқуқӣ, таъмини сатҳи зарури фаъолнокии ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат мекунад.

2. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ, бо дарназардошти мақсадҳо, вазифаҳо, шаклҳо ва самтҳои махсуси маърифати ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи кори тарбиявӣ барои тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риоя ва иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, эҳтироми қадри инсон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тарбияи ҳисси масъулиятшиносии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

3. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи таълими ҳуқуқӣ мебошад, дар раванди таълими ҳуқуқӣ, бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ, маҳорати педагогӣ ба роҳ монда мешавад. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи таълими умумии ҳуқуқӣ тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолиро фаро мегирад, бо иштироки ниҳодҳои гуногуни тарбиявӣ ва таълимӣ (оила, мактабҳои миёна, техникумҳо, литсейҳо, воситаҳои ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ғайра), бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои маъмулии таълими умумӣ амалӣ карда мешавад ва барои паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, маъифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон (наврасону ҷавонон, мактаббачагон, донишҷӯён, занону бонувон, маъюбон ва ғайра) мусоидат мекунад.

4. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ буда, дар раванди тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, бо истифодаи тарзу воситаҳо, шаклҳо, технологияи нави таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ амалӣ гардида, бо мақсади ташаккули дониши ҳуқуқии касбӣ, омодагии ҳуқуқшиносони касбӣ ба кори муташаккилонаи паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ (ёрии ҳуқуқӣ, клиникаи ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ ва ғайра) ба роҳ монда мешавад.

5. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии

шаҳрвандон» ва дигар) ба роҳ монда мешавад. Маърифати ҳуқуқӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ буда, ба паҳн гардидани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, иштироки онҳо дар равандҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар муқовимат ба терроризм, ба коррупсия, ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат мекунад.

6. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати давлати Тоҷикистон буда, бо мақсади ташаккули низоми муташаккилонаи маърифати ҳуқуқӣ тавассути маҷмуи тадбирҳои давлатии ташкилӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, кадрӣ, иттилоотӣ амалӣ мегардад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2024 ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид[6]. Ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба амалӣ гардидани чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, илмӣ, иҷтимоӣ дар самти ташаккул ва рушди низоми устувори маърифати ҳуқукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

7. Маърифати ҳуқуқӣ воситаи самарабахши пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ буда, ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқукӣ мусоидат мекунад. Бо ин мақсад маҷмуи тадбирҳои муташаккилона дар соҳаи паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ (маърифати ҳуқуқӣ) ва ҳифзи ҳуқуқӣ (чораҳои пешгирсозии ҳуқуқвайронкунӣ) амалӣ карда мешавад. Ба татбиқи чораҳои мазкур ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалб карда мешавнд.

Тавре мушоҳида мешавад, маърифати ҳуқуқӣ яке аз самтҳои сиёсати давлат, ҷузъи тарбия, таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ буда, бо мақсади маърифатнокии ҳуқуқии тамоми аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар бештари мафҳумҳои «маърифати ҳуқуқӣ», ки дар як қатор асарҳои илмӣ пешниҳод мешаванд, таваҷҷуҳи асосӣ ба мустақилияти маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун самти алоҳидаи сиёсати давлатӣ ё фаъолияти ниҳодҳои давлатию ғайридавлатӣ, ё алоқамандии маърифати ҳуқуқӣ бо тарбияи ҳуқукӣ, таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ дода мешавад. Ҳамчунин, маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун самти сиёсати ҳуқукӣ таҳқиқ мешавад. Дар натиҷа нуктаҳои назари гуногун оид ба мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» мушоҳида мешаванд.

Як қатор олимон маърифати ҳуқуқиро дар робита бо тарбияи ҳуқукӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқукӣ таҳқиқ намуда, тафовути ин падидаҳоро ба инобат мегиранд. Чунончи, маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷанбаи тарбияи ҳуқуқӣ таҳлил гашта, тафовути маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти вазифаҳои онҳо муайян карда мешавад[7].

---

6 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат 4.03.2024).

7 Ниг.: Стреляева В. В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. ... канд. юр. наук. — М., 2006. — С. 11, 71. – 183 с.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун давраи ибтидоӣ ё аввали паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Дониши ибтидоӣ, ки дар ин давра паҳн мешавад, дар давраҳои дигар (таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ) истифода мешавад[8]. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун раванди паҳн гардидани дониши ҳуқуқии ибтидоӣ, ки дар заминаи он муносибати шаҳрвандон ба падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ ташакул меёбад, шарҳ дода мешавад[9].

Айни замон як қатор муҳаққиқон тафовути маърифати ҳукуқӣ ва тарбияи ҳуқуқиро ба инобат намегиранд. Дар ин ҳолат маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун усули тарбияи ҳуқуқӣ[10], ё шакли ташкилии тарбияи ҳуқуқӣ (дар баробари таълими ҳуқуқӣ ва ташвиқоти ҳуқукӣ) баромад мекунад[11].

Бештари муҳаққиқон тафовути маърифати ҳукуқӣ ва тарбияи ҳукуқиро ба инобат гирифта, айни замон маърифати ҳуқуқиро ҷузъи тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд, чунки вазифаҳои маърифати ҳукуқӣ танҳо дар ҷараёни тарбияи ҳукуқӣ ҳалли худро меёбанд. Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон мақсадҳои маърифати ҳукуқӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқукӣ дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқ метавонанд амалӣ гарданд[12].

Тафовути маърифати ҳукуқӣ ва тарбияи ҳукуқӣ асосан дар заминаи вазифаҳои онҳо муайян карда мешавад. Тавре Т.В. Худойкина қайд мекунад, мафҳумҳои «маърифати ҳукуқӣ» ва «тарбияи ҳукуқӣ»-ро набояд омехта намуд, чунки ин боиси ба миён омадани мушкилӣ дар масъалаи муайян намудани вазифаҳои тарбияи ҳукуқӣ мегардад[13].

Ба андешаи В.А. Колишкина мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» аз мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ» васеътар аст, чунки «маърифати ҳуқуқӣ таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқиро дар бар мегирад»[14]. Тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули мафҳумҳо, ғояҳо, арзишҳои ҳуқукӣ дар шуури шахс анҷом дода мешавад. Таълими ҳуқуқӣ раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад, ки бо мақсади аз худ намудани асосҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад[15]. Айни замон муаллиф маърифати ҳуқуқиро унсури раванди таҳсилот мешуморад.

Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» аз мафҳумҳои «тарбияи ҳуқуқӣ» ва «таълими ҳуқуқӣ» васеътар аст, чунки тарбия ва таълими ҳуқуқӣ ҷузъи маърифати ҳуқуқӣ мебошанд, маърифати

---

8 Ниг.: Миронов О. О. Правовое просвещение — функция омбудсменов // Право и образование. — 2009. — № 5. — С. 15. – С. 13—29.

9 Ниг.: Нигматуллин М.Р. Правовое просвещение и правовое информирование как форма профилактики коррупционных преступлений в деятельности полиции // Органы внутренних дел в системе противодействия коррупционной преступности. Материалы внутриведомственного круглого стола. Санкт-Петербург, 8 декабря 2023 г. – Санкт-Петербургский университет МВД России, 2023. – С. 178. – С. 175-183.

10 Ниг.: Иванников И. А. Теория государства и права : учебник. — М. : РИОР ; Инфра-М : Академцентр, 2012. — С. 280. – 352 с.

11 Ниг.: . Кулапов В. Л. Теория государства и права : учебник. — М. : Кнорус, 2014. — С. 360. – 384 с.

12 Ниг.: Адаева О.В., Картыгин Н.С. Значение правового просвещения в правовоспитательном процессе как средства борьбы с правовым нигилизмом // Вопросы современной юриспруденции. – 2-16. – № 6 (57). – С. 107. – С. 107-111.

13 Ниг.: Худойкина Т.В. Правовое воспитание как основной фактор предупреждения юридических конфликтов // Глобальный научный потенциал. – 2015. – № 11 (56). – С. 206. – С. 206–208.

14 Колышкина В.А. Реализация вопросов правового просвещения в образовательном процессе // Гуманитарные исследования. Педагогика и психология. – 2021. – № 8. – С. 30. – С. 27-34.

15 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 31.

ҳуқуқӣ бошад, бо истифодаи чораҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ташаккул меёбад[16].

Маърифати ҳуқуқӣ амалӣ намудани чораҳои тарбиявӣ ва таҳсилотиро талаб мекунад. Маърифати ҳуқуқӣ бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ, дар раванди таълими умумии ҳуқуқӣ ва таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ ташаккул меёбад. Айни замон маърифати ҳуқуқӣ бо истифодаи тарзу воситаҳо, усулҳо, шаклҳои махсус ташаккул меёбад. Ин тарзу усулҳо бо дарназардошти фаро гирифтани тамоми аҳолӣ бо фаъолияти маърифатӣ, аз он ҷумла маърифатпарварии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ (кӯдакон, ҷавонон, занону духтарон, донишҷӯён, соҳибкорон, сарбозон ва дигарон) истифода мешаванд. Доираи фаъолияти маърифатонии аҳолӣ аз доираи тарбияи ҳуқуқӣ берун мебароянд, чунки тамоми аҳолиро фаро гирифта, айни замон истифодаи тадбирҳои на танҳо ҳуқукӣ, балки иҷтимоӣ, фарҳагӣ, педагогӣ, равонӣ, ахлоқию маънавию талаб мекунад.

Маърифати ҳуқуқиро ҳамчун самти ё шакли татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ таҳқиқ мекунанд. Чунончи, ба андешаи О.Ю. Рибаков маърифати ҳукуқӣ яке аз шаклҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ буда, бо ёрии он дар шуури одамон тасаввуроти муайни ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ташаккул меёбад[17]. Сиёсати ҳуқуқии тарбиявӣ-таҳсилотӣ бо дарназардошти ягонаги таълиму тарбия ҳамчун самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ амалӣ карда шуда[18], айни замон доимо такмил меёбад[19].

Муҳаққиқони дигар маърифати ҳуқуқиро ҳамчун самти сиёсати давлатӣ оид ба ташаккули низоми маърифати ҳуқуқӣ таҳқиқ мекунанд[20]. Ба ақидаи Г.В. Брижинская фаъолияти маърифатнокии ҳуқуқиро мақомоти давлатӣ бояд ба роҳ монанд, чунки ҷомеагардии ҳуқуқии шахс аз сатҳи фаъолияти давлат вобастагӣ дорад[21].

Маърифати ҳуқуқӣ бо шуури ҳуқуқӣ робитаи устувор дорад. Мақсадҳои маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ оид ба ташаккули шуури

16 Ниг.: Хиль И. М., Хорошенькова М. Ю. Правовое просвещение и правовое информирование как факторы формирования правового сознания молодежи // Очерки новейшей камералистики. – 2021. – №. 1. – С. 87. – С. 85-91.

17 Ниг.: Рыбаков О. Ю. Формы реализации правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. — 2003. — № 2. — С. 14. – С. 5—14.

18 Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ // Евразийский юридический журнал. – №1 (92). – 2016. – С. 359-364;

19 Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Модернизация государственной политики Республики Таджикистан в сфере правового воспитания и образования в свете Послания Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 26 декабря 2018 года // Государствоведение и права человека. – 2018. – № 4 (12). – С. 6-15.

20 Ниг.: Доценко А.С. О понятии правового просвещения // Актуальные проблемы российского права. – 2020. – Т. 15. – № 1.– С. 186. – С. 179-188; Фильчакова С. Ю., Черняк Л. Ю. Опыт организации правового просвещения в субъектах Российской Федерации // Вестник Института законодательства и правовой информации им. М. М. Сперанского. — 2014. — № 5—6 (32). — С. 18-33. – С. 18—43.

21 Ниг.: Брыжинская Г.В. Факторы правовой социализации / Г.В. Брыжинская // Перспективы науки. – 2015. – № 11 (74). – С. 100. – С. 100–102.

ҳуқуқӣ бо ҳам наздиканд. Ин ҳолатро як қатор муҳаққиқон зимни таҳлили мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ба инобат мегиранд[22].

Дар асарҳои илмӣ мафҳумҳои зерини маърифати ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд:

– «дар ҷомеа паҳн намудани донишҳо оид ба ҳуқуқ ва шарҳи нуктаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, таҷрибаи татбиқи онҳо бо мақсади ташаккули ҳисси риояи қонунҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ»[23];

– «чараёни паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, ки ба болоравии сатҳи фарҳанги ҳуқуқии онҳо, эҳтироми ҳуқуқ, адолати судӣ ва қонуният мусоидат мекунад»[24];

– «фаъолияти муташаккилона оид ба паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар ҷомеа, шарҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи онҳо, иттилоотонии аҳолӣ оид ба сохтор, функсияҳо ва ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон нисбат ба онҳо»[25];

– «фаъолияти максаднок ва мунтазами давлат ва ҷомеа оид ба ташаккулу баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ бо мақсади муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ ва таъмини ташаккули маънавии шахс»[26];.

– «фаъолияти давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, субъектони дигар, ки ба бартараф намудани камбудӣ дар фаҳмиши ҳуқуқии шаҳрвандон, баланд бароштани фарҳанги ҳуқуқӣ, пешгирии нигилизми ҳуқуқӣ равона шудааст»[27].

Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва мунтазами давлат ва ҷомеа оид ба ташаккулу инкишофи шуури ҳуқуқӣ ва саводнокии ҳуқуқии шаҳрвандон бо мақсади муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ ва ташаккули маънавии шахс дар асарҳои дигар низ истифода мешавад[28].

Ҳамчунин, мафҳуми васеи маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти максадноки на танҳо давлат ва ҷомеа, балки доираи васеътари субъектон

---

22 Ниг.: Певцова Е. А., Соколов Н. Я. Правовое просвещение в России: состояние и проблемы: монография. — Ярославль — Москва : Канцлер, 2013. — С. 41. – 240 с.

23 Барыкина М. В. Взаимодействие органов прокуратуры с Уполномоченным по правам человека в рамках правового просвещения и правовой пропаганды // Экономика и право. XXI век. — 2013. — № 1. — С.ж 58. – С. 57—60.

24 Иванников И. А. Теория государства и права : учебник. — М.: РИОР ; Инфра-М : Академцентр, 2012. — С. 280. – 352 с.

25 Атагимова Э.И., Макаренко Г.И. Правовое просвещение: проблемы и пути решения // Мониторинг правоприменения. – 2015. – №1(14). – М. : ФБУ НЦПИ при Минюсте России, 2015. – С. 64. – С. 64–68.

26 Ниг.: Андреева Е.Е., Морозов Г.Б. Об эффективных формах правового просвещения граждан Российской Федерации // Педагогическое образование в России. — 2016. — № 1. — С. 76. – С. 75—81; Атагимова Э. И. Роль правового просвещения в развитии правового государства // Вестник Московского гуманитарно-экономического института. — 2016. — № 4. — С. 67. – С. 61—68; Певцова Е. А., Соколов Н. Я. Правовое просвещение в России: состояние и проблемы : монография. — Ярославль — Москва : Канцлер, 2013. — С. 41. – 240 с.; Савченко Е. В. Вопросы правового воспитания молодежи в условиях современности // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. — 2015. — № 12-4. — С. 135. – С. 135—138.

27 Адаева О.В., Картыгин Н.С. Ас. иш. – С. 111.

28 Ниг.: Атагимова Э.И. Фёдоров И.Н. Нравственно-правовое воспитание и правовое просвещение в современной школе: проблемы и пути решения // Мониторинг правоприменения. – 2016. – № 3 (20). – С. 70−75.

оид ба пахн намудани низоми дониши ҳуқуқӣ, ташаккули эътиқоди арзишӣ бо мақсади таъмини амали ҳуқуқии ҳар як фард пешниҳод мешавад[29].

Тавре мушоҳида мешавад, мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва мунтазами давлат ва ҷомеа оид ба пахн намудани дониши ҳуқуқӣ бо мақсади муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ ва ташаккули маънавии шахс васеъ пахн шудааст. Дар мафҳуми мазкур хусусиятҳои асосии маърифати ҳуқуқӣ (шакли фаъолият, самти фаъолияти давлат ва ҷомеа, субъектони фаъолияти маърифатӣ, мақсадҳои маърифати ҳуқукӣ) ба инобат гирифта мешаванд. Мафҳуми мазкур, ки нисбат ба дигар мафҳумҳо мазмуни илмӣ дорад, дар асарҳои олимони намоёни ҳуқуқшинос низ истифода мешавад[30].

Ҳамчунин, зимни пешбарии таърифи мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» ҷанбаи ахлоқӣ-маънавии маърифати ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шуда, «ташаккули маънавии шахс» ҳамчун мақсади маърифати ҳуқуқӣ пазируфта мешавад[31].

Дар мафҳумҳои болотар зикршуда пешгирии нигилизми ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Ба ақидаи Е.В. Плахтий нигилизми ҳуқуқӣ «ба ташаккули сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва шахс халал мерасонад», инчунин, садди роҳи рушди «давлати мутамаддин мегардад»[32].

Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳамаи мафҳумҳои «маърифати ҳуқуқӣ» ҳамчун мақсади асосии фаъолияти маърифатӣ пазируфта мешавад. Мақсади асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Барои ҳамин маърифати ҳуқуқи ҳамчун унсури ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад[33].

Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар иртибот бо амалисозии ҳуқуқҳои инсон низ муайян карда мешавад. Чунончи, моҳияти маърифати ҳуқуқӣ ба маънои пахн намудани донишҳо оид ба ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои шахс ва тарзҳои амалӣ намудани онҳо шарҳ дода мешавад[34].

Ба андешаи Я.В. Зубкова «амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, сатҳи шуури ҳуқуқии онҳо

---

29 Ниг.: Атагимова Э.И., Горбачева Е.В. Право знать право: методические рекомендации по организации правового просвещения участников образовательного процесса. – М.: ФБУ НЦПИ при Минюсте России, 2016. – 88 с.

30 Ниг.: Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: курс лекций. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2021. – 640 с.

31 Ниг.: Кочеткова И.В. Актуальные проблемы реализации государственной политики Российской Федерации по правовому просвещению населения // Проблемы развития правовой системы России: материалы межвузовской научно-практической конференции. – Тульский ин-т (филиал) ВГУЮ (РПА Минюста России). – 2018. – С. 16. – С. 15-19.

32 Плахтий Е. В. Влияние правового нигилизма на уровень правовой культуры в России // Вестник Московского университета МВД России. – 2017. – № 4. – С. 145. – С. 140-148

33 Ниг.: Эсмантович И.И. Правовое просвещение как элемент формирования правовой культуры // Права и свободы человека и гражданина: теоретические аспекты и юридическая практика. Материалы ежегодной Международной научной конференции памяти профессора Феликса Михайловича Рудинского. Рязань, 27 апреля 2017 г. – 2017. – С. 284-287.

34 Ниг.: Антонян Ю.М. Криминогенное влияние на личность на стадии ранней социализации // Lex Russica. – 2013. – № 7 – С. 735.

вобастагӣ дорад»[35]. Аз ин хотир, тадбирҳо дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар соҳаи такмили раванди таълим ва таъмини фазои иттилоотии фарҳангӣ пешниҳод мешаванд[36].

Ба ақидаи муҳаққиқон тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ омили муҳимми амалӣ гардидани ҳуқуқҳои инсон мебошанд, чунки ба болоравии сатҳи савияи ҳукуқии аҳолӣ мусоидат мекунанд, қобилияти шаҳрвандонро дар самти амалӣ намудани қонунҳо ташаккул медиҳанд[37].

Аксарияти муҳаққиқон муътақиданд, ки маърифати ҳуқуқӣ дар эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути болоравии сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ саҳми муҳим дорад[38].

Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» бо мафҳумҳои «таълими ҳуқуқӣ», «таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ», «иттилоотонии ҳуқуқии аҳолӣ» робита дорад. Дар яке аз сарчашмаҳо таъкид мешавад, ки «таҳсилоти ҳуқуқӣ» тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқукро дар бар мегирад[39]. Дар ин ҳолат тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи таҳсилоти ҳуқуқӣ баромад намуда, бо мақсади таъсиррасонӣ ба шуури шаҳрвандон, ташаккули муносибати эҳтиромона ба падидаҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Таълими ҳуқуқӣ бошад, ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи тарбияи ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Айни замон дар бештари асарҳо, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ робитаи устовор байни таълим ва тарбия, ҷудонопазирии таълиму тарбия эътироф мешавад.

А.А. Митрофанова ва Д.В. Кузаков мафҳумҳои «таҳсилоти ҳуқуқӣ» ва «таълими ҳуқуқӣ»-ро ҷудо намуда, қайд мекунанд, ки «таҳсилоти ҳуқуқӣ ҷараёни таҳаввулоти фарди ҷудогона дар соҳаи ҳуқуқӣ»[40] мебошад. Муаллифон таҳсилоти ҳуқуқиро ҳамчун шакли ташаккули шахсияти инсон дарк намуда, нақши асосии таҳсилоти ҳуқуқиро дар ташаккули шуури ҳуқуқии фардӣ мебинанд. Маърифати ҳуқуқӣ бошад, фаъолияти инсонро дар соҳаи ҳуқуқии ҷомеа бевосита танзим мекунад[41].

Дар ин ҳолат нақши таҳсилоти ҳуқуқӣ дар ташаккули намудҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ, аз ҷумла шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии аҳолӣ, шуури ҳуқуқии ҷомеа ба инобат гирифта намешавад. Нақши таҳсилоти ҳуқуқӣ махсусан дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ (ҳуқуқшиносони касбӣ) калон аст. Аз ин нуқтаи назар, тафовути мақсадҳои таълими ҳуқуқӣ ва таҳсилоти касбии ҳуқуқиро мебояд ба инобат гирифт. Чунончи, таълими ҳуқуқии умумӣ дар байни аҳолӣ ва таҳсилоти касбии

---

35 Зубкова Я.В. Правовое просвещение граждан как основа и условие формирования правового государства // Известия вузов. Северо-Кавказский регион. Общественные науки. – 2010. – № 5. – С. 31. – С. 28-32.
36 Ниг.: Ҳамон ҷо.
37 Ниг.: Проблемы теории государства и права / Т.В. Кашанина [и др.] ; под ред. В.М. Сырых. – М. : Эксмо, 2008. – С. 494. – 528 с.
38 Ниг.: Зарубина Е.В. О путях повышения правового культуры в России // Экономическая, правовая и духовная культура России на рубеже тысячелетий: Тезисы конференции Гуманитарного университета (Екатеринбург, 20—21 мая 1999 г.). – Екатеринбург: Гуманитарный ун-т, 1999. – Т. 1. – С. 24.
39 Ниг.: Юридическая энциклопедия: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: URL: https://yuridicheskaya_encyclopediya. academic.ru.(санаи муроҷиат 9.03.2024).
40 Митрофанова А.А., Кузаков Д.В. Правовое просвещение как основа правовой культуры общества: некоторые актуальные вопросы // Глаголь правосудия. – 2018. – № 3 (17). – С. 68. – С. 67-70.
41 Ниг.: Митрофанова А.А., Кузаков Д.В. Ас. иш. – С. 68.

олии ҳуқуқӣ дар факултетҳо ва донишкадаҳои ҳуқуқшиносӣ тибқи стандартҳо, нақшаҳо ва барномаҳои гуногун ба роҳ монда мешавад.

Дар асарҳои илмӣ маърифати ҳуқуқӣ дар робита бо иттилоотонии умумӣ, аз ҷумла иттилоотонии ҳуқуқии аҳолӣ таҳқиқ мешавад. Маърифатпарварии ҳуқуқӣ паҳн намудани иттилооти ҳуқуқиро дар ҷомеа пешбинӣ мекунад. Айни замон ба ақидаи як қатор муҳаққиқон мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» аз мафҳуми «иттилоотонии хуқуқӣ» васеътар аст, чунки дар баробаи паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ ҳамчунин, тадбирҳои тарбиявӣ ва таълимиро дар бар мегирад. Айни замон маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун «намуди фаъолияти давлат ва ҷомеа оид ба иттилоотонии шаҳрвандон, ки ба шаҳрвандон таъсири тарбиявӣ ва таълимӣ мерасонад»[42], шарҳ дода мешавад.

Маърифати ҳуқуқӣ бо иттилоотонии ҳуқуқӣ робитаи бевосита дорад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ ташаккулу инкишофи маърифати ҳуқуқӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин мешавад. Иттилоотонии ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа буда, самти стратегияи давлатӣ дар соҳаи рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ маҳсуб мешавад. Аз ин хотир, маърифатонии ҳуқуқии аҳолӣ ҷузъи сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа мебошад. Тадбирҳои давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ (ҳукумати электронӣ, хизмати иҷтимоии электронӣ, матни электронии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, махзанҳои иттилооти ҳуқуқӣ, сомонаҳои расмии мақомоти давлатӣ, ки иттилооти ҳуқуқиро паҳн мекунанд, порталҳои давлатии иттилооти ҳуқуқӣ) барои ташаккулу рушди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат мекунанд. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ, таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ васеъ истифода мешаванд.

Як қатор муҳаққиқон маърифати ҳуқуқиро ҳамчун самти иттилоотонии ҳуқуқии аҳолӣ таҳлил мекунанд. Чунончи, Р.А. Осипов мафҳуми зерини «иттиоотонии ҳуқуқӣ»-ро пешниҳод мекунад: «раванди муташаккил, мунтазам, маҷмуии расонидани маълумот оид ба ҳуқуқ ва падидаҳои бо он алоқаманд (иттилооти ҳуқуқӣ) ба мизоҷони муайян аз тарафи субъектони босалоҳият, дар шакли таълими ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули низоми дониши шаҳрвандон оид ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқ ва қонунҳои дар ҷомеа амалкунанда дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ»[43].

Ба ақидаи О.Л. Солдаткина иттилоотонии ҳуқуқӣ «фаъолияте мебошад, ки дар байни шаҳрвандон низоми донишҳоро оид ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқ ва қонунҳои дар ҷомеа амалкунанда бо мақсади татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ паҳн мекунад»[44].

---

42 Магомедова Е.А., Воробьева М.О., Зайцева М.А. Правовое воспитание и правовое просвещение как инструменты повышения правовой культуры российского общества // Тенденции развития науки и образования. – 2023. – № 93 (3). – С. 88. – С. 87-90.

43 Осипов Р.А. Правовое информирование: понятие и соотношение со смежными категориями // Вестник Саратовской государственной юридической академии. – 2015. – № 3 (104). – С. 158. – С. 153-158.

44 Солдаткина О.Л. Правовое информирование как средство российской правовой политики в сфере информационной безопасности // Правовая политика и правовая жизнь. – 2022. – № 3. – С. 60. – С. 56-65.

Иттилоотонии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ташаккули маърифати ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад. Айни замон оид ба таносуби мафҳумҳои «иттилоотонии ҳуқуқӣ» ва «маърифати ҳуқуқӣ» нуқтаҳои назари гуногун ҷой доранд. Чунончи, М.Р. Нигматуллин қайд мекунад, ки «маърифатонии ҳуқуқӣ» нисбат ба «иттилоотонии ҳуқуқӣ» васеътар аст. Маллиф мафҳумҳои «иттилоотонии ҳуқуқӣ» ва «маърифати ҳуқуқӣ»-ро чунин шарҳ медиҳад: «маърифатонии ҳуқуқӣ – раванди ба даст овардани донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ, шиносоӣ бо сохтори давлат, инчунин, қонунгузорӣ» мебошад, «иттилоотонии ҳуқуқӣ бошад, раванди расонидани иттилоот мебошад»[45].

Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, аз он ҷумла маълумоти ҳуқуқӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои асосҳои сиёсати давлатии Федератсияи Россия дар соҳаи инкишофи саводнокии ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз 28 апрели соли 2011[46] мебошад. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ ба таҳлили мафҳуми «саводнокии ҳуқуқӣ» таваҷҷуҳ зоҳир мешавад[47]. Чунончи, мафҳуми «саводнокии ҳуқуқӣ» чунин шарҳ дода мешавад: «шиносоӣ бо моҳияти мафҳумҳо (қонун, конститутсия, қонунгузорӣ, санади меъёрӣ, меъёри ҳуқуқ, ҳуқуқ); бо ҳуҷҷатҳои қонунгузории сатҳи байналмилалӣ, федералӣ, минтақавӣ дар соҳаи ҳимояи иҷтимоии кӯдакон»[48]. Ба ақидаи муҳаққиқон баланд бардоштани саводи ҳуқуқӣ асосан дар мактабҳои миёна ба роҳ монда мешавад[49].

А.В. Половникова мафҳуми «саводи ҳуқуқӣ»-ро чунин шарҳ медиҳад: «аз худ намудан ва фаҳмидани мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва оқибатҳои амали зиддиҳуқуқӣ, инчунин, қобилияти ба иҷро расонидани амали ҳуқуқӣ, ки ба интихоби оқилонаи намудҳои гуногуни фаъолият дар ҳолатҳои гуногун мусоидат мекунад»[50].

Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар робита бо самтҳои гуногуни он, аз ҷумла соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ низ муайян карда мешавад. Чунончи, Г.В. Романова мафҳуми «маърифати экологӣ»-ро чунин шарҳ медиҳад:

---

45 Нигматуллин М.Р. Правовое просвещение и правовое информирование как форма профилактики коррупционных преступлений в деятельности полиции // Органы внутренних дел в системе противодействия коррупционной преступности. Материалы внутриведомственного круглого стола. Санкт-Петербург, 8 декабря 2023 г. – Санкт-Петербургский университет МВД России, 2023. – С. 179. – С. 175-183.

46 Основы государственной политики Российской Федерации в сфере развития правовой грамотности и правосознания граждан: утв. Президентом РФ 28 апр. 2011 г. № Пр-1168) // Консультант Плюс [Электронный ресурс]: справочная правовая система.

47 Ниг.: Мазеина Ю.В. Правовое просвещение как педагогическая категория // Журнал научных публикаций аспирантов и докторантов. [Электронный ресурс]. URL: http://www.jurnal.org›articles/2012/ped18.html; Половникова А.В. Методические рекомендации для проведения занятий с подростками в рамках Всероссийского проекта правового просвещения «Мы – граждане России!». – М.: Арди-Принт, 2014. – 36 с.; Половникова А.В., Савва С.С. Право, права человека и государство: соотношение понятий. Реализация конституционных прав в России: Учебно-методическое пособие. – М.: Книгодел, 2014. – 56 с.; Половникова А.В., Фатов И.С., Мерзляков И.А. Азбука молодого гражданина. – М.: Арди-Принт, 2014. – 56 с.

48 Финансовая грамотность российских учащихся (по результатам международной программы PISA-2012). Центр оценки качества образования ИСРО РАО: [Электронный ресурс]. URL: http://www.centeroko.ru

49 Ниг.: Юридическое образование: поиск новых стандартов качества. Материалы исследования. М.: Институт «Право общественных интересов» (PILet), 2013. – 416 с.

50 Половникова А.В. Правовая грамотность и правовое просвещение в условиях современного общества // Культурные права и свободы человека и гражданина: вопросы теории и практики. Сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры международного права и прав человека Юридического института. М.. 2026. – М.: «Права человека», 2016. – С. 141. – С. 136-142.

«маҷмуи чораҳои ҳуқуқии экологӣ, ки ба ташаккули арзишҳои ягона, ахлоқ, мавқеи фаъоли зиндагӣ, вусъати фаъолияти иҷтимоии ҷавонон, ташаккули сифатҳо ва қобилияти муҳимми касбӣ ва зоҳиршавии онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мусоидат мекунад»[51]. Маърифти ҳуқуқии экологӣ дар раванди тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқии экологӣ ташаккул меёбад.

Маърифати ҳуқуқӣ дар раванди тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ, ки нисбат ба доираҳои гуногуни аҳолӣ, вобаста ба намуди муассисаҳои таҳсилотӣ, шаклҳои таҳсил ба роҳ монда мешавад, ташаккул меёбад. Аз ин хотир, раванди таҳсилу тарбияи ҳуқуқӣ, ки дар робита бо хусусиятҳои шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ба роҳ монда мешавад, ба ташаккули маърифати ҳуқуқии доираҳои гуногуни ҳуқуқшиносони касбӣ (кормандони суд, прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ ва ғайра) таъсир мегузорад[52].

Ислоҳоти соҳаи маориф ба ташаккулу рушди маърифати ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Чунончи, «унсурҳои мазмунӣ ва сохтории шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ дар мактабҳои олӣ, васеъ шудани номгӯйи ихтисосҳо, ки хусусиятҳои самтҳои гуногуни фаъолияти касбии ҳуқуқиро муайян мекунанд, тағйир меёбанд»[53].

Дар натиҷаи таҳлили мухтасари мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» хулосаҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст.

1. Маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи мафҳумҳо, ақидаҳо, арзишҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ҷараёни фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои таҳсилотӣ, илмӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон (падару модар, муаллимон, устодон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва ғайра) ташаккул ёфта, ба дарку эҳсоси оқилонаи падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ, амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо, иштироки фаъолона дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ (интихобот, раъйпурсӣ ва ғайра) мусоидат мекунад.

2. Маърифати ҳуқуқӣ намуди маърифат буда, айни замон бо маърифати илмӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, фарҳангӣ, тиббӣ робита дорад. Маърифатнокии шахс дар натиҷаи фаъолияти муташаккилонаи таълимӣ ва

51 Романова Г.В. Эколого-правовое воспитание и правовое просвещение в условиях цифровизации // Образовательное право и правовое воспитание в условиях цифровых трансформаций. Сборник статей по итогам Всероссийского круглого стола с международным участием в Московском городском педагогическом университете. Москва, 23 марта 2022 г. – Саратов: «Саратовский источник», 2022. – С. 189. – С.183-191.

52 Ниг.: Шарофзода Р.Ш. Формирование профессионального правосознания сотрудников правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2020. – № 2 (44). – С. 70-8; Шарофзода Р.Ш. Формирование профессионального правосознания сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан в процессе юридического образования // Юридическая наука: история и современность. – СПб., 2021. – № 4. – С. 172-181; Шарофзода Р.Ш. Юридическое образование как условие формирования профессионального правосознания сотрудников органов внутренних дел // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2021 – № 3 (51). – С. 89-96; Шарофзода Р.Ш., Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, ДМТ, 2022. – № 1. – С. 153-158.

53 Шарофзода Р.Ш. Проблемы обеспечения устойчивости профессионального правосознания юристов на фоне трансформационных процессов // Правовая жизнь. – Душанбе – 2023. - № 1 (41). – С. 12-29.

тарбиявии доираи васеи ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, таҳсилотӣ, тарбиявӣ, равоншиносӣ ва ғайра, тавассути арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ, одату анъанаҳои миллӣ, таҷрибаи миллии таълиму тарбия, бо истифодаи имкониятҳои тарбияи педагогӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ, эстетикӣ ташаккул меёбад. Ҷаҳонбинӣ ва шуури ҷамъиятӣ, ки дар натиҷаи маърифатпарварӣ (маорифпарварӣ, таълиму тарбия, донишомӯзӣ, илмомӯзӣ) ташаккул меёбад, ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Тасаввуроти инсон оид ба воқеияти ҳуқуқӣ (конститутсия, қонун, ақди никоҳ, шартномаҳои маданӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷиноят, кирдори маъмурӣ ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ, чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ғайра) дар шуури инсон якҷоя бо шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Воқеияти ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи олами моддӣ дарк карда мешавад. Тасаввуроту дониши заминавӣ, ки дар давраи кӯдакӣ, аз ҷумла дар ҷараёни таълиму тарбияи томактабӣ, таълиму тарбия дар оила, дар мактаб ва муассисаҳои дигари таълимӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои ибтидоии ҷамъиятшиносӣ, риёзӣ, табиатшиносӣ мунтазам ва муттасил ташаккул меёбанд, минбаъд ба дарки ҳаматарафа ва воқеъбинонаи олами моддӣ, аз он ҷумла воқеияти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Барои ҳамин маърифатнокии ҳуқуқӣ ҷузъи маърифатнокии умумии инсон буда, ҳамаи давраҳои ҳаёту фаъолияти инсонро дар бар мегирад, мунтазам, бо дарназардошти синну сол, намуди таълим, намуди муассисаи таҳсилотӣ, эҳтиёҷоти хонанда ба ин ё он намуди хизмати таҳсилотӣ, мақсадҳои гуногуни таълиму тарбия, дар робита бо шаклҳои таълиму тарбия ба роҳ монда мешавад.

3. Мафҳумҳо, ақидаҳо, арзишҳои ҳуқуқӣ дар шуури инсон дар натиҷаи фаъолияти муташаккилона ва мақсадноки тарбия, таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд. Айни замон тасаввуроти умумӣ оид ба падидаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷараёни ҷомеагардии шахс ташаккул меёбад, ба ташаккули мафҳумҳо, ақидаҳо, арзишҳо, эътиқоди ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Аз ин хотир, дониши ибтидоӣ ва заминавии ҳуқуқӣ, ки дар шуури инсон дар давраи томактабӣ, мактабӣ, донишҷӯӣ ташаккул меёбад, минбаъд ба болоравии сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии шахс (савияи ҳуқуқӣ, қобилияти дарки оқилонаи падидаҳои ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани фаъолият тибқи қонун ва ғайра) мусоидат мекунад.

Барои ҳамин маърифатнокии ҳуқуқии наврасону ҷавонон яке аз вазифаҳои ҳаётан муҳимми сиёсати давлат дар соҳаи таълиму тарбия мебошад. Дар давлатҳои ҷаҳон, дар ҳуҷҷатҳои умумӣ ва махсуси созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, дар ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ ба таълиму тарбияи наврасону ҷавонон эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

4. Донишу арзишҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули қобилияти инсон ба дарки оқилонаи падидаҳои ҳуқуқӣ (интихобот, раъйпурсӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ба меҳнат ва ғайра), амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо (дар доираи қонун, дар заминаи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон, дар робита бо иҷрои бемайлони вазифаҳои асосӣ), иштирок дар идоракунии давлатӣ, дар ҳаёти ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Аз ин хотир, маърифатнокии ҳуқуқӣ ду функсияи асосӣ дорад: а) функсияи назариявӣ (дарки дурусти падидаҳои ҳуқуқӣ тибқи мафҳумҳо ва арзишҳои дар шуури инсон ташаккулёфтаи ҳуқуқӣ); б) функсияи амалӣ (қобилияти амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо зимни бастани ақди никоҳ, шартномаҳои меҳнатӣ, маданӣ ва ғайра, эҳсоси аҳаммияти қонун, масъулияти ҳуқуқӣ зимни иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва ғайра).

5. Маърифатнокии ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати давлат буда, дар натиҷаи амалӣ гардидани маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, кадрӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, мудофиавӣ, тиббӣ, санитарӣ, экологӣ ташаккул меёбад. Давлат мақсадҳо, вазифаҳо, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар соҳаи ташаккулу рушди маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ муайян мекунад. Маърифатонии ҳуқуқии аҳолӣ самти сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар доираи самтҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқии тарбиявӣ ва таҳсилотӣ ба роҳ монда мешавад.

6. Маърифати ҳуқуқӣ дониши васеи ҳуқуқиро дар назар дорад, чунки ҳуқуқ муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, мудофиавӣ, санитарӣ-эпидемиявӣ ва дигарро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа танзим мекунад. Маърифатнокии ҳуқуқии шахс маънои онро дорад, ки шахси бомаърифат оид ба падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла интихобот, раъйпурсӣ, тартиби ташкили ҳизби сиёсӣ, намудҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ, қоидаҳои санитарию эпидемиявӣ, меъёрҳои ҳифзи муҳити зист ва олами ҳайвоноту набототот, қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва ғайра дониш ва маълумоти ҳаматарафаи ҳуқуқӣ дорад.

Аз ин хотир, маърифати ҳуқуқӣ намудҳои зиёд дорад, ба мисли *маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ, маъмурӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, маданӣ, оилавӣ, экологӣ ва ғайра*. Фаъолияти муташаккилона дар соҳаи ташаккулу рушди маърифати ҳуқуқӣ бо дарназардошти намудҳои маърифати ҳуқуқӣ, хусусиятҳои онҳо, тарзу воситаҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии онҳо дар доираи самтҳои гуногун ба роҳ монда мешавад.

7. Дар ҷомеаи иттилоотӣ маърифати ҳуқуқӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ташаккул меёбад. Самтҳои гуногуни иттилоотонии ҷомеа, аз он ҷумла иттилоотонии ҳуқуқӣ ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Чунончи, дастрасии ройгон ба иттилооти ҳуқуқӣ, ташкили махзанҳои иттиллотии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъмини дастрасии ройгони онҳо ба аҳолӣ, таъсиси маркази миллии итилоотонии ҳуқуқӣ, марказҳои оммавии иттилооти ҳуқуқӣ, нашри электронии санадҳои мураттабсозии қонунгузорӣ, аз ҷумла санадҳои кодификатсионӣ ва инкорпоратсионӣ, иттилоотонии фаъолияти судӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ёрии ҳуқуқии иттилоотӣ, машваратҳои ҳуқуқии иттилоотӣ, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, бо истифодаи маводи аудиовизуалӣ ва технологияҳои рақамӣ самтҳои афзалиятноки иттилоотонии маърифати ҳуқуқӣ мебошанд.

Дурнамои рушди маърифати ҳуқуқӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ алоқаманд аст. Истифодаи имкониятхо ва

захираҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар ташвиқу тарғиби ҳуқуқӣ, аз он ҷумла дар амалӣ намудани функсияи идеологии маърифати ҳуқуқӣ ба ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ташкил ва ҳимояи фазои иттилоотии фарҳангӣ-маърифатии ҷомеа, муқовимат ба раванди воридшавии муташаккилонаи падидаҳои ба мо бегонаи хориҷӣ, омӯзиши осори фарҳанги миллӣ, ташаккули унсурҳои миллии ахлоқӣ-маънавии фарҳанги ҳуқуқӣ дар шуури шаҳрвандони Тоҷикистон дар раванди маърифатпарварии ҳуқуқӣ, алалхусус, наврасону ҷавонон мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**


1. Адаева О.В., Картыгин Н.С. Значение правового просвещения в правовоспитательном процессе как средства борьбы с правовым нигилизмом // Вопросы современной юриспруденции. – 2-16. – № 6 (57). – С. 107-111.
2. Андреева Е.Е., Морозов Г.Б. Об эффективных формах правового просвещения граждан Российской Федерации // Педагогическое образование в России. — 2016. — № 1. – С. 75-81.
3. Антонян Ю.М. Криминогенное влияние на личность на стадии ранней социализации // Lex Russica. – 2013. – № 7 – С. 731-735.
4. Атагимова Э.И. Роль правового просвещения в развитии правового государства // Вестник Московского гуманитарно-экономического института. — 2016. — № 4. — С. 61—68.
5. Атагимова Э.И. Фёдоров И.Н. Нравственно-правовое воспитание и правовое просвещение в современной школе: проблемы и пути решения // Мониторинг правоприменения. – 2016. – № 3 (20). – С. 70−75.
6. Атагимова Э.И., Горбачева Е.В. Право знать право: методические рекомендации по организации правового просвещения участников образовательного процесса. – М.: ФБУ НЦПИ при Минюсте России, 2016. – 88 с.
7. Атагимова Э.И., Макаренко Г.И. Правовое просвещение: проблемы и пути решения // Мониторинг правоприменения. – 2015. – №1(14). – М.: ФБУ НЦПИ при Минюсте России, 2015. –С. 64–68.
8. Барыкина М.В. Взаимодействие органов прокуратуры с Уполномоченным по правам человека в рамках правового просвещения и правовой пропаганды // Экономика и право. XXI век. — 2013. — № 1. — С. 57-60.
9. Брыжинская Г.В. Факторы правовой социализации / Г.В. Брыжинская // Перспективы науки. – 2015. – № 11 (74). – С. 100–102.
10. Доценко А.С. О понятии правового просвещения // Актуальные проблемы российского права. – 2020. – Т. 15. – № 1. – С. 179-188.
11. Зарубина Е.В. О путях повышения правовой культуры в России // Экономическая, правовая и духовная культура России на рубеже тысячелетий: Тезисы конференции Гуманитарного университета (Екатеринбург, 20—21 мая 1999 г.). – Екатеринбург: Гуманитарный ун-т, 1999. – Т. 1. – С. 22-26.

12. Зубкова Я.В. Правовое просвещение граждан как основа и условие формирования правового государства // Известия вузов. Северо-Кавказский регион. Общественные науки. – 2010. – № 5. – С. 28-32.

13. Иванников И.А. Теория государства и права. Учебник. — М.: РИОР; Инфра-М : Академцентр, 2012. – 352 с.

14. Колышкина В.А. Реализация вопросов правового просвещения в образовательном процессе // Гуманитарные исследования. Педагогика и психология. – 2021. – № 8. – С. 27-34.

15. Концепция правового просвещения на период до 2020 г. (подготовлена Общественным советом при Уполномоченном по правам человека в Хабаровском крае) [Электронный ресурс] // Уполномоченный по правам человека в Хабаров. крае : офиц. сайт. - URL: http://pravo.khv.ru/concept.

16. Кочеткова И.В. Актуальные проблемы реализации государственной политики Российской Федерации по правовому просвещению населения // Проблемы развития правовой системы России. Материалы межвузовской научно-практической конференции. – Тульский ин-т (филиал) ВГУЮ (РПА Минюста России). – 2018. – С. 15-19.

17. Кулапов В.Л. Теория государства и права. Учебник. — М.: Кнорус, 2014. – 384 с.

18. Магомедова Е.А., Воробьева М.О., Зайцева М.А. Правовое воспитание и правовое просвещение как инструменты повышения правовой культуры российского общества // Тенденции развития науки и образования. – 2023. – № 93 (3). – С. 87-90.

19. Мазеина Ю.В. Правовое просвещение как педагогическая категория // Журнал научных публикаций аспирантов и докторантов. [Электронный ресурс]. URL: http://www.jurnal.org›articles/2012/ped18.html.

20. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: курс лекций. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2021. – 640 с.

21. Миронов О.О. Правовое просвещение — функция омбудсменов // Право и образование. — 2009. — № 5. — С. 15. – С. 13—29.

22. Митрофанова А.А., Кузаков Д.В. Правовое просвещение как основа правовой культуры общества: некоторые актуальные вопросы // Глаголь правосудия. – 2018. – № 3 (17). – С. 67-70.

23. Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/901865093 (санаи муроҷиат 3.03.2024).

24. Нигматуллин М.Р. Правовое просвещение и правовое информирование как форма профилактики коррупционных преступлений в деятельности полиции // Органы внутренних дел в системе противодействия коррупционной преступности. Материалы внутриведомственного круглого стола. Санкт-Петербург, 8 декабря 2023 г. – Санкт-Петербургский университет МВД России, 2023. – С. 175-183.

25. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С. И. Ожегов / Под ред. Н.Ю. Шведовой. – М.: Рус. яз., 1978. – 846 с.

26. Осипов Р.А. Правовое информирование: понятие и соотношение со смежными категориями // Вестник Саратовской государственной юридической академии. – 2015. – № 3 (104). – С. 153-158.

27. Основы государственной политики Российской Федерации в сфере развития правовой грамотности и правосознания граждан. Утверждены Президентом РФ 28 апреля 2011 г. № Пр-1168) // Консультант Плюс [Электронный ресурс]: справочная правовая система.

28. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат 4.03.2024).

29. Певцова Е.А., Соколов Н.Я. Правовое просвещение в России: состояние и проблемы: монография. — Ярославль — Москва: Канцлер, 2013.– 240 с.

30. Плахтий Е.В. Влияние правового нигилизма на уровень правовой культуры в России // Вестник Московского университета МВД России. – 2017. – № 4. – С. 140-148

31. Половникова А.В. Методические рекомендации для проведения занятий с подростками в рамках Всероссийского проекта правового просвещения «Мы – граждане России!». – М.: Арди-Принт, 2014. – 36 с.

32. Половникова А.В. Правовая грамотность и правовое просвещение в условиях современного общества // Культурные права и свободы человека и гражданина: вопросы теории и практики. Сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры международного права и прав человека Юридического института. М.. 2026. – М.: «Права человека», 2016. – С. 136-142.

33. Половникова А.В., Савва С.С. Право, права человека и государство: соотношение понятий. Реализация конституционных прав в России: Учебно-методическое пособие. – М.: Книгодел, 2014. – 56 с.

34. Половникова А.В., Фатов И.С., Мерзляков И.А. Азбука молодого гражданина. – М.: Арди-Принт, 2014. – 56 с.

35. Проблемы теории государства и права / Т.В. Кашанина [и др.]; под ред. В.М. Сырых. – М. : Эксмо, 2008. – 528 с.

36. Романова Г.В. Эколого-правовое воспитание и правовое просвещение в условиях цифровизации // Образовательное право и правовое воспитание в условиях цифровых трансформаций. Сборник статей по итогам Всероссийского круглого стола с международным участием в Московском городском педагогическом университете. Москва, 23 марта 2022 г. – Саратов: «Саратовский источник», 2022. – С.183-191.

37. Рыбаков О.Ю. Формы реализации правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. — 2003. — № 2. – С. 5-14.

38. Савченко Е.В. Вопросы правового воспитания молодежи в условиях современности // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. — 2015. — № 12-4. — С. 135-138.

39. Сативалдыев Р.Ш. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ // Евразийский юридический журнал. №1 (92). 2016. С. 359-364.

40. Сотиволдиев Р.Ш. Модернизация государственной политики Республики Таджикистан в сфере правового воспитания и образования в свете Послания Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 26 декабря 2018 года // Государствоведение и права человека. 2018. № 4 (12). С. 6-15.

41. Солдаткина О.Л. Правовое информирование как средство российской правовой политики в сфере информационной безопасности // Правовая политика и правовая жизнь. – 2022. – № 3. – С. 56-65.

42. Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. ... канд. юр. наук. — М., 2006. —183 с.

43. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.

**44.** Фильчакова С.Ю., Черняк Л.Ю. Опыт организации правового просвещения в субъектах Российской Федерации // Вестник Института законодательства и правовой информации им. М. М. Сперанского. — 2014. — № 5—6 (32). – С. 18-43.

45. Финансовая грамотность российских учащихся (по результатам международной программы PISA-2012). Центр оценки качества образования ИСРО РАО: [Электронный ресурс]. URL: http://www.centeroko.ru

46. Хиль И. М., Хорошенькова М. Ю. Правовое просвещение и правовое информирование как факторы формирования правового сознания молодежи // Очерки новейшей камералистики. – 2021. – №. 1. – С. 85-91.

47. Худойкина Т.В. Правовое воспитание как основной фактор предупреждения юридических конфликтов // Глобальный научный потенциал. – 2015. – № 11 (56). – С. 206–208.

48. Шарофзода Р.Ш. Проблемы обеспечения устойчивости профессионального правосознания юристов на фоне трансформационных процессов // Правовая жизнь. – Душанбе – 2023. - № 1 (41). – С. 12-29.

49. Шарофзода Р.Ш. Формирование профессионального правосознания сотрудников правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Душанбе, 2020. № 2 (44). С. 70-80.

50. Шарофзода Р.Ш. Формирование профессионального правосознания сотрудников органов внутренних дел Республики

Таджикистан в процессе юридического образования // Юридическая наука: история и современность. – СПб., 2021. - № 4. – С. 172-181.

51. Шарофзода Р.Ш. Юридическое образование как условие формирования профессионального правосознания сотрудников органов внутренних дел // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2021 - № 3 (51). - С. 89-96.

52. Шарофзода Р.Ш., Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, ДМТ, 2022. – № 1. – С. 153-158.

53. Эсмантович И.И. Правовое просвещение как элемент формирования правовой культуры // Права и свободы человека и гражданина: теоретические аспекты и юридическая практика. Материалы ежегодной Международной научной конференции памяти профессора Феликса Михайловича Рудинского. Рязань, 27 апреля 2017 г. – 2017. – С. 284-287.

54. Юридическая энциклопедия: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: URL: https://yuridicheskaya_encyclopediya. academic.ru.(санаи муроҷиат 9.03.2024).

55. Юридическое образование: поиск новых стандартов качества. Материалы исследования. – М.: Институт «Право общественных интересов» (PILet), 2013. – 416 с.

# ПЕШВО – ЭҲЁГАРИ ҲУВВИЯТИ ИСТИҚЛОЛИ СИЁСӢ: ТАҲЛИЛ ВА ТАҲҚИҚИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

**Холиқзода Абдураҳим Ғафор,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68
**E-mail:** halim2006@yandex.ru

**Сафарзода Бахтовар Амиралӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел.:** (+992) 907483200
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид,**
Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии директор, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 936005566
**E-mail:** dahkat_1988@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пойдории истиқлоли давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ ва истифодаи онҳо дар рушди давлатдорӣ, ташкили давлати миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар мақола перомуни пойдориии истиқлоли сиёсӣ баъзе андешаҳоро баён менамоем, чунки дар таърихи ҳар як миллат санаҳо ва воқеаҳое ҳастанд, ки дар роҳи ҳаёт ва инкишофи минбаъдаи ин ё он миллат омили ҳалкунандаю тақдирсоз дошта, бо гузашти солҳо аҳамият ва мақомашон бештар аён мегардад. Шуҷоат ва корнамоиҳои шахсияти таърихӣ ва арзиши он дар раванди таълиму тарбия ва идоракунӣ ибрати дигарон бошад. Дар бунёди давлати миллӣ нақши сарвари сиёсӣ хеле калон мебошад.

**Калидвожа**: Пешвои миллат, давлати миллӣ, истиқлоли давлатӣ, ҳуқуқ, демократия, афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ, мероси фарҳангӣ, осори гузаштагон, мероси таърихӣ, мафкураи ҳуқуқӣ.

# ЛИДЕР – ВОЗРОЖДАТЕЛЬ ПОЛИТИЧЕСКОЙ НЕЗАВИСИМОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ: ИСТОРИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ И ИССЛЕДОВАНИЕ

**Холикзода Абдурахим Гафор,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведение, доктор юридических наук
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68
**E-mail:** halim2006@yandex.ru

**Сафарзода Бахтовар Амирали,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведение, доктор юридических наук
**Тел.:** (+992) 907483200
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Шосаидзода Шахбоз Шосаид,**
Центр исламских исследований при Президенте Республики Таджикистан, помощник директора, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 936005566
**E-mail:** dahkat_1988@mail.ru

**Аннотация:** В статье рассматривается вклад Основателя национального мира и единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона – в поддержание государственной независимости, возрождение национальных ценностей и их использование в развитии государственности, с особым акцентом на создание национального государства. В статье рассматривается вопрос долговечности политической независимости, учитывая, что в истории каждого народа есть даты и события, которые оказывают решающее и судьбоносное влияние на образ жизни и дальнейшее развитие того или иного народа. Со временем их значимость и статус становятся все более очевидными. Мужество и подвиги исторических личностей, их значение в процессе воспитания и управления должны служить примером для других. Роль политического лидера имеет огромное значение в формировании национального государства.

**Ключевые слова**: Лидер нации, национальное государство, государственная независимость, право, демократия, политико-правовое

мнение, культурное наследие, произведения прошлого, историческое наследие, правовая идеология.

## LEADER – REVIVALIST OF POLITICAL INDEPENDET IDENTITY: HISTORICAL-LEGAL ANALYSES AND RESEARCH

**Kholiqzoda Abdurahim Ghaffor,**
Tajik National University, Faculty of law, professor of the department of human rights and comparative law, doctor of legal sciences
**Phone.:** (+992) 93-802-05-68
**E-mail:** halim2006@yandex.ru

**Safarzoda Bakhtovar Amirali,**
Tajik National University, Faculty of law, professor of the department of human rights and comparative law, doctor of legal sciences
**Phone.:** (+992) 907483200
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Shosaidzoda Shahboz Shosaid,**
Islamic Studies Center under the President of the Republic of Tajikistan, assistant director, candidate of legal sciences
**Phone:** (+992) 936005566
**E-mail:** dahkat_1988@mail.ru

**Annotation:** The article examines the contribution of the Founder of national peace and unity – Leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan esteemed Emomali Rahmon – to the maintenance of state independence and the revival of national values and their use in the development of statehood, with a particular focus on the creation of a national state. The article considers the durability of political independence, given that in the history of every nation there are dates and events that have a decisive and fateful impact on the way of life and further development of this or that nation. Over time, their importance and status become more evident. The courage and feats of historical personalities and their value in the process of education and management should serve as an example for others. The role of the political leader is of great significance in the formation of the national state.

**Keywords**: The leader of the nation, national state, state independence, law, democracy, political-legal opinion, cultural heritage, works of the past, historical heritage, legal ideology.

**«Истиқлол нишонаи озодиву ҳуввияти миллӣ ва мояи ифтихори ҳар як соҳибватан, рамзи саодат ва шарти асоситарини бақои миллат ва давлати тоҷикон мебошад».**
**Эмомалӣ Раҳмон**[54]

**Оғози фикр дар пайвастагии арзишҳо**

Шукргузорӣ аз неъмати истиқлоли давлатӣ, аз вазъи тинҷию амонӣ, осудагии хонадон, аз роҳбари ғамхору ҷонфидо ва озодиҳо арзиши ғоявӣ ва сирф назарӣ набуда, думболи худ бори амонати саодати иҷтимоиро дорост. Шукргузорӣ аз неъмати истиқлолият ва вазъияти ороми давлатдорию қарорҳои одилонаи роҳбарияти кишвар силсилаи донишҳои назарӣ, таърихӣ ва амалиест, ки дар заминаи дарки неъмати истиқлол, шинохт ва ҳазми он арзи вуҷуд карда, тафаккур ва эҳсоси ҳар фарзанди миллатро дар ҳимоя, рушд ва муаррифии он ҳамчун қарзи инсонӣ, виҷдонӣ ва имонӣ ташаккул медиҳад.

Шукргузорӣ танҳо бо забон буда наметавонад, вай мисли ҳар арзише вижагиҳои маърифатӣ, амалӣ ва таърихиро касб намуда, бастагӣ ба шаклгирии тафаккури инсонӣ ва ифодаи рӯҳияи халқ ва миллат дорад. Мисли оне, ки шукргузории неъматҳо аз назари ахлоқӣ ва маърифатӣ ҷанбаҳои мухталиф ва тавъам ба узвҳои эҳсосотӣ дошта, таъсиррасонанда ба ирода ва зоҳирёбии амалҳои мушаххас аст, **шукргузории неъмати истиқлол ва доштани пешво** ҳамчун эҳсосоти пайваст бо ватан, зодгоҳ, фарҳанг, урфу одат, анъанаҳо, сару либос ва макони шаклгирии эҳсосоти худӣ ва ҳуқуқӣ, баёнгар ва зуҳури иродаи мустақили афрод аст, ки зери таъсири аломатҳои умумиятдошта ва арзишманд **рӯҳияи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти халқу миллатро** ҳамчун иҷтимои дорои аломатҳо ва махсусиятҳои сиёсӣ ва маъмурӣ муаррифӣ менамояд. Омӯзиши масъалаи мазкур бо ҳама омехтагиҳои табиати инсонӣ танҳо ба як соҳаи илм побанд набуда, дар маҷмӯъ ба этнография, этнология, сотсиология, ҳуқуқ, фалсафа, таърих, **фарҳангшиносӣ**, **равоншиносӣ ва ҳатто равонковӣ** (психоанализ) тавъам аст. Инҷо зарур аст, ки усулҳои инфиродию универсалӣ бамаврид дуруст истифода шаванд.

Таҳқиқоти амиқи илмӣ дар соҳаи муайян аз назари уфуқӣ ва амудии мавзуоти баррасишаванда, чи дар шакли «мушоҳида», «тасниф», «таҳқиқоти таҷрибавӣ», «шарҳи назариявии ҳодисаҳои табиӣ», чи дар шакли «ҷараёни кашфи ҳақиқат ва дарки ҳақиқат» ва чи дар шакли «олати одаму оламшиносӣ бо тафаккури интиқодӣ»[55] на танҳо дастоварди илми муайян аст, вай ҳамчунин заҳмати содиқонаи аҳли илм як шакли шукргузории олимон ба давлату миллат аст. Маҳз дастовардҳои илмӣ шаҳодати садоқати олим ба соҳибихтиёрӣ ва миллати хеш аст.

[54] Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 28-умин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе аз 09.09.2019.

[55] Раҳимӣ Ф. Даъвати созандаю дурандешонаи Пешвои муаззами миллат: рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ асоси пешрафти ҷомеа. // Мероси ниёгон. №22. – 2020. – С.101.

**Илми хуқуқ ва истиқлоли сиёсӣ**

Шукр мекунам, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосири ватанӣ дар шароити шаклгирии давлати соҳибихтиёри мо дар паҳлу ва дар партави сиёсати давлатсозии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон олимони мактабдори илми ҳуқуқи мо фаъол ва содиқона хизмат намуданд ва намуда истодаанд. Фикр мекунам устодони мо вазифаи таърихӣ ва виҷдонии худро дар партави сиёсати Пешвои миллат ва халқи худ ба қадри имкон ва талабот сарбаландона иҷро намуданд. Устодони шодравон профессорон О.У. Усмонов, Ф.Т. Тоҳиров, Ш. Менглиев, дотсентон С.Р. Раҷабов, Р.Ҷ. Ҷабборов, С.Ҳ. Ҳасанов, К.Н. Холиқов, Р.Х. Холиқов, Г.С. Азизқулова, Х. Ҳомидов, Н.А. Абдуллоев ва дигарон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо илму дониш ва малакаи касбиашон дар таҳияи заминаҳои ҳуқуқии кишвари соҳибистиқлоламон ҳамчун донандагони асрори ҳуқуқ бо фикру пешниҳодҳои муфид содиқ дар паҳлуи Ҳукумат буданд. Иддаи зиёди устодони мо, ба мисли академик Маҳмудов М.А., узви вобастаи АМИТ М.З. Раҳимов, Э.Н. Насриддинзода, профессорону дотсентон Ш.Т. Тағайназаров, З.Д. Ямоқова, Р.Ш. Шарофзода, З.М. Ализода, А.И. Имомов, Т. Шарипов, З.Ҳ. Искандаров, Ш.К. Ғаюров, Н. Шонасриддинов, Х. Оев, Ф. Нодиров, И. Сафаров, А.Ш. Болтуев, Н.С. Ахмедов ва даҳҳо дигар устодони азиз, ки имкони ба пуррагӣ овардани исмашон дар ин навишта мушкил аст, бо вуҷуди рафтани синну солашон, то ҳанӯз серғайрат буда, дар ташаккули фазои илмии кишвар ва низоми қонунгузории давлат на танҳо фаъоланд, инчунин ором, ботамкин ва хирадмандона табиат ва асрори бунёди ҷомеаи озоду ободи демократиро тавассути дарки ҳикмати қонун ва давлатдорӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистон ба неруи ояндаи давлатсози кишвар таълим медиҳанд.

Акнун насли навбатии соҳибимактабонро, ки дар майдони рушди илми ҳуқуқшиносӣ саманди мафкураи илмии хеш ва шогирдонашонро ҷиҳати ҳалли масоили ҳуқуқӣ, рӯ ба ташкил ва такмили мактабҳои хосаи ҳуқуқӣ ба майдони илмӣ ворид намудаанд, зарур аст, аз бурду бохти дастовардҳои гузаштаи устодони илм, таҷрибаи ҷаҳонии рушди илми ҳуқуқшиносӣ хулосаҳои амиқ бароварда эстафедаи амонатнигоҳдории илмӣ ва рушди рукнҳои онро мутобиқ ба шароити ҷаҳонӣ ва манфиатҳои миллӣ тадриҷан бар дӯши хеш гиранд. Ҷавонони имрӯзи унвондор, ки шукронаи истиқлол ба маротиб теъдодашон аз давраҳои қаблӣ афзудааст, назди имтиҳони бузурги таърихии давлатсозии навин истодаанд. Оё онҳо мисли насли пештараи аҳли илм ва устодонашон имкон доранд, ки барои ғизои илмии давлати ҳуқуқбунёд ва гузашти муваффақи миллат аз хамгаштҳои нави молию ҳуқуқии башарӣ ба нафъи ҷомеа ва давлат хизмат намоянд? Зеро илми ҳуқуқшиносӣ бояд дар хизмати рушди низоми хуқуқии кишвар бошад. Вазифаи вай танҳо тарбияи насли ояндаи ҳуқуқшиносони касбӣ набуда, ҳамзамон бояд ба фазои илмӣ ва амалии ҳуқуқшиносӣ ғизои илмӣ ва маънавӣ диҳад.

Шароити нави рушди соҳибихтиёрии давлатӣ, имрӯз дар қатори ҳифзу густариши зербиноҳои ҳуқуқии истиқлолият, вазифаҳои навбатии муҳимми

давлатсозии муосирро – ба осони таъмини одилонаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, густариши рукнҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, дарёфти арзандаи мақоми ҳуқуқии тоҷикон дар низоми байналмилал, ҳифзи арзишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии таърихи миллат, таъмини заминаҳои ҳуқуқии рушди иқтисоди миллӣ, рақобати озоди иқтисодӣ, таъмини ҳокимияти одилонаи судӣ, коркарди асосҳои ҳуқуқии таъмини шароити арзандаи зиндагии ҳар шахс, рушди фарҳанги миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллатро дар арсаи байналмилал дар рӯзномаи мактабҳои нави илми ҳуқуқ гузоштааст. Соҳибмактабони ҷавони илми ҳуқуқ бо шогирдонашон, дар фазои илмӣ бояд дар самтҳои номбаршуда таҳқиқот гузаронида, барои ҳокимияти қонунгузор ғизои илмии ислоҳоти ҳуқуқии давлати миллӣ, барои ҳокимияти иҷроия маводи таҳлилии хулосабардориҳои илмӣ ва ба ҳокимияти судӣ дарёфти роҳу воситаҳои одилонаи таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва созиши идеалии манфиатҳои фардӣ ва иҷтимоиро фароҳам оранд.

Миллати соҳибдавлат, халқи рӯҳияи соҳибихтиёрӣ дошта куллияи инсонҳое аст, ки онҳо соҳибақида, соҳиброда, қадршиносу шукргузори неъмат буда, дар баробари шинохти дастовардҳо роҳҳои назарию амалии ҳифз, рушд ва дастрасии онро барои наслҳои оянда фароҳам меоранд. Аз шаҳрванди оддӣ то мансабдори олӣ, аз касби деҳқонӣ то корманди илмӣ атрофи ғояҳои аслии давлату миллат бо мафкураи устувор ва қатъии миллии созанда ва такмилёбанда муттаҳид бояд бошанд.

Дигар ин ки насли ҷавони илмиро зарур аст, ки арзишҳо ва неъматҳоро дар масири таърих вобаста ба манфиати давлату миллати худ, дар ҳамбастагӣ ба саодати наслҳои оянда бамаврид ва воқеъбинона дарк, ҳазм ва татбиқ намуда тавонанд. Илм дар нуқтаҳои ҳассоси зиндагӣ миёни ҳақиқати куллу ҳақиқати ҷузъ, манфиати умуму манфиати гурӯҳию фардӣ, байни инсон, шаҳрванд ва шаҳрванди хориҷӣ ногузир дар ҳамоҳангӣ бо низоми шаклгирифтаи ҷаҳонӣ тамиз мемонад. Вазифаи муҳим ва марказии аҳли ҳар илм ва дар пайравӣ бо онҳо шаҳрвандони он кишвар дар чунин шароитҳо ин пайдо намудани хатти тиллоии рушд ва нумуи иттиҳодии сиёсии муайян яъне давлату ҷомеаҳост. Маҳз ҳамин аломатҳост, ки кишваре бо 20 ҳазор аҳолӣ (Лихтенштейн) ва ё аз он ҳам камтар дар паҳнои олам ҳуқуқи соҳибихтиёрию худмуайянкунии хешро дуруст истифода намуда, ҳастии худро мӯътадил дар ҳама пастию баландиҳои олами нооромм ҳифз намуда, вале кишварҳое бо даҳҳо миллион ҷамъият ба хун оғушта шуда, ҳуқуқи худмуайянкуниашонро дар ҳолати ногувор қарор додаанд. Гузашта аз он иддаи дигар бо даҳҳо миллион аҳолӣ то ҳанӯз давлати мустақили миллиро надоранд. Тавре маорифпарварони тоҷики ибтидои садаи XX дарк карда буданд: «Бузургии давлатҳо бо шумори аҳолӣ ва ҳудуд муайян намешавад»[56], ё ҳаким Фирдавсӣ васеътар аз он гуфта буд: «Пароканда лашкар наояд ба кор, Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор».

**Ҳикмати таърих**

Яке аз омилҳои худшиносӣ ва расидан ба қадри Истиқлолияти давлатӣ сабақи мувофиқ бардоштан аз таҷрибаи таърихист. Ба хусус таҷрибаи

[56] Аҳмади Дониш, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва дигарон.

талхи таърихи халқи тоҷик, ки бо ҷурми иллатҳои мухталифи дохилию хориҷӣ садсолаҳо дар вартаи бедавлатии этникӣ буда, фарзандони барӯманди он дар ба дари ҳокимони аҷнабӣ барои бегонагон хизмат кардаанд.

Дар рӯзгори муосир дар замони соҳибистиқлолии давлатии мо, ки ҷаҳон нооро аст, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик баъзе аз равишҳо ва калавишҳое сар мезананд, ки аз содагӣ ва самимияти инсондӯстии мардум аз эътиқоди самимиашон ба арзишҳои динӣ ба худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватандорию ҳифзи истиқлол латма ворид мегардад. Омилҳои бегонапарастӣ дар пӯшиши либос, гирифторӣ ба таассуби динӣ, худхоҳии бемавқеи ғайриахлоқӣ, таърихпарастии беҷою суханпардозиҳои ноҷои иддае аз бародарон, ки дар заминаи озодиҳои бо ном демократӣ сар зада, барои бисёриҳо масъалаҳои ночизи иҷтимоӣ намояд ҳам, дар асл, аз буъдҳои мухталиф ношукрии мафкураи ҷомеаро ба истиқлолияти давлатӣ афзун менамояд.

Онҳое, ки имрӯз аз хориҷ тавассути сайтҳои мухталифи интернетӣ ба ҳастии истиқлоли мо санг мепартоянд, бо ҳар роҳу восита мехоҳанд ба рамзҳои давлатдории мо захм ворид созанд, хизмати хоҷагони берунаро иҷро менамоянд ва ба номи поки миллати тоҷик хиёнат менамоянд. Пешво – рамзи давлатдории миллии мост, Тоҷикистон ватани азизи мо тоҷикистониён аст, ҳама бурду бохти ин кишвар ҷузъи ҳастӣ ва хотираи миллати мост, нозебо аст, ки онро байни бегонагон ғаразнок ба муаррифӣ гузошта, аз он ба бадию хусумат ёдрас шуда, ҳастии миллати худро зери хатар гузорем. Бингаред ба Ироқ, Афғонистон, Сурия, Украина, Венесуэла ва ғ., ки имрӯз чӣ тавр бо ҳидояти бегонагон ваҳдатро ба парокандагӣ иваз кардаанд, бузургтарин хотираҳои моддии таърихиро ба боди нестӣ дода, инкишофи кишварҳои худро ба муҳлати даҳсолаҳо қафо партофтаанд. Ин магар барои мо дарси ибрат нест? Бузургон дуруст гуфтаанд, ки «оқилон аз хатои дигарон меомӯзанду омиён дар хатои худ». Тоҷик дар маҷмӯъ дар қатори камбудҳои зиёди таърихиаш дар ҳама давру замон аз миллатҳои фарҳангӣ, созанда ва эҷодгар будааст. Имрӯз вақти он расидааст, ки чашми хирадро боз намоем. Тавре устод Рӯдакӣ фармудаанд:

*Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Таърих дигар моро намебахшад, манфиати миллат ва давлатро бояд дар мадди аввал гузорем, бародарони гиромии бо ном озодихоҳ ин зарурият ва ногузириро бояд дарк намоянд. Ҳар озодӣ ва сухан сарҳад дорад, сарҳади ҳарфи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ имрӯз манфиати мардуми Тоҷикистон аст. Барои дарки дуруст ва ҳазми мантиқии ин рафторҳои барои шахсиятҳои ҷудогона «шоистае», ки ба «бохти» таърихии миллат «боиста»[57] гашта, ба решаи худшиносӣ ва истиқлоли давлатӣ осебоваранд, озодихоҳони бесарҳадро зарур аст, ҳадди ақал садои навҳаи рӯҳи таърихии миллатро шунида, сабақ аз таҷрибаи талхи ниёгон бояд бардоранд.

**Сабақи талхи таърихӣ ба ҷавонони озодаи бепарво чӣ мегӯяд?**

[57] Асли калима, албатта, мутобиқ ба имло «боис» аст, вале бо риояти қофия дар баёни наср ва эҳтироми бузургон (Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигарон) даруни нохунак онро шакли нав бахшидем.

Назари сатҳӣ ба таърихи навини давлатдорӣ ва ҳатто ба тамаддунҳои собиқ шаҳодати он аст, ки нақш ва нуфузи қадршиносӣ аз неъмати давлатдорӣ, низомсолорӣ ва қадрдонӣ аз роҳбару ҳукумат дар ҳама давру замонҳо аҳамияти бориз дар ҳастии халқу миллатҳо доштааст. **Миллате, ки атрофи рамзҳои миллӣ, роҳбарият ва ҳукумати худ муттаҳид аст, вай мағлубнопазир аст, зеро ин халқ медонад, ки баҳри чӣ ва барои кӣ ва ба хотири кадом арзишҳо мубориза мебарад.** Дар замони муосир, ки таҷриба ва рушди давлатҳо зиёда ба ҷанбаи соҳибихтиёрии халқ ва эътирофи ҳокимияти мардумӣ такя мекунад, нақши ҳикмати шукргузорӣ аз неъмати истиқлоли ҳар фард ва дар маҷмуъ аз халқ, дар муайян намудани шаъну эътибори давлати соҳибихтиёр ба маротиб афзун шудааст. Маҳз дами ҳамин омил дар бештари мавридҳо иллати бедавлатию фурӯпошии зиёде аз халқҳо дар масири таърих будааст.

Ҳалқи мо дар роҳи шинохти арзишҳо ва тариқи ифодаи он дар масири таърих худро ғанӣ ва аҷоиб, олиҳиммату сода муаррифӣ сохтааст. Дар баробари сифатҳои неку олӣ, созандаю хирадмандонааш, фарзандони **ӯро зоҳирпарастию худнамоӣ, кибру ғурур, хоксорию бетарафӣ, содагию кутоҳназарӣ дар омезиш бо зиёдаравиҳо, таассуб, бегонапарастӣ (дар андеша, гуфтор, либос, эътиқод ва ғ.), тақлиди бемавқеъ ва космополитизму хаёлпарастӣ**, муддатҳо домангир будааст. Имрӯзҳо низ мо дар масоҷиду ҷойҳои муқаддас ҳазорҳо нафар намозгузору зиёраткунандаро мебинем, ки ин аз баракати озодиҳои шахсии даврони соҳибистиқлол аст. Вале ин ҳолат намои зоҳирии мардуми мусулмони мо аст, агар аз ботин ҷӯё шавем, ки миёни ин теъдод мардуми муъминнамо дар асл мо чи қадар мусулмони асиле, ки аз дасту забонаш касе озор надидааст, муъмине асиле, ки ба қадри падару модар мерасад, ҳамсояашро эҳтиром медорад, ватанашро дӯст медорад, итоат ба низому тартиб дорад, ҳолати воқеӣ моро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ менамояд. Маҳз чунин махсусияти зоҳирпарастии фарзандони миллат дар фарози таърих ва паҳнои тамаддунҳо ин халқиятро ба мушкилию гирифториҳои мухталиф рӯ ба рӯ кардааст.

Таърихи халқ, ифодагари рӯзгори организми зиндаи дорои шуур, ақл ва хирад аст, ки дар ҳар омаду ноомад нақшашон ҷолиб, ҳалкунанда ва тақдирсоз аст. Яъне дар баробари беадолатиҳои бегонагон хатоҳои ниёгони мо дар ҳаводиси нохуши таърихи миллат кам нестанд, рӯпӯш кардани онҳо ва ёдрас нашудан аз онҳо моро аз имкони зуҳури ин навъ бемориҳо эмин намедорад. Баръакс мо бояд дар бораи ин ҳақиқатҳои талх ҳарф зада, ҷиҳати ислоҳи онҳо дар рӯзгори кунунӣ кӯшиш намоем. Дар масири таърих, бегонапарастӣ, хиёнаткорӣ ва муросокорию зохирпарастии фарзандони ин миллат, бо парокандагии минтақавӣ, ки манфиатҳои халқу давлати худро ба хотири арзишҳои космополитӣ, ғайримиллӣ ва гурӯҳӣ қурбон кардаанд, дар баробари қаҳрамонии халқи фидокораш кам набудааст. Кифоя аст, ки дар бораи омехтагии қаҳрамонию хиёнатҳо дар осори зиндагиномаи фарзандони ин миллат ба саҳифаи асарҳои

муҳаққиқони шинохта Б.Ғ. Ғафуров[58], Ҳеродот[59], Жан Пол Ру[60], назар афканем.

Ногуфта намонад, ки доир ба дигар аз хислатҳои наҷибу талх ва сабақомӯзи мардуми форсизабони тоҷик ҳатто гӯётару фаҳмотар аз осори илми хориҷиёну ватанӣ ва шоҳидони аҷнабӣ «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ганҷинаи бузургу сабақномаи бемисл аст.

Албатта, ин гуфтаҳо то ҷое ҳақиқат ва бо ҳодисаҳои таърихӣ алоқамандӣ доранд, аммо дар байни фарзандони миллати тоҷику форс ба вижа тоҷик қаҳрамонону фидокорон низ кам набуданд. Ба андешаи мо чашм пӯшидан аз онҳо ба манфиати тафаккури миллат нест, баръакс аз онҳо **гуфтаву ҷиҳати рафъи онҳо мубориза бурдан, пешаи миллати созанда ва соҳибдавлат** аст.

Дар акси ҳол муҳаққиқон ба тафохури таърихӣ – иллати дигари илми таърихшиносӣ гирифтор гардида, ба заифгардии решаҳои маънавии халқ мусоидат хоҳанд кард. Ҳақ ба ҷониби мунаққиди маъруфи рус Виссарион Белинский ҳаст, ки дар ҳаққи таърихпарастии беасосу тафохури таърихӣ гуфтааст: «*Халқи заиф ба дараҷае бемадор мешавад, ки ҳаёти худро то ҳадди пешрафта натавонистан мансух карда, фақат худашро таъриф мекунаду бас. Ва беш аз ҳама аз нигоҳ кардан ба захмҳояш метарсад. Халқе, ки бузург асту дар камоли қудрату зиндагӣ, ба тарзи дигар рафтор мекунад, эҳсоси норасоиҳои худӣ ӯро ба ҷойи маъюс гардонидан ва ё ба неруҳояш бо дидаи шакку шубҳа нигаристан қуввати нав мебахшад, барои тараддуди тоза пару бол медиҳад*».

Албатта, мо ҳам мисли фарзандони фарзонаи миллат бовар намекунем, «ки мардуми тоҷик аз ҷумлаи халқҳои заифе бошад, ки рӯзии таърихиашон дар хони қазо тамом шуда, ҳарчанд, ки ба пешонии пурчинаш қабат-қабат чангу гарди даври рӯзгор нишаставу қабои қазогандаш ҷо-ҷо дарида…»[61]. Вале мо ин лаҳза вазифадорем, ки иллати чунин бесарусомониҳои таърихӣ ва рӯзгори вазнини ниёгонро дар шароити истиқлолияти давлатиамон дарк ва ҳазм намоем.

Дар воқеъ, омилҳои чунин ҳодисаҳои нангин чи дар асосҳои илмӣ-назарӣ ва чи дар равобит бо масоили ҳаводиси таърихӣ дар ниҳоди ҳар халқияту миллат зиёд ва мухталиф аст. Барои мо муҳим он аст, ки аз ин камбуду норасоиҳо сабақи дуруст бардорем ва ба қадри Истиқлолият расем. Ва ҳаргиз нагӯем, ки озодии сиёсӣ ба мо ба осонӣ ба даст омадааст, зеро то ба имрӯз расидан модари тоҷик ва фарзандони ӯ дар масири таърих хориҳои зиёд дида, халқи решабатаърихи тоҷик аз идораи давлати хеш қарнҳо маҳрум будааст.

**Қадри неъмат аз азияти бенеъматӣ рӯшан мегардад**

Саҳифаҳои таърихи миллати мо ҳодисаҳои нанговару ноҳамворро зиёд дидааст, вале аз он ибрат нагирифта, такрор ба такрор бо чунин иллатҳо азият кашидааст. Ҳар инсони ватандӯст ва худшиносе, ки вориди саҳнаи

[58] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. С. 351.; 510 ва ғ.
[59] Геродот. История. – М., 1972. – С. 245.
[60] Жан - Поль Ру История Ирана и иранцев: от истоков до наших дней. – Санкт-Петербург, 2015. – С. 16.
[61] Ишора ба гуфтори Акбар Турсун.

таърихи халқи тоҷик мегардад, дар баробари дастовардҳои мухталиф бо ҳодиса ва саҳнаҳои ҳузнангез аз хиёнат то хиҷолат, аз таассуб то ифрот рӯ ба рӯ шуда, мебинад, ки чӣ тавр **муҳаббат дар қиболи бепарвоӣ, қаҳрамонӣ дар паҳлуи хиёнат, озодандешӣ дар муқобили таассуб ва монанди инҳо бо вазни ночизе дар** таърихсозии миллати мо мавқеи худро аз даст медиҳанд. Натанҳо таърихи тамаддуни исломӣ ҳатто то исломии ӯ низ чунин моҷароҳоро зиёд медонад. Шояд ҳамин холатҳо, ҳамин дардҳо аз саҳнаҳои таърихи талхи миллат ва такрорёбии онҳо гоҳо дар замони муосир дили Лоиқи меҳанпарастро ба ларза овардааст:

*Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам,*
*Будӣ байтушшарафам, гаштаӣ байтулҳазанам.*
*Душманат чор тараф аҷнабию хонагиянд,*
*Тани танҳо ба чӣ нирӯ сафи аъдо шиканам?*[62]

Асное, ки рӯ ба рӯ бо ҳодисаҳои ҳузнангези таърихӣ мисли суқути қудрати Ҳахоманишиҳою куштори Дориюш, марги Сӯҳробу Сиёвуш, шикасти давлати Сосониён, хиёнати рӯҳониёну нузули қудрати Сомониён, марги қаҳрамонҳое чун Шерак, Спитамен, Темурмалик, хории Рӯдакию Фирдавсию Сино, куштори Низомулмулку Ҳилолӣ ва дигар мутафаккиронро дида, сарзамини тоҷикро зери суми аспони чодарнишинону саҳрогардон ва нангу номӯси миллатро пахшшуда дармеёбӣ, рӯҳи худро ноором, ҳайратзада, беирода дарёфта, ба мисли бобоҳоямон, ки аз даштҳои ҳамвор ба сӯи кӯҳистон фирор кардаанд, ту низ орзуи баромадан аз ин саҳнаҳои таърихӣ менамоӣ… Боз ҳам садои Лоиқи меҳансаро баланд ва ҳамдард дар гӯши дили мо садо медиҳад:

*Зи ҷабру зулми Искандар, зи хунхории Чингизхон,*
*Низои дину мазҳабҳову бедоди ҷаҳонгирон,*
*Аз он савдогарони шаҳр – қаллобону ҳаннотон,*
*Аз он дуздони моли хешу ҳам мероси аҷдодон,*
*Зи дасти мангиту турку араб, аз ҷаҳли барбарҳо,*
*Зи андозу хироҷу боҷ, аз даргоҳи бедарҳо,*
*Зи чоҳу кундаву занҷир, аз зиндону завлона,*
*Зи минбарҳои бепоя, зи маснадҳои шоҳона,*
*Зи дасти сарнавишти хеш-аз тақдири пешонӣ,*
*Паноҳ овардӣ дар кӯҳсор, эй марди кӯҳистонӣ…*[63]

Албатта, бо ин гуфтаҳо мо ҳеҷ гоҳ саҳнаҳои фараҳангезу ибратбахши таърихи миллатро инкор карданӣ нестем. Вале чун атрофи онҳо зиёд гуфтаанду ба ҳадде боз мегӯянд. Ҳадафи мо, он сӯи зери соя мондаи ҳаводиси таърих аст, ки ҳам ҳаққи таърихии баёнро ва ҳам мисли бемории сироятӣ имкони гузаштан аз насл ба наслро дорад, ошкор кардан ва ба **ҳадде аз он сабақ бардошта ва дар оянда роҳ надодан ба чунин иштибоҳ аст.**

**Тоҷикон хазинаи розу ниёзи миллат**

Маҳз бо ҳамин хотир, дар такя ба таърихи миллат ҳамчун сарчашмаи пурғановати худшиносӣ ва арзиши устувори миллӣ Президенти мамлакат Пешвои муаззами миллат, ба ҳар хонадони тоҷикистонӣ китоби

---

[62] Лоиқ Шерали. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 13.
[63] Лоиқ Шерали. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 99.

«Тоҷикон»-и аллома, қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуровро тақдим намуданд.

Тоҷикон – танҳо китоби бо усули таърихӣ нигоштаи як миллати муосири решбатаърих не, балки бештар аз он нолаи модари тоҷик, навҳаи тифлону дӯшизаҳои ниёгони мо дар масири таърих, гӯяндаи рӯзгори талхи як миллати самандарқисмати эҷодгар; як халқияти дар масири таърих борҳо хорию зорӣ дида, азияткашидааст, ки фарзандони беҳтаринаш дар ғарибиҳо ҷон дар кафи даст барои пойдорию устувории фарҳангаш мубориза бурдаанд; сарнавишти як миллати сарто ба по тобишхӯрдааст, ки бузургонаш барои ҳифзи симати эҷодгарию неруи ақлонияш ба бедавлатон давлатдорию, ба бефарҳангиён фарҳанг омӯхта мушти хок дар миёну забони ноби тоҷикӣ дар даҳон дар мулкҳои бегона ҷон додаанд; ин китоби одӣ не, балки рози гузаштагони миллати мо барои имрӯзиён, садои нолаи модарону гиряи тифлон аст, ки аз беадолатиҳои қавмҳои бадавию истилогар ва хиёнати хамхешон, ҳамватанон маҳзуну ҳазин аз паси пардаҳои ғафси таърихӣ бар гӯши мардуми ҳушёру худшинос равона шудааст; ин розномаи бузургон, насиҳати мутафаккирон, мактаби бузурги худшиносӣ ва меҳангароист, ки абармардони ин қавм бо қаҳрамонию ҷонфидоиҳои фардию гурӯҳи барои мову шумо дарси ибрат кардаанд.

Пас «Тоҷикон» ин таърихномаи одӣ не ва гузашта аз он китоби таърихи халқ аз назари илмӣ танҳо набуда, балки як рисолаи илмии бо меҳри ватан ҳақиқати таърихиро дар сафҳаи қоғаз кашидааст, ки бо ҳақиқатҳои гуҳарбораш бори амонати «Манифести миллатсозии муосир»-ро барои халқи мо иҷро хоҳад кард. Тоҷикон дар баробари ин ба душманони миллати мо ҳам аз назари таърихӣ ва ҳам муосир ҷавоби муассиру мунсифона додан аст, ки сафҳоти таърихи мо танҳо аз хиёнату душманиҳо ва худшикастанҳо иборат набуда, инчунин он пур аз ҳодисоти қаҳрамониҳо, ҷонфидоиҳо ва муборизаҳои шарафмандона буда, имрӯз низ имкон дорад чун машъали дурахшон неруи ақлонии халқамонро бо сабақҳои ибратомӯзи худ зиёдаву илҳомовару эҷодгартар намуда, имконияту кӯшоишҳои нав ба навро барои насли худшиноси муосир аз назари маънавӣ дар қолаби худшиносӣ таъмин созад. Шоири меҳанпараст Алимуҳаммади Муродӣ[64] дар ҳамин зовия ба таънагарони миллат ҷавоби хуб додаанд:

Нагӯ, ки хоби ғафлат дорад ин қавм,
Чӣ фикри мулку давлат дорад ин қавм?
Ба худ бегонаву бо душманаш дӯст,
Ба таърихаш хиёнат дорад ин қавм…
Нагӯ, ҷамшедкуш, заҳҳокпарвар,
Чунин оину одат дорад ин қавм.
Нагӯ. Дорокушӣ, румипарастӣ,
Зи аввал то қиёмат дорад ин қавм…
Бигӯ ин қавм қавми сарбадор аст,

[64] Бо ин шахсияти нодири санъати манзум банда дар яке аз сафарҳои хизматиам бо мубаллиғони «Ҳаракати ваҳдати миллӣ» дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ моҳи майи соли 2022 вохӯрӣ доштам, ки эшон нусхаи китоби худро таҳти унвони «Шафақи шом» ба мо тақдим намуданд.

Далериву шуҷоат дорад ин қавм.
Курушам дораду Нӯшинравон ҳам,
Раҳу расми адолат дорад ин қавм…[65]

**Назар ба он сӯи мушкилӣ ва муваффақиятҳо**

Зиёд мешавад, ки тағийрпазирии ҷомеа ва равандҳои таърихӣ худ ба худ ба қонунмандиҳои зоҳирии ҷараёнҳои рӯзгори инсонӣ тавъам набуда, онҳо ҳамагӣ таҳти таъсири ҳамин қонуниятҳои зери соя монда сурат мегиранд. Аз ин рӯ дар рафти таҳлилҳои илмии ҳодисоти рӯшани иҷтимоӣ таваҷҷуҳ ва назар «ба он сӯи ҳақиқат», «ба он сӯи ахлоқ», «ба он сӯи ҳуқуқ», «ба он сӯи некӣ» (Ф. Нитсше) ҳамчун ҷанбаи пурракунандаи кашфи асрори ҳақиқати муайян, арзиши мушаххас ва раванди таърихӣ ногузир мегардад. Дар мисоли таҳқиқоти мо ҳоло таваҷҷуҳ ба он сӯи нанговари ҳодисоти таърихӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Зеро ин паҳнои пур аз моҷаро ба тафаккури мо имкон медиҳад, ки бедордилона бо ҳушёрию зиракӣ ба ин равандҳо назар намоем. Ин равиш ҳаргиз ҳамоҳанги наҳзании таърихи миллат набуда, ин ҷузъи ҳастии мост, ки то имрӯз азиятамон мекунад. Барои он ки ояндагон аз таърихи имрӯзи мо шарм накунанд, аз он сабақ бояд бардошт.

Воридшавӣ ба таърихи миллат барои мо муддатҳо дарднок ва аламнок аст. Зеро дар ҳар зинаи таърихӣ, бо фитнаи ҳамдинону ғарази ҳамзабонон, ғорати бегонагону ҳиллаи чодарнишинон рӯ ба рӯ шуда, худро дар ҳолати маҳзунӣ ва рӯҳафтодагӣ мебинем. Танҳо, бале тани танҳо, вориди саҳнаҳои таърихӣ гашта, ба паҳноҳое мерасем, ки рӯ ба рӯямон фарзандони хоини миллат, дарвозаи Самарқанду Бухороро ба ғосибоне чун муғулону туркони ланг боз менамоянд, бо он фитнаю ҳиллаи ҳасудоне рӯ ба рӯ мешавем, ки беҳтарин фарзандони фарзонаи миллатро чун ҳаким Фирдавсию Умари Хаём, Абӯалӣ Синою Ҳилолӣ, Ғаззолию Носири Хисрав ва дигарон бо гуноҳони бофта ба доми бало гирифтор менамоянд, садои талхи модари тоҷик, ки қарнҳо ба хотири ҷавонони паҳлавону ғурамаргаш, таги султаи юнонию римиҳо, арабу туркҳо ва дигарон афтидааст, рӯҳамонро ноором ва диламонро ба ларза меорад… Фарзандони қаҳрамони миллатро бо ҷурми таънаю маломат кушта, фидокорону ҷоннисорони ватанро бо мушти хок бар каф ва васияти охирин дар миёнбанд баста, ҷон дода мебинем. Садои дар коғаз печидаи Темурмалик, ки аз миёнбандаш берун омад то ҳанӯз дили ҳар ватандорро ба ларза меорад: **«Э он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст! Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу, Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок»[66].**

Душманони миллати мо Сабуктегину Чингизхон, Маҳмуди Ялавочу Маҳмуди Ғазнавӣ, қотилони Низомулмулку Ҳилолӣ, яке паси дигар ба арзишҳои миллӣ, динӣ ва маънавии халқи мо хиёнат менамоянд, вале замона ором ҳаводиси рӯзгорро ба ҳукми таърих мепартояд.

Гӯё чунин будани таъриху таърихсозӣ нисбат ба фарзандони фарзонаи ниёкони мо табиӣ ва қонуни зиндагист… Аммо худшинос, ватандӯст,

---

[65] Муродӣ А. Шафақи шом. Душанбе 2020. «Абдураҳмон-Р». -С.7.
[66] Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. – Душанбе: Маориф, 1978. – С. 80.

озодипараст ва истиқлолиятхоҳ бо ин ҳама розӣ буда наметавонад, азият мекашад... Таърих бо хотироти номафҳумаш моро азият ва рӯҳамонро ноором менамояд... Аз чунин таърихдорӣ, таърихсозӣ ва таърихомӯзӣ хорӣ кашида, ба андешаи он ки «Таърих чиро меомӯзад? Ҳеҷ чизро!» (ибораи Гегел) хомӯшона розӣ шуда, дида ва фаҳми хотиротро ба сироятй бепарвоӣ гирифтор месозем ва ё худро ба беморий дигари мухташамии сафаҳоти ҷудогонаи таърихӣ ором менамоем.

Мо борҳо халқамонро дар чунин кӯчаҳои сарбаста, бо чунин мусибатҳои азим дар ҳалқаи беадолатиҳои таърихӣ дидаем. Модари тоҷикро аз модари яҳуд бештар озурдаю хор ёфтаем. Агар қавми яҳудро васияти Торо, ки: «Шуморо аз ватанатон рондам, ба оламҳо пароканда кардам, вале ҳарҷо, ки рафтед, шуморо азизу муътабар доштам», ҳифз карда бошад, ин халқияти офатзадаро, на васият ва на хилъати илоҳии «интихобӣ» буданаш, **балки илмаш, донишаш, ҳунари воло, касбу кор, санъат, урфу одат ва забони шевояш дар ғарибиҳо гиромӣ**, дар мулкҳои бегона дар мансабҳои мухталиф шинонда, забонаш шеваи дафтардории навдавлатон[67], шеъраш оғози адаби бефарҳангон, сару либосаш рамзи пӯшиши либоси барбариҳо ва таҷрибааш сабақи зиндагии чодарнишинон гашта, рӯҳу равону ҳастиашон омили наҷоти маънавии равшанфикрони эшон будааст.

Агар чунин набудӣ султони Салчуқӣ Муиниддин Сулаймон Парвона дари хонаи Мавлонои Балхӣ дар Куня соатҳо нанишастӣ ва аз ин нишастанҳо ҳикмати озори интизории халқи эҳтиёҷмандро дар рафтори худ дарёфтӣ[68] ва Шаҳи шаҳбонуҳои Салчуқӣ (ба андешаи Афлокӣ) Гурҷи Хотун асной сафараш ба Қайсарияи барои оромии қалбаш акси Мавлонои устодашро тавассути наққошони юнонӣ дар бист вараќи чинӣ наққошӣ намекардӣ ва бо худ набурдӣ[69]. Ӯ ҳама дороиҳояшро дода, ҳама неъматҳояшро бахшида худ тани танҳо дар паҳнои кӯҳистон бо орзуҳояш ва ниятҳои некаш аз баландиҳо ба дуздону ғоратгаронаш то ҳанӯз инсоф мехоҳад. Устод Бозор Собир дарди дили миллатро гуфтааст:

*Ҳар чи ӯ аз моли дунё дошт, дод,*
*Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод,*
*Суннати волову девон дошт, дод,*
*Тахти Сомон дошт, дод.*
*Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,*
*Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт.*
*Душмани санъатфурӯшаш, санъати Беҳзод бурд,*

[67] Забони тоҷикӣ на танҳо баъд аз Сомониҳо забони давлатдорию илму адаби Қарахониҳо, Ғазнавиҳо ва Хоразмшоҳиҳо дар Осиёи Марказӣ буд, балки вай ҳамроҳ бо Салчуқиҳо то Осиёи хурду Атабакони Озарбойҷон доман густурда ба ҳайси забони давлатию илму адаб эътироф шуда буд. Ниг.: Бред Гуч, Секрет Руми.Жизнь суфийского поэта любви. Пер. с англ Давлатзода Д. Мусулмонон таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. Душанбе: «ЭР-граф», 2017. С. ийского П. Джамшедов. Душанбе «ЭР-граф».2021.С.129.

[68] Ниг.: Бред Гуч, Секрет Руми.Жизнь суфийского поэта любви / Пер. с английского П. Джамшедов. – Душанбе: «ЭР-граф». 2021. – С. 232.

[69] Ниг.: Бред Гуч, Секрет Руми.Жизнь суфийского поэта любви / Пер. с английского П. Джамшедов. – Душанбе: «ЭР-граф». 2021. – С. 234.

*Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт…*[70]

**Забон ва фарзандони донишманди халқ муҳофизи миллат**

Ягона воситае, ки ҳастии мо баъди ӯро дар масири таърих дар моварои фишорҳои кӯчиён дифоъ мекард ҳамин забони ноби тоҷикӣ ва илми фарзандонаш буд. «Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон Сарҳади тоҷик забони тоҷик» (Б. Собир) буд. Ин забон ҳатто садҳо сол баъд аз Сомониён забони расмии дарбору девонҳо буда, бо хатҳои зебои кӯфию настаълиқ на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар сарзаминҳои дури Осиёи хурд дар асрҳои XIII-XIV, алаpрағми иродаи муғулҳо, ки забони туркиро кӯшиши ворид намудан ба кори давлатдорӣ карданд, тавассути коғазҳои зебои чинӣ муаррифгари падидаҳои сиёсии давлатӣ то «Парвона» ва «Султонҳо» буд[71].

Имрӯз низ дар коххои пурҳашамати шаҳрҳои таърихии Алеппо, Стамбул, Куня, Димишқ ва ёдгориҳои таърихии Асрҳои Миёнаи давлатҳои Осиёи хурд мо зиёд аз навиштаҷотҳоеро бо забони тоҷикӣ дарёб менамоем, ки он ба забони имрӯзи бошандагонаш тамоман бегона аст. Истилоҳоти ҷудогонаи забони тоҷикӣ имрӯз миёни мардуми хитоии атрофи Пекин дар шакли анъанаҳои хонаводагӣ, дар бастани ақди никоҳу[72] дар Қунияи Туркия чун ифодаи рақси самои Мавлонои Балхӣ, ҳамчун истилоҳоти бегона барои бошандагони минтақа садо медиҳад. Ҳарчанд, ки тоҷикони ин марзу бум, ки бо иллатҳои мухталиф тарки ватан намуда, қисме таҳти муҳоҷирати иҷбории набераи Чингизхон хон Қубилай (Хубилай)[73] то ба Маркази Чину дигарон аз тарси ҳуҷуми хонҳо ва беадолатии ҳокимони давр то ба Осиёи хурд ҳиҷрат карда, то ба имрӯз бо мардуми таҳҷоӣ махлут шудаанд, вале забони ноби тоҷикиашон ҳанӯз ҳам ҳамчун унсури бегона барои фарҳанги нави эшон аз худ гувоҳӣ медиҳад. Даҳҳо ҳазор ҳунармандони Самарқанду Бухоро ҳамроҳи хони нисбатан донишманди ҳушёр[74] на танҳо ҳунармандиву маърифат, инчунин фарҳанги баланди муоширати молу пул, санъати сохтмони иншоотҳои азимро бо худ бурда, дар дашти Қароқурум шаҳр бунёд карда, заминаи Бейҷин (Пекини имрӯза)-ро бо бунёди шаҳри Хонболиғ гузоштаанд.

---

[70] Бозор Собир. Оташи барг. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 10. бо хатти форсӣ.

[71] Ниг.: Бред Гуч, Секрет Руми. Жизнь суфийского поэта любви / Пер. с английского П. Джамшедов. – Душанбе «ЭР-граф», 2021. – С. 230-231.

[72] Имрӯз ҳам мардуми мусулмони хуэйи Чин ҳангоми бастанаи ақди никоҳ истилҳоти тоҷикиро ҳамчун нишонаи муқаддаси ташкили оила ёдгорӣ аз авлодони ҳанӯз дар асри XIII таҳти муҳоҷирати иҷбории Хон Қубилей ба ин минтақа омада истифода менамоянд. Арӯс дар пурсиши домуллои никоҳкунанда, бо забони ноби тоҷикӣ мегӯяд: «тану нафсам бахшидам», домод ҷавоб медиҳад: «хостам ва қабулаш кардам». Ниг.: Давлатзода Д. Мусулмонон таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – С. 383.

[73] Қубилай (Хубилай 1260-1294)- Набераи Чингизхон аз писараш Тулуъ. Ниг.: Ала-ад-Дин Ата-Мелик Джувейни, Чингисхан. История завоевателя мира / Перевод с текста Мизры Мухаммеда Казвини на английский язык Дж. Э. Бойла с предисловием и библиографией Дэвида О. Моргана // Перевод текста с английского на русский язык Е.Е. Харитоновой. Издательский Дом МАГИСТР-ПРЕСС. – Москва, 2004. – С. 532.

[74] Тибқи иттилои Атомалики Ҷувайнӣ дар заминҳои шарқии сарзамини Хитой, Маньтсзы, Солангай ва Тангут хон Ху- билай- Огул, ки бо хирадмандӣ, ҳушёрӣ ва фикрҳои солимаш миёни дигар хонзодаҳо тафовут дошт, ҳоким таъин мешавад. Ниг.: Ала-ад-Дин Ата-Мелик Джувейни, Чингисхан. История завоевателя мира / Перевод с текста Мизры Мухаммеда Казвини на английский язык Дж. Э. Бойла,с предисловием и библиографией Дэвида О. Моргана // Перевод текста с английского на русский язык Е.Е. Харитоновой. Издательский Дом МАГИСТР-ПРЕСС. – Москва, 2004. – С. 431-432.

Фарзандони миллати тоҷик Сайид Аҷалли Бухорӣ, амир Аҳмади Фанокатӣ, Насуриддин-Абубакр ибни Аҷал, Ҳусайн Ибни Ҳусайн Аҷал, тибқи ахбори Рашидуддин ҳамонҷо низ дар мансабҳои гуногуни идораи давлатӣ кор карда, то мансаби соҳибдевони салтанат расидаанд[75].

Чӣ илоҷ, ки раванди ҳодисоти таърихӣ бо муҳоҷирати иҷбории ҳазорҳо нафар фарзандони як миллат бо мурури замон фарҳанг ва анъанаҳояшро низ қурбонӣ мекардааст. Аммо забон бо ҳар роҳу восита, ҳатто қавитар аз омилҳои антропологӣ ва фарҳангӣ истодагарӣ намуда, қисман бо махлутшавӣ ва қисман бо шакли муқаддасотӣ аз худ дифоъ карда, ба шаклгирии мафкураи нав барои халқияти дигар замина мегузоштааст. Дар Чин табиат ва иқлим муҳоҷирони мовароуннаҳриро шаклу симояшонро қисман тағйир дода, аз назари антропологӣ бо мардуми таҳҷоӣ монанд кардааст, аммо истилоҳоти ҷудогонаи забонӣ, номгузории омехтаи чинӣ-тоҷикии мавзеъҳои ҷуғрофии қисмати Туркистони Чин тимсоли Ёркендарё, Куҳи Нор, Оби Нур, Лаби Нор, Хутан то ба ҳанӯз ҳам ишора аз муҳоҷирони тоҷикӣ побарҷоянд.

Чархи вазнини таърих забони ноби тоҷикиро дар ин минтақаҳо дар замонаш ба мисли забони Мисриёни то исломӣ ва ҳиндуҳои Америкои Шимолӣ дар замони нав ба пуррагӣ пахш кард. Ин пахшнамоӣ ва фишороварии забон дар қиёс бо ду ҳолати номбурдаи дигар бисёр ҷоҳилонаю хиёнаткорона буд. Зеро агар дар ду ҳолати ишорашуда ғоратгарон маданияти худро бо забонашон якҷо таҳмил карда бошанд, дар ҳолати тақдири забони тоҷикӣ дар Ховари миёна, кӯчманчиён маданияти идора, фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккулдодаи халқияти тоҷикро ба пуррагӣ гирифта танҳо забони худро ба он таҳмил намуданд. Яъне онҳо танҳо забонро маҳв не, балки маданияту фарҳангро ғорат карда, онро пас аз қарнҳо имрӯз ба гунаи маданияти халқи худ дар кишварҳои мухталиф муаррифӣ менамоянд. Ин ҳолат бисёр аламовар аст аз назари эҳсоси худшиносӣ, вале аз назари илми таърихшиносӣ хиёнат ва дуздист, ки ҳақиқати таърихиро рупӯш менамояд.

Дар воқеъ таърих ба халқи мо дар маҷмӯъ бениҳоят сахтгир будааст. Аммо бо ин ҳама сахтиҳо ва бедодгариҳо фарзандони миллати мо ҳеҷ гоҳ ба сари халқи дигаре лашкар накашидаанд, ҳеҷ хонаи ороми миллатеро ноором накардаанд ва садои қалби модареро баланд нанамудаанд:

*Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне*
*Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина*
*Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.*
*Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих*
*Тоҷик зи раҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб*
*Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст…*[76]

Бале тоҷик дар масири таърих аз миллатони боодобу бофарҳанги тамаддун будааст. Аз ҳамин боодобиаш ӯ доимо зери азияти беадабон мемондааст. Дар кӯчаҳо ва давраҳои ин таърих борҳо қаҳрамонони миллатро бо мушти хок дар ғарибиҳо гӯронда, дузду ғоратгару

[75] Рашиддудин, Ҷомеъ-ут-таворизх. – Теҳрон: Албурз.б.с.н. – С. 914-918.
[76] Лоиқ Шерали. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 105.

ватанфурӯшро дар пешгоҳи ғоратгарони аҷнабӣ, дар ватан дидаем. Фарзандони содиқу донишманди ӯро дар аксари мамолики дунё то ба «шоҳи файласуфию», «баҳри маърифат», «асосгузори илми тиб», «пири ҳакимони машриқзамин» эътироф кардаанду, дар ватан ва сарзамини бобоияшон ҳукм ба куфру қатл – насибашон… Ғарбиён асрҳо номҳои фарзандони донишманди ӯро дар замони эҳё ливои инқилоби илмии хеш қарор дода, илм ва фарҳанги дунёи куҳанро бо либоси нав оро дода заминаи илмии замони навро омода намуданд, аммо гузаштагони мо дар асрҳои миёна ва замони нав бо ҳукм намудану маҳкум кардани андешаҳои ин бузургон дарвозаи илмро таҳти таъсири таассубу хурофот ба рӯи халқ бастанд.

Ҳатто бузургонамонро ба монанди: Муҳаммад ибн Мусо ал Хоразмӣ (с. 780-850), Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал Марвазӣ (с.770-866), Абул Аббос Аҳмад ибни Муҳаммад ал Фарғонӣ (асри IX), Абул Вафо Муҳаммад ибн Муҳаммад ал Бузҷонӣ (с. 940-988), Абумаҳмуд ибни Хизри Хуҷандӣ (асри X ), Закариёи Розӣ (с. 865-925), Абуалӣ ибни Сино (с. 980-1037) Абурайҳони Берунӣ (с. 973-1048), Умари Хайём (с. 1048-1123) қабл аз худи мо ғарбиён шинохтанд, ва эҷодиёташонро, ки кашшофи зиёд аз асрорҳои табиат буданд, онҳо омӯхтанд ва истифода карданд, аммо мо натавонистем.

Аммо бархилофи ин ҳама мо борҳо марги олимону шоирону содиқони ватану эътиқоддорони асилро бо ҷурми хоинӣ, лодинӣ дар ватан дидаю садрнишинии мутаассибону ҷоҳилонро дар маснади ғосибони ин мулкҳо. Ин ҳамаро дар таърихи халқи азияткашидаи хеш зиёд ёфтаем. Аз ин рӯ, омӯзиши ин таърих ва ҳатто дарс гуфтан аз ҷанбаҳои мухталифи он барои ҳар инсони худшинос азиятовар аст. Вале чӣ илоҷ, ки он таърихи мост, таърихи фарзандони ин миллат, яъне халқе, ки барои обурангии фарҳангӣ, устувории тамаддунҳо ва пешравиҳои инсоният хизматҳои беандоза бузург карда, вале дар зиндагии худ аз ҳикмати зиндагӣ, хони маърифати ватандорӣ азиятҳои зиёд кашидааст. Ягона воситае, ки ӯро дар ин ҳама кашмакашиҳо ва ғоратгариҳо ҳифз намуд ин донишаш, забонаш ва фарҳанги созандааш будааст: «Лек лафзи модарияш, Ҳамчу номи модараш, Дар забону дар даҳонаш монд, монд» (Бозор Собир). Албатта, ин таърих бо ҳама вазнинӣ, ҳама талхӣ ва ҳама беинсофиаш ҷузъи фарҳанги миллати мо, пораи ҷудонашавандаи ҳастии аҷдодони мо ва мактаби бузург, сахтгир ва адабпарвари хотираи мафкураи мост. Мо хуб эҳсос менамоем, ки эътиқод ва боварӣ фарҳангро муайян мекунад, фарҳанг бошад миллатро тарбия менамояд. Ин фарҳанги миллиро **омӯхтан, донистан, гиромӣ доштан ва бо саҳифаҳои зафарманди он ифтихор кардану аз камбуду норасоиҳояш сабақ бардоштан вазифаи муқаддаси мост.**

**Пешво ва бунёди давлати нави миллӣ**

Давлатсозию давлатдорӣ кори чанд даҳсола ва ҳатто як насли инсонӣ набуда, он як давррони дурударози таърихӣ ва пайвасти ногусастании наслҳо, анъанаҳо ва арзишҳои халқиятро тақозо дорад. Шукр мекунем, ки тайи ин муддат корҳои зиёди давлатсозию давлатдориро паси сар намуда, дар шоҳроҳи таҷрибаи идоракунии пешқадами ҷаҳонӣ нухба ва бунёдгузори давлати миллии худро пайдо намудем. **Истиқлоли давлатӣ**

**роҳи фардои давлати миллии моро таҳти сиёсати Бунёдгузори давлати тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муайян кард. Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва касби истиқлолияти давлатӣ, тавре профессор Ализода З.М. ҳақиқатнигорона таъкид менамоянд, масъалаи муайян намудани шоҳроҳи давлатдорӣ ва ташкили падидаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ нахустин шуда назди Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон истода буд[77].**

Интихоби роҳи дурусти таърихии рушди давлат ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона вазифаи навбатии тақдирсоз барои ҳар миллати дар бунёди давлати хеш камарбаста маҳсуб мешуд. Дуруст муайян намудани ният ва ормони халқ дар кори тарҳрезии шакли идора, режими сиёсӣ ва сохтори давлатӣ, ки аз он муносибати халқ бо мардуми ҷаҳон мазмун мегирад, калиди иморати бинои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нуқтаи ибтидоии ин роҳ ба шумор мерафт. Калиди ин иморат ва нуқтаи ибтидоии ин роҳро роҳбари ҷавон дуруст дарёб намуд.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан Роҳбари давлат ин ҳаққи табиии халқро эҳтиром гузошта таъкид намуданд, ки «Халқи Тоҷикистон худ роҳи фардои идораи давлатро муқаррар мекунад». Дар ин фикр чанд ҳикмат нуҳуфта. Аввал ин ки Роҳбар ҳаққи худмуайянкунии халқро эҳтиром гузошта, ҷонибдорӣ аз санадҳои ҳуқуқии байналмилал карданд. Сониян ҳамчун роҳбари демократ иродаи шахсии худро ба иродаи мардум пайвастанд. Солисан, хишти аввали бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро бо пешниҳоди ҳаққи худмуайянкунӣ ва худфаъолшавӣ ба халқ тарҳрезӣ карданд.

Роҳбар ҳанӯз аз рӯзҳои аввали зимоми идораи давлатро ба даст гирифтан таъкид карда буд: **«Мақсади мо бунёди давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Ин мақсаду мароми аксарияти аҳолии ҷумҳурӣ мебошад. Ин роҳи мост ва мо ҳеҷ вақт аз ин роҳ намегардем»**[78].

**Халқи Тоҷикистон ба шоҳроҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ягона ва иҷтимоӣ думболи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ баромад. Расидан ба ин мақсадҳои олӣ вақтро тақозо менамояд, зеро ин раванд аст ва он пайваста дар идома мебошад, муҳим он аст, ки раванд оғоз шудааст.**

Роҷеъ ба он, ки Эмомалӣ Раҳмон барои давлати муосири тоҷикон нақши бунёдгузориро дорад, хизматҳои наҷотдиҳанда ва созандаи ӯ дар соҳаи сиёсати давлатӣ, тарҳрезии низоми ҳуқуқӣ, шаклгирии иқтисодиёти миллӣ, таҳияи низоми адолати иҷтимоӣ, ҳифз ва рушди фарҳанги пурғановат ва дигар ҷанбаҳо барои гӯши шунавою чашми бино далолати иловагиро талаб надорад.

**Дар ин шоҳроҳ Роҳбари мо халқро аз парокандашавӣ, миллатро аз нестшавӣ, давлатро аз завол наҷот дода, оташи ҷангро хомӯш ва ҷойи ҷаҳлу фитна оромию саодатро ба сарзамини мо овард.** Роҳи тайкардаи ин шахсияти таърихӣ барои халқи тоҷик аз бисёр ҷиҳат роҳи бунёдгузорони

[77] Ализода З. Становления института парламента в Республике Таджикистан: проб-лемы теории и практики. – Душанбе, 2011. – С. 4.

[78] Баҳри ободии ватан. Суханронӣ дар маҷлиси кормандони комплекси агросаноатӣ. Марти соли 1993. Ниг. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. – Душанбе, 2002. – С. 52.

давлатҳои миллии классикиро дар замони нав мемонд. Вақт, замона, таърих, манфиатҳо ва орзӯю умеди халқи тоҷик корнамоиҳои ин шахсиятро барои имрӯзу фардои худ бидуни шубҳа ба мисли падарон асосгузорони давлатҳои миллии муосир, чун Т. Ҷеферсону Ҷ. Вашингтон барои амрикоиҳо, Махатма Гандию Дж. Неру барои мардуми ҳинд, Генерал Де Гол барои фаронсавиёну Отатурк барои туркҳо, қабул хоҳад кард. Дар акси ҳол таърих моро нахоҳад бахшид.

Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон воқеан шахсест, ки таҳти роҳбарияш давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон бунёд гардида, ҳамчун субъекти мустақили сиёсӣ ба харитаи сиёсии ҷаҳон ворид шуд. Муҳимтар аз ҳама, Пешвои мо ба дардҳои таърихии миллат даво бахшида халқи тоҷикро ҳамчун миллати сиёсии дорои давлат, фарҳанг ва тамаддуни хосаи ҳуқуқӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кард.

Имрӯз бо дарки масъулият дар назди таърихи талхи халқ, дар назди номи неки миллат ва дар наздиояндагон, ки онҳо низ аз мо умедҳои калон доранд, аққалан ба хотири он ки пас аз мо фарзандону наберагонамон нагӯянд, ки гузаштагони наздикамон ба мо чӣ мондаанд (?), мо мардуми Тоҷикистон бояд атрофи Роҳбари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти муҳтарами мамлакат Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, истиқлолияти давлатиро бо кору фаъолияти содиқона, беғаразона ва дастовардҳои назарраси меҳнатӣ муаррифӣ ва ҳифз намоем.

Таърих ба мо боз имкони бузурги сиёсию ҳуқуқӣ дар кори ташкили давлати мазмунан миллию шаклан демократиро таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат додааст. Халқи Тоҷикистон агар аз ин имкони таърихӣ бо эҳтироми муқаддасоти миллӣ ва муттаҳидӣ атрофи роҳбару садоқат ба Ватан истифода нанамояд, ваҳдату амонии худро қадр накунад, замона дигар моро намебахшад.

Адабиёт:


1. Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 28-умин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе аз 09.09.2019.
2. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. – Душанбе: Маориф, 1978. – С. 80.
3. Ала-ад-Дин Ата-Мелик Джувейни, Чингисхан. История завоевателя мира / Перевод с текста Мизры Мухаммеда Казвини на английский язык Дж. Э. Бойла с предисловием и библиографией Дэвида О. Моргана // Перевод текста с английского на русский язык Е.Е. Харитоновой. Издательский Дом МАГИСТР-ПРЕСС. – Москва, 2004. – С. 532.
4. Ализода З. Становления института парламента в Республике Таджикистан: проб-лемы теории и практики. – Душанбе, 2011. – С. 4.
5. Бозор Собир. Оташи барг. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 10.
6. Бред Гуч, Секрет Руми.Жизнь суфийского поэта любви / Пер. с английского П. Джамшедов. – Душанбе: «ЭР-граф». 2021. – С. 232.

7. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – С. 351.; 510 ва ғ.
8. Геродот. История. – М., 1972. – С. 245.
9. Давлатзода Д. Мусулмонон таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – С. 383.
10. Давлатзода Д. Мусулмонон таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. Душанбе: «ЭР-граф», 2017. С. ийского П. Джамшедов. Душанбе «ЭР-граф».2021.С.129.
11. Жан - Поль Ру История Ирана и иранцев: от истоков до наших дней. – Санкт-Петербург, 2015. – С. 16.
12. Лоиқ Шерали. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 13.
13. Лоиқ Шерали. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 105.
14. Муродӣ А. Шафақи шом. Душанбе 2020. «Абдураҳмон-Р». – С. 7.
15. Раҳимӣ Ф. Даъвати созандаю дурандешонаи Пешвои муаззами миллат: рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ асоси пешрафти ҷомеа. // Мероси ниёгон. №22. – 2020. – С.101.
16. Рашиддудин, Ҷомеъ-ут-таворизх. – Теҳрон: Албурз.б.с.н. – С. 914-918.
17. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. – Душанбе, 2002. – С. 52.

# ҲУҚУҚ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ

**Раҳмон Дилшод Сафарбек,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии, д.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 918675282
**E-mail:** s_dilshod85@mail.ru

**Азимов Сунатулло Шераҳмадхонович**,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ таҳлил гардида, дурнамои рушди низоми ҳуқуқии кишвар муайян гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳони имрӯза, имкониятҳои таъсири технологияҳои рақамӣ (аз ҷумла шабакаи ҷаҳонии Интернет, технологияи зеҳни сунъӣ ва ғ.) ба ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад, ки ин ба дигаргуншавии ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Технологияҳои муосири рақамӣ мазмун ва моҳияти ҳуқуқро ба қавле дигаргун (трансформатсия) сохта, ба самаранокии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Дар мақолаи мазкур муаллифон кушиш намудаанд, ки дигаргуншавӣ ва инкишофи низоми ҳуқуқиро дар заминаи таъсири технологияҳои рақамӣ муайян намоянд.

***Калидвожаҳо:*** Ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, дигаргуншавӣ, дурнамо, технология, технологияҳои рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ.

# ПРАВО И ПРАВОВАЯ СИСТЕМА В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

**Рахмон Дилшод Сафарбек,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведение, д.ю.н.
**Тел.:** (+992) 918675282

**E-mail:** s_dilshod85@mail.ru

**Азимов Сунатулло Шерахмадхонович**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Аннотация:** В статье рассматриваются теоретические и практические вопросы, касающиеся права и правовой системы в контексте развития цифровых технологий. Кроме того, определяются перспективы развития правовой системы страны.

В условиях глобализации, сложной и тревожной ситуации, сложившейся сегодня в регионе и мире, наблюдается потенциальное влияние цифровых технологий (включая Интернет, технологии искусственного интеллекта и др.) на право и правовую систему, что может привести к изменению законодательства, правовой системы и правоотношений. Появление современных цифровых технологий привело к трансформации содержания и сущности права, что отразилось на эффективности правового регулирования.

В данной статье авторы попытались выявить трансформацию и развитие правовой системы под влиянием цифровых технологий.

***Ключевые слова*:** Право, правовая система, законодательство, трансформация, перспектива, технология, цифровые технологии, информационные технологии, глобализация.

## LAW AND THE LEGAL SYSTEM IN THE CONTEXT OF THE DEVELOPMENT OF DIGITAL TECHNOLOGIES

**Rahmon Dilshod Safarbek,**
Tajik National University, Faculty of Law, Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law, d.l.s.
**Phone.:** (+992) 918675282
**E-mail:** s_dilshod85@mail.ru

**Azimov Sunatullo Sherahmadkhonovich**,
Tajik National University, Faculty of Law, assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law
**Phone.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Annotation:** This article examines theoretical and practical issues pertaining to the law and legal system in the context of the development of digital technologies. Additionally, it identifies prospects for the development of the country's legal system.

In the context of globalisation and the complex and alarming situation in the region and the world today, the potential influence of digital technologies (including the Internet, artificial intelligence technologies, etc.) on law and the legal system is being observed, which may result in changes to legislation, the legal system and legal relations. The advent of modern digital technologies has resulted in a transformation of the content and essence of law, with implications for the efficacy of legal regulation.

In this article, the authors have tried to identify the transformation and development of the legal system based on the influence of digital technologies

***Keyword:*** Law, legal system, legislation, transformation, perspective, technology, digital technology, information technology, globalisation.

**«Замони муосир талаб мекунад, ки тамоми равандҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ тавассути истифода аз технологияҳои рақамӣ ва иттилоотиву иртиботӣ дар заминаи инфрасохтори иттилоотӣ роҳандозӣ карда шаванд».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Тамоюли фаъолона ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон бо назардошти дастовардҳои бузурги иттилоотию технологӣ, ҷомеаи ҷаҳониро бо ҷаҳонишавии мушкилоти гуногуни танзими муносибатҳои нави ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ намуда истодааст. Солҳои охир рақамикунонӣ дар миқёси ҷаҳон бо суръати баланд ҷараён дошта, давлатҳои ҷаҳон бо мақсади рушди иқтисодиёти худ аз онҳо ба таври васеъ истифода намуда истодаанд, ки ин ба пайдоиши падидаҳои нави ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ замина эҷод менамояд.

Дар робита бо рушди бусуръати иқтисодиёти рақамӣ ва пайдоиши муносибатҳои нисбатан нави ҳуқуқӣ зарурати эҷоди кафолатҳои ҳамоҳангшуда ва ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла кафолатҳои боэътимоди ҳифзи ҳуқуқие, ки истифодаи технолгияҳои рақамиро танзим мекунанд, пайдо мешавад. Дар ин замина созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳон ба хотири коҳиш додани хавфу хатарҳое, ки дар рафти истифодаи технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меоянд, стратегияҳои мутобиқгардонии қонунгузорӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои муосири рақамиро фаъолона таҳия ва қабул менамоянд.

А.Ғ. Холиқзода қайд менамояд: «Арзише, ки аз пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ва шинохти ақл ҳамчун нерӯи пешбарандаи таърих то имрӯз аҳаммияти худро гум накарда, маънии ҳастӣ ва риштаи инкишофи ҷамъияти инсониро дар атрофи хеш муттаҳид намуда, ҳамагуна қонуният, мақсад, вазифа ва кашишҳои иҷтимоиро тадриҷан тобеи хеш гардонида, гарав ва кафолати сулҳ, ваҳдат ва хушбахтии ояндаи халқу миллатҳо баромад намуданро ба дӯш гирифта тавонистааст, ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон

аст»[79]. Яъне, ҳуқуқ аз пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ба ҳамагуна қунуниятҳои иҷтимоӣ худро мутобиқ гардонида, яке аз шаклҳои асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон гардидааст.

Пешрафти илм ва технологияҳои муосири рақамӣ ба пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқӣ замина эҷод менамояд ва барои муносибатҳои нави ҳуқуқие, ки дар робита ба рақамикунонии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, шаклҳои нави танзими ҳуқуқӣ зарур мегардад. Дар ин маврид саволе ба миён меояд, ки оё бо ворид намудани технологияҳои рақамӣ ба ҳаёт ва фаъолияти инсон низоми ҳуқуқӣ дигаргун мешавад ё фақат дар доираи истилоҳоти он тағйирот мушоҳида карда мешавад?

Олими Рус Т.Я. Хабриева бар он ақида аст, ки «рақамикунонӣ» ба ҳуқуқ на танҳо ҳамчун низоми қоидаҳои умумӣ-ҳатмии муқаррарнамудаи давлат, балки ҳамчун раванд ва натиҷаи фаъолияти он, тартиботи ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва амали субъектони ҳуқуқ таъсири назаррас мерасонад ва он яке аз омилҳои муҳимми инкишофи ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад[80]. Яъне рушди технологияҳои рақамӣ ба ҳуқуқ ҳамчун низом, танзими ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва шаклу усулҳои он ва шуури ҳуқуқӣ таъсири бечунучарои худро мерасонад. Ҳуқуқ дар навбати худ, ба рушди технологияҳои рақамӣ ва ҷорӣ намудани он дар ҷомеа мусоидат менамояд.

Гурӯҳи дигари олимон А.В. Кузмин, Е.В. Гризунова ва Е.М. Смирнова дар робита бо таъсири технологияҳои рақамӣ ба ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ қайд менамоянд, ки рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки яке аз тамоюлҳои намоёни ҳамкорҳои иҷтимоию ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, ба афзоиши ҳаҷми гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва дар шакли рақамӣ интиқол додани он замина мегузоранд[81]. Яъне тамоюли ба таври фаъол ворид намудани технологияҳои нави электронии бехатар ба низоми ҳуқуқӣ ба баланд бардоштани самаранокии танзими муносибатҳои нави ҳуқуқӣ замина эҷод менамояд.

Дар замони муосир ба дигаргуншавӣ ва инкишофи низоми ҳуқуқӣ омилҳои гуногун, аз қабили омилҳои таърихию фарҳангӣ, ҷаҳонишавӣ, таҳаввулоти техникӣ ва ғ. таъсир мерасонад. Дар чунин шароит мутобиқшавии ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ дар заминаи пайдоиши чунин падидаҳои нави ҳуқуқӣ мушоҳида карда мешавад. Дар робита бо ин Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд, ки: «Ба инкишофи низоми ҳуқуқӣ омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ аз ҷумла сатҳи инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ, таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ, дарки воқеияти ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ, психология ва идеологияи ҳуқуқӣ, унсурҳои моддӣ ва

---

[79] Холиқзода А.Ғ., Шоев З.Ҷ., Шосаидзода Ш.Ш. Назаре ба асрори ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон (Монография). – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 3.

[80] Хабриева Т.Я. Право перед вызовами цифровой реальности // Журнал российского права. – 2018. – № 9. – С. 5-16.

[81] Кузьмин А.В., Грызунова Е.В., Смирнова Е.М. Цифровые технологии в правовой сфере // Социология и право. 2022. – Т. 14. – № 2. – С. 207-213.

маънавии фарҳанги ҳуқуқӣ, шароитҳои таърихии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ва ҳама падидаҳои ҳуқуқӣ, идеологияи давлат, режими сиёсӣ, анъанаҳои миллӣ, ахлоқи ҷомеа, масъулиятшиносӣ, сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, сатҳи зиндагӣ, бархурдорӣ аз ҳуқуқҳои инсон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, сатҳи фаъолнокии ҳуқуқии шаҳрвандон ва ғ. таъсир мерасонанд»[82]. Ба дигаргуншавӣ ва инкишофи низоми ҳуқуқӣ дар замони муосир дар қатори омилҳои дар боло зикр гардида, инчунин пешрафти илму техника ва ворид гардидани технологияҳои муосири рақамӣ ба ҳаёт ва фаъолияти инсон таъсир мерасонад. Дар заминаи таҳаввулоти илмию техникӣ имрӯз низоми ҳуқуқии баъзе аз давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ба қавле дигаргун (трансформатсия) шуда истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба пешрафти илму техника такони нав бахшида, ҷомеаро ба марҳилаи нави рушди иқтисодию иҷтимоӣ, ки дар он рақамикунонии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ба назар мерасад, ворид намуда истодааст. Дар ин замина, фароҳам овардани фазои ҳуқуқии мусоид дар ҷомеа вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад. Вобаста ба масъалаи мазкур Д.С. Раҳмон ва Б.С. Шерзода қайд менамоянд, ки: «Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст»[83]. Инчунин муҳаққиқ Ҷамшедзода К.Ҷ. ақидаи монандро вобаста ба масъалаи мазкур пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки бо пешрафти ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста тағйир ёфта, дар ин замина ба муносибатҳои нав мутобиқ гардонидани қонунҳо шарти асосии таъмин намудани рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар мебошад[84]. Яъне, дар замони муосир ҳаёти инсоният бо пешрафти илму техника доимо дар дигаргуншавӣ ва тағйирот қарор дорад ва низоми ҳуқуқӣ низ аз чунин тағйирот бе асар буда наметавонад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳони имрӯза, имкониятҳои таъсири технологияҳои рақамӣ (аз ҷумла шабакаи ҷаҳонии Интернет, технологияи зеҳни сунъӣ ва ғ.) ба ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад, ки ин ба дигаргуншавии ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Технологияҳои муосири рақамӣ  мазмун ва моҳияти ҳуқуқро ба қавле дигаргун (трансформатсия) сохта, ба самаранокии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Д.С. Раҳмон вобаста ба масъалаи фавқуззикр қайд менамояд, ки тақвиятёбии тамоюлҳои муосир дар ҳуқуқ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои ҳуқуқии кишварҳои муосир бе асар буда наметавонад. Дар чунин ҳолатҳо низоми ҳуқуқ хислати чандирӣ пайдо намуда, ба ҳар як навгонӣ

---

82 Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2023. – С. 647.

83 Ниг.: Раҳмон Д.С., Шерзода Б.С. Нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 6-20.

84 Ниг.: Ҷамшедзода К.Ҷ. Фаъолияти қонунгузорӣ ва тартиби  қабули қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон //  Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 394.

мутобиқ мегардад, вазифаҳои танзимнамоӣ ва муҳофизавии ҳуқуқ васеътар шуда, такмил меёбанд. Низоми ҳуқуқӣ ба қавле дигаргун (трансформатсия) шуда, қонуният ва ҷузъҳои таркибии он ба тағйирот рӯ ба рӯ шуда метавонанд[85]. Воқеан, ҷаҳонишавӣ хусусияти айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ) дошта бо омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва рушди технологӣ вобастагӣ дорад. Дар ин росто, омилҳои иқтисодӣ чун имконият ва омилҳои ҳуқуқӣ воситаи татбиқи ҳадафҳои ҷаҳонишавӣ дар дигар соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ баромад мекунанд[86]. Яқин аст, ки ташаккул ва инкишофи технологияҳои рақамӣ ба пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои нисбатан нави ҳуқуқӣ замина мегузорад ва дар ин маврид қонунгузорӣ пайваста такмил ёфта, бояд ба он мутобиқ гардад.

Дар назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ шакл ва механизми дигаргунсозии (трансформатсия)-и ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ ба таври кофӣ коркард нашудааст. Дар илми ҳуқуқшиносии давлатҳои хориҷӣ рақамикунонӣ дар заминаи ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи табиӣ, ки дар баробари рушди низоми ҳуқуқӣ дар замони муосир ба вуҷуд меояд, баррасӣ карда мешавад. Олимони ғарбӣ пеш аз ҳама ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рақамикунонии қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоиро дар асарҳои худ мавриди баррасӣ қарор додаанд[87], аз ҷумла: ба таври осон истифода намудани сарчашмаҳои ҳуқуқ дар шакли электронӣ; имконияти нигоҳ доштани ҳаҷми зиёди иттилоот дар шакли электронӣ; муқовимат ба ҳамлаҳои хакерӣ; таълими ҳуқуқшиносони оянда дар шакли фосилавӣ; инкишофи бозори хизматрасониҳои ҳуқуқии фосилавӣ ва ғ[88]. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди илму техника истифодаи технолонияҳои зеҳни сунъӣ низ дар қатори омилҳои дар боло зикргардида ба дигаргуншвии (трансформатсия)-и ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Технологияҳои зеҳни сунъӣ марҳила ба марҳила ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон ворид гардида, яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва пешрафти технологӣ дар давлатҳои ҷаҳон гашта истодааст.

Дар байни олимони рус низ вобаста ба мавзуи мазкур таваҷҷуҳи зиёд ба назар мерасад. Тадқиқоти онҳо дар доираи нисбатан маҳдуд вале муҳим, ки ба ҳалли мушкилоти марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мебошад, нигаронида шудааст. Баҳсҳо асосан дар самти ҷустуҷӯи роҳҳои муносиб ва таҳияи намунаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои молиявӣ, идоракунии давлатӣ ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ сурат мегиранд[89].

---

[85] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – С. 284.

[86] Ниг.: Сафарализода Д.С. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 3.

[87] Муфассал ниг.: Bastin R., Hurtaud S., Senequier L. Senequier. Digitisation of documents and legal archiving // Inside – Luxemburg: Deloitte, 2014.

[88] Муфассал ниг.: Germain Claire M. Digitizing the World's Laws // Cornell Law Faculty Working Papers, Paper 72. – Ithaca, 2010.

[89] Масалан ниг.: Радченко М.Ю., Горбунов В.П. Цифровое право будущего // II Всероссийская конференция «Право и Интернет: теория и практика» (28-29 ноября 2000 г., Россия, Москва). Доклады //

Агар аз лиҳози диалектикӣ назар афканем, дар зери мафҳуми «рақамикунонӣ» тағйирот ва дигаргуниҳое, ки дар ҷомеа тахти таъсири технологияҳои рақамӣ ба амал меоянд, фаҳмида мешавад. Аз ин лиҳоз, рақамикунонӣ яке аз омилҳои муҳиммест, ки ба ҳуқуқ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири назаррас расонида, боиси дигаргуншавии (транформатсия)-и он мегардад.

Бояд қайд намуд, ки истифода ва татбиқи технологияҳои рақамӣ ба инқилоби бузурги технологӣ дар ҷомеа замина мегузорад. Дар чунин шароит давлатҳои ҷаҳонро зарур аст, ки низоми ҳуқуқии худро ба ҷараёни инкишофи муносибатҳои нисбатан нави ҳуқуқӣ сари вақт мутобиқ гардонанд. Дар ин замина, низоми ҳуқуқӣ бояд тамоми талаботи объективии ҳаёти ҷамъиятиро ба таври мувофиқ инъикос намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини пешрафти ҷомеа дар кишвар нигаронида шавад.

Олимони тоҷик низ ба масъалаи мазкур рӯз то рӯз таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда истодаанд[90]. Чунки, истифодаи ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай то ба андозае мушоҳида карда мешавад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани нишондодҳои иқтисодӣ аз технологияҳои муосири рақамӣ ба таври васеъ истифода намуда истодааст.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ тадқиқоти мукаммал ва фарогир дар ин самт то ҳол анҷом дода нашудааст. Тадқиқоти олимони ватанӣ бисёртар ба паҳлуҳои нисбатан маҳдуди татбиқ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ равона карда шудаанд.

Бо дарназардошти рушди технологияҳои рақамӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёру муносибатҳои нави ҳуқуқӣ ворид гашта истодаанд, ки ин пеш аз ҳама барои инкишофи низоми ҳуқуқии кишвар мусоидат хоҳанд кард. Аммо як чизро бояд қайд намуд, ки бо ворид намудани технологияҳои рақамӣ ба ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа мушкилоти зиёди ҳуқуқӣ-назариявӣ дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд.

Вобаста ба масъалаи фавқуззикр Т.А. Раҳматзода чунин менависад: «Давраи рақамикунонӣ ин – давраи рушди тамаддуни инсонӣ мебошад, ки бо истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва гузариш аз шабакаҳои

---

http://www.ifap.ru/pi/02/r09.htm; Кузьмин А.В., Грызунова Е.В., Смирнова Е.М. Цифровые технологии в правовой сфере // Социология и право. 2022. – Т. 14. – № 2. – С. 207-213; Хабриева Т.Я. Право перед вызовами цифровой реальности // Журнал российского права. – 2018. – № 9. – С. 5-16; Терещенко Л.К. Модернизация информационных отношений и информационного законодательства: монография. — М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ: ИНФРА-М, 2013. — 227 с.; Гурко А. Искусственный интеллект и авторское право: взгляд в будущее // Интеллектуальная собственность. Авторское право и смежные права. 2017. № 12. – С. 7–18 ва ғ.

[90] Муфассал ниг.: Раҳматзода Д.Т. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ: автореф. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – 60 с.; Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – 479 с.; Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2023. – 688 с.; Ғаюров Ш.К. Назаре ба дурнамои илмҳои ҳуқуқшиносӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – Душанбе, 2018. – № 23-24. – С. 99-100.; Давлатзода К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо. – Душанбе, 2023. – 248 с. ва ғ.

аналогӣ  ба рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт хос аст. Он дар нимаи дуюми асри XX бо рушди технологияҳои компютерӣ ва интернет оғоз ёфта, имрӯз фаъолона рушд мекунад ва тамоми соҳаҳо ва ҷанбаҳои ҳаёти моро фаро мегирад. Давраи рақамикунониро тағйиротҳои назаррас дар ҷомеа, иқтисодиёт ва фарҳанг ҳамроҳӣ мекунанд. Он барои навоварӣ, рушди тиҷорат, беҳтар кардани хизматрасонӣ ва идоракунии захираҳо имкониятҳои нав фароҳам меорад. Аммо як қатор мушкилот ва таҳдидҳои муайянро ба монанди нобаробарии рақамӣ, таҳдидҳои амниятӣ ва махфият, идоракунии иттилоот ва ғайраро ба вуҷуд меорад»[91]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рақамикунонӣ ба ҳуқуқ, иқтисодиёт, ичнунин паҳлуҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳаёти инсон таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин шарту шароит он ҳамчун заминаи дигаргуншавии (трансофрматсия)-и ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи истифода ва табиқи технологияҳои рақамӣ зери таваҷҷуҳи махсуси давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста оид ба ахаммиятнок будани масъалаи рақамикунонии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ таъкид менамоянд, чунки масъалаи мазкур барои рушди давлату ҷомеаи мо дар шароити кунунӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар шароити муосир бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои рақамӣ масъалаи такамили қонунгузории ватанӣ ва мутобиқ гардонидани он бо падидаҳои нави ҳуқуқӣ дар ҷомеа ба миён меояд. Дар чунин шароит қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар  Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 28-уми декабри соли 2023 қайд намуданд, ки: «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад»[92]. Табиист, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди техникаву технологияҳои рақамӣ дар ҳаёт ва фаъолияти инсонӣ ислоҳоти гуногун гузаронида мешавад. Чунин ислоҳот ба пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқӣ дар ҷомеа замина мегузоранд ва дар чунин шароит мақомоти қонунгузорро зарур аст, ки барои танизими ин муносибатҳо тамоми саъю кӯшиши худро  равона созад.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистн бо дарназар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ ва ғ. амалӣ карда мешавад. Барои самаранок ҳал кардани вазифаҳои стратегӣ оид ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ,

---

[91] Раҳматзода Д.Т. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ: автореф. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 3.

[92] Ниг.: Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 28-уми декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (Санаи муроҷиат 16.03.2024).

масъалаи мазкур бояд ҳамаҷониба дида баромада шавад. Дар айни замон афзоиши ҳаҷми қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар кишвар мушоҳида карда мешавад. Ҳаду ҳудуди ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар қонунгузорӣ то ҳол ба таври зарурӣ пешбинӣ нашудааст, вале дар доираи қонунҳои алоҳида, меъёрҳо, консепсия ва стратегияҳои миллӣ дурнамои ҷорӣ ва истифодаи онҳо дар ин ё он шакл пешбинӣ шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои заминавӣ, ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография»[93]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ»[94]; Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2019, таҳти №642 тасдиқ шудааст; Стратегия миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2016, таҳти №636 тасдиқ шудааст; Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2022, таҳти № 483 тасдиқ шудааст ва ғ. қабул карда шудаанд, ки барои истифода ва татбиқи минбаъдаи техологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки санадҳои фавқуззикр асосан таҳкими асосҳои рақамӣ, ба монанди таъсиси инфрасохтори муосири рақамӣ ва таъмини ҳамаҷонибаи дастрасӣ ба Интернет, рушди низомҳои муосири алоқа, таъсиси дата-марказҳо ва платформаҳои рақамиро пешбинӣ менамоянд.

Умуман, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт чунин тавсиф намудан мумкин аст:

- Ҳолати воқеии қонунгузории соҳаи мазкур ба таври мушаххас то ҳол муайян карда нашудааст;
- Консепсияҳои расмӣ ва илмии таҳияи қонунгузорӣ дар ин самт дар сатҳи зарурӣ коркард нашудааст;
- Дар ҷумҳурӣ дата-марказҳо (давлатӣ ва шахсӣ) таъсис дода шудаанд, аммо сатҳи пасти дастрасӣ ба Интернет таъсис ва рақамикунонии маълумотро бозмедорад, ки ин боиси сатҳи бисёр пасти истифодаи дата-марказҳо мегардад;
- Механизмҳои муайян намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни фаъолияти муштараки иттилоотӣ ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ, аз ҷумла дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои алоқа то ҳол муайян карда нашудааст;
- Таҷрибаи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ дар ин самт кам ба назар мерасад ғ.

[93] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз 3 июли соли 2012 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 689.

[94] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 6, моддаи 532; №7, мод. 682, мод. 560; с. 2011, №3, мод. 166.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самтҳои гуногуни қонунгузории баъзе аз давлатҳои ҷаҳон дар заминаи рақамикунонӣ инкишоф ёфта, дигаргун (трансформатсия) шуда истодаанд. Муносибатҳои марбут ба «рақамикунонӣ» бо доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, аз ҷумла:

- санадҳои банақшагирии стратегӣ (Ҷумҳурии Белорусия ва Қазоқистон)[95];
- Консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ (Ҷумҳуриии Қазоқистон ва Арманистон);
- Қонунҳои махсусгардонидашуда (Фаронса – Қонун «Дар бораи ҳукумати рақамӣ» соли 2016; Британияи Кабир – Қонун «Дар бораи иқтисоди рақамӣ» соли 2017; 16-уми феврали соли 2017 Парламенти Иттиҳоди Аврупо меъёрҳои махсусгардонидашудаи маданӣ-ҳуқуқиро оид ба робототехника тасдиқ намуд; 27-уми феврали соли 2018 Олмон биткоинро ҳамчун яке аз воситаҳои прдохт эътироф намуд;
- Санадҳои зерқонунӣ.

Бисёр давлатҳо, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба «рақамикунонӣ» пеш аз ҳама ба қонунгузорӣ такя мекунанд. Бо дар назардошти он, ки муносибатҳо дар ин соҳа доимо дар ҷараёни инкишоф қарор доранд, ба андешаи мо, дар қатори санадҳои банақшагирии стратегӣ инчунин ба қонунҳои махсугардонидашуда дар ин самт такя намудан самаранокии танзими муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин самт афзоиш медиҳад. Барои инъикоси дурусти ҷараёни ташаккул ва инкишофи технологияҳои рақамӣ низоми ҳуқуқӣ хусусияти чандирӣ пайдо мекунад ва қонунгузорӣ бояд худро бо ин навгониҳо мутобиқ созад. Дар чунин шароит дар қатори қонунгузории миллии давлатҳои алоҳида инчунин нақши ҳуқуқи байналмилалӣ низ дар танзими муносибатҳои соҳаи мазкур ба таври назаррас меафзояд.

Хулоса, аксарияти давлатҳои ҷаҳони имрӯза дар талоши пайдо намудани намунаи муносиби танзими меъёрии ҳуқуқии муносибтҳои ҷамъиятие, ки дар робита бо «рақамикунонӣ» ба вуҷуд меоянд, мебошанд. Аз ин рӯ, дар аксарияти давлатҳо мақоми қонунгузор ба таҳияи санадҳои банақшагирии стратегӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсусгардонидашуда дар ин самт таваҷҷуҳ зоҳир намуда истодаанд.

**Адабиёт:**

1. Хабриева Т.Я. Право перед вызовами цифровой реальности // Журнал российского права. – 2018. – № 9. – С. 5-16.

[95] Муфассал ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Белорусия «Дар бораи рушди иқтисоди рақамӣ» аз 21 декабри соли 2017, таҳти № 8, ки масъалаи истифода ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии блокчейн ва дигар технологияҳое, ки дар асоси принсипҳои тақсимот, ғайримарказикунонӣ ва амнияти амлиётҳои молиявӣ бо истифода аз онҳо анҷомшавандаро танзим мекунанд. – Манбаи дастрасӣ: http://president.gov.by/ru/official_documents_ru/view/dekret-8-ot-21-dekabrja-2017-g 17716/ (Санаи муроҷиат 25.03.2024).; Барномаи давлатии «Қазоқистони рақамӣ» аз 12 декабри соли 2017, таҳти № 827, ки масъалаи истифода ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти ин кишва пешбинӣ менамояд. Дар доираи Барномаи мазкур рушди технологияҳои рақамӣ бояд ба ба рушди рақаобатпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар дохили ин кишвар оварда расонад. – Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P1700000827/history (Санаи муроҷиат 25.03.2024).

2. Кузьмин А.В., Грызунова Е.В., Смирнова Е.М. Цифровые технологии в правовой сфере // Социология и право. 2022. – Т. 14. – № 2. – С. 207-213.
3. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 28-уми декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (Санаи муроҷиат 16.03.2024).
4. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – 479 с.
5. Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2023. – 688 с.
6. Раҳмон Д.С., Шерзода Б.С. Нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 6-20.
7. Bastin R., Hurtaud S., Senequier L. Senequier. Digitisation of documents and legal archiving // Inside – Luxemburg: Deloitte, 2014.
8. Germain Claire M. Digitizing the World's Laws // Cornell Law Faculty Working Papers, Paper 72. – Ithaca, 2010.
9. Ҷамшедзода К.Ҷ. Фаъолияти қонунгузорӣ ва тартиби қабули қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – 736 с.
10. Холиқзода А.Ғ., Шоев З.Ҷ., Шосаидзода Ш.Ш. Назаре ба асрори ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон (Монография). – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 228 с.
11. Радченко М.Ю., Горбунов В.П. Цифровое право будущего // II Всероссийская конференция «Право и Интернет: теория и практика» (28-29 ноября 2000 г., Россия, Москва). Доклады // http://www.ifap.ru/pi/02/r09.htm.
12. Терещенко Л.К. Модернизация информационных отношений и информационного законодательства: монография. — М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ: ИНФРА-М, 2013. — 227 с.
13. Гурко А. Искусственный интеллект и авторское право: взгляд в будущее // Интеллектуальная собственность. Авторское право и смежные права. 2017. – № 12. – С. 7-18.
14. Сафарализода Д.С. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – 217 с.
15. Раҳматзода Д.Т. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

шароити рақамикунонӣ: автореф. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – 60 с.

16. Ғаюров Ш.К. Назаре ба дурнамои илмҳои ҳуқуқшиносӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – Душанбе, 2018. – № 23-24. – С. 99-100.

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз 3 июли соли 2012 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 689.

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 6, моддаи 532; №7, мод. 682, мод. 560; с. 2011, №3, мод. 166.

19. Фармони Президенти Ҷумҳурии Белорусия «Дар бораи рушди иқтисоди рақамӣ» аз 21 декабри соли 2017, таҳти № 8. – Манбаи дастрасӣ: http://president.gov.by/ru/official_documents_ru/view/dekret-8-ot-21-dekabrja-2017-g 17716/ (Санаи муроҷиат 25.03.2024).

20. Барномаи давлатии «Қазоқистони рақамӣ» аз 12 декабри соли 2017, таҳти № 827.– Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P1700000827/history (Санаи муроҷиат 25.03.2024).

21. Давлатзода К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо. – Душанбе, 2023. – 248 с.

22. Хабриева Т.Я., Черногор Н.Н. Право в условиях цифровой реальности // Журнал российского права. 2018. – № 1. – С. 85-102.

23. Зорькин В.Д. Право в цифравом мире. Размышление на полях Петербургского международного юридического форума // Российская газета. – Столичный выпуск. – № 7578 (115).

24. Власова С.В. К вопросу о приспосабливании уголовно-процессуального механизма к цифровой реальности // Библиотека криминалиста. Научный журнал. 2018. – № 1. – С. 9-18.

# ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел:** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Собирзода Аловуддин Ҷабор,**
муовини Акдемияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардор оид ба қисми низомӣ, полковники милитсия
**Тел.:** +992 93 992 69 18
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Муқарриз:** Мансурзода А.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур асосҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди матраҳ қарор гирифтаанд. Зикр гардидааст, ки дар Тоҷикистон сиёсати муваффақи иҷтимоӣ роҳандозӣ гардидааст, ки ҷузъи таркибии онро ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташкил медиҳад. Муаллиф ба он назараст, ки таъмини кормандон бо манзили истиқоматӣ – яке аз бахшҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳлил асоснок гардидаст, ки муқаррарнамоӣ ва дар амал татбиқ намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз мукаммалии қонунгузории соҳа вобаста мебошад. Ба фикри муаллиф, ҳар қадар қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи иҷтимоӣ такмилёфта бошад, ҳамон қадар кафолату имтиёзҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар сатҳи баланд амалӣ мегарданд.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, кафолат, мақомоти корҳои дохилӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, кормандони милитсия, имтиёзҳо, музди меҳнат, манзили истиқоматӣ, ҳавасмандгардонӣ, дигар кафолатҳои иҷтимоӣ, стратегия.

# О НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМАХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**

Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой теории и истории государства и права, доктор юридических наук, профессор
**Тел** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Собирзода Аловуддин Джабор,**
Акдемия МВД Республики Таджикистан, заместитель начальника по военной части, полковник милиции
**Тел.: +992 93 992 69 18**
**E-mail: sobirzoda76@bk.ru**

**Аннотация:** В статье рассмотрены основы государственной политики Республики Таджикистан в области социальной защиты сотрудников органов внутренних дел. Отмечается, что в Таджикистане успешно реализуется социальная политика, которая включает в себя также и социальную защиту сотрудников органов внутренних дел. Автор полагает, что в области социальной защиты сотрудников органов внутренних дел обеспечение жилым помещением является одним из важнейших направлений государственной политики Республики Таджикистан. В результате анализа обосновано, что установление и практическая реализация социальных гарантий для сотрудников органов внутренних дел зависит от полноты соответствующих отраслей законодательства. Автор полагает, что чем совршеннее законодательство страны в сфере социальной защиты сотрудников органов внутренних дел, тем выше гарантии их эффективной реализации.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, государственная политика, правовая политика, право, гарантия, органы внутренних дел, социальная защита, сотрудники милиции, льготы, зароботная плата, жилое помещение, поощрение, другие социальные гарантии, стратегия.

## ON SOME PROBLEMS OF THE STATE POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF SOCIAL PROTECTION OF EMPLOYEES OF MINORAL AFFAIRS BODIES

**AzizzodaUbaidullo Abdullo,**
Tajik National University, Faculty of Law, head of the Department of Theory and History of State and Law, doctor of juridical science, professor
**Phone:** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Sobirzoda Alovuddin Jabor,**
Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Deputy Head of the military unit, Colonel of Militia
**Phone.:** +992 93 992 69 18
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Annotation:** The article examines the fundamentals of the state policy of the Republic of Tajikistan in the field of social protection of employees of internal affairs bodies. It is noted that social policy is being successfully implemented in Tajikistan, which also includes social protection of employees of internal affairs bodies. The author believes that in the field of social protection of employees of internal affairs bodies, providing housing is one of the most important areas of state policy of the Republic of Tajikistan. As a result of the analysis, it is substantiated that the establishment and practical implementation of social guarantees for employees of internal affairs bodies depends on the completeness of the relevant branches of legislation. The author believes that the more advanced the country's legislation in the field of social protection of employees of internal affairs bodies, the higher the guarantees of their effective implementation.

**Key words:** Republic of Tajikistan, state policy, legal policy, law, guarantee, internal affairs bodies, social protection, police officers, benefits, wages, housing, incentives, other social guarantees, strategy.

Функсияи иҷтимоии давлат пеш аз ҳама, ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои рушди ҳама ва таъмини сатҳи шоистаи зиндагии инсон нигаронида шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати муваффақи иҷтимоӣ роҳандозӣ гардидааст, ки ҷузъи таркибии онро ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташкил медиҳад. Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Гузоштани масъалаҳои иҷтимоиро дар мадди аввали сиёсати давлати навбунёд, таъмини амният ва некӯаҳволии ҷомеа талаб мекарданд. Ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои иҷтимоӣ аз таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ вобаста мебошад[96].

Яке аз бахшҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин таъмини кормандон бо манзили истиқоматӣ мебошад. Ин масъала ҳануз дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз соли 1992 чунин муқаррар шуда буд: мақомот ва муассисаҳои милитсия ҳуқуқ доранд барои кормандони худ, ки эҳтиёҷмандони беҳтар намудани шароити манзил мебошанд, аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор бо минбаъд пардохт намудани панҷоҳ фоизи арзиши он аз ҷониби корманди милитсия манзилгоҳ харанд[97]. Шахсоне, ки аз тарафи мақомоти милитсия ба кор

[96] Малоҳати Р. Асосҳои назариявии рушди сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/1 (58). – С. 446.
[97] Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» аз 2 майи соли 1992, №650.

қабул карда шудаанд, ки бо хонаи истиқоматӣ, биноҳои истиқоматии хизматӣ дар шакли квартира ё хонаи алоҳида таъмин карда нашудаанд, бояд тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун аз тарафи мақомоти маҳаллии хокимияти давлатӣ ва ба нозирони участкавии милитсия - на дертар аз шаш моҳ аз лаҳзаи ба вазифа омаданашон дода шаванд[98].

Моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи милитсия» ба масъалаи таъмини кормандони милитсия бо манзил бахшида шуда, имтиёзҳо ва кафолатҳои гуногун оид ба дастрас намудани манзили истиқоматиро пешбинӣ менамояд. Нишондоди мазкури қонунгузорӣ аз сиёсати бомуваффақонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоӣ дарак медиҳад.

Пешвои миллат дар яке аз суханронияшон таъкид намуда буданд, ки «Дар ин муддат беш аз 750 нафар корманд ва оилаҳои бесаробонмондаи кормандони милитсия бо манзили истиқоматӣ ва зиёда аз 3000 нафар бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин карда шуданд. Аз ҷумла, санаи 10.11.2021 дар рӯзи иди касбӣ боз 40 нафар корманди милитсия дар шаҳри Душанбе соҳиби манзили истиқоматӣ гардиданд»[99]. Дар сафарҳои кории худ ба шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Пешвои миллат дар баробари дигар иншоотҳо, биноҳои хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилиро мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ҷумла, санаи 30 марти соли 2023 дар шаҳри Истиқлол хонаҳои истиқоматии хизматии кормандони шуъбаи Вазорати Корҳои Дохилӣ дар шаҳри Истиқлол ифтитоҳ гардид, ки он аз 5 ошёна иборат буда, дар он барои зисту зиндагии кормандони мақомоти милитсия тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Тамоми хонаҳо бо лавозимоти рӯзгор муҷаҳҳаз буда, пурра аз таъмир бароварда шудааст.

Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дигари муҳими дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин музди меҳнат ва таъмини нафақа ба ҳисоб меравад. Кормандони мақомот вазифаҳои хатарнокро иҷро намуда, пайваста ба саломатию ҳаёти худ таваккал менамоянд. Аз ин рӯ, онҳо бояд бо музди меҳнати қонеъкунанда ва нафақаи мувофиқ барои зиндагии осоишта басанда таъмин карда шаванд. Унсури муҳимми дастгирии иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ музди меҳнати онҳо мебошад, ки дар шакли кӯмакпулӣ сурат мегирад.

Мувофиқи андешаи муҳаққиқон ва муқаррароти қонунгузорӣ ба ёрдампулии кормандон инҳо дохил намудан мумкин аст: музди меҳнат барои вазифаи ишғолкарда, маоши рутбаи махсус; мукофотпулии фоизӣ барои солҳои кор; мукофотпулиҳои фоизӣ барои дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ; ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои иловагӣ. Таъминоти пулии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои баланд бардоштани нуфузи

---

[98] Кудратов М.О., Махмудов М.А. Понятие правовой и социальной защиты сотрудников милиции (полиции) // Номаи донишгоҳ. – 2015. – № 4 (45). – С. 50.

[99] Иштирок дар чорабинии тантанавӣ ба муносибати "Рӯзи милитсияи тоҷик", 10.11.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

хизмат, инчунин таҳкими интизом ва қонунияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аҳаммияти калон дорад[100].

Пешвои миллат дар суханронии худ бахшида ба «Рӯзи милитсияи тоҷик» дар санаи 10 ноябри соли 2021 иброз доштанд, ки «Ҳукумати мамлакат барои зина ба зина беҳтар намудани шароити хизмат ва зиндагии кормандон, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии ҳайати шахсӣ ва тақвият бахшидани заминаҳои моддиву техникии мақомоти милитсия тадбирҳои муассир меандешад. Танҳо дар даҳ соли охир ҳаҷми маблағгузории мақомоти милитсия аз ҳисоби буҷети давлат беш аз 150 фоиз афзуда, музди меҳнати кормандон ба ҳисоби миёна се баробар зиёд карда шуд»[101].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз соли 2004 дар моддаи 21, масъалаи пардохти музди меҳнати кормандони милитсияро муқаррар намудааст. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, махсусан дар бахши музди меҳнат қариб дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти кишвар мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, дар Паёми ҷамъбастии соли 2021 таъкид гардидааст, ки «Ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла бо роҳи мунтазам таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромади аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендияҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин давра мебошанд. Бо дарназардошти ин ва бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми январи соли 2022 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад»[102].

Чунин пешниҳоди Президенти кишвар дар Паёми соли 2023 низ ба назар мерасад[103]. Масалан, дар ин робита Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 09 январи соли 2024, № 672 ба тасвиб расида[104], тибқи он аз 1 январи соли 2024 маоши вазифавӣ (меъёрҳои тариф)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 40 дарсад зиёд карда шуданд.

---

[100] Набока А.А. Особенности социальной защиты сотрудников органов внутренних дел Российской Федерации // Административное право / Административная деятельность полиции. – 2020. – № 4. – С. 56.

[101] Иштирок дар чорабинии тантанавӣ ба муносибати "Рӯзи милитсияи тоҷик", 10.11.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

[102] Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 12.01.2024).

[103] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28-уми декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 18.01. соли 2024).

[104] Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 09 январи соли 2024, № 671 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 15.02.2024).

Бояд тазаккур дод, ки кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, ҳадафҳои асосии қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ маҳсуб меёбанд. Вазифаҳои асосии қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати манфиатҳои онҳо, инчунин танзими муносибатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии он, татбиқи қонунгузорӣ оид ба он, назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, баррасии баҳсҳои бавуҷудомада ва ғайра иборат аст.

Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳавасмандгардонии кормандон ва қадрдонии онҳо бо медалу орденҳо ва рутбаҳои давлатӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Асоси самаранокии дилхоҳ фаъолиятро маҳз қадр кардан ва ҳавасманд гардонидани фаъолияти кормандон ташкил медиҳад. Аз ин ҷост, ки давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуда, дар ҳар маросимҳои тантанавӣ қисме аз кормандони мақомот барои шуҷоату мардонагӣ ва хизматҳои шоиста бо ордену медалҳо ва рутбаҳои давлатӣ қадрдонӣ карда мешаванд. Пешвои миллат дар ин робита таъкид кардаанд, ки «Бо фармонҳои Президенти мамлакат дар даврони истиқлол 100 нафар бо рутбаҳои олии афсарӣ ва 670 нафар бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд»[105].

Тадқиқотҳои зиёде мавҷуданд, ки нақши ҳалкунанда доштани ҳавасмандгардонӣ ва дигар кафолатҳои иҷтимоие, ки ба кормандони ташкилотҳои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ дода мешаванд, дар нақшаи беҳтар намудани натиҷаҳои кор ва самаранокии фаъолияти меҳнатии кормандонро исбот менамоянд[106]. Маҳз чунин нақши калон доштани ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии кормандонро дарк намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон бахше аз сиёсати худро ба ин масъала равона кардааст. Дар кишвар ҳарсола маросимҳои тантанавии супоридани мукофотҳои давлатӣ ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ сурат мегирад. Аз ҷумла, яке аз чунин маросимҳо санаи 30 августи соли 2022 баргузор гардид, ки дар он барои дастовардҳои баланди хизматӣ ва фаъолияти самаранок, бештар аз 180 нафар роҳбарону намояндагони мақомоти қудратӣ, низомӣ, амниятӣ ва судии кишвар аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 3 нафар бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, 1 нафар бо ордени Спитамен

---

[105] Иштирок дар чорабинии тантанавӣ ба муносибати “Рӯзи милитсияи тоҷик”, 10.11.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 11.01.2024).

[106] Юлия В.Б. Государственная социальная политика в органах внутренних дел и методология ее формирования и реализации в системе обеспечения экономической безопасности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2015. – № 47. – С. 29.

дараҷаи 1, 13 нафар бо ордени Спитамен дараҷаи 2, 1 нафар бо ордени Шараф дараҷаи 1, 10 нафар бо ордени Шараф дараҷаи 2, 42 нафар бо медали Ҷасорат, 61 нафар бо медали Хизмати шоиста, 2 нафар бо медали Шафқат, 1 нафар бо медали Марзбони шуҷои Тоҷикистон, 23 нафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қадрдонӣ шуданд[107]. Маврид ба зикр аст, ки чунин маросим, ҳамзамон санаи 21 феврали соли 2023 сурат гирифт, ки дар он бисёре аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шуданд[108].

Масъалаи мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» муқаррар нашуда бошад ҳам, вале дар Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр хуб муқаррар гардидааст. Дар қисми 29 санади мазкур қайд гардидааст, ки барои намунавор иҷро намудани вазифаҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар хизмат, барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ намудҳои зерини ҳавасмандкунӣ пешбинӣ мешавад: сарфароз намудан бо унвонҳои ифтихории Ҷумҳурии Тоҷикистон; мукофотонидан бо силоҳ хосаи инъомӣ; мукофотонидан бо грамотаи фахрӣ; дохил намудан ба «Китоби (ё Лавҳаи) фахрӣ; пеш аз мӯҳлат додани рутбаи махсуси навбатӣ; додани рутбаи махсус ба як зина боло нисбати рутбаи пешбинишудаи вазифаҳои кории ишғолкардаашон; мукофотонидан бо нишонаҳои сарисангӣ; мукофотонидан бо тӯҳфаи қимматбаҳо; додани мукофоти пулӣ; миннатдорӣ баён намудан[109].

Муқаррарнамоӣ ва дар амал татбиқ намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз мукаммалии қонунгузории соҳа вобаста мебошад. Ҳар қадар, ки қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи иҷтимоӣ такмилёфта бошад, ҳамон қадар кафолату имтиёзҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар сатҳи баланд амалӣ мешаванд. Бинобар ин, бахши дигари сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ислоҳоти қонунгузории соҳа ташкил медиҳад. Дар ин самт низ давлату ҳукумати кишвар бетараф набуда, баръакс тамоми кушишу имконияти худро равона кардааст. Тавре муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, системаи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҶТ ҳамчун ташкилоти серзинагӣ, бисёрфунксионӣ ва мураккаб ташаккул ёфтааст[110].

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул карда шуда, марҳила ба марҳила мавриди такмилёбӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» қабул гардида, то

---

[107] Маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ, 30.08.2022 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

[108] Тақдими мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 21.02.2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

[109] Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2005, № 137 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mvd.tj/index.php/ru/ (санаи муроҷиат: 19.01.2024).

[110] Кудратов М.О., Махмудов М.А. Понятие правовой и социальной защиты сотрудников милиции (полиции) // Номаи донишгоҳ. – 2015. – № 4 (45). – С. 47.

соли 2004 амал кард ва аз 17 майи соли 2004, № 41 қонуни нав қабул гардида, то кунун амал карда истодааст. Санади мазкур дар низоми асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, масъалаи такмил додани он борҳо мавзуи маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст. Аз ҷумла, санаи 25 феврали соли 2017 дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Чунин Лоиҳаи қонун санаи 28 сентябри соли 2020 низ дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Ҷиҳати такмили сохтор, фаъолият ва ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия Ҷумҳурии Тоҷикисон сиёсати давлатии худро, ҳамзамон дар шакли стратегия ва барномаҳои давлатӣ ба роҳ мондааст. Ҳадафи асосии чунин санадҳо ислоҳоти милитсия дар кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, санаи 30 апрели соли 2014 дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 тасдиқ карда шуд. Барномаи мазкур то соли 2020 амал карда, дар такмилёбии бисёре аз паҳлуҳои фаъолияти кормандони милитсия, аз ҷумла ҳифзи иҷтимоии онҳо нақши ҳалкунанда гузоштааст. Мутобиқи банди 53-и Барномаи мазкур, агар корманд аз ҷиҳати моддӣ-маишӣ таъмин набошад, музди меҳнаташ эҳтиёҷоташро қонеъ нагардонад ва аз ҳар гуна сарбории зиёди бемавқеъ озод набошад, ӯ фаъолияти хизматиашро пурра иҷро карда наметавонад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул карда мешаванд, ки ҳар роҳбари зинаҳои гуногуни фаъолияти милитсия натавонад аз пеши худ бемавқеъ ва безарурати воқеӣ реҷаи пурзӯри хизматро эълон намояд[111]. Маврид ба ёдоварист, ки бо ин сиёсати давлатӣ дар бахши ислоҳоти фаъолият ва ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия ба анҷом нарасида, баръакс марҳила ба марҳила татбиқ карда мешавад. Барои бо маром идома додани ислоҳот дар ин самт санаи 31 майи соли 2021 дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 мавриди муҳокима қарор гирифт.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти милитсия на танҳо дар шакли барномаҳои давлатӣ, балки дар сатҳи стратегӣ низ ба амал бароварда шудааст. Аз ҷумла, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, №1438 Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020[112] тасдиқ карда шудааст. Татбиқи Стратегия бо ҳалли вазифаҳои афзалиятноки соҳаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар алоқаманд аст.

---

[111] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 211 дар бораи «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 17.01.2024).

[112] Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 аз 18 марти соли 2013, №1438// Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶумҳурииТоҷикистон«Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе, 2022. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM). (санаи муроҷиат: 27.01.2024).

Он ба рӯҳияи муҳимтарин вазифаҳои афзалиятноки рушди Тоҷикистон, ки арзиши давлатӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим доранд, таҷассумгари равиши сифатӣ ва рамзи тафаккури муосири таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мувофиқат мекунад. Дар стратегия инчунин даъват карда шудааст, ки таҷрибаи дурусти ҳалли масъалаҳо ва татбиқи таҷрибаи пешқадам дар ин самт ба инобат гирифта, аз таърихи гузашта ва фаъолияти милитсия ибрат гирифта, ба дурнамои рушди он кор бурда шавад[113].

Р.М. Раҷабзода ва А.М. Мансурзода пешниҳод намудаанд, ки зимни такмили минбаъда ё таҳияи Стратегияи навиислоҳоти милитсия таносуби арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ бо назардошти вусъати ихтилофоти фарҳангӣ-тамаддунӣ дар ҷомеаи мутамаддин, ҷаҳонишавӣ, таъсири давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои молиявию иқтисодии фаромиллӣ ба инобат гирифта шавад[114]. Стратегияи мазкур, татбиқкунандаи сиёсати давлатӣ дар самти ислоҳоти милитсия ва ҳифзи иҷтимоии кормандони он ба ҳисоб рафта, то соли 2020 дар такмилёбии ҷанбаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоии кормандони милитсия нақши муассир гузоштааст. Бояд гуфт, ки аз анҷомёбии муҳлати амали Стратегия якчанд сол сипарӣ шудааст, вале то кунун Стратегияи нав дар ин хусус тасдиқ карда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки «Стратегияи ислоҳоти мақомоти корҳои дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2030» таҳия ва тасдиқ карда шуда, дар он роҳу воситаҳои такмили ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ пешбинӣ карда шаванд.

Сарфи назар аз он, ки Стратегияи нав дар самти ислоҳоти милитсия тасдиқ карда нашудааст, вале дар кишвар санади муҳимме амал мекунад, ки дар миёни заминаҳои ҳуқуқии амаликунандаи сиёсати давлатӣ мавқеи махсусан муҳимро ишғол намуда, масъалаи рушди иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро низ фаро мегирад. Ин санади муҳим – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ карда шудааст. Дар ин санад асоси консептуализатсияи сиёсати иҷтимоӣ ва истифодаи усули муқоисавӣ самтҳои асосии ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ дар марҳилаи кунунӣ муайян карда шудаанд[115]. Дар ин санад муқаррар шудааст, ки ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад[116].

Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки муқаррарнамоӣ ва дар амал татбиқ намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои

---

[113] Давлатшоева А.Ш. Приоритеты и стратегические направления реформирования милиции в современных условиях развития общества в Республике Таджикистан // Сетевое издание «Академическая мысль». – 2017. – № 1. – С. 9.

[114] Раҷабзода Р.М., Мансурзода А.М. Стратегияи ислоҳоти милитсия ва тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 2 (50). – С. 41.

[115] Малоҳати Р. Асосҳои назариявии рушди сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/1 (58). – С. 450-455.

[116] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 6.

дохилӣ аз мукаммалии қонунгузории соҳа вобаста мебошад. Ҳар қадар ки қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи иҷтимоӣ такмилёфта бошад, ҳамон қадар кафолату имтиёзҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар сатҳи баланд амалӣ мешаванд. Бинобар ин, бахши дигари сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ислоҳоти қонунгузории соҳа ташкил медиҳад. Дар ин самт низ давлату ҳукумати кишвар бетараф набуда, баръакс тамоми кушишу имконияти худро равона карда истодааст.

**Адабиёт:**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 211 дар бораи «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 17.01.2024).
2. Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 аз 18 марти соли 2013, №1438// Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶумҳурииТоҷикистон«Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе, 2022. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM). (санаи муроҷиат: 27.01.2024).
3. Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 12.01.2024).
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28-уми декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 18.01. соли 2024).
5. Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 09 январи соли 2024, № 671 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 15.02.2024).
6. Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2005, № 137 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mvd.tj/index.php/ru/ (санаи муроҷиат: 19.01.2024).
7. Давлатшоева А.Ш. Приоритеты и стратегические направления реформирования милиции в современных условиях развития общества в Республике Таджикистан // Сетевое издание «Академическая мысль». – 2017. – № 1. – С. 8-11.
8. Кудратов М.О., Махмудов М.А. Понятие правовой и социальной защиты сотрудников милиции (полиции) // Номаи донишгоҳ. – 2015. – № 4 (45). – С. 44-54.
9. Малоҳати Р. Асосҳои назариявии рушди сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/1 (58). – С. 446-455.

10. Набока А.А. Особенности социальной защиты сотрудников органов внутренних дел Российской Федерации // Административное право / Административная деятельность полиции. – 2020. – № 4. – С. 54-58.

11. Раҷабзода Р.М., Мансурзода А.М. Стратегияи ислоҳоти милитсия ва тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 2 (50). – С. 38-48.

12. Юлия В.Б. Государственная социальная политика в органах внутренних дел и методология ее формирования и реализации в системе обеспечения экономической безопасности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2015. – №47. – С. 25-39.

13. Иштирок ва суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии тантанавӣ ба муносибати “Рӯзи милитсияи тоҷик”, 10.11.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

14. Тақдими мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 21.02.2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

15. Маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ, 30.08.2022 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

# ИСТОЧНИКИ ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРИОД ТРАНСФОРМАЦИИ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ СРЕДНЕЙ АЗИИ

**Камолзода Илхом Икром**,
Таджикский национальный Университет, юридический факультет, доцент кафедры теории и истории государства и права
**Тел:(+**992) 902902657
**E-mail:** Ilhom2005_81@mail.ru

**Научный руководитель**: Шарофзода Р., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье исследованы проблемы трансформации источников права в период присоединения Средней Азии к царской России. На основе исследований первоисточников обобщён исторический факт о том, что именно на данном этапе начинается процесс приобщения народов Средней Азии к ценностям и традициям российского права. В качестве основного источника права исследованы нормы Уголовное уложение 1903 года, который также применялся на территории исторического Таджикистана. Учитывая многообразность и разновидность источников права того периода обобщены и исследованы Свод законов Российской империи (1832 г.), Положение об управлении Туркестанским краем.

Особенностью нормативных актов того времени было то, что они выражали волю трудящихся, были призваны создать механизм правового обеспечения диктатуры пролетариата. В данном исследовании отдельное место уделено проблемам изучения источников права в период независимости Таджикистана.

**Ключивые слова:** Нормативный правовой акт, источники права, свод законов, Конститутция, позаноые нормативные правовоые акты, закон, Конституционный закон, референдум, законодательный акт, Колекс, Указ, Положение, норма, правотворческая техника.

# САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ТАҲАВВУЛИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ОСИЁИ МИЁНА

**Камолзода Илҳом Икром**,
Донишгоҳи милли Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ дотсенти кафедраи назария ва таърихи давалат ва ҳуқуқ
**Тел:(+**992) 902902657
**E-mail:** Ilhom2005_81@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Шарофзода Р., доктори илмҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар ин мақола масъалаҳои дигаргунсозии сарчашмаҳои ҳуқуқ дар давраи ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ баррасӣ карда шуда аст. Дар асоси тадқиқоти сарчашмаҳои ибтидоӣ дар мисоли далелҳои таърихӣ кушиши собит карда шудааст, ки маҳз дар ҳамин марҳала раванди шиносоӣ бо арзишҳо ва анъанаҳои ҳуқуқи русии халқҳои Осиёи Марказӣ оғоз мешавад. Ба сифати сарчашмаи асосии ҳуқуқ меъёрҳои Кодекси ҷиноятии соли 1903, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ низ татбиқ карда мешуданд, омӯхта шуданд.

Бо назардошти таалуқияти намудаи сарчашмаҳои хуқуқи он давра Уложенияи ҷиноятии империяи Россия (1832), Низомнома дар бораи идораи сарзамини Туркистон низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Хусусияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии он замон аз он иборат буд, ки онҳо иродаи халқи меҳнаткашонро ифода намуда ва барои ба вуҷуд овардани механизми таъмини ҳуқуқии пролетариат пешбинӣ шуда буданд. Дар ин таҳқиқот ба мушкилоти омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқ дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Санади меъёрии ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, кодекси қонунҳо, Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии меъёрӣ, қонун, Қонуни конститутсионӣ, раъйпурсӣ, санади қонунгузорӣ, Кодекс, Фармон, Низомнома, меъёр, техникаи қонунгузорӣ.

## SOURCES OF LAW IN TAJIKISTAN DURING THE DEVELOPMENT OF THE LEGAL SYSTEM OF CENTRAL ASIA

**Kamolzoda Ilkhom Ikrom**,
Tajik National University, faculty of law,
Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law
**Phone.:** (+992)902902657
**E-mail:** Ilhom2005_81@mail.ru

**Research supervisor:** Sharofzoda R., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Azizzoda U.A., Doctor of Law, Professor

In this article, the issues of changing the sources of law during the accession of Central Asia to Tsarist Russia are discussed. On the basis of the research of primary sources on the example of historical facts, it has been proven that it is at this stage that the process of acquaintance with the values and traditions of Russian law of the peoples of Central Asia begins. The norms of the Criminal Code of 1903, which were also applied in the territory of historical Tajikistan, were studied as the main source.

Taking into account the relevance of the legal sources of that period, the Criminal Code of the Russian Empire (1832), the Regulation on the administration of the land of Turkestan was also investigated.

The characteristic of the normative legal acts of that time was that they expressed the will of the working people and were intended to create a mechanism for the legal protection of the proletariat. In this study, special attention is paid to the problems of studying the sources of law in the period of independence of Tajikistan.

**Keywords:** Legal normative act, sources of law, code of laws, Constitution, normative legal acts, law, Constitutional Law, referendum, legislative act, Code, Decree, norms, standard, legislative technique.

Отдельным этапом трансформация правовой системы Средней Азии наблюдается в период присоединения ее к царской России. Именно на данном этапе начинается процесс приобщения народов Средней Азии к ценностям и традициям российского права. Уголовное уложение 1903 года является одним из основных нормативных правовых актов, применявшихся также на территории исторического Таджикистана. На территории современного Северного Таджикистана действовал Свод законов Российской империи (1832 г.). Он включал Положение об управлении Туркестанским краем. Более того, в него были заложены нормы, регулирующие общеимперские отношения, а также отношения Туркестанского генерал-губернаторства[117].

После революционных событий в России, Туркестане и Бухаре (1917 – 1920 гг.) на территории Таджикистана, как и иных среднеазиатских государств, начинает формироваться новая, советская, правовая система. Начинается процесс правотворчества по образу советских, преимущественно российских, нормативных правовых актов (конституция, декрет, декларация и др.). На этом этапе принимаются Конституции Туркестанской Автономной Советской Социалистической Республики Российской Федерации (ТАССР) (1918 г.) и Бухарской Народной Советской Республики (БНСР) (1921 г.). В указанных республиках издаются законы, декреты, декларации, кодексы и иные нормативные правовые акты (постановления высших органов власти и др.). Параллельно получают распространение законодательные акты Советского правительства. Особенностью правовой системы данного периода было то, что на начальном этапе победы Советской власти наряду с советскими нормативными правовыми актами продолжали применяться религиозные (мусульманские) и обычные нормы. На данном этапе советская правовая система формировалась в условиях трансформации мусульманской правовой системы и имела смешанный характер.

В 1924 году в результате национально-государственного размежевания и образования Таджикской АССР поэтапно формировались новые системы государственных органов, активно происходила деятельность по разработке новых нормативных правовых актов. Одним из первых

[117] См.: Свод законов Российской империи. – М., 1910. – Т. 2, кн. 1. – С. 437-469.

нормативных правовых актов в законодательной истории Таджикистана данного периода стало принятие Собрания указаний и распоряжений рабоче-дехканского Правительства Таджикской АССР. Согласно установленному порядку оно издавалось раз в месяц с целью ознакомления населения автономной республики с законодательными актами. Как отмечает академик Ф.Т. Тахиров, начиная с первых дней создания Таджикской АССР, действующая власть начала всеобщее ознакомление населения с законодательством[118]

По мнению отечественных историков, «на территории Бухары и Туркестана, частью которых являлся и Таджикистан, вначале XX в. принималось такое количество нормативных правовых актов, что выявить среди них именно законодательные акты оказалось невозможным»[119].

Г.С. Азизкулова отмечает, что «в связи с тем, что период считался революционным, трудно было выявить четкую последовательность и взаимосогласованность нормативных актов. Начинают распространяться новые формы позитивного права (декрет, постановление, приказ, резолюция, инструкция, обращение)[120].

В тот период звучали предложения о необходимости упорядочения нормативных правовых актов, используя такие инструменты, как юридическая сила, пределы ее действия и решение существующих проблем.

Распространению законодательных актов РСФСР на территории Средней Азии, в том числе Таджикской АССР, повлияло установление советской власти. Так, в этот период впервые в истории таджикского народа принимаются конституции – Конституция Туркестанской АССР, которая основывалась на положениях Конституции РСФСР 1918 года, и Конституция Бухарской Народной Советской Республики (1921 г.).

Принимаются первые декреты как новые формы нормативных правовых актов, среди которых - Декрет о земле. Данный акт был принят одним из первых в БНСР[121].

Наиболее активными периодами нормотворческой деятельности ЦИКа Туркестанской АССР считаются 1918-1924 гг. На тот период ЦИК Туркестанской АССР активно занимался изданием декретов.[122] Более того, как указывают отечественные исследователи, ЦИК Туркестанской АССР утверждал проекты декретов, которые вносились Совнаркомом Туркестанской АССР. Помимо того, этот орган издавал также законы, декреты, приказы и распоряжения[123].

При исследовании нормативных правовых актов, принятых в период с 1929 по 1991 гг., можно столкнуться с фактом того, что в этот период на

---

[118] См.: Тахиров Ф.Т. «Собрание узаконений и распоряжений рабоче-дехканского Правительства Таджикской АССР» как юридический источник // Государственная власть и защита прав личности в Республике Таджикистан: история и современность. – Душанбе: Сино, 1992. – С. 3-8.

[119] Нематов А. Указ. соч. – С.109.

[120] Азизкулова Г.С. История государства и права Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000. – С. 154.

[121] См.: Азизкулова Г.С. Указ. соч. – С. 152.

[122] См.: Козачковский В.А. От феодализма до победы социализма. – Душанбе, 1966. – С. 162.

[123] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: актуальные вопросы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2013. – С. 109; Тахиров Н.Ф. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007 гг.). – Душанбе, 2009. – С. 52.

территории исторического Таджикистана определенное время использовались нормативные правовые акты Узбекской ССР, в частности применялись нормы Кодекса с законов о браке, семье и опеке и об актах гражданского состояния Узбекской ССР. Это было узаконено Постановлением ЦИК и СНК Таджикской ССР 19 декабря 1929 года. Данный кодекс действовал до принятия соответствующего кодекса Таджикской ССР. Пунктом 4 этого Постановления СНК Таджикской ССР было поручено разработать проект семейного законодательства Таджикской ССР и представить на утверждение.[124] Точно такая же ситуация сложилась с другими кодифицированными законами. Уже в середине 1930-х гг. XX века данные нормативные правовые акты были полностью отменены.

В 1932 г. впервые в истории Таджикской ССР было осуществлено издание «Систематического собрания действующих законов Таджикской ССР», которое как по форме, так и по единству представляет собой своеобразное явление в истории законодательной деятельности Таджикистана»[125].

Систематическое собрание действующих законов Таджикской ССР, изданное в 1932 г., выступило одной из первых систематизированных работ в форме нормативных правовых актов республиканского законодательства. Оно состояло из семи частей, подразделяющихся на разделы и главы, включающие последовательно пронумерованные правовые акты[126]. Часть первая Систематического собрания под названием «Советское строительство» охватывала четыре раздела и 115 последовательно приведенных правовых актов; вторая часть включала последующие акты - с 116 по 256. Таким образом, систематическое собрание состояло из 458 правовых актов.

В данный период Верховный Совет Таджикской ССР принимает Уголовный, Уголовно-процессуальный, Гражданский и Гражданский процессуальный кодексы Таджикской ССР.

Принимаются также законы о судоустройстве Таджикской ССР, об укреплении связи школы с жизнью и о дальнейшем развитии системы народного образования в Таджикской ССР, об охране природы Таджикской ССР, о бюджетных правах Таджикской ССР, о кишлачном, поселковом Совете депутатов трудящихся Таджикской ССР.

В Таджикской ССР термин «нормативный правовой акт» использовался для обозначения законодательных и иных актов правотворчества и оценивался в качестве документа, издаваемого или санкционируемого государственным органом. Понятие «нормативный правовой акт» не было легализовано. В юридической литературе

---

[124] См.: Тишенко В.В. Некоторые вопросы кодификации семейного законодательства Таджикской ССР // Вопросы кодификации законодательства Таджикской ССР. – Сталинабад, 1957. – Вып. 7. – С. 73.

[125] Тохиров Н.Ф. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007). – Душанбе, 2009. – С. 94.

[126] См.: Тахиров Ф.Т. Первый опыт систематизации законодательства в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета. – Душанбе, 1993. – С. 84-86.

нормативный правовой акт определяли как государственный или правотворческий акт, содержащий нормы права[127].

Особенностью нормативных актов того времени было то. что они выражали волю трудящихся, были призваны создать механизм правового обеспечения диктатуры пролетариата.

Конституция Таджикской ССР 1937 года, принятая в соответствии с Конституцией СССР 1936 года на Шестом Чрезвычайном съезде Советов Таджикской ССР, легализовала классификацию нормативных правовых актов[128], четко установила круг субъектов нормотворчества. Была конституционно закреплена высокая юридическая сила общесоюзных законов, а также определены формы нормативных актов. Так, указы принимались Президиумом Верховного Совета, постановления и распоряжения принимались Советом Министров, приказы и инструкции издавались министрами, а местными органами власти принимались решения. Данная система указывала на существование принципа подчиненности подзаконных актов законам[129].

С принятием Конституции 1978 года произошли определенные изменения в данном вопросе. В первую очередь, они касались того, что за Союзом ССР закреплялось полномочие по установлению Основ законодательства Союза ССР и союзных республик. Это привело к тому, что большинство отраслей законодательства стали регулироваться Основами. Это было главным отличием от положений, которые были закреплены в Конституции СССР 1937 года. Нормативные акты советских республик принимались на базе общесоюзных Основ, которые содержали общие нормы, понятия и принципы правового регулирования и служили целям систематизации отраслей и институтов права. На уровне республик основы конкретизировалось кодексами, хотя статус кодексов, как разновидности нормативных правовых актов Союза ССР и союзных республик, во многом оставался юридически неопределенным. Опыт существования кодексов показал, что они применяются чаще всего для целостной регламентации отрасли права, комплексного законодательства и регулирования общественных отношений.

Одним из немаловажных вопросов было оглашение нормативных правовых актов, которому в Советском государстве уделяли большое внимание. Нормативные акты, к примеру, объявлялись посредством радио и телеграфа. При этом указанные способы информирования не заменяли официальное опубликование нормативных актов. Информация о принятых документах помещалась также в неофициальных изданиях.[130]

Вступление в силу нормативно-правовых актов было связано с их опубликованием. Исследуя данную особенность, М. Джоусе-Иванина

[127] Алексеев С.С. Проблемы теории права: курс лекций: в 2 т. Т. 2. – Свердловск, 1973. – С. 24.
[128] См.: Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2003. – С. 87.
[129] См.: Зивс С.Л. Источники права. – М., 1981. – С. 120; Шебанов А.Ф. Нормативные акты советского государства: лекции для студентов юридического факультета. – М., 1956. – С. 13.
[130] См.: Опубликование нормативных правовых актов / под ред. А.С. Пиголкина. – М., 1978. – С. 27, 52, 62, 94.

отмечает, что: «С 1919 года по 1950-е годы акты вступали в силу в момент получения их официальных изданий на местах, поскольку разные территории страны в одно и то же время могли находиться под действием разного законодательства. В результате возникали коллизии, если, например, стороны одного правоотношения находились в разных местах, появлялись ошибки и недоразумения в правовой деятельности. С конца 50-х гг. акты вступали в силу одновременно по всей территории после истечения срока, необходимого для ознакомления с их официальными изданиями»[131].

Таким образом, нормативно-правовой акт советской наукой был признан в качестве единственного источника права и основного правового элемента регулирования общественных отношений.

Практика принятия нормативно-правовых актов в Таджикистане в 90-е годы XX в. происходила в условиях переходного периода и возникшей на тот момент конфронтации политических сил. Данный факт оказал воздействие как на нормотворческий, так и на правотворческий процесс. Причиной принятия большого количества нормативных правовых актов были изменившиеся условия жизни общества, начатые реформы, формирование новой правовой системы.

В этот период были приняты законы Республики Таджикистан «Об усиления ответственности за действия, направленные против общественного порядка и безопасности граждан» от 24 апреля 1990 года[132]; «Об упорядочении организации и проведения собраний, митингов, уличных шествий и демонстраций, ответственности за нарушения порядка их проведения» от 29 июня 1991 года,[133]. Указом Президиума Верховного Совета Таджикской ССР от 22 ноября 1990 года были внесены некоторые изменения и дополнения в Уголовный кодекс, Кодекс об административных правонарушениях, Гражданский кодекс, усиливавшие ответственность за нарушение их предписаний. Данные законодательные акты были приняты с целью стабилизации общественного порядка.

По словам А. Имомова, эти «акты считались репрессивными актами и лишь частично решали вопросы, связанные с режимом чрезвычайного положения»[134]. Однако мы считаем, что законодатель сознательно по политическим соображениям предусмотрел принятие этих нормативно-правовых актов в силу необходимости стабилизации конфронтации назревшего на то время конфликта.

Практика разработки и принятия нормативно-правовых актов в Таджикистане в период независимости преследовала цель формирования новой нормативно-правовой системы, учитывая принципы верховенства Конституции и закона. Однако система и механизм правотворчества в

---

[131] Джоусе-Иванина М. Нормативно-правовой акт как источник права: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 46.

[132] См.: Имомов А. Об образовании Правительства национального примирения Республики Таджикистан // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 1993. – № 3. – С. 65.

[133] См.: Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1990. – № 9. – Ст. 160.

[134] Имомов А. Указ. соч. – С. 180.

правоприменительной практике Республики Таджикистан совершенствовались быстрыми темпами, и, соответственно, методом проб и ошибок. Следствием этого явились разработка и принятие законов РТ «О нормативных правовых актах» в 1998 году, затем в 2003, 2009 и 2017 годах.

Соответственно трансформируется понятие нормативного правового акта, а также принципы построения системы данных актов в принятых законах. Например, по Закону «О нормативных правовых актах» 1998 года в систему нормативных актов были включены Конституция Республики Таджикистан, конституционные законы, законы, кодексы. Новеллой было понятие «конституционные законы». По понятным причинам выпадали Основы законодательства.

После принятия Закона РТ «О нормативных правовых актах» в 2003 году данная система претерпела ряд изменений, в частности появилась такая форма нормативно-правового акта, как законы, принятые путем референдума[135]. В этом контексте А. Нематов отмечает, что «в системе Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 2003 г. указаны такие законы, которые крайне редко встречаются в системе законов других государств, а именно – законы, принятые путем всенародного референдума»[136]. Как показала дальнейшая законотворческая практика, данный вид нормативно-правового акта так ни разу и не был принят.

По Закону РТ «О нормативных правовых актах» от 26 марта 2009 г. система нормативных актов претерпевает незначительные изменения. По-прежнему сохранялся авторитет за Конституцией Республики Таджикистан. за ней следовали законы Республики Таджикистан, принятые на референдуме, конституционные законы, законы и кодексы. В систему нормативных актов были включены международные правовые акты[137].

Сравнительный анализ содержания трех вариантов указанного Закона, позволяет сделать вывод, что по своей сути они не особо отличались друг от друга, за исключением отдельно взятых положений. Несмотря на это, законы, регулирующие понятие и систему нормативных актов, отражали производящиеся в тот период изменения в сфере законодательной деятельности. Так, система нормативных правовых актов включала кодекс по причине бурной кодификационной работе в данный период. Доказательством тому служит принятие 15 кодексов.

В 2017 году был принят Закон РТ «О нормативных правовых актах». Он был подписан Президентом РТ 30 мая 2017 г. и был введен в действие 2 июня 2017 г. Данная редакция Закона имеет ряд существенных нововведений относительно предыдущих версий Закона. В первую очередь, они касаются вопросов правотворческой техники. Исходя из этих изменений, корректировке подверглась структура законодательного акта, в

[135] Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 08.12.2003 утратил силу от 26.03.2009 *№506* Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2003 г., № 12, ст.682.

[136] Нематов А. Указ. соч. – С. 122.

[137] Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 26.03.2009 утратил силу от 30.05.2017*№1414* Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 г., № 3, ст. 99; 2010 г., №3, ст. 152; 2011 г., № 6, ст. 442.

частности даются новые трактовки относительно преамбулы законодательного акта и его структурных компонентов (часть, раздел, подраздел, глава, параграф, статья, часть статьи, пункт, абзац). Данные положения нашли свое отражение в статьях 43-45 названного Закона[138].

Также в новой редакции Закона появился ряд новшеств, которые направлены на совершенствование регулирования порядка разработки и принятия нормативных правовых актов. В частности, новеллы касаются установленных мер ответственности субъектов правотворческой деятельности, структуры закона и подзаконного нормативного правового акта, порядка их изменения, дополнения, утраты силы и приостановления, а также применения информационных технологий в правотворческой деятельности, мониторинга применения нормативных актов. Эти изменения в действительности смогли послужить прогрессивным началам в деле концептуальных разработок нормативных правовых актов.

**Литература:**


1. Тахиров Ф.Т. «Собрание узаконений и распоряжений рабоче-дехканского Правительства Таджикской АССР» как юридический источник // Государственная власть и защита прав личности в Республике Таджикистан: история и современность. – Душанбе: Сино, 1992. – С. 3-8.
2. Азизкулова Г.С. История государства и права Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000. – С. 154.
3. Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: актуальные вопросы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2013. – С. 109; Тахиров Н.Ф. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007 гг.). – Душанбе, 2009. – С. 52.
4. Тишенко В.В. Некоторые вопросы кодификации семейного законодательства Таджикской ССР // Вопросы кодификации законодательства Таджикской ССР. – Сталинабад, 1957. – Вып. 7. – С. 73.
5. Тохиров Н.Ф. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007). – Душанбе, 2009. – С. 94.
6. Тахиров Ф.Т. Первый опыт систематизации законодательства в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета. – Душанбе, 1993. – С. 84-86.
7. Алексеев С.С. Проблемы теории права: курс лекций: в 2 т. Т. 2. – Свердловск, 1973. – С. 24.
8. Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2003. – С. 87.
9. Зивс С.Л. Источники права. – М., 1981. – С. 120; Шебанов А.Ф. Нормативные акты советского государства: лекции для студентов юридического факультета. – М., 1956. – С. 13.


[138] Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 26.03.2009 утратил силу от 30.05.2017*№1414* Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 г., № 3, ст. 99; 2010 г., №3, ст. 152; 2011 г., № 6, ст. 442.

10 Джоусе-Иванина М. Нормативно-правовой акт как источник права: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 46.

11 Имомов А. Об образовании Правительства национального примирения Республики Таджикистан // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 1993. – № 3. – С. 65.

12. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 26.03.2009 утратил силу от 30.05.2017*№1414* Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 г., № 3, ст. 99; 2010 г., №3, ст. 152; 2011 г., № 6, ст. 442.

# ШАРТҲОИ БАСТАН ВА АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ НИКОҲ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

**Аминжонов Абдураззоқ Худойшукурович,**
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, факултети сиёсат ва идораи давлатӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ
**Тел.:** (+992) 93-379-83-84
**E-mail:** aabdurazzok@list.ru

**Роҳбари илмӣ:** Холиқзода А.Ғ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Бобоҷонзода И.Ҳ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Никоҳ воситаи ягонаи ташкили оила ва беҳтарин шакли ҳамзистии одамон мебошад, ва дар ҳар низоми ҳуқуқӣ мазмун, шартҳо ва тартиби бастани он бо хусусиятҳои хоси худ муайян карда мешаванд. Дар ИҶШС никоҳ итифоқи ихтиёрии озодонаи марду зан буда, ба ҳиссиёти меҳру муҳаббати пок, дӯстиву ҳурмати тарафайн асос ёфта, бо мақсади барпо намудани оила, соҳиби фарзанд гаштан ва ӯро дар руҳи ахлоқи коммунистӣ тарбия кардан баста шуда, дар мақомоти ақди никоҳ ба қайд гирифта шуда, ба ҳисоб мерафт. Бояд гуфт, ки доир ба мафҳуми никоҳ андешаи ягона вуҷуд надошт ва олимон бештар дар масъалаи ба мафҳуми никоҳ ҳамроҳ кардан ё накардани меъёрҳои ахлоқӣ назари ҳамдигарро инкоркунанда доштанд.

Дар РССТ барои бастани ақди никоҳ риоя кардани шартҳои зерин зарур буд: 1) розигии никоҳшавандагон; 2) расидан ба синну соли никоҳӣ; 3) ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ. Ҳолатҳое, ки тарафҳо наметавонанд бо ҳамдигар ақди никоҳ банданд, ҳамчун монеаҳои акди никоҳ эътироф карда мешаванд. Чор ҳолате мавҷуд буд, ки монеаҳои бастани акди никоҳ мегашт: 1) хешу табори наздик будани никоҳшавандагон; 2) дар никоҳи дигар қарор доштани яке аз тарафҳои никоҳ; 3) дорои бемориҳои руҳӣ ё сустақл будани яке аз тарафҳои никоҳ; 4) фарзандхонкарда ва фарзандхоншуда будани никоҳшавандагон.

Асосҳои қатъ гардидани ақди никоҳ инҳо мебошанд: а) вафоти яке аз ҳамсарон; б) ба таври судӣ вафотёфта эълон намудани яке аз ҳамсарон в) бекор намудани ақди никоҳ дар асоси аризаи зану шавҳар ё ҳардуи онҳо.

**Калидвожаҳо:** Никоҳ, талоқ, мард, зан, иттифоқ, меъёр, тарбия, ахлоқ, никоҳшавандагон, синну сол, монеа, хешу табор, тарафҳои никоҳ, сустақл, суд, ҳамсарон, вафотёфта, вафот, САҲШ, мақомот, ҷудошавӣ.

# УСЛОВИЯ И ОСНОВАНИЯ ПРЕКРАЩЕНИЯ БРАКА В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

**Аминджонов Абдураззок Худойшукурович,**
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, факультет политики и государственного управления, доцент кафедрыправо и государственное управление
**Тел.:** (+992) 93-379-83-84
**E-mail:** aabdurazzok@list.ru

**Научный руководитель**: Холикзода А., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Бободжонзода И.Х., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Брак является единственным средством создания семьи и наилучшей формой совместного существования людей, и в каждой правовой системе его содержание, условия и процедура определяются ее собственными особенностями. В СССР брак — это свободный добровольный союз мужчины и женщины, основанный на чувствах чистой привязанности, дружбы и взаимного уважения, заключенный с целью создания семьи, рождения ребенка и воспитания его в духе коммунистической морали и зарегистрирован в органах по бракосочетанию. Следует сказать, что единого мнения о понятии брака не существовало, и у большинства ученых были противоречивые взгляды на то, следует ли включать моральные нормы в понятие брака.

В РССТ необходимо было соблюдать следующие условия заключения брака: 1) согласие сторон вступить в брак; 2) другим условиям вступления в брак было достижение брачного возраста; 3) отсутствие препятствий для вступления в брак. Препятствием к заключению брака признаются случаи, когда стороны не могут заключить брак друг с другом. Было четыре ситуации, препятствующие заключению брака: 1) близкие родственники вступающих в брак; 2) одна из сторон брака состоит в другом браке; 3) один из участников брака страдает психическим заболеванием или инвалидностью; 4) усыновление и усыновителями.

Основаниями прекращения брака являются: а) смерть одного из супругов; б) признание в судебном порядке одного из супругов умершим; в) расторжение брака по заявлению супругов или их обоих.

**Ключевые слова:** Брак, развод, мужчина, женщина, союз, норма, воспитание, мораль, брачующихся, возраст, препятствие, родственники, стороны брака, развод, суд, супруги, умерший, смерть, ЗАГС, органы власти, расставание.

# CONDITIONS AND GROUNDS FOR TERMINATION OF MARRIAGE IN SOVIET TAJIKISTAN

**Aminjonov Abdurazzak Khudoyshukurovych,**
Bokhtar State University named after Nasir Khusrav, Faculty of politics and public administration, associate Professor of the Department of Law and Public Administration
**E-mail:** aabdurazzok@list.ru
**Phone.:** (+992) 93-379-83-84

**Research supervisor:** Holiqzoda A .doktor of legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Bobojonzoda I, doktor of legal Sciences, Professor

**Annotation:** Marriage is the only means of establishing a family and the best form of coexistence, and in each legal system its content, conditions and procedure are determined by its own characteristics. In the U.S.S.R., marriage is the free voluntary union of a man and a woman, based on feelings of pure affection. The Marriage of Friendship and Mutual Respect was concluded for the purpose of establishing a family, giving birth to a child and bringing it up in the spirit of communist morality, and was registered with the marriage authorities.

It should be said that there was no consensus on the concept of marriage, and most scholars had conflicting views on whether moral norms should be included in the concept of marriage. In the SSRT, the following conditions for marriage had to be met: (1) the consent of the parties to enter into marriage; (2) another condition for marriage was the attainment of marriageable age; (3) Absence of impediments to marriage.

An obstacle to marriage is when the parties are unable to marry each other. There were four situations that prevented marriage: (1) close relatives of the intending spouses; (2) one of the parties to the marriage is in another marriage; (3) one of the parties to the marriage suffers from a mental illness or disability; 4) adoption and adoptive parents. The grounds for the termination of a marriage are: (a) the death of one of the spouses; b) recognition of one of the spouses as deceased by the court; c) dissolution of marriage at the request of the spouses or both of them.

**Keywords:** Marriage, divorce, man, woman, union, norm, upbringing, morality, spouses, marriage, age, obstacle, relatives, parties to marriage, divorce, court, spouses, deceased, death, registry office, authorities, separation.

Дар ИҶШС никоҳ итифоқи ихтиёрии озодонаи марду зан буда, ба ҳиссиёти меҳру муҳаббати пок, дӯстиву ҳурмати тарафайн асос ёфта, бо мақсади барпо намудани оила, соҳиби фарзанд гаштан ва ӯро дар руҳи ахлоқи коммунистӣ тарбия кардан баста шуда, дар мақомоти ақди никоҳ ба қайд гирифта шуда, ба ҳисоб мерафт.[139] Азбаски Ҳукумати шуравӣ

[139] Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 52.

низоми нави муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро ба вуҷуд оварда буд, дар давраҳои аввал риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ зиёд ба чашм мерасид ва ҳолатҳое мешуд, ки шаҳрвандон никоҳи худро ба қайди давлатӣ намегирифтанд ва қонунгузор ногузир бо такя ба мавҷудияти аломатҳои дигар дар ҳолатҳои муайян никоҳро эътироф менамуд. Чунин меъёрҳо дар Кодекси қонунҳои оид ба никоҳ, оила ва васояти РСФСР аз 19 ноябри соли 1926 мавҷуд буда, муқаррар менамуд, ки "Исботи ҳамзистии никоҳӣ, дар ҳолате, ки агар никоҳ ба қайд гирифта нашуда бошад, барои суд инҳоянд: далели ҳамзистии якҷоя; мавҷудияти хоҷагии якҷоя зимни ин ҳамзистӣ; ошкорсозии муносибатҳои ҳамсарона дар назди шахсони сеюм дар муносибатҳои шахсӣ ва муносибатҳои дигар, инчунин, дастгирии дутарафаи моддӣ вобаста ба ҳолатҳои гуногун, тарбияи якҷояи кӯдакон ва ғ.". Бо назардошти қонунгузории оилавии Ҳукумати шуравӣ чунин мафҳуми никоҳро метавон пешниҳод намуд: никоҳ ин иттифоқи ихтиёрӣ, озод бароҳуқуқ ва абадии зану мард мебошад, ки мақсади барпо намудани оила, тавлид ва тарбияи фарзанд дар руҳияи ахлоқи коммунистиро дошта, бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ ва бо риояи шартҳои пешбинигардида дар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда ва ё мувофиқи маросимҳои динӣ (то 19 декабри соли 1929) баста шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавиро ба вуҷуд меоварад. Моро мебоист ба муҳаббат, дӯстӣ ва эҳтироми якдигар асос ёфтани никоҳро ишора намоем, зеро он дар қонунгузории шуравӣ муқаррар гардидааст, веле мо аз он худорӣ намудем, чунки ба назари мо ин муносибатҳо бояд бо меъёрҳои ахлоқӣ танзим шаванд на бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар ин бора Г.Ф. Шершеневич чунин қайд менамояд: "Ва ба ҳуқуқҳои оилавӣ ҳуқуқ ба муҳаббати дутарафа, эҳтиром, ки қонун муқаррар кардааст, набояд мансуб дониста шавад, чунки онҳо ҳуқуқҳои сохта (бардурӯғ) мебошанд – ҳуқуқ на бо олами ботинӣ, балки бо олами беруна сарукор дорад".[140] Ҳамчунин Б.М. Гонгало таъкид мекунад: "Иҷрои "уҳдадориҳо"-и дӯст доштану эҳтиром кардани аъзоёни дигари оила, таъмини ин уҳдадориҳо бо муҷозот имконнопазир аст. Уҳдадориҳое, ки иҷрои онҳо ба мақсади муҳаббату эҳтироми ҳамдигар равона аст, ба вуҷуд овардан номумкин аст. Амалан дар чунин ҳолат мо бо даъват, ки маънои ҳуқуқӣ надорад, сарукор дорем"[141].

Воқеан муҳаққиқони мазкур дуруст қайд намудаанд, зеро агар аз як ҷониб ҳуқуқ танҳо муносибатҳои зоҳириро танзим намояд на ботиниро ва барои бемеҳриву дӯст надоштани аъзоёни оила ҷазо муқаррар кардан номумкин бошад аз ҷониби дигар танзими чунин муносибат бо меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонад ба нуфузи ҳуқуқ таъсири манфӣ расонад ва омехтагии аз ҳад зиёди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиро ба вуҷуд оварад, ки метавонад дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мушкилиҳои навро эҷод намояд. Муҳақиқони ватанӣ низ мавҷуд набудани андешаи ягона доир ба мафҳуми никоҳро эътироф намуда, қайд менамоянд, ки маҳз масъалаи характери

[140] Шершиневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. – Москва, 1995. – С. 407
[141] Гонгало Б.М. Основе начала семейного законодательства // Семейное и жилищное право, 2006 №2. – С. 9-13

ахлоқӣ додан ё надодан ба мафҳуми никоҳ олимонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст. Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. чунин қайд намудаанд: "Омӯзишу таҳлили адабиёти соҳавии ҳуқуқи оилавӣ нишон медиҳад, ки олимон оид ба мафҳуми никоҳ андешаи ягона надошта, пешниҳод менамоянд, ки мафҳуми он бояд танҳо асосҳои ҳуқуқии никоҳро дар бар гирифта бошад. Яъне онҳо ақида доранд, ки мафҳуми никоҳ бояд фарогири танҳо хусусиятҳои ҳуқуқӣ буда, хислатҳои иҷтимоии никоҳ аз мафҳуми он хориҷ карда шавад. (Шершеневич Г.Ф., Гангало Б., А.). Гурӯҳи дигари олимон (Усмонов О.У., Маҳмудзода М.,Худоёрзода Б., Рязансев В.А.) бошанд мавқеи баръаксро ишғол намуда, ба мафҳуми никоҳ ворид намудани асосҳои маънавии онро қобили қабул мешуморанд".[142]

Дар асоси мафҳуме, ки мо болотар пешниҳод намудем чунин нишонаҳои никоҳро фарқ кардан мумкин аст: 1) Никоҳ итифоқи ихтиёри ва баробар ҳуқуқи зану мард мебошад, яъне иттифоқе мебошад, ки на маҷбурӣ, балки ихтиёрӣ буда, баробарҳуқуқии тарафҳо эътироф гардида, танҳо байни ҷинсҳои муқобил – зан ва мард баста мешавад; 2) никоҳ итифоқи озод ва дорои хусусияти абадии зану мард мебошад. Издивоҷкунандагон дар интихоби ҳамсар озод буда, барои онҳо ҳеҷ гуна маҳдудияти қавмӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, шаҳрвандӣ вуҷуд надорад ва иттифоқи онҳо хислати умрбодӣ дошта мақсади асоси онро бунёди оила, тавлид ва тарбияи фарзанд ташкил медиҳад; 3) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории оилавии РССТ ва бо роияи тамоми шартҳо бастани никоҳ аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст ва ё бо риояи маросимҳои динӣ баста шуда аз лаҳзаи қайди давлатӣ (ё анҷом додани маросмҳои динӣ) нисбат ба тарафҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайрии молумулкии баробарро ба вуҷуд меорад; 4) мақсади никоҳро тавлид ва тарбияи фарзанд, барпо намудани оила ташкил медиҳад. Дар ҳолати акс чунин итифоқ қалбакӣ эътироф гардида, никоҳ беэътибор дониста мешавад ва байни тарафҳо ҳуқуқу уҳдодориҳои оилавиро ба вуҷуд намеорад.

Дар РССТ барои бастани ақди никоҳ риоя кардани шартҳои зерин зарур буд: 1) розигии никоҳшавандагон. Ин шарти никоҳ характери Констутсионӣ дошт, зеро Кодекси оилаи РССТ муқарар намуда буд, ки: "Никоҳ бо розигии ихтиёрии зану мард асос меёбад" ва "Барои ақди никоҳ розигии ҳарду шахсони никоҳшаванда ва синни никоҳи доштани онҳо зарур аст" [143] гуфта шудааст дар моддаи 14-Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ. Моҳиятан чунин меъёрҳо барои миллати тоҷик бегона набуд, зеро то замони шуравӣ низ розигии никоҳшавандагон яке аз шартҳои асосии бастани ақди никоҳ ба ҳособ мерафт. Масалан, дар ҳадис, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи исломӣ ба ҳисоб меравад, чунин омадааст: "Никоҳ баста намешавад бо он зане, ки бо ӯ сӯҳбат накардаед ва розигии ӯро нагирифтаед..." [144] Мо тоҷикон одатан барои бастани ақди никоҳ

[142] Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии ҶТ. – Душанбе: Эр - граф, 2015. – С. 142
[143]Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ. – Душанбе: Ирфон, 1981.
[144] Садагдар М.И. Основы мусульманского права. // М.И. Садагдар. – Москва, 1968. –С. 93.

розигии падару модарро низ мегирем, ки ҳам ба қонун мухолифат намекунад ва ҳам ба устувории никоҳ дар оянда таъсири мусбӣ мерасонад. Мувофиқи таҳқиқоти А.Г. Харчев аз 79,6% никоҳшавандагон 77,8% аз акди никоҳ барои хонадоршавӣ розигии падару модарро гирифтаанд. Танҳо 0,8% падару модари домодшавандагон барои хонадоршавии писарашон зид баромадаанд[145]. Бояд гуфт, ки на ҳамеша зид баромадани падару модар ба чунин қарори фарзанд ғаразнок аст, зеро фарзанд воқеан баъзан дар интихоби ҳамсар хато мекунад, вале агар волидайн бо ғарази маҳалгароӣ, бадбинӣ ва ё чун воситаи пайдо кардани молу мансабу шӯҳрат истифода кардани никоҳи фарзанд ба интихоби ӯ зид бароянд, албатта ҷои таассуф аст. Никоҳкунандагон ризоияти худро дар аризаи якҷояе, ки барои бастани акди никоҳ ба мақомоти САҲШ медоданд, ифода менамуданд; 2) шарти дигари бастани акди никоҳ расидан ба синну соли никоҳӣ буд. Агар ба таърихи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ назар афканем мебинем, ки синну соли никоҳӣ яке аз масъалаҳои доманадор ва баҳснок ба шумор рафта, дар ягон давраи таърихӣ ва дар ҳеҷ низоми ҳуқуқӣ (на ҳуқуқи зардуштӣ ва на ҳуқуқи мусулмонӣ) синну соли ягона вуҷуд надошт, ки тафсилоташро мо дар бобҳои гузошта овардаем. Ҳукумати шуравӣ ҳам дар муайян намудани синну соли никоҳӣ қолаби таърихиро нашикаста, дар давраи мавҷудияти худ синну соли гуногунро ҳамчун синну соли никоҳӣ муқаррар карда буд. Чунин ҳолат асосан дар солҳои аввали ҳукумати шуравӣ мушоҳида мегардид. Масалан, Декрети РСФР аз 18 декабри соли 1917 “Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ” дорои чунин меъёр мебошад: “Шахсоне, ки акди никоҳ бастанианд шифоҳӣ мегӯянд ё ба идораи марбутаи ҷои зисти худ ба шуъбаи сабти никоҳ ва таваллуди назди идораи шаҳрӣ (ноҳиявӣ, вилоятӣ) аризаи хаттӣ пешниҳод менамоянд. Ариза дар хусуси бастани никоҳ қабул карда намешавад: а) аз ашхоси ҷинси марди ба синни 18 нарасида ва аз ҷинси зани то 16 сола. Дар мамлакатҳои Кавказ аҳолии маҳаллӣ (таҳҷоӣ) баъд аз ба синни 16-солагӣ расидани домод ва ба синни 13-солагӣ расидани арӯс акди никоҳ мебанданд”[146].

Дар Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР, ки 16 декабри соли 1918 қабул шуда буд, синну соли никоҳӣ ба тариқи зерин муқарар гардида буд: “Никоҳкунандагон бояд ба синни никоҳӣ расида бошанд ва синни никоҳӣ барои ҷинси зан 16-солагӣ ва барои ҷинси мард 18-солагӣ муқаррар карда шудааст”.[147] Муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур далели раднашавандаи гуногун муқаррар гардидани синну соли никоҳӣ дар солҳои аввали шуравӣ мебошанд. Азбаски тарафҳои никоҳ ҷинсҳои муқобиланд (мард ва зан) дар такя ба ҳамин чиз синну соли гуногун муқарар гардидааст. Яъне барои мардон як синну сол ва барои занон дигар синну сол. Диққатҷалбкунандааш он аст, ки маҳз барои занон синну соли

[145] Харчев А.Г. Брак и семья в СССР. 2-е изд, переб. и доп. –Москва. 1979. – С. 184
[146] Декрет дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ 18 декабри соли 1918.
[147] Историческое материалы. Статья №818. Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР аз 16. 09. 1918. Боби 2, модаи 66.

поёнтар ва барои мардон синну соли болотар муқаррар гардидааст ва айнан ҳамин ҳолат дар ҳуқуқи зардуштӣ ва ҳуқуқи исломӣ дида мешавад. Ба назари мо асрори ин масъала дар табиати биологии занон мебошад, зеро агар онҳо аз як тараф нисбат ба мардон барвақттар ба балоғат расанд (далели тиббӣ ва психологии муосир лозим) аз тарафи дигар латиф, заиф ва мухтоҷи ёрмандӣ мебошанд. Бо назардошти умумияти мавҷуда дар гуногун муқаррар гардидани синну соли никоҳӣ, метавон гуфт, ки таъсир ва гузариши меъёрҳои ҳуқуқии динӣ ба ҳуқуқи шуравӣ мушоҳида мегардад. Вақте, ки 19 ноябри соли 1926 Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР қабул гардид барои ҳамаи шаҳрвандони Ҳукумати шуравӣ синну соли як хелаи никоҳӣ муқаррар намуд. Дар моддаи 4 ва 5 он чунин омадааст: “Барои қайди ақди никоҳ инҳо талаб карда мешаванд: а) розигии тарафҳои никоҳшаванда б) расидан ба синни никоҳӣ ва, в) пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дар моддаи 132 Кодекси мазкур пешбини гардида”[148]. Аммо 18 солагӣ ҳамчун синну соли никоҳӣ устовор ва бетағйир боқӣ намонда, майли бо сабабҳо ва роҳҳои гуногун кам кардани синну соли никоҳи мушоҳида мегардад. Аз ҷумла Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ синни никоҳиро чунин муқаррар намуд: “Синни никоҳӣ аз 18 солагӣ муқаррар карда мешавад. Комиҷроияи Советҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии депутатҳои халқӣ дар мавридҳои мустасно аз рӯи илтимосҳои алоҳида синни никоҳии муқаррар кардаи ҳамин моддаро кам карда метавонанд, вале на бештар аз як сол”[149]. Қайд кардан ба маврид аст, ки синни никоҳӣ ба тариқи империативӣ муайян шуда, барои шахсоне, ки онро риоя намекунанд оқибатҳои ҳуқуқии гуногун (беэътибор донистани ақди никоҳ, ҷавобгарии ҷиноятӣ)-ро ба вуҷуд меовард. Хонадоршавии барвақтӣ (то расидан ба синни никоҳӣ) барои саломатӣ ва инкишофи ҳаматарафаи минбаъдаи худи ҷавонон, насли онҳо зарари калон дорад. Ғайр аз он ки ин гуна ҷавонҳо ба оиладорӣ хуб сарфаҳм намераванд, дар назди оила чандон масъулият ҳис намекунанд ва уҳдадориҳои худро низ пурра иҷро карда наметавананд. Аммо дер хонадор шудан ҳам фоида ва ҳам зарарҳои худро дорад ва дар ин бора Усмонов О.У. Чунин қайд намудааст: “Чи хеле, ки аз таҷрибаи қасри ақди никоҳи ш. Душанбе дида мешавад қариб 79% никоҳшавандагон дар синни аз 25 то 30 сола мебошанд. Ин аз як ҷиҳат хуб аст, чунки чӣ қадаре ки хонадоршавандагон ба воя расида бошанд, онҳо ҳамон қадар баандеша буда, худро дар назди оила, аъзоёни он, дар назди қонун бештар масъулиятнок ҳис мекунанд ва оилаи ин гуна одамон мустаҳкам мешаванд. Аммо инашро ҳам бояд қайд кард, ки бемаҳал (дер хонадор шудан А.А.) хонадор шудан на ҳамавақт оқибати хуб дорад. Пеш аз ҳама ин яке аз сабабҳои безурётӣ ё кам шудани фарзанд мегардад. Мувофиқи омори тиббӣ хатари ба касалиҳои вазнин гирифтор шудани кӯдаконе, ки модарашон синну солро гузаронида, соҳиби фарзанд шудаанд, зиёд мегардад. Масалан, сабаби ба касалии дарун гирифтор шудани кӯдакони (ин касалӣ сабаби сустақлӣ, касали дил, фалаҷ ва ғ. мегардад) занони аз 35 то 39 фарзанд ёфта, 4 маротиба, аз 40 то 44 сола аз 5

[148]Историческое материалы. Статья №818. Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР. – С. 1926
[149] Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ. – Душанбе: Ирфон 1981. Моддаи 15.

то 10 маротиба ва аз 45 боло аз 10 то 20 маротиба зиёд мешавад”[150]. Бинобар ин барои мустаҳкамии оила, ҳисси масъулиятнокии аъзоёни он, ҳифзи саломатии аъзоёни оила, тавлид ва тарбияи фарзандони солим никоҳ бастан дар синну соли мувофиқ аҳаммияти калон дорад. 3) Ҷой надоштани монеаҳои акди никоҳ. Ҳолатҳое, ки тарафҳо наметавонанд бо ҳамдигар акди никоҳ банданд, ҳамчун монеаҳои акди никоҳ эътироф карда мешаванд. Қонунгузории оилавии Ҳукумати шуравӣ, махсусан, РССТ ба ин масъала диққати махсус равона намудааст. Дар нахустин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар ҶФШСР барои танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ қабул гардида буданд, доир ба ҳолатҳое, ки монеаҳои акди никоҳ мешаванд меъёрҳои алоҳида муқаррар гардида буд. Декрет дар бораи никоҳи шарҳрвандӣ оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шарҳвандӣ, ки яке аз нахустин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи оилавии Ҳукумати шуравӣ ба ҳисоб меравад чунин гуфта шудааст: “Ариза оид ба бастани акди никоҳ қабул карда намешавад: а) аз ҷинси марди то 18 сола ва аз ҷинси зани то 16 сола. Дар мамлакатҳои Кавказ аҳолии маҳаллӣ (таҳҷоӣ) баъд аз ба синни 16-солагӣ расидани домод ва ба синни 13-солагӣ расидани арӯс акди никоҳ мебанданд; б) аз хешовандони бевосита, бародарону хоҳарони аз як падару модар ва аз падар ё модари гуногун. Ҳамзамон, мавҷудияти хешутаборӣ байни кӯдаки бе никоҳ таваллудшуда ва насли ӯ, аз як тараф, падари ӯ ва хешовандони ӯ, аз тарафи дигар; в) онҳое, ки дар акди никоҳанд ва г) аз ноқисулақлон. Хоҳишмандоне, ки акди никоҳ бастанианд, ба шуъбаи сабти никоҳ ҳозир мешаванд ва забонхат медиҳанд, ки монеаҳои дар моддаи 2-юми ин декрет номбаршуда мавҷуд нест ва онҳо ихтиёрӣ никоҳ мебанданд. Гунаҳгороне, ки дар хусуси мавҷуд набудани монеаҳои дар моддаи 2 номбаршуда маълумоти бардурӯғ медиҳанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва никоҳи онҳо беэътибор дониста мешавад”[151]. Чунин синни никоҳӣ ва разогии тарафҳо шартҳои алоҳидаи никоҳ мебошанд, дар меъёри мазкур се ҳолате, ки монеаҳои акди никоҳ мебошанд, дида мешавад. Яке бо назардошти муносибатҳои хешутаборӣ, дигаре бо сабаби дар дигар никоҳ будан ва сеюмин бинобар вазъи саломатӣ, яъне руҳан носолим будани шахс. Дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ баъд аз замони зардуштӣ ба никоҳи хешутаборӣ муносибат куллан тағйир ёфта, роҳи дурусти худро пайдо намуд, зеро агар ҳуқуқи зардуштӣ никоҳи хешутабори наздикро (никоҳ бо модар, хохар, амма, хола ва ғайра) амали муқаддас ҳисобад[152], ҳуқуқи исломӣ[153], ҳуқуқи шуравӣ ва қонунгузории муосир онро комилан манъ намудаанд. Касе, ки дар акди никоҳ қарор дорад ҳуқуқи бастани акди никоҳ дода намешуд, то ин ки принсипи якканикоҳӣ вайрон нагардад. Мувофиқи Декрети мазкур шахсони дорои бемории руҳӣ ҳуқуқи бастани никоҳ надоштанд, ин бо сабаби ҳаракатҳои худро дарк ва идора ва ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавии худро иҷро карда натавонистани онҳо муқаррар

---

[150] Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 66-67

[151] Декреты Советской власти. Т. 1. 25 октября 1917г. -16 марта 1918г. М: Гос. Издат-во полетической литературы, 1957г.

[152] Халиков А. Г. Правовая система зороастризма. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005.

[153] Қуръони Карим. Сураи Нисо, ояти 23.

гардида буд. Агар аз як ҷониб дар нахустин санади меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи оилавии Ҳукуматӣ шуравӣ муқаррар гардидани монеаҳои ақди никоҳ аз муҳимияти масъалаи мазкур шаҳодат диҳад, аз ҷониби дигар дар қонунгузории оилавии шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол мустаҳкам ва такмил ёфтани он муҳимияти масъаларо дучанд менамояд.

Дар Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР аз 16 09 1918 се ҳолате ба сифати монеаҳои ақди никоҳ муқаррар гардидааст, ки аз монеаҳои дар боло зикршуда тақрибан тафовуте надоранд. Дар он чунин меъёр муқаррар гардидааст: "Шахсоне, ки ақди никоҳ мебанданд, бояд ақли солим дошта бошанд (моддаи 67). Никоҳ байни хешовандони наздик ва дур, бародарону хоҳарони аз як волидайн ё аз падар ё модари гуногун имконнопазир аст. (моддаи 69). Ба бастани никоҳ ҳар гуна қаробати хунӣ, аз ҷумла қаробати ғайриникоҳӣ монеа мегардад. Кодекси қонунҳои никоҳу оила ва васояти ҶФШСР ва Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ низ айнан ҳамин гуна ҳолатҳоро ба сифати монеаҳои ақди никоҳ нишон додаанд ва Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ дар баробари хешу табор никоҳро байни ба фарзандӣ қабулгардидагон ва қабулкунандагон низ манъ намудааст. Усмонов О. Дар ҳамин бора чунин қайд менамояд: "Асоси муқаррар намудани ин қоида на фақат хислати табиати инсонӣ ва ахлоқӣ дорад, балки биологӣ ҳам дорад. Илми тиб исбот намудааст, ки аз никоҳи хешутабори наздик насли солим бисёр кам таваллуд мешавад. Аксарияти кӯдаконе ки аз чунин никоҳ таваллуд меёбанд ё мурда ба дунё меоянд ё ки умри дароз намебинанд ва ё гирифтори ягон касалии вазнин мебошанд. Масалан, хатари ба касалии дарун гирифтор шудани кӯдаки аз никоҳи хешутабори наздик таваллуд ёфта насбат ба кӯдакон аз никоҳи муқаррарӣ ба дунё омада ду маротиба зиёд мебошанд. Барои он, ки муносибатҳои байни шахсони ба фарзандӣ қабулкунанда ва қабулшаванда аз ҳар чиҳат ба муносибатҳои падару модару фарзандон баробар карда шавад бастани никоҳ (агар дар қонун нормаи никоҳи байни онҳоро манъкунанда набошад ҳам) аз руйи қоидаҳои ахлоқӣ мумкин нест"[154]. Ҳамин тавр таҳлили қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ нишон дод, ки дар маҷмуъ чор ҳолате мавҷуд буд, ки монеаҳои бастани ақди никоҳ мегашт: 1) хешу табори наздик будани никоҳшавандагон; 2) дар никоҳи дигар қарор доштани яке аз тарафҳои никоҳ; 3) дорои бемориҳои руҳӣ ё сустақлӣ будани яке аз тарафҳои никоҳ; 4) фарзандхонкарда ва фарзандхоншуда будани никоҳшавандагон. Тартиби ақди никоҳ. Барои бастани ақди никоҳ тартиби махсус муқаррар гардида буд ва шаҳрвандонро мебоист онро рия намоянд. Никоҳ пас аз гузаштани як моҳи баъди ба органи давлатии қайди актҳои ҳолати гражданӣ ариза додани шахсоне ки ба ақди никоҳ даромадан мехоҳанд қайд карда мешуд. Тарафҳо метавонистанд ариза оиди бастани ақди никоҳро ба органҳои давлатии қайди актҳои ҳолати гржлании ҷои истиқомати яке аз тарафҳои ба никоҳ дохилшаванда ё ҷойи истиқомати падару модари онҳо пешниҳод намоянд ва мақомот дар ҳузури ҳарду тараф никоҳро ба расмият медаровард. Муҳлати якмоҳа характери

[154] Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 69

тағйирёбанда дошта, дар ҳолати мавҷуд будани сабабҳои узрнок кам ё зиёд шуданаш мумкин буд. Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ чунин муқаррар намуда буд: “Дар мавридҳои ҷудогона бо сабабҳои узрнок муҳлати муқарраркардаи қисми якуми ҳамин модда (13)-ро мудири шуъба (бюрои) қайди актҳои ҳолати граждании комитети иҷроияи Совети районӣ, шаҳрӣ, районӣ шаҳрии депутатҳои халқӣ, дар пасёлкаҳо ва қишлоқҳо бошад-раиси комитети иҷроияи совети посёлкавӣ, қишлоқии депутатҳои халқӣ кам ё зиёд карда метавонад, аммо зиёдкунии муҳлат аз 6 моҳ бештар шуда наметавонад”[155].

Аз назари муҳаққиқон муҳлати якмоҳа яке аз кафолатҳои мустаҳкамии оила ба ҳисоб мерафт, чунки ба аризадиҳандагон имконият медод, ки дар бораи ба никоҳ тайёр буданашон бори дигар фикр кунанд. Усмонов О. Қайд менамояд, ки агар муҳлати якмоҳа намебуд, фақад дар ш. Душанбе дар тули даҳ сол 3699 никоҳи дигар вайрон мешуд, камаш ҳамин қадари дигар кудакон аз дидору ҳаловати падар ё модар ё ҳарду маҳрум мегаштанд[156]. Албатта, дар муҳлати як моҳ дигар кардани қарор аз ноустувории тасмими никоҳкунандагон шаҳодат медиҳад ва ба эҳтимолияти зиёд онҳо баъд аз бастан никоҳро бекор мекарданд, вале на ҳамаашон, зеро баъд аз бастани ақди никоҳ эътиқоди динӣ, урфу одати миллӣ, қадру қиммати инсонӣ, таъсири ҷомеа, масъалаҳои молиявӣ, ҳолати психологӣ (унс гирифтан бо якдигар), тавлиди фарзанд як андоза садди роҳи хонавайронии чунин ҷавонон шуда метавонистанд. Ақди никоҳ бо тантана гузаронида мешуд ва мақомотҳои қайди актҳои ҳолати гражданӣ уҳдадор буданд, ки бо розигии шахсони ба ақди никоҳ дохилшаванда вазъияти ботантанаи қайди никоҳро ташкил намоянд. Гуфтан ба маврид аст, ки пеш аз ақди никоҳ “сафедгирон”, “ноншиканон”, “туйи фотеҳа”, “маслиҳат”, “туйбарӣ”, “сабзирезакунон”, “торканон”, “дастравғанкунон”, “ҷоғундорӣ” барин маросимҳои зиёде гузаронида шуда, ба ҳар яки онҳо меҳмонони сершумореро даъват мекарданд. Яке аз одатҳое, ки харҷи зиёдро талаб мекунад, ҷомапӯшонию либосдиҳӣ ба меҳмонону хешу табор мебошад[157]. Хушбахтона имрӯз ҳамаи ин маросимҳои серхароҷот мувофиқи қонун манъ карда шудааст.

Агар то замони шуравӣ қатъи муносибатҳои занушавҳарӣ бештар бо роҳи додани талоқ ба тариқи шифоҳӣ сурат гирифта, асосан зарурати дахолати мақомоти давлатӣ дида намешуда бошад дар замони шуравӣ мақомотҳои давлатӣ (САҲШ, суд) дар қатъ гардонидани муносибатҳои занушавҳарӣ нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозиданд. Ҳатто агар оила амалан вайрон шуда бошад ҳам то ба расмият даровардан дар мақомотҳои ваколатдори давлатӣ никоҳ дорои эътибори ҳуқуқӣ буд ва оила вайроншуда ҳисоб намегардид. Дар ин масъала Усмонов О. дуруст қайд менамояд, ки оила ҳатто амалан вайрон шуда бошаду зану шавҳар ба ҷудошавӣ розӣ бошанд ҳам никоҳи қонунӣ то он даме, ки онро мақомоти ваколатдор бекор накунад, қувваашро гум намекунад[158]. Аз давраҳои

[155] Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ. – Душанбе: Ирфон, 1981. Моддаи 13.
[156] Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 54-55.
[157] Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 57.
[158] Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 690.

аввли Ҳукумати шуравӣ ваколати қатъ кардани ақди никоҳ ба мақомоти суд ва САҲШ дода шуда буд. Соли 1917 вақте декрет "Дар бораи бекоркунии ақди никоҳ" қабул гардид дар он муқаррар карда шуд, ки никоҳ дар натиҷаи аризаи ҳарду ҳамсар ё яке аз онҳо бекор карда мешавад. Чунин ариза, мувофиқи қоидаҳои суди маҳаллӣ, ба суди маҳаллӣ пешкаш мегардад. аризаи бекоркунии никоҳ бо ризоияти дутарафа бевосита ба шуъбаи сабти никоҳ, ки дар он қайди никҳҳои басташуда маҳфуз аст, дода мешавад. Ин шуъба бошад аризаро ба китоби сабти никоҳҳои бекоргардида ворид месозад ва оиди он шаҳодатнома медиҳад. Дар қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ мафҳумҳои қатъ гардидани ақди никоҳ ва бекор кардани ақди никоҳ васеъ истифода гардидаанд ва барои дуруст таҳлилу баррасӣ намудани масъала фарқи мафҳумҳои зикршударо муайян намудан зарур аст. Чуноне муҳаққиқони ватанӣ[159] қайд менамоянд мафҳуми қатъ гардидани никоҳ аз ҷиҳати мазмун васеътар буда фарогири мафҳуми бекор кардани никоҳ низ мебошад.

Асосҳои қатъ гардидани ақди никоҳ инҳо мебошанд: а) вафоти яке аз ҳамсарон; б) ба таври судӣ вафотёфта эълон намудани яке аз ҳамсарон в) бекор намудани ақди никоҳ дар асоси аризаи зану шавҳар ё ҳардуи онҳо. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки қатъ гардидани ақди никоҳ ва бекор кардани ақди никоҳ бо чунин хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд: 1) бекор кардани никоҳ яке аз навъҳои қатъ гардидани никоҳ мебошад; 2) бекор кардани ақди никоҳ хислати иродавӣ дошта танҳо дар давраи ҳамзистии якҷоя ва дар қайди ҳаёт будани ҳамсарон имконпазир мебошад; 3) мумкин аст судя дар бекор кардани никоҳ мӯҳлати оштӣ таъин намояд, ҳангоми қатъ гардидани никоҳ (бинобар вафот ё вафотёфта эълон намудани суд) бошад ба мӯҳлати оштӣ додан зарурат намемонад; 4) дар ҳолати вафот ё вафотёфта эълон намудани суд ақди никоҳ аз вақти қайди воқеии марг ё вафотёфта эълон кардани суд қатъ мегардад; 5) никоҳе, ки бо сабаби вафотёфта эълон намудани яке аз тарафҳо аз ҷониби суд, қатъ гардидааст, эҳтимолияти барқарор шуданро дорад. Қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ ҳуқуқи бекор кардани никоҳро ҳам ба зан ва ҳам ба шавҳар дода буд ва онҳо метавонистанд барои амалӣ гардонидани ин ҳуқуқи худ бо ариза ба суд ё САҲШ муроҷиат намоянд. Қобили қайд аст, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои зан ва кӯдак дар давраи ҳомиладории зан ва дар давоми як соли баъди таваллуди кӯдак ҳуқуқи мард барои бекор кардани никоҳ маҳдуд карда шуда буд ва ягона роҳи амалигардонии ҳуқуқи бекор кардани никоҳ аз ҷониби шавҳар гирифтани розигии зан ба ҳисоб мерафт. Моддаи 33 Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ чунин муқаррар намудааст: "Дар давраи барҳаёт будани зану шавҳар никоҳро бо роҳи ҷудо шудан аз руи аризаи зан ё шавҳар ё ҳардуи онҳо бекор кардан мумкин аст. Шавҳар бе розигии зан барои сар кардани кор дар бораи бекор кардани никоҳ дар давраи ҳомиладории зан ва дар давоми як соли баъди таваллуди кӯдак ҳуқуқ надорад"[160]. Талоқ яке аз

[159] Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр- граф, 2015. – С. 177
[160] Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ. – Душанбе: Ирфон, 1981. Моддаи 33.

падидаҳои зишти ҷомеаи инсонӣ буда таъсири манфии худро ба ҳолати руҳиву равонӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавиву ҷисмонии ҳар як шахс расонида метавонад. Аз ин ру маҳдуд кардани ҳуқуқи мард барои бекор кардани никоҳ дар давраи ҳомиладорӣ ва кӯдаки то яксола доштани зан ба мақсад мувофиқ ва қобили дастгирӣ мебошад. Зеро ин меъёр дар роҳи ҳифзи оила, тарбияи кӯдак, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои модару кӯдак, пойдории оила ва солимии ҷомеа нақши хеле калон бозида метавонад.

Дар ҳар давру замон талоқ, ҷудоӣ ва вайроншавии оилаҳо масъалаи доғи рӯз буд ва имрӯз ҳам яке аз проблемаҳои марказии муносибатҳои оилавӣ мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23 январи 2015 дар хусуси вайроншавии оилаҳо изҳори нигаронӣ намуданд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ танҳо соли 2014 аз 95500 никоҳи бақайдгирифташуда 9 ҳазор никоҳ бекор карда шудааст[161]. Дар Тоҷикистони шуравӣ ҷудошавии оилаҳои ҷавон зиёд ба қайд гирифта мешуд ва мутасаддиёну муҳаққиқон роҳҳои пешгирии онро ҷустуҷӯ менамуданд. М.С. Гарбачев дар съезди 27-уми КПСС чунин таъкид намуда буд: “Дар солҳои охир шумораи талоқ кам шуда бошад ҳам, ҳануз бисёр аст. Бисёр оилаҳои носозу нотифоқ низ ҳастанд. Ҳамаи ин дар навбати аввал ба тарбияи фарзандон, инчунин ҳолати маънавии мардону занон, ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Маълум аст, ки ҷамъият ба ин ҳодисаҳо бепарво буда наметавонад”[162]. О. Усмонов аз ҳад зиёд вайроншавии оилаҳои ҷавонро як навъ “беморӣ” ҳисобида, кӯшиши табобати ин “беморӣ”-ро намуда, чунин қайд кардааст: “Чи тавре, ки дар съезди 12 занони Тоҷикистон қайд карда шуд, дар даҳ соли охир дар ҷумҳурӣ 61000 никоҳ, яъне аз ҳар ҳафт якто, дар Душанбе-аз ҳар ду якто никоҳ бекор карда шуд. Соли 1986 дар Душанбе 5705 никоҳ баста шуда, 2265 никоҳ талоқ карда шуд, яъне ба ҳар ҳазор кас 9,9 никоҳ баста шуда бошад, 3,9 никоҳ бекор карда шуд. Дар нуҳ моҳи соли 1987 дар ҷумҳурӣ 36728 никоҳ баста шуда, 3943 никоҳ талоқ карда шуд. Агар дар миқёси мамлакат аз шумораи умумии никоҳи басташуда қариб аз ҳар 3 яктоаш вайрон шавад, аз ин се қисмаш оилаи ҷавонҳое мебошад, ки ҳамагӣ то як сол хонадорӣ кардаанд, боқимондааш тахминан оилаи ҷавоне, ки аз як то панҷ сол умри хонадорӣ аз сар гузаронидаанд. Ҳамин тариқ, вайрон шудани никоҳ “бемори”-и оилаи ҷавон шудааст ва барои табобати ин “беморӣ” пеш аз ҳама сабабашро муайян намуда, чораҳои лозимаи табобатро андешидан зарур мебошад”[163].

Оила ва муносибатҳои оилавӣ дар баробари илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби илмҳои дигар аз қабили психология, сотсиология, иқтисодӣ, биология, педагогика ва ғ. низ омӯхта мешавад. Бинобар ин масъалаи вайроншавии оилаҳо ҳамчун як навъи муносибатҳои оилавӣ дорои ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, психологӣ, иқтисодӣ, тарбиявӣ мебошад. Бояд аз тарафи ҳамаи илмҳои зикршуда дар якҷоягӣ омӯхта шуда натиҷагирӣ ва

---

[161] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015.
[162] Материалҳои съезди 27 КПСС. – С. 66.
[163] Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 91.

хулосабарорӣ карда шавад. Зеро танҳо бо қабули қонун ва танзими ҳуқуқӣ садди роҳи вайроншавии оилаҳоро гирифтан ниҳоят мушкил ва ҳатто номумкин аст. Дар Тоҷикистони шуравӣ салоҳияти бекор кардани никоҳро мақомоти суд ва САҲШ доштанд. Мувофиқи қонунгузории оилавӣ никоҳ дар ҳолатҳои зерин дар мақомоти САҲШ бекор карда мешуд: 1) дар сурати бекор кардани никоҳ розӣ будани зану шавҳар, ки аз ҳамин никоҳашон фарзандони ноболиғ надоштанд; 2) дар САҲШ никоҳ аз рӯи аризаи зан ё шавҳар ҳам бекор карда мешуд, агар зан ё шавҳар: А) бо тартиби муқаррар кардаи қонун бедарак ғоибшуда эътироф карда шуда бошанд; б) яке аз тарафҳо бо тартиби муқаррар кардаи қонун дар натиҷаи бемории руҳӣ ё сустақлӣ ғайри қобили амал эътироф карда шуда бошанд; в) барои содир кардани ҷиноят ба муҳлати на аз се сол кам ба маҳрумӣ аз озодӣ маҳкум карда шуда бошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки агар дар бораи фарзандон, дар хусуси тақсими молу мулке, ки моликияти умумии якҷояи зану шавҳар мебошад ё дар бораи додани маблағ барои таъминоти зан ё шавҳари муҳтоҷи қобилияти меҳнатӣ надошта баҳс бошад дар ин гуна ҳолатҳо никоҳ дар суд бекор карда мешуд. Мақомоти САҲШ пас аз гузаштани се моҳ аз рӯзи дар бораи ҷудошавӣ ариза додани зану шавҳар ҷудошавӣ ба расмият дароварда шуда, ба зану шавҳар дар бораи бекор карда шудани никоҳ шаҳодатнома дода мешуд. Яъне мақомоти САҲШ ҳуқуқи муҳлати оштӣ додан надошт ва танҳо суд барои оштӣ шудани зану шавҳар чораҳо медид ва ҳуқуқ дошт, ки ба зану шавҳар барои оштишавӣ муҳлат таъин карда, мурофиаи кори онҳоро мавқуф гузорад. Суд баъди муқаррар гардидани он, ки минбаъд зиндагонии якҷояи зану шавҳар ва нигоҳ доштани оила имконнопазир гардидааст, дар бораи бекор кардани никоҳ ҳалнома мебаровард. Ба назари мо ҳуқуқи додани муҳлати оштӣ ва андешидани чораҳои дигари пешгирии вайроншавии оилаҳо ба мақомоти САҲШ низ дода шавад ба мақсад мувофиқ аст, зеро аксарияти оилаҳое, ки ҷудо мешаванд ҷавонанд ва имкони бекор кардани никоҳро бе муроҷиат кардан ба суд доранд.

Адабиёт:


Legal education is a type of social education associated with political, moral, labor, aesthetic and other education. All areas of education are interconnected and aimed at the formation of a comprehensively developed personality. Legal education taking into account moral values, in the work process, taking into account political thinking, etc. it will happen.

Legal education is closely related to moral education, since law and morality are closely related, law reflects moral values, etiquette is a necessary quality for law enforcement officers.

The Constitution of the Republic of Tajikistan, adopted in 1994, proclaims Tajikistan a legal state. It should be emphasized that the formation of a rule of law state is impossible without the development of education and legal culture, because law is the essence of any social relations in a rule of law state and ensures the rule of law and a certain legal system. It should be said that in this context, preparing a person for new economic and social conditions and finding the roots of the formation of his worldview in proportion to the new legal values that are faced with problems today, the role of education increases. at all levels of society.

Since education is a social, cultural, psychological and pedagogical phenomenon, it serves to regulate human life and the progress of society. It is aimed as a special purposeful human activity at the development of personality and the inclusion of a person in the flow of real life and the construction of a cultural society. Indeed, ensuring reforms in various spheres of society, adopting regulations and taking the necessary measures, especially legal education of various groups of the population, achieving significant results will further strengthen the stability of the country's independence.

Understanding the need for legal education and enhancing its role in the formation of the legal culture of the population and the prevention of any unwanted manifestations against humanity. Moreover, the role of legal education as an important factor in the progress of a new society in changing and shaping the thinking of individuals, recognizing new legal values is a priority and occupies a sufficient place in the history of our independent country.

Despite the fact that a number of government ministries and departments and public associations are working in this direction on legal education by developing programs and instructions and taking the necessary measures, there are still problems and distractions in the legal education system.

**Keywords:** Education, legal education, Constitution of the Republic of Tajikistan, citizens, state, state authorities, law, legality, rule of law, civil society, legal consciousness, legal culture.

Дар шароити соҳибистиқлолии Ватан рушд ва тараққӣ додани давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон вазифаи ҳар фарди бо нангу номуси кишвар аст. Вазъияти ниҳоят мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир, ноорамии кишварҳои ҳамсоя, инкишоф ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва оқибатҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ моро водор месозанд, ки пайваста донишҳои ҳуқуқии худро сайқал диҳем, аз сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ бархурдор бошем ва дар тафаккури ҷомеа зиракии сиёсиву маърифати ҳуқуқиро рушд бахшем[190].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қонунэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун се самти муҳимтарини сиёсати ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Қайд карда мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ дар асоси эҷоди меъёрҳои нав, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳое, ки барои амалигардонии тарбияи ҳуқуқӣ муаззафанд бунёд ёфтааст[191].

Тарбияи ҳуқуқӣ дар радифи қонунэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ як шакли татбиқи сиёсат ба ҳисоб рафта, ба он мақоми самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ медиҳад.

Шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳам дар рафти тарбияи ҳуқуқӣ ва ҳам бо таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигари ҷомеа ташаккул меёбанд. Аз ин хотир, ду мафҳум ҷудо карда мешаванд: а) тарбияи ҳуқуқӣ бо истифодаи воситаҳо ва шаклҳои махсус; б) ташаккули ҳуқуқии шахс бо таъсири омилҳои мухталифи ҷомеа. Ҳамзамон ташаккули ҳуқуқии шахс намуди ташаккули ҷамъиятии инсон мебошад. Ташаккули ҷамъиятии инсон дар ҷомеа (оила, мактаб, донишгоҳ, корхона, муассиса, ташкилот, мақомоти давлат, мақомоти худидора, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), бо таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва диг., дар рафти фаъолияти меҳнатӣ, хоҷагидорӣ, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа (иқтисод, сиёсат ва ғ.), бо истифодаи меъёрҳои ахлоқӣ, сиёсӣ, динӣ, анъанаҳо ва ғ. сурат мегирад. Ташаккули ҷамъиятии инсонро бо истилоҳи «ҷомеагардии инсон» низ ифода мекунанд. Инсон дар ҷомеа, муҳити

---

[190] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография. – Душанбе: ЭР – граф, 2021. – С. 10.
[191] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М., 1982. – С. 36.

муайян, бо таъсири шароити ҳаёти ҷомеа ташаккул меёбад, ба камол мерасад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи фарҳанги умумиинсонӣ буда, маҷмуи арзишҳои ҳуқуқиест, ки тайи саддаҳои гузашта аз насл ба насл то ба замони мо расида, баҳри дарку эҳсоси волоияти қонун тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, барқарории адолати судӣ риоя ва дифои ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, сифати қонунгузорӣ ва густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мардумсолорӣ нигаронида шудааст[192].

Фарҳанги ҳуқуқӣ – як намуди фарҳанги ҷомеа мебошад, ки аз сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа дар робита бо ҳамаи унсурҳои воқеияти ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ аз шуури ҳуқуқӣ фарқ дорад. Фарҳанги ҳуқуқӣ танҳо бо шуури ҳуқуқӣ алоқаманд нест. Фарҳанги ҳуқуқӣ аз шуури ҳуқуқӣ дида васеътар буда, унсурҳои зиёдро фаро мегирад, аз хусуси сатҳи шуури ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, амалигардии талаботу нишондоди ҳуқуқӣ, сифати кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва м.и. шаҳодат медиҳанд. Агар шуури ҳуқуқӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии афроди ҷудогона, гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа ва умуман ҷомеа маълумот диҳад, пас фарҳанги ҳуқуқӣ аз хусуси сатҳи инкишофи ҳуқуқии умуман ҷомеа, вазъи сифатии ҳаёти ҳуқуқӣ дар ин ё он ҷомеа иттилоъ медиҳад.

Агар шуури ҳуқуқӣ ҳаёти маънавии ҷомеаро фаро гирад, пас фарҳанги ҳуқуқӣ унсурҳои маънавӣ ва моддӣ, аз қабили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, мақомоти судӣ, нотариалӣ ва дигарро фаро мегирад. Фарҳанги ҳуқуқӣ сифати ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро муайян мекунад. Сифати ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа бо сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа, сифати кори мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ, сифати қонунҳо, сифати кори судҳо, тарзҳои самараноки фаъолияти ҳуқуқӣ, сифати ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, сифати донишомӯзии ҳуқуқӣ дар кишвар, сифати таълими касбии ҳуқуқӣ, сатҳи донишҳои ҳуқуқии ҳуқуқшиносон, сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ муайян мешавад. Давлат низ унсури муҳими фарҳанги ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд сатҳи баланди сифати ҳаёти ҳуқуқиро дар назар дорад. Фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи баланд, миёна ва паст дошта метавонад. Ҳамзамон фарҳанги ҳуқуқӣ аз сохти иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ вобастагӣ дорад ва аз ин хотир, намуди фарҳанги ҷомеа буда, бо фарҳанги маънавӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва диг. робита дорад. Азбаски фарҳанги ҳуқуқӣ инкишоф меёбад, сухан дар хусуси сатҳи инкишофи ҳуқуқӣ, сатҳи шуури ҳуқуқӣ, сифати қонунҳо, сифати санадҳои меъёрии зериқонунӣ, сифати кори судҳо, мақомоти дигари давлатӣ, вазъ ва сифати ҳимояву таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сатҳи иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа, аз ҷумла дар интихоботу раъйпурсӣ, сатҳу кафолатҳои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа, сатҳи иҷрои вазифаҳои конститутсионии

[192] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода. – Нашри 2-юм. – Душанбе: “Адиб” 2022. – С. 97-98.

шаҳрвандон, сатҳу сифати иҷрои уҳдадориҳои иштирокчиѐни муносибатҳои ҳуқуқӣ, сатҳи мувозинати манфиатҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва шахсӣ меравад[193].

Роҷеъ ба фарҳанги ҳуқуқӣ нуқтаҳои назари антропологӣ, сотсиологӣ ва фалсафӣ вуҷуд доранд. Аз нуқтаи назари антропологӣ мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ неъматҳоеро дар назар дорад, ки аз ҷониби инсон офарида шудаанд. Аз нигоҳи сотсиологӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ҷузъи ҳаёти ҷомеа буда, маҷмуи арзишҳои маънавӣ мебошад. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ аз ҷумлаи падидаҳое эътироф мешавад, ки бо роҳи дарки фалсафӣ муайян мешавад. Дар назарияи фардӣ фарҳанги ҳуқуқӣ чун натиҷаи фаъолияти маънавии инсон, маҷмуи арзишҳои маънавии эҷоднамудаи инсон таҳлил мешавад. Назарияи низомнокӣ фарҳанги ҳуқуқиро дар иртибот бо ҷомеа, бо дарназардошти антропология, этнография, идораи иҷтимоӣ меомӯзад. Дар заминаи ин ду назария фарҳанги ҳуқуқии шахсӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ҷудо карда мешаванд.

Фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа сатҳи шуури ҳуқуқӣ, қонуният, такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқукро инъикос намуда, ҳамаи арзишҳоеро фаро мегирад, ки аз тарафи одамон дар соҳаи ҳуқуқ эҷод шудаанд. Фарҳанги ҳуқуқии шахс бо раванди ҷомеагардии инсон ва амали қонунии фард алоқаманд аст.

Фарҳанги ҳуқуқӣ унсурҳои зерин дорад: ҳуқуқ, талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ, раъйпурсӣ, амалисозии ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ, амали ҳуқуқӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, анъанаҳои ҳуқуқии миллӣ, осори ҳуқуқӣ, одатҳои ҳуқуқӣ. Фарҳанги ҳуқуқӣ намудҳои гуногун дорад. Бо дарназардошти сатҳи азхуд намудани падидаҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии муқаррарӣ, касбӣ ва илмӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар иртибот бо субъектҳо фарҳанги ҳуқуқии шахс, фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ (хизматчиѐни давлатӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, донишҷӯѐн ва диг.), фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ҷудо карда мешаванд.

Вобаста ба самтҳои фаъолияти ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии сивилӣ, криминалистӣ, маъмурӣ, судии мурофиавӣ, судии иқтисодӣ, судии конститутсионӣ ҷудо карда мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқӣ функсияҳои зерин дорад: а) функсияи маърифатӣ дар бахши фаъолияти фарҳангӣ баҳри ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунѐд; б) функсияи танзимӣ-ҳуқуқӣ дар бахши таъмини фаъолияти бонизоми ҳамаи унсурҳои фарҳанги ҳуқуқӣ; в) функсияи арзишӣ-меъѐрӣ дар самти таъсири арзишӣ тавассути меъѐрҳои ҳуқуқӣ; г) функсияи тарбиявӣ баҳри ташаккули сифатҳои ҳуқуқии шахс; д) функсияи робитавӣ бо мақсади таъмини

---

[193]Ниг.: Саъдизода Дж. К вопросу о классификации культуры прав человека // Вестник педагогического Университета – издание ТГПУ им. Садриддина Айни, серия общественных, гуманитарных и филологических наук. – Душанбе, 2013. – №6 (55), часть 2, – С. 171.

робитаи ҳуқуқии байни одамон; е) функсияи пешгӯӣ дар соҳаи қонунэҷодкунӣ, амалисозии ҳуқуқ, таҳкими қонуният ва м.и.[194].

Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди фаъолияти ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ, ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Шуури ҳуқуқӣ маҷмуи тасаввурот ва ҳиссиёте мебошад, ки муносибатҳои инсониро ба ҳуқуқ ва зуҳуроти ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода менамояд[195]. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди шуури ҷамъиятӣ, ки воқеияти ҳуқуқиро инъикос менамояд ё маҷмуи донишҳои объективӣ оид ба таърих ва ҳолати ҷойдоштаи ҳуқуқ фаҳмида мешавад[196].

Дар назарияҳои мухталифи ҳуқуқ мафҳумҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ пешбарӣ мешаванд. Ҷонибдорони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ, алалхусус назарияи нави "ҳуқуқи фитрии эҳёгашта" (Б.И. Чичерин ва дигарон) шуури ҳуқуқиро бо ахлоқ, ақидаҳои озодӣ, баробарӣ, адолат алоқаманд мекунанд. Дар назарияҳои психологӣ (Л.И. Петражитский ва дигарон) мафҳумҳои ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо карда намешаванд. Назарияҳои сотсиологӣ (Ю. Гамбаров, Р. Штамлер, С. Муромсев ва дигарон) мафҳумҳои "шуури ҳуқуқии назариявӣ" ва "шуури ҳуқуқии ҳаётиро" ҷудо ва ба ҳам муқобил мегузоранд. Дар назарияҳои сотсиалистӣ мафҳуми колективии шуури ҳуқуқӣ истифода мешавад. Шуури ҳуқуқӣ метавонад хусусиятҳои зеринро доро бошад:

Шуури ҳуқуқӣ шакли шуури ҷамъиятӣ мебошад. Шуури ҷамъиятӣ шаклҳои гуногун, аз қабили шуури ахлоқӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, илмӣ ва диг. мебошад. Ҳамаи шаклҳои шуури ҷамъиятӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Инсон падидаҳои ҳаёти ҷомеаро ба таври умум дарк мекунад. Дарки ахлоқӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигари воқеият раванди ягона аст. Дарки фалсафӣ, илмӣ, ахлоқӣ ва дигар заминаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ мебошад. Бидуни донишҳои илмӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ, арзишҳои ахлоқӣ, тафаккури сиёсӣ, падидаҳои ҳуқуқиро воқеан дарк намудан душвор аст. Аз ин рӯ, шуури ҳуқуқӣ бо тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ робитаи мустаҳкам дорад.

Ҳамзамон шуури ҳуқуқӣ чунин шакли шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки зимни дарки ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, аз қабили қонун, қонуният, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ғайра ташаккул меёбад. Шуури ҳуқуқӣ шакли дарки воқеияти ҳуқуқӣ мебошад.

Шуури ҳуқуқӣ ин маҷмуи тасаввуроту эҳсосот, ақоиду ҳиссиётҳо, баҳогузорию қоидаҳоест, ки муносибати одамонро ба ҳуқуқи амалкунандаю матлуб ифода мекунад[197].

Шуури ҳуқуқӣ дар заминаи тасаввурот ва донишҳои илмӣ, инчунин ҳиссиёти ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Ҳамзамон, шуури ахлоқӣ, фалсафӣ ва дигар барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ заминаи муҳим мегузоранд, чунки

[194] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: "Империал-Групп", 2014. – С. 650.

[195] Ниг.: Кузнецов Э.В. Кризис современного правосознания // Изв. Вузов. Правоведение. – М., – 1994. - № 3 (12). – С. 54-56.

[196] Ниг.: Сырых В.М. Теория государства и права: Учебник. – М., 2004. – С. 135.

[197] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода. – Нашри 2-юм. – Душанбе: "Адиб" 2022. – С. 96.

ҳуқуқ бо ахлоқ, сиёсат, иқтисод ва дигар падидаҳои ҳаёти ҷомеа робитаи зич дорад. Ҳуқуқ арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили адолат, бовиҷдонӣ, инсоф ва дигарро инъикос менамояд. Ба ин нигоҳ накарда дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ, тасаввурот, мафҳумҳо, ақидаҳо, назарияҳо, ҳиссиёти ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозанд. Бидуни мафҳумҳо, тасаввурот, ҳиссиёти ҳуқуқӣ дарк намудани падидаҳои ҳуқуқӣ душвор аст. Чунончи, шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон ва шуури ҳуқуқии илмӣ дар заминаи донишҳои илмӣ ташаккул меёбад.

Шуури ҳуқуқӣ дарки давлатро низ дар назар дорад, чунки ҳуқуқ ва давлат бо ҳамдигар алоқаи зич доранд. Мафҳумҳо, ақидаҳо, назарияҳо оид ба давлат ҷузъи шуури ҳуқуқӣ мебошад. Воқеияти давлатӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Дарки падидаҳои ҳуқуқӣ айни замон дарки давлат ва падидаҳои давлатиро талаб мекунад. Давлат яке аз субъектони фаъол ва асосии тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Давлат сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ муайян ва амалӣ мекунад. Давлат қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунад, ки тавассути онҳо шуури ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Давлат объекти омӯзиши фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва илмҳои дигар мебошад. Дар ин илмҳо низ давлат дарк карда мешавад. Вале дар илми ҳуқуқшиносӣ давлат бо истифода аз усулҳои махсуси илмӣ дарк карда мешавад.

Шуури ҳуқуқӣ дар натиҷаи фаъолияти мақсаднок, муташаккилона, мунтазами мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон дар бахши тарбияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Шуури ҳуқуқӣ натиҷаи фаъолияти мақсаднок, муташаккил ва мунтазам мебошад, ки бо мақсади тарбияи эҳтиром, риоя ва иҷрои конститутсия ва қонун ба роҳ монда мешавад. Бо ин мақсад давлат барномаҳои давлатӣ қабул мекунад ва тадбирҳои зарурӣ меандешад. Чунин шакли фаъолияти давлатӣ зимни ташаккули шаклҳои ҷудогонаи шуури ҷамъиятӣ ба чашм намерасанд. Чунончӣ, шуури ахлоқӣ ба таври объективӣ, дар заминаи арзишҳо, меъёрҳо, талаботи ахлоқӣ, ки аз насл ба насл мегузаранд, ташаккул меёбад.

Дар дохили ҳар як тамаддун навъҳои ба онҳо хоси ахлоқи ҷомеа ташаккул меёбанд. Вале давлат ба тарбияи ахлоқӣ низ эътибори ҷиддӣ медиҳад, аз ҷумла арзишҳои ахлоқиро зимни тарбияи ҳуқуқӣ истифода мекунад. Шуури ҳуқуқӣ заминаи амали ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ, амалисозӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад.

Л.М. Нусратов мафҳумҳои гуногуни шуури ҳуқуқиро ҷамъбаст намуда, чунин мешуморад, ки шуури ҳуқуқӣ як шакли шуури ҷамъиятӣ буда, аз қисматҳои психологӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, ки муносибати одамонро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ифода менамояд, иборат мебошад[198]. Шуури ҳуқуқӣ сатҳи маърифатӣ, ақлӣ, илмӣ ва психологӣ дорад. Шуури ҳуқуқӣ дар сатҳи маърифат, тасаввуроти оддӣ, мафҳумҳо, донишҳои илмӣ ва ҳиссиёти инсонӣ ташаккул меёбад. Барои ҳамин шуури

[198] Ниг.: Нусратов Л.М. Проблемы формирования правосознания современном Таджикистане. – Душанбе, 2012. – С. 18-19

ҳуқуқӣ маҷмуи тасаввурот, ақидаҳо, мафҳумҳо, донишҳои илмӣ, назарияҳо, ҳиссиёту эҳсосот буда, аз ду унсури асосӣ иборат аст:

1) Идеологияи ҳуқуқӣ; 2) психологияи ҳуқуқӣ.

Идеология ё мафкураи ҳуқуқӣ маҷмуи тасаввурот, ақидаҳо, мафҳумҳо, назарияҳо мебошад, ки зимни дарки ақлонаи воқеияти ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Идеологияи ҳуқуқӣ муносибати одамонро ба воқеияти ҳуқуқӣ тавассути мафҳумҳо, ақидаҳо, ғояҳо, назарияҳои илмии ҳуқуқӣ ифода мекунад. Мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун, шартномаҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо, амали ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қонуният ва ғайраҳо, ақидаҳои волоияти қонун, ҷудонопазирии ҳуқуқу уҳдадориҳо ва дигар ҷузъи идеологияи ҳуқуқӣ мебошанд. Идеологияи ҳуқуқӣ дар заминаи маърифати ҳуқуқӣ, омӯзиши ҳуқуқ, аз худ намудани донишҳои назариявию илмии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад.

Психологияи ҳуқуқӣ, маҷмуи ҳиссиёт, эҳсосоти ҳуқуқӣ мебошад. Психологияи ҳуқуқӣ дар ҷараёни эҳсоси ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Омилҳои психологӣ, аз қабили ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ, эҳсоси аҳамияти қонун, зарурати эҳтирому риояи он, эҳсоси тарс аз таъқиби қонун, аз ҷумла худдорӣ аз ҷиноят бо дарки татбиқи ҷазо ва ба монанди инҳо, ба шуури ҳуқуқӣ таъсири калон мерасонанд. Як қатор амалҳои инсон дар ҳолати ҳаяҷони руҳӣ содир мешаванд. Ҳисси ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҳам фарқ дорад, масалан эҳсоси ҳуқуқии ҳуқуқшиносон баландтар мебошад, чунки онҳо аз мазмуни қонунҳо, оқибатҳои халалдор гаштани онҳо бештар воқифанд.

Як қатор унсурҳои психологӣ, ба мисли муносибати манфӣ ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, беэҳтиромӣ кардани қонун, сарфи назар кардани манфиатҳои давлат ва ҷомеа ва ба мадди аввал гузоштани манфиатҳои ғаразноки шахсӣ баҳри гирифтани фоидаи муфт, дидаву дониста роҳ додан ба оқибатҳои амали зиддиқонунӣ ва монанди инҳо, заминаи кирдори зиддиҳуқуқӣ шуда метавонанд. Унсурҳое, ки шуури ҷинояткоронаро ташаккул медиҳанд, боиси ҷиноят мешаванд.

В.Д. Перевалов се ҷузъи таркибии шуури ҳуқуқиро ҷудо менамояд: Психологияи ҳуқуқӣ (унсурҳои эҳсосӣ), идеологияи ҳуқуқӣ (ақидаҳо оид ба ҳуқуқ) ва донишҳои ҳуқуқӣ (пайванди оқилонаи шуури ҳуқуқӣ)[199].

Н.С. Соколова ҷанбаҳои гносеологӣ ва сотсиологии шуури ҳуқуқиро ҷудо карда, идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқиро мутаносибан сатҳҳои муқаррарӣ ва назариявии ҷанбаи сотсиологии шуури ҳуқуқӣ медонад[200].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ сохтори шуури ҳуқуқӣ ба ҷуз аз идеология ва психологияи ҳуқуқӣ ҳамзамон аз унсурҳои информатсионӣ, субъективӣ, мақсаднок ва ихтиёрӣ таркиб ёфтааст[201].

Бархе аз муаллифон, дар сохтори шуури ҳуқуқӣ дар баробари идеология ва психологияи ҳуқуқӣ, инчунин илми ҳуқуқшиносиро ҳамчун ҷаҳонбинии илмӣ фарқ мекунанд[202].

---

[199] Ниг.: Перевалов В.Д. Теория государства и права: Учебник. – М., 2005. – С. 190.

[200] Ниг.: Соколова Н.С. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание // Проблемы общей теории права и государства: Учебник / Под ред. В.С. Нерсесянца. Киев, 2005 – С.38.

[201] Ниг.: Малько А.В. Теория государства и права: Учебник. – М., 2008. – С. 13

Дар баробари ин ҳамчун унсури таркибии шуури ҳуқуқӣ «ахлоқи ҳуқуқӣ» ва «афкори одамон дар бораи қонунҳои ҷорӣ, татбиқ ва рушди он аз нуқтаи назари эътиқоди ахлоқӣ» ҷудо карда мешавад[203].

С.С. Алексеев итминони комил дорад, ки мафкураи ҳуқуқӣ аз нигоҳи мутобиқати худ ба «қонуни ҷомеаи шаҳрвандӣ» сифати «ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ»-ро, ки дар асоси эътирофи аҳамияти олии арзишҳо ва идеалҳои ҳуқуқӣ асос ёфтааст, касб мекунад[204].

Бояд гуфт, ки мафкураи ҳуқуқӣ, дар асоси назарияҳои гуногуни ҳуқуқ, аз қабили ҳуқуқи фитрӣ, ҳуқуқи позитивӣ, сотсиологӣ, либералӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Идеологияи ҳуқуқӣ имрӯз дар асоси консепсияҳои муосири фаҳмиши ҳуқуқӣ ташаккул ёфта истодааст.

Гузашта аз ин, ҷузъи таркибии мафкураи ҳуқуқӣ ин қабул ва эътирофи падидаҳои давлатию сиёсӣ мебошад, ки ба ташаккули мафкураи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Мафкураи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар шакли таълимоти гуногун бо ақида ва идеалҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар фаъолияти давлат, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ба таври васеъ истифода мешавад ва ба ин васила сифати барномаи фаъолияти гурӯҳҳои муайяни одамонро касб намуда, ба ташаккули шуури сиёсию ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Дар ҷомеаи пасошуравӣ таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқии волоияти қонун дар шуури ҷомеа ба таври васеъ парварида мешуд. Пешниҳоди ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар сатҳи конститутсионӣ эътирофи ҳуқуқӣ пайдо карда, ба самти расмии сиёсии давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ табдил ёфта, ба паҳншавии васеи арзишҳо ва идеалҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат намуд.

Бояд қайд кард, ки шуури ҳуқуқӣ дорои функсияҳои зерин мебошад:

а) функсияи маърифатӣ: дарки мафҳум, моҳият, нақши ҳуқуқ дар ҳаёти ҷомеа; тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ; тарбияи ҳуқуқӣ; омодасозии касбии ҳуқуқшиносон; таҳқиқоти илмии воқеияти ҳуқуқӣ;

б) функсияи иттилоотӣ-арзишӣ: паҳн намудани арзишҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла арзишҳои иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш; дарки арзиши ҳуқуқ ба сифати танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, меъёри адолат ва озодӣ, кафолати қонуният ва тартибу низом, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ;

в) функсияи танзимӣ: мусоидат намудан ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, танзими ҳиссиёт ва эҳсосоти ҳуқуқии инсон;

г) функсияи моделсозӣ: муайян намудани намунаи амали ҳуқуқии инсон дар заминаи мафҳумҳо, донишҳо, ҳиссиёти ҳуқуқӣ, интихоби намунаи амали мақбул, дарки аҳамият ва натиҷаҳои намунаи амали интихобшуда;

д) функсияи тарбиявӣ: тарбияи инсон дар руҳияи риоя ва иҷрои қонун, эҳтироми риояи ҳуқуқу озодиҳои одамон;

---

[202] Ниг.: Сырых В.М. Проблемы теория государства и права: Учебник. – М., 2008. – С. 67.

[203] Ниг.: Вишневский А.Ф., Горбаток Н.А., Кучинский В.А. Общая теория государства и права: Учебник. – М., 2004. – С. 363.

[204] Ниг.: Алексеев С. С. Право. Азбука. Теория. Философия. Опыт комплексного исследования. – М.: Издательская группа НОРМА – ИНФРА – М., 1998. – С.132.

е) функсияи пешгӯӣ: дарки равандҳои инкишофи ҳуқуқии ҷомеа, муайян намудани зарурати танзими ҳуқуқӣ, қабули қонуни нав ё тағйири қонунҳои амалкунанда, дарки натиҷаҳои амалӣ гаштани қонун.

Ҳамзамон намудҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад:

Шуури ҳуқуқӣ вобаста ба сатҳаш се намуд мешавад: шуури ҳуқуқии муқаррарӣ; шуури ҳуқуқии касбӣ; шуури ҳуқуқии илмӣ.

Шуури ҳуқуқии муқаррарӣ зинаи ибтидоии дарки воқеияти ҳуқуқӣ буда, ба бештари аҳолӣ хос аст. Дарку эҳсоси ҳуқуқ (конститутсия, қонунҳо, санадҳои меъёрии зерқонунӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, вазифаҳои конститутсионии шаҳрвандон, ухдадориҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, адолат, озодӣ, баробарӣ ва дигар талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ) ва падидаҳои ҳуқуқӣ (қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, адолати судӣ ва монанди инҳо) аввал дар сатҳи оддӣ, муқаррарӣ, мушоҳидаҳои ҳамарӯза, аз ҷумла мушоҳидаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти парламент, амали шахсии кормандони ин мақомот, рафти амалишавии қонунҳо ва монанди инҳо сурат мегирад. Дар ин давра шахс воқеияти ҳуқуқиро бо дарназардошти ҷаҳонбинии шахсӣ, донишҳои оддитарин дарку эҳсос менамояд. Ин дарки ҳуқуқӣ аз синни хурдсолӣ оғоз гашта, то охири ҳаёти инсон идома меёбад. Бо дарки ҳуқуқӣ ҳамчунин таҷрибаи ҳаётӣ, синни инсонӣ, таҷрибаи корӣ, таҷрибаи оилавӣ, шуури ахлоқӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, анъанаҳои миллӣ, одатҳо ва монанди инҳо таъсир мерасонанад. Ҳамаи ин ва дигар омилҳои объективӣ, инчунин воситаҳои ахбори омма, маърифатнокии аҳолӣ, донишомӯзии ҳуқуқӣ дар ташаккули ҳуқуқуии муқаррарӣ накши муайян доранд.

Зинаи баландтари шуури ҳуқуқӣ, ки касбӣ ном дорад, дар рафти таҳсили касбӣ ташаккул меёбад, дарки донишҳои касбии ҳуқуқиро талаб мекунад. Ин сатҳи шуури ҳуқуқӣ ба судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, муфаттишон ва дигар ҳуқуқшиносони амалӣ хос аст. Он аз шуури ҳуқуқии муқаррарии шаҳрвандон фарқ дорад, зеро истифодаи воқеии донишҳои касбии ҳуқуқиро талаб менамояд.

Сатҳи аз ҳама баландтарини шуури ҳуқуқӣ-шуури ҳуқуқии илмӣ мебошад, ки ба олимони ҳуқуқшинос хос буда, дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ташаккул меёбад ва донишҳои илмӣ-ҳуқуқиро талаб мекунад.

Хуллас, шуури ҳуқуқӣ давра ба давра, дар тули ҳаёту фаъолияти инсон ташаккул меёбад.

Шуури ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа, табақаву гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа якхел буда наметавонанд. Аз ин хотир, намудҳои гуногуни шуури ҳуқуқиро дар робита бо ин субъектон, яъне фарди алоҳида, гурӯҳҳои аҳолӣ ҷудо мекунанд. Дар ин замина, шуури ҳуқуқии фардӣ, коллективӣ (гуруҳӣ), ҷамъиятӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар таркиби шуури ҳуқуқии коллективӣ намудҳои зерини шуури ҳуқуқиро ҷудо намудан мумкин аст: а) шуури ҳуқуқии гуруҳҳои иҷтимоии аҳолӣ; б) шуури ҳуқуқии оммавӣ, ки ба иштирокчиёни гирдиҳамоӣ, намоиши сиёсӣ, баромадҳои оммавӣ хос аст.

Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ба халқ ва миллат хос аст. Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ, мафҳуми бештар умумӣ буда, дар ҳолатҳои таҳлили сатҳи шуури ҳуқуқӣ дар кишварҳои гуногун истифода мешавад.

Дар адабиёт ҳолатҳои халалдор гаштани шуури ҳуқуқиро низ таҳлил мекунанд. Дар ин замина, мафҳуми "шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ" пешкаш ва таҳлил мешавад. Дар робита бо ин мафҳум, намудҳои зерини шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: а) "инфантилизми ҳуқуқӣ" (шуури номукаммал, пурра ташаккулнаёфта), ки дар натиҷаи норасоии донишҳои ҳуқуқӣ сар мезанад; б) "нигилизми ҳуқуқӣ" (дидаву дониста сарфи назар кардани талаботи қонунҳо); в) "шуури ҳуқуқии нуқсоннок" (содир гаштани ҷиноят аз ҷониби шахсони мансабдор ва ба гурӯҳҳои ҷинояткор ворид гаштани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ).

Ҳамзамон, нуқтаи назари мухталифи олимон роҷеъ ба намудҳои шуури ҳуқуқӣ пешкаш мешавад.

Дар адабиёт шуури ҳуқуқӣ-маҷмуи ақидаҳо, эътиқод ва ҳиссиёти одамон ба ҳуқуқ ва падидаҳои давлативу ҳуқуқӣ маънидод карда мешавад.

Ба ақидаи А. Байков, ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқӣ аз як тараф, худи ҳадафҳои раванди тарбияро дар назар дорад, ки методологияи онро муайян мекунад, аз тарафи дигар оқибатҳои иҷтимоии онро ифода менамояд[205].

Аз рӯйи як қатор таҳқиқотҳо ҳадафҳои умумӣ ва махсуси тарбияи ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад. Ҳадафи умумии тарбияи ҳуқуқӣ баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Ҳадафҳои мушаххаси тарбияи ҳуқуқӣ: иттилооти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, ҷалби шахс ба фаъолияти давлат, яъне дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифташуда[206]. Як қатор муаллифон мақсади асосии тарбияи ҳуқуқиро дар ташаккули эҳтироми шахс нисбат ба қонун мебинанд[207].

Ба ақидаи муаллифони дигар, тарбияи ҳуқуқӣ на танҳо ба ташаккули низоми дониш ва эътиқоди ҳуқуқии шаҳрвандон, балки ба ташаккули ангезаҳо, одатҳои ҳуқуқӣ ва рафтори фаъоли иҷтимоӣ нигаронида шудааст[208].

Ҳамчунин ҳадафҳои бевосита, мобайнӣ ва ниҳоии тарбияи ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Ҳадафи бевосита, ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ, ҳадафи мобайнӣ ба ташаккули эътиқоди ҳуқуқӣ нигаронида шудааст ва ҳадафи ниҳоӣ бошад, ташаккули ангезаҳо ва одатҳои рафтори ҳуқуқиро дар назар дорад[209]. Инчунин ҳадафҳои стратегӣ, дарозмуддат, тактикӣ, бевосита, умумӣ ва хусусии тарбияи ҳуқуқӣ мавҷуданд[210].

---

[205] Ниг.: Бойков А.Д. Некоторые вопросы теории правового воспитания // Правовая культура и вопросы правового воспитания. – М., 1974. – С. 18-19.
[206] Ниг.: Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. кандидат юридических наук: 12.00.01 - Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве. – Киев, 2008. – С. 23-25.
[207] Ниг.: Кудрявцев, В.П. Личность и уважение к закону: социологический аспект. М., 1979. – С. 76.
[208] Ниг.: Головченко В.В. Эффективность правового воспитания: понятие, категории, методика измерения. – Киев, 1985. – С. 31-37.
[209] Ниг.: Тишенко В.В. Правовая пропаганда: понятие, функции, проблемы // Правовое воспитание трудящихся: вопросы теории и практики. – Фрунзе, 1978.– С. 26.
[210] Ниг.: Соколов Н.Я. Где узнать о законодательных актах. М.: Знание, 1984. – С. 21.

Ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои муҳим ва зарурии тарбияи ҳуқуқӣ, водорсозии ҳар фардро ба ақидаҳои ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ташаккули дараҷаи муайяни шуури ҳуқуқӣ дар бар мегирад. Дониши ҳуқуқӣ ҳамчун шарти фаъолияти қонунии шахс, заминаи ташаккули муносибати мусбати шахс ба қонунҳо, одати риоя ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад. Чуноне ки, дар адабиёти ҳуқуқӣ дарҷ карда шудааст, донишҳои ҳуқуқӣ ба шахс имкон медиҳад, ки рафтори худро бошуурона ташкил намуда, онро назорат намояд ва нишондиҳандаҳои донишҳои ҳуқуқӣ ангезаи ҳар як шаҳрванд ба мақсаднок будани мавҷудияти ин меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад[211].

Бори дигар иброз медорем, ки ҳадафи асосии тарбияи ҳуқуқӣ ин ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин, саволе ба миён меояд, ки оё зарур аст, ки тамоми шаҳрвандон дар сатҳи кофӣ дониши ҳуқуқӣ дошта бошанд, аз тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ бархурдор бошанд ва тамоми қонунҳои давлатро донанд?

Қисми зиёди муаллифон ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Бархе аз онҳо чунин мешуморанд, ки ҳамаи одамон бояд дар бораи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқиро танзим мекунанд, дониши кофӣ дошта бошанд, ҳамчунин дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳо, шаклҳои татбиқи онҳо ва натиҷаҳои ҳуқуқии пешбинишаванда дарки равшан ва пурра дошта бошанд[212].

Ақидае мавҷуд аст, ки мувофиқи он ҳар як шаҳрванди давлати алоҳидаро зарур аст, ки аз мазмуни конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои қонунгузорие ки қобилияти ҳуқуқии ӯро танзим мекунанд, огоҳ бошад, ҳамзамон принсипҳои асосии демократӣ, идоракунӣ, адолат ва қонуниятро дарк намояд[213].

Чуноне ки Н.Я. Соколов қайд мекунад: «Донистани хуби қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби хамаи шаҳрвандон, яке аз кафолатҳои асосии иҷрои уҳдадориҳо, истифодаи ҳуқуқу озодиҳо ба манфиати ҷамъият, давлат ва шаҳрвандон ба ҳисоб меравад»[214].

Мувофиқи нуқтаи назари Э.А. Зорченко, донистани принсипҳои умумии ҳуқуқ, мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумот дар бораи сохт ва вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ шарти зарурии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ба шумор меравад[215].

Бояд гуфт, ки шуури ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста ба синну сол, вазъи иҷтимоӣ ва касбият ҳудуди худро дорост. Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ки бунёди он маданияти баланди ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқиро дар назар дорад, аз шаҳрвандон талаб карда мешавад, ки дониши зарурии ҳуқуқӣ дошта бошанд. Илова бар ин, ҳадди ақали дониши ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста ба категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон (мактаббачагон, донишҷӯён ва нафақахӯрон), мансубияти онҳо ба

[211] Ниг.: Струве П.Б. Интеллигенция и революция // вехи. Интеллигенция в России. – М., 1991. – С.171.
[212] Ниг.: Фаткуллин Ф.Н., Чудюкин Л.Д. Социальная ценность и эффективность правовой нормы. – Казань, 1977. – С. 46.
[213] Ниг.:Боботов С.В. и др. Личность и уважение к закону. Социологический аспект. – Казань. С. – 171.
[214] Ниг.: Соколов Н.Я. Где узнать о законодательных актах. – М.,: Знание, 1984. – С. 7.
[215] Ниг.:Зорченко К.Л. Воспитание правовой культуры молодежи. – Минск, 1986. – С. 14-15.

гуруҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ (соҳибкорон, менеҷерҳо ва ғайра) вазъи иҷтимоӣ (маълумоти ҳуқуқии шаҳрвандон) ҳамеша фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, шаҳрвандон бояд донишҳои ҳадди ақали ҳуқуқӣ дошта бошанд ва онро дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ истифода намоянд. Бояд гуфт, ки ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бо тарзҳои мухталиф вомехӯранд. Ба ақидаи В.В. Стреляева, мақсадҳои тарбия характери мушаххаси таърихӣ дошта, барои як давраи муайян бо равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии он ва барои системаҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, институтҳо ва муассисаҳои мушаххас хосанд. Маҳз ин, боиси имконнопазирии ташаккули якхела ва мукаммали ҳадафи тарбия мегардад, бо вуҷуди он, ки ин гуна кӯшишҳо борҳо сурат гирифтааст. Шояд ягона роҳе, ки муҳаққиқон ба мувофиқа расидаанд, эътироф ба сифати унсурҳои тавсифкунандаи ҳадафи тарбия, категорияҳои «ҷаҳонбинӣ», «эътиқод», «муносибат», «рафтор» ва чанде дигар аст[216].

Мақсадҳои тарбияи ҳуқуқӣ ҳамеша ба эҳтиёҷоти объективии иҷтимоӣ мутобиқ гардида, дар баробари рушди ҷомеа ташаккул меёбад ва дар шароити дигаргунсозиҳои куллии иҷтимоӣ мушаххас мегардад.

Дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, озодии фаъолияти иқтисодӣ, рушди соҳибкории хусусӣ, ташаккули муносибатҳои бозорӣ, плюрализми сиёсию идеологӣ, тағйир додани арзишҳои ҳуқуқӣ, васеъ намудани фаҳмиши ҳуқуқӣ ва мақсадҳои тарбияи ҳуқуқӣ зарурати воқеӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза, ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқӣ ба вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, ки ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, тобеъ гардонида мешавад. Қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, таҷдиди қонунгузории амалкунанда, таҷдиди ҳадафҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқӣ, истифодаи мафҳумҳо ва категорияҳои сифатан нави ҳуқуқӣ дар сатҳи илмӣ ва қонунгузорӣ, тағйир додани ҳадафҳо, воситаҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Мутобиқан, ҳадафҳо, шаклҳо ва усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ низ, дар ҷомеаи муосир тағйир меёбад. Имрӯз тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба ташаккули сатҳи сифатан нави донишҳои ҳуқуқӣ равона карда шавад, ки азхудкунии он ба рушди фаъолияти тамоми қишри ҷомеа мусоидат намояд.

Бояд гуфт, ки эътирофи шартномаҳои байналмилалӣ, меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии миллӣ, эътирофи афзалияти онҳо нисбат ба қонунҳои миллӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, васеъ намудани доираи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, метавонад ба инкишофи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа мусоидат намояд. Дар ин сурат, тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба

[216] Ниг.: Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. кандидат юридических наук: 12.00.01 - Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве. М., 2011. – С. 56-57.

ташаккули чунин системаи донишҳои ҳуқуқӣ равона карда шавад, ки онро набояд танҳо бо доираи қонунгузории дохилӣ маҳдуд кард.

Ҳамин тавр, мақсадҳои тарбияи ҳуқуқӣ бо баробари рушди ҷомеа тағйир меёбанд. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ карда мешавад.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон амалӣ мегардад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гуруҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

**Адабиёт:**


1. Алексеев С.С. Право. Азбука. Теория. Философия. Опыт комплексного исследования. – М.: Издательская группа НОРМА – ИНФРА – М. 1998. – 467 с.
2. Боботов С.В. и др. Личность и уважение к закону. Социологический аспект. – Казань, 2008. – 330 с.
3. Бойков А.Д. Некоторые вопросы теории правового воспитания // Правовая культура и вопросы правового воспитания. – М., 1974. – С. 18–23.
4. Вишневский А.Ф., Горбаток Н.А., Кучинский В.А. Общая теория государства и права: Учебник. – М., 2004. – 555 с.
5. Головченко В.В. Эффективность правового воспитания: понятие, категории, методика измерения. – Киев, 1985. – 480 с.
6. Головченко В.В. Эффективность правового воспитания. Понятие, методика, критерии измерения. – Киев, 1985. – 780 с.
7. Зорченко К.Л. Воспитание правовой культуры молодежи. – Минск, 1986. – 210 с.
8. Кудрявцев, В.П. Личность и уважение к закону: социологический аспект. М., 1979. – 300 с.
9. Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М., 1982. – 400 с.
10. Кузнецов Э.В. Кризис современного правосознания // Изв. Вузов. Правоведение. – М., 1994. - № 3 (12). – С. 3–9.
11. Малько А.В. Теория государства и права: Учебник. М., 2008. – 650 с.
12. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода. – Нашри 2-юм. – Душанбе: “Адиб” 2022. – 224 с.
13. Нусратов Л.М. Проблемы формирования правосознания в современном Таджикистане. – Душанбе, 2012. – 400 с.

14.Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник и практикум для бакалавриата и специалитета. – М., 2005. – 190 с.

15.Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография. – Душанбе: ЭР – граф, 2021. – 252 с.

16.Саъдизода Дж. К вопросу о классификации культуры прав человека // Вестник педагогического Университета – издание ТГПУ им. Садриддина Айни, серия общественных, гуманитарных и филологических наук. – Душанбе, 2013. – №6 (55), часть 2, – С. 170-175.

17.Сырых В.М. Проблемы теория государства и права: Учебник. – М., 2008. – 528 с.

18.Сырых В.М. Теория государства и права: Учебник. – М., 2004. – 420 с.

19.Соколова Н.С. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание / Проблемы общей теории права и государства: Учебник / Под ред. В.С. Нерсесянца. – Киев, 2005. – 284 с.

20.Соколов Н.Я. Где узнать о законодательных актах. М.: Знание, 1984. – 550 с.

21.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: “Империал-Групп”, 2014. – 720 с.

22.Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. кандидат юридических наук: 12.00.01 - Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве. – М., 2011. – 380 с.

23.Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. кандидат юридических наук: 12.00.01 - Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве. – Киев, 2008. – 380 с.

24.Струве П.Б. Интеллигенция и революция // вехи. Интеллигенция в России. – М., 1991. – С. 156–174.

25.Тишенко В.В. Правовая пропаганда: понятие, функции, проблемы // Правовое воспитание трудящихся: вопросы теории и практики. – Фрунзе, 1978. С. 26–34.

26.Фаткуллин Ф.Н., Чудюкин Л.Д. Социальная ценность и эффективность правовой нормы. – Казань, 1977. – 560 с.

# НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАИ ТАТБИҚИ ПРИНСИПИ РОБИТАИ ЗИЧТАР ДОШТА ДАР СОҲАИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРТНОМАВӢ

**Баҳодурзода Мутрибахон,**
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети №4, муаллими калони кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисос, майори милитсия
**Тел:** (+992) 92-759-33-34
**E-mail:** mbakhodurzoda@bk.ru

**Роҳбари илмӣ:** Солиев И.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба масъалаи татбиқи принсипи робитаи зичтар дошта дар соҳаи муносибатҳои шартномавӣ бахшида шудааст. Қайд гардидааст, ки асоси танзими муносибатҳои фаромиллӣ шартномаҳои байналмилалӣ оид ба хариду фурӯш Муоҳидаи Венагӣ «Дар бораи хариду фурӯши байналмилалии мол» аз соли 1980 баромад намуда, дар он принсипи робитаи зичтар дошта нақши муассир дорад. Дар ин радиф инчунин санадҳои зеринро номбар кардан мумкин аст: Муоҳидаи Гаага «Дар бораи ҳуқуқи нисбати шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии мол татбиқ шаванда» аз соли 1986; Муоҳидаи СММ «Дар бораи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол» (Вена, 11 апрели соли 1980); Муоҳидаи байниамрикоӣ «Дар бораи ҳуқуқи нисбати қарордодҳои байналмилалӣ татбиқшаванда» аз соли 1994.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ принсипи робитаи зич доштаи муносибатро бо ҳуқуқи кишвар пешбинӣ намуда, он дар моддаҳои 1306, 1310, 1333 фаро гирифта шудааст.

**Калидвожаҳо**: Ҳуқуқ, робитаи зич дошта, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, кодекси мадани, муносибатҳои шартномавӣ, муоҳида, принсипи робитаи бештардошта.

# ВЗГЛЯД НА ВОПРОС ПРИМЕНЕНИЯ ПРИНЦИПА НАИБОЛЕЕ ТЕСНОЙ СВЯЗИ В ОБЛАСТИ ДОГОВОРНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**Баходурзода Мутрибахон,**
Академия МВД Республики Таджикистан, факултет №4, старший преподаватель кафедры начальной подготовки и повышения квалификации, майор милиции
**Тел:** (+992) 92-759-33-34
**E-mail:** mbakhodurzoda@bk.ru

**Научный руководитель:** Солиев И.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Данная статья посвящена применению принципа более тесной связи в сфере договорных отношений. Отмечается, что основой регулирования транснациональных отношений являются международные соглашения о купле-продаже Венской конвенции «О международной купле-продаже товаров» 1980 года, и в ней действенную роль играет принцип более тесной связи. В этой связи также можно перечислить следующие документы: Гаагская Конвенция «О праве, применимом к договорам международной купли-продажи товаров» 1986 года; Конвенция ООН «О договорах международной купли-продажи товаров» (Вена, 11 апреля 1980 г.); Межамериканская конвенция «О праве, применимом к международным договорам» 1994 года.

Гражданский кодекс Республики Таджикистан также предусматривает принцип тесной связи с законодательством страны, что отражено в статьях 1306, 1310, 1333.

**Ключевые слова**: Права, наиболее тесная связь, международное частное право, гражданский кодекс, договорные отношения, конвенция, принцип наиболее тесного связей.

## A VIEW ON THE ISSUE OF APPLYING THE RELATIONSHIP PRINCIPLE HAS CLOSER IN THE AREA OF CONTRACTUAL RELATIONS

**Bahodurzoda Mutribakhon,**
Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, faculty No. 4, senior teacher of the department of initial training and advanced training, police major
**Phone:** (+992) 92-759-33-34
**E-mail:** mbakhodurzoda@bk.ru

**Scientific Supervisor:** Soliev I.M., candidate of legal science, docent

**Annotation:** This article is devoted to the application of the principle of closer connection in the field of contractual relations. It is noted that the basis for the regulation of transnational relations are the international sales agreements of the Vienna Convention on the International Sale of Goods of 1980, and the principle of closer connection plays an effective role in it. In this regard, the following documents can also be listed: The Hague Convention on Contracts for the International Sale of Goods (Vienna, April 11, 1980); Inter – American Convention on the Law Applicable to Treaties of 1994.

The Civil Code of the Republic of Tajikistan also provides for the principle of close connections with the legislation of the country, which is reflected in articles 1306, 1310,1333.

**Key words**: Rights, closest connection, private international law, civil code, contractual relationships, convention, the principle of the closest ties.

Муносибатҳои шартномавӣ соҳаи куҳантарин ва бештар паҳнгаштаест, ки дар он принсипи робитаи зич дошта татбиқи хешро бештар ёфтааст.

Бояд гуфт, ки дар соҳаи мазкур чун асоси танзими муносибатҳои фаромиллӣ шартномаҳои байналмилалӣ оид ба хариду фурӯш нақш дошта, дар ин радиф Муоҳидаи Венагӣ «Дар бораи хариду фурӯши байналмилалии мол» аз соли 1980, ки принсипи робитаи зичтар доштаро дар бар гирифтааст, нақши муассирро дорад[217]. Дар моддаи 10 Муоҳида пешбинӣ мешавад, ки агар тарафи муносибати шартномавӣ зиёда аз як корхонаи тиҷоратиро дошта бошад, пас корхонаи тиҷоратии вай он дониста мешавад, ки бо назардошти холатҳои барои тарафҳо маълум ва ё аз ҷониби онҳо тасаввур карда шаванда, дар дилхоҳ лаҳзаи то бастан ва ё дар лаҳзаи бастани шартнома робитаи зичро бо шартнома ва иҷрои он дошт.

Дар меъёри овардашуда маҳаки объективона истифодашудаи робитаи зич дошта инчунин бо омилҳои субъективӣ пурра мешавад. Бояд зикр намуд, ки меъёри номбурда танҳо ҳалли ҳамагӣ як масъалаи бо маънидод намудани мафҳуми макони ҷойгиршавии корхонаи тиҷоратӣ вобаста бударо дорад. Новобаста ба ин, чунин ҳолат нишонаи дар муоҳида муқаррар гардидани принсипи робитаи зич дошта баромад менамояд.

Масъала оид ба он, ки чиро бояд тибқи мақсадҳои муоҳидавӣ ҳамчун корхонаи тиҷоратӣ ҳисобид, ба шарте ки чунин корхонаҳо якчанд шумора бошад, басо аҳамиятнок аст, зеро ба он интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда ва оқибати муносибати бавуҷудомада вобаста мебошад. Ҳамин тавр, дар яке аз парвандаҳои аз тарафи Ташкилоти ғайритиҷоратии «Арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунанда назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, корхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъво нисбати филиали корхонаи Италия, ки дар қаламрави Тоҷикистон қарор дошт, пешниҳод карда буд. Арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунанда назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорро аз рӯи парванда қабул намуда, ба хулоса оид ба татбиқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон омад, зеро корхонаи тиҷоратии тарафҳо, ки робитаи зичро бо қарордод дошт дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ буд[218].

Дигар шартномаи байналмилалии барои унификатсияи универсалӣ дар ин соҳа равон гардидаву принсипи робитаи зичтар доштаро муқаррар

[217] Ниг.: Международное частное право: учебник / Под.ред. Г.К. Дмитриевой. 3 –е изд. – М.: 2010. – С.298.
[218]Ниг.: Сомонаи расмии Ташкилоти ғайритиҷоратии «Арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунанда назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» - www.tpp.tj. (лаҳзаи мурoҷиат: 09 августи соли 2023).

намуда Муоҳидаи Гаага «Дар бораи ҳуқуқи нисбати шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии мол татбиқ мешавад» аз соли 1986 дониста мешавад. Банди 3 модади 8 муоҳида ба инобат гирифтааст, ки ба таври истисно, вақте ки бо назардошти ҳамаи ҳолатҳо, масъалан, муносибатҳои кории байни тарафҳо, шартнома баръало робитаи зичтарро бо ҳуқуқи кишвари дигар дошта бошаду, вале ҳуқуқи нисбати шартнома татбиқшавандаи он тибқи бандҳои 1 ва 2 модда баромад накунад, шартнома аз рӯи ҳуқуқи кишвари хориҷӣ танзими худро меёбад.

Бандҳои баъдинаи ҳамин модда, ба таври назаррас амали ин қоидаро маҳдуд месозад. Хусусан тибқи банди 4 моддаи номбурда, банди 3 татбиқ намешавад, агар дар лаҳзаи бастани шартнома фурӯшанда ва харидор корхонаи тиҷоратии худро дар қаламрави кишвари тибқи зербанди «б»-и моддаи 21 иқтибос оварда, дошта бошанд. Инчунин тибқи банди 3 Муоҳида нисбати масъалаҳои аз тарафи Муоҳидаи СММ «Дар бораи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол» (Вена, 11 апрели соли 1980) танзимшаванда татбиқ намешавад, агар дар лаҳзаи бастани шартнома, фурӯшанда ва харидор корхонаҳои тиҷоратии худро дар қаламрави кишварҳои иштирокчии муоҳидаи 1980 дошта бошанд. Маҳз бо ҳамин тартиб принсипи робитаи зичтар дошта дар муоҳидаҳои байналмилалӣ оварда шудааст.

Шартномаҳои минтақавии ба сифати асоси танзими муносибатҳои шартномавӣ ва дорои принсипи робитаи зич доштаро пешбини намудааст, Муоҳидаи байниамрикоӣ «Дар бораи ҳуқуқи нисбати қарордодҳои байналмилалӣ татбиқшаванда» аз соли 1994 дониста мешавад. Дар моддаи 9 Муоҳида омадааст, агар интихоби ба амал омада қувваи юридикӣ надошта дониста шавад, қарордод бо ҳуқуқи кишваре танзим мешавад, ки бо он робитаи зичтар мавҷуд бошад. Суд ҳамаи унсурҳои объективӣ ва субъективии қарордодро дар мавриди муайян намудани ҳуқуқи давлати робитаи зич дошта, ба назар мегирад. Инчунин принсипҳои умумии ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратии аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ эътироф намудаанд, ба инобат гирифта мешавад. Баробари ин, агар ягон қисми қарордод аз қисми дигари қарордод ҷудо карда шавад ва агар он робитаи зичтарро бо ҳуқуқи давлати дигар дошта бошад, пас ба таври истисно нисбати ин қисми қарордод ҳуқуқи кишвари мазкур мумкин аст, татбиқ гардад.

Тавре дида истодаем, дар Муоҳидаи байниамрикоӣ принсипи робитаи зич дошта, дар мавриди набудани созишномаи амалкунандаи тарафҳо оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда, ба сифати асоси роҳбарикунанда баромад карда истодааст.

Г.К. Дмитриева ишора намудааст, ки қонуни робитаи зич дошта ба сифати олати чандирӣ муайянкунандаи тартиботи ҳуқуқии дахлдор дар муносибатҳои шартномавӣ инчунин дар Қонуни Австрия дар бораи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ аз соли 1978, дар Қонуни Швейтсария дар бораи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ аз соли 1987, дар Қонуни Руминия аз соли

1992, дар Қонуни Венесуела дар бораи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ аз соли 1999 пешбинӣ гардидааст[219].

Новобаста ба номуайянӣ, хусусияти субъективӣ доштани қонуни робитаи зичтар дошта, вақтҳои охир аз ҷониби таҷрибаи судии арбитражӣ ва пас дар қонунҳо низ пазируфта шуда истодааст.

Принсипи робитаи зич доштан нисбати муносибатҳои шартномавӣ дар кишвари Литва низ истифода мешавад. Олими литвагӣ Х. Габартас қайд намудааст, ки меъёрҳои соҳаи ҳуқуқ хусусии байналмилалии ин кишвар дар доираи таълимоти аврупоии «робитаи зичтар дошта» ташаккул ёфтаанд. Дигар хел карда гӯем, қарордод аз тарафи ҳуқуқи кишваре танзим хоҳад шуд, ки бо он робитаи зичтар дорад. Ҳамаи дигар ҳолатҳои вобастакунанда, аз ҷумла макони иҷрои қарордод, макони истиқомати тарафи (домисилияи тараф) иҷрои қарордодро ба амал бароранда ва дигар, бо ин мақсадҳо таҳлил хоҳанд гардид.

Тавре, ки дар боло ишора шуда буд, принсипи робитаи зичтар дошта инчунин дар муоҳидаи Рим «Дар бораи ҳуқуқи нисбати уҳдадориҳои шартномавӣ татбиқшаванда» аз соли 1980 ва санади онро баъдан ивазнамуда Регламенти Иттиҳоди Аврупо аз 17 июли соли 2008 «Дар бораи ҳуқуқе, ки нисбати уҳдадориҳои шартномавӣ татбиқ мегардад» (Рим 1) дарҷ гардидааст.

Нишондоди Муоҳидаи Римро бо ҳуқуқи одатии Англия таносуб гирифта Ҷ.Г. Колер ишора кард, ки муайян намудани низоми ҳуқуқии кишваре, ки шартнома бо он робитаи зич дорад ба суд озодии интихоби қариб дилхоҳ ҳуқуқи кишварҳоро пешкаш менамояд. Ин озоди бо нишондоди муоҳида маҳдуд намешавад, чи хеле ки бо нишондоди ҳуқуқи одатӣ низ маҳдуд намегардид.

Баланд гардидани аҳамияти принсипи робитаи зичтар дошта дар муносибатҳои шартномавӣ, аз тарафи олим Г.Б. Испаев низ қайд гардидааст. Вай фарз намудааст, ки бо назардошти тамоюли муосири инкишофи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, аҳаммияти назарраси принсипи робитаи зичтар дошта баръало мушоҳида гардида он дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон низ мавқеи муайянро пайдо намуда чун асоси ҳуқуқи татбиқшаванда дар соҳаи уҳдадориҳои шартномавӣ пешбинӣ гардидааст[220].

Дар қонунгузории Қазоқистон принсипи робитаи зичтар дошта нисбати муносибатҳои шартномавӣ низ истифода мешавад. Дар банди 4 моддаи 1113 Кодекси мадании Ҷумҳурии Қазоқистон омадааст: «дар мавриди набудани созиши тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда, ҳуқуқи кишваре татбиқ мешавад, ки дар қаламрави он таъсисдода шудааст, макони истиқомат дорад ва ё макони асоси фаъолият тарафе дорад, ки иҷрои аҳамияти аввалиндараҷаро нисбати ҳамин шартнома ба амал мебарорад. Дар мавриди ғайри имкон будани иҷрои барои моҳияти

[219] Международное частное право: учебник / Под.ред. Г.К. Дмитриевой. 3 –е изд. – М.: 2010. – С.299.

[220] Испаева Г.Б. Особенности коллизионного регулирования договорных обязательств по законодательсту Российской Федерации и Республики Казахстан // Журнал российского права. – 2006. №9. – С.133-134.

шартнома аҳамиятнок, ҳуқуқи кишваре татбиқ мегардад, ки бо шартнома зич алоқаманд бошад[221].

Г.Б. Испаев фарз менамояд, ки шоистаи қабул мегардид, агар соҳаи амали принсипи робитаи зичтар мушаххас гардад, яъне на танҳо дар ҳолатҳои ғайри имкон будан муайян намудани «макони нишондиҳандаи иҷро», балки боз чун оғози асоситарин дар мавриди муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати намудҳои гуногуни шартномаҳо истифода шудани ин принсип имконпазир гардад. Дар ҳолати ҳозир дар Кодекси мадании Қазоқистон таълимоти иҷрои хусусиятнок дар шакли овардашуда аҳаммияти мустақил ва хусусияти аввалиндараҷа пайдо намуда, вобаста ба ин ҳолат қайд кардан мумкин аст, ки дар таносуб танзими коллизионии дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинӣ шуда нисбати қонунгузории Федератсияи Россияро пешрафта дониста мешавад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ принсипи робитаи зич доштаи муносибатро бо ҳуқуқи кишвар дарҷ гардида, он дар моддаҳои 1306, 1310, 1333 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Ба ғайр аз ин дар моддаи 1313 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҳангоми татбиқи ҳуқуқи давлати дигар, суд метавонад меъёрҳои ҳуқуқи императивии давлати дигарро, ки бо ин муносибатҳо робитаи зич доранд, татбиқ намояд, агар мутобиқи ҳуқуқи ин давлати дигар ҳамин гуна меъёрҳо бояд муносибатҳои дахлдорро, сарфи назар аз ҳуқуқи татбиқшаванда, танзим намоянд. Ҳамзамон суд бояд таъинот ва хусусияти ин меъёрҳо ва ҳамчунин оқибати татбиқи онҳоро ба эътибор гирад.

Инчунин принсипи робитаи зич дошта дар банди 6 моддаи 1334 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда омадааст, ки «ба шартномаҳо, ҳангоми набудани созишномаи тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда, ҳуқуқи кишвари тарафе, ки иҷрои дорои аҳаммияти ҳалкунанда барои мазмуни шартномаро амалӣ мекунад, дар он ҷо таъсис ёфтааст, маҳалли истиқомат дорад ва маҳалли асосии фаъолияти он мебошад, татбиқ карда мешавад. Ҳангоми ғайриимкон будани муайянкунии иҷрои дорои аҳаммияти ҳалкунанда барои мазмуни шартнома ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки ба он шартнома нисбатан наздиктар аст».

Баробари ин дар қисми 3 моддаи ишорашуда омадааст, ки ҳангоми набудани созиши тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба шартнома ҳуқуқи кишваре, ки ба он шартнома нисбатан наздиктар аст, татбиқ карда мешавад. Шартнома ба ҳуқуқи кишваре нисбатан наздиктар алоқаманд ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо дар вақти бастани шартнома маҳалли истиқомат ё фаъолияти асосии тарафе, ки иҷрои дорои аҳаммияти ҳалкунанда барои мазмуни шартномаро амалӣ мекунад, мавҷуд аст[222].

---

[221] Гражданский кодекс Республики Казахстан (Особенная часть) от 01.07.1999, №409 (по состоянию на 02.08.2011) // Электронное правительство Республики Казахстан «http: // www. e.gov.kz» (последнее посешение 08 августа 2023).

[222] Моддаи 1334 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон - Садои мардум № 1-9 (4584-4592) аз 2 январи соли 2023. – С.16.

Таҳлили таҷрибаи судии мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти ғайритиҷоратии «Арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунанда назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» инчунин имконият медиҳад хулоса намоем, ки принсипи робитаи зичтар дошта дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

Як қатор қарорҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда қайд кардан мумкин аст, ки дар аксарияти мавридҳо ишора ба принсипи робитаи зич доштан ҳангоми ҳолатҳои дар моддаи 1334 рух додан, яъне судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар назарияи иҷрои хусусиятнокро ба роҳбарӣ мегиранд. Татбиқи принсипи робитаи зич дошта дар намуди софи худ кам ба назар мерасад.

Мисоли возеҳи ба роҳбари гирифтан принсипи робитаи зич доштан дар адабиёти юридикӣ низ ба чашм мерасад. В.В. Буланов парвандаи № А33-4642/2010 судҳои Федератсияи Россияро мисол оварда қайд мекунад, ки суд банди 5 моддаи 1210 Кодекси граждании ФР татбиқ намуд. Дар яке аз шартномаҳои дар парвандаи мазкур мушоҳида шуда, татбиқи ҳуқуқро ба назар гирифта буд, аммо суд ҳолатҳои корро дар маҷмуъ баҳо дода ба хулосае омад, ки шартнома бо ҳуқуқи Федератсияи Россия робита дошта арзёбӣ мешавад, зеро нисбати муносибатҳои аз шартномаи қарзбароянда меъёрҳои императивии қонуни ин кишвар татбиқ мешавад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ бо қарори суди зинаи поёнӣ розӣ шуда ишора намуд, ки шартномаи қарз, ки байни Поморетан Лимитед ва ҶДММ «Техком-горные технологии» басташуда, ба таври зичтар бо ҳуқуқи Федератсияи Россия робита дошта маҳсуб меёбад ва суди зинаи поёнӣ тавонистааст дуруст меъёрҳои императивии ҳуқуқи Россияро ба роҳбарӣ гирифта муносибати ба вуҷуд омадаро танзим намояд[223]. Суд интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаро бо он асоснок намуд, ки қарздиҳандаи нав аз рӯи уҳдадории аз шартномаи қарз бо Поморетан Лиметед ҶДММ «Континент» буда, дар ҳудуди Федератсияи Россия қарор дорад, амалигардии ҳуқуқи вай дар ин маҳал ба назар гирифта мешавад, ки ин тартибро қонунгузории мурофиавии ФР низ муайян намудааст ва бар замми ин макони ҷойгиршавӣ ва фаъолияти қарздор ҳудуди ФР баромад мекунад.

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки дар ҳолати ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи робитаи зич дошта дар моддаҳои 1306, 1310, 1333 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, ин ҳолат нишондиҳандаи эътирофи ин принсип чун асоси муқаррар кардани танзими муносибатҳои гуногун, аз ҷумла шартномавӣ баромад менамояд.

## Адабиёт:

1. Буланов В.В. Категория наиболее тесной связи в международном частном праве. Дисс… канд. юрид. наук. – М.: 2012.

[223] Буланов В.В. Категория наиболее тесной связи в международном частном праве. Дисс… канд. юрид. наук. – М.: 2012. – С. 88.

2. Гражданский кодекс Республики Казахстан (Особенная часть) от 01.07.1999, №409 (по состоянию на 02.08.2011) // Электронное правительство Республики Казахстан «http: // www. e.gov.kz» (последнее посешение 08 августа 2023).

3. Испаева Г.Б. Особенности коллизионного регулирования договорных обязательств по законодательсту Российской Федерации и Республики Казахстан // Журнал российского права. – 2006. №9. – С.133-134.

4. Международное частное право: учебник / Под.ред. Г.К. Дмитриевой. 3 –е изд. – М.: 2010.

5. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум № 1-9 (4584-4592) аз 2 январи соли 2023. – С.16.

6. Сомонаи расмии Ташкилоти ғайритиҷоратии «Арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунанда назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» - www.tpp.tj. (санаи мурочиат: 09 августи соли 2023).

# ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

**Шарифӣ Дилбар Давлаталӣ**,
Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
**Тел**: (+992) 985055665
**E-mail:** dilbarsharifi1@gmail.com

**Фишурда:** Дар ҳама давру замон масъалаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таваҷҷӯҳи олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва ҷомеашиносиро ба худ ҷалб намуда, ҳаллу фасли он дар доираи имҳои алоҳида, ба хусус илмҳои фалсафӣ, ичтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мавриди баҳсу баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор мегирад. Озодӣ ҳамчун категорияи фалсафӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ низ аҳамияти махсус дошта, бештар дар масъалаи ҳуқуқҳои инсон истифода мегардад. Яъне дар масъалаи ҳуқуқҳои инсон ҳаминро бояд таъкид дошт, дар ҷое, ки ҳуқуқи инсон ҳаст бояд он танҳо дар як доира маҳдуд набошад ва аз озодӣ низ бархурдор бошад. Аммо ин озодӣ бо ҳуқуқ алоқаманд буда, инсон дар шароити имрӯза метавонад танҳо дар доираи ҳуқуқҳои муқарарнамуда озодии худро таъмин намояд ва саодатманду хушбахт гардад. Муаллиф низ муаммои хуқуқ ва озодиҳои инсонро арзиши олӣ ҳисобида, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои онро дар давраҳои мушаххаси таърихӣ ва шароити имрӯза мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст. Инчунин зарурати омӯзиш ва густариши ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро дар шароити имрӯза махсус таъкид дошта, густариши онро аз рушди шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ вобаста донистаанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, оила, ҳуқуқи оилавӣ, фарзанд, озодӣ, инсон, шаҳрванд, Конститутсия, ҳуқуқҳои сиёсии инсон, ҳаёт, саодат, озодии виҷдон, дин, эътиқод, демократия, давлат, қонун.

# ПРАВА И СВОБОДЫ ЧЕЛОВЕКА: ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ОСНОВНЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ

**Шарифи Дилбар Давлатали,**
Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции.
**Тел.:** (+992) 985055665
**E-mail:** dilbarsharifi1@gmail.com

**Аннотация:** Во все времена проблема прав и свобод человека привлекает внимание ученых-юристов и социологов, а ее решение обсуждается и решается в рамках отдельных дисциплин, прежде всего, философских, социальных, политических и юридических наук. Свобода как

философская категория в юриспруденции также имеет особое значение и чаще всего, используется в проблеме прав человека. Другими словами, в отношении прав человека следует подчеркнуть, что там, где права человека существуют, они не должны ограничиваться одной сферой и также должны пользоваться свободой. Однако эта свобода связана с правами, и в современных условиях человек может обеспечить свою свободу и быть счастливым только в рамках установленных прав. Также автор рассматривает вопрос о правах и свободах человека как высшей ценности, и рассуждает о его значении, сущности и особенностях в конкретные исторические периоды и современные условия. Они также подчеркивали необходимость изучения и расширения прав и свобод человека в современных условиях и считали его расширение зависимым от развития правосознания и правовой культуры.

**Ключевые слова:** Право, семья, семейное право, свобода, человек, гражданин, Конституция, политические права человека, жизнь, счастье, свобода совести, религия, убеждения, демократия, государство, право.

## HUMAN RIGHTS AND FREEDOMS: MEANING, ESSENCE AND MAIN CHARACTERISTICS

**Sharifi Dilbar Davlatali**,
Dangara State Universuty, assistant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption.
**Phone:** (+992) 985055665
**E-mail:** dilbarsharifi1@gmail.com

**Annotation:** At all times, the problem of human rights and freedoms attracts the attention of legal scholars and sociologists, and its solution is discussed and solved within the framework of individual disciplines, primarily philosophical, social, political and legal sciences. Freedom as a philosophical category in jurisprudence also has a special meaning and is most often used in the problem of human rights. In other words, with regard to human rights, it should be emphasized that where human rights exist, they should not be limited to one area and should also enjoy freedom. However, this freedom is associated with rights, and in modern conditions a person can ensure his freedom and be happy only within the framework of established rights. The author also considers the issue of human rights and freedoms as the highest value, and discusses its meaning, essence and features in specific historical periods and modern conditions. They also emphasized the need to study and expand human rights and freedoms in modern conditions and considered its expansion dependent on the development of legal awareness and legal culture.

**Keywords:** Law, family, family law, pereedom, son, citizen, Constitution, political human rights, life, happiness, freedom of conscience, religion, beliefs, democracy, state, law.

Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ падида ва ҳодисаҳое ба миён меоянд, ки ба даркнамоӣ ва баҳодиҳии илмӣ ниёз доранд. Дар шароити имрӯза муайян намудани нақш ва мақоми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва арсаи байналхалқӣ хело муҳим ва актуалӣ гардидааст. Аз замонҳои қадим ҳуқуқ ва озодиҳои инсон масъалаи муҳим ба шумор мерафт. Инсонҳо доимо дар орзуи озод будан ва озодона зиндагӣ карданро мехостанд. Сабаби орзуи озод будан ва онро соҳиб шудан дар он буд, ки ҳуҷуми як гурӯҳи инсонҳо нисбати инсонҳои дигар ва ҳокимоне, ки нисбати мардум ноадолатиро пеш мегирифтанд ва мардумро ба ғаму уқубатҳои гуногун дучор мекарданд. Бо гузашти таърих оҳиста-оҳиста шуури инсонҳо пеш мерафт ва ҳуқуқу озодиҳое, ки арзиши олии инсон ба шумор меравад ниёз ба ҳимоят ва ҳифз карданро пайдо намудаанд. Қабл аз он, ки дар хусуси мавзуи асоси мақола назар афканем, моро лозим аст, ки оид ба дарки мафҳуми ҳифзи ҳуқуқ ва озодӣ диққати махсус бидиҳем.

Мафҳумҳои мазкур дар фарҳанги забони тоҷикӣ чунин дарҷ гаштаанд. Мафҳуми **ҳуқуқ** – ҳақ; маҷмуи меъёр, рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятию иҷтимоии одамон, ки аз тарафи давлат муайян гардида ва муҳофизат карда мешаванд, фаҳмида мешавад[224]. Мафҳуми **ҳифз** – нигаҳдорӣ, нигаҳбонӣ, муҳофизат дарҷ гардидааст[225]. Мафҳуми **озодӣ** – бошад ба маънои раҳошуда, раҳида, фориғ, халосӣ, наҷот, он ки банд ва асир нест ва ғ. баён шудааст.[226] Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар аксарияти Конститутсияи мамлакатҳо инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври муфасал дарҷ гардидааст.

**Масалан дар моддаи 5.** Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[227]. Қобили зикри хос аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон яке аз мавзуҳои меҳварии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, инъикоси онро дар боби дуюм, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ном дорад, метавон дар боло мушоҳида кард.

Воқеъан ҳуқуқ ва озодӣ падидаи нодири ҳамаи замонҳост. Дар сатҳи Қонуни асосии давлат арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, бегуфтугӯ, нишонаи пешрафти тафаккури ҳуқуқии одамон ва ҷомеаи муосири озод аст. Озодӣ ба мазмуни умумӣ ин ҳолатии табиии халқ ва шахси алоҳида аст. Дар баробари ин дар ҷомеа шаклҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон амал менамоянд. Ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқи оилавӣ амал менамоянд. Зерсохтори ин ҳуқуқҳо озодии сухан, нашр, иттилоот, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, озодона интихоб кардани маҳалли зист, озодии эҷодӣ, озодии ҳуқуқи меҳнат, иштирок дар интихобот ва ҳуқуқи интихоб шудан ва ғ. ба шумор мераванд.

---

[224] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди II, О – Я. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008. – С.515.
[225] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С.515.
[226] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 21-22.
[227] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Моддаи 5. – Душанбе, 2003. – С.6.

Ҳуқуқ ба озодӣ мазмуни гуногунҷабҳа дорад, ки доираи васеи озодиҳои шаҳрвандонро дарбар мегирад, ба ин категория метавон ҳуқуқи оилавиро шомил намуд, чунки дар он баробарҳуқуқии тарафайн зоҳир мегардад. Яке аз ҳуқуқҳои гурӯҳҳои муҳими инсон ва шаҳрванд ин ҳуқуқҳои сиёсӣ ба шумор мераванд. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеи махсус доранд. Нисбат ба гурӯҳҳои дигари ҳуқуқу озодиҳо, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ асосан барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ таъин гардидаанд, барои субъекти аксари ҳуқуқу озодихои сиёсӣ гардидан тааллуқ доштан ба шаҳрвандии Тоҷикистон яке аз омилҳои асосӣ мебошад. Масалан, аз панҷ моддаи Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои сиёсиро муқаррар менамоянд, фақат яке аз онҳо (м. 30) барои шахс таъин гардидааст, ки дахлнопазирии оила ва ҳар як шахсияти ин равандро чи мард ва чи занро кафолат медиҳад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ бо сохтори давлатӣ, ташкили мақомоти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон, моҳияти идораи давлатӣ ва сохтори ҷомеа алоқаманд аст. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрванд ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои фардӣ қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад. Хусусияти хоси давлати демократӣ муқаррар кардани низоми ҳуқуқу озодиҳои сиёсие мебошад, ки иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва давлат таъмин менамояд[228].

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон танҳо ба як шоха марбут набуда, он фарогири соҳаҳои гуногуни ҳаётӣ ҷамъиятӣ ба шумор мераванд. Аксарияти кормандони илмӣ омӯзиши мавзуи мазкурро марбут ба илми ҳуқуқ медонанд, ҳамин тавр бошад ҳам ҳаёти ҷамъиятӣ танҳо аз ҳуқуқ иборат нест, зеро дар ҷомеа соҳаҳои гуногун амал менамоянд, ки фарогирии онҳо низ аз ҳуқуқу озодиҳои инсон холӣ нест. Аммо, илми ҳуқуқ дар соҳаи мазкур нақши марказиро дорост. Аз ин хотир, мафҳуми пурраи ҳамаро қонеъкунандаи ҳуқуқ вуҷуд надорад. То кунун омӯзиши моҳияти ин падидаи муҳими ҳаёти инсонӣ идома дошта, аз ҷониби ҳуқуқшиносон, олимони соҳаи гуногун то ба имрӯз нуқтаҳои назар ва назарияҳои нав ба нав пешкаш мешаванд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, мафҳумҳо ва таърифҳои гуногун ҳамчун консепсия ва таърифи умумӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, олими шинохтаи тоҷик Р. Сотиволдиев мафҳуми ҳуқуқро бо чунин зайл таъриф додааст: "Ҳуқуқ – ин ифода ва инъикоси арзишу талабот ва нишондоди меъёрист, ки баҳри таъини ҳаёти арзанда ва пешрафти тамаддуни инсонӣ хизмат мекунад"[229].

Дар назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мешавад, ки ин бесабаб нест. Ҳоло ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд талаби замони имрӯза, шарти аввалиндараҷаи зисту фаъолияти ҳар сокини сайёра, нишонаи хислати воқеӣ пайдо намудани давлати ҳуқуқбунёд мебошанд. Барои ҳамин, ҳуқуқ шакли ифодаи меъёрии озодии инсон аст. Ин ҷо истилоҳи "инсон" ҳар фарди ҷомеаро ҳам шаҳрвандони қаторӣ ва ҳам шахси мансабдорро дар назар дорад. Агар ҳуқуқ дар зинаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа, яъне пеш

[228] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ (нашри сеюм). Душанбе, 2012. – С.536.
[229] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷилди II. – Душанбе, 2010. – С.50.

аз рушди муосири он ҳамчун озодии номаҳдуди танҳо табақаҳои болоро пешбинӣ намояд, пас ҳуқуқи муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ на озодии номаҳдуд, балки ҳудуди озодии инсонро, озодии на танҳо гурӯҳҳои дорои ҷомеа, балки ҳар фарди ҷомеаро таъмин менамояд. Ҳудуди андозаи озодии инсон бо назардошти манфиатҳои одамон, ҷомеа ва давлат, баҳри таъмини фаъолияти озоди аъзои ҷомеа, таъмини низому субот дар ҷомеа муқаррар мешавад. Ҳуқуқи муосир наметавонад озодии як гурӯҳи одамонро бар зарари одамони дигар, ё бар хилофи манфиатҳои ҷомеаву давлат таъмин намояд, вагарна миёни ҳуқуқи ҷомеаи шаҳрвандӣ ягон фарқият боқи намемонад.

Тафовути ҳуқуқи ҷомеаи муосири шаҳрвандӣ аз ҳуқуқи ҷамъиятҳои пешин маҳз дар он аст, ки ҳуқуқи муосир дар воқеъ ҳуқуқи ҷомеаи озод аст. Ҳуқуқҳои инсон бо озодии ӯ алоқамандии бевосита ва ҷудонашаванда доранд. Танҳо инсони дар воқеъ озод ҳуқуқҳои кофӣ дошта метавонад. Агар инсон озод набошад, пас истифодаи ҳуқуқҳо низ аз имкон берун аст[230].

Дар илми сиёсии муосир ҳуқуқу озодиҳои инсон мақом ва нақши барҷастаро мебозанд. Сиёсати аксари мамлакатҳо маҳз барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нигаронида шудааст. Сиёсат, ки худ доимо дар тағйирот аст, он метавонад таъсири бевосита ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дошта бошад. Аз ин хотир, инсон бояд доимо дар ҳолати ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои худ қарор дошта бошад. Дар ҷаҳони имрӯза робитаи ҳуқуқ ва инсон, озодиҳои ӯ мақоми махсус дорад. Ҳуқуқ ва инсон робитаи ҷудонашаванда доранд, бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Робитаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо омилҳои зайл муайян мешавад:

1. Инсон аз лаҳзаҳои аввали зиндагияш кӯшиши амалӣ намудани ҳаққи зиндагӣ, озодӣ, баробарӣ, моликиятдорӣ, оиладорӣ ва ҳуқуқҳои дигари фитрии хешро ба харҷ медиҳад. Ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоии тодавлатӣ инсон ҳаёт ва озодияшро ҳифз менамуд, орзу дошт, ки озодона, хушбахтона, баробар бо дигарон зиндагӣ намояд. Ҳаёт, озодӣ, баробарӣ, хушбахтӣ, оиладорӣ, фаъолияти меҳнатӣ, ҳоҷагидорӣ аз ибтидо нишонаи ҳастии инсонӣ, талаботи зиндагии инсон, омили инкишофи ҷомеаи инсонӣ буданд. Инсон табиатан ба ин арзишҳои ҳастии инсонӣ ниёз дорад. Бесабаб нест, ки дар ҷомеаи ибтидоӣ, ки марҳилаи аввалини зиндагии инсон мебошад, баробарӣ ва озодии одамон таъмин шуда буд, субъект ва объекти ҳокимияти ибтидоӣ ягона ва ҷудонашаванда буданд, ҳокимияти авлодиву қабилавӣ аз ҷониби худи аъзои авлоду қабила дар маҷлисҳои умумии онҳо баробар амалӣ мешуд. Танҳо ҳамин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон ҳам дар ҳаёти оилавӣ ва иҷтимоӣ аз ибтидо ҳаққи зиндагии озодона ва баробар дорад. Аммо, бо пешрафти ҷомеа, дар марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ, баробари аз ҷомеа ҷудо шудани сарватмандон, ҳокимон, коҳинон, сарлашкарон, имкони маҳдуд намудани озодӣ, дахолат намудан ба ҳаёти инсон, халалдор намудани баробарии ибтидоӣ ва муқаррарӣ ба миён меояд. Дар давлатҳои ғуломдории юнониву римӣ ғуломон ба ҳайси на инсон, балки чиз шинохта мешуданд. Дар асрҳои

[230] Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 2014. – С.345-346.

миёна ҳуқуқҳои инсон, ки дар ибтидо арзи вуҷуд доштанд, ба ҳайси имтиёзҳои табақаҳои боло амалӣ мешаванд, озодии беинтиҳои ҳокимон таъмин гашта, озодӣ ва ҳуқуқҳои фитрии мазлумон поймол карда мешуд. Танҳо дар замони нав ақидаҳо ва назарияҳо оид ба озодии инсон ва ҳуқуқҳои фитрии ӯ пешбарӣ мешаванд;

2. Робитаи инсон ва ҳуқуқ хусусияти табиӣ дорад. Фитрати инсонӣ ҳаққи одамро ба зиндагии арзанда ва озодӣ талаб мекунад. Инсон тибқи табиати биологияш майл ба ҳаёти арзанда дорад. Аз ин хотир, робитаи инсон ва ҳуқуқ хусусияти табиӣ дорад;

3. Робитаи инсон ва ҳуқуқ хусусияти иҷтимоӣ дорад. Инсон чун мавҷуди иҷтимоӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ғ. иштирок мекунад, бо одамон, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, давлат муносибати тарафайн анҷом медиҳад, ҳуқуқу вазифаҳои муайянро амалӣ мекунад. Бо пешрафти ҷомеаи инсонӣ нуфуз ва нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба ҳайси меъёри озодӣ ва адолат, чун шакли ифодаи ҳуқуқу озодиҳои инсон баланд мешавад.[231]

Моҳияти озодӣ натиҷаҳои гуногунро ба бор меорад. Ҳар амале, ки ба миён меояд, аз ҷониби инсон маҳз ба ҷониби инсон равона мегардад. Аз ин хотир, меъёри озодиро формулаи машҳури «Инсон – андозаи ҳамаи чизҳо» ташкил медиҳад[232]. Махлуқи бузургтарин дар сайёраи замин инсон ба ҳисоб меравад, аз ин хотир, меҳвари ҳамаи чизҳо маҳсуб меёбад. Аслан мафҳуми озодиро дар ғарб бо мафҳуми либерализм ифода менамоянд. Мафҳуми "либерализм" аз забони лотинӣ (Liberalis) гирифта шуда, маънои озодӣ, ба одами озод марбут буданро дорад. Таърихан либерализм дар Англия дар муҳити протестантию масонии ҷонибдорони фалсафаи эмприкӣ ташаккул ёфтааст[233].

Арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш маънои онро дорад, ки акнун танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, бо истифодаи бештар усулҳои диспозитивии танзими ҳуқуқӣ, таъмини озодиву мустақилияти иштирокчиёни онҳо, имкониятҳои танзими шартномавӣ, бахри инсон ва ҳамаҷониба қонеъ гардонидани талаботаш сурат мегирад. Ҳар як аъзои ҷомеа, новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, мавқеи иҷтимоӣ, молу мулкӣ ва ғ., дорои озодӣ аст. Аз ин лиҳоз дар конститутсияҳои давлатҳои демократӣ мафҳуми «озодии инсон» истифода мешавад[234]. Меъёрҳои конститутсия, қонунҳо ва санадҳои дигар андоза, ҳад, меъёри озодии инсонро эътироф ва таъмин мекунад. Озодии инсон беинтиҳо буда наметавонад. Озодии беинтиҳо заминаи бетартибӣ, бесарусомонӣ, бемасъулиятӣ, худсарӣ, номуташаккилӣ, бенизомӣ дар ҷомеа мебошад. Бо ҳамин мақсад муқаррар намудани андоза ё меъёри озодии инсон аҳамияти ҳаётӣ дорад. Агар инсон озод набошад, пас истифодаи ҳуқуқҳо низ аз имкон берун аст[235].

---

[231] Ниг.: Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 2014. – С.346.
[232] Ниг.: Локк Дж. Избранные философские произведения: В 2 т. Т.2. М.: "Соцэкгиз". – С.135.
[233] Ниг.: Зокиров Г. Н. Идеологияи сиёсӣ. Душанбе, 2008. – С.34.
[234] Ниг.: Локк Дж. Избранные философские произведения: В 2 т. Т.2. М.: "Соцэкгиз". – С. 139.
[235] Ниг.: Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 2014. – С.349.

Ташаккули ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳанӯз дар Юнони қадим аз ҷониби софисти юнонӣ Протагор андешаи «инсон – меъёри ҳамаи чизҳо» пешбарӣ гашта буд[236]. Софистони дигар Гиппий, Антифонт, Алкидам андешаи баробарии табиии одамонро ҳимоя мекунанд. Суқрот озодиро неъмати асосии инсон ва давлат эълон мекунад. Ақидаи таносуби озодӣ ва масъулиятро Эпикур ҷонибдорӣ мекунад[237].

Сипас, стоячиёни римӣ Зенон, Хрисип ва дигарон ҳамаи одамонро шаҳрвандони давлати ягонаи ҷаҳонӣ, инсонро шаҳрванди олам эълон намуда, озодии маънавӣ ва баробарии одамонро ҳимоя мекунанд.

Андешаи озодии одамон, баробарии онҳо дар назди қонун дар асрҳои миёна инкишоф дода мешаванд. Сипас, мутафаккирони замони нав Г. Гротсий, Б. Спиноза, Ш.Л. Монтескйе, Ж.Ж. Руссо, Т. Ҷефферсон, И. Кант ва дигарон дар пешбарии андеша ва назарияи ҳуқуқу озодиҳои инсон саҳми арзанда гузоштаанд. Дар инъикосу инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон як қатор санадҳои ҳуқуқию-сиёсӣ, аз қабили Хартияи бузурги озодии Англия (с. 1215), Петитсия оид ба ҳуқуқ (с. 1628), Билл дар бораи ҳуқуқ (с. 1689), Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса (с. 1789), Эъломияи истиқлолияти ИМА (с. 1776), Конститутсияи ИМА (с. 1787) нақши муҳим мебозанд. Масалан, «Эъломияи истиқлолияти ИМА» ҳуҷҷати аввалини сиёсие гардид, ки дар худ бештари ғояҳо ва принсипҳои либерализмро ба таври расмӣ ифода менамуд. Дар сатҳи давлатию расмӣ, амалӣ гардидани онҳо бори аввал рух дода буд. Дар ҳуҷҷати мазкур омадааст: «Мо тарафдори ҳақиқате ҳастем, ки тамоми мардум баробар офарида шудааст ва онҳоро Худованд ба як қатор ҳуқуқҳои ҷудонашаванда мушарраф гардонидааст, ки дар миёни онҳо **ҳаёт, озодӣ ва хушбахтӣ** мебошанд. Барои таъмини ин ҳуқуқҳо дар миёни мардум ҳукуматҳо созмон дода мешаванд, ки ҳуқуқҳои одилонаи худро аз ризоияти ҳукмронӣ кардан мегиранд ва ҳар вақте ки шакли ҳукумат ба ин талабот ҷавоб дода натавонад, маҳз халқ ҳуқуқ дорад, онро дигар ё бекор намояд ва ҳокимияти нав таъсис диҳад, сохтор ва қудрати онро дар асоси чунин шаклҳо тартиб диҳад, ки ба бехатарӣ ва хушбахтии онҳо таъсири беҳтарин расонанд»[238].

Ҳуҷҷати дигар ин «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса» ба шумор меравад. Он ҳам ифодаи худро дар моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ёфтааст. Дар моддаи дуюми он омадааст: «Мақсади ҳама гуна иттиҳодияҳои сиёсӣ нигоҳ доштани ҳуқуқҳои табиию ҷудонопазири инсон мебошад. Ин ҳуқуқҳо моҳияти озодӣ, моликият, амният ва муқовимат ба зулмро ташкил менамоянд»[239]. Дар таърихи инсоният чунин шакли эъломияҳо барзиёд мушоҳида мешаванд. Акунун мо ҷиҳати мафҳуми озодӣ тамаркуз менамоем.

Озодӣ – қобилияти инсон ба фаъолияти хеш тибқи манфиатҳо ва ҳадафҳояш мебошад. Озодии инсон соҳаи мухторияти фард мебошад, ки

[236] Ниг.: Локк Дж. Избранные философские произведения: В 2 т. Т.2. – М.: "Соцэкгиз". – С.141.
[237] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 162.
[238] Ниг.: Томас Дж. Декларация независимости инаугурационные речи. Алматы, 2004. – С. 2.
[239] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 2.

дар ҳудуди он ӯ ҳақ дорад ихтиёран, мустақилона, тибқи салоҳдиди озодаш ва мутобиқи меъёри муайяннамудаи ҳуқуқ амал намояд. Инсон дар баробари амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳояш ҳамзамон дар назди одамон, ҷомеа ва давлат вазифаҳои муайянро иҷро мекунад. Ҳар як инсон бояд ҳуқуқу озодиҳои дигар инсонҳоро эҳтиром ва риоя кунад.

Дар адабиёти мавҷуда мафҳуми озодӣ ба ду маъно эзоҳ дода шудааст:

1) Озодӣ категорияи фалсафӣ ва ҳуқуқӣ буда, шахс мустақилона тарзи зиндагӣ ва фаъолияти худро интихоб менамояд, ба шарте ки он бо ягон қоида, рафторҳо алоқаманд набошад, ғайр аз қоидаву рафторҳое, ки ҳатмӣ аз тарафи давлат муқаррар шудаанд ё урфу одатҳое, ки дар байни халқ вуҷуд доранд. 2) Дар Конститутсия ё дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шахс имконияти рафтори муайянеро содир кардан муқаррар шудааст[240].

Худи падидаи озодӣ ё либералӣ ин маънои онро надорад, ки инсон мутлақан озод аст, яъне озодии либералӣ то ҳудуди озодии инсони дигар аст. Воқеан ҳам озодӣ бояд ҳамин тавр бошад, вагарна инсон аз ҳудуди худ берун рафта метавонад, ба ҳудуди озодии инсони дигар ворид шуда онро халалдор менамояд, ки ин боиси нохушии як инсон нисбати инсони дигар мегардад. Инсон дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳояш доимо дар талош аст, зеро инсон ҳадафҳои худро дар асоси озодӣ амалӣ менамояд. Аз ин хотир, моҳияту хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи ҳуқуқҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Яке аз ҳуқуқҳое, ки инсон озодиҳои сиёсии худро дар он ифода карда тавонистааст, ин ҳуқуқҳои сиёсӣ ба шумор мераванд.

**Ҳуқуқҳои сиёсӣ** аз ҷумлаи гурӯуҳҳои ҳуқуқҳои инсон аст, ки иштироки шаҳрвандро дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат таъмин мекунанд. Ҳуқуқҳои сиёсӣ ба шаҳрвандон тааллуқ доранд. Агар ҳуқуқҳои фитрӣ мансуб ба ҳар фард, ба ҳар шахс, ба ҳар аъзои ҷомеа бошанд, пас ҳуқуқҳои сиёсӣ – ҳуқуқҳои шаҳрвандони ин ё он давлат мебошанд. Ҳамин тавр, масъалаи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва интихобот аз ҷумлаи ҳуқуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон ба шумор меравад ва марбути давлатҳои алоҳида аст. Дар Тоҷикистон ба вазифаи Президенти Тоҷикистон, вакили Маҷлиси намояндагон, узви Маҷлиси миллӣ танҳо шаҳрванди ҷумҳурӣ интихоб ё таъин мешавад (моддаи 49, 65 Конститутсияи ҶТ)[241]. Ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар қаламрави Тоҷикистон шаҳрвандони ҷумҳурии мо таъсис дода метавонанд, на шаҳрванд ё аҳолии дигар давлатҳо.

Ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳуқуқҳои соҳибшуда мебошад. Агар ҳуқуқҳои фитрӣ тавлидӣ буда, ба инсон аз лаҳзаи таваллудаш мансуб бошанд, пас шаҳрванд ба ҳуқуқҳои сиёсӣ дар ҳолатҳои муайян намудаи қонун, масалан расидан ба синни муайян, ба даст овардани шаҳрвандӣ ва ғ. соҳиб мегардад. Чунончи ба вазифаи вакили Маҷлиси намояндагон шаҳрванди синнаш на кам аз 25, ба вазифаи узви Маҷлиси миллӣ шаҳрванди синнаш на камтар аз 30 интихоб ё таъин карда мешавад. Дар баробари ин дигар ҳуқуқҳои сиёсӣ ба мисли: ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ба ҳимояи давлати

[240] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ. – Душанбе, 2013. – С.364.
[241] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаҳои 49-65. – Душанбе, 2003.

хеш дар хориҷи кишвар, ҳуқуқ ба кафолати супорида нашудан ба давлати хориҷӣ, ҳуқуқи ширкати бевосита ё ба восита дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, ҳуқуқ ба хидмати давлатӣ, ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ, ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шудан, ҳуқуқи муттаҳид шудан, яъне ҳуқуқи иштирок дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ихтиёран ба онҳо дохил шудан ва аз онҳо хориҷ шудан, ҳуқуқи ширкат варзидан дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоиштаи бо қонун муқарраргашта, ҳуқуқ ба кафолати манъи ҷалби маҷбурӣ ба ин тадбирҳо, ҳуқуқи шахсан ё якҷоя бо дигарон муроҷиат намудан ба мақомоти давлатӣ ва ғ. мебошанд. Ҳамаи ин ҳуқуқҳои сиёсӣ дар Конститутсияи кишвар дарҷ гардидаанд. Дар баробари ҳуқуқҳои сиёсӣ зиёданд ҳуқуқҳои дигар ба монанди ҳқуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ки дар Кониститутсия ва дигар санадҳои меёрӣ-ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд.

Моҳияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро таъиноти ҳуқуқ дар ҷомеаи инсонӣ муайян мекунад. Таърихан ҳуқуқ бо мақсади танзими муносибатҳои байни одамон, ташкилотҳо ва давлат ташаккул ёфтааст. Аз ин хотир, моҳияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тағйирёбанда мебошад. Чунончи дар давлатҳои қадим ва асрҳои миёна ҳуқуқ таъиноташро дар иртибот бо манфиатҳои синфҳо ва табақаҳои болои ҷомеа, дар шароити нобаробарии иҷтимоии ҷомеа, ифодаи манфиатҳои табақаҳои боло, дар ҳолати сарфи назар намудани манфиатҳои табақаҳои поён, аз озодӣ ва ҳуқуқҳо маҳрум намудани ғуломон ва мазлумон адо менамуд.

Ҳуқуқ якҷоя бо озодии фард ҳамчунин ҳуқуқҳои ӯро эътироф, эълон ва ҳифз мекунад. Ҳуқуқҳои инсон ҷузъи ҷудонашавандаи мафҳумии ҳуқуқ мегарданд, мафҳуми нави «ҳуқуқи инсон» чун маҷмуи ҳуқуқҳои инсон ташаккул меёбад. Илова бар ин, ҳуқуқу озодиҳои инсон шакли мустақили ифодаи расмӣ ё сарчашмаи ҳуқуқ буда, мустақиман амал мекунанд, маҳаки фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ, нишондиҳандаи сифати қонунҳо мебошанд. Ҳуқуқи муосир арзиши баланди иҷтимоӣ дорад, чунки шакли ифодаи арзиши иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш мебошад. Ҳуқуқи муосир моҳияти инсонӣ касб мекунад[242].

Принсипҳои ҳуқуқ шакли ифодаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон – принсипи мустақили ҳуқуқ мебошад. Ҳамчунин принсипҳои адолат, озодӣ, баробарҳуқуқӣ, инсондӯстӣ ва ғ. бо инсон, арзиши иҷтимоии инсон, қадри инсонӣ, ҳуқуқу озодиҳои фард вобастагӣ доранд[243]. Ҳуқуқи муосир чун шакли инъикоси озодии инсон амал мекунад, аз ҷумла меъёри озодии инсонро дар иртибот бо салоҳияти ҳуқуқӣ, вазифаҳо ва ухдадориҳои ҳуқуқӣ, масъулияти ҳуқуқии ӯ муқарар мекунад. Ҳуқуқ шакли инъикоси ҳуқуқҳои инсон мебошад, арзиши иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро кафолат медиҳад.

Дар афкори сиёсиву ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ мафҳумҳои “ҳуқуқ ба озодии сухан”, «ҳуқуқ ба озодии виҷдон», ва ғ.

---

[242] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2014. – С.332-334.
[243] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷилди II. – Душанбе, 2010. – С.336-337.

истифода мешавад. Ҳуқуқ шакли ифодаи меъёри озодии инсон мебошад. Ҳуқуқ меъёр, андоза ва ҳадди озодии инсонро муайян мекунад. Озодии инсон тавассути ҳуқуқ амалӣ мешавад[244].

Сатҳи озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, ҳуқуқҳо ва амалӣ гаштани онҳо аз ҳолату вазъияти ҳаёти ҷомеа, сатҳи инкишофи ҷабҳаҳои алоҳидаи он вобастаанд. Муносибати инсон ва ҷомеа хоҳу нохоҳ ба таҳлили муносибати миёни озодӣ ва масъулият меорад. Озодӣ набояд аз чизҳо бошад, балки озодӣ барои чизе ё амале бошад. Бисёр вақтҳо дар хусуси озодӣ сухан ронда, фақат як ҷиҳати масъала – озодӣ ҳамчун дарки зарурат фаҳмида мешавад. Аммо, чунин фаҳми мафҳуми "озодӣ" нотамом аст. Баъзан дар зери мафҳуми "озодӣ" фақат ҳуқуқи сухан гуфтан ва амалеро ба анҷом расониданро мефаҳманд. Дар асл озодӣ фаъолияти гуногуни одамро фаро мегирад. Табиист, ки дар ин ҳолат шахс бояд масъулияти худро нисбати амал ҳис намояд. Озодиро аз интизом набояд ҷудо намуд[245].

Озодиҳои инсон чунин соҳаи фаъолияти одам мебошанд, ки давлат ба онҳо набояд дахл кунад, одам онҳоро бе иштироки давлат ҳам амалӣ мегардонад. Масалаи озодии виҷдон, озодии дину эътиқод, озодии афкор ва сухан танҳо ба имкониятҳои интихоби фардии одам вобастаанд. Дар ин маврид давлат натанҳо ба соҳаи озодиҳои фардии шахсият набояд дахолат кунад, балки инчунин бояд ҳимояи онро таъмин намояд. Бо вуҷуди фарқият доштани ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон онҳо ба ҳамдигар тавъам буда, якдигарро пурра месозанд, инчунин ба дараҷаи баробар аз ҷониби давлат кафолат дода ва ҳимоя карда мешаванд.

Дар ҷаҳони имрӯза нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон муносибати ягона вуҷуд надошта, дар ин хусус як қатор ақидаҳо, назарияҳо ва таълимотҳо мавҷуданд. Ҳамаи онҳо ба шароитҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии инкишофи ҳар давлат, хусусиятҳои фарҳангӣ ва анъанавии ин ё он ҷомеа асоснок гардонда шудаанд. Аммо, миёни тамоми гуногунрангиҳои таълимот оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон якчанд назарияеро ҷудо кардан мумкин аст. Масалан, барои барқарории ғояи ҳуқуқҳои инсон назарияи табиӣ-ҳуқуқӣ ва назарияи позитивӣ амал мекунанд. Масалан, яке аз асосгузори назарияи "ҳуқуқи табиӣ" Ҷон Локк қайд намуда буд, ки "ҳар як инсон аз рӯи қонуни табиат ҳақ дорад худро, яъне ҳаёт, озодӣ ва моликияти худро муҳофизат намояд"[246].

Тибқи назарияи аввал ҳуқуқу озодиҳои инсон характери табиӣ дорад ва ба ҳар одам аз лаҳзаи таваллудаш мансуб аст. Тибқи назарияи дуюм одам ҳуқуқҳои худро аз давлат мегирад. Инсон ҳуқуқу озодиҳои худро дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ чи бо одамони дигар ва чӣ бо давлат амалӣ месозад. Аз ин нуқтаи назар боз ду назарияи амудӣ ва уфуқиро ҷудо кардан мумкин аст. Назарияи амудӣ аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳимоя шудани ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар назар дорад. Инсон ҳуқуқҳои худро ҳамеша дар муносибат бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор амалӣ гардонда, аз як ҷониб риоя ва ҳифз гардидани ҳуқуқҳои

---

[244] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз 30 апрели соли 2004.
[245] Ниг.: Зокиров Г. Н. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2010. – С.123.
[246] Ниг.: Локк Дж. Избранные философские произведения: В 2 т. Т.2. М.: "Соцэкгиз". 1960. – С.50.

худро талаб менамояд, аз ҷониби дигар, дар назди давлат ӯҳдадориҳои муайянро ба ҷо меорад. Назарияи уфуқӣ риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамон бе ҳеҷ гуна дахолати давлат амалӣ мекунад. Ҳар ду назария ҳам дар қонунгузорӣ инкишоф ёфтаанд. Дар аксари манбаҳои илмӣ масаълаи озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон дар шаклҳои гуногун ба назар мерасад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳар давру замон масъалаи муҳим ба шумор мераванд.

Барои инсон ва шаҳрванд ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ воситаи худифодакунӣ ва ошкор намудани лаёқат, таъмини шаъну шараф, ки барои шахсияти озод хос аст, воситаи амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои инкорнашавандаи ӯ дар идораи ҷомеа, таъмини шароити зарурии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҳаётан муҳими ҳаёти моддию маънавӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд муносибату алоқаҳои муҳимтарини миёни шаҳрвандро бо давлат инъикос намуда, мавқеи шахсро дар ҷомеа муайян менамоянд.

Ҳамин тавр, масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар замон ва макони гуногун дар ҳар шакл ба амал меояд. Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун падидаи замонӣ боқӣ мемонад. Дар ҳар давраи ҳаёт ба худ хос масъалаи ҳуқуқ ва озодии инсон ҳамчун хусусияти амалӣ доштаи мавҷудият фаҳмида мешавад. Дар натиҷа барои инсон ҳуқуқ ва озодӣ ҳамчун падидаи муқаддас боқӣ мемонад, ки он натиҷаи таккомули ҷомеаи инсонӣ дар вақт ва замон ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**

1. Зокиров Г. Н. Идеологияи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: 2008. – 184 с.
2. Зокиров Г. Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: “Эр-граф”, 2010. – 520 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
4. Локк Дж. Избранные философские произведения: В.2.т., Т.2. М.: “Соцэкгиз”. – 532с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 30 апрели соли 2004.
6. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) / Р.Ш. Сотиволдиев. Душанбе: “Империал – Групп”, 2014. – 720 с.
7. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷилди II. Душанбе, 2010. – 654 с.
8. Томас Дж. Декларация независимости Инаугурационные речи. Алматы, 2004. – 61 с.
9. Фарҳангии стилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири д.и.ҳ, проф. Маҳмудов М. А. – Душанбе: « ЭР- граф»: 2012. – 612 с.
10. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Насруддинов Э.С. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – 320с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди II, О – Я. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008. – 1091 с.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН БА ҲИФЗИ МЕҲНАТ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ ВА МУОСИР

**Давлатзода Рамазонҷони Сайфулло**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, фкултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти Phd-и кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** +992 989898958
**E-mail:** sunik979797@gmail.com

**Фишурда:** Дар мақола таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқи инсон ба ҳифзи меҳнат дар Тоҷикистон муосир ва Шӯравӣ вобаста ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ақидаҳои олимону муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф вазъи муосир ва даврони Шӯравии таъмини ҳуқуқи инсон ба ҳифзи меҳнати Тоҷикистонро таҳлил намуда бартарият ва камбудиҳои онҳоро ошкор намудааст.Омили асосии нигаҳдошти ҳуқуқи инсон дар шароити муосир ин таъмин ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои меҳнатии он арзёбӣ гардидааст. Ба ақидаи муаллиф тамоми ҳаёт ва фаъолияти инсон дар бархурдорӣ ва омезиш ба фаъолияти меҳнатӣ рост омада, меҳнат, ки асоси нигоҳдошти инсон дар ҷамъият арзёбӣ мегардад, ҳифзи он низ бояд дар маддӣ аввал гуошта шавад.

Муаллиф фарқиятҳоро дар натиҷаи муқоиса намудани татбиқи принсипҳои асосии ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистони муосир ва Шӯравӣ ошкор намуда, мафҳумҳои ҳифзи ҳуқуқҳи меҳнатро барои ин ду давра пешниҳод намудааст, ки онҳо муҳимияти назариявиро дар худ таҷассум менамоянд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқи инсон, ҳифзи меҳнат, ҳифзи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи кормандон, баробарҳуқуқӣ, ИҶШС, шартномаҳои коллективӣ, системаи ҳифзи меҳнат, шартномаҳои коллективӣ, Тоҷикистони муосир ва Шӯравӣ.

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРАВА ЧЕЛОВЕКА НА ЗАЩИТЕ ТРУДА В СОВЕТСКОМ И СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

**Давлатзода Рамазонджони Сайфулло**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант кафедры прав человека и сравнительного правоведения
**Тел.:** +992 989898958
**E-mail:** sunik979797@gmail.com

**Аннотация:** В статье рассматривается исследование вопросов прав человека на охрану труда в современном и советском Таджикистане в связи с нормативно-правовыми актами и взглядами ученых и исследователей.

Автор проанализировал современную ситуацию защите труда Таджикистана и выявил их проимущество и недостатки.По мнению автора, основным фактором сохранения прав человека в современных условиях является обеспечение и защита его трудовых прав. Кроме того, автор считает, что вся жизнь и деятельность человека во взаимоотношениях и объединении связаны с трудовой деятельностью, и труд, который считается основой поддержания человека в обществе, его защита должна быть поставлена на первое место.

В результате сравнения реализации основных принципов защиты трудовых прав в современном и советском Таджикистане автор выявил различия и предложил авторское понятие защиты трудовых прав на эти два периода, которые отражают большую пользу и значение для науки на сегодняшний день.

**Ключевые слова:** Права человека, охрана труда, защита прав человека, трудовая права, защита прав работников, равноправие, СССР, коллективные договоры, система охраны труда, коллективные договоры, современный и Советский Таджикистан.

## SOME ISSUES OF THE HUMAN RIGHT TO LABOR PROTECTION IN SOVIET AND MODERN TAJIKISTAN

**Davlatzoda Ramazonjoni Sayfullo,**
Tajik National University, faculty of law, docotor Phd of the department of human rights and comparative law
**Phone.:** +992 989898958
**E-mail:** sunik979797@gmail.com

**The summary:** The article examines the study of human rights issues on labor protection in modern and Soviet Tajikistan in connection with regulatory legal acts and the views of scientists and researchers. The author analyzed the current situation of labor protection in Tajikistan and identified their advantages and disadvantages. According to the author, the main factor in the preservation of human rights in modern conditions is the provision and protection of his labor rights. In addition, the author believes that the whole life and activity of a person in relationships and associations are connected with work, and work, which is considered the basis for maintaining a person in society, his protection should be put first.

As a result of comparing the implementation of the basic principles of labor rights protection in modern and Soviet Tajikistan, the author identified differences and proposed the author's concept of labor rights protection for these two periods, which reflect the great benefit and importance for science today.

**Key words:** Human rights, labor protection, protection of human rights, labor rights, protection of workers' rights, equality, USSR, collective agreements, labor protection system, collective agreements, modern and Soviet Tajikistan.

Дар шароити муосири сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқи инсон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлатию маҳаллӣ самти асосии танзими муносибатҳо ва таъмини шароити баробарҳуқуқӣ ва озодии инсон маҳсуб ёфта, барои рушд намудани хоҷагидории давлатӣ ва маҳаллӣ заминаи боэътимод мегузорад.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат боқӣ мемонад. Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар як қатор чораҳо андешид.

Чӣ тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Пайёмҳояшон қайд намуданд “Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки даврони соҳибистиқлолӣ барои мардуми сарбаланди мо давраи саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳмату талошҳои созанда ба хотири ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон, пешрафти давлат ва ободии Ватан ба ҳисоб меравад”.[247]

Дар ин замина, яке аз дастовардҳои калидии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қабули Конститутсияи соли 1994 буд, ки кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро тақвият дода дар заминаи он чандин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаанд. Илова бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор шартномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқи инсон равона шудаанд, фаъолона иштирок намуда, барои беҳтар кардани вазъи ҳуқуқи занон, ҳифзи кӯдакон ва мубориза бо зӯроварӣ дар оила чораҳои ҳуқуқӣ андешида истодааст. Ҳамзамон қонунҳое қабул шуданд, ки онҳо барои мубориза бо коррупсия ва беҳтар кардани дастрасӣ ба адолат нигаронида шудаанд. Дар ин васила қайд намудан бо маврид мебошад, ки омили асосии нигаҳдошти ҳуқуқи инсон дар шароити муосир ин таъмин ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои меҳнатии он ба шумор меравад. Зеро, тамоми ҳаёт ва фаъолияти инсон дар бархурдорӣ ва омезиш ба фаъолияти меҳнатӣ рост меояд. Меҳнат, ки асоси нигоҳдошти инсон дар ҷамъият арзёбӣ мегардад ҳифзи он низ дар маддӣ аввал бояд роҳандозӣ карда шавад. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи сиёсати беназири Пешвои муазами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин санаду барномаҳо барои нигоҳдошти ҳифзи ҳуқуқи инсон ба меҳнат тасдиқ карда шудаанд, ки онҳо дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии давлат ва ҷомеа нақши муҳим гузоштаанд, ки мо бархе аз онҳоро дар ҷадвали 1. дида мебароем.

| №р/т | Санади ҳуқуқӣ | Номгӯи маводи ҳуқуқӣ | Санаи бароириш | Рақами давлатӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Қонуни | «Дар бораи Ваколатдор оид | 20 марти | № |

[247] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | соли 2008 | 372 |
| **2.** | Қонуни Ҷумҳур ии Тоҷикистон | “Дар бораи ҳифзи меҳнат” | соли 2009 | №5 |
| **3.** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | “Дар бораи ёрии Ҳуқуқӣ” | 4 июли соли 2020 | № 1694 |
| **4.** | Кодекс | Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23 июли соли 2016 | № 1329 |
| **5.** | Кодекс | Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 июли соли 2023 | № 802 |
| **6.** | Кодекс | Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 январи соли 2008 | № 341. |
| **7.** | Санад | Санади ҳуқуқи мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 январи соли 2008 | № 341 |
| **8.** | Стратегия | Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 | 5 августи соли 2023 | №357 , |
| **9.** | Барнома | Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 | 3 декабри соли 2012 | № 678 |
| **10.** | Барнома | Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 | 30 декабри 2021 | №565 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси манбаҳои оварда шуда.

**Ҷадвали 1. Санад, барнома ва стратегияҳои давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Санад, барнома ва стратегияҳои давлатӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таҳкими ҳуқуқи инсон ба ҳифзи меҳнат тасдиқ гардидаанд онҳо аз Қонуни олии кишвар, яъне Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ гирифта заминаҳои ҳуқуқиро барои бунёди давлати озоди соҳибистиқлол замина гузошта тавонистанд, ки дар ҳифз ва озодии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат ва дигар фаъолиятҳо таъсири мусбат расонанд.

Ҳамчуноне, ки аз ҷониби Ф.Т. Тоҳиров ишора гардидааст, «Дар замони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон) ҳуқуқи инсон ба меҳнат бо қонун ҳимоя ва аз ҷониби давлат кафолат дода мешуд. Тоҷикистон ҳамчун як қисми Иттиҳоди Шӯравӣ кӯшиш мекард, ки

ҷомеаи сотсиалистиро таъсис диҳад, ки дар он ҳар як инсон барои меҳнат имкониятҳои баробар дошта бошад»[248].

Дар натиҷаи таҳқиқот мо бархе аз санадҳои қабулшударо вобаста ба ҳуқуқи меҳнат дар даврони ИҶШС дар ҷадвали 2. мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

| № | БАРХЕ АЗ САНАДҲОИ ҚАБУЛШУДА ОИД БА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ ДАР ДАВРОНИ ИҶШС |
|---|---|
| 1. | 11 ноябр соли 1917 Фармони Шӯрои комиссарони халқӣ «Дар бораи рӯзи кории ҳаштсоата ва «Эъломияи ҳуқуқи мардуми меҳнатӣ ва истисморшаванда”; |
| 2. | январи соли 1918 тасдиқи Қонуни меҳнат аз ҷониби съезди сеюми Умумирусиягии Шуроҳо; |
| 3. | 14 июни соли 1918 Қарори Шӯрои комиссарони халқӣ «Дар бораи рухсатии меҳнатӣ» |
| 4. | 2 июли соли 1918 Низомнома «Дар бораи тартиби тасдиқи шартномаҳои коллективӣ-меҳнатӣ, меъёрҳои музди меҳнат ва шароити меҳнат» |
| 5. | декабри соли 1918 аввалин Кодекси қонунҳо Дар бораи меҳнат |
| 6. | соли 1918 «Қоидаҳо дар бораи тартиби муқараррар намудани маъюбӣ» |
| 7. | соли 1918 «Қоидаҳо дар бораи додани кӯмакпулӣ ба коргарон ҳангоми беморӣ» |
| 8. | соли 1918 «Қоидаҳо дар бораи бекорон ва додани кӯмакпулӣ ба онҳо» «Қоидаҳои дафтарчаи меҳнатӣ» |
| 9. | соли 1918 «Қоидаҳо дар бораи истироҳати ҳарҳафтаина ва идҳо»; |
| 10. | соли 1922 Кодекси қонунҳо “Дар бораи меҳнат”; |
| 11. | солҳои 1930 санадҳои муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ; |
| 12. | соли 1965 қарори Ҳукумат ИҶШС “Дар бораи ислоҳоти хоҷагидорӣ” |
| 13. | соли 1970 Қонуни ИҶШС, Асосҳои қонунгузории Иттиҳоди ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи меҳнат; |
| 14. | соли 1971 Кодекси нави қонунҳо “Дар бораи меҳнат” |
| 15. | соли 1977 Конститутсияи ИҶШС. |
| 16. | асосҳои қонунгузории Иттиҳоди ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи меҳнат ((Укази Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 26.01.83 №8723-Х |
| 17. | Қонунҳои ИҶШС аз 27.11.85 №3662-XI, аз 12.05.91. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси манбаҳои оварда шуда.

**Ҷадвали 2. Бархе аз санадҳои қабулшуда оид ба ҳифзи ҳуқуқи меҳнат дар даврони ИҶШС**

Мутобиқи нақшаи баррасишуда санадҳои ҳуқуқи дар даврони Иттиҳоди ҷамоҳири Шӯравӣ сотсиалистии оид ба ҳифзи ҳуқуқи меҳнат

[248] Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – 369 с.

хислати таърихиро дар худ таҷассум намуда ҳар яки онҳо ба ҳар давраи сатҳи ташккулёбии ИҶШС мавриди амал қарор дода шуда буд ва дар асоси Конститутсияи ИҶШС амал менамуданд.

Дар радифи озодии инсон ба ҳифзи меҳнат мувофиқи Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи кореро дошт, ки бояд аз ҷониби давлат таъмин карда мешуд[249]. Ин маънои онро дошт, ки давлат дастрасии ҳамаи шаҳрвандони худро ба кор кафолат дода онҳоро аз бекорӣ муҳофизат мекард. Ҳамзамон стандартҳои ҳадди ақали музди меҳнат, шароити корӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандон муқаррар карда шуда буданд

Илова бар ин, дар ҶШС Тоҷикистон системаи таҳсилот ва тайёрии касбӣ вуҷуд дошт, ки ба шаҳрвандон имконият медод мувофиқи қобилият ва хоҳишҳои худ соҳиби ихтисос шуда соҳиби ҷойи кор шаванд.

Давлат инчунин барои ҳифзи ҳуқуқи коргарон дар ҷойи кор, аз ҷумла риояи қоидаҳои меҳнат ва бехатарӣ, инчунин расонидани ёрии тиббӣ марбут ба меҳнат چораҳо меандешид.

Ҳамин тариқ, дар ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи инсон ба меҳнат аз ҷониби давлат эътироф ва ҳимоя карда мешуд. Ин ба шаҳрвандони кишвар имкон медод, ки ба ояндаи худ эътимод дошта бошанд ва тавонанд қобилият ва истеъдодҳои худро тавассути меҳнат амалӣ намоянд.

Лекин, "дар даврони Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ Сотсиолистӣ, ки давлати абарқударати ҷаҳон маҳсуб меёфт ва дараҷаи гуманизм ва баробарҳуқуқӣ дар тамоми шаклҳои фаъолияти давлатию маҳаллӣ таъмин буд"[250], чунин иброз доштааст, муҳаққиқи Россия Фофанова Н.П. ба шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлоли имрӯза, ки ин қадар санаду барномаҳои зиёд надошт ва озодии ба меҳнат низ то андозаи зарурӣ ташаккул наёфта буд. Ба мисоли он, ки шароити меҳанати инфиродӣ ё фаъолияти соҳибкориро дар он давра қонунгузор манъ карда буд. Яъне нисбати фаъолияти соҳибкорӣ моддаи махсуси ҳуқуқӣ бо унвони "спикулятсия"[251] машҳур буд, ки ба фаъолияти озоди меҳнатӣ монеа ва маҳдудиятҳоро муқаррар карда буд.

Дар ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар ҶШС Тоҷикистон ва Тоҷикистони муосир якчанд фарқиятҳо мавҷуданд. Якум, дар Тоҷикистони муосир ҳуқуқи кормандон бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад, ки он метавонад аз қонунгузории Иттиҳоди Шӯравӣ фарқ кунад. Дуюм, бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон мушкилоти нав дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, аз қабили танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ҳимоя аз табъиз, ҳалли баҳсҳои коллективии меҳнатӣ ва ғайра ба миён омаданд.

---

[249] Асосҳои қонунгузории Иттиҳоди ҶШС ва Ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ дар бораи меҳнат. (дар таҳрири Фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 26.01.83 N 8723-X, қонунҳои СССР аз 27.11.85 N 3662-XI, аз 12.05.91)

[250] Фофанова Н. П. Трудовое посредничество в России: проблема ликвидации безработицы в советский период.//«История государства и права», 2008, №14

[251] Мувофиқи моддаи 154 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Сотсиалистии Шӯравии Русия "Хариду фурӯши молҳо ё дигар ашёҳо бо мақсади фоидаи шахсӣ" бо маҳрум сохтан аз озодӣ аз ду то ҳафт сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешуд. (УК РСФСР от 27.10.1960 г., статья 154 «Спекуляция»)

Ҳамин тариқ, гарчанде ки принсипҳои асосии ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ метавонанд ба ҳам монанд бошанд, дар тарзу усулҳои татбиқи онҳо дар Тоҷикистони муосир дар муқоиса бо ҶШС Тоҷикистон фарқиятҳо мавҷуданд.

1. Низоми муносибатҳои меҳнатӣ: дар ИҶШС иқтисодиёти нақшавӣ вуҷуд дошт, ки дар он давлат тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатиро пурра аз худ карда онҳоро назорат мекард. Ҳама меҳнатчиён кормандони корхонаҳои давлатӣ ба шумор мерафтанд. Тоҷикистони муосир, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ қарор дорад аксари коргарон дар ширкатҳои хусусӣ кор мекунанд.

2. Шартномаҳои коллективӣ: дар ИҶШС шартномаҳои коллективӣ ҳатмӣ буданд ва шароити асосии меҳнатро, ба монанди вақти корӣ, музди меҳнат ва рухсатӣ танзим мекарданд. Дар Тоҷикистон шартномаҳои коллективӣ низ ҳатмӣ мебошанд, вале онҳо доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи коргарон танзим карда мешаванд.

3. Ҳимояи ҳуқуқи коргарон: Дар ИҶШС системаи қавии ҳимояи ҳуқуқи коргарон, аз ҷумла имтиёзҳои кафолатноки иҷтимоӣ, музди меҳнати устувор ва суғуртаи садамаҳои корӣ вуҷуд дошт. Дар Тоҷикистони муосир қонунҳое низ вуҷуд доранд, ки ҳуқуқи коргаронро кафолат медиҳанд, вале дар баъзе мавридҳо татбиқи онҳо аз сабаби мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ камтар самарабахш буда метавонад.

4. Низоми ҳифзи меҳнат: Дар ИҶШС системаи ҳифзи меҳнат, ки бехатарӣ ва саломатии кормандонро дар истеҳсолот таъмин мекард, рушд ёфта буд. Дар Тоҷикистони муосир низ қонунҳо ва меъёрҳо дар соҳаи ҳифзи меҳнат мавҷуданд, аммо самаранокии онҳо вобаста ба риоя намудани онҳо аз ҷониби корхонаҳо ва таҳкими назорати давлатӣ метавонад фарқ кунанд.

Дар маҷмуъ, ҳимояи ҳуқуқи меҳнат дар Тоҷикистони муосир нисбат ба низоми дар ИҶШС мавҷудбуда ба кишварҳои ғарбӣ бештар монанд аст. Бо вуҷуди ин, баъзе беҳбудиҳо марбут ба ҳифзи ҳуқуқи коргарон дар Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Ҳамин тавр, дар радифи таҳқиқиот мо мафҳуми ҳифзи ҳуқуқи инсон ба меҳнатро вобаста ба шароити Тоҷикистони муосир ва Шӯравӣ чунин ҷудо менамоем. Дар шароити фаъолияти Тоҷикистони муосир ҳифзи ҳуқуқи инсон ба меҳнат яке аз воситаҳои асосии тадбирҳои давлатие ба шумор меравад, ки ба пешгирии вайронкунии ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба меҳнат нигаронида шудааст. Дар шароити Тоҷикистони Шӯравӣ бошад ҳифзи ҳуқуқи инсон ба меҳнат ин усули маҷбурии амалигардонӣ ва таъмини ҳуқуқҳои меҳнатие мебошанд, ки аз ҷониби макомоти ваколатдор ё худи шахси ваколатдор татбиқ карда мешаванд.

Вобаста ба ин, гуфтан бо маврид мебошад, ки ҳифзи ҳуқуқи инсон ба меҳнат дар Тоҷикистони муосир ва Шӯравӣ хусусиятҳои қариб якхеларо дар худ таҷассум намуда, заминаҳои таъмини озодӣ бештар ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосир дар ин ҷода мушоҳида гардидаанд.

Лекин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир ҳанӯз ҳам масъалаҳои ҳуқуқи инсон, аз қабили маҳдудиятҳои озодии сухан ва расонаҳо,

мушкилоти ҳуқуқи муҳоҷирон ва таъминот ба ҷойи кор вуҷуд доранд, ки корҳоро оид ба таҳкими институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои ақаллиятҳо ва мубориза бо табъиз дар ин самтро идома додан лозим меояд. Гар чанде аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳо барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон ба меҳнат муҳайё гардидаанд, аммо звенои миёнаи субъектони давлатӣ ва маҳаллӣ аз ин шароитҳо на он қадар самаранок истифода мебаранд.

Бинобар ин, барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд талошҳо бобати боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар ин самт, аз ҷумла тавассути пешбурди корҳои илмӣ таҳқиқотӣ идома дода шаванд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 13:10, шаҳри Душанбе. http://www.president.tj/node/27417
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 июни соли 2016, № 478.
3. Асосҳои қонунгузории Иттиҳоди ҶШС ва Ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ дар бораи меҳнат. (дар таҳрири Фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 26.01.83 N 8723-X, қонунҳои СССР аз 27.11.85 N 3662-XI, аз 12.05.91)
4. Ализода З. Защита прав и свобод человека посредством органа Уполномоченного по правам человека / З. Ализода // Развитие судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015.- С. 80-89.
5. Буриев И.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика / Отв. редакторы: академик Тахиров Ф.Т., проф. Чиркин В.Е. – Душанбе: Дониш, 2016. – 360 с.
6. Алексеева, Л. В. Исторический генезис конституционного права на труд, Юридическая наука, №4, 2011, с.4-5
7. Вершинин А. П. Выбор способа защиты гражданских прав. СПб., 2000. С. 32–37
8. Бобокалонов Ғ.М. Становление и развитие трудового законадьтальства в Таджикистане (1917-1940). диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальностям: 12.00.01 – Теория и история права и государства; история правовых и политических учений. Душанбе 2004 г.
9. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: история и современность. – Волгоград, 2014. – 295 с.
10. Зоиров Д.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности (историкоправовой анализ).– СПб.: Реноме, 2014. – 287 с.
11. Защита трудовых прав и интересов работников // Журнал рос. права. 2002. № 12. С. 60 Матузов Н. И. Правовая система и личность. Саратов, 1989. С. 130–131; Коробченко В. В.

12.Имомов А.И. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосӣ – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 224 с.

13.Илюхов А. А. Политика Советской власти в сфере труда, 1917—1929 гг., автореферат докторской диссертации по истории, Смоленск, 1999

14.Иванов, с. А., Лившис, Р. З., Орловский, Ю. П. Ҳуқуқи меҳнатии Шӯравӣ: масъалаҳои назариявӣ / С. А. Иванов,Р. З.Лившис, Ю. П. Орловский. М.: Илм, Соли 1978. 368 саҳ.

15.Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнат (Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнат) (ККдМ). КЗоТ) Моҳи декабри соли 1918,137 модда

16.Кодекси нави қонунҳо дар бораи меҳнат, соли 1971, 256 модда

17.Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: Дисс. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 258 с

18.Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе, 2008. – 196 с.

19.Сафаров Б.А., Ойев Х.О. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – 256 с.

20.Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры. – Душанбе, 2014.– 228 с.

21.Саъдизода Ҷ. Фарҳанги ҳуқуқи инсон ҳамчун кафолати давлатии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2013, №3/7, қисми 2(124). – С. 51-54.

22.Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – 369 с

23.Тошев А.М. Эволюция правового статуса личности в Республике Таджикистан: историко-правовое исследование: дис. …канд. юрид. наук. – М., 2014. – 276 с.

24.Танзими ҳуқуқии баҳсҳои меҳнатӣ дар заминаи усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ: монография / А.М. Касумов, З. И. Ҷафаров. Москва: Проспект, 2013. – 328 с.

25.Фофанова Н. П. Трудовое посредничество в России: проблема ликвидации безработицы в советский период.//«История государства и права», 2008, №14

26.Худоёров Б. Т., Шонасридинов Н., Муқумова С. А. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул н. и. ҳ., дотс. Шонасридинов Н. – Д.: ЭР-граф, 2004. – 480 с.

27.Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуки Тоҷикистон. Қисми 1. 2002.

## ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)

# ТАВСИФИ УМУМИИ ИШТИРОКЧИЁНИ ШАРТНОМАИ ПАЙМОНКОРӢ ДАР СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

**Мирзозода Парвон Зайналобиддин,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел:** (+992) 907-40-55-50
**E-mail:** parvona.mirzoev@mail.ru

**Шабонов Шоҳкарим Султонович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат
**Тел.:** (+992) 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Роҳбари илмӣ**: Мирзозода П.З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз**: Мавлоназарзода О.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур субъектони шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, баъзе масъалаҳо доир ба сохтмон ё азнавсозии роҳҳои автомобилгард, иншоот ё дигар объектҳо, инчунин барои иҷрои корҳои васл, танзиму ба истифодадиҳӣ ва дигар корҳои ба ҳам алоқаманди иншооти эъморшаванда баста шуда, инчунин вазъи ҳуқуқии фармоишгар, сармоягузор, паймонкор ва зер паймонкорон таҳлил гардида, тағйиру иловаҳои ба қонунгузории маданӣ доир ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон воридгардида ёдрас мегарданд.

Муаллиф ҳолатҳои саркашӣ намудани яке аз тарафҳо ҷиҳати қабули кор ва оқибатҳои иҷро накардани уҳдадориҳоро таҳлил намуда, мавқеи қонунгузориро дар ҳолати манфиатҳои паймонкорро ҳангоми беасос рад кардани фармоишгар аз қабули кор ва иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз ҷониби паймонкор баррасӣ намудааст.

**Калидвожаҳо:** Роҳҳои автомобилгард, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, объект, иштирокчиён, фармоишгар, паймонкор, қонунгузории

маданӣ, назорат ва санҷиш, қабули кор.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА УЧАСТНИКОВ ДОГОВОРА ПОДРЯДА НА СТРОИТЕЛЬСТВО АВТОМОБИЛЬНЫХ ДОРОГ

**Мирзозода Парвон Зайналобиддин,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, доцент, декан юридического факультета Таджикский национальный университет
**Тел:** (+992) 907-40-55-50
**E-mail:** parvona.mirzoev@mail.ru

**Шабонов Шахкарим Султанович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права
**Тел.:** (+992) 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Научный руководитель:** Мирзозода П.З., доктор юридических наук, доцент
**Рецензент:** Мавлоназарзода О.А., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются субъекты договора на строительство автомобильных дорог, их права и обязанности. В частности, некоторые вопросы, связанные со строительством или реконструкциейавтомобильных дорог, сооружений или иных объектов, а также с выполнением монтажных, наладочных и пусконаладочных работ и других сопутствующих работ построенных объектов, а также анализируется правовой статус заказчика, инвестора, подрядчика и субподрядчиков, упоминаются изменения и дополнения в гражданское законодательство о договоре строительного подряда.

Автор проанализировал случаи отказа одной из сторон принять работу и последствия неисполнения обязательств, а также обсудил законодательную позицию в случае соблюдения интересов подрядчика, когда заказчик необоснованно отказывается принять работу и ненадлежащее исполнение обязательств подрядчиком.

**Ключевые слова:** Автомобильные дороги, подряд на строительство, объект, участники, заказчик, подрядчик, культурное законодательство, контроль и проверка, приемка работ.

# GENERAL CHARACTERISTICS OF PARTICIPANTS IN CONTRACT FOR CAR ROAD CONSTRUCTION

**Mirzozoda Parvon Zainalobiddin,**
Tajik National University, Faculty of Law, Doctor of Legal Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Law Tajik National University
**Phone:** (+992) 907-40-55-50
**E-mail:** parvona.mirzoev@mail.ru

**Shabonov Shakhkarim Sultonovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant at the Department of entrepreneurial and commercial law
**Phone.:** (+992) 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Scientific supervisor:** Mirzozoda P.Z., Doctor of Legal Sciences, Docent
**Reviewer:** Mavlonazarzoda O.A., Candidate of Legal Sciences, Docent

**Annotation**: This article discusses the subjects of the contract for the construction of highways, their rights and obligations. In particular, some issues related to the construction or reconstruction of highways, structures or other objects, as well as the implementation of installation, adjustment and commissioning works and other related work of constructed objects, as well as the legal status of the customer, investor, contractor and subcontractors, changes are mentioned and additions to civil legislation on construction contracts.

The author analyzed cases of refusal by one of the parties to accept work and the consequences of failure to fulfill obligations, and also discussed the legislative position in the case of respecting the interests of the contractor, when the customer unreasonably refuses to accept work and improper performance of obligations by the contractor.

**Key words:** Highways, construction contract, object, participants, customer, contractor, civil legislation, control and inspection, acceptance of work.

Меҳвари тамоми муносибатҳоро субъектони он ташкил медиҳанд. Дар муносибатҳое, ки аз шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон бар меоянд доираи иштирокчиёнаш ниҳоят васеъ мебошанд. Новобаста аз он ки дар қонунгузорӣ вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои дахлдор муқаррар мегардад, аммо шартнома дар ин замина нақши муаасирро дорост. Дар шароити нави хоҷагидорӣ шартнома яке аз воситаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ мебошад[252].

[252]Саъдиев И.З. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дис... н.и.ҳ., – Душанбе 2019. – С. 112.

К. Маркс нақши шартномаҳоро дар танзими муомилот муайян намуда, дар замони худ чунин навишта буд «Ин муносибати ҳуқуқиест, ки дар шакли шартнома ифода меёбад, гарчанде дар қонун мустаҳкам шудааст ё не муносибати қавӣ буда, дар он муносибати иқтисодӣ инъикос меёбад»[253].

Маҳз талаботи мукаммалгардонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ бо роҳи шартномавӣ яке аз хусусиятҳои хосси танзими муносибатҳои бозоргонӣ мебошад. Вобаста ба инкишофи иқтисодиёти бозоргонӣ аҳаммияти шартнома чун воситаи танзими фаъолияти хоҷагидорӣ меафзояд[254].

Ҷузъиётҳои, ки дар рафти иҷрои уҳдадориҳо дар муносибатҳои аз шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон бар меоянд, танзими мукаммал ва ҳаматарафаи худро маҳз дар шартнома меёбанд.

Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро чунин муайян намудааст.

Фармоишгар яке аз тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба ҳисоб меравад. Нақши фармоишгар аз ҷониби муаллифони гуногун ба таври мухталиф маънидод мегардад, аз ҷумла О.Н.Садиков бар он ақида аст, ки фармоишгар  ин яке аз тарафҳои шартнома, сармоягузор ё ин ки ҳар ду ба ҳисоб меравад[255].

Ба андешаи Черняк бошад, “Фармоишгар ин сармоягузор, инчунин дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба ҳисоб меравандд. Дар иқтисоди бозоргонӣ нақши фармоишгар марказӣ ба ҳисоб меравад, фармоишгар ташаббускори лоиҳаи сохтмон, шартҳои кории иҷрокунанда, ва инчунин истеъмолкунандаи маҳсулоти сохтмон ва ба талабот ҷавобгӯ будани онро танзим мекунад”[256].

Чун боло ёдрас шудем фармоишгар ташаббускори сохтмон ба ҳисоб рафта, мақсадаш бо харҷи камтарин бунёди босифати объект ба ҳисоб меравад. Фармоишгар дорои як қатор уҳдадориҳо мебошад, аз ҷумла пешниҳод намудани қитъаи замин, бо вуҷуди ин қитъаи замини пешниҳодшуда бояд ба шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ҷавобгӯ бошанд, дар ҳолати баръакс бошад, таъмини иҷрои кор бояд дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда шавад. Сари вақт таъмин намудани қитъаи замин ниҳоят муҳим ба ҳисоб рафта, барои оғози корҳои сохтмонӣ аҳаммияти калон дорад.

Чӣ тавре ки таҷриба нишон медиҳад, иҷрои кор аз ду вазифаи ба ҳам вобаста иборат аст, аввалан пешниҳод намудани ҳуҷҷати дахлдор оид ба қитъаи замин ва дувум бошад озод намудани қитъаи замин аз иншоотҳо, агар онҳо мавҷуд бошанд. Тибқи моддаи 817 Кодекси маданӣ фармоишгар

[253] Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т 23–ст. 94.

[254] Рахимов М.З. Роль договора в регулировании предпринимательских отношений. Избранные труды. – Душанбе, 2014. – С. 527.

[255] См.: Садиков О.Н. Подробнее об этом см.: Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй (постатейный) / Отв. ред. О.Н. Садиков. М., 1998. С.321-322

[256] См.: Черняк В.Э. Система нормативных документов в строительстве // Экономика строительства — 1996. - №3. С.43.

уҳдадор аст, шароити мусоидро баҳри иҷрои кор аз ҷониби паймонкор фароҳам оварад. Пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои аз лиҳози қонун ба талабот ҷавобгӯ буда, аҳаммияти аввалиндараҷаро дорост, чун дар ҳолатҳои дигар камбудиҳои ҷойдошта боиси он мегарданд, ки баҳсҳои калон ба вуҷуд оянд ва хароҷоти фармоишгар низ аз ин сабаб калон гардад. Ҳамин тавр ташкилоти паймонкорӣ дар сохтмон дар ҳама ҳолати ба вуҷуд омадани шубҳа оид ба ҳуҷҷатнигории объекти паймонкорӣ дар сохтмон, масъалаи мазкурро пурра ҳал карда, камбудиҳоро бартараф намуда, сохтмонро аз нав эҳё созанд. Бояд ёдрас шуд, ки андоза ва ҳолати қитъаи замин бояд ба шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон мувофиқ бошанд, ҳангоми набудан оғози саривақтии кор, пешбарӣ ва анҷомдиҳӣ бояд сари вақт ба роҳ монда шаванд.

Дар муносибатҳои паймонкорӣ дар сохтмон инчунин сармоягузор нақши муассир дорад. Тибқи моддаи 1 Қонуи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" сармоягузор - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилот бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро амалӣ менамояд, ба ҳисоб меравад. Сармоягузор метавонад тамоми лоиҳаро сармоягузорӣ намояд, ё ин ки қисман онро сармоягузорӣ намояд.

Тибқи қисми 2 моддаи 817 Кодекси маданӣ шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон барои сохтмон ё азнавсозии корхонаҳо, бино (аз ҷумла бинои истиқоматӣ), иншоот ё дигар объектҳо, инчунин барои иҷрои корҳои васл, танзиму ба истифодадиҳӣ ва дигар корҳои ба ҳам алоқаманди иншооти эъморшаванда баста мешавад. Барои самаранок ва босифат анҷом додани сохтмон хароҷотҳоро барои лоиҳакашӣ, ба даст овардани таҷҳизот, мошин ва дигар воситаҳо, бояд хароҷотҳо пурра ба инобат гирифта шаванд. Ҳамин тавр дар доираи танҳо як шартномаи паймонкорӣ маҷмӯи тамоми хароҷотҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Метавон хулоса баровард, ки мафҳуми "хароҷоти капиталӣ" аз мафҳуми "хароҷот барои сохтмон" васеътар аст, яъне дарбаргирандаи дувумин аст.

Муносибатҳои байни субъектони фаъолияти сармоягузорӣ бавуҷудмеомада, аслан дар асоси шартнома ё ин ки қарордоди давлатӣ баста мешаванд, бинобар ин сохтмон ё азнавсозии корхонаҳо, бино (аз ҷумла бинои истиқоматӣ), иншоот ё дигар объектҳо, инчунин барои иҷрои корҳои васл, танзиму истифодадиҳӣ ва дигар корҳои ба ҳам алоқаманди иншооти эъморшаванда дар асоси шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба роҳ монда мешаванд.

Ба шумули иштирокчиёни муносибатҳои сармоягузорӣ тибқи Қонуи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" инҳо шомиланд: шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилот бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро амалӣ менамояд, давлати хориҷӣ, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин ташкилоти байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории кишвари будубоши худ сармоягузорӣ менамояд, мақоми давлатие, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи сармоягузорӣ татбиқ менамояд.

Дар таносуб аз қонуни номбурдашуда Кодекси мадании моддаи махсусро ба доираи субъектони паймонкорӣ дар сохтмон равона накардааст. Аммо метавон хулоса баровард, ки ба сифати фармоишгар дилхоҳ субъект метавонад баромад намояд, ҳам шахси ҳуқуқӣ ва ҳам шахси воқеӣ, инчунин давлат ва воҳидҳои марзиву маъмурии он. Бобати паймонкор бошад, субъекти анҷомдиҳандаи кор аслан шахси ҳуқуқӣ баромад менамояд, аммо дар қонунгузорӣ оид ба маҳдудияти ба сифати паймонкор баромад намудани шахсони воқеӣ муқаррароте пешбинӣ нашудааст, бинобар ин тибқи асосҳои бунёдии муносибатҳои хусусӣ, ки ҳар он чӣ манъ нашудааст, равост, метавон гуфт, ки шахси воқеӣ низ ба сифати паймонкор баромад карда метавонад.

Уҳдадории фармоишгар оид ба молиякунонии объекти сохташаванда бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад: а) сармоягузорӣ, б) тарҳҳои маблағҳои худӣ, в) тавассути интиқоли кредит (одатан сохтмони роҳҳои автомобилгард тавассути маблағҳои кредитӣ ё ин ки тарҳҳои худӣ бунёд мегарданд. Кредитҳо одатан аз ҷониби субъектони хориҷӣ пешкаш мегарданд. Андозаи назарраси роҳҳои автомобилгард маҳз аз ҳисоби маблағҳои худӣ бунёд мегарданд. Яъне буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони роҳҳои автомобилгард низ маблағ ҷудо мекунад. Сабаби кам будани сармоя (дохилӣ ва хориҷӣ) дар он аст, ки роҳҳои автомобилгард хароҷоти калон дорад, аммо роҳҳои гирифтани фоида кам ба назар мерасанд. Амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар роҳҳои автомобилгард, танҳо ҳангоми пулакӣ намудани онҳо имконпазир аст. Тоҷикистон яке аз давлатҳои аввалин дар Осиёи Миёна ин таҷрибаро истифода намуд, вақт нишон дод, ки ин таҷриба ба манфиати кор аст[257].

Муқаррароти моддаи 831 КМҶТ ҳолатеро пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми саркашӣ намудани яке аз тарафҳо ҷиҳати қабули кор тарафи дигар бо тартиби додани санади якҷониба бо қайди ҳолати кор онро имзо мегузорад. Моддаи мазкури КМҶТ манфиатҳои паймонкорро ҳангоми беасос рад кардани фармоишгар аз қабули кор ҳимоя менамояд. Дар таҷриба тарафҳо оид ба вақти қабули кор маслиҳат менамоянд. Санади қабули объектро ба ғайр аз тарафҳо инчунин мақомотҳои дахлдори давлатӣ, хадамоти зиддисӯхторӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигарон имзо мегузоранд.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ҳадди ақал муносибати ду тарафро ба танзим дароварда, тақозои иҷро намудани амалҳои муайянро талаб менамояд ва боиси ба вуҷуд омадани як қатор оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад[258]. Тарафи дигари шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ин паймонкор ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи 817 КМҶТ шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон паймонкор уҳдадор мешавад, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома тибқи супориши фармоишгар объекти муайян ё корҳои дигари сохтмониро анҷом диҳад ва фармоишгар уҳдадор мешавад барои паёмонкор ҷиҳати ҷиҳати иҷрои кор шароити зарурӣ фароҳам

---

[257] Шабонов Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ №4(12). 2018. – С.157.

[258] Шабонов Ш.С. Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард// Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ №4(32). 2023. – С. 113.

оварад, корро қабул кунад ва ба он нархи мувофиқашударо пардохт намояд. Уҳдадориҳои мазкури тарафҳо дар дигар моддаҳои Кодекси маданӣ машаххас гардидаанд, бинобар ин ба маънои васеъ онро ҳамчун уҳдадориҳои паймонкор бо қувва, воситаҳо ва маҳсулоти худ сохтани объекти дар шартнома муқарраршуда бо дарназардошти ҳуҷҷатҳои техникӣ ва муҳлати пешбининамудаи шартнома, фаҳмидан мумкин аст.

Бояд хотиррасон гардид, ки тибқи Кодекси маданӣ аз 24 декабри соли 2022[259], ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор гирифтааст аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1999[260] дар боби 41 параграфи сеюм баъзе дигаргуниҳо дар бобати вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дида мешаванд. Аз ҷумла, дар Кодекси маданӣ ба моддаи 827 қисми чорум бо мазмуни зеррин илова гардидааст: “фармоишгар бо мақсади анҷом додани назорат ва санҷиши ҷараёни кор бе розигии паймонкор мустақилона метавонад бо бастани шартномаи алоҳида аз хизматҳои муҳандис ё ташкилоти муҳандисӣ истифода барад. Дар ин ҳолат дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ваколатҳои чунин муҳандис ё ташкилоти муҳандисӣ ва оқибатҳои амали он барои паймонкор муайян карда мешаванд”. Аз муқаррароти мазкур метавон чунин хулоса баровард, ки ҳангоми ба роҳ мондани назорат ва санҷиши иҷрои кор аз ҷониби фармоишгар салоҳияти охирин васеъ гардида, корҳои дигар ба монанди мустақилона бастани шартнома ва ҷалб намудани дигар субъектон бобати анҷоми кор, низ аз ҷониби ӯ анҷом дода мешавад.

Инчунин дар моддаи 831 Кодекси маданӣ, чунин тағйирот дида мешавад, ки ба манфиати паймонкор мебошад, чунки дар моддаи 769 Кодекси гражданӣ оварда шуда буд, ки фармоишгар дар ҳолати ошкор намудани камбудиҳое, ки имконияти истифодаи онро барои тибқи мақсадҳои дар шартнома зикргардида ғайриимкон мегардонад ҳуқуқ дорад, аз қабули кор даст кашад, дар Кодекси маданӣ ибораҳои зеррин илова гардидаанд: “ва аз ҷониби паймонкор, фармоишгар ё шахси сеюм бартараф карда намешаванд”. Яъне дар ин ҷо дида мешавад, ки фармоишгар аввалан бояд роҳҳои бартараф кардани чунин камбудиҳоро таҳлил намуда, дар ҳолати ғайриимкон будани бартарафнамоӣ пасон аз қабули кор даст кашад.

Моддаи 835 Кодекси маданӣ, ки муқарраротро доир ба бартараф намудани камбудиҳо аз ҳисоби фармоишгар пешбинӣ намудааст дар таносуб аз Кодекси гражданӣ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ дучор гардидааст. Аз ҷумла, паймонкор барои батараф намудани камбудиҳое, ки барои онҳо ҷавобгар нест бо талаби фармоишгар ва аз ҳисоби ӯ чунин камбудиҳоро метавонад бартараф намояд. Дар таҳрири моддаи 773 Кодекси гражданӣ гап танҳо сари бартараф намудани камбудиҳои содиршуда аз тарафи паймонкор мерафту тамом. Инчунин дар моддаи 835 қисми дуюм оварда

[259] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 24 декабри соли 2022 [Нусхаи электронӣ] // адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023.

[260] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505.

шудааст, ки дар мавриде, ки камбудиҳо ба мавзуи шартнома бевосита алоқаманд нестанд ё бо сабабҳои ба он новобаста аз ҷониби паймонкор иҷро шуда наметавонанд, паймонкор аз иҷрои ин корҳо метавонад рад намояд.

Бо вуҷуди баъзе тағйиру иловаҳо ба Кодекси маданӣ паймонкор субъекти марказии ин муносибатҳо ба ҳисоб меравад. Уҳдадориҳои паймонкор аз уҳдадориҳои фармоишгар васеътаранд. Тибқи моддаи 817 Кодекси маданӣ паймонкор вазифадор мешавад дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома тибқи супориши фармоишгар иншооти муайян ё дигар корҳои сохтмониро анҷом диҳад, яъне паймонкор вазифадор мешавад, бо қувваи худ ва аз ҳиссоби худ, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад корҳоро анҷом диҳад. Ҳолати мазкур мустақилияти паймонкорро аз фармоишгар муқаррар менамояд. Тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард фармоишгар метавонад паймонкорро бо қувваи корӣ қисман таъмин намояд, аммо ин маънои онро надорад, ки шартнома дигар шартномаи паймонкорӣ буда наметавонад.

Моддаи 823 Кодекси маданӣ уҳдадории бо маҳсулоти сохтмонӣ, аз ҷумла ҷузъҳо ва конструксияҳо, инчунин бо таҷҳизот таъмин намудани сохтмонро бар дӯши паймонкор вогузоштааст. Бинобар сабабе ки моддаи мазкур хусусияти диспозитивӣ дорад, тибқи шартнома уҳдадории таъмини моддиро метавонанд бар дӯши фармоишгар вогузоранд.

Тибқи қонунгузорӣ уҳдадории таъмини моддӣ дар асоси шартнома ҳалли худро меёбад, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки ин уҳдадорӣ бар дӯши паймонкор вогузор гардидааст.

Паймонкор роҳи автомобилгардро бояд бо назардошти тамоми талаботҳои техникӣ бунёд намуда, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор тасдиқи худро ёфта бошад. Баръакси ҳол тамоми уҳдадориҳои пешбининамудаи шартнома нисбат ба паймонкор эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Мушкилии сохтмони худсарӣ ҳангоми сохтмони роҳҳои автомобилгард мавҷуд нест. Чун ҳеҷ кас худсарона ба бунёди роҳи атвомобилгард даст намезанад. Уҳдадориҳои таваккалии несту нобуд ё зарар дидани объект то қабули он бар дӯши паймонкор вогузор гардидааст. Агар фармоишгар қисмати роҳи автомобилгарди навбунёдро қабул намояд, пас оқибати зарар дидани ин қисмати объект маҳз бар дӯши фармоишгар гузошта мешавад. Дар ҳолати саркашӣ кардан аз қабули объекти бунёдшуда аз ҷониби фармоишгар, паймонкор бо тартиб додани санади яктарафа метавонад объекти мазкурро супорад. Яъне муқаррароти диспозитивӣ, ки дар шартнома пешбинӣ гардида буд, тобиши императивиро касб мекунад.

Моддаи 831 Кодекси маданӣ оқибати гузаронидани муҳлати қабули объектро аз ҷониби фармоишгар кушода боқӣ мондааст. Дар ҳолати мазкур асосҳои умумӣ амал мекунанд, яъне тибқи моддаи 793 Кодекси маданӣ, агар саркашии фармоишгар аз иҷрои қабули кор боиси минбаъд гузаронидани мӯҳлати супурдани кор гардида бошад, ҳуқуқи моликият ба

ашёи тайёркардашуда (коркардшуда) аз лаҳзае, ки супурдани он сурат гирифтааст, ба фармоишгар гузашта эътироф карда мешавад. Дар ҳолати ҳалли худро наёфтани қазияи мазкур таваккали осеб дидани объект бар дӯши тарафе, ки маҳсулотро таъмин намудааст, вогузошта мешавад. Бояд ёдрас шуд, ки асосҳои умумии ҳалли баҳсҳои зерин хусусияти диспозитивӣ доранд, бинобар ҳолатҳои мушаххас, аммо дар ҳолати нобуд ё заррар дидани объект, ки паймонкор уҳдадориро бар дӯш мегирад, хусусияти иппе_ративиро касб мекунад.  Моддаи 820 Кодекси мазкур, бошад уҳдадории паймонкорро барои суғурта кардани объект пешбинӣ менамояд. Суғуртаи мазкур амали муваққатӣ дорад, чун пас аз анҷом расидани мӯҳлати дар шартномаи паймонкорӣ пешбинишуда, суғурта низ ба анҷом мерасад.

*Агар ҳангоми гузаронидани корҳои мушаххас, ки дар харҷнома ва нақша пешбинӣ нашудаанд, пас паймонкор на танҳо ҳуқуқ, инчунин ӯҳдадорӣ низ барои аз нав таҷдид намудани харҷнома пайдо мекунад.*

Фармоишгар бошад дар мӯҳлати оқилона бояд масъалаи тамдид намудани харҷномаро баррасӣ намояд. Дар ҳолати тамдид накардан, зарари дар натиҷаи бекористодан расида бар дӯши фармоишгар меистад, агар фармоишгар баръакси онро исбот накунад.

Ҳангоми сохтмони роҳи автомобилгард талаботи қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба бехатарии муҳити зист, бояд риоя гарданд. Уҳдадории мазкур бар дӯши паймонкор вогузор мегардад. Инчунин ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ ҷавобгарӣ бар дӯши иҷрокунандаи кор вогузор карда мешавад, на бар дӯши шахсе, ки кор ба манфиати ӯ иҷро шудааст.

Паймонкор ҳуқуқ надорад аз маводи пешниҳоднамудаи фармоишгар истифода барад, агар чунин истифодабарӣ ба ҳифзи муҳити зист ва бехатарии сохтмон зиён оваранд.

Тамоми камбудиҳои дар вақти анҷом додани корҳо ошкор гардида бояд аз ҷониби паймонкор бартараф гарданд. Муҳлати кафолати объект тибқи қонунгузорӣ муқарар мегардад, тарафҳо танҳо метавонанд ин муҳлатро дароз намоянд.

Ба ҳуқуқҳои паймонкор бошад, талаб кардани қабули объектҳои ба анҷомрасонида аз ҷониби фармоишгар, дар муҳлати пешбинишуда, инчунин агар дар шартнома муқаррар шуда, пардохти бунак ва пешпардохт, инчунин пардохти иловагии корҳо, ба ҳисоб меравaнд.

Инчунин ҳолатҳо зиёданд, ки иштирокчии муносибатҳои паймонкорӣ дар сохтмон фармоишгар, паймонкор ва иштирокчиёни дигар ба ҳисоб мераванд. Яъне паймонкори генералӣ масъулияти сохтмони роҳро бар дӯш гирифта дигар зерпаймонкоронро ҷалб менамояд, ки корҳои алоҳидаро ба анҷом мерасонанд. Манфиатҳои зерпаймонкор то андозае маҳдуданд, чунки ӯ на ба тамоми кори анҷомдодашаванда, балки ба қисмати алоҳидаи он таваҷҷуҳ дошта, онро  иҷро менамояд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо аз ҷониби худи иштирокчиёни муносибатҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, инчунин бо дарназардошти қонунҳо бо истифода аз усули императивӣ,

ниҳоят ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар натиҷаи амали дуҷониба ва манфиатҳои тарафайн ба вуҷуд меоянд.

**Адабиёт:**


**1.** Рахимов М.З. Роль договора в регулировании предпринимательских отношений. Избранные труды. – Душанбе, 2014. – С. 527.

2. Саъдиев И.З. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // дис... н.и.ҳ. – Душанбе 2019. – С.112.

3. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения том 23–ст. 94.

4. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй (постатейный) / Отв. ред. О.Н. Садиков. М., 1998. С.321-322

5. Черняк В.Э. Система нормативных документов в строительстве // Экономика строительства — 1996. - №3. С.43.

6. Шабонов Ш.С. Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард// Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ №4(32)2023С.157

7. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 24 декабри соли 2022 [Нусхаи электронӣ] // адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023.

8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505. (Аз эътибор соқит).

# ШАРТҲОИ МУҲИММИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ

**Ҷураев Азимҷон Шокирҷонович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании
**Тел.:** (+992) 988157373
**E-mail:** **Azimjon_95@bk.ru**

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба муайян намудани шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф иброз менамояд, ки ҳангоми бастани шартномаи ишорашуда тарафҳо бояд мазмуни онро бо тамоми шартҳояш таҳлил намуда, баъдан онро банданд, зеро дар сурати риоя нагардидани шартҳои шартнома он бастанашуда маҳсуб меёбад. Инчунин, манзили истиқоматӣ ҳамчун мавзуи шартномаи хариду фурӯш ба сифати шарти муҳим таҳлил карда шудааст. Нарх дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар баробари мавзуи шартнома унсури асосӣ ба шумор рафта, бидуни мавҷудияти он шартнома бастанашуда эътироф мешавад. Дар доираи мақолаи мазкур, ҳамзамон шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро ҳангоми бегона кардани он бо роҳи хариду фурӯш нигоҳ медоранд, амиқан муайян карда шудааст. Пас аз таҳлили ҳаматарафа, муаллиф як қатор мушкилоти қонунгузории соҳаро дарҷ намуда, баҳри мукаммал кардани меъёрҳои мавҷуда пешниҳодҳои судмандро манзур кардааст.

**Калидвожаҳо:** мавзуи шартнома, хариду фурӯш, фурӯшанда, харидор, ҳуқуқи хариди афзалиятнок, муҳлати имтиёзнок, ҳисса, фурӯши ҳисса, ҳуқуқи моликияти умумӣ, иштирокчиёни моликияти умумӣ, огоҳинома, оферта, тақсими ҳисса, манзили истиқоматӣ, қонунгузорӣ.

# ВАЖНЫЕ УСЛОВИЯ ДОГОВОРА КУПЛИ-ПРОДАЖИ ЖИЛОЙ ПОМИЩЕНИЕ

**Джураев Азимджон Шокирджонович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры гражданского права
**Тел.:** (+992) 988157373
**E-mail:** Azimjon_95@bk.ru

**Аннотация:** В данной статье проанализированы вопросы, связанные с определением существенных условий договора купли-продажи жилого помещения. Автор указывает, что при заключении указанного договора сторонам следует проанализировать его содержание со всеми условиями и затем закрыть его, поскольку при несоблюдении условий договора он

будет считаться незаключенным. Также в качестве важного условия проанализировано жилое помещение как предмет договора купли-продажи. Цена является основным элементом в договоре купли-продажи жилого помещения наряду с предметом договора, и без него договор признается незаключенным. В рамках настоящей статьи подробно определяются граждане, сохраняющие за собой право пользования жилым помещением при его отчуждении путем купли-продажи. После всестороннего анализа автор перечислил ряд проблем законодательства в сфере и внес полезные предложения по совершенствованию существующих норм.

**Ключевые слова:** предмет договора, купля-продажа, продавец, покупатель, право преимущественной покупки, льготный период, доля, продажа доли, право общей собственности, участники общей собственности, уведомление, оферта, раздел доли, жилое помещение, законодательство.

## IMPORTANT CONDITIONS OF THE AGREEMENT OF PURCHASE AND SALE OF RESIDENTIAL PREMISES

**Juraev Azimjon Shokirjonovich,**
Tajik National University, Law Faculty assistant of the Department of Civil Law
**Phone:** (+992) 988157373
**E-mail:** Azimjon_95@bk.ru

**Annotation:** This article analyzes issues related to determining the essential terms of a residential purchase and sale agreement. The author points out that when concluding this agreement, the parties should analyze its contents with all the conditions and then close it, since if the terms of the agreement are not met, it will be considered not concluded. Also, as an important condition, residential premises were analyzed as the subject of a purchase and sale agreement. Price is the main element in a residential purchase and sale agreement along with the subject of the agreement, and without it the agreement is considered not concluded. Within the framework of this article, citizens who retain the right to use residential premises during their alienation through purchase and sale are defined in detail. After a comprehensive analysis, the author listed a number of legislative problems in the field and made useful suggestions for improving existing standards.

**Key words:** subject of the contract, purchase and sale, seller, buyer, right of first refusal, grace period, share, sale of share, right of common ownership, participants in common property, notice, offer, division of share, residential premises, legislation.

Хариду фурӯши манзили истиқоматӣ аз зумраи аҳдҳои вусъатёфта дар самти ба даст овардан ва бегона намудани манзил ба шумор рафта, аз

зумраи шартномаи паҳнгардида ва серистеъмоли фурӯши молумулки ғайриманкул ба шумор меравад. Хариду фурӯши манзили истиқоматӣ барои беҳбуди шароити манзилӣ нигаронида шуда, бастани шартномаи хариду фурӯш бошад, оқибатҳои ҳуқуқиро байни харидор ва фурӯшанда ба вуҷуд меорад. Қонунгузор барои бастани шартнома талаботи муайянеро пешбинӣ менамояд, ки мо онро шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯш меномем.

Дар замони муосир вобаста ба низом ва мураттабсозии шартҳои шартнома андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Одатан дар илми ҳуқуқи маданӣ таснифоти маъмуле ҷой дорад, ки барои қонеъ намудани устувории муомилоти маданӣ хидмат менамояд. Ба андешаи О.С. Иоффе шартҳои мухталифе, ки дар амалияи муқаррар кардани уҳдадориҳои шартномавӣ маълуманд, мумкин аст, онҳоро бо фарогирии аҳамияти ҳуқуқияшон ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд: муҳим, муқаррарӣ, ногоҳонӣ[261].

Шартҳои муҳим ва ё ҳатмии шартнома гуфта, он шартҳоеро меноманд, ки бидуни ноилшавии тарафҳо ба онҳо, басташуда эътироф намудани шартнома ғайриимкон аст[262].

Шартҳои муҳими ҳама гуна шартнома шартҳое, мебошанд, ки вобаста ба онҳо созиши тарафҳои шартнома муҳим арзёбӣ мегардад, то ки шартнома басташуда ҳисобида шавад. Агар тарафҳо вобаста ба яке аз шартҳои муҳими шартнома ба созиш наоянд, шартнома аз лиҳози ҳуқуқӣ басташуда пазируфта намешавад, яъне чунин шартнома барои тарафҳо ягон оқибати ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Мувофиқи қ. 2 м. 498 Кодекси мадании ҶТ шартнома басташуда дониста мешавад, агар байни тарафҳо мувофиқи шакле, ки дар ҳолатҳои дахлдор талаб карда мешавад, аз рӯйи ҳамаи шартҳои муҳимми шартнома созиш ба вуҷуд омада бошад[263]. Танҳо ин шартҳое, мебошанд, ки қонунгузорӣ барои ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои муайяни шартномавӣ лозим ва кофӣ медонад.

Кодекси мадании ҶТ шартҳои зайлро дар шартнома муҳим мешуморад:

1. оид ба мавзуи шартнома;
2. шартҳое, ки бевосита дар қонунгузорӣ барои шартномаи намуди мазкур муҳим номбар шудаанд;
3. барои шартномаи намуди мазкур заруранд;
4. ҳамаи он шартҳое, ки нисбат ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд.

Шартҳои муҳими шартнома дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, шартҳои муқаррарӣ ва ногоҳонӣ бошанд, дар адабиёти ҳуқуқӣ мунъакис шадаанд.

Шартҳои муқаррарӣ дар ҳар ҳолат, новобаста аз мавҷудияти онҳо дар матни шартнома амал менамоянд. Аз ин ҷиҳат, ки тарафҳо шартнома

---

[261] Ниг.: Иоффе О.С. Избранные труды. Том III. – М.: Юридический центр Пресс, 2004. – С. 34.

[262] Ниг.: Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум (нашри дуюм)/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – С. 421.

[263] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №1918. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 13.01.2024).

мебанданд ва розигии онҳо ба шартҳои муқаррарии шартнома эътирофгардида ҳисобида мешавад. Масалан, чунин шарти уҳдадории фурӯшанда дар бораи супоридани ба харидор моли аз ҳама гуна ҳуқуқи шахси сеюм озодро, ба истисноi ҳолате, ки харидор розӣ шудааст, моли дорои гаронии ҳуқуқи шахси сеюмро қабул кунад (м.529 Кодекси мадании ҶТ).

Шартҳои ногоҳонӣ низ дар бастани шартнома таъсиргузор ҳастанд, вале танҳо он лаҳзае амалашонро шурӯъ менамоянд, ки ба шартнома ворид карда мешаванд. Масалан, дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ одатан шартҳои муҳлати кӯчонидан ё аз қайд баровардан метавонад ба шартҳои ногоҳонӣ шомил шаванд.

Шарномаҳо ҳамон лаҳзае басташуда ҳисобида мешаванд, ки агар тарафҳо аз рӯи ҳамаи шартҳои муҳимми шартнома ба созиш омада бошанд. Мувофиқи қ. 3., м. 498 КМ ҶТ[264] мавзуи шартнома яке аз шартҳои муҳимми шартномаро ташкил дода, яке аз унсури ҳатмӣ ва асосӣ маҳсуб меёбад. Дар сурати мавҷуд набудани нишондодҳои сареҳ оид ба мавзӯъ иҷрои шартнома имконнопазир гардида, шартнома маънои худро гум намуда, бастанашуда ҳисоб мешавад. То кунун дар қонунгузорӣ мафҳуми расмии мавзуи шартнома муайян нагардидааст.

Мавзуи шартнома фарогирандаи ном ва хосиятҳое мебошад, ки метавонад мавзуи шартномаро муайян намояд, масалан тавсифи миқдорӣ ва сифати он[265]. Предмети (мавзуи) шартнома он муносибати асосии тарафҳое мебошад, ки аз ҷониби шартномаи мазкур ба танзим дароварда шуда, баҳри ноил шудан ба он, тарафҳо ба муносибати шартномавӣ дохил мешаванд[266].

Ҳамин тавр, мавзуи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ аввалин шарти муҳими шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад. Мавзуи шартномаи мазкур унсури муҳим буда, имконият медиҳад, ки шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматиро аз дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш фарқ намуд. Манзили истиқоматӣ – мавзуи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ перомони мафҳуми манзили истиқоматӣ андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Масалан, И.Л. Корнеева қайд мекунад, ки мафҳуми “манзили истиқоматӣ” ба се маъно истифода мегардад: ҳамчун мафҳуми умумӣ, ки ҳама намуди манзили истиқоматиро дарбар мегирад (хона дар бинои бисёрхонагӣ, ҳуҷраҳо, хонаи истиқоматӣ); ҳамчун қисми хонаи истиқоматӣ (хона дар бинои бисёрхонагӣ, ҳуҷраи хона дар бинои бисёрхонагӣ); ҳамчун категорияи илмӣ (дар баробари хонаи истиқоматӣ)[267].

---

264 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №1918. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 13.05.2024)..

265 Гражданское право: учебник : в 3 т. Т. 1 / под ред. А. П. Сергеева. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2018. – С. 874.

266 Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум (нашри дуюм) / Муҳаррирони масъул: д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – С. 422.

267 Корнеева И.Л. Жилищное право РФ. Учебник для магистров. – М.: Юрайт, 2015. – С. 47.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон манзили истиқоматиро ҳамчун биное муаррифӣ менамоянд, ки барои истиқомати доимии инсонҳо мувофиқ аст[268]. В.Н. Литовкин бар он назар аст, ки “хонаи истиқоматӣ, манзили истиқоматӣ ва манзилро мафҳуми ягонаи “манзил” бо ҳам муттаҳид мегардонад. Бояд ҳамаи онҳо ба вазифаи истиқомати доимӣ ҷавобгӯ бошанд”[269].

Манзили истиқоматӣ ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи манзил мувофиқи қонунгузории амалкунандаи маданӣ ва манзилии ҶТ дорои намудҳои гуногун мебошад. То қабули Кодекси нави манзил мафҳум ва намудҳои манзили истиқоматӣ дар қонунгузорӣ муқаррар нашуда буд. Дар Кодекси нави манзили ҶТ мафҳум, намуд ва аломатҳои манзили истиқоматӣ муқаррар шудаанд.

Мафҳуми манзили истиқоматӣ мафҳуми бунёдӣ ва калидии ҳуқуқи манзил мебошад. Дар қонунгузорӣ мафҳуми расмии манзили истиқоматӣ муқаррар шудааст, ки дар худ аломатҳои мазкурро таҷассум менамояд. Мувофиқи м. 4 Кодекси манзили ҶТ мафҳуми расмии манзили истиқоматӣ чунин пешбинӣ шудааст: “Манзили истиқоматӣ – молу мулки ғайриманқул дар намуди хонаи истиқоматӣ ё хона дар бинои бисёрхонагӣ, ки барои истиқомати доимии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст ва ба қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ, техникӣ, экологӣ, меъморию шаҳрсозӣ, зидди сӯхтор ва ба талаботи дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад”[270].

Баррасии таҳлили муфассалтари аломатҳои манзили истиқоматӣ зарур аст, зеро дар асоси онҳо бино хусусиятҳои манзилиро пайдо мекунад. Аз таҳлили адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ бармеояд, ки манзили истиқоматӣ дар сурати доштани аломатҳои зайл метавонад объекти мустақил баромад кунад:

1. Молу мулки ғайриманқул бошад. Бояд манзили истиқоматӣ дорои хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул бошад ва ба замин робитаи мустаҳкам дошта бошад, яъне мунтақили манзилии истиқоматӣ бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон ғайриимкон бошад.

2. Аз дигар манзилҳои истиқоматӣ дар алоҳидагӣ қарор доштан. Дар алоҳидагӣ будан, яке аз аломатҳои манзили истиқоматӣ мебошад. Алоҳида будани манзили истиқоматӣ ҳудуди муайяни майдони истиқоматии инфиродиро дар назар дорад. Ин бино аз биноҳои ҳамсоя ва ҷойи истифодаи умумӣ ҷудо буда, даромадгоҳ ва баромадгоҳи мустақили худро дорад.

3. Барои истиқомати доимӣ мувофиқ бошад, яъне шахс имконияти дар тамоми чор фасли сол зиндагӣ карданро дошта бошад. Масалан, мувофиқ будани зиндагӣ дар тамоми фаслҳои сол бо дарназардошти обу ҳаво, яъне на танҳо дар тобистон, балки манзили истиқоматӣ бояд дар тамоми фаслҳои сол барои зисту зиндагӣ созгор бошад, ки ин хусусияти

---

[268] Еремичева И.А., Алексия П.В. Жилищное право. – М.: Юнити, 2009. – С. 13.

[269] Литовкин В.Н. Жилищное законодательство. – М.: Профиздат, 1988. – С. 5-6.

[270] Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, таҳти №1852. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.01.2024).

муҳими манзили истиқоматӣ ба шумор меравад, ки ба ин васила манзили истиқоматиро аз маскан ё хонаҳои муваққатӣ фарқ карда мешавад.

4. Танҳо барои истиқомати доимӣ пешбинӣ шуда бошад, яъне манзили истиқоматӣ аз ҷиҳати функсионалӣ ва таъинот маъсус барои истиқомати доимӣ пешбинӣ шуда бошад. Дар ин асно, манзили истиқоматӣ бояд барои истиқомати доимии шаҳрвандон бехатар бошад, бороҳат бошад ва ба талаботи санитарию гигиенӣ, техникӣ, меъморию шаҳрсозӣ ва ғ., ки таъинот ва истифодабарии манзили истиқоматӣ хос аст, ҷавобгӯ бошад. Манзили истиқоматие, ки функсияи асосиаш барои истиқомати доимӣ муқаррар шудааст, бояд бо талаботҳои дахлдори техникӣ, санитарӣ ва дигар меъёрҳову талаботҳои истеъмолӣ аз ҷумла, рӯшании рӯзона, бехатарӣ, таъминоти обу канализатсия (фозилобдорӣ), гармидиҳии доимӣ, таҳвияи манзили истиқоматӣ ва дигар унсурҳое ки шароити солиму муътадилро муҳайё месозад кифояткунанда бошад. Аз муҳтавои ин масъала бармеояд, ки манзил ҳамчун объекти муносибатҳои моликиятӣ дар муносибатҳои иҷораи иҷтимоии манзили истиқоматӣ низ бояд дорои ҳамин хусусиятҳо, яъне барои истиқомати доимӣ пешбинӣ шуда бошад, натанҳо ҷои истиқомат...

Ҳамон тавре, ки ба дурустӣ дар таҳқиқоти худ В.В. Грибанова ишора менамояд, дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ бояд тамоми маълумотҳо вобаста ба имкони фардӣ намудани манзили истиқоматии супурдашаванда (нишонӣ, майдон ва ғ.) нишон дода шавад[271].

Аслан, шарт оид ба мавзӯъ дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар асоси ҳуҷҷат дар бораи ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматии вогузоршаванда танзим мешавад.

Шарти дигари муҳим дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ нархи он мебошад. Масъалаи пазируфтани нарх ҳамчун шарти асосии шартнома дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳсбарангез аст. Ҳанӯз дар Рими қадим шарт дар бораи мол ва нархи он ҳамчун унсури муҳими шартномаи хариду фурӯш эътироф гардида буд[272]. В.В. Витрянский зикр менамояд, ки шарти асосии ҳама гуна шартномаҳои музднок нарх мебошад, бинобар ин муқаррароте, ки нархро ҳамчун шарти шартнома танзим мекунад, ниҳоят муҳим хоҳад буд[273]. Н. Егоров бошад, ишора менамояд, нарх на ба шартҳои асосӣ, балки ба шартҳои муқаррарӣ дохил менамояд[274].

Чун қоидаи умумӣ, нарх дар шартнома шарти муҳим ҳисобида намешавад, вале дар намудҳои алоҳидаи шартномаҳо мувофиқи қонунгузории маданӣ нарх метавонад ҳамчун шарти муҳими шартнома пазируфта шавад. Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқони ватанӣ низ чунин

---

[271] Грибанова В. В. Существенные условия договора купли-продажи жилого помещения // Актуальные вопросы права, экономики и управления: сборник статей XIV Международной научно-практической конференции, Пенза, 20 августа 2018 года. – Пенза: «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.), 2018. – – С. 90.

[272] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга вторая: Договоры о передаче имущества. 2-е изд., стер. – М.: Статут, 2011. – С. 10.

[273] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: Общие положения // М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – М.: Изд-во «Статут», 1997. – С. 318 с.

[274] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: Общие положения // М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – М.: Изд-во «Статут», 1997. – С. 433.

ибрози андеша намудаанд: “Доираи шартҳои муҳим аз хусусиятҳои хоси шартномаи мушаххас вобастагӣ дорад. Масалан, нарх дар шартномаи хариду фурӯши бино, иншоот, манзил ё дигар молумулки ғайриманқул шарти муҳим ҳисоб мешавад, ҳарчанд барои шартномаи хариду фурӯши оддӣ нарх шарти муҳим ҳисоб намешавад”[275].

Қайд кардан бо маврид аст, ки нарх дар шартномаи хариду фурӯш танҳо дар ҳолате шарти асосӣ шуда метавонад, ки бевосита дар қонун муайян шуда бошад ва дар ғайри ин сурат нарх ҳамчун шарти муқаррарӣ дар шартнома баромад мекунад.

Қонунгузории амалкунанда мафҳуми возеҳи нарх дар шартномаро муайян накардааст ва танҳо тарафҳоро дар муқаррар намудани нарх дар шартнома бо иродаи худ ё ухдадор мекунад. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ нарх ҳамчун миқдори маблағи муайяне фаҳмида мешавад, ки дар ивази моли фурӯхташванда харидор уҳдадор аст, ба фурӯшанда пардохт намояд. Мо дар бисёри ҳолатҳо “нархи мол”-ро ҳамчун муродиф ва муодили мафҳуми “арзиши мол” истифода менамоем.

Мувофиқи м. 611 Кодекси мадании ҶТ “шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул бояд нархи ин молу мулкро пешбинӣ намояд. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани нархи молу мулки ғайриманқуле, ки аз ҷониби тарафҳо дар шакли хаттӣ мувофиқа шудааст, шартномаи хариду фурӯши он басташуда ҳисоб намеёбад”[276]. Аз ин муқаррароти меъёри қонунгузорӣ чунин матлаб ба вуҷуд меояд, ки созиш оид ба нархи молумулки ғайриманқул шартни муҳими шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ба шумор меравад. Яъне тибқи қонунгузорӣ талабот оид ба нарх муҳим буда, созиши дахлдори тарафҳо дар бораи нархи манзили истиқоматии фурӯхташаванда бояд ҳамчун унсури ҳатмии таркибии шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ сабт шавад.

Ҳамин тавр, арзиши мол дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ танҳо бо иродаи мухтори тарафҳо муайян карда мешавад, ки аслан аз ду омили асосӣ вобаста аст:

1) омили обеъективӣ, яъне арзиши бозории ҳозираи объекти зикршуда;

2) омили субъективӣ, яъне иродаи тарафҳои шартнома дар бораи амалҳои эквивалентнок, ки барои бастани аҳд пешбинӣ мешаванд.

Нарх дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқомотӣ шарти муҳим дар баробари мавзуъ ба ҳисоб рафта, нарх дар шартномаи мазкур дар асоси иродаи тарафҳо муайян карда мешавад. Тарафҳо ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ нархро метавонанд бо изҳори иродаи худ тибқи арзиши муоимилотпазирии бозори имрӯзаи фурӯши манзили истиқоматӣ муайян намоянд ва ё аз хизмати субъектоне, ки дар баҳо додани арзиши ҳақиқии молумулки ғайриманқул моҳиранд, муроҷиат намоянд, чунки баҳодиҳии дурусту дақиқи арзиши манзили истиқоматӣ имконият медиҳад, ки мавқеи тарафҳо

[275] Ҳуқуқи граждани. Қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – С. 333.
[276] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №1918. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 13.01.2024).

дар бастани шартнома аз шартҳои номусоид ҳимоя гардад. А.Д. Леткина дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки азбаски, ки қонунгузор нархро ҳамчун шарти муҳимми шартнома муқаррар менамояд, тарафҳо бояд дар шартнома ба ғайр аз нарх тартиби пардохтро низ муайян намоянд[277]. Ба андешаи мо низ нарх чун шарти шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ бояд дар худ маълумот дар бораи тарз ва мӯҳлати пардохтро низ фаро гирад.

Нарх дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ унсури асосӣ буда, бидуни мавҷудияти он шартномаи мазкур бастанашуда маҳсуб мешавад. Қоидаи муайян намадани нарх тибқи қ.3 м. 486 Кодекси мадании ҶТ дар робита ба шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ тадбиқ намешавад. Эътироф намудани нарх ҳамчун шарти асосии шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ муҳум буда, бо вижагиҳои инфиродии худи манзили истиқоматӣ муайян карда мешавад. Дар робита ба ин масъала изҳор намудан лозим аст, ки нархи манзили истиқоматӣ ҷиддан инфиродӣ буда, онро бо қиёс (монанд) кардан бо арзиши чунин молумулк дар шароити муқоисашаванда мураккаб мебошад.

Ҳамзамон, баланд будани нархи манзили истиқоматӣ заминаи дигари эътироф намудани нарх ба сифати шарти муҳими шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ мебошад. Тарафҳо дар муносибатҳои шартномавӣ манфиатдоранд, то нархро пешакӣ дар шартнома муайян намоянд, зеро ин раванд нофаҳмиҳо ва муаммоҳоро марбут ба афзоиш ва коҳиши эҳтимолии нарх пешгирӣ менамояд.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ баръало шаҳодат медиҳанд, ки ба инобат гирифтани шартҳои муҳими шартномаи мазкур барои басташуда эътироф намудани шартнома зарур буда, дар аксари маворид шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ бинобар мавҷуд набудани созиш дар бораи яке аз шартҳои шартнома боиси бастанашуда эътироф намудани шартнома мегардад. Дар ҳолати мазкур дар бисёр вақт, ин масъала ба харидор, ки ҳамчун тарафи шартнома, ки дар хариди манзили истиқоматӣ манфиатдор аст, дахл дорад.

Нарх ва тартиби нархгузорӣ дар раванди тайёр кардан, бастан ва иҷрои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ масъалаи муҳими танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Мурод аз ин танзимоти ҳуқуқӣ таъмини баробарӣ ва ҳимояи манофеи тарафҳои шартнома мебошад.

Нарх дар асоси арзиши ашё муайян карда мешавад. Дар атрофи арзиши ашё ҳамеша тағйирёбӣ (пасту баландшавӣ) мавҷуд мебошад. Фароянди мазкур бисёр мураккаб аст. Ҳамчунин, нархи ашёи мушаххас бо дарназардошти таъсири шароити бозори ҳамон ашё муайян карда мешавад.

Нарх ифодаи пулии арзиши мол маҳсуб мешавад. Нарх ва нархгузорӣ яке аз аносури ҳатмии иқтисоди бозоргонӣ арзёбӣ мегардад.

---

[277] Леткина А.Д. Цена объекта недвижимости как существенное условие договора купли-продажи жилого помещения // Юриспруденция, государство и право: актуальные вопросы и современные аспекты: сборник статей II Международной научно-практической конференции, Пенза, 30 ноября 2020 года. – Пенза: «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.), 2020. – С. 69.

Бозори манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол инкишоф ёфта, ба таолӣ расидааст. Нархи манзили истиқоматӣ низ дар ҳоли афзоиш қарор дорад.

Барои муайян намудани нархи манзили истиқоматӣ тарафҳо метавонанд аз хизмати нархгузорони (баҳодиҳанда) касбие, ки дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ"[278] аз 7-уми августи соли 2020 №1720 амал мекунад истифода намоянд. Арзиши бозории (ҳақиқӣ) хонаи истикоматӣ (квартира) дар асоси қонуни мазкур, ки асосҳои ҳуқуқии муносибатҳоеро, ки ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) бо мақсади муқаррар намудани арзиши бозорӣ ё арзиши дигари объектҳои баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) ба миён меоянд, ба танзим даровarда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти баҳодиҳиро (нархгузорӣ) новобаста аз шакли моликияташон муайян мекунад.

Нархи манзили истиқоматиро тарафҳо метавонанд мустақилона мувофиқи созиши ҳамдигар муайян намоянд ё аз хизмати баҳодиҳандаи (нархгузор) касбӣ дар муайян намудани нарх истифода намоянд. Дар ин сурат, арзиши (пули) манзили истиқоматӣ пеш аз имзои тарафҳо дар шартнома ё фавран баъди имзои шартнома ё ба тариқи қарз гирифта бошад давра ба давра пардохт мешавад. Агар манзили истиқоматӣ мувофиқи шартномаи хариду фурӯш ба қарз фурӯхта шавад, бояд санаи пардохти ниҳоӣ миёни фурӯшанда ва харидор ва дар мавриди зарурат муҳлати пардохтҳои муваққатӣ нишон дода шавад.

Бо дарназардошти таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки нарх дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар баробари мавзуи шартнома унсури асосии шартномаи мазкур ба шумор рафта, бидуни вуҷудории он шартнома бастанашуда эътироф мешавад.

Дар қонунгузорӣ ба ғайр аз шартҳои оид ба мавзуъ ва нарх ҳамзамон дар шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ба сифати шарти муҳим ҳуқуқи шахсоне, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро баъди аз ҷониби харидор ба даст овардани он нигоҳ медоранд, номгӯйи ин шахсон бо зикри ҳуқуқҳои онҳо барои истифодаи манзили истиқоматии фурӯхташуда зикр меёбанд, баён шудааст. Риоя нагардидани ин талаботи қонунгузорӣ боиси бастанашуда эътироф намудани шартнома мегардад.

Дар м. 614 Кодекси мадании ҶТ **ш**арти муҳимми шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ё қисми он, ки дар онҳо шахсоне зиндагӣ мекунанд, ки мутобиқи қонун ҳуқуқи истифодаи ин манзили истиқоматиро баъди аз ҷониби харидор ба даст овардани он нигоҳ медоранд, номгӯйи ин шахсон бо зикри ҳуқуқҳои онҳо барои истифодаи манзили истиқоматии фурӯхташуда мебошад

Ҳангоми харидани манзили истиқоматӣ таваккали харидани манзиле, ки ҳуқуқи истифодаи шахсони дигар мавҷуд аст, вуҷуд дорад. Қобили зикр аст, ки дар қонунгузорӣ намудҳои гуногуни ҳуқуқи истифодабарӣ пешбинӣ шудааст, ки онҳоро ба ду гурӯҳ тақсимабандӣ намудан ҷоиз аст: 1) ҳуқуқи

[278] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ" аз 7 августи соли 2020, таҳти №1720. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 17.02.2024).

истифодабарӣ, ки бо иваз гардидани молики манзили истиқоматӣ аз байн меравад; 2) ҳуқуқи истифодабарӣ, ки ҳангоми иваз шудани молики манзили истиқоматӣ нигоҳ дошта мешавад.

Албатта, диққати моро гурӯҳи дуюми ҳуқуқи истифодабарӣ замоне, ки харидор манзили истиқоматиро ба даст меорад ҷалба намудааст. Дар ҳолати ҷойдошта фурӯшанда уҳдадор аст, харидорро дар бораи вазъияти мазкур огоҳ намояд. Ин шарт барои харидор муҳим буда, метавонад ба қарори ӯ барои бастани шартнома ё набастани он таъсир расонад.

Бо назардошти қонунгузории ҶТ ба сифати шахсоне, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро баъди аз ҷониби харидор ба даст овардани он нигоҳ медоранд, метавонад чунин афрод баромад намояд:

1 . Аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ. Мувофиқи м. 24 Кодекси манзили ҶТ аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ ҳамсар, фарзандон, падару модар, бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони молик, ки дар манзили истиқоматии молик бо ӯ доимӣ истиқомат мекунанд, эътироф мешаванд. Ҳамчунин, дар ҳолатҳои истисноӣ шахсони дигар низ метавонанд аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф карда шаванд, агар онҳо бо розигии молик дар ҳамин манзили истиқоматӣ ба таври доимӣ бо молики манзил истиқомат карда бошанд. Мувофиқи м. 25 Кодекси манзили ҶТ аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ, аз он ҷумла фарзандони ноболиғи онҳо ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро дар баробари молики манзили истиқоматӣ доро мебошанд.

2. Шахсоне, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро аз рӯйи васияти васиятгузор ба даст меоранд. Дар Кодекси манзили амалкунандаи ҶТ дар робита ба ин масъала меъёри мушаххас ё моддаи алоҳида муқаррар нашудааст. Танҳо дар м. 20-и кодекси мазкур мувофиқи аҳдҳои ҳуқуқи маданӣ ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ пешбинӣ шудааст, ки дар он мерос дар баробари хариду фурӯш, ҳадя, шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ ва аҳдҳои дигари мувофиқи қонун ҳамчун асоси ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ нишон дода шудааст.

Дар Кодекси манзили қаблии ҶТ ин масъала дар қ. 2 м. 114 танзим гардида, чунин муқаррар шуда буд: "Васиятгузор вориси худро, ки квартира (хонаи истиқоматӣ) ба ихтиёраш гузошта мешавад, метавонад водор намояд, ки ба дигар шахс ҳуқуқи истифодаи умрбоди ин квартираро (хонаи истиқоматиро), ё як қисми муайяни онро диҳад. Ин уҳдадорӣ ба шаҳодатномаи ҳуқуқи ворис аз ҷониби нотариали давлатӣ дохил карда мешавад.

Ҳангоми минбаъд ба дигар кас гузаштани ҳуқуқи моликият ба квартира (хона) ё як қисми он ҳуқуқи истифодаи умрбод эътибори худро нигоҳ медорад"[279].

Дар Кодекси манзили қаблии ҶТ масъалаи истифодаи манзили истиқоматӣ тибқи васиятнома равшан муайян гардида, васиятгузор вориси худро, ки манзили истиқоматиро ба ихтиёраш гузоштааст, метавонад

---

[279] Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997, таҳти №505. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 18.02.2024).

ухдадор намояд, ки ба дигар шахс ҳуқуқи истифодаи умрбоди ин манзили истиқоматӣ ё як қисми онро диҳад.

Ҳамзамон, ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ ҳангоми гузариши манзили истиқоматӣ ба моликияти дигар афрод эътибории худро нигоҳ медорад.

Дар ин масъала бояд қайд намоем, ки барои мо норавшан мебошад, ки чаро дар Кодекси манзили ҳоло амалкунандаи ҶТ роҷеъ ба ин масъала ягон меъёри мушаххас вуҷуд надорад.

Масъалаи мазкур дар м. 1271 Кодекси мадании ҶТ бо исми "Супориши васиятгузор (легат)" мавриди танзим қарор гирифтааст, ки аз руйи ин модда васиятгузор ҳуқуқ дорад тибқи васиятнома ё қонун аз ҳисоби мерос анҷом додани ягон уҳдадории дорои хислати молумулкиро ба манфиати як ё якчанд шахс (легатгир), ки ҳуқуқи талаб намудани иҷрои онро ба даст меоранд, ба зиммаи як ё якчанд меросгир вогузорад (супориши васиятгузор – легат). Мавзуи супориши васиятгузор ба легатгир додани ҳуқуқи моликият, истифода ё дигар ҳуқуқи ашё ба молу мулки шомили таркиби мерос, ба даст овардан ва ба ӯ додани молу мулки ба таркиби мерос шомилнабуда, барои ӯ иҷро намудани кори муайян, расондани хизмати муайян ва ғайра буда метавонад. Васиятгузор ҳуқуқ дорад ба зиммаи меросгир, ки ба ӯ бинои истиқоматӣ мегузарад, уҳдадории ба шахси дигар фароҳам овардани истифодаи ин бино ё як қисми муайяни онро дар давраи ҳаёти ин шахс ё муҳлати дигар гузорад. Ҳангоми минбаъд гузаштани ҳуқуқи моликият ба бинои истиқоматӣ ҳуқуқи истифодаи он эътибори худро нигоҳ медорад. Ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматӣ бегона карда намешавад, ба каси дигар дода намешавад ва ба меросгирони дигари легатгир намегузарад. Ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматӣ, ки ба легатгир пешниҳод шудааст, агар дар васиятнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, барои дар ҳамин бино зиндагӣ намудани аъзои оилаи ӯ асос шуда наметавонад.

Шахсе, ки дар асоси легат ҳуқуқи истифодабарии манзили истиқоматиро дар муҳлати муайяншуда бад даст овардааст, бо соҳибмулки манзили истиқоматӣ онро баробарар истифода менамояд.

Инчунин, мувофиқи моддаи болозикри Кодекси мадании ҶТ ҳангоми минбаъд ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликият бо манзили истиқоматии ба мерос дохилшаванда, ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ, ки тибқи супориши васиятгузор дода шудааст, эътибори худро нигоҳ медорад.

Бо анҷоми муҳлати истифодаи манзили истиқоматӣ ё вафоти легатгир, ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ қатъ мегардад, агар дар қонун ягон истисно набошад.

Дар адабиёт зикр мешавад: "ҳуқуқи истиқомат дар асоси васият ва ҳуқуқи истиқомат дар асоси шартномаи рента ва таъминоти якумра бо саробониро амалан ҳамаи муҳаққиқон ҳамчун ҳуқуқи ашёӣ эътироф намудаанд.

Замнан, бо ин мавқеъ дар мавриди ҳуқуқи истиқомат дар асоси шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ розӣ шуданд мушкил мебошад.

Ин бо он алоқамнд аст, ки мазмуни ҳуқуқи ашёиро бояд меъёрҳои қонун муайян намоянд, на бо созиши тарафҳо”[280].

Додани ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ дар асоси супориши васиятгузор бо васиятнома алоқамдии гусастанопазир дорад. Чунки васиятгузор таркиби субъективӣ, мавзуъ ва муҳлати амали ин ҳуқуқро муқаррар менамояд.

Қобили зикр аст, ки қонунгузорӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии меросгирон кушиш намуда, тавсифи шахсии легата (супориши васиятгузор)-ро нишон додааст. Барои ба амал баровардани ҳуқуқи легатгир иродаи ӯ зарур аст, аммо қонунгузории мадании намудҳои мушаххаси ин ифодаи иродаро муайян накардааст.

Супориши васиятгузор дар аксари мавридҳо легат номида мешвад, ки мувофиқи он воситягузор ҳуқуқ дорад, тибқи васиятнома ё қонун аз ҳисоби мерос анҷом додани ягон уҳдадории дорои хислати молумулкиро ба манфиати як ё якчанд шахс (легатгир) анҷом диҳад.

Яке аз намудҳои супориши васиятгузор додани ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ мебошад. Дар навбати худ, ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ бо таъсири супориши васиятгузор ба ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ мансуб мегардад[281].

Аз моҳияти моддаи мазкур бармеояд, ки ба сифати мавзуи супориши васиятгузор додани ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ ё қисми муайяни он дар давраи ҳаёт ё муҳлати дигар, ки бо супориши васиятгузор меросгир уҳдадор мешавад ба шахси дигар ин ҳуқуқро фароҳам оварад, баромад мекунад.

Бояд қайд намуд, ки супориши васиятгир бояд ҳамчун ҷузъи таркибии васиятнома арзёёбӣ гардад, зеро он танҳо ба васиятнома метавонад муқаррар гардад ва ягон ҳуҷҷати дигар ин масъаларо муқаррар карда наметавонад.

Дар масъалаи мазкур омили аҷибангез, ин аст, ки агар шахс дар асоси супориши васиятгузор ҳуқуқи истифодаи молумулкро ба даст биёрад, ӯ уҳдадорӣ дар пардохти хароҷоти вобаста молумулк надорад, чунки ҳама хароҷот ба зимаи меросгир гузошта мешвад.

Ҳамчунин, дар сурати фурӯши молумулк аз ҷониби меросгир, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи шахсе, ки тавассути супориши васиятгузор ҳуқуқи истифодаи ин молумулкро ба даст овардааст, таъсир намегузорад.

Амали супориши васиятгузор дар вақт унсури дигари муҳими ин масъала ба шумор меравад. ҳуқуқ ба қабули легат дар давоми се сол аз рӯзи кушода шудани мерос амал мекунад. Дар васиятнома вохурданаш мумкин аст, ки дар ҳолати даст кашидани як шахс аз истифодаи ин ҳуқуқ ва гузариши ин ҳуқуқ ба дигар шахс пешбинӣ мешавад.

Мувофиқи м. 1271 Кодекси мадании ҶТ “меросгир, ки васиятгузор ба зиммаи ӯ супориши васиятгузорро гузоштааст, бояд онро танҳо дар доираи арзиши воқеии мероси ба ӯ гузашта ва аз ҳисоб баровардани қисми қарзи

---

[280] Суслова С.И. Вещные права на жилые помещения // Вещные права: постановка проблемы и ее решение: сб. ст. / под ред. М. А. Рожковой. – М., 2011.

[281] Корнилова Н.В. О проблеме определения круга ограниченных вещных прав на жилое помещение / Н. В. Корнилова // Право и государство: теория и практика. – 2020. – № 5. – С.19.

меросгузор, ки ба ӯ мувофиқ омадааст, иҷро кунад. Агар меросгири ба зиммааш супориши васиятгузор гузоштташуда дорои ҳуқуқи ҳиссаи ҳатмӣ ба мерос бошад, уҳдадории ӯ оид ба иҷрои легат дар доираи арзиши мероси ба ӯ гузашта, ки аз ҳиссаи ҳатмии ӯ бештар аст, маҳдуд карда мешавад.

Агар супориши васиятгузор ба зиммаи ҳама ё якчанд меросгир гузошта шуда бошад, ин супориш ба ҳар кадоми онҳо баробари ҳиссаашон дар мерос гаронӣ ба вуҷуд меорад, ба шарте дар васиятнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад"[282].

Аз моҳияти меъёрҳои қонунгузорӣ бармеояд, ки шахсе, ки дар асоси супориши васиятгузор ҳуқуқи истифодаи молумулкро ба даст меоварад, дар доираи муносибатҳои ҳуқуқи меросӣ дорои вазъи ҳуқуқи мадании хеш мебошад. Ӯ ҳуқуқ дорад аз меросгироне, ки дар асоси супориши васиятгузор уҳдадорӣ қабул намудаанд, иҷрои уҳдадории муқаррагардида ва ё даст кашидан аз онро талаб намоянд.

3 . Гирандаи рента, дар асоси шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ.

Дар Кодекси мадании амалкунандаи ҶТ шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар низоми муносибатҳои уҳдадорӣ ҳамчун як намуди шартномаи рента муайян шудааст.

Дар асоси м. 661 Кодекси мадании ҶТ мувофиқи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ шаҳрванд манзили истиқоматӣ ё молу мулки дигари ғайриманқулеро, ки ба ӯ тааллуқ дорад, ба моликияти пардохткунандаи рента месупорад ва ӯ уҳдадор мешавад ин шаҳрванд ва (ё) шахси сеюми нишондодаи ӯро якумра бо саробонӣ таъмин намояд.

Дар Кодекси манзили ҶТ перомуни ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ дар асоси шартрномаи таъминоти якумра бо сробонӣ меъёри мешаххас пешбинӣ нагардидааст, вале ин масъаларо қонунгузории маданӣ танзим менамояд.

Мувофиқи м. 667 Кодекси мадании ҶТ пардохткунандаи рента ҳуқуқ дорад молу мулки ғайриманқулеро, ки ба ӯ барои таъминоти якумра супорида шудааст, танҳо дар сурати мавҷуд будани розигии гирандаи рента бегона кунад, ба гарав гузорад ё ба тарзи дигар истифода барад[283].

Аз муқаррароти моддаи зикргардида бармеояд, ки пардохткунандаи рента дар асоси розигии гирандаи рента манзили истиқоматиро, ки барои таъминоти якумра ба даст овардааст, ихтиёрдорӣ намояд. Дар доираи уҳдадориҳои рентавӣ метавонад қонеъ намудани эҳтиёҷоти манзилии шаҳрванд (гирандаи рента) низ дохил шавад. Дар чунин ҳолат, аз як тараф шаҳрванд (гирандаи рента) тарафи уҳдадорӣ, ки шахси ваколатдор буда, ҳуқуқ дорад аз пардохткунандаи рента иҷрои уҳдадорияшро дар бораи пардохти рента талаб намояд, аз тарафи дигар бошад дар натиҷаи иҷрои гардидани уҳдадории пардохткунандаи рента, ба гирандаи рента ҳуқуқи истифодаи манзилӣ низ метавонад ҷой дошта бошад.

---

[282] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №1918. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.02.2024).
[283] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №1918. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.05.2024).

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла на дар Кодекси маданӣ ва на дар Кодекси манзили ҶТ меъёри муайянкунандаи масъалаи мазкур вуҷуд надорад, вале дар қонунгузории Руссия ва соири давлатҳои пасошуравӣ ин масъала пешбинӣ шудааст. Ба унвони мисол, м.34 Кодекси манзили ФР истифодаи манзили истиқоматӣ дар асоси шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ ном дошта, тибқи он "шаҳрванде, ки дар манзили истиқоматӣ мувофиқи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ зиндагӣ менамояд, аз манзили истиқоматӣ тибқи шартҳои пешбининамудаи моддаи 33 (истифодаи манзили истиқоматӣ тибқи супориши васиятгузор) ҳамин Кодекс, агар дар шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад"[284]. Ба ҳамин минвол, дар м.121 Кодекси манзили Ҷумҳурии Ӯзбекистон[285] яке аз асосҳои пайдоиши ҳуқуқи истифодаи якумраи манзили истиқоматӣ ин бастани шартнома дар бораи бегона намудани хонаи истиқоматӣ, хона дар бинои бисёрхонагӣ (квартира) бо шарти таъминоти якумра муқаррар гардида, дар м. 122 Кодекси мазкур ин масъала сароҳатан пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Белоруссия м. 69 пешбинӣ шудааст: "Шаҳрванд, ки дар манзили истиқоматӣ дар асоси шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ (гирандаи рента) зиндагӣ мекунад, манзили истиқоматиро баробар бо соҳибмулк (пардохткунандаи рента)-и ин манзили истиқоматӣ истифода мебарад"[286].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гирандаи рента дар шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ бо ҳамон тарзе, ки шахс бо супориши васиятгузор ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро ба даст меорад дар истифодаи манзили истиқоматӣ бо сиҳибмулки он ҳуқуқи баробар доранд.

Дар сурати бегона кардани манзили истқоматӣ ҳуқуқи истифодабари гирандаи рента ба манзили истиқоматӣ нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин, танҳо бо розигии гириндаи рента ҳуқуқи бегона намудан ё ба гарав гузоштанро пардохткунандаи рента ба даст меоварад. Ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ хусусияти доимиву бемуҳлат дошта, танҳо бо вафоти гирандаи рента қатъ мегардад.

Дар мунтаҳои масъалаи мазкур бояд қайд намоем, ки доираи шартҳои муҳими шартномаи хариди фурӯши манзили истиқоматиро шарти мавзуи шартнома, шарти нарх, шарт оид ба номгӯи шахсоне, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро баъди бегона намудаи он нигоҳ медоранд дарбар мегнрад ва ҳамчунин он шартҳое, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома ҳамчун шарти муҳим муайян намудаанд.

Тарафҳо пеш аз муомилаи манзили истиқоматӣ бояд бо тамоми маълумоти имконпазир дар мавриди объекти фурӯхташванда шиносоӣ пайдо намоянд. Ҳуқуқи шахсони сеюм низ яке аз шартҳои асосии шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ маҳсуб мешавад. Суоле ба

[284] Кодекси манзили Федератсияи Россия аз 29 декабри соли 2004. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_51057/ (санаи муроҷиат: 13.05.2024).
[285] Кодекси манзили Ҷумҳурии Украина аз 30 июни соли 1983 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8687 (санаи муроҷиат: 15.05.2024).
[286] Кодекси манзили Ҷумҳурии Белорус аз 28 августи соли 2012 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk1200428 (санаи муроҷиат: 15.05.2024).

миён меояд, ки шахсони зайлро чи гуна бояд муайян намуд? Маълумотро вобаста ба ҳуқуқи шахсони сеюм аз ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуқарраркунада метавон муайян намуд. Масалан, ҳуқуқи истифодабирӣ дар асоси супориши васиятгузор, шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ ва ё мувофиқи шартномаи иҷора, ки ба қайд гирифта шудаанд.

Қобили зикр аст, ки м. 529 Кодекси мадании ҶТ уҳдадории фурӯшанда вобаста ба супоридани моли аз ҳуқуқи шахси сеюм озодро муқаррар намудааст, ки фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор моли аз ҳама гуна ҳуқуқи шахси сеюм озодро, ба истисно ҳолате, ки харидор розӣ шудааст моли дорои гаронии ҳуқуқи шахси сеюмро қабул кунад, супорад. Иҷро нагардидани уҳдадории мазкур аз ҷониби фурӯшанда ба харидор ҳақ медиҳад, ки кам кардани нархи мол ё бекор намудани шартномаи хариду фурӯшро талаб намояд. Бинобар ин, бояд аҳамияти муҳими ин маълумот ба фурӯшанда тавзеҳ дода шавад.

Натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур ба мо имкон фароҳам овард, ки барои такмили танзими ҳуқуқӣ ба чунин хулосаҳо ва пешниҳодот дастёб гардем:

1. Дар замони кунунӣ ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки дар асоси супориши васиятгузор ва ё шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ ба даст меорад ба таври кофӣ мавриди танзим қарор нагирифтааст. Масъалаи мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ бояд танзим гардида, такмил ва ягона карда шавад.

2. "Ҳуқуқи истифодабари манзили истиқоматӣ" на дар қонунгузории маданӣ ва на дар қонунгузории манзили ҶТ ба таври мушаххас муқаррар нагардидааст. Бо ин мақсад, масъалаи мазкур бояд дар қонунгузорӣ ба таври возеҳ танзим карда шавад.

3. Ҳуқуқи шахсе, ки дар асоси васияти васиятгузор ва шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ истифодаи манзили истиқоматиро ба даст овардааст, вобаста ба табиати ҳуқуқӣ ин ҳуқуқи ашёӣ мебошад. Ҷой додан ва танзим намудани "ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ" ҳамчун ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дар қонунгузории маданӣ аз манфиат холӣ нест.

4. дар қонунгузорӣ бояд масъалаҳои зерин вобаста ба истифодаи манзили истиқоматӣ муқаррар карда шавад:

– ҳуқуқи маҳдуди ашёии истифодаи манзили истиқоматӣ бояд танҳо ба шахсони воқеӣ дода шавад.

– ҳуқуқи маҳдуди ашёии истифодаи манзили истиқоматӣ бояд вижагии қатъии шахсӣ дошта бошад.

Дар қонунгузорӣ бояд рӯйхати шахсоне, ки тибқи қоидаи умумӣ ҳуқуқи муштараки зиндагӣ намудан бо шахси дорандаи ҳуқуқи маҳдуди ашёии истифодаи манзили истиқоматиро доранд, пешбинӣ гардад. Ба ин рӯйхат метавонад ҳамсар, фарзандон, падару модар ва аъзои наздики оилаи ӯ ворид шаванд.

**Адабиёт:**

1. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга вторая: Договоры о передаче имущества. 2-е изд., стер. – М.: Статут, 2011. – 780 с.

2. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: Общие положения // М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – М.: Статут, 1997. – 681 с

3. Гражданское право: учебник: в 3 т. Т. 1 / под ред. А. П. Сергеева. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Проспект, 2018. – С 874.

4. Грибанова В.В. Существенные условия договора купли-продажи жилого помещения // Актуальные вопросы права, экономики и управления: сборник статей XIV Международной научно-практической конференции, Пенза, 20 августа 2018 года. – Пенза: «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.), 2018. – С 90-92.

5. Еремичева И.А., Алексия П.В. Жилищное право. М.: Юнити, 2009. С. 13.

6. Иоффе О.С. Избранные труды. Том III. Издательство «Юридический центр Пресс», 2004. – 837 с.

7. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №1918. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 13.01.2024).

8. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, таҳти №1852. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 13.01.2024).

9. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997, таҳти №505. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 18.02.2024).

10. Кодекси манзили Федератсияи Россия аз 29 декабри соли 2004. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_51057/ (санаи мурочиат: 13.05.2024).

11. Кодекси манзили Ҷумҳурии Украина аз 30 июни соли 1983 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8687 (санаи мурочиат: 15.02.2024).

12. Кодекси манзили Ҷумҳурии Белорус аз 28 августи соли 2012 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk1200428 (санаи мурочиат: 15.02.2024).

13. Корнеева И.Л. Жилищное право РФ. Учебник для магистров. М.: Юрайт, 2015. – С. 47.

14. Корнилова, Н. В. О проблеме определения круга ограниченных вещных прав на жилое помещение / Н. В. Корнилова // Право и государство: теория и практика. – 2020. – № 5. – С. 19–22.

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” аз 7 августи соли 2020, таҳти №1720. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 17.02.2024).

16. Леткина А. Д. Цена объекта недвижимости как существенное условие договора купли-продажи жилого помещения // Юриспруденция, государство и право: актуальные вопросы и современные аспекты: сборник статей II Международной научно-практической конференции, Пенза, 30 ноября 2020 года. – Пенза: «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.), 2020. – С. 69-71.

17. Литовкин В.Н. Жилищное законодательство. М.: Профиздат, 1988. С. 5-6.

18. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум (нашри дуюм)/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 448 с.

19. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. –432 с.

20. Суслова С. И. Вещные права на жилые помещения // Вещные права: постановка проблемы и ее решение: сб. ст. / под ред. М. А. Рожковой. М., 2011.

## МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ МАҶМУАИ ТОМИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел:** 939-04-13-63
**E-mail:** sherzoda.b.1999@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Соҳибзода М.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Саидов Ҳ.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Дар низоми объектҳои ҳуқуқи мадании ашё мавқеи асосӣ дошта, доираи васеи муносибатҳои молумулкӣ дар заминаи он ташаккул меёбанд. Ҳамзамон, ашё доираи васеи объектҳоро фарогир буда, онҳо реҷаи ҳуқуқи мадании гуногунро соҳиб мебошанд, аз ин рӯ, дар қонунгузории мадании хусусиятҳои хоси танзим ва муомилоти онҳо муайян карда мешавад. Маҷмуаи томи ғайриманқул дар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамчун ашё падидаи нав мебошад. Бо назардошти алоқамандии теъдоди муайяни ашёҳо онҳо дорои таъиноти ягона мегарданд, бинобар ин, ба онҳо татбиқ намудани қоидаи ягона ҳамчун объекти том ногузир аст. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 141) маҷмуаи томи ғайриманқул ҳамчун объекти алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ эътироф гардидааст. Маҷмуаи томи ғайриманқул фарогири маҷмуи ашёҳое мебошад, ки дар ҳудуди як қитъаи замин ҷойгир мебошанд ва ё дорои таъиноти ягона мебошанд. Маҷмуаи томи ғайриманқул аз як ҷиҳат молу мулки ғайриманқул ва а дигар ҷиҳат ашёи тақсимнашаванда мебошад, аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ ҳамчун объекти алоҳида ҷудо карда шудааст. Дар мақола, муаллиф мафҳум ва аломатҳои маҷмуаи томи ғайриманқулро таҳлил намуда, ҷиҳати танзими дурусти падидаи мазкур ва амалишавии меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ хулосаҳои худро пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** ашё, молу мулк, молу мулки ғайриманқул, объектҳои ҳуқуқи маданӣ, қитъаи замин, маҷмуаи томи ғайриманқул, объекти ягона, муомилоти маданӣ, ашёи тақсимнашаванда, роҳи оҳан, хатти интиқоли барқ, хатти қубур, таъиноти ягонаи маҷмуи молу мулк, бақайдгирии давлатӣ, реҷаи ҳуқуқи мадании ашё.

## ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ ЕДИНОГО НЕДВИЖИМОГО КОМПЛЕКСА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ ТАДЖИКИСТАНА

**Шерзода Бурхонали Сабзали**
ассистент кафедры гражданского права юридического факультета

Таджикского национального университета
**E-mail:** sherzoda.b.1999@gmail.com
**Тел:** (+992) 939-04-13-63

**Научный руководитель**: Сохибзода М.М., кандидат юридических наук, доцент

**Рецензент:** Саидов Х.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация.** В системе объектов гражданского права основное положение занимают объекты, на их основе формируется широкий спектр имущественных отношений. При этом вещи включают широкий круг объектов, имеют разные гражданско-правовые режимы, поэтому особенности их регулирования и гражданского оборота определяются в гражданском законодательстве. Единый недвижимый комплекс представляет собой новый институт в системе объектов гражданского права как вещь. Учитывая взаимосвязь некоторого числа объектов, они имеют единую цель, поэтому к ним как к целому объекту неизбежно применимо единое правило. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (статья 141) признает единый недвижимый комплекс отдельным объектом гражданского права. К единому недвижимому комплексу относится совокупность объектов, расположенных в пределах земельного участка или имеющих одно назначение. Единый недвижимый комплекс является, с одной стороны, недвижимым имуществом, а с другой - неделимым объектом, поэтому в законодательстве он выделен в отдельный объект. В статье автор проанализировал понятие и признаки единого недвижимого комплекса и представил свои выводы относительно правильного регулирования этого явления и реализации соответствующего законодательства.

**Ключевые слова:** вещь, имущество, недвижимое имущество, объекты гражданских прав, земельный участок, единый недвижимый комплекс, отдельный объект, гражданский оборот, неделимый вещь, железная дорога, линия электропередачи, трубопровод, единое предназначение имущественного комплекса, государственная регистрация, гражданско-правовой режим вещей.

## DEFINITION AND SIGNS OF A SINGLE REAL ESTATE COMPLEX ACCORDING TO THE LEGISLATION OF TAJIKISTAN

**Sherzoda Burhonali Sabzali**
assistant of the Department of Civil Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**E-mail:** sherzoda.b.1999@gmail.com
**Phone:** (+992) 939 04 13 63

**Research supervisor:** Sohibzoda M.M., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Reviewer:** Saidov H.M., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation.** In the system of objects of civil law, the main position is occupied by objects; on their basis, a wide range of property relations is formed. At the same time, things include a wide range of objects and have different civil law regimes, therefore the features of their regulation and civil circulation are determined in civil legislation. A single real estate complex is a new institution in the system of objects of civil law as a thing. Given the interconnection of a certain number of objects, they have a single goal, therefore, a single rule inevitably applies to them as a whole object. The Civil Code of the Republic of Tajikistan (Article 141) recognizes a single real estate complex as a separate object of civil law. A single real estate complex refers to a collection of objects located within a land plot or having one purpose. A single real estate complex is, on the one hand, real estate, and on the other, an indivisible object, therefore in the legislation it is separated into a separate object. In the article, the author analyzed the concept and features of a single real estate complex and presented his conclusions regarding the correct regulation of this phenomenon and the implementation of relevant legislation.

**Key words:** thing, property, real estate, objects of civil rights, land plot, single real estate complex, separate object, civil circulation, indivisible thing, railway, power line, pipeline, single purpose of the property complex, state registration, civil law regime of things.

Маҷмуаи томи ғайриманқул ҳамчун объекти нави молу мулки ғайриманқул бо қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918[287] ба вуҷуд омад. То қабули Кодекси маданӣ объектҳои бо таъиноти ягона муттаҳидшуда ҳамчун молу мулки алоҳида эътироф мешуданд. Маҷмуаи томи ғайриманқул намуди молу мулки ғайриманқул мебошад, ки тавассути меъёру қоидаҳои махсус танзим карда мешавад.

Ҷорӣ намудани категорияи маҷмуаи томи ғайриманқул бояд ба масъалаҳои бақайдгирии муомилотпазирӣ ва ҳуқуқҳои молумулкии объектҳои аз ҷиҳати технологӣ алоқаманд, инчунин таъмини идоракунии самараноки маҷмуаи объектҳои молу мулки ғайриманқул мусоидат намояд[288].

Мафҳуми расмии маҷмуаи томи ғайриманқул дар моддаи 141 Кодекси маданӣ ба таври зайл муқаррар гардидааст: «ашёи ғайриманқуле, ки дар муомилот ҳамчун объекти том истифода мешавад, мумкин аст маҷмуаи томи ғайриманқул бошад – маҷмуи бино, иншоот ва ашёи дигари бо

[287] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 // Садои мардум. – №1-9 (4584-4592). – Душанбе. – С. 9.
[288] Чуракова Е.З. Единый недвижимый комплекс: проблемы правового регулирования // Столыпинский вестник. – 2023. – №3. – С. 1405.

таъиноти ягона муттаҳидшуда, ки ҷисман ва ё аз лиҳози технологӣ ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд, аз ҷумла объектҳои хаттӣ (роҳи оҳан, хатти интиқоли барқ, хатти қубур ва ғайра) ё дар ҳудуди як қитъаи замин ҷойгиршуда, агар маҷмуи объектҳои мазкур дар шакли том ҳамчун як ашёи ғайриманқул ба қайд гирифта шуда бошад».

Мафҳуми пешбининамудаи қонунгузорӣ мураккаб буда, мазмунан ба тарви омехта зикр шудааст, аммо тамоми аломатҳои хосси маҷмуаи томи ғайриманқулро фарогир аст.

Падидаи маҷмуаи томи ғайриманқул дар қонунгузорӣ бо мақсадҳои зерин ворид карда шудааст:

1) соддагардонии раванди барасмиятдарории ҳуқуқи моликият ба объектҳои томи ғайриманқул;

2) ҳалли мушкилоти бандубасти объектҳои техникии мураккаби ҳуқуқи ашёӣ ба сифати молу мулки ғайриманқул;

3) таъмини имконияти ташаккули муомилоти самараноки инфрасохторҳо[289].

Бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои маҷмуаи томи ғайриманқул аломатҳои асосии онро муайян кардан мумкин аст:

1) маҷмуаи томи ғайриманқул ашёи ғайриманқул буда, ба таркиби он маҷмуи ашёи манқул ва ғайриманқул дохил шуда метавонад. Ба таркиби маҷмуаи томи ғайриманқул метавонад маҷмуи бино, иншоот, роҳи оҳан, хатти интиқоли барқ, хатти қубур ва ғайра ворид шавад. Ҳуқуқҳои молумулкӣ, уҳдадориҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои истисноӣ ба таркиби маҷмуаи томи ғайриманқул ворид шуда наметавонанд.

Ба андешаи С.Р. Бевзенко мафҳуми маҷмуаи томи ғайриманқулро метавон ба ду категорияи таркибӣ ҷудо намуд[290]. Муаллиф ба категорияи аввал ҷамъи объектҳоеро дохил намудааст, ки қонунгузор ба сифати унсурҳои маҷмуаи томи ғайриманқул, хосатан алоқаи ногусастанӣ тибқи аломати ҳудудӣ ва технологии бино, иншоот ва дигар объектҳои дар феҳристи давлатии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул ҳамчун объекти ягона бақайдгирифташуда мустаҳкам гардидаанд. Ба категорияи дуюм он унсурҳое мансуб мебошанд, ки ба таври истисноӣ дар як қитъаи замин ҷойгир шудаанд.

Маҷмуаи томи ғайриманқул метавонад фарогири молу мулки ғайриманқул ва манқул, аз ҷумла хатҳои интиқоли барқ, низоми обрасонӣ ва гармидиҳӣ бошад[291]. Вобаста ба ин, ҳар як объекти ташкилдиҳандаи маҷмуаи томи ғайриманқул мумкин аст ба маҳакҳои мансубияти молу мулки ғайриманқул мувофиқат накунанд, аммо ҷамъи томи унсурҳо маҷмуъро ташкил медиҳад, ки баъди бақайдгирӣ ҳамчун молу мулки ғайриманқул, реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқулро соҳиб мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як объекти унсури маҷмуа бояд ба талаботи қонунгузорӣ дар бораи муомилотпазирии молу мулк ҷавобгӯй бошад;

---

[289] Кустышева И.Н. Анализ разработки механизма кадастрового учёта единого недвижимого комплекса (ЕНК) // International Agricultural Journal Т. 64. – 2021. – №1. – С. 180.

[290] Бевзенко Р.С. Земельный участок с постройками на нем. – М.: Логос, 2017. – С. 14.

[291] Саламова О.Э. Правовые проблемы формирования единого недвижимого комплекса: настоящее и будущее // Право и государство: теория и практика. – 2020. – №5 (185). – С. 6.

2) бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба маҷмуаи томи ғайриманқул ва дар муомилоти маданӣ ҳамчун объекти ягона истифода шудани он. Аломати бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба маҷмуаи томи ғайриманқул ҳамчун як ашё бояд танҳо дар ҳолате нисбат дода шавад, ки ба ашёҳои алоҳида алакай ҳуқуқи моликият ба қайд гирифта шуда, «муттаҳид» намудани онҳо талаб карда мешавад.

Факти ҳуқуқии ба вуҷуд омадани маҷмуаи томи ғайриманқул ин бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба маҷмуаи томи ғайриманқул ҳамчун як ашё мебошад. Дар таҷрибаи судии мамлакатҳои хориҷӣ[292] чунин бақайдгирӣ на уҳдадорӣ, балки ҳуқуқ шуморида шуда, судҳо қонеъгардонии талабот оид ба бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба ҳамаи молу мулкро чун маҷмуаи томи ғайриманқул рад менамоянд;

3) мавҷудияти таъиноти ягона, робитаи ногусастании технологӣ, ҷойгир шудан дар ҳудуди як қитъаи замин. Барои муттаҳид намудан дар маҷмуаи томи ғайриманқул дар як қитъаи замин ҷойгир будани бино, иншоот ва дигар ашё ҳатмӣ набуда, шарти зарурӣ алоқаи мустаҳками ҷисмонӣ ё алоқаи технологии бино, иншоот ва ашёи дигари бо таъиноти умумӣ муттаҳидшуда мебошад.

Ба андешаи Н.Н. Аверченко тарзи ҷисмонӣ алоқаи унсурҳои дохилии як воҳид буда, бо роҳи муттаҳид намудани ашёи манқул ва ғайриманқул барои истифодаи тибқи таъиноти умумӣ ё пайваст кардани ашёи манқул ва ғайриманқули алоҳида ба объекти томи муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аз ҳисоби ҷойгир шудани онҳо дар ҳудуди як қитъаи замин бо мақсади истифодабарӣ тибқи таъиноти ягона аст.

Тибқи тарзи технологӣ дар ҷамъи мураккаби ашёи манқул ва ғайриманқул бо мақсади ягонаи истифодаи технологӣ муттаҳид мегардад, ки мисоли он маҷмуаи технологии хати роҳи оҳан, қубурҳои газ, об ва дигар шуда метавонад. Унсурҳои ташкилҳидиҳандаи маҷмуа метавонанд бо фосилаи муайян аз якдигар ҷойгир бошанд ва функисияи якҷоя доранд[293]. Масалан, маҷмуаи технологии роҳи автомобилгард, роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ва обӣ ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқули дорои алоқаи ягонаи технологӣ ба ҳисоб меравaнд.

Дар таркиби маҷмуаи томи ғайриманқул, ки бо мақсади истифодаи ягонаи хоҷагидорӣ ташкил карда шудааст, метавонад танҳо молу мулке дохил шавад, ки дорои мақсади функсионалии умумии истифодаи маҷмуаи дахлдор мебошад. Дар бораи таъиноти умумии унсурҳои маҷмуа навиштаҷоти махсуси меъёрӣ-техникӣ (стандартҳо, шартҳои техникӣ, талабот ба истифодабарӣ, бехатарии зиддисӯхторӣ ва ғайра), тавсифоти фардӣ-техникӣ (шиносномаи техникӣ) ва дар баъзе ҳолатҳо нишондоди бевоситаи меъёрии ҳуқуқӣ ба ин ё он маҷмуа шаҳодат медиҳад.

Хусусияти фарқкунандаи маҷмуаи томи ғайриманқул, ки бо ёрии воситаҳои технологӣ ташкил шудааст, дар «имконияти иҷрои функсияҳои

---

[292] Постановление Арбитражного суда Северо-Западного округа от 21 нояб. 2016, №Ф07-8692/2016 по делу № А66-1718/2015. – [Электронный ресурс]. – Доступ из справ.-правовой системы «Консультант Плюс» (санаи муроҷиат: 16.09.2023).

[293] Аверченко Н.Н. Правовой режим сложных вещей: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2005. – С. 15.

дахлдори технологӣ, тафовути сифатӣ аз таъиноти функсионалии ҳар як ашёи алоҳидаи ҷамъи мазкурро ташкилдиҳанда» зоҳир мегардад[294].

Бояд қайд намуд, ки тарзҳои муттаҳидкунии болозикри молу мулки манқул ва ғайриманқул дар объекти ягонаи муомилоти молумулкӣ новобаста, аз ҳамдигар метавонанд вуҷуд дошта бошад ва тибқи хоҳишу иродаи соҳибмулк истифода карда шаванд.

Алоқаи ҷисмонии унсурҳои маҷмуа имкон медиҳад, ки амали мутақобилаи онҳо тибқи таъиноти умумӣ муайян карда шавад. Маҳаки алоқаи ҷисмонӣ ба оқилона будани амалҳо ва бовиҷдонии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ асос меёбад. Алоқаи ҷисмонии якчанд молу мулки манқул ва ғайриманқул раванди меҳнатталаб мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсади муайян равона гардида, аз хоҳиши соҳибмулк ҷиҳати истифодаи молу мулки ғайриманқули ягона тибқи таъиноти умумӣ шаҳодат медиҳад;

4) ашёи тақсимнашаванда будани маҷмуаи томи ғайриманқул. Нисбат ба мамҷуаи томи ғайриманқул паҳн шудани қоидаҳо оид ба ашёи тақсимнашаванда маънои онро дорад, ки ашёи таркибии маҷмуаро дар шакли воқеӣ (натура) тақсим намудан, бе вайроншавӣ, нобудшавӣ тағйирёбии таъиноти он, ки маҷмуаи томи ғайриманқул дар муомилоти маданӣ иҷро менамояд, ғайриимкон аст.

Аз лаҳзаи муттаҳид шудани ашёи манқул ва ғайриманқул дар таркиби маҷмуаи томи ғайриманқул ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқ, таъиноти умумии маҷмуаи мазкур дар мавҷудияти баъзе унсурҳо зоҳир шуда, онҳо ба объекти ягона табдил меёбанд. Дар раванди ташкили маҷмуаи томи ғайриманқул тағйир додани таркиби он имконпазир буда, баъди анҷоми раванди ташкили маҷмуа тағйири таркиби он ғайриимкон мегардад ва гирифтан ё илова намудан маънои аз байн рафтани як маҷмуаи томи ғайриманқул ва ба вуҷуд омадани маҷмуаи навро дорад.

Тақсимнашаванда будани маҷмуаи томи ғайриманқул дар он зоҳир мегардад, ки унсурҳои алоҳидаи ба таркиби маҷмуа дохилшаванда, дар муомилот ҳамчун ашёи алоҳида барои иҷрои таъиноте, ки маҷмуа иҷро менамояд, иштирок карда наметавонанд. Яъне маҷмуаи томи ғайриманқул таъиноти худро танҳо дар якҷоягии унсурҳои ба он дохилшаванда иҷро карда метавонад.

Ашёи тақсимнашаванда будани маҷмуаи томи ғайриманқул дар адабиёти илмӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. А.П. Сергеев эътирофи маҷмуаи томи ғайриманқулро ҳамчун объекти тақсимнашаванда ғайримақсаднок меҳисобад[295]. Ба андешаи муҳаққиқ ҷудо намудани ашёи алоҳида аз таркиби маҷмуа, тибқи қоида аз даст додан ё тағйир ёфтани таъиноти мавҷудияти объекти ягонаро ба вуҷуд намеорад.

Бо мақсади содда намудани муомилот речаи ҳуқуқии маҷумаи томи ғайриманқул бояд чандирӣ бошад ва ба соҳибмулк имкон дода шавад, ки

---

[294] Димитриев М.А. Технологические комплексы недвижимого имущества. URL: http://portal-law.ru/articles/ingilteam/Tehnologicheskie_ kompleksy_nedvizhimogo_imuwestva/ (санаи мурочиат: 15.09.2023).

[295] Сергеев А.П. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть первая (постатейный): учебно-практический комментарий – М.: Проспект, 2017. – С. 439.

чун ташкил намудани маҷмуа, инчунин онро бо салоҳдиди худ тағйир диҳад. Ба таври дигар, молик на танҳо метавонад объектҳоро дар маҷмуаи томи ғайриманқул, балки реҷаи онро қатъ гардонад, қисмҳои онро тақсим намояд ва ҳуқуқи моликиятро ба унсурҳои алоҳидаи ба таркиби он дохилшаванда ба қайд гирад[296].

Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ аломатҳои дигари маҷмуаи томи ғайриманқул ҷудо карда мешавад. Аломатҳои зерини маҷмуаи томи ғайриманқулро ҷудо кардан мумкин аст:

а) ин маҷмуи ба ҳам алоқаманди объектҳо (на камтар аз ду объект) мебошад;

б) ҳадди ақал яке аз ин объектҳо, ки маҷмуи молумулкиро ташкил медиҳад, бино ё иншоот мебошад;

в) объектҳо таъиноти умумӣ доранд;

г) объектҳо алоқаи ногусастании ҷисмонӣ ё технологӣ доранд ё дар ҳудуди як қитъаи замин ҷойгир мебошанд;

д) байни объектҳо алоқаи муҳимми ҳуқуқӣ вуҷуд дорад;

е) ҳуқуқи ашёӣ ба маҷмуаи том – объекти ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта мешавад[297].

Танзими ҳуқуқии маҷмуаи томи ғайриманқул хусусияти диспозитивӣ дорад, яъне иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ озодона метавонанд молу мулки худро дар маҷмуа муттаҳид намоянд, агар чунин муттаҳидкуниро мақсаднок шуморанд. Бахусус ташаккул дар асоси ифодаи иродаи молик маҷмуаи томи ғайриманқулро аз ашёи мураккаб фарқ мекунонад, ки дар он объекти ягона новобаста аз хоҳиши дорандаи ҳуқуқ ба чунин сифат баррасӣ карда мешавад[298].

с. 36; Горелик А.С. Полный курс уголовного права: В 5 т. (под общ.ред. док.юр.наук, проф, Заслуженный деятель науки РФ А.И. Коробеева.). Т.П: Преступления против личности.- СПб: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс». 2008. – С. 430.

Мавқеи мазкур дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ мустаҳкам карда шуда, дар асосҳои бо ҳам алоқамандии мартабавии объектҳои хелӣ, намудӣ ва бевоситаи ҷиноят созмон дода шудааст.

Ногуфта намонад, ки дар баробари аниқ гардидани объекти бевоситаи ҷинояти савдои одамон аҳамияти бениҳоят муҳимро дуруст муайян намудани моҳият ва мазмуни мафҳуми озодии инсон доро мебошад, зеро чунин аниқкунӣ имконият медиҳад, ки ҷиноятҳои муқобили озодии шахсии инсонро, аз ҷумла савдои одамон аз кирдорҳои ғайриҷиноятӣ ҷудо карда шавад ва бо ҳамин тариқ муайян кардан мумкин аст, ки таҷовуз ба озодии шахсии инсон дар кадом ҳолат ҷинояти мустақил буда ва дар кадом ҳолат қисми таркибии унсурҳои дигар кирдорҳои таҷовузкоронаро ташкил дода метавонад.

Барои дарки дуруст ва аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъриф додани мафҳуми озодии шахсии инсон зарурати мурочиат кардан ба фаҳмиши мафҳуми озодӣ, ки дар фалсафа роиҷ аст, ба миён меояд.

Мазмуни мафҳуми озодӣ аз нигоҳи фалсафа мумкин аст, чун рафтор, ҳаракати фард, ки аз рӯи ирода ва интихоби мехостагӣ ва мақбули худ мувофиқ ба қоидаҳои рафтори дар ҷомеа муқарраршуда амал кардан донист. Имконияти зоҳиршавии иродаи инсон танҳо ҳангоми мавҷуд будани дарки рафтори худ дар муҳити воқеӣ дар назар дошта мешавад.

Дар заминаи дарки фалсафии озодӣ таърифи назариявӣ- ҳуқуқии мафҳуми мазкур ба миён меояд. Дар назарияи ҳуқуқ озодӣ ҳамчун мухторияти инсон, ҷой надоштани маҳдуд кардани ҳаёт ва фаъолияти ӯ, имконияти аз ҷониби ӯ мустақилона интихоб намудани тарзи зиндагӣ, фаъолият ва рафтори худ дар шароити мавҷудияти давлат ва ҷомеаи феълӣ дониста мешавад[351].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дигар таърифи озодии шахсӣ пешниҳод карда мешавад. Бо вуҷуди он ки таърифҳои мазкур аз нигоҳи пуррагӣ тафовут надошта бошанд ҳам, дар бештари ин таърифҳо ишора ба иборахои озодии интихоб, дарккардашуда, бошуурона ва ғайра ҷойгир карда шудаанд. Чунин тарзи баёни андеша дар таърифи пешниҳоднамудаи В.В. Марчук низ мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, ӯ ба он ишора намудааст, ки озодии шахсӣ ин на танҳо озодии ҷисмонӣ (яъне, озодии ҳаракат, муайян намудани макони будубош ва ғайра), инчунин, озодиест, ки дар он ягон хели таъсири рӯҳӣ ҷиҳати тағйир додани рафтори инсон ҷой надорад[352].

---

[347] Ниг.: Особенности предотвращения и расследования преступлений, связанных с торговлей людьми: учеб.пособие/ Данилова М. [и др.]; под общ.ред И.Г. Шушкевича. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – С. 58.
[348] Ниг.:Буряк М.Ю. Торговля людьми и борьба с ней (криминологические и уголовно- правовые аспекты). Дис.канд.юр.наук. Владивосток, 2005. – С. 150.
[349] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации/ отв.ред.В.И. Лебедев.- 10- е изд., переаб.и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2010. – С. 323.
[350] Ниг.: Солиев К. Комментарий к преступлениям, связанным с торговлей людьми. Душанбе, Академия МВД Республики Таджикистан, 2011. – С. 41.
[351] Ниг.: Даурова Т.Г. Институт прав человека в России/ Т.Г. Даурова. Саратов: Изд.- во Саратов.ун- та, 1998. – С. 92.
[352] Марчук В.В. Торговля людьми (уголовно- правовой анализ и квалификации) / Суд. весн., 2002, № 4. – С. 42.

Воқеан, тавре муҳаққиқ Н.И. Ретнева афсӯс мехӯрад, таърифи зикршуда низ ба андозаи зиёд ба таърифи мафҳуми озодии шахсият мутааллиқ мебошад, зеро фарқ миёни мафҳуми «озодии шахсият» ва «озодии инсон» дарк карда намешавад. Ҳол он ки чунин фарққунонӣ дар навбати аввал барои ҷавоби дуруст додан ба саволҳои зерин хеле ҳам зарур аст: оё дар чунин як таъриф бояд унсури ҳолати озодии худро дарк кардани инсон ва оё озодиро шахсе, ки чи гуна аз Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он дар хусуси вазъияти оҷизӣ бармеояд (масалан, хурдсолӣ, номукаллафӣ ва ғайра) соҳиб аст, бояд ҷой дошта бошад; оё таҷовуз ба озодии онҳо ҷиноят дониста мешавад.

Агар аломати мусовиро миёни мафҳуми «озодии шахсият» ва «озодии инсон» гузорем, пас, чунин савол ба миён омаданаш мумкин аст: Оё нафарони номукаллаф ва хурдсоле, ки озодии худро чи гунае, ки нисбат ба озодии шахсият истифода бурда мешавад, дарк мекунад? Дар чунин ҳолат то чи гуна дуруст будани савдои хурдсолон ё номукаллафон чун созмондиҳандаи таркиби ҷинояти дар м. 130[1] КҶ ҶТ пешбинишуда бо сабаби ҷой надоштани яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят объект зери шубҳа қарор мегирад. Муҳаққиқ Н.И.Ретнева андешаи худро бо суханони Н.А.Бабий тақвият бахшида, таъкид мекунад, ки муносибатро баҳри муайян кардани мафҳуми озодии инсонро бояд каме тағйир дод. Воқеан, озодии инсон аз озодии ҷисмонӣ ва озодона амал намудан мувофиқан бо иродаи худ, ақлу виҷдонро ба роҳбарӣ гирифтан таркиб ёфтааст[353]. Ҳамин нукта мусаллам аст, ки таркиби дуюми мафҳум ба ғайр аз озодии шахсият дигар чизе нест. Пас, озодии ҷисмонӣ гуфта, чӣ дар назар дошта мешавад? Ба андешаи чанде аз олимон чунин озодӣ бояд ҳуқуқи табиии инсонро, ки аз лаҳзаи таваллуд пайдо шуда, тавассути давлат аз таҷовузи ҷинояткорон, аз ҷумла, аз сӯистеъмоли шахсе, ки ӯ вобаста буда, қобилияти ҳодисоти нисбаташ бамиёномадаро дарк ва баҳо доданро надорад, дар бар гирифта, объекти ҳифз ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад.

Дар ин сурат таҳти мафҳуми дахлнопазирии ҷисмонӣ бояд ҳолати шахсият дар шароити ҷой надоштани ҳаракатҳои зӯроварии зиддиҳуқуқие аз ҷониби ҳама гуна шахсоне дониста мешавад, ки бутунии организмро вайрон нанамуда, фаъолияти муътадили функсионалии онро халалдор насозад[354].

Бо назардошти чунин тарзи таҳлил ба мазмуни озодӣ, ки онро объекти ҷинояти савдои одамон мумкин аст эътироф намуд, ҳолате низ дохил мешавад, ки агар он нисбат ба номукаллафон ё хурдсолон содир шуда бошад, зеро чунин андеша бевосита аз таърифи ҷинояти мазкур, ки дар Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон муқаррар шудааст, бармеояд. Ҳуҷҷати мазкур ибораи «ҳолати заифӣ», инчунин, дар таърифи савдои одамон ҷойгир кардани тарзи «бо

[353] Уголовное право Республики Беларусь. Особенная часть: учебное пособие. Минск: Новое знание, 2002. – С. 182; Ретнева Н.И. Маъхази зикршуда. – С. 40.

[354] Ниг.: Авденкова М.П. Право на физическую свободу// Государство и право, 2005, № 3. – С. 18.

роҳи ришва додан дар шакли пардохт ё фоида барои гирифтани розигии шахсе, ки дигар шахсро назорат мекунад», истифода мебарад.

Ҳуқуқ ба озодии шахсӣ, ки дар Конститутсияи ҶТмуқаррар карда шудааст, ба ҳар як инсон новобаста аз синну сол, вазъи саломатӣ, мукаллафӣ кафолат дода мешавад. Ҳифзи озодии шахсиро набояд аз имконияти ҳақиқии амалӣ гардонидани он вобаста донист. Ҳуқуқи инсон ба озодӣ ҳамчун неъмати ҳуқуқи табиӣ таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарордошта донист ва давлат уҳдадор аст чораҳои заруриро барои ҳимояи ин неъмат андешад. Ҳаракати шахсе, ки ба озодии шахсии инсон новобаста аз синну соли он таҷовуз меоварад, инчунин, қобилияти дарки амали чунин таҷовузро дорад ё не, бояд ҷинояти муқобили озодии шахсии инсон эътироф гардад.

Бо назардошти андешаҳои баёншуда зери мафҳуми озодии шахсӣ ҳамчун объекти савдои одамон ҳолати аз ҷониби инсон даркшавандае фаҳмида мешавад, ки ҳангоми он ӯ дар асоси қоидаҳои рафтори дар ҷомеа қабулгашта вобаста ба ирода ва хоҳиши худ бо назардошти эътиқод, манфиат ва талаботи худ имконияти воқеии бемаҷбурнамоӣ амалнамударо дорад, инчунин, ҳуқуқи табиии инсон оид ба ҳимояи давлатӣ аз таҷовуз ба дахлнопазирии ҷисмонӣ, ки аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд меояд, фаҳмида мешавад.

Ба сифати объекти бевоситаи иловагии ҷинояти савдои одамон мумкин аст ҳаёт ва саломатӣ (б«е», «ж» қ.2,б«а»,«б» қ.3 м. $130^1$ КҶ ҶТ), озодӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғ, инкишофи муътадил ва тарбия намудани ӯ (б «б» қ.2 $130^1$ КҶ ҶТ), тартиби муқарршудаи истифода намудани уҳдадориҳои худ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ё кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (б «в» қ.2 $130^1$ КҶ ҶТ), тартиби муқарраршудаи муносибат бо ҳуҷҷатҳои расмӣ (б «д» қ.2 $130^1$ КҶ ҶТ) ё тартиби муқарршудаи гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (б «г» қ.2 $130^1$ КҶ ҶТ) баромад карда метавонанд.

Масоиле, ки мо ҳангоми таҳлили таркиби ҷинояти мазкур дучори он гаштем, ин эътироф намудани инсон ҳамчун ҷабрдидаи ҷинояти савдои одамон мебошад. Мувофиқи таркиби моддаи $130^1$ КҶ ҶТ зери мафҳуми савдои одамон чунин фаҳмида мешавад: хариду фурӯши одам, дигар аҳдҳо нисбат ба одам, ҳамчунин, ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳон кардан ё гирифтан, ки бо мақсади истисмори ӯ содир шудааст. Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷабрдидаи савдои одамро бевосита инсон ташкил медиҳад.

И.С.Алихаджиева бар он ақида аст, ки дар ҷараёни савдои одамон иштироки ҷабрдида ҳамчун яке аз тарафҳои ҳамин созиш ғайриимкон аст. Баръакс ҷабрдида дар ин созиш ҳамчун предмет (мол) баромад мекунад, яъне хоҳиши ӯ пурсида намешавад.[355]

Ю.Е.Пудовочкин қайд мекунад, ки худи факти созиш нисбат ба инсон аз он шаҳодат медиҳад, ки бо ӯ ҳамчун предмети беҷон муносибат карда

---

[355] Алихаджиева И.С. Недостатки законодательной регламентации уголовно-правовой борьбы с торговлей людьми // Уголовное право. 2006. № 5. – С. 31.

истодаанд ва ӯ наметавонад (ё ҳуқуқ надорад) иродаи худро изҳор намояд[356].

Ҳамаи муаллифони дар боло зикргардида он нуқтаи назарро дастгирӣ мекунанд, ки ба сифати предмети ҷинояти савдои одамон инсони зинда баромад мекунад. Ба ақидаи гурӯҳе аз олимон инсон ҳамчун предмет дар ин созиш, яъне предмети савдои одамон баромад мекунад. Агар инсон ҳамчун предмети созиш баромад кунад, пас, нисбат ба ӯ хусусиятҳои моликият паҳн мегардад. Яъне, онро мумкин аст хариду фурӯш намуд, туҳфа кард, ба иҷора дод, иваз кард. Аз дигар нуқтаи назар инсон наметавонад ҳамчун предмети ҷиноят баромад намояд.

Н.Н. Козлова имконияти инсонро ҳамчун предмети созиш буданро инкор мекунад. Агар чунин бошад, пас, ин ҳолат ба замонҳое оварда мерасонад, ки инсон-ғулом ҳамчун ашё эътироф шуда буд ва онро хариду фурӯш ё туҳфа намудан мумкин буд[357].

М.С. Раҳимов арз мекунад, ки инсонро набояд бо ашё монанд кард ва ӯро ҳамчун предмети ҷиноят ном гирифт. Ҳатто дар ҳолатҳое, ки ҷинояткор ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонад ва бевосита ба иштирокчии ин муносибатҳо, яъне ба инсон зарар мерасонад, инсон на ҳамчун предмет, балки ҷабрдидаи ин ҷиноят баромад мекунад. Бинобар ин дар таркиби ин гуна ҷиноятҳо предмет вуҷуд надорад, яъне онҳо ҷиноятҳои бе предмет мебошанд ва инсон бошад, ба сифати ҷабрдидаи ин гуна ҷиноятҳо баромад мекунад[358].

Дар баробари андешаи М.С. Раҳимов мавқеи А.Ю. Чупрова ва А.А. Глуховаро бояд дастгирӣ намуд, зеро онҳо чунин мешуморанд:

Ба ашё (мол) монанд будан ва ҳамчун ашё эътироф шудан ин мафҳумҳои якхела нестанд ва як маъноро дар назар надоранд.

Инсон (шахсият)-ро ба предмети ҷиноят монанд кардан мухолифи меъёрҳои ҷамъиятӣ мебошад;

Эътироф намудани инсон ҳамчун предмети ҷиноят масъалаи муайян намудани мақоми ҳуқуқии ӯро пеш меорад ва дар натиҷа суоле ба миён меояд, ки оё инсон метавонад, ҳамчун ҷабрдида дар ин парвандаи ҷиноятӣ баромад кунад[359].

Бинобар ин, маҷмӯи ҳолатҳои дар боло зикршуда ба мо имконият намедиҳад, ки инсонро ҳамчун предмети ҷинояти пешбининамудаи моддаи 130' КҶ ҶТ эътироф намоем. Ҷабрдидаи савдои одамон шахсе дониста мешавад, ки ӯ аз савдои одамон сарфи назар аз он ки розигиаш барои ҷалб кардан, интиқол, супоридан, пинҳон кардан, гирифтан, ки бо савдои одамон алоқаманд мебошад, гирифта шуда буд ё не, зарар дидааст.

---

[356] Пудовочкин Ю.Е. Ответственность за торговлю людьми по российскому уголовно- му праву // Сравнительное конституционное обозрение. 2007. № 3. – С. 25.

[357] Козлова Н.Н. Уголовная ответственность за захват заложников: Автореф. дис... канд. юрид. наук. - Москва., 1992. – С.99.

[358] Рахимов М.С. Объективные признаки преступления торговли людьми // Российский следователь. 2008. № 12. – С. 12.

[359] Чупрова А.Ю., Глухова А.А. Торговля людьми как угроза экономической безопас ности России: Учебно-практическое пособие. – Москва., 2007. – С. 45-46.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соди 1994 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 сентябри 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016) Шакли электронӣ. Сарчашма: Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://mmk.tj/legislation/base/constitution/

2. Протокод оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он (илова ба Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, аз 15 ноябри соди 2000).

3. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – 344 с.

4. Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 157 с.

5. Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – 448 с.

6. Иванов Н.Г. Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата. – М., 2016. – 559 с.

7. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – 224 с.

8. Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н.Тарбагаев. – М., 2016. – 448 с.

9. Иванов Н.Г. Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата. – М., 2016. – 559 с.

10. Уголовное право Республики Беларусь. Особенная часть/ А.И. Лукашов [и др.]: под общ ред. А.И. Лукашова. Минск.: Тесей, 2001. – 256 с.

11. Комментарий к Уголовному кодексу Республики Беларусь/ Н.Ф. Ахраменка [идр.]: под общей ред. А.В. Баркова. Минск: Тесей, 2003. – 411 с.

12. Уголовное право Республики Беларусь. Особенная часть: учеб.пособие// Н.Ф. Ахраменка [и др.]: под общ.ред. Н.А.Бабия, И.О. Грунтова. Минск: Новое знание, 2002. – 912 с.

13. Марчук В.В. Торговля людьми (уголовно- правовой анализ и квалификация) / Марчук/ Суд.вест., 2002, – № 4. – 42 с.

14. Ретнева Н.И. Уголовная ответственность за торговлю людьми: [монография].// Н.И. Ретнева, под общ.ред. Э.А. Саркисовой; М- во внутрен.дел Республики Белорусь,; Акад.МВД. Минск:: Акад. МВД Республики Белорусь, 2008. – 160 с.

15. Коростылев О.И. Противодействие торговле людьми и использованию рабского труда: научно- практическое пособие (под общ.ред.докт.юр.наук, проф. Т.В. Пинкевич. Ставрополь: СФКРУ МВД России, 2008. – 26.с.

16. Горелик А.С. Полный курс уголовного права: В 5 т. (под

общ.ред. док.юр.наук, проф, Заслуженный деятель науки РФ А.И. Коробеева.). Т.П: Преступления против личности. – СПб: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс». 2008. – 82 с.

17. Особенности предотвращения и расследования преступлений, связанных с торговлей людьми: учеб.пособие/ Данилова М. [и др.]; под общ.ред И.Г. Шушкевича. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – 293 с.

18. Буряк М.Ю. Торговля людьми и борьба с ней (криминологические и уголовно- правовые аспекты). Дис.канд.юр.наук. Владивосток, 2005. – 245 с.

19. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации/ отв.ред.В.И. Лебедев.- 10- е изд., переаб.и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2010. – 919 с.

20. Солиев К. Комментарий к преступлениям, связанным с торговлей людьми. Душанбе, Академия МВД Республики Таджикистан, 2011. – 112 с.

21. Даурова Т.Г. Институт прав человека в России/ Т.Г. Даурова. Саратов: Изд.- во Саратов.ун- та, 1998. – 179 с.

22. Марчук В.В. Торговля людьми (уголовно- правовой анализ и квалификации)/ Суд. весн., 2002, – № 4. – 42 с.

23. Уголовное право Республики Беларусь. Особенная часть: учебное пособие. Минск: Новое знание, 2002.- С. 182; Ретнева Н.И. Маъхази зикршуда.- 912 с.

24. Авденкова М.П. Право на физическую свободу// Государство и право, 2005, – № 3. – 18 с.

25. Алихаджиева И.С. Недостатки законодательной регламентации уголовно-правовой борьбы с торговлей людьми // Уголовное право. 2006. – № 5. – С. 31.

26. Пудовочкин Ю.Е. Ответственность за торговлю людьми по российскому уголовно- му праву // Сравнительное конституционное обозрение. 2007. № 3.С. 25.

27. Козлова Н.Н. Уголовная ответственность за захват заложников: Автореф. дис... канд. юрид. наук. – Москва., 1992. – 24 с.

28. Рахимов М.С. Объективные признаки преступления торговли людьми // Российский следователь. 2008. – № 12. – 83 с.

29. Чупрова А.Ю., Глухова А.А. Торговля людьми как угроза экономической безопас ности России: Учебно-практическое пособие. – Москва., 2007. – 274 с.

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ТИБҚИ САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АЗ ҶОНИБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭЪТИРОФГАРДИДА

**Қурбонзода Бехруз Шариф**,
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru
**Тел:** (+992) 98-820-55-00

**Каримова Муаззам Мирзокаримовна**,
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия
**E-mail:** muazzam.karimova.1978@mail.ru
**Тел:** (+992) 92-705-00-36

**Муқарриз:** Ахмедов Н.И., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақола ба яке аз муаммоҳои глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм дар асоси санадҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар ин мақола муаллифон чунин санадҳои байналмиллалиро, ки бо экстремизм алоқамандӣ доранд, истифода намудаанд, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Эъломия оид ба чораҳои аз байн бурдани терроризми байналмилалӣ, Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ, Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ, Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм, Барномаи давлатҳои аъзои ИДМ оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти экстремизм барои давраи то соли 2003, Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти зӯроварии экстремизм барои солҳои 2005-2007, Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти зӯроварии экстремизм барои солҳои 2008-2010. Дар ин санадҳои байналмилалӣ вобаста ба экстремизм то имрӯз мафҳуми ягона ва пурра пешниҳод карда нашудааст, ки он метавонад

минбаъд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ барои мубориза ва пешгирӣ намудан бо ин зуҳуроти номатлуб монеъагиро касб намояд ва боиси авҷ гирифтани он мегардад. Муаллифон дар мақолаи мазкур мафҳуми умумиэътирофшудаи экстремизмро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби СММ, СҲШ ва ИДМ омодашударо тадқиқот намуда, доир ба он ақидаи худро иброз намудаанд.

**Калидвожаҳо:** Экстремизми байналмилалӣ, зуҳуроти номатлуб, қонуният, тартиботи байналмилалӣ, санадҳои байналмилалӣ, амнияти ҷаҳон, ҳуқуқи байналмилалӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, ҳуҷҷати асосӣ дар сатҳи байналмилалӣ, шакли хатарноки зуҳурёбии экстремизм, зуҳуроти экстремизм, ҷанбаҳои миллӣ, нажодӣ ва динӣ, экстремизми зӯроварона ё ғайризӯроварона, муноқишаи мусаллаҳ, меъёрҳои умумиэътирофшудаи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳияи чораҳои пешгирикунанда, самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ, бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият, бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, бо роҳи зӯроварӣ вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳамкории тарафҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тамомияти марзӣ.

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИЗМУ В СООТВЕТСВИИ МЕЖДУНАРОДНЫМ НОРМАМ, ПРИЗНАНЫХ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН

**Курбонзода Бехруз Шариф**, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, к.ю.н., доцент кафедры уголовного права, криминалистики и предупреждении коррупции
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru
**Тел:** (+992) 98-820-55-00

**Каримова Муаззам Мирзокаримовна**, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, старший преподаватель кафедры уголовного права, криминалистики и предупреждении коррупции
**E-mail:** muazzam.karimova.1978@mail.ru
**Тел:** (+992) 92-705-00-36

**Рецензент:** Ахмедов Н.И., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Статья посвящена одной из глобальных проблем международного сообщества, связанных с правовыми основами противодействия с экстремизмом на основе международных актов. В данной статье авторы использовали такие международные документы, связанные с экстремизмом, как Всеобщая декларация прав человека, Международный пакт о гражданских и политических правах, Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма, Международная конвенция о ликвидации всех формы расовой дискриминации, Декларация о правах лиц, принадлежащих к национальным или этническим, религиозным и языковым меньшинствам, Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом, Программа государств-участников СНГ по борьбе с международным терроризмом и другими проявлениями экстремизма на период до 2003 году, Программа сотрудничества государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом и другими проявлениями насильственного экстремизма на 2005-2007 годы, Программа сотрудничества государств-участников СНГ в борьбе с терроризмом и другими проявлениями насильственного экстремизма на 2008-2010 годы. В международных документах, касающихся экстремизма, до сих пор не предложено единой и целостной концепции, что может еще больше затруднить борьбу и предотвращение этого нежелательного явления в мировом сообществе и вызвать его эскалацию. В данной статье авторы на основе международно-правовых документов, подготовленных ООН, ШОС и СНГ, изучили общепризнанное понятие экстремизма и выразили свое мнение о нем.

**Ключевые слова:** Международный экстремизм, негативное явление, законность, международный порядок, международные акты, мировая безопасность, международное право, основы конституционного строя, государственная безопасность, основной документ на международном уровне, опасные формы экстремизма, проявления экстремизма, национальные, расовые и религиозные аспекты, насильственный или ненасильственный экстремизм, вооруженный конфликт, общепризнанные нормы принципов и нормы международного права, разработка превентивных мер, основные направления международного сотрудничества, узурпация власти насилием, удержание власти насилием, изменение конституционного устройства государства насилием, нарушение общественной безопасности насилием, повышение эффективности сотрудничества сторон, защита прав и свобод человека и гражданина, обеспечение целостности границ.

# LEGAL FRAMEWORK FOR COUNTERING EXTREMISM IN ACCORDANCE WITH INTERNATIONAL STANDARDS RECOGNIZED BY THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Qurbonzoda Behruz Sharif**
Tajik State University of Law, Business and Politics, Faculty of Law, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminology and Prevention of Corruption
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru
**Phone:** (+992) 98-820-55-00

**Karimova Muazzam Mirzokarimovna**
Tajik State University of Law, Business and Politics, Faculty of Law, Senior Lecturer, Department of Criminal Law, Criminology and Prevention of Corruption
**E-mail:** muazzam.karimova.1978@mail.ru
**Тел:** (+992) 92-705-00-36

**Reviewer:** Ahmedov N.I., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** The article is devoted to one of the global problems of the international community related to the legal framework for the fight against extremism based on international documents. In this article, the authors used such international documents related to extremism as the Universal Declaration of Human Rights, the International Covenant on Civil and Political Rights, the Declaration on Measures to Eliminate International Terrorism, the International Convention on the Elimination of All Forms of Racial Discrimination, the Declaration on the Rights of Persons to national or ethnic, religious and linguistic minorities, the Shanghai Convention on Combating Terrorism, Separatism and Extremism, the Program of the CIS Member States to Combat International Terrorism and Other Manifestations of Extremism for the Period until 2003, the Cooperation Program of the Member States of the Commonwealth of Independent States in the fight against terrorism and other manifestations of violent extremism for 2005-2007, the Program of cooperation of the CIS member states in the fight against terrorism and other manifestations of violent extremism for 2008-2010. International documents related to extremism have not yet proposed a unified and holistic concept, which may further complicate the fight and prevention of this undesirable phenomenon in the world community and cause its escalation. In this article, the authors, based on international legal documents prepared by the UN, SCO and CIS, studied the generally accepted concept of extremism and expressed their opinion about it.

**Keywords:** International extremism, negative phenomenon, legality, international order, international acts, world security, international law, foundations of the constitutional system, state security, main document at the international level, dangerous forms of extremism, manifestations of extremism, national, racial and religious aspects, violent or non-violent extremism, armed conflict, generally accepted norms of principles and norms of international law, development of preventive measures, main directions of international cooperation, usurpation of power by violence, retention of power by violence, changing the constitutional structure of the state by violence, violation of public safety by violence, increasing the efficiency of cooperation between the parties, protection human and civil rights and freedoms, ensuring the integrity of borders.

Дар шароити имрӯза вобаста ба экстремизм якчанд санадҳои байналмилалӣ қабул карда шудаанд, ки ҳар яке аз онҳо аҳамияти ба худ хосро доранд.

Ҳуҷҷати асосӣ дар сатҳи байналмилалӣ, ки самтҳои асосии мубориза бо экстремизмро муқаррар мекунад, ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (аз 10 декабри соли 1948) мебошад[360]. Дар ин санади байналмилалӣ вобаста ба масъалаҳои экстремизм дар моддаҳои 1-5, 7, 9, 10, 13, 14, 16, 18, 19, 20, 28 пешбинӣ шудаанд[361].

Ҳуҷҷати дигар дар мубориза бо экстремизм ин Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мебошад, ки баробарии шаҳрвандонро новобаста аз нажод, миллат ва мазҳаб муқаррар мекунад.

Истилоҳи мавриди омӯзиш қарордода, яъне экстремизм бори аввал дар «Эъломия оид ба чораҳои аз байн бурдани терроризми байналмилалӣ», ки бо қарори Ассамблеяи Генералии СММ № 49/60 аз 9 декабри соли 1994 қабул шудааст, истифода шудааст. Дар ин санад нигаронии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таҳдиди терроризми бар таҳаммулнопазирӣ ё экстремизм асосёфта зикр шудааст[362]. Тавре мебинем, ки СММ мафҳуми “экстремизм”- ро дар ҳуҷҷатҳои худ истифода намуда, таърифи онро надода, танҳо ба иртиботи мустақими терроризм ва экстремизм ишора кардааст, вале ҳолати ҳуқуқӣ ва марзҳои он хеле норавшан боқӣ мондааст.

Дар қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ № 58/174 аз 22 декабри соли 2003 экстремизмро таҳдид ба қонуният ва тартиботи байналмилалӣ дар ҷаҳон медонад[363]. Бо дарки моҳияти таҳдидҳо ва эътирофи терроризм ҳамчун шакли хатарноки зуҳурёбии экстремизм, СММ боз ҳам аз таҳия ва таҳкими таърифи «экстремизм» дур мешавад.

---

[360] Ниг.: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948.

[361] Ниг.: Долгова А.И., Гуськов А.Я., Чуганов Е.Г. Проблемы правового регулирования борьбы с экстремизмом и правоприменительной практики. – М., 2010. – С. 43.

[362] Ниг.: Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма: принята Резолюцией 49/60 на 84-м пленарном заседании Генеральной Ассамблеи ООН 9 декабря 1994 г. [Захираи электронӣ]. –Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022).

[363] Ниг.: Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 22 декабря 2003 г. № 58/174 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org (санаи муроҷиат: 22.08.2022).

Дар як қатор санадҳои байналмилалие, ки СММ қабул кардааст, мафҳуми «экстремизм» ҳамчун синоними мафҳумҳои «нажодпарастӣ», «ксенофобия», «миллатгароӣ» ва ғайра истифода мешавад. Дар дигар санадҳои меъёрии таҳия намудаи СММ маҳкумияти байналмиллалии ҳуқуқии дигар намудҳои зуҳуроти экстремизм, ки ба ҷанбаҳои миллӣ, нажодӣ ва динӣ асос ёфтаанд, ишора мешавад. Мисоли ин Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ (аз 7 марти соли 1966 мебошад), ки бартарии он мустаҳкам намудани мафҳуми табъизи нажодӣ дар ин санад пешбинӣ шудааст. Ба сифати нишонаҳои он фарқиятҳо, ки нишонаҳои нажодӣ, миллӣ ва пайдоиши этникӣ асос ёфтааст, мебошад[364].

Ҳамин тариқ, муқаррароти Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ (аз 18 ноябри соли 1992) шахсияти гурӯҳҳои иҷтимоии дар боло зикршударо танзим мекунад, қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ № 36/55[365] (аз 25 ноябри соли 1992) ҳама гуна таҳаммулнопазирӣ ва табъизро дар асоси дин ва эътиқод маҳкум мекунад. Ҳангоми муайян намудани мазмуни мафҳумҳои зикршуда дар алоҳидагӣ, беихтиёр аломатҳои экстремизми зӯроварона ё ғайризӯроварона ҷилвагар мешаванд.

Вобаста ба ин Н.Т. Бунимович, Г.Г. Жаркова ва дигарон таҳқиқот бурда, иброз медоранд, ки истилоҳи «бегонаҳаросӣ» («ксенофобия») маънои тарси дурнашаванда аз одамони ношинос, ҳарос аз бегонагон, бадбинӣ, таҳаммулнопазрӣ, кина ва нафрат ба шахсони пайрави дин, фарҳанг, миллати дигар, ба аҷнабиён, намояндагони манотиқи дигар, инчунин ба ягон чизи бегона ва ё берун аз одатро дорад[366]. Аз сабаби он ки дар таърифи мазкур амалҳои мушаххаси бевосита барои зӯроварӣ даъваткунанда дар назар дошта нашудааст, ба фикри мо, мафҳуми мазкур шакли ғайризӯроваронаи экстремизмро ифода мекунад.

Моддаи 1 Протоколи иловагӣ II аз соли 1977 ба Конвенсияҳои Женева оид ба ҳифзи ҷабрдидагони даргириҳои мусаллаҳи ғайри байналмилалӣ тавсия медиҳад, ки ҳар як муноқишаи мусаллаҳ бояд зуҳуроти экстремизми байналмилалӣ ҳисоб карда шавад, агар иштирокчиёни он аз доираи меъёрҳои умумиэътирофшудаи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ берун раванд[367].

Бояд қайд кард, ки аксари санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки таҳти сарпарастии СММ таҳия шудаанд, асосан хусусияти декларативӣ дошта,

---

[364] Ниг.: Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ аз 7 марти соли 1966 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/uploads/main (санаи муроҷиат: 22.08.2022).

[365] Ниг.: Декларация о правах лиц, принадлежащих к национальным или этническим, религиозным и языковым меньшинствам: принята резолюцией 47/135 на 92-м пленарном заседании 47-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН 18 декабря 1992 г.; Декларация о ликвидации всех форм нетерпимости и дискриминации на основе религии или убеждений: Принята Резолюцией 36/55 на 73-м пленарном заседании Генеральной Ассамблеи ООН 25 ноября 1981 г. // СПС «КонсультантПлюс».

[366] Ниг.: Краткий словарь современных понятий и термингов / Н.Т. Бунимович, Г.Г. Жаркова, Т.М. Корнилова. - М.: Республика, 2000. – С. 280

[367] Ниг.: Дополнительный протокол к Женевским конвенциям от 12 августа 1949 г., касающийся защиты жертв международных вооруженных конфликтов (Протокол II). Женева, 8 июня 1977 г. // Сборник международных договоров СССР. М., 1993. Вып. 46. – С. 182–191.

на танҳо номгӯи амалҳои экстремизмро (ба истиснои терроризм), инчунин таърифи экстремизм ва хусусиятҳои он, балки ҳама гуна механизмҳои муассири ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм байни кишварҳоро низ дар бар намегиранд[368]. Илова бар ин, қисми зиёди онҳо ба экстремизм тобиши истисноии мазҳабӣ ва нажодӣ медиҳанд, дар ҳоле ки ангезаҳои сиёсиро "дар канор" мегузоранд. Ҳолатҳои дар боло зикршуда аз мавҷудияти камбудиҳо дар санадҳои дар боло зикргардидаи қонунгузории байналмилалӣ шаҳодат медиҳанд. Мо боварӣ дорем, ки таҳияи хулосаҳои мувофиқи консептуалӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии мубориза бо экстремизм ва зуҳуроти радикалии он – терроризм мусоидат намояд.

Хусусияти қонунгузории Шурои Аврупо, ки ба муқовимат ба экстремизм нигаронида шудааст, таҳияи чораҳои пешгирикунанда тавассути призмаи мубориза бо терроризм бо ҷиҳатҳои нажодӣ ва мазҳабӣ мебошад. Намунаи ин замимаи 3-и Эъломияи Вена (аз 9 октябри соли 1993) мебошад, ки нақшаи чорабиниҳоро оид ба мубориза бо нажодпарастӣ, ксенофобия, антисемитизм ва таҳаммулнопазирӣ дар бар мегирад. Замимаи мазкур ба давлатҳои аъзои Шурои Аврупо тавсия медиҳад, ки барои баланд бардоштани сатҳи таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа, дар асоси меъёрҳои аз ҷониби умумиэътирофшудаи ҳуқуқ ва ахлоқ фаъолиятҳои фаъол анҷом диҳанд. Ҳамчун самтҳои асосӣ, дар ҳуҷҷати таҳлилшуда таъсиси кумитаи коршиносони ҳукуматии Шурои Аврупо барои таҳияи тавсияҳо оид ба мубориза бар зидди нажодпарастӣ, ксенофобия, антисемитизм ва таҳаммулнопазирӣ ва кумитаҳои миллии кишварҳои узви Шӯрои Аврупо оид ба ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷавонони Аврупо пешниҳод шудааст[369].

Мазмуни ҳуҷҷатҳое, ки ба муқовимат ба зуҳуроти экстремизм нигаронида шудаанд ва аз ҷониби Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ)[370] таҳия шудаанд, вижагиҳои худро дорад. Натиҷаи муҳими фаъолияти СҲШ 15 июни соли 2001 қабули Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм[371] буд, ки Тоҷикистон низ узви он мебошад. Ҳуҷҷати мазкур пешбинӣ мекунад, ки ҷонибҳое, ки Конвенсияи мазкурро имзо ва тасвиб кардаанд, дар соҳаи экстремизм бо назардошти хусусиятҳои қонунгузории миллии кишварҳои иштирокчӣ ҳамкорӣ мекунанд.

Дар доираи татбиқи самтҳои асосии Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм 5 июли соли 2005 Консепсияи ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ дар мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм қабул карда шуд, ки дар он мақсад

---

[368] Ниг.: Никитин А.Г. Экстремизм как объект общетеоретического и общеправового анализа: дис. канд. юрид. наук. – Казань, 2010. – С. 105.

[369] Ниг.: Европейская конвенция о пресечении терроризма (ETS N 90): заключена в Страсбурге 27 января 1977 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/2541141/ (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[370] Ниг.: Декларации о создании Шанхайской организации сотрудничества от 15 июня 2001 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show (санаи муроҷиат 22.08.2022)

[371] Ниг.: Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 15 июня 2001 г. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

ва принсипҳои асосии муқовимат бо экстремизм муқаррар карда шудааст. Конвенсияи мазкур терроризм ва дигар шаклҳои зуҳурёбии экстремизмро новобаста аз ангезаҳо ва ашхоси содиркардаи онҳо ҳамчун амали ғайриқонунӣ тасниф мекунад. Самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо экстремизм бояд гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои пешгирикунанда, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва дигар амалҳоро дарбар гиранд[372].

Дар Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм мафҳуми экстремизм низ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 1-и ин Конвенсия экстремизм – ин кирдори бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, ҳамчунин бо роҳи зӯроварӣ вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла бо ҳамин мақсад ташкил намудани воҳидҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ё иштирок дар онҳо, ки бо тартиби ҷиноятӣ таъқиб карда мешаванд, мебошад.

М.А. Ҳадисов бо муқоисаи мафҳуми экстремизм дар Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи мубориза бо фаъолияти экстремистӣ» ва Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм қайд мекунад, ки мафҳуми дар охир зикршуда «воқеан танҳо як шакли зуҳури экстремизмро дар бар мегирад, яъне тағйири зӯроваронаи асосҳои сохти конститутионӣ ва вайрон кардани якпорчагии давлат. Бо ин ҳама мафҳуми конвенсионӣ хеле васеъ буда, на тобиши ҳуқуқӣ, балки бештар тобиши сиёсӣ дорад». Бо вуҷуди ин изҳорот, чи тавре ки дуруст менависад Б.Ш. Қурбонзода, дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм намунаи ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя дар соҳаи таъмини амният мебошад[373].

Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамкории тарафҳо дар муқовимат ба экстремизм баста шудааст. Тибқи муқаррароти ин Конвенсия муқовимат бо экстремизм ин фаъолияти тарафҳо, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини тамомияти марзӣ мебошад. Ба амнияти миллӣ аз экстремизм, ошкор сохтан ва пешгирӣ намудани экстремизм, бартараф намудани таъсири он, инчунин ошкор ва бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки барои татбиқи он мусоидат кардааст, равона карда шудааст.

Дар баробари тарафдорӣ аз таърифи ҳадафҳои экстремизм, ки дар Конвенсияи болозикр муқаррар шудаанд, зикр кардани баъзе аз камбудиҳоро зарур мешуморем. Чунин ба назар мерасад, ки таҳдиди муосири экстремизм танҳо бо ҳамла ба сохти конститутсионӣ ё амнияти

---

372 Ниг.: Концепция сотрудничества государств – членов Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) в борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 5 июля 2005 года // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.kremlin.ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

373 Ниг.: Курбонзода Б.Ш. Понятие и сущность экстремизма в современном мире // Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. - №5. - С. 235

ҷамъиятии давлатҳо маҳдуд намешавад. Экстремизмро ҳамчун таҳдид ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян намуда, бояд як ҳадафи дигар – халалдор кардани амнияти ҷаҳониро ба миён гузошт. Ин имкон медиҳад, ки нисбат ба кирдорҳое, ки ба сулҳу амнияти инсоният таҷовуз мекунанд, ҳамчун навъи ҷинояти хусусияти экстремистиро мегирад.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви он мебошад, дар мубориза бо экстремизм нақши бориз дорад. Бо дарназардошти зарурати ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, инчунин таҳияи равишҳои ягонаи баҳодиҳии амалҳои ғайриқонунӣ, бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 17 феврали соли 1996 Кодекси ҷиноятии намунавӣ қабул карда шуд. Ҳуҷҷати мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, равишҳои умумии мубориза бо ҷинояткории давлатҳои иштирокчии таҳия ва имзои санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро инъикос менамояд. Кодекси ҷиноятии мавриди назар як қатор ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро дар бар мегирад, ки ба меъёрҳои шабеҳ комилан мувофиқанд, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21 майи соли 1998 қабул карда шудааст, мувофиқат мекунанд.

Кишварҳои аъзои ИДМ 21 июни соли 2000 тамоми хатари ҷамъиятии ҷиноятҳои экстремистиро дарк намуда, «Барномаи давлатҳои аъзои ИДМ оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти экстремизм барои давраи то соли 2003» тасдиқ карда шудаанд. Ин санад, ки аввалин санади қонунгузории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба муқовимат ба экстремизм буд, заминаи ҳамкориҳои самарабахши байналмилалиро барои мубориза бо ин зуҳурот гузошт.

Аз ҷумла, мақсади Барнома ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар муқобили терроризм ва дигар зуҳуроти экстремизм буд. Ҳамзамон ҳамкориҳои кишварҳои узви ИДМ бо риояи манфиатҳои миллии онҳо ва дар шакли давлатҳои манфиатдор сурат мегирифт. Бартарии асосии ин санад дар он буд, ки дар заминаи он таҳияи Лоиҳаи Қонуни намунавӣ оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти экстремизм гардид, ки дар натиҷаи он 8 декабри соли 2003 бори аввал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул гардид, ки дар он асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди экстремизм, татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи мубориза бар зидди экстремизм, таъмини ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди экстремизм, муайян намудани асосҳои ҳуқуқию ташкилии мубориза бар зидди фаъолияти экстремистӣ, муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои амалӣ шудани он, ташаккули вазъи тоқатнопазирӣ дар байни мардуми ҷумҳурӣ нисбат ба экстремизм, инчунин ошкоркунӣ, пешгирӣ ва роҳ надодан ба фаъолияти экстремистӣ, рафъи сабабҳо ва шароитҳое, ки ба пайдошавии экстремизм мусоидат мекунанд, мустаҳкам карда шуд[374].

---

374 Ниг.: Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат. Нашри 2. – Душанбе: Баҳманруд, 2019. – С. 5.

Бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ аз 26 августи соли 2005 "Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти зӯроварии экстремизм барои солҳои 2005-2007" қабул гардид, ки дар доираи он барои амалӣ гардондани амалҳои якҷояи мубориза бар зидди ҷиноятҳои экстремистӣ тадбирҳо андешида шуданд.

Марҳилаи навбатии мубориза бо ҷиноятҳои экстремистӣ аз 5 октябри соли 2007 қабули Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти зӯроварии экстремизм барои солҳои 2008-2010 буд[375]. Натиҷаҳои пешбинишудаи ин барнома аз инҳо иборат буд: ҳамкориҳои фаъоли давлатҳои аъзои ИДМ, баланд бардоштани самаранокии ҳамоҳангшуда ва муштараки байниидоравии пешгирикунанда, оперативӣ - ҷустуҷӯӣ ва амалиёти махсус оид ба мубориза бо терроризм ва дигар зуҳуроти зӯроваронаи экстремизм.

Дар доираи барномаи болозикр 14 майи соли 2009 бо Қарори 32-9 дар ҷаласаи 32-юми пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ «Қонуни намунавӣ оид ба мубориза бо экстремизм»[376] омода ва қабул гардид. Муваффақияти ин қонун, аз нигоҳи мо, дар моддаи 1 дар сатҳи меъёрӣ таҳкими таърифе буд, ки мафҳуми «экстремизм»-ро ҳамчун таҷовуз ба пояҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, инчунин вайронкунии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ки дар натиҷаи инкор намудани меъёру қоидаҳои ҳуқуқӣ ва (ё) дигар меъёру қоидаҳои рафтори ҷамъиятӣ, ки аз тарафи меъёрҳои умумиэътирофшуда ба амал омадааст, муайян мекунад[377]. Таърифи пешниҳодшуда ба ду меъёри асосӣ бунёд ёфтааст. Якум, доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавриди ҳамлаҳои экстремистӣ қарор доранд (аз ҷумла, асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд). Дуюм, ангезаи зуҳуроти экстремистӣ, яъне инкор кардани меъёру қоидаҳои рафтори ҳуқуқӣ ва (ё) дигар меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори ҷамъиятӣ мебошад.

Умуман, дар баробари баҳои мусбат додан ба кушиши тартиб додани таърифи падидаи таҳқиқшаванда қайд мекунем, ки дар он камбудиҳо низ ҷой дорад. Якум, дар муайян кардани доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бевосита ба зуҳуроти ифротгароӣ дучор мешаванд, равшан нест. Дуюм, аломатҳои экстремизм пурра ва мушаххас дарҷ карда нашудааст.

Бо назардошти ин ва дигар омилҳои мавҷуда, пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми умумиэътирофшудаи экстремизм дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби СММ, СҲШ ва ИДМ

---

[375] Ниг.: О Программе сотрудничества государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом и иными насильственными проявлениями экстремизма на 2008–2010 годы: Решение Совета глав государств Содружества Независимых Государств [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[376] Ниг.: Информационный бюллетень. Межпарламентская Ассамблея государств – участников Содружества Независимых Государств, 2009. № 44/09. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://iacis.ru/deyatelnost/izdatelskaya (санаи муроҷиат 22.08.2022)

[377] Ниг.: О Программе сотрудничества государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом и иными насильственными проявлениями экстремизма на 2014–2016 годы: решение Совета глав государств Содружества Независимых Государств: принято в г. Минск 25 октября 2013 г. // СПС «Консультант Плюс».

омодашаванда пешниҳод карда шуда, дар он масъалаҳои бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, ҳамчунин бо роҳи зӯроварӣ вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ, ташкил намудани воҳидҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ё иштирок дар онҳо ба назар гирифта шаванд.

**Адабиёт:**


1. Долгова А.И., Гуськов А.Я., Чуганов Е.Г. Проблемы правового регулирования борьбы с экстремизмом и правоприменительной практики. – М.: Академия Генеральной прокуратуры Российской Федерации, 2010. – 244 с.
2. Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма: принята Резолюцией 49/60 на 84-м пленарном заседании Генеральной Ассамблеи ООН 9 декабря 1994 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022).
3. Декларация о правах лиц, принадлежащих к национальным или этническим, религиозным и языковым меньшинствам: принята резолюцией 47/135 на 92-м пленарном заседании 47-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН 18 декабря 1992 г.
4. Декларация о ликвидации всех форм нетерпимости и дискриминации на основе религии или убеждений: Принята Резолюцией 36/55 на 73-м пленарном заседании Генеральной Ассамблеи ООН 25 ноября 1981 г. // СПС «КонсультантПлюс».
5. Дополнительный протокол к Женевским конвенциям от 12 августа 1949 г., касающийся защиты жертв международных вооруженных конфликтов (Протокол II). Женева, 8 июня 1977 г. // Сборник международных договоров СССР. – М., 1993. Вып. 46. – 496 с.
6. Декларации о создании Шанхайской организации сотрудничества от 15 июня 2001 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show (санаи муроҷиат 22.08.2022)
7. Европейская конвенция о пресечении терроризма (ETS N 90): заключена в Страсбурге 27 января 1977 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/2541141/ (санаи муроҷиат: 22.08.2022)
8. Информационный бюллетень. Межпарламентская Ассамблея государств – участников Содружества Независимых Государств, 2009. № 44/09. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://iacis.ru/deyatelnost/izdatelskaya (санаи муроҷиат 22.08.2022)
9. Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ аз 7 марти соли 1966 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/uploads/main (санаи муроҷиат: 22.08.2022).
10. Краткий словарь современных понятий и термингов / Н.Т. Бунимович, Г.Г. Жаркова, Т.М. Корнилова. – М.: Республика, 2000. – 669 с.
11. Концепция сотрудничества государств – членов Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) в борьбе с терроризмом,

сепаратизмом и экстремизмом от 5 июля 2005 года // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.kremlin.ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

12. Курбонзода Б.Ш. Понятие и сущность экстремизма в современном мире // Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. – №5. – 337 с.

13. Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат. Нашри 2. – Душанбе: Баҳманруд, 2019. – 205 с.

14. Никитин А.Г. Экстремизм как объект общетеоретического и общеправового анализа: дис. канд. юрид. наук. – Казань, 2010. – 257 с.

15. О Программе сотрудничества государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом и иными насильственными проявлениями экстремизма на 2008–2010 годы: Решение Совета глав государств Содружества Независимых Государств [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

16. О Программе сотрудничества государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом и иными насильственными проявлениями экстремизма на 2014–2016 годы: решение Совета глав государств Содружества Независимых Государств: принято в г. Минск 25 октября 2013 г. // СПС «Консультант Плюс».

17. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 22 декабря 2003 г. № 58/174 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org (санаи муроҷиат: 22.08.2022).

18. Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 15 июня 2001 г. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

19. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 22.08.2022).

# МАСЪАЛАИ УМУМӢ-НАЗАРИЯВИИ ЭЪТИРОФ НАМУДАНИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТИ ИФЛОС КАРДАНИ ОБ

**Абдуллозода Баҳодур Вали,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
**Тел:** (+992) 989-09-46-42
**Email:** bakhodur.vali@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Шарипов Т Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи эътироф кардани шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷинояти ифлос кардани об баррасӣ мегардад. Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи мазкур андешаҳои гуногун ифода ёфтаанд. Худи муаллиф қайд мекунад, ки эътироф кардани шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятии мамлакатамон масъалаи нав намебошад.

Муаллиф баён медорад, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои оилаи ҳуқуқии англо-саксонӣ шахсони ҳуқуқӣ дар баробари шахсони воқеӣ, субъекти ҷиноят эътироф мешаванд. Дар Тоҷикистон бошад, КҶ ҶТ, ки соли 1998 қабул гардидааст, муқаррарот оид ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ҷой надорад.

Дар мақолаи мазкур муаллиф асоснок мекунад, ки татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ба принсипи гунаҳгорӣ мухолифат накунад ҳам, аммо ба «принсипи классикии қонуни ҷиноятӣ – принсипи масъулияти шахсии гунаҳгор», яъне ҷавобгарии фардӣ мувофиқат намекунад. Ба ақдаи ӯ татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ба шахси ҳуқуқӣ умуман боиси татбиқи ҷазо ба шахсоне мегардад, ки ба ҷинояти содиршуда ягон алоқае надоранд.

**Калидвожаҳо:** Ифлос кардани об, шахсони ҳуқуқӣ, субъекти ҷиноят, ҷавобгарии фардӣ, ҷарима, мукаллафӣ, принсипи гунаҳгорӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, кодекси ҷиноятӣ, таркиби ҷиноятӣ, объекти ҷиноят, тарафи субъективӣ.

# ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ВОПРОС ПРИЗНАНИЯ ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ СУБЪЕКТАМИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ЗАГРЯЗНЕНИЯ ВОДЫ

**Абдуллозода Баходур Вали,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры

уголовного права и противодействия коррупции
**Тел:** (+992) 989-09-46-42.
**Email:** bakhodur.vali@mail.ru

**Научный руководитель:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье рассматривается вопрос о признании юридических лиц субъектами преступления загрязнения воды. В законодательстве зарубежных стран и юридической литературе по этому вопросу высказываются разные мнения. Сам автор отмечает, что признание юридических лиц субъектами преступления, не является новой проблемой в отечественной науке уголовного права.

Автор констатирует, что в уголовном законодательстве стран англо - саксонской правовой семьи юридические лица признаются субъектами преступлений наряду с физическими лицами. В Таджикистане Уголовный кодекс Республики Таджикистан, принятый в 1998 году, не содержит положений об уголовной ответственности юридических лиц.

В данной статье автор обосновывает, что применение уголовной ответственности к юридическим лицам, не противоречит принципу вины, но не соответствует «классическому принципу уголовного права - принципу личной ответственности виновного». По его мнению, применение уголовного наказания к юридическому лицу, в целом, приводит к применению наказания к лицам, не имеющим никакого отношения к совершенному преступлению.

**Ключевые слова:** Загрязнение воды, юридические лица, субъект преступления, личная ответственность, штраф, вменяемость, принцип виновности, уголовная ответственность, уголовный кодекс, состав преступления, объект преступления, субъективная сторона.

## GENERAL THEORETICAL ISSUE OF RECOGNIZING LEGAL ENTITIES AS SUBJECTS OF THE CRIME OF WATER POLLUTION

**Abdullozoda Bakhodur Vali,**
Tajik National University, Law Faculty, assistant of the Department of criminal law and combatting the corruption
**Phone:** (+992) 989-09-46-42
**Email:** bakhodur.vali@mail.ru

**Scientific supevisor:** Safarzoda A.I., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Sharipov T.Sh., Doctor of Legal Sciences, Professor

**Annotation**: This article discusses the issue of recognizing legal entities as subjects of the crime of water pollution. In the legislation of foreign countries and legal literature, different opinions are expressed on this issue. The author himself notes that the recognition of legal entities as subjects of a crime is not a new problem in the domestic science of criminal law.

The author states that in the criminal legislation of the countries of the Anglo-Saxon legal family, legal entities are recognized as subjects of crimes along with individuals. In Tajikistan, the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, adopted in 1998, does not contain provisions on the criminal liability of legal entities.

In this article, the author substantiates that the application of criminal liability to legal entities does not contradict the principle of guilt, but does not correspond to the "classical principle of criminal law - the principle of personal responsibility of the perpetrator." In his opinion, the application of criminal punishment to a legal entity as a whole leads to the application of punishment to persons who have nothing to do with the crime committed.

**Key words:** Water pollution, legal entities, subject of crime, individual responsibility, fine, sanity, principle of guilt, criminal liability, criminal code, corpus delicti, object of the crime, subjective side.

Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо шахси воқеиро ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф мекунад. Моддаи 22 КҶ ҶТ бевосита инро нишон медиҳад[378]. Қонунгузор аз принсипи ҳуқуқи римии – Societas delinquere non potest (шахси ҳуқуқӣ ҷиноят содир карда наметавонад) бармеояд.

Солҳои охир дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳоди субъекти ҷиноят эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ ба миён омадааст[379]. Ҳамчунин пешниҳод шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ барои ҷиноятҳои экологӣ ҷой дошта бошад[380].

Ин масъала барои илми ҳуқуқии ҷиноятии ватанию хориҷӣ нав нест. Қонуни ҷиноятии дохилӣ одатан субъектҳои коллективии ҷиноятро эътироф намекунад. Барои чунин иттиҳодияҳое, ки дер боз ҳамчун субъекти ҳамлаҳои ҷиноятӣ эътироф шудаанд (гурӯҳ, гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, гурӯҳи мусаллаҳи ғайриқонунӣ) истисно карда шуд, аммо ҳатто дар ин ҳолат ҳам қонунгузор ва таҷрибаи судӣ пайваста таъкид мекунанд, ки ҷавобгариро аъзоёни чунин иттиҳодияҳо ба таври инфиродӣ дошта бошанд. Аз мавқеи ҳуқуқи ҷиноятӣ (инчунин ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи маданӣ) танҳо дар бораи ҷавобгариии шахсоне сухан гуфтан мумкин аст, ки мустақилияти ҳуқуқӣ доранд. Гурӯҳи ғайрирасмӣ, аз ҷумла як гурӯҳи ҷиноятӣ, чунин мустақилият надорад. Аз ин рӯ, гуруҳ не, балки аъзоёни он маҳкум карда мешаванд.

---

[378] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон аз 21 майи соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68.

[379] Никифиров А.С. Юридическое лицо как субъект преступления // Гос. и право. – 2000. — № 8.— С. 26-27.

[380] Виноградова Е. Юридические лица должны нести ответственность за экологические преступления // Российская юстиция. – 2001. — № 8. – С.62-63.

Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои оилаи ҳуқуқии англо-саксонӣ шахсони ҳуқуқиро (корпоратсияҳоро) дар баробари шахсони воқеӣ, ҳанӯз дар асри 18 субъекти ҷиноят эътироф намуда буд, вақте ки дар Англия барои "ҳаҷвияи пурбуҳтон", "расонидани зарар" ва иҷро накардани уҳдадории пешбининамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд . Аз он замон то инҷониб ин институт дар тараққиёт роҳи дуру дарозеро тай намуд.

Кодекси ҷиноятии иёлоти Ню-Йорк ҷавобгариро дар фасли 20 пешбинӣ мекунад, ки "корпоратсия дар содир кардани таҷовуз гунаҳгор аст, агар рафторе, ки вайронкуниро ташкил медиҳад ... барои вайрон кардани фасли 71.2721 Қонуни ҳифзи муҳити зист равона гардида бошад"[381].

Кодекси ҷиноятии Огайо, ки дар охири асри XX қабул шудааст, рӯйхати муфассали шартҳоро барои ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани корпоратсия ва кормандони он (мансабдорон, агентҳо ва кормандони ташкилот) пешниҳод мекунад. Тибқи моддаи 2901.23 «ташкилот метавонад дар содир намудани таҷовуз гунаҳгор дониста шавад, агар он иҷро накардани ягон вазифаи мушаххасе бошад, ки қонун ба зиммаи ташкилот гузоштааст ва дар ҳолате, ки агар бо гунаҳгорӣ амал намояду, ҳуқуқвайронкунии вай аз ҷониби шурои директорон иҷозат дода шудааст, дархост шудааст, фармоиш дода шудааст".

Кодекси ҷиноятии Фаронса ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад. Н.Е. Крилова қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ мувофиқи Кодекси ҷиноятии Фаронса аз соли 1992 иловагӣ, шартӣ ва махсус мебошад. Шахсони ҳуқуқӣ метавонанд танҳо дар баробари шахсони воқеӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, на ба ҷои онҳо[382]. Гузашта аз ин, чунон ки Т.М. Клюканов пайхас бурд, «...ҷазои шахсони ҳуқуқӣ назар ба ҷазои шахсони воқеӣ чандин баробар сахттар аст»[383].

Ин ниҳод пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ аз ҷониби қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳои Аврупои континенталӣ, пеш аз ҳама Нидерландия ва кишварҳои Скандинавия ба кор гирифта шудааст. Ин падидаро метавон ҳамчун як ҳолати махсуси тамоюли наздикшавии системаҳои танзими ҳуқуқии мамлакатҳои мутараққии муосир арзёбӣ кард.

Дар охири асри XX давлати мо бо ҳамон мушкилоте (вале дар шакли шадидтаре) рӯбарӯ шуд, ки дар давраи таъсиси капитализм кишварҳои пешрафтаи Ғарб ва кишварҳои Аврупои Шарқӣ (охири асри 19 – ибтидои асри 20) рӯбарӯ шуда буданд.

Дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии объектҳои об вазъият аз инҳо дида тезу тунд мегардад: шумораи зиёд ва гуногунии обистифодабарандагони ғайримуташаккил; ба таври дахлдор танзим нашудани муносибатҳои моликиятӣ ба замин, ки дар объектҳои табиии об

---

381 Уголовное право буржуазных стран // Сборник законодательных актов. – М.,1990. – С.59- 61.

382 Крылова Н. Е. Основные черты нового уголовного кодекса Франции. – М.: Изд-во СПАРК, 1996. – С. 54.

383 Клюканова Т.М. Уголовное право зарубежных стран: Германия, Франция, Финляндия. — СПб.: Изд-во СПб. ун-та, 1996. – С. 31.

ҷойгиранд; истифодаи васеи об (дар натиҷаи истифодаи технологияҳои кӯҳна дар шароити афзоиши шумораи истеъмолкунандагон); вайрон кардани экосистемаҳои ландшафтӣ ва вайрон кардани муҳити зисти организмҳои обӣ.

Аз ин рӯ, масъалаи муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии ташкилотҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи нав нест. Он ҳанӯз дар соли 1912 аз ҷониби ҳуқуқшиноси рус С.В.Познишев, инчунин аз ҷониби криминологҳои пешбари ИМА ва Аврупои Ғарбӣ дар Конгресси Бухарест оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ (1929) таҳқиқ гардидааст.

Аммо агар дар Аврупои континенталӣ қобили қабул будани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ дар Конгресси VI байналмилалии ҳуқуқи ҷиноятӣ (Рим, 1953) ва Конгресси VII байналмилалӣ (Афина, 1957) тасдиқ карда шуда бошад, пас дар кишвари мо то охири солҳои 60-ум ин масъала умуман ба назар гирифта нашудааст. Корхонаи давлатӣ дар он солҳо «филиал», сехи корхонаи давлатии бузург ҳисоб меёфт, ҷавобгари ҷиноятии давлати шӯравиро чӣ тавр муҳокима кардан мумкин буд?

Дар ИҶШС яке аз аввалинхо шуда, ин масъалаҳоро А.Н.Трайнин омӯхта буд. Ӯ ба таҳқиқи масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният машғул буд. Дар рафти таҳқиқоташ масъалаи ҷавобгарии корпоратсияҳои байналмилалӣ барои вайрон кардани қонуни ҷиноятии миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Олим ба хулосае омад, ки дар шароити муайян нисбати шахсони ҳуқуқӣ метавонанд ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ ба миён ояд, агар кирдори ҷиноятӣ аз ҷониби мақомот ва роҳбарони ин шахси ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ содир шуда бошад[384].

Дар Конгресси XII Ассотсиатсияи байналмилалии ҳуқуқи ҷиноятӣ (Париж, 1979) масъалаҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экологии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҷумлаи афзалиятҳо номида шуданд. Дар мамлакати мо дар ин давра тадриҷан эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқвайронкуниҳои алоҳида, пеш аз ҳама зидди муҳити зист ва муносибатҳои муайяни молиявию иктисодӣ (пеш аз ҳама дар қонунгузории маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба амал меояд.

Ҳанӯз дар ҳамон солҳо маълум гардид, ки як қатор кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки шахсони ҳуқуқӣ умуман аз доираи ҷавобгарии ҳуқуқӣ берун мемонанд: истифодаи технологияи куҳнашудаи истеҳсолӣ аз тарафи корхонаҳои бузурги фаромиллӣ, аз меъёри иҷозатдодашуда зиёд партофтани партовҳои моддаҳои зарарнок ба атмосфера ва объектҳои об, ташкилотҳхои коммуналӣ; ифлос кардан ва вайрон кардани объектҳои об ҳангоми сохтмони коммуникатсияҳои гуногун, ки боиси обхезии иншоотҳо, зери об мондани замин, вайрон шудани режими оби дарёю чашмаҳо мегардад.

Ниҳоят, чаро шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар кишвари мо фаъолона кор мекунанд, барои зарари экологӣ дар кишвари худашон ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванду, аммо дар Тоҷикистон не?

[384] Клюканова Т.М. Уголовное право зарубежных стран: Германия, Франция, Финляндия. — СПб.: Изд-во СПб. ун-та, 1996. – С. 259.

Агар ба таҷриба Федератсияи Русия назар афканем, маълум мегардад, ки аз давраҳои аввали қабули Кодекси ҷиноятии пасошӯравӣ кӯшиши муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ҷой дошт. Ин асосан ба он вобаста аст, ки дар лоиҳа аввали Кодекси ҷиноятии ФР аз соли 1994, ки аз ҷониби Вазорати адлия ва Раёсати давлатии ҳуқуқии назди Президент таҳия ва ба муҳокимаи Думаи давлатӣ пешниҳод шуда буд, боберо дар бар мегирифт, ки "Ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ" ном дошт.

Ин пешниҳод дар асоси Тавсияномаи № (88)18 Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба ҷавобгарии корхонаҳо – шахсони ҳуқуқӣ барои ҷиноятҳое, ки дар рафти фаъолияти хоҷагиашон содир карда шудаанд, таҳия гардида буд. Дар Тавсиянома пешниҳод карда шудааст, ки корхонаҳо барои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ содир карда шудаанд, аз ҷумла ҳолатҳое, ки ҳуқуқвайронкунӣ ба иҷрои вазифаҳои корхона вобаста набошад. Илова бар ин, корхона бояд новобаста аз ошкор шудани шахсе, ки дар амал ё беамалии ӯ ҷиноят ҳисобида мешавад, ҷавобгар бошад[385].

Баррасии масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ аз он ҷиҳат аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки ҳанӯз соли 1973 Кумитаи аврупоии Шӯрои Аврупо оид ба ҷинояткорӣ ба мақомоти олии қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо тавсия дода буд, ки шахсони ҳуқуқиро ҳамчун субъектҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экологӣ эътироф кунанд. Моҳи апрели соли 1992 ин Тавсиянома дар семинари аврупоӣ дар шаҳри Лауҳаммер (Олмон), ки махсусан ба масъалаҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бахшида шуда буд, тасдиқ карда шуд. Аммо ин лоиҳаи қонуни ҷиноятӣ аз тарафи Маҷлиси Федералии ФР дастгирӣ наёф, танҳо соли 2001 ин институт дар моддаи 2.10 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Русия муқаррар карда шуд.

Дар Тоҷикистон бошад, КҶ ҶТ, ки соли 1998 қабул гардидааст, муқаррарот оид ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ҷой надорад. Сабабашро дар инҳо дидан мумкин аст:

- Кодекси ҷиноятии моделӣ барои мамлакатҳои аъзои ИДМ ин ниҳодро муқаррар накардааст;
- Қонунҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошӯравӣ, ки пеш аз КҶ ҶТ қабул гардида буданд, ин ниҳодро дастгирӣ накарданд;
- Дар замони муосир масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ барои давлатҳои ИДМ нав набошад ҳам, аммо ба дараҷаи кофӣ инкишоф наёфтааст.

Яке аз ақидаҳое, ки мухолифи ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ он аст, ки дар ин ҳолат принсипи ҷавобгарии гунаҳгорона риоя карда намешавад, зеро муқаррар намудани гуноҳи шахси ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. «Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ба чунин принсипи қонуни ҷиноятӣ, ба монанди гунаҳгорӣ мухолиф аст. Гуноҳ танҳо ба шахсони алоҳида дахл дорад... ба шахсони ҳуқуқӣ

[385]Волженкин Б.В. Уголовная ответственность юридических лиц. — СПб.: Изд-во Юридического института Генеральной Прокуратуры РФ, 1998. – С. 27.

чунин мафҳумҳо, аз қабили мукаллафӣ, расидан ба синни муайян, ки аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят мебошанд, татбиқ карда намешаванд»[386].

Муаллифони ин нуктаи назар аз он бармеоянд, ки дар амали шахси ҳуқуқӣ муносибати равонии субъектро нисбат ба кирдори содиршуда муқаррар кардан мумкин нест.

Аммо дар назарияи ҳуқуқ гуноҳи субъекти хоҷагидориро муқаррар кардан мумкин аст. Масалан, Г.К. Матвеев менависад, ки гуноҳи ташкилот гуноҳи шахсоне мебошад, ки онро ташкил мекунанд, инчунин шахсоне, ки фаъолияти онро ташкил мекунанд[387] . «Мазмуни равонии гунаҳгорӣ дар ин ҷо иродаи нодурусти ҳамаи ин шахсон мебошад, ки ҳам дар қасдан вайрон кардани ӯҳдадориҳои хизматӣ ва ҳам дар муносибати ғайри қобили қабул нисбат ба вазифаи худ ифода ёфта, боиси беэҳтиётона расонидани зарар гардидааст»[388]. Чунин мавқеъро Н.С.Малеин[389] ва В.Д. Резвих[390] низ дастгирӣ мекунанд.

Ба фикри мо ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ҳуқуқӣ принсипи гунаҳгориро инкор намекунад. Масалан, дар моддаи 10 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, ки принсипи ҷавобгарӣ ва гунаҳгории инфиродӣ ном дорад, қайд мегардад, ки “Шахси воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои он кирдоре (амале ё беамалие) ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки гуноҳаш дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ исбот шудааст”. Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки шахсони ҳуқуқӣ низ гуноҳ дошта метавонанд ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо мумкин аст.

Тибқи моддаи 31 КҲМ ҶТ “1. Шахси ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. 2. Шахси ҳуқуқӣ ҳамчунин метавонад барои кирдори (амал ё беамалии) шахси воқеие, ки дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гунаҳгор дониста шудааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, нисбати онҳо ҷазои маъмурӣ татбиқ гардад, ба шарте, ки муқаррар карда шавад, ки ин шахси воқеӣ ҳамчун намояндаи (узв, роҳбари) шахси ҳуқуқӣ кирдори ғайриқонуниро ба манфиати онҳо содир кардааст...”.

Ҳоло бисёр муаллифон ба он назаранд, ки шахсони ҳуқуқӣ низ барои содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Ба фикри А.Ю. Филаленко дар шароите, ки ҷинояти ифлос кардани об бештар аз тарафи корхонаҳои саноатӣ сурат мегирад, хуб мебуд, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ҷой дошта бошад. Ин бо роҳи

---

[386] Уголовное право Российской Федерации (Общая часть): Учебник / под ред. А.И. Марцева. - Омск: Омский юридический институт МВД России, 1998. – С. 132-133.

[387] Матвеев Г.К. Основания гражданской ответственности. — М.: Изд-во Юрид. Лит-ра, 1970. – С. 218.

[388] Матвеев Г.К. Психологический аспект вины юридических лиц // Сов. гос. и право. — 1978 - №8. – С. 43.

[389] Малеин Н.С. Вина - необходимое условие имущественной ответственности // Сов. гос. и право. -1971. - № 2. – С. 28.

[390] Резвых В.Д. Административная ответственность за хозяйственные правонарушения. Учебное пособие. – Горький: Изд-во ГВШ МВД СССР, 1976. – С. 82.

даровардани тағйирот ба КҶ ҶТ сурат хоҳад гирифт. Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми аз беэҳтиётӣ содир шудани ҷинояти ифлос кардани об, масалан, дар натиҷаи истифодаи технологияи кӯҳна, истифодаи техникаи фарсуда ё якбора ба объектҳои об партофтани моддаҳои зараровар ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин мавридҳо аксар вақт гуноҳи шахси алоҳидаро муқаррар кардан душвор аст, зеро он дар натиҷаи хунукназарӣ, бевиҷдонӣ, надонистан ва хатоиҳои коргарони дигар, ё худ бепарвоӣ ва хатоиҳои лоиҳакашони таҷҳизоти машинаю механизмҳо ба миён омаданаш мумкин аст[391].

Татбиқи ҷазо нисбати шахсони ҳуқуқӣ боиси ҳавасмандии корхонаҳо ба истифодаи технологияҳои экологӣ ва риояи қонунгузорӣ мегардад. «Ҷаримаҳое, ки аз маблағи муқарраркардаи қонунгузории маъмурӣ хеле зиёданд, ӯҳдадории бо қувваи худ бартараф намудани зарари расонидашуда бо тарси ба миён омадани ҳолати бастани корхона чораи муассир мебуд. Ин навъи ҷазо (дар фарқият аз ҷаримаи маъмурӣ) бо як чиз фарк мекунад: дар сурати баста шудани корхона давлат барои тақдири кормандони ин корхона аз сабаби андешидани чораи мазкур ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ масъулият нахоҳад дошт[392] .

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида баён шудааст, ки шахси ҳуқуқӣ метавонад субъекти ҷиноят эътироф карда шавад, агар:

1) кирдор аз номи ё ба манфиати шахси ҳуқуқӣ содир шуда бошад;

2) кирдор аз беэҳтиётӣ аз ҷониби мақомот, корманд ё шахсе, ки вазифаҳои идоракунии шахси ҳуқуқиро иҷро мекунад, содир шуда бошад;

3) кирдор аз иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани амри бевоситаи қонун барояд.

Муқаррарот дар бораи ҷавобгарии шахсони ҳуқуқиро Э.Н. Жевлаков дар таҳрири зерин пешниҳод менамояд: “1) Субъектҳои ҷиноят шахсони ҳуқуқӣ буда метавонанд. 2) Шахсони ҳуқуқӣ танҳо барои ҷиноятҳое, ки кормандони онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба манфиати шахси ҳуқуқӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ содир кардаанд, ҷавобгаранд. 3) Ҷазо нисбати шахсони ҳуқуқӣ метавонад ҷарима, қатъ намудани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, манъи машғул шудан бо фаъолияти муайян ва гузоштани ухдадорӣ оид ба рафъи зарари расонидашударо дар бар гирад”[393] .

Бо вуҷуди ин, саволе ба миён меояд, ки то чӣ андоза ворид кардани институти ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ асоснок аст.

Дар ин ҷо мо ақидаи Р.И. Михеев, А.Г. Корчагин, А.С Шевченкоро дастгирӣ мекунем, ки чунин менависанд: «... барои сохтани субъекти махсуси ҷавобгарии ҷиноятӣ — шахси ҳуқуқӣ зарурати амалӣ ҷой надорад»[394].

---

[391] Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: дисс... канд. юрид. наук. Челябинск, 2002. – С.91.

[392] Романова Н.Л. Понятие и система экологических преступлений: Дис. ...канд. юрид. наук. - Иркутск, 2001. – С. 78.

[393] Жевлаков Э.Н. Общие вопросы квалификации преступлений в области охраны окружающей среды, учебное пособие. М, ВЮЗИ. 1986. – С. 103.

[394] Жевлаков Э.Н. Общие вопросы квалификации преступлений в области охраны окружающей среды, учебное пособие. М, ВЮЗИ. 1986. – С.16

Ҷазои ҷиноӣ аслан таъқибест, ки ба эҷод кардани шароити номусоид барои ҷинояткор, як навъ «қасос» барои кирдори содиршуда буда, мақсадаш танбеҳ додани ҳуқуқвайронкунанда мебошад[395]. Ақидаи тарафдорони ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ, ки бо ёрии қонуни ҷиноятӣ ситонидани зарари расонидашуда самараноктар мешавад, комилан мантиқӣ нест. Зараре, ки дар натиҷаи вайрон кардани муҳити зист расонида шудааст, дар асоси қонунгузории маданӣ бо тартиби судӣ аз ҳуқуқвайронкунанда ситонида мешавад, агар мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо даъво муроҷиат намояд. Дар ин сурат чуброн карда мешавад, ки суд бо талаби онро аз вайронкунанда ситонад. Уҳдадории пурраи ҷуброни зарар дар боби 16 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" пешбинӣ шудааст.

Агар зарари экологӣ тавассути манбаи хавфи зиёддошта расонида шуда бошад, пас зарар новобаста аз гуноҳи расонидашаванда ҷуброн карда мешавад (моддаи 1204 Кодекси мадании ҶТ). Аз рӯи моҳияти ҳуқуқии худ ҷуброни зарар ҷазо нест, балки масъулияти шахс аст, ки вазъиятро ба ҳолати аввалааш, ки то фаро расидани таъсири манфӣ вуҷуд дошт, барқарор намояд.

Намудҳои ҷазоҳои дар қонуни ҷиноятӣ мавҷудбуда, ки нисбат ба шахси ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд, метавонанд дар доираи тобеияти маъмурӣ ё граждани бидуни истифода аз усулҳои қонуни ҷиноятӣ истифода шаванд.

Чунин мавқеъ дар бораи он, ки бо ёрии ҷаримаи калон назар ба қонунгузории маъмурии муқарраршуда мубориза зидди ҷинояткории экологӣ, аз ҷумла ҷинояти ифлос кардани об самарабахштар мешавад, комилан асоснок нест. Мувофики моддаи 226 КҶ ҶТ, ҷарима нисбати шахсони воқеӣ ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда мешавад. Мувофиқи моддаи 39 КҶҲ ҶТ бошад, ҷарима нисбати шахсони ҳуқуқӣ то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад. Тавре ки мушоҳида мекунем, андозаи ҷаримае, ки дар қонуни ҷиноятӣ ва мурофиаи маъмурӣ муқаррар карда мешавад, метавонанд мувофиқ оянд. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои дигари аъзои ИДМ нисбати ҷинояти қисми 1 м. 226 КҶ ҶТ преюдитсияи маъмурӣ муқаррар шудааст. Аз ин рӯ, дар ҳолати содир кардани кирдори ифлос кардани об, шахсони ҳуқуқиро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, нисбаташон ҷаримаи маъмуриро таъин кардан қобили қабул аст.

Манъи фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки бо вайрон кардани қонунгузории ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад, инчунин метавонад дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ амалӣ карда шавад. Масалан, моддаи 9 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" ваколати мақоми ваколатдори давлатии ҶТ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро ҷиҳати бо тартиби муқаррарнамуда маҳдуд кардан, боздоштан ва қатъ гардонидани фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки бо риоя

[395] Тарбагаев А.Н. Понятие и цели уголовной ответственности. — Красноярск: Изд-во Красноярского ун-та, 1986. – С. 114.

накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад, муқаррар мекунад.

Мо чунин мешуморем, ки татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ба принсипи гунаҳгорӣ мухолифат накунад ҳам, аммо ба «принсипи классикии қонуни ҷиноятӣ – принсипи масъулияти шахсии гунаҳгор»[396], яъне ҷавобгарии фардӣ мувофиқат намекунад.

Шахси ҳуқуқӣ ташкилоти корпоративӣ мебошад, ки дар он одатан якчанд шахсони воқеӣ иштирок мекунанд.

Татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ба шахси ҳуқуқӣ умуман боиси татбиқи ҷазо ба шахсоне мегардад, ки ба ҷинояти содиршуда ягон алоқае надоранд. Чунон ки В.Г. Павлов дуруст қайд кардааст, «...бо масъулияти шахси ҳуқуқӣ мо дар бораи масъулияти коллективӣ гап мезанем, аммо масъулияти инфиродӣ нест»[397].

Эътирози асосӣ нисбати муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ин аст, ки он ба принсипҳои ҷавобгарии гунаҳгории шахсӣ мухолифат намуда, ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноят, тарбияи ҷинояткор мувофиқ нест.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили аломатҳои ҷинояти моддаи 226 КҶ ҶТ метавон муайян кард, ки ҷинояти ифлос кардани об метавонад ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона мебошад, ки дар вайрон кардани меъёрҳо ва қоидаҳои умумиҳатмӣ ва (ё) махсуси ҳифз ва истифодаи объектҳои об, инчунин дар расонидани зарар ба объектҳои об ва дигар объектҳои табиӣ, ҳамчунин ҳаёт ва саломатии одамон ифода меёбад. Вай ба муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзи муҳити зисти сифатан мусоид, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва таъмини амнияти экологии аҳолӣ ва таъмини об таҷовуз мекунад.

**Адабиёт:**


1. *Виноградова Е.* Юридические лица должны нести ответственность за экологические преступления // Российская юстиция. – 2001. – № 8. – С. 62-63.
2. *Волженкин Б.В.* Уголовная ответственность юридических лиц. – СПб.: Изд-во Юридического института Генеральной Прокуратуры РФ, 1998. – 40 с.
3. Денисов Ю.А. Общая теория правонарушения и ответственности. Л.,1983. – 142 с.
4. Жевлаков Э.Н. Общие вопросы квалификации преступлений в области охраны окружающей среды. Учебное пособие / Жевлаков Э.Н.; Отв. ред.: Здравомыслов Б.В. – М.: РИО ВЮЗИ, 1986. – 85 с.
5. *Клюканова Т.М.* Уголовное право зарубежных стран: Германия, Франция, Финляндия. – СПб.: Изд-во СПб. ун-та, 1996. – 468 с.
6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон аз 21 майи соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68.


---

[396] Уголовное право. Общая часть: Учебник для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. - М.: Изд-во НОРМА-ИНФРА М, 1998. – С. 167.

[397] Павлов В.Г. Субъект преступления. — СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2001. - С. 265.

7. *Крылова Н. Е.* Основные черты нового уголовного кодекса Франции. – М.: Изд-во СПАРК, 1996. – 124 с.

8. *Малеин Н.С.* Вина – необходимое условие имущественной ответственности // Сов. гос. и право. – 1971. – № 2. – С. 28.

9. *Матвеев Г.К.* Основания гражданской ответственности. — М.: Изд-во Юрид. Лит-ра, 1970. – 311 с.

10. *Матвеев Г.К.* Психологический аспект вины юридических лиц // Сов. гос. и право. – 1978. – №8. – С. 39-47.

11. *Михеев Р.И., Корчагин А.Г., Шевченко А.С.* Уголовная ответственность юридических лиц: за и против. – Владивосток: Изд-во Дальневосточного ун-та, 1999. – 76 с.

12. *Никифиров А. С.* Юридическое лицо как субъект преступления // Гос. и право. – 2000. – № 8. – С. 18-27.

13. *Павлов В.Г* Субъект преступления. – СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2001. – 318 с.

14. *Резвых В.Д.* Административная ответственность за хозяйственные правонарушения. Учебное пособие. – Горький: Изд-во ГВШ МВД СССР, 1976. – 136 с.

15. *Романова Н.Л.* Понятие и система экологических преступлений: дис. ...канд. юрид. наук. – Иркутск, 2001. – 219 с.

16. *Тарбагаев А.Н.* Понятие и цели уголовной ответственности. — Красноярск: Изд-во Красноярского ун-та, 1986. – 120 с.

17. Трайнин А.Н. Избранные произведения. Защита мира и уголовный закон. – М.,1969. – 454 с.

18. Уголовное право буржуазных стран // Сборник законодательных актов. – М.,1990. – 310 с.

19. *Уголовное* право Российской Федерации (Общая часть): Учебник / под ред. А.И. Марцева. – Омск: Омский юридический институт МВД России, 1998. – 408 с.

20. *Уголовное* право. Общая часть: Учебник для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М.: Изд-во НОРМА-ИНФРА М, 1998. – 768 с.

21. Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: дисс... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – 183 с.

# МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ИҶРОИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ

**Зокирзода Зафар Хайрулло**,
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ
**Тел.:** (+992) 988-55-45-75
**E-mail:** zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Муқарриз:** Бобохонов Ф.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои қонунгузории миллию хориҷиро таҳлил намуда, масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ муайян кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф хулосабарорӣ кардааст, ки айни замон дар кишвари мо ислоҳоти низоми ҷазо ҷараён дорад, ки самтҳои афзалиятноки он пурзӯр намудани мубориза ба муқобили ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ҳангоми сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна мебошад. Сиёсати давомдор оид ба гуманизатсия, ташаккули муносибати сифатӣ ба дарки моҳияти ҷазои ҷиноятӣ, сабук кардани сиёсати ҷазо, пеш аз ҳама, дар афзоиши намудҳои ҷазое, ки қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста нестанд, васеъ намудани доираи асосҳои татбиқи онҳо, такмил додани танзими иҷрои онҳо, зоҳир мегардад. Ин раванд на танҳо бо тавсеаи амалии татбиқи ин намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, такмили механизми танзими ҳуқуқии онҳо, балки, инчунин, бо ҷустуҷӯи васеи таносуби оптималии фишороварии мазмуни ҳамаи ҷазоҳои ҷиноятии муқарраркардаи қонунгузории амалкунанда пешбинӣ шудааст, ки дар байни онҳо корҳои ислоҳӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

**Калидвожаҳо:** Ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ҷазои ҷиноятӣ, иҷрои ҷазо, корҳои ислоҳӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда, мамнуъият ва уҳдадориҳо, қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ислоҳоти низоми ҷазо, сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, корҳои тарбиявӣ, саркашӣ аз ҷазо, назорати рафтори маҳкумшуда.

# ОРГАНИЗАЦИОННО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ИСПОЛНЕНИЯ ИСПРАВИТЕЛЬНЫХ РАБОТ

**Зокирзода Зафар Хайрулло,**
Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент

кафедры право и государственное управление
**Тел.:** (+992) 988-55-45-75
**E-mail:** zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Рецензент:** Бобохонов Ф.А., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** в данной статье рассмотрены организационно-правовые вопросы исполнение исправительных работ. Автор, исследуя данный вопрос, проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и нормы отечественного и зарубежного законодательства, определил организационно-правовые вопросы исполнения наказания в виде исправительных работ. В результате исследования автор пришел к выводу, что в настоящее время в нашей стране осуществляется реформа системы наказания, приоритетными направлениями которой являются усиление борьбы с тяжкими и особо тяжкими преступлениями при одновременном снижении уголовной ответственности за преступления небольшой и средней тяжести. Продолжение политики гуманизации, формирования качественного подхода к пониманию сущности уголовного наказания, смягчения политики наказания, прежде всего, в увеличении видов наказаний, предусмотренных уголовным законодательством, не зависящих от содержания осужденного изолированность от общества, расширение круга оснований их реализации, совершенствование регулирования их деятельности. Этот процесс обеспечивается не только практическим расширением применения этих видов уголовных наказаний, совершенствованием механизма их правового регулирования, но и широким поиском оптимального соотношения строгости содержания всех установленных уголовных наказаний действующим законодательством, среди которых важное место занимает исправительная работа.

**Ключевые слова:** Организационно-правовой, уголовное наказание, исполнение наказания, исправительные работы, уголовная ответственность, уголовно-исполнительная инспекция, осуждённый, запреты и обязанности, законодательство об исполнении уголовного наказания, реформа уголовно-исполнительной системы, уголовно-правовая политика, сравнительно-правовой анализ, воспитательная работа, уклонение от наказания, контроль за поведением осужденных.

## ORGANIZATIONAL AND LEGAL ISSUES OF EXECUTION OF CORRECTIONAL WORK

**Zokirzoda Zafar Khairullo**,
Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration
**Phone:** (+992) 988-55-45-75

**E-mail:** zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Reviewer:** Bobokhonov F.A., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** тhis article discusses the organizational and legal issues of performing correctional labor. The author, exploring this issue, analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and the norms of domestic and foreign legislation, determined the organizational and legal issues of the execution of punishment in the form of correctional labor. As a result of the study, the author came to the conclusion that our country is currently undergoing a reform of the penal system, the priority areas of which are to strengthen the fight against serious and especially serious crimes while simultaneously reducing criminal liability for crimes of minor and medium gravity. Continuation of the policy of humanization, the formation of a qualitative approach to understanding the essence of criminal punishment, mitigation of the policy of punishment, primarily in increasing the types of punishments provided for by criminal law, independent of the content of the convicted person, isolation from society, expanding the range of grounds for their implementation, improving the regulation of their activities. This process is ensured not only by the practical expansion of the use of these types of criminal penalties, by improving the mechanism of their legal regulation, but also by a broad search for the optimal ratio of the severity of the content of all criminal penalties established by the current legislation, among which correctional work occupies an important place.

**Keywords:** Organizational and legal, criminal punishment, execution of punishment, correctional work, criminal liability, criminal injunction, convicted person, prohibitions and obligations, legislation on the execution of criminal punishment, reform of the penal system, criminal law policy, comparative legal analysis, educational work, evasion of punishment, control over the behavior of convicts.

Дар низоми ҷазоҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии кишвар яке аз ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад ин корҳои ислоҳӣ ба ҳисоб рафта, дар амалия бештар мавриди таъин қарор мегирад. Омӯзиши масъалаҳои назариявию амалии иҷрои ҷазои мазкур дар такмили қонунгузории кишвар ва дарёфти чораи ҳал барои баъзе аз мушкилоти мавҷуда дар ин самт мусоидат менамояд. Тибқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ корҳои ислоҳӣ як намуди ҷазои асосӣ ба ҳисоб рафта, аз маҷбуран ҷалб намудани маҳкумшуда ба кор дар ҷои кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда бо мӯҳлати дар ҳукм нишондодашуда бо нигоҳ доштани фоидаи муайян аз музди меҳнати ӯ ба фоидаи давлат иборат аст[398].

[398] Ниг.: Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И.Ғаниев, П.Н. Наврузова. – Душанбе, 2018. – С. 193.

Бояд тазаккур дод, ки айни замон дар кишвари мо ислоҳоти низоми ҷазо ҷараён дорад, ки самтҳои афзалиятноки он пурзӯр намудани мубориза ба муқобили ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ҳангоми сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна мебошад. Сиёсати давомдор оид ба гуманизатсия, ташаккули муносибати сифатӣ ба дарки моҳияти ҷазои ҷиноятӣ, сабук кардани сиёсати ҷазо, пеш аз ҳама, дар афзоиши намудҳои ҷазое, ки бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста нестанд, васеъ намудани доираи асосҳои татбиқи онҳо, такмил додани танзими иҷрои онҳо, зоҳир мегардад. Мавриди зикр аст, ки корҳои ислоҳӣ таърихан дар қонунгузории кишвар муқаррар шуда буд. Дар ин хусус Т.Ш. Шарипов қайд мекунад, ки корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо дар санадҳои ибтидоии қонунгузории давлати шуравӣ пешбинӣ шуда буданд. Бо мурури замон номи он тағйир меёфт (корҳои ҳатмӣ, маҷбурӣ, корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ, корҳои ислоҳӣ), баъзе ҳуқуқмаҳдудкуниҳо пайдо мешуданд ё барҳам меҳӯрданд, аммо хусусиятҳои асосии ҷазои мазкур бетағйир боқӣ монданд. Маҳкумшуда дар хонаи худ истиқомат менамояд, чун қоида дар ҷои кори пештарааш кор карда, танҳо як қисми музди меҳнати ӯ, ки бо ҳукми суд муайян мегардад ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад ва баъзе ҳуқуқмаҳдудкуниҳои дигар низ ҷой дорад[399]. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои қадими тоҷикон махсусан аз рӯи меъёрҳои динию ҳуқуқии Авесто васеъ истифода мешуд. Аз ҷумла, ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар заминҳои давлатӣ ва ё дар заминҳои маъбад нисбат ба шахсе, ки дар ягон кирдори зиддиҳуқуқӣ гунаҳгор буд, татбиқ карда мешуд. Онҳо, инчунин, меҳнати ин гуна шахсонро дар заминҳои ҷамъиятӣ, тоза кардани заминҳо аз ҷизҳои нопок, бадани одаму ҳайвонот, барои оташи муқаддас ҳезум ҷамъоварӣ кардан, каналҳоро кофтан ва ғайра истифода мебурданд. Асосан, чунин ҷазоҳо барои риоя накардани меъёрҳои динӣ ва экологӣ татбиқ мешуд[400]. Ислоҳоте, ки дар ду даҳсолаи охир дар низоми ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ анҷом дода шудааст, рушди ҷазоҳои алтернативаи маҳрум сохтан аз озодиро махсусан таъхирнопазир кардааст. Ин раванд на танҳо бо тавсеаи амалии татбиқи ин намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, такмили механизми танзими ҳуқуқии онҳо, балки, инчунин, бо ҷустуҷӯи васеи таносуби оптималии фишоровари мазмуни ҳамаи ҷазоҳои ҷиноятии муқарраркардаи қонунгузории амалкунанда пешбинӣ шудааст, ки дар байни онҳо корҳои ислоҳӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои асосии ҷиноятӣ, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста нест, дар ҳама давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ), ба истисноӣ Ҷумҳурии Молдова, бар хилофи корҳои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, ки дар қонунгузории як қатор кишварҳо (Қазоқистон, Туркманистон ва

---

[399] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Диноршоев А.М., Сафаров А.И. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – С. 138.

[400] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 105.

Узбекистон) танзим нашудаанд ва ё дар намуди ҳам ҷазои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ (Белорус) дида мешавад.

Қонунгузор чораҳои ҷавобгариро барои шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, ба таври равшан танзим мекунад. Чунон ки П.Н. Красоткин қайд мекунад, ин тадбирҳо дар содир кардани ҷиноятҳои нав ба маҳкумшудагон ба таври самарабахш таъсир расонида, инчунин, проблемаҳои пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкуниҳои шахсӣ ва умумиро умуман ҳал карда метавонанд. Таҳдиди маҷбуркунӣ метавонад ҳамчун ангеза барои рафтори мусбат ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ матлуб амал кунад[401]. Бояд гуфт, ки бисёре аз муҳаққиқон оид ба моҳияти ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба хулосае омадаанд, ки аз ҷиҳати мазмуни худ ин намуди ҷазо ҳоло ба ҷаримаи муҳлатнок (қисм-қисм пардохт кардан) табдил ёфтааст. Масалан, В.Д. Меншагин кори ислоҳиро ҷаримаи ниқобшуда, ки қисм-қисм ситонида мешавад, номидааст[402]. Ба андешаи И.Р. Тулиев, дар назари аввал ҷиҳати сазоии намуди ҷазои мавриди назар танҳо ба нигоҳ доштани пули аз даромад ба ҳисоби фоиз вобаста аст, ки дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун гузаронида мешавад. Маълум мешавад, ки ин ба «ҷарима ба қисмҳо пардохтшаванда» монанд аст. Аммо дар ҳақиқат доираи маҳдудиятҳои қонуние, ки нисбати маҳкумшудагон гузошта шудаанд, васеътар аст[403]. То андозае андешаи мазкур ҷолиби диққат аст. Зеро шахси ба ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда ҳар моҳа ба миқдори муайян ба давлат маблағ месупорад, ки ин мазмунан ҷаримаи қисм-қисмро ифода мекунад.

Иҷрои корҳои ислоҳӣ дар муассисаҳо бо тартиби муқаррарнамудаи суд ва нозироти ислоҳӣ амалӣ карда мешавад. Ба андешаи В.П. Марков, аз ҷониби қонунгузор муқаррар намудани маъмурияти корхона, муассиса, ташкилоте, ки дар он шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум карда шудааст, баъзе уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ ба хусусиятҳои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ вобаста карда мешавад. Аз ин рӯ, чунин ҳисоб кардан бамаврид аст, ки иҷрои корҳои ислоҳӣ ҳам ба зиммаи нозироти ислоҳӣ ва ҳам ба зиммаи маъмурияти корхона, муассиса, ташкилот дар ҷои адои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда гузошта шудааст[404]. Муаллиф дар идома илова менамояд, ки қонунгузор муайян намекунад, ки кадом маъмурияти ташкилоте, ки дар он маҳкумшуда кор мекунад, вазифаҳо гузошта шудаанд: дар ҷои кори асосӣ ё дар вақти нопурраи корӣ. Инро бо он шарҳ медиҳад, ки корҳои ислоҳӣ дар ҷои кори асосӣ адо карда мешаванд, аз ин рӯ, ба зиммаи маъмурияти ташкилот дар ҷои кори асосии маҳкумшуда масъулият гузошта мешавад. Ин метавонад на танҳо ташкилотҳои давлатӣ,

---

[401] Ниг.: Красоткин, П.Н. Применение мер воспитательного воздействия к осужденным, отбывающим наказания в виде обязательных работ и исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2014. – С. 14.

[402]Ниг.: Меньшагин В.Д. О принудительных работах по месту работы // Социалистическая законность. – 1988. – № 12. – С. 25.

[403] Ниг.: Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дисс. канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 92.

[404] Ниг.: Марков В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2007. – С. 302.

балки намудҳои гуногуни ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва ғайра бошанд[405]. Мавриди тазаккур аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии иҷрои корҳои ислоҳӣ, инчунин, таъсири тарбиявӣ ба маҳкумшуда ба зиммаи маъмурияти ташкилот дар якҷоягӣ бо нозироти корҳои ислоҳӣ бо маҳкумшуда, уҳдадории кумак расонидан дар бораи ҳаҷм ва тағйири музди меҳнати маҳкумшуда, дар бораи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазо нисбати маҳкумшуда, ҳамчунин, дар бораи ба маҳкумшуда хабар додани интиқол гирифтани маҳкумшуда ба мақомоти интизомии ҷиноятӣ вазифаи дигар ё аз кор озод кардани ӯ гузошта мешавад. Ин на танҳо ба пурратар омӯхтани шахсияти маҳкумшуда, балки ба ислоҳи ҳақиқии маҳкумшуда низ мусоидат мекунад.

Дар айни замон мазмуни сазои корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ, пеш аз ҳама, дар маҷмуи маҳдудиятҳои қонунии ҳуқуқҳои моддӣ ва меҳнатие ифода меёбад, ки ба шахси бо ҳукми суд маҳкумшуда муқаррар карда мешавад. Аз ҷумла, давомнокии адои корҳои ислоҳӣ; тартиби пардохти музди меҳнат; маҳдудиятҳо дар интихоби ҷои кор; уҳдадориҳои корӣ, ки ҷавобгариро барои саркашӣ аз он пешбинӣ мекунад; маҳдуд кардани ҳуқуқи рухсатии доимии музднок. Андозаи маҳдудиятҳои қонуние, ки нисбати маҳкумшуда муқаррар карда мешавад, аз хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда ва шахсияти ҷинояткор вобаста мебошад. Хусусияти ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, ба фикри мо, маҷмуи маҳдудиятҳои меҳнатӣ, моддӣ ва дигар маҳдудиятҳои озодӣ ва ҳуқуқҳои маҳкумшудагон мебошад, ки дар ҷараёни иштироки онҳо дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешавад. Бо назардошти хусусиятҳои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ шахсоне, ки ба ин намуди ҷазо маҳкум шудаанд, ба онҳо ҳуқуқи истироҳат низ маҳдуд карда мешавад[406]. Дар ин хусус А.В. Мусалева қайд намудааст, ки рухсатии ҳарсолаи пулакӣ ба шахсоне, ки ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, тибқи қонунгузории иҷрои ҷазо дар рӯзҳои корӣ ҳисоб карда мешавад, дар ҳоле ки дар қонунгузории меҳнатӣ нишон медиҳанд, ки давомнокии рухсатии ҳарсолаи пулакӣ бо рӯзҳои тақвимӣ ҳисоб карда мешавад[407]. Дигар муҳаққиқон чунин қайд кардаанд, ки дар давраи адои корҳои ислоҳӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи маҳкумшуда 18 рӯзи кориро ташкил медиҳад. Ин рухсатӣ аз ҷониби маъмурияти ташкилот дар мувофиқа бо нозироти иҷрои ҷазо дода мешавад. Дигар намудҳои рухсатӣ, ки қонунгузории меҳнатӣ пешбинӣ кардааст, ба маҳкумшудагон тибқи асосҳои умумӣ дода мешавад[408]. Тавре ки қаблан зикр гардид, тибқи қ. 6 м.

---

[405] Ниг.: Марков В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2007. – С. 304.

[406] Ниг.: Дроздов А.И., Усеев Р.З., Марченко Д.Э. Уголовно-исполнительное право: правовое регулирование исполнения наказаний, не связанных с изоляцией осужденного от общества: учебное пособие. – Самара: Самарский юридический институт ФСИН России, 2012. – С. 58.

[407] Ниг.: Мусалева А.В. Вопросы трудоустройства осужденных к исправительным работам // Вестник Кузбасского института. – 2019. – № 4 (41). – С. 80.

[408] Ниг.: Дроздов А.И., Усеев Р.З., Марченко Д.Э. Уголовно-исполнительное право: правовое регулирование исполнения наказаний, не связанных с изоляцией осужденного от общества: учебное пособие. – Самара: Самарский юридический институт ФСИН России, 2012. – С. 58.

40 КИҶҶ ҶТ дар давраи адои корҳои ислоҳӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи маҳкумшуда 18 рӯзи кориро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки Кодекси меҳнатии ҶТ давомнокии рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаро на камтар аз 28 рӯзи тақвимӣ муқаррар менамояд. Дар ин хусус олимони ватанӣ низ қайд мекунанд, ки дар давраи адои ҷазои корҳои ислоҳӣ рухсатии пардохтшавандаи ҳарсола бо давомнокии танҳо 18 рӯзи корӣ аз ҷониби маъмурияти корхонае, ки маҳкумшуда кор мекунад, бо мувофиқаи нозироти корҳои ислоҳӣ дода мешавад. Мутобиқи м. 85 КМ ҶТ бошад давомнокии ҳадди ақали рухсатии ҳарсола барои кормандон ва хизматчиён 24 рӯзи тақвимӣ муқаррар шудааст[409]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо қонунгузории меҳнатӣ оид ба масъалаи рухсатии меҳнатӣ ба ҳамдигар мухолифат менамоянд. Зеро санади ягонаи кодификатсионӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ ва рухсатии меҳнатӣ ин КМ ҶТ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, муқарраротӣ м. 40-и КИҶҶ ҶТ дар бораи ҳисоб кардани давомнокии рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи маҳкумшуда ба муқаррароти қонунгузории меҳнатӣ бояд мувофиқ карда шавад. Ба андешаи мо, дар қонунгузории меҳнатӣ бояд меъёри иловагӣ оид ба ҳолатҳои истисноие, ки дигар қонунгузории кишвар муқаррар кардааст, илова карда шавад.

Тавре аз қонунгузорӣ бармеояд ташкилотчии асосии иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ нозироти корҳои ислоҳӣ ба ҳисоб меравад. Нозироти корҳои ислоҳӣ масъулияти худро оид ба иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба амал мебарорад. Дар ин хусус В.П. Марков дуруст қайд намудааст, ки нозироти корҳои ислоҳӣ ҳамчун субъекти муҳим дар ҷараёни тарбия ҳам байни коллективи меҳнатӣ ва ҳам ташкилоти ҷамъиятие амал мекунанд, ки ба ислоҳи маҳкумшуда ёрӣ мерасонанд[410]. Ба андешаи Н.А. Стручков, мақомоте, ки ба иҷрои корҳои ислоҳӣ масъуланд, дар навбати аввал ҳамчун ташкилотчии ичрои ин ҷазо баромад мекунанд[1]. Л.Г. Крахмалник ва В.А. Гусков чунин мешуморад, ки «Мақомоти корҳои ислоҳиро иҷрокунанда коллективҳои меҳнаткашро барои пеш бурдани кори сиёсию тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ташкил намуда, дар он худ низ фаъолона иштирок мекунанд»[2]. Вазифаи асосии нозироти корҳои ислоҳӣ такмил додани заминаи қонунии иҷрои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста нестанд, беҳтар таъмин намудани заминаҳои моддию техникии нозирҳо, инчунин, мустаҳкам намудани заминаҳои кадрии онҳо мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки зимни муайян кардан ва татбиқи мамнуъият ва уҳдадориҳо ба маҳкумшуда бояд эътибор дод, ки ҳуқуқҳои конститутсионии ӯ аз меъёри муқарраргнамудаи қонунгузорӣ бештар маҳдуд карда нашаванд. Зеро чунин мамнуъият ва уҳдадориҳо метавонад

[409] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Диноршоев А.М., Сафаров А.И. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – С. 138.

[410] Ниг.: Марков В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2007. – С. 305.

ба бахшҳои ҷудогонаи ҳаёти шахсӣ ва оилавии маҳкумшуда таъсири манфӣ расонанд. Дар ин хусус В.Я. Богданов дуруст қайд мекунад, ки дар ин ҷо чораҳои мулоҳизакорона дидан лозим аст, зеро иҷрои ин гуна вазифаҳо бо таҷовуз ба доираи озодиҳо ва ҳуқуқҳои шахси маҳкумшуда ва оилаи ӯ алоқаманд аст, аз ҷумла дахлнопазирии манзил, ҳуқуқи бо салоҳдиди худ истифода бурдани вақти холӣ ва ғайра[411]. Уҳдадориҳо ва мамнуъиятҳо ба вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба таври назаррас таъсир мерасонанд, зеро онҳоро ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳои пешбининамудаи меъёрҳои конститутсионӣ маҳдуд мекунанд. Аммо ба андешаи баъзе олимон қонунгузории ҷиноятӣ татбиқи мамнуъият ва уҳдадориҳои дахлдорро нишон надодааст. Аз ҷумла, Л.Л. Кругликов қайд менамояд, ки барои татбиқи мамнуъиятҳо ва уҳдадориҳо асосҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вуҷуд надоранд[412]. Дар бораи зарурати инъикоси меъёрҳо дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ Р.Н. Гарнаев низ ишора кардааст[413]. Зарурати инъикоси тамоми маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки ба мазмуни корҳоиислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ дохил мешаванд, инчунин, аз ҷониби А.В. Корнеева қайд карда шудааст: «Қонунгузории иҷрои ҷазо, ки шароит ва тартиби адои ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ муқаррар менамояд, метавонад маҳдудиятҳои асосии ҳуқуқиро дубора тавлид кунад, ки ба мазмуни ин ҷазоҳо дохил мешаванд, вале дар ҳеҷ сурат онҳо мустақилона муқаррар карда намешаванд»[414]. Дар ин хусус олимони ватанӣ низ иброзӣ андеша намудаанд, ки қобили дастгирӣ мебошад. Аз ҷумла, ба андешаи З.А. Камолов ва Н.М. Нодиров, тамоми маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки ба мазмуни корҳои ислоҳӣ дохил мешаванд, бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ инъикос карда шаванд. Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки тартиб ва шартҳои адои корҳои ислоҳиро муқаррар мекунад, метавонад маҳдудиятҳои асосии ҳуқуқиро, ки ба мазмуни ин ҷазо дохил шудаанд, такрор намояд, вале мустақилона муқаррар намекунад[415]. Як гурӯҳ олимон чунин ақида доранд, ки пешбинӣ шудани ҳуқуқи гузоштани манъкуниву вазифа, ки ҳуқуқҳои маҳкумшудагонро ба таври ҷиддӣ халалдор месозад, на дар Кодекси ҷиноятӣ, балки дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва додани ин ҳуқуқ на бо суд, балки бо нозироти корҳои ислоҳӣ нодуруст мебошад[416]. Олимони ватанӣ низ бо чунин ақида розӣ буда, чунин мешуморанд, ки бояд ба м. 52 КҶ ҶТ тағйирот ворид шуда, гузоштани манъкуниву вазифаҳо нисбати

---

[411] Ниг.: Богданов В.Я. К вопросу о воспитательном значении исправительных работ. – Ульяновск, 1972. – С. 18.

[412] Ниг.: Кругликов Л.Л. Сбои в конструировании санкций в уголовном законодательстве // Юридическая техника. – 2008. – № 2. – С. 111.

[413] Ниг.: Гарнаев Р.Н. Правовые границы обязательных и исправительных работ в нормах уголовно-исполнительного законодательства России // Казанский педагогический журнал. – 2015. – № 2. –С. 189.

[414] Ниг.: Корнеева А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1986. – С. 102.

[415] Ниг.: Камолов З.А., Нодиров Н.М. Проблемы определения содержание наказания в виде исправительных работ // Академический юридический журнал. – 2018. – № 4 (28). – С. 87.

[416] Ниг.: Дуюнов В.А Механизм уголовно-правового воздействия: теоретические основы и практика реализации: дис. ... д-ра юрид. наук. – Тольяти, 2000. – С. 218.

маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ ба зиммаи суд гузошта шавад. Муқаррароти мазкур дар қ. 5 м. 71 КҶ ё қ. 2 м. 76 КҶ ҶТ ҷой дорад[417].

Шаклҳои назорати рафтори маҳкумшуда намудҳои гуногуни санҷишҳо буда метавонанд. Ҳангоми гузаронидани назорат аз усули ҳуҷҷатӣ истифода бурдан мумкин аст, ки мазмуни он аз омӯзиши ҳуҷҷатҳои гуногуни тавсифкунандаи рафтори маҳкумшуда, инчунин, усулҳои мушоҳида ва пурсиш иборат мебошад[418]. Ба он диққати махсус додан лозим аст, ки ин назорат то чӣ андоза ба амал баровarда мешавад. Ба фикри мо, дар ин ҷо, пеш аз ҳама, бояд муҳлат, масалан, аз 6 то 23 соат бошад. Агар корманди нозироти корҳои ислоҳӣ соати 12-и шаб ба хонаи маҳкумшуда омада, ҳуқуқи назорат кардани рафтори ӯро баҳона кунад, барои онҳо ба мақсад мувофиқ нест. Маъмурияти ташкилоте, ки дар он маҳкумшуда кор мекунад, бар хилофи нозироти корҳои ислоҳӣ ҳангоми назорат аз болои рафтори маҳкумшуда дар ҷои кор, бо муҳлати рӯзи корӣ маҳдуд карда мешавад. Маҳдуд кардани ин назорат дар ҷои истиқомати маҳкумшуда, масалан, танҳо дар ҷои истиқомат мувофиқи мақсад нест. Дар ин ҳолат маҳкумшуда саъй мекунад, ки берун аз ҷои истиқоматаш бештар вақт гузаронад, зеро медонад, ки рафтораш дар он ҷо назорат карда намешавад.

Зарур аст, ки ба таври меъёрӣ танзим карда шавад, ки дар вақти назорат кардани рафтори шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад ҳам нозирони маҳаллии милитсия ва ҳам кормандони дигар хадамот ва шуъбаҳои мақомоти корҳои дохилиро ҷалб намояд. Шуъбаҳои дахлдори мақомоти корҳои дохилӣ вазифадоранд, ки дар татбиқи ин назорат иштирок намоянд[419]. Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ шакл ва усулҳои назорати рафтори маҳкумшудагоне, ки корҳои ислоҳиро адо мекунанд, муқаррар нашудаанд. Мутобиқи м. 41-и КИҶҶ ҶТ, кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ вазифадоранд, ки рафтори маҳкумшудагонро назорат кунанд. Аммо, муҳлати татбиқи ин назоратро на қонунгузор ва на санадҳои меъёрии идоравӣ муқаррар накардаанд. Бинобар ин, мо зарур меҳисобем, ки дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ масъалаи муҳлат, шаклу усулҳо ва субъектони ҳамкорикунандаи назорати маҳкумшудаи корҳои ислоҳӣ аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ муқаррар карда шавад.

Дар шароити кӯҳистони кишвари мо мушкилоти таъмини маҳкумшуда ба ҷои кор дар маҳалли истиқомат ва назорати ӯ хароҷот ва шумораи муайяни кормандонро талаб менамояд. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ҳатто маҳалҳое мавҷуданд, ки ба он ҷойҳо рафту омад кардан душвор мебошад. Бинобар ин, чунин ҳолатҳо кори нозироти корҳои ислоҳиро

---

417 Ниг.: Масоили татбиқ ва иҷрои намудҳои алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 209.

418 Ниг.: Марков В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2007. – С. 307.

419 Ниг.: Марков В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2007. – С. 308.

басо душвор гардонида, аз онҳо хароҷоти зиёдатӣ тақозо менамоянд. Бо ин назардошт, масъалаи кадрии нозироти корҳои ислоҳӣ ва сарчашмаи хароҷоти нозирот дар раванди назорати маҳкумшуда дар маҳали истиқоматӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои ӯ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ муайян ва муқаррар карда шавад. Ба фикри мо, маблағгузорӣ барои нозироти корҳои ислоҳӣ бояд танҳо аз ҳисоби буҷети давлат сурат гирад. Кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ набояд ба гирифтани нигоҳ доштан аз музди меҳнати шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, бевосита манфиатдор бошанд. Мақсади асосии онҳо қатъиян мувофиқи қонун иҷро намудани ҳукми суд мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки таносуби унсурҳои сазоӣ ва тарбиявии ҷазои мавриди назар дар давлатҳои аъзои ИДМ гуногун буда, аз хусусиятҳои тамоми низоми ҷазоҳои ҷиноятии қонунгузории миллӣ ва махсусан, таносуби дараҷаи фишороварии ҳар як намуди ҷазо вобаста мебошад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад. А.Н. Смирнов дуруст қайд мекунад, ки дар низоми ҷазои тамоми давлатҳои аъзои ИДМ корҳои ислоҳӣ ба гурӯҳи нисбатан вазнинии ҷазоҳо дохил мешавад[420]. Таҳлили қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки дар зинаи низоми ҷазо корҳои ислоҳӣ дар Узбекистон пас аз ҷарима ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи муайян дар ҷои сеюм (м. 43-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон), дар Белорус ва Тоҷикистон дар ҷои чорум (м. 109-и КҶ ҶБ, м. 47-и ҶТ), дар Озарбойҷон корҳои ислоҳӣ дар ҷои панҷум (м. 42-и КҶ ҶО) ва дар ҷумҳуриҳои Арманистон ва Қирғизистон дар ҷои шашум (м. 49-и КҶ ҶА, м. 42-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон) қарор дорад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Бояд тазаккур дод, ки айни замон дар кишвари мо ислоҳоти низоми ҷазо ҷараён дорад, ки самтҳои афзалиятноки он пурзӯр намудани мубориза ба муқобили ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ҳангоми сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна мебошад. Сиёсати давомдор оид ба гуманизатсия, ташаккули муносибати сифатӣ ба дарки моҳияти ҷазои ҷиноятӣ, сабук кардани сиёсати ҷазо, пеш аз ҳама, дар афзоиши намудҳои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста нестанд, васеъ намудани доираи асосҳои татбиқи онҳо, такмил додани танзими иҷрои онҳо, зоҳир мегардад. Ислоҳоте, ки дар ду даҳсолаи охир дар низоми ҷазои ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ анҷом дода шудааст, рушди ҷазоҳои алтернативаи маҳрум сохтан аз озодиро махсусан таъхирнопазир кардааст. Ин раванд на танҳо бо тавсеаи амалии татбиқи ин намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, такмили механизми танзими ҳуқуқии онҳо, балки, инчунин, бо ҷустуҷӯи васеи таносуби оптималии фишороварии мазмуни ҳамаи ҷазоҳои ҷиноятии муқарраркардаи қонунгузории амалкунанда пешбинӣ шудааст, ки дар байни онҳо корҳои ислоҳӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

---

[420] Ниг.: Смирнов А.Н. Уголовное наказание в виде исправительных работ: дис. … канд. юрид. наук. – Томск. 2007. – С. 51.

2. Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои асосӣ, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар ҳама давлатҳои аъзои ИДМ, ба истиснои Ҷумҳурии Молдова, бар хилофи корҳои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, ки дар қонунгузории як қатор давлатҳо (Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон) танзим карда нашудааст ва ё дар намуди ҳам ҷазои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ (Белорус) дида мешавад. Таносуби унсурҳои сазодиҳӣ ва тарбиявии ҷазои мавриди назар дар давлатҳои ИДМ гуногун буда, аз хусусиятҳои тамоми низоми ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, алоқамандӣ доранд.

3. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо қонунгузории меҳнатӣ оид ба масъалаи рухсатии меҳнатӣ ба ҳамдигар мухолифат менамоянд. Зеро санади ягонаи кодификатсионӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ ва рухсатии меҳнатӣ ин Кодекси меҳнатӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, муқаррароти м. 40-и КИҶҶ ҶТ дар бораи ҳисоб кардани давомнокии рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи маҳкумшуда ба муқаррароти қонунгузории меҳнатӣ бояд мувофиқ карда шавад. Ба андешаи мо, дар қонунгузории меҳнатӣ бояд меъёри иловагӣ оид ба ҳолатҳои истисноие, ки дар қонунгузории ҶТ муқаррар кардааст, илова карда шавад.

4. Бояд тазаккур дод, ки иҷрои корҳои ислоҳӣ вобаста ба мазмуни сазоии худ барои маҳкумшуда як қатор мамнуъиятҳо ва уҳдадориҳоро ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин, ба маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳое, ки дар қонунгузории иҷро пешбинӣ шудаанд, бояд таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Дар м. 42 КИҶҶ ҶТ барои шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, бо мақсади пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав вазифаҳо ва маҳдудиятҳо муқаррар карда мешаванд. Рӯйхати мукаммали маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳо барои шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда дар санадҳои дахлдор муқаррар карда мешаванд. Аз андешаҳои таҳлилшуда бармеояд, ки номгӯйи мамнуъиятҳо ва уҳдадориҳо нисбати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ инъикос наёфтаанд. Ҳол он ки тамоми шароити иҷрои ҷазои мазкур маҳз дар асоси қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Бо ин назардошт, ба андешаи мо низ дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар доираи як модда бояд номгӯйи мамнуъият ва уҳдадориҳои асосии татбиқшаванда ба маҳкумшуда муқаррар карда шавад.

5. Дар қонунгузорӣ шакл ва усулҳои назорати рафтори маҳкумшудагоне, ки корҳои ислоҳиро адо мекунанд, муқаррар нашудаанд. Мутобиқи м. 40-и КИҶҶ ҶТ кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ вазифадоранд, ки рафтори маҳкумшудагонро назорат кунанд. Аммо, мӯҳлати татбиқи ин назоратро на қонунгузор ва на санадҳои меъёрии идоравӣ муқаррар накардаанд. Бинобар ин, мо зарур меҳисобем, ки дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ масъалаи мӯҳлат, шаклу усулҳо ва субъектони ҳамкорикунандаи назорати маҳкумшудаи корҳои ислоҳӣ аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ муқаррар карда шавад.

6. Аз таҳқиқот бармеояд, ки дар шароити кӯҳистони кишвари мо

мушкилоти таъмини маҳкумшуда ба ҷои кор дар маҳалли истиқомат ва назорати ӯ хароҷот ва шумораи муайяни кормандонро талаб менамояд. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ҳатто маҳалҳое мавҷуданд, ки ба он ҷойҳо рафту омад кардан душвор мебошад. Бинобар ин, чунин ҳолатҳо кори нозироти корҳои ислоҳиро басо душвор гардонида, аз онҳо хароҷоти зиёдатӣ тақозо менамоянд. Бо ин назардошт, масъалаи кадрии нозироти корҳои ислоҳӣ ва сарчашмаи хароҷоти нозирот дар раванди назорати маҳкумшуда дар маҳали истиқоматӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои ӯ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ муайян ва муқаррар карда шавад. Ба фикри мо, маблағгузорӣ барои нозироти корҳои ислоҳӣ бояд танҳо аз ҳисоби буҷети давлат сурат гирад. Кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ набояд ба гирифтани нигоҳ доштан аз музди меҳнати шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, бевосита манфиатдор бошанд. Мақсади асосии онҳо қатъиян мувофиқи қонун иҷро намудани ҳукми суд мебошад.

7. Асоси моҳияти корҳои ислоҳӣ ин ислоҳ ва тарбияи маҳкумшуда мебошад, новобаста аз он ки дар шакли иҷрои корҳои меҳнатӣ, таълимӣ ё тарбиявӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ бошанд, аксаран таҳсилоти олии ҳуқуқӣ дошта, аз донишҳои педагогию психологӣ бархӯрдор нестанд. Бинобар ин, дар муносибат бо маҳкумшудаҳо нақши педагог ва равоншинос хеле калон мебошад. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки дар нозироти корҳои ислоҳӣ оид ба иҷрои корҳои ислоҳӣ воҳиди кории педагог-равоншинос ташкил карда шавад.

## АДАБИЁТ:


1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 414 с.

2. Богданов В.Я. К вопросу о воспитательном значении исправительных работ [Текст] / В.Я. Богданов. – Ульяновск, 1972. – 25 с.

3. Гарнаев Р.Н. Правовые границы обязательных и исправительных работ в нормах уголовно-исполнительного законодательства России [Текст] / Р.Н. Гарнаев // Казанский педагогический журнал. – 2015. – № 2. – С. 189-193.

4. Дроздов А.И., Усеев Р.З., Марченко Д.Э. Уголовно-исполнительное право: правовое регулирование исполнения наказаний, не связанных с изоляцией осужденного от общества [Текст] / А.И. Дроздов, Р.З. Усеев, Д.Э. Марченко: учебное пособие. – Самара: Самарский юридический институт ФСИН России, 2012. – 92 с.

5. Дуюнов В.А. Механизм уголовно-правового воздействия: теоретические основы и практика реализации [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук. – Тольяти, 2001. – 512 с.

6. Камолов З.А., Нодиров Н.М. Проблемы определения содержание наказания в виде исправительных работ [Текст] / З.А. Камолов, Н.М. Нодиров // Академический юридический журнал. – 2018. – № 4 (28). – С. 84-89.

7. Корнеева А.В. Исправительные работы без лишения свободы как вид уголовного наказания [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1986. – 196 с.

8. Красоткин, П.Н. Применение мер воспитательного воздействия к осужденным, отбывающим наказания в виде обязательных работ и исправительных работ [Текст]: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2014. – 118 с.

9. Кругликов Л.Л. Сбои в конструировании санкций в уголовном законодательстве [Текст] / Л.Л. Кругликов // Юридическая техника. – 2008. – № 2. – С. 110-114.

10. Марков В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2007. – 447 с.

11. Масоили татбиқ ва иҷрои намудҳои алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / коллективи муаллифон. – Душанбе, 2011. – 246 с.

12. Меньшагин В.Д. О принудительных работах по месту работы [Текст] / В.Д. Меньшагин // Социалистическая законность. – 1988. – № 12. – С. 23-26.

13. Мусалева А.В. Вопросы трудоустройства осужденных к исправительным работам [Текст] / А.В. Мусалева // Вестник Кузбасского института. – 2019. – № 4 (41). – С. 76-81.

14. Смирнов А.Н. Уголовное наказание в виде исправительных работ [Текст]: дис. … канд. юрид. наук. – Томск, 2007. – 229 с.

15. Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И.Ғаниев, П.Н. Наврузова. – Душанбе, 2018. – 636 с.

16. Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение) [Текст]: дисс. канд. юрид. наук. – М., 2010. – 217 с.

17. Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Диноршоев А.М., Сафаров А.И. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов, А.М. Диноршоев, А.И. Сафаров: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – 354 с.

# МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ АЛОМАТҲОИ ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ РОҲЗАНӢ

**Миралиев Некрӯз Абдусаломович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
**Тел.:** +992 984977777
**Email:** nekruz-miraliev@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Холиқзода Ш.Л., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола масъалаҳои вобаста ба тавсифи аломатҳои тарафи субъективии роҳзанӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бо истифода аз андешаҳои гуногуни дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷой дошта мафҳуми қасдро нисбати роҳзанӣ мушаххас намуда, ба норасоиҳои мафҳуми қасд, ки дар КҶ ҶТ мустаҳакам шудааст, ишора менамояд. Муаллиф инчунин таносуби мақсад ва ангезаро дар таркиби ҷиноятҳои тасарруф муайян намуда, пешниҳод месозад, ки мафҳуми ангезаи ғаразнок бояд дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

**Калидвожаҳо:** роҳзанӣ, тасарруф, мақсади ғаразнок, нияти ғаразнок, тарафи субъективӣ, гуноҳ, қасди бевосита, молу мулки ғайр, кодекси ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят, аломатҳои вазнинкунанда, бандубасти ҷиноят.

# ПРОБЛЕМЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПРИЗНАКОВ СУБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ РАЗБОЯ

**Миралиев Некруз Абдусаломович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
**Тел.:** +992 984977777
**Email:** nekruz-miraliev@mail.ru

**Научный руководитель:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Холикзода Ш.Л., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье изучаются и анализируются вопросы, связанные с определением и толкованием признаков субъективной стороны разбоя. Используя мнение различных групп ученных, автор уточняет понятие умысла применительно к разбою и указывает на недостатки понятия

умысла, закрепленного в Уголовном кодексе Республики Таджикистан. Также автор определяет соотношение цели и мотива в составе хищения и предлагает закрепить в Уголовном кодексе Республики Таджикистан понятие корыстного мотива.

**Ключевые слова:** Разбой, хищение, корыстная цель, корыстный мотив, субъективная сторона, вина, прямой умысел, чужое имущество, уголовный кодекс, состав преступления, отягчающие обстоятельства, квалификация преступления.

## PROBLEMS OF DETERMINING THE SIGNS OF THE SUBJECTIVE SIDE OF ROBBERY

**Miraliev Nekruz Abdusalomovich,**
Tajik National University, faculty of law, assistant of the department of the criminal law and anticorruption
**Phone.:** +992 984977777
**Email:** nekruz-miraliev@mail.ru

**Scientific supervisor:** Sharipov T.Sh., doctor of legal sciences, professor
**Reviewer:** Kholiqzoda Sh.L., candidate of legal sciences, docent

**Annotation:** The article studies and analyzes issues related to the definition and interpretation of the signs of the subjective side of robbery. Using the opinion of various groups of scientists, the author clarifies the concept of intent in relation to robbery and points out the shortcomings of the concept of intent enshrined in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author also determines the relationship between purpose and motive as part of theft and proposes to enshrine the concept of selfish motive in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** Robbery, theft, selfish purpose, selfish motive, subjective side, guilt, direct intent, other people's property, criminal code, elements of the crime, aggravating circumstances, qualification of the crime.

Тарафи субъективии роҳзанӣ аз он иборат аст, ки гунаҳгор зуроварӣ истифода намуда ва молу мулки ҷабрдидаро тасарруф намуда истода фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ менамояд, яъне ин ҷиноят бо қасди бевосита содир карда мешавад. Дарки кирдори барои ҷамъият хавфноки зикршуда ва пешбинии имконияти фарорасии оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок ҳангоми татбиқи аломатҳои объективии роҳзанӣ унсури зеҳнии қасдро ташкил медиҳад. Мувофиқи қонун, аломати фарқкунандаи қасди бевосита хоҳиши фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок, яъне аломати иродавии он мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ се ҳолат ҷудо карда мешавад, ки ҳангоми ҷой доштани онҳо сухан дар бораи мавҷудияти қасди бевосита меравад: оқибати ба ҷамъият хавфнок, ки унсури таркиб аст, - мақсади

ниҳоии гунаҳгор аст. Бо фарорасии ин оқибат мақсади шахс амалӣ гардида ва ангезаи ӯ қонеъ мегардад; оқибати барои ҷамъият хавфнок, ки унсури таркиб аст, метавонад барои гунаҳгор на мақсади ниҳоӣ, балки мақсади мобайнӣ бошад, ки ҳамчун воситаи зарурии расидан ба мақсади ниҳоӣ баромад намояд.

Мувофиқан, на ҳар натиҷаи ногузири ҳаракатҳои гунаҳгор метавонад, воситаи расидан ба мақсади ӯ бошад; оқибати барои ҷамъият хавфнок, ки унсури таркиб аст, метавонад барои гунаҳгор марҳилаи муайяни расидан ба мақсади мушаххас бошад[421]. Таркиби роҳзанӣ мувофиқи қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ мавҷудияти ду варианти аввалро пешбинӣ мекунад. Ҳамин тавр, мақсади ниҳоии роҳзанӣ табдил додани молу мулки ғайр ба манфиати худ мебошад, дар ҳоле ки барои расидан ба ин мақсад зӯроварӣ истифода мешавад, яъне ба саломатӣ зарар мерасонад, гарчанде ки ин оқибати барои ҷамъият хавфнок мақсади ҷинояткор нест.

Роҳзанӣ ҷинояти қасдона ба ҳисоб меравад, ки ҳам аз хусусиятҳои дар диспозитсияи он тасвиршуда (ҷиноят таркиби расмӣ ё кутоҳкардашуда дорад) ва ҳам аз муқаррароти м. 27 КҶ ҶТ бармеояд. Дар баробари ин, дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ мухолифати таърифи қонунгузории қасд нисбат ба таркиби расмии ҷиноят қайд карда мешавад. Ҳамин тавр, Н. Иванов, изҳор медорад, ки таърифи қонунгузории қасд ба ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ нигаронида шудааст ва барои исботи мавҷудияти қасд дар ҳаракатҳои шахс, субъекти ҳуқуқтатбиққунанда бояд муайян кунад, ки дар натиҷаи ҳаракатҳои анҷомдодашуда субъект имконияти фаро расидани оқибатҳои хавфнокро пешбинӣ кардааст. Агар ин ҳолатҳо исбот нашуда бошанд, пас барои гунаҳгор кардани шахс барои содир кардани ҷинояти қасдона асоси кофӣ мавҷуд нест. Дар ҳамин ҳол, роҳзанӣ ба ҷиноятҳои дорои расмӣ, ки оқибатҳои он аз доираи таркиб берун аст, дахл дорад. Субъекти ҳуқуқтатбиққунанда бо ёрии таҳрифи таърифи қонунгузорӣ лаҳзаи пешбиниро тамоман нодида гирифта аз вазъият берун меояд ва лаҳзаи иродавиро аз оқибатҳо ба ҳаракат мегузаронад: субъект хавфнокии ҷамъиятии кирдори худро дарк мекард ва мехост онро содир намояд. Аз ин рӯй, ҷиноятҳои дорои таркиби расмиро ҳамчун қасдан содиршуда бандубаст намуда, субъекти ҳуқуқтатбиққунанда қонунро ба эътибор нагирифта, на танҳо принсипҳо ва муқаррароти умумии дар худи КҶ ҶТ муқарраршуда, балки принсипи конститутсионии танҳо дар доираи қонун ҷавобгар буданро нодида мегирад[422].

Баҳси шадиди муаллиф проблемаҳои бардоштаи ӯро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунад - дар ҳақиқат, ҳангоми содир кардани ҷиноят, шакли қасд бояд бо тамоми диспозитсияҳои таркиби ҷиноятҳои дар Қисми махсуси қонуни ҷиноятӣ мавҷудбуда бе истисно мутобиқ карда шавад. Илова бар ин, ба андешаи мо, ҳалли масъалаи мустаҳкамкунии қонунгузории шакли гуноҳ нисбат ба ҳар як намуди таркиби ҷиноят (таркиби расмии ҷиноят ва таркиби моддии ҷиноят) мувофиқи мақсад мебуд. Албатта, ин кори душвор

---

[421] Дагель П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление. Воронеж, 1974. – С. 99-100.
[422] Иванов Н. Умысел в уголовном праве России // Российская юстиция. 1995. № 12. – С. 18.

аст ва мо дар ин ҷо ҳалли онро дар назар надорем, ки он аз доираи мавзӯи таҳқиқоти мо берун аст, балки онро танҳо бо тартиби гузоштани мушкилот муайян мекунем.

Номуайянии дар боло зикршудаи қонунгузор барои пешниҳод шудани андешаҳо, ки ҳангоми роҳзанӣ шакли мураккаби гуноҳ имконпазир аст, асос гузошт. Ҳамин тавр, А. Х. Юнусов менависад, ки ҳангоми ҳуҷуми роҳзанӣ "муносибати руҳӣ ба расонидани зарар ба шахс метавонад, дар шакли қасди бевосит ё бавосита ва дар баъзе ҳолатҳо беэҳтиетӣ ифода гардад". Бо чунин андеша розӣ будан мушкил аст.

Хусусияти хоси роҳзанӣ ҳамчун таҷовузи ҷиноятӣ маҳз дар он аст, ки гунаҳгор ҳангоми ҳуҷум, ҳаракатҳои зӯроварии фаъол ва мақсаднокро барои ба даст овардани молу мулки ғайр истифода мебарад. Агар шахс қасд дошта бошад, ки танҳо ба саломатӣ зарар расонад ё молу мулкро на бо истифодаи зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад, балки бо шиддати камтари зӯроварӣ ба даст орад, пас дар ин ҳолат, роҳзанӣ ҳам нахоҳад буд, балки ё расонидани зарар ба саломатӣ ё ғоратгарӣ хоҳад буд. Дар роҳзанӣ гунаҳгор мехоҳад, ки ҳам зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро истифода кунад ва ҳамзамон мехоҳад, ки бо ин зӯроварӣ моликияти дигаронро ба даст орад. Маҳз, дар ҳамин хоҳиши дутарафаи содир кардани ҳам ҳаракатҳои ҷиноятӣ ба муқобили шахсият ва ҳам ҷиноят ба муқобили моликият хусусияти тарафи субъективии (бо назардошти шакли гуноҳ) роҳзанӣ ҷойгир аст. Аммо чунин хоҳиши дутарафа маънои ҷой доштани ду шакли гуноҳро надорад, зеро ҳардуро шахс бо қасди бевосита содир мекунанд.

Агар, бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, шахс аз беэҳтиётӣ зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро истифода барад, ки дар натиҷа ба саломатӣ зарари вазнин мерасонад (масалан, аз зарба ба рӯй ҷабрдида меафтад ва пушти сараш ба санг мезанад ва дар натиҷа ба саломатӣ зарари вазнин мерасонад), пас, дар ин ҳолат масъалаи маҷмӯи ҷиноятҳо дар шакли ғоратгарӣ ва аз беэҳтиетӣ расонидани зарар ба саломатӣ ба миён меояд, зеро гунаҳгор мақсад дошт, намехост ба саломатӣ зарари вазнин расонад; вазъияти дигар ин буд, ки агар гунаҳгор қасдан сари ҷабрдидаро ба ин санг зада бошад, пас сухан дар бораи роҳзанӣ бо таркиби вазнинкунанда меравад (б. “в” қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ). Ин мавқеъ дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дастгирии худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар бораи ин ҷанбаҳо ва эътироз ба шакли омехтаи гуноҳ дар роҳзанӣ, С. М. Кочои қайд мекунад, ки дар қонун ҳеҷ ишорае вуҷуд надорад, ки зӯроварӣ дар роҳзанӣ мумкин аст қасдан содир шуда, расонидани зарар ба шахсият бошад аз беэҳитётӣ содир шавад. Мо чунин мешуморем, ки зарари аз беэҳтиетӣ расонидашуда наметавонад, аз ҷониби таркиби роҳзанӣ фаро гирифта шавад[423]. Аммо, ҳам таҷрибаи тафтишотӣ - судӣ ва ҳам мавқеи комилан бартаридошта дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ хулосаро тасдиқ мекунанд, ки ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ танҳо бо қасди бевосита содир карда мешавад.

---

[423] Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 2000. – С. 224.

Дар мавриди мақсади ҳуҷуми роҳзанӣ, ин мақсад дар диспозитсияи таркиби роҳзанӣ бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр нишон дода шудааст (қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ). Аз ин рӯ, дар адабиётҳо комилан дуруст гуфта мешавад, ки ҳама гуна шакли тасарруф, аз ҷумла роҳзанӣ, танҳо бо қасди бевосита содир карда мешавад. Чунин самти қасд тасарруфро аз ҷиноятҳое, ки дар он гарчанде гунаҳгор молу мулки ғайрро ғайриқонунӣ ва ройгон ба даст меорад, фарқ мекунад, чунки дар ҳолати охирон кушиши ӯ на барои ба даст овардани фоида аз ҷиноят, балки барои ноил шудан ба дигар мақсадҳо равона шудааст (масалан, гирифтани маблағ аз рӯи варақаи қалбакии беморхона бо мақсади сафед кардани ба кор набаромадани худ, нигоҳ доштани молу мулки ба ӯ вогузоршуда аз ҳисоби маоши дар оянда пардохтшаванда). Чунин ҳаракатҳо дар сурати мавҷуд будани аломатҳои зарурӣ метавонанд, таркиби сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314 КҶ ҶТ), сохтакории хизматӣ (м. 323 КҶ ҶТ), худсарӣ (м. 334 КҶ ҶТ) - ро ташкил диҳанд.

Дар тавсифи тарафи субъективии роҳзанӣ бояд қайд кард, ки дар ин шакли тасарруф самти қасд бо ангезаи ғаразнок муайян карда мешавад. Моҳияти ангезаи ғаразнок аз ҷониби қонунгузорӣ муайян карда нашудааст. Дар ин бора андешаҳо гуногунанд. Мо чунин мешуморем, ки ин ҷанба бояд муфассалтар баррасӣ ва мушаххас карда шавад, аз ҷумла таносуби мақсад ва ангеза, бо назардошти он, ки худи қонунгузор нофаҳмиҳои муайянеро ба вуҷуд меорад, вақте ки масалан, дар моддаҳои алоҳида ибораҳои гуногунро истифода мебарад: "нияти ҷаразнок" (б. "и" қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ), " манфиатҳои ғаразнок " (қ. 1 м. 153-1 КҶ ҶТ), " манфиати шахсӣ " (м. 270 КҶ ҶТ) ва ғайра.

Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузор беасос истилоҳҳои гуногунро барои ифода кардани як мафҳум – " ангезаи ғаразнок " истифода бурдааст.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ҳар як ҳаракати инсон, аз ҷумла ҷиноят, бо ангезаҳои муайян вобаста аст ва барои ноил шудан ба ягон мақсад равона карда шудааст. Дар луғати фалсафӣ ангеза ҳамчун нияти даркшавандае муайян карда мешавад, ки барои қонеъ кардани ягон талаботи инсон равона шудаас[424]т. Ангеза дар раванди ҳавасмандкунӣ ба вуҷуд меояд, ки дар асоси он талабот ба вуҷуд меояд, мувофиқан дар сарчашмаҳои фаъолияти инсон ин ё он талабот ҷойгир аст. Дар адабиётҳо қайд карда мешавад, ки талаботҳо - шакли робитаи инсон бо олами беруна, манбаи фаъолнокии онҳо мебошанд, онҳо дар рафтори инсон ба вуҷуд меоянд, ба интихоби ангезаҳое таъсир мерасонанд, ки самти рафторро дар ҳар як вазъияти мушаххас муайян мекунанд, талаботҳои инсон " ниятҳои ибтидоии ӯ ба фаъолият мебошанд ва ба туфайли онҳо дар онҳо ӯ ҳамчун мавҷудияти фаъол баромад мекунад "[425]. Пас, инсон, ки ягон талаботро қонеъ мекунад, ҳаракатҳои дахлдорро анҷом медиҳад, ки иҷрои онҳоро барои худ бо ангезаҳои муайян шарҳ медиҳад. Эҳтиёҷот, бо дарк, эҳсоси норозигӣ ва гузаштан аз раванди ҳавасмандкунӣ, ангезаро ҳамчун

[424] Философский словарь / Под ред. И.Т. Фролова.., 1987. – С. 294.
[425] Рубинштейн С.Л. Бытие и сознание. – М., 1957. – С. 266.

нияти дидаю дониста, қадрдонӣ ва қабулкардаи инсон ҳамчун асоси комил ва асоснокии рафтори худ ба вуҷуд меоранд.

Дар мавриди роҳзанӣ, талаботҳо ғайриичтимоӣ, зиддиҷамъиятӣ мебошанд, аз ин рӯ, аз ин ҷо ангезаҳои содир кардани ин ҷиноят низ бармеоянд. Ангезаи ҷиноят - омили водоркунанда, сарчашмаи фаъолии инсон фаҳмида мешавад[426]. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ таърифи ба ин монанди ангезаи ҷиноят дода мешавад. "Ангеза" - ин қувваи ҳаракаткунандаи дохилии кирдори ҷиноятӣ аст[427].Ба ақидаи А. И. Рарог, ангезаи ҷиноят ин ниятест, ки бо талаботҳо ва манфиатҳои муайян вобаста аст, ки шахсро водор мекунад, ки ҷиноят содир кунад ва дар он зоҳир шавад[428]. Ҳамин тариқ, ангеза асоси фаъолият, аз ҷумла нияти рафтори ҷиноятӣ асоси азми дохилии содир кардани ҷиноят, инчунин пешбарии ангезаҳои бардурӯғ барои худбоварӣ ва сафедкунӣ дар назди одамони дигар мебошад. Фарқи байни ин падидаҳо дар он аст, ки қабули ният ҳамчун сафедкунии ҷиноят пеш аз содир шудани ҷиноят сурат мегирад ва пешбарии ангезаҳои хусусияти худсафедкунанда ҳам пеш аз содир шудани ҷиноят ва ҳам пас аз он имконпазир аст.

Дар мавриди мақсад ҳамчун хусусияти тарафи субъективии ҷиноят, он "тасаввуроти инсон оид ба натиҷаи фаъолият ё натиҷаи хаёлӣ (ғоявӣ)”[429], “ин тасаввурот оиди натиҷаҳои ҷиноятие мебошад, ки субъект барои ноил шудан ба он кӯшиш менамояд”[430] мебошад. Дар ин ҳолат, мақсад танҳо дар сурати нишон додани он дар қонун унсури ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят аст. Дар таркиби роҳзанӣ он ба сифати аломати ҳатмӣ нишон дода шудааст. Ҳам ангеза ва ҳам мақсад нишондиҳандаҳои хоҳиши инсон барои ноил шудан ба чизе мебошанд ва ин нишондиҳандаҳо, ба назари мо, бо дараҷаи мушаххас кардани хоҳиши зикршуда фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, "ангеза як нияти дохилӣ аст, ки ҳанӯз ба объекти мушаххасе, ки онро қонеъ карда метавонад, равона карда нашудааст. Мақсад, баръакс, ин вазифаро иҷро мекунад: он нишон медиҳад, ки барои қонеъ кардани ангеза чӣ натиҷа бояд ба даст оварда шавад[431] . Дар бораи ин ҷанба, Э. Ф. Побегайло қайд мекунад, ки " байни ангезаи ҷиноят ва мақсади ҷиноят робитаи дохилӣ ва органикӣ вуҷуд дорад. Раванди ҳавасмандкунӣ, яъне ташаккули ангезаи шахс, гузоштани мақсади муайянро дар бар мегирад. Мақсади ҷиноят дар оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ амалӣ мешавад”[432]. Дар адабиётҳо инчунин, дуруст қайд карда мешавад, ки ангеза ва мақсад бо ҳам зич алоқаманд, ба ҳам вобасташуда буда, дар айни замон ҷанбаҳои гуногуни раванди иродаро тавсиф мекунанд: агар ангеза ба саволе ҷавоб диҳад, ки чаро шахс ин ё он

---

[426] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 259.

[427] Российская юридическая энциклопедия. – М., 1999. – С. 549.

[428] Рарог А.И. Квалификация преступлений по субъективным признакам. – СПб., 2003. – С.139.

[429] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 259- 260.

[430] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 117.

[431]Кудрявцев В.Н. Генезис преступления. Опыт криминологического моделирования. – М.,1998. – С.101.

[432] Российская юридическая энциклопедия. – М., 1999. - С. 1061.

кирдорро анҷом додааст, пас мақсад самти фаъолиятро муайян мекунад; агар ангеза фаҳмонад, ки чаро шахс ин корро кардааст, на ба таври дигар аз оне, ки ӯ дар ин кор роҳнамоӣ кардааст, пас мақсад мефаҳмонад, ки ӯ ин корро барои чӣ кардааст, бо ҳаракатҳои худ чӣ кор кардааст; агар ангеза сабаби субъективӣ, манбаи психологии ҷиноятро тавсиф кунад, пас мақсад самти ҳаракатҳои гунаҳгорро тавсиф мекунад[433].

Ҳамин тариқ, ҳангоми роҳзанӣ дар гунаҳгор пеш аз содир кардани ҷиноят ангезаи ғаразнок ташаккул меебад, ки дар навбати худ мақсади ҷиноятро тасарруфи молу мулки ғайрро муайян мекунад. Ноил шудан ба мақсад дар гирифтан ё ситонидани ғайриқонунии молу мулки ғайр ва ба манфиати худ ё шахсони сеюм табдил додани он амалӣ карда мешавад, бо вуҷуди ин, мақсади ғаразнок ва ангезаи ғаразнок аксар вақт амалан бо ҳам мувофиқат мекунанд.

А. И. Бойтсов бар ин назар аст, ки мақсади ғаразнок бояд ҳамчун "талош барои ба даст овардани фоидаи моддӣ аз ҳисоби гирифтани молу мулки ғайр, аммо на аз ҳисоби сарфаи беасоси молу мулки худ" фаҳмида шавад[434].

Ба андешаи С. М. Кочой, мақсад аслан ғаразнок буда наметавонад ва ғараз ин ба таври истисно соҳаи ҳавасмандгардонӣ аст. Аммо, ба ақидаи ин муаллиф," ангеза аломати ҳатмии ҷиноятҳое нест, ки дар Кодекси ҷиноятии ФР тасарруф номида мешаванд". С.М. Кочои минбаъд менависад: "Албатта, ангезаи ғаразнок барои тасарруфи молу мулки ғайр хос аст, аммо дар асл, ҳангоми содир кардани чунин ҷиноят, гунаҳгор метавонад, бо дигар ангезаҳо, аз ҷумла бо ангезаҳои "хайрхоҳона" (кӯмак ба бенавоён, баргардонидани қарз ва ғайра) роҳнамоӣ кунад[435].

Ба андешаи мо, чизи асосӣ дар бандубасти ҳаракатҳои гунаҳгор ҳамчун тасарруф ангезае нест, ки на танҳо ғаразнок бошад, балки мақсадест, ки дорошавии ғайриқонунӣ ва ба даст овардани фоида аз ҳисоби молу мулки ғайр мебошад.

Дар қарори Пленуми суди Олии ҶТ аз 26 июни соли 2009 № 21 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ” " қайд карда мешавад, ки куштор бо нияти ғаразнок бояд кушторе банду баст карда шавад, ки бо мақсади ба даст овардани манфиати моддӣ барои гунаҳгор ё шахсони дигар (маблағ, молу мулк ё ҳуқуқи ба даст овардани он, ҳуқуқ ба манзил ва ғайра) ё халос шудан аз хароҷотҳои моддӣ (баргардонидани молу мулк, қарз, ҳаққи хизматрасонӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои молумулкӣ, пардохти алимент ва ғайра) содир шуда бошад (б.15)[436]. Ва гарчанде ки қарори Пленуми Суди Олии ҶТ санади қонунгузорӣ нест, аммо шарҳи зикршуда аз тафсири маъмулии назариявӣ, ки дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ оварда шудааст, ба таври назаррас фарқ мекунад, зеро он

---

433 Зелинский А.Ф. Криминальная мотивация хищений и иной корыстной преступной деятельности. Киев, 1990. – С. 62.
434 Бойцов А.И. Преступления против собственности. СПб., 2002. – С. 287.
435 Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. М., 2000. – С. 114.
436 Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе,2019. – С.101.

аз ҷониби мақомоти расмии давлатӣ, ки чунин шарҳ медиҳад, дода шудааст.

Чи тавре ки ишора намудем, дар қонун, таърифи ғараз ҳамчун ангеза вуҷуд надорад. Ба назари мо, ин мафҳуми ғараз ҳамчун ангеза бояд барои ҳамаи таркиби ҷиноятҳо якхела бошад, вагарна он норавшан хоҳад буд ва барои субъектони ҳуқуқтатбиққунанда мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад. Чунин мафҳум, ба андешаи мо, бояд дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда шавад, вагарна, тавре ки таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ нишон медиҳад, дар бандубасти кирдорҳои дахлдори ба ҷамъият хавфнок ихтилофҳо ногузиранд. Акнун ба қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ муроҷиат мекунем, ки дар он ангезаи "нияти ғаразнок" (б. "и") аз ҷониби қонунгузор ҳамчун аломати вазнинкунанда баррасӣ карда мешавад, яъне ин ҳолат хавфи ҷамъиятии кирдорро вазнин мекунад. Дар баробари ин, қонунгузор ин ҳолатро ба шумораи ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнинтар мекунанд, дохил намекунад (м. 62 КҶ ҶТ), гарчанде ки он, тавре ки дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ қайд карда мешавад, ба нияти паст[437] ё ангезаи паст дахл дорад[438]. Худи қонунгузор низ ғаразро ба ниятҳои паст дохил мекунад, ки ин, масалан, дар мазмуни диспозитсияҳои м.м. 171 ва 173 КҶ ҶТ хуб дида мешавад. Ин ангеза, тавре ки дар адабиётҳо дуруст нишон дода шудааст, хавфи ҷамъиятии кирдорро баланд мебардорад, ки ин барои таркибҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳо хос аст[439].

Мантиқи қонунгузор, инчунин ба назар намерасад, вақте дар дигар таркиби ҷиноятҳо ҳамон як аломатҳои вазнинкунанда такрор мешаванд (масалан, чунин аломат, ба монанди "ҳиссиёти авбошӣ ", ки дар одамкушӣ бо аломати вазнинкунанда ва ҳам қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ мавҷуд аст), аммо ангезаи "нияти ғаразнок" ҳамчун аломати вазнинкунанда дигар пайдо намешавад. Ба назари мо, ангезаҳои ғаразнок бавосита дар ҳама гуна ҷинояти қасдона мавҷуд аст, зеро ҳар гуна ҷинояти қасдона бо мақсади муайян содир карда мешавад (вагарна ният вуҷуд надорад) ва агар мақсад ба даст оварда шавад, гунаҳгор то андозае ангезаи ғаразноки худро иҷро мекунад (ин метавонад, на танҳо фоидаи моддӣ, балки қонеъгардонии ҳисси интиқом, қонеъгардонии талошҳои шахсӣ ва ғайра бошад; ҳатто вақте ба назар чунин мерасад, ки ҷиноят барои шахсони сеюм, масалан, дуздии мошинҳо аз ҷониби қаҳрамони филми Деточкин содир шудааст, дар ин ҷо низ як ангезаи ғаразнок бавосита вуҷуд дорад, ки метавонад дар он бошад, ки гунаҳгор худро баландтар арзёбӣ мекунад ва ба ин маъно мо наметавонем бо ақидае розӣ шавем, ки дар ҳаракатҳои Деточкин умуман дуздӣ вуҷуд надорад )[440]. Чизи дигар ин аст, ки дар бисёр ҳолатҳо (вале на дар ҳама ҳолатҳо) ғараз ошкоро зоҳир мешавад. Ба ибораи дигар, ғараз ҳамеша ба он вобаста аст, ки ҷинояткор ҳеҷ гоҳ фоидаи шахсии худро "фаромӯш намекунад". Аммо чунин фаҳмиши

[437] Миненок М.Г., Миненок Д.М. Корысть: криминологические и уголовно-правовые проблемы. СПб., 2001. -С. 113.
[438] Уголовное право. Общая часть / Под ред. И.Я. Козаченко и З.А. Незнамовой., 1997. - С.203.
[439] Рарог А.И. Квалификация преступлений по субъективным признакам. СПб., 2003. - С.147.
[440] Лопашенко Н.А. Преступления против собственности. М., 2005. - С.229.

васеи ғараз, албатта, барои қонуни ҷиноятӣ ғайри қобили қабул аст, зеро он хеле умумӣ аст. Аз ин рӯ, мафҳуми ғараз бояд мушаххастар бошад.

Пеш аз он ки хулосаҳои худро дар ин масъала баён кунем, номуваффақиятии тафсири тасарруфро дар эзоҳи 1 ба м. 244 КҶ ҶТ қайд мекунем, ки дар адабиётҳо борҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Чунончӣ ибораи калимаҳои "гирифтан ва (ё) ситонидани молумулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон" асоси ғаразро инъикос мекунанд ва аз ин рӯ зарурати бори дигар ишора намудан ба калимаи "боғараз" ҷой надоранд. Ин дар мавқеи як қатор муаллифон, аз ҷумла М. Г. ва Д. М. Миненок тасдиқ карда мешавад, ки ба мазмуни ангезаи ғараз хоҳиши ба даст овардани фоидаи шахсӣ, ки дар хоҳиши доро шудан аз ҳисоби ба тариқи ғайриқонунӣ гирифтани молу мулк ва талош барои таъмини манфиати молумулкӣ аз ҳисоби шахсони дигар ифода меёбад, дохил мешаванд[441].

Дар робита ба ин, Б. С. Никифоров қайд кардааст, нисбати роҳзанӣ ҷой доштани аломати ғараз ҳатмӣ ҳисоб намешаванд[442]. Ҷинояти роҳзаниро гунаҳгор метавонад, барои нобуд кардани молу мулки тасарруфгардида содир намояд. Дар ин бора А. Х. Юнусов навиштааст, ки масалан, " содир намудани ҷинояти роҳзанӣ бидуни ангезаҳои ғаразнокӣ дар ҳайати гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ба шахсони ноболиғ хос аст "[443].

Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки ғараз бояд танҳо ҳамчун ангеза фаҳмида шавад, на ҳамчун мақсад ва дар ин робита мо пешниҳодеро дастгирӣ мекунем, ки дар таърифи қонунгузории тасарруф (эзоҳи 1 ба м. 244 КҶ ҶТ) мақсадро ҳамчун ғараз дар қонун нишон додан лозим нест. Минбаъд, ғаразнокӣ бояд ба номгӯи ҳолатҳое дохил карда шавад, ки ҷазоро вазнинтар мекунанд (м. 62 КҶ ҶТ) ва бо истифодаи ибораи "аз рӯи ангезаи ғаразнок", на ибораи "мақсади ғаразнок". Дар ҷиноятҳои молумулкӣ, аз ҷумла дар таркиби роҳзанӣ, ангезаи ғаразнок бояд мақоми аломати вазнинкунанда дошта бошад, ки барои он бояд қ. 2 м. 249 КҶ ҶТ -ро бо муқаррароти дахлдор "бо ангезаи ғаразнок" пурра кард. Ниҳоят, худи истилоҳи "ангезаи ғаразнок " бояд дар эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ тавзеҳ карда шавад, ки бо он ҷиноятҳои молумулкӣ оғоз меёбанд, зеро ангезаи ғаразнок пеш аз ҳама барои ҷиноятҳои молумулкӣ хос аст ва ба ақидаи А. И. Рарог, ғаразнокӣ танҳо фоидаи молу мулкиро пешбинӣ мекунад[444] (бо ин мо наметавонем бо сабаби дар боло зикршуда комилан розӣ шавем, гарчанде ки эътироф накардан мушкил аст, ки маҳз фоидаи молу мулк асоси ғаразро ташкил медиҳад дар адабиёт нуқтаи назари сазовори дастгирӣ мавҷуд аст, ки мувофиқи он "таърифи ғаразнокӣ бояд аз доираи мафҳуми қонеъ кардани талаботҳои моддии худ берун равад, бояд фаҳмиши васеътар ба даст орад"[445]).

---

441 Миненок М.Г., Миненок Д.М. Корысть: криминологические и уголовно-правовые проблемы. СПб., 2001. – С. 113.

442 Никифоров Б.С. Обязательна ли корыстная цель при хищении // Советское государство и право. 1949. № 10. – С. 26.

443 Юнусов А.Х. Квалификация разбойных нападений по действующему уголовному законодательству: Дис… канд. юрид. наук. Л., 1991. – С. 88.

444 Рарог А.И. Квалификация преступлений по субъективным признакам. СПб., 2003. – С. 141.

445 Безверхов А.Г. Имущественные преступления. Самара, 2002. – С. 165.

Таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо низ бояд ба назар гирифта шавад. Ҳамин тавр, дар КҶ Ҷумҳурии Белорус нишон дода мешавад, ки "бо ниятҳои ғаразнок ангезаҳое фаҳмида мешаванд, ки бо хоҳиши аз ҷинояти содиршуда барои худ ё наздикон манфиати хусусияти молумулкӣ ё нияти халос кардани худ ё наздикон аз хароҷоти моддӣ тавсиф карда мешаванд" (м. 4 КҶ Ҷумҳурии Беларус)[446]. Аммо чунин тарзи баён як қатор нуқсонҳо дорад, аз ҷумла, қисми дуюми таъриф нолозим аст, зеро он бо мафҳуми "манфиати молу мулкӣ" фаро гирифта мешавад; маҳдуд кардани фоида танҳо бо фоидаи молу мулкӣ нодуруст аст; мантиқи он низ нофаҳмо аст, ки манфиати молу мулкӣ танҳо ба наздикони гунаҳкор (ба ғайр аз худи ӯ) маҳдуд карда мешавад, дар ҳоле ки, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, он ба шахсони дигар тааллуқ дорад (масалан, хоҳиши писанд омадан ба роҳбарон).

Ба андешаи мо, таърифи ангезаи ғаразнок дар ниҳоят метавонад, дар қонуни ҷиноятӣ чунин муқаррар карда шавад: " Таҳти мафҳуми бо ангезаи ғаразнокӣ бояд хоҳиши ошкори гунаҳгор барои ба даст овардани фоидаи молумулкӣ ва дигар намуди фоидаи шахсӣ дар натиҷаи содир кардани ҷиноят фаҳмида шавад".

**Адабиёт:**


1. Безверхов А.Г. Имущественные преступления. Самара, 2002. – 359 с.
2. Бойцов А.И. Преступления против собственности. СПб., 2002. – 773 с.
3. Дагель П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление. Воронеж, 1974. – 243 с.
4. Зелинский А.Ф. Криминальная мотивация хищений и иной корыстной преступной деятельности. Киев, 1990. – 70 с.
5. Иванов Н. Умысел в уголовном праве России // Российская юстиция. 1995. № 12. С. 16-18.
6. Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. М., 2000. – 286 с.
7. Кудрявцев В.Н. Генезис преступления. Опыт криминологического моделирования. М.,1998. – 214с.
8. Лопашенко Н.А. Преступления против собственности. М., 2005. – 405 с.
9. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе,2019.- 449 с.
10. Миненок М.Г., Миненок Д.М. Корысть: криминологические и уголовно-правовые проблемы. СПб., 2001. – 367 с.
11. Никифоров Б.С. Обязательна ли корыстная цель при хищении // Советское государство и право. 1949. № 10. - С. 24-26.


[446] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.10.2023 г.)// [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id =30414984&doc_id2=30414984#activate (дата обращение: 19.01.2024).

12. Рарог А.И. Квалификация преступлений по субъективным признакам. СПб., 2003. – 279 с.
13. Российская юридическая энциклопедия. М., 1999. – 1110 с.
14. Рубинштейн С.Л. Бытие и сознание. М., 1957. – 328 с.
15. Уголовное право. Общая часть / Под ред. И.Я. Козаченко и З.А. Незнамовой.М., 1997. – 503 с.
16. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.10.2023 г.)// [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id =30414984&doc_id2=30414984#activate (дата обращение: 19.01.2024).
17. Философский словарь / Под ред. И.Т. Фролова. М., 1987. – 588 с.
18. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – 550 с.
19. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – 223 с.
20. Юнусов А.Х. Квалификация разбойных нападений по действующему уголовному законодательству: дис… канд. юрид. наук. Л., 1991. – 209 с.

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ СУБЪЕКТИ МАХСУС

**Сайдалиев Орзуҷон Илҳомович,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, докторанти (PhD) курси 3-и шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Тел.:** (+992) 907-56-77-77
**E-mail:** orzu-saidaliev97@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Раҳмонзода М.Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсуси ҷиноят мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва сарчашмаҳои меъёрҳои ҳуқуқиро таҳлил намуда, асосҳои танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсуси ҷиноятро асоснок кардааст. Зимни таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки таҳқиқи масъалаи субъекти махсус дар ҷиноятҳои шаркиӣ беназардошти таҳлили меъёрии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар доираи танҳо як назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон, барои таҳқиқи самарабахши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ мушаххасан ишора намудан аз мафҳум ва муҳтавои шарикӣ дар ҷиноят ва шарикони онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Натиҷаи таҳқиқоти мазкур моро водор ба чунин хулосабарорӣ менамояд, ки масъалаи ҷавобгарии шарикони ҷиноят бо субъекти махсус яке аз масъалаҳои мураккаб дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор рафта, паҳлуҳои алоҳидаи он аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вобаста ба нақши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шакрикии содиршуда дар байни олимон ягонафикрӣ ҷой надорад. Новобаста аз он, ки қонунгузории ҷиноятӣ нақши субъекти махсусро дар ҷиноятҳои шарикӣ муқаррар кардааст, вале дар амалия ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ  масъалаи мазкур то ҳол баҳснок боқӣ мондааст.

Инъикоси маҳдудияти доираи иҷрокунандагон (субъектҳои махсуси ҷиноят) ва ҷавобгарии шарикони дигар (субъектҳои умумӣ) аз тавсифи қонунгузории таркиби ҷиноятҳо вобаста буда, мазмуни ҳуқуқӣ ва ҷиноятии гуногун доранд. Агар танҳо аломатҳои субект ба сифати аломатҳои иловагии таркиб баромад кунанд – дар сурати мавҷуд будани аломатҳои иловагии таркиб (аз ҷумла, аломатҳои тарафи объективӣ: кирдор, ҳолатҳо ва ғайра) ҳамиҷрочӣ бо субъектҳои умумӣ имконпазир бошад, пас танҳо шахсеро, ки аломатҳои субекти махсус доранд, иҷрокунанда эътироф кардан мумкин аст. Иштирокчиёни дигари ҷиноят

ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ баромад мекунанд, масалан, духтуре, ки дидаю дониста ҳуҷҷати бардурӯғ омада кардааст, ки шаҳрвандро аз хизмати ҳарбӣ озод намояд, шарик дар ҷинояти эътироф мешавад.

**Калидвожаҳо:** Танзими ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, шарикӣ дар ҷиноят, субъекти махсус, аломатҳои махсус, мафҳуми шарикӣ, аломатҳои ҷиноятҳои шарикӣ, шарикони ҷиноят, субъекти умумӣ, иҷрокунанда, ташкилкунанда, таҳриккунанда, ёрдамчӣ.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЯ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА СОУЧАСТИЕ В ПРЕСТУПЛЕНИЯХ СО СПЕЦИАЛЬНЫМ СУБЪЕКТОМ

**Саидалиев Орзуджон Ильхомович,**
Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова докторант (PhD) 3 курса отдел истории государства и права
**Тел:** (+992) 907-56-77-77
**E-mail:** orzu-saidaliev97@mail.ru

**Научный руководитель:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Раҳмонзода М.Ҷ., кандидат юридических наук, дотсент

**Аннотация:** В данной статье рассматривается вопрос правового регулирования ответственности за соучастие в преступлениях со специальным субъектом. Автор в ходе исследования данного вопроса проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и источники правовых норм, а также обосновал основы правового регулирования ответственности за соучастие в преступлениях со специальным субъектом. В ходе исследования автор пришел к выводу, что невозможно исследовать вопрос специального субъекта преступлений Востока без учета нормативного судебно-уголовного анализа в рамках только одной теории уголовного права. В то же время для эффективного расследования особенностей соучастия в преступлениях уместно конкретно обратиться к понятию и содержанию соучастия в преступлении и его соучастников.

Результат настоящего исследования приводит нас к выводу, что вопрос ответственности соучастников преступления, имеющий специальный субъект, является одним из сложных вопросов теории уголовного права, а отдельные его аспекты подлежат научному исследованию исследователями. Исследование показывает, что среди ученых нет единого мнения относительно роли специального субъекта в уголовных преступлениях. Несмотря на то, что уголовным

законодательством закреплена роль специального субъекта в соучастных преступлениях, этот вопрос до сих пор остается дискуссионным в практике и теории уголовного права.

Отражение ограничения круга исполнителей (специальные субъекты преступления) и ответственности других соучастников (общие субъекты) зависит от описания законодательством состава преступлений и имеет различное правовое и уголовное содержание. Если дополнительными признаками композиции выступают только признаки субъекта — при наличии дополнительных признаков композиции (в частности, признаков объективной стороны: действий, ситуаций и т. д.) возможно сосуществование с общими субъектами, тогда можно узнать только человека, обладающего признаками специального субъекта -исполнителя. Организаторами, подстрекателями или помощниками выступают другие участники преступления, например, соучастником преступления становится врач, заведомо представивший поддельный документ об освобождении гражданина от военной службы.

**Ключевые слова:** правовое регулирование, уголовная ответственность, соучастие в преступлении, специальный субъект, специальные признаки, понятие соучастия, признаки соучастия в преступлении, соучастники преступления, общие субъект, исполнитель, организатор, подстрекатель, помощник.

## LEGAL REGULATION OF LIABILITY FOR COMPLICITY IN CRIMES WITH A SPECIAL ENTITY

**Saidaliyev Orzudzhon Ilhomovich,**
National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law A. Bahovaddinov, doctoral student (PhD) 3nd year of the Department of History of State and Law
**Phone:** (+992) 907-56-77-77
**E-mail:** orzu-saidaliev97@mail.ru

**Scientific adviser:** Sharipov T.Sh., Doctor of Law, Professor.
**Reviewer:** Rahmonzoda M.J., candidate of legal sciences, dotsent

**Annotation:** This article discusses the issue of legal regulation of liability for complicity in crimes with a special subject. In the course of researching this issue, the author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and sources of legal norms, and also substantiated the basis of the legal regulation of liability for complicity in crimes with a special subject. In the course of the study, the author came to the conclusion that it is impossible to study the issue of a special subject of crimes in the East without taking into account normative forensic-criminal analysis within the framework of only one theory of criminal

law. At the same time, for an effective investigation of the characteristics of complicity in crimes, it is appropriate to specifically address the concept and content of complicity in a crime and its accomplices.

The result of this study leads us to the conclusion that the issue of liability of accomplices to a crime, which has a special subject, is one of the complex issues of the theory of criminal law, and its individual aspects are subject to scientific research by researchers. The study shows that there is no consensus among scientists regarding the role of a special subject in criminal offenses. Despite the fact that criminal law enshrines the role of a special subject in accomplice crimes, this issue still remains controversial in the practice and theory of criminal law.

Reflection of the limitation of the circle of perpetrators (special subjects of the crime) and the responsibility of other accomplices (general subjects) depends on the description of the elements of crimes by legislation and has different legal and criminal content. If the additional features of the composition are only the features of the subject - if there are additional features of the composition (in particular, features of the objective side: actions, situations, etc.), coexistence with general subjects is possible, then you can only recognize a person who has the features of a special subject - the performer. Organizers, instigators or assistants are other participants in the crime, for example, a doctor who knowingly presented a forged document about the exemption of a citizen from military service becomes an accomplice to the crime.

**Keywords:** legal regulation, criminal liability, complicity in a crime, special subject, special signs, concept of complicity, signs of complicity in a crime, accomplices in crime, common subject, perpetrator, organizer, instigator, assistant.

Масъалаи баҳодиҳии ҷиноятҳо бо субъекти махсус хеле васеъ буда, дар институтҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ – шарикӣ, фаъолияти ҷиноятии нотамом, радкунии ихтиёрӣ, рақобати меъёрҳо зоҳир мегардад. Таваҷҷуҳ ба институти шарикӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки таълимот дар бораи субъекти махсус аз проблемаи шарикии шахсон дар ҷиноятҳо бо субъекти махсус инкишоф мeёбад. Маврид ба зикр аст, ки таҳқиқи масъалаи субъекти махсус дар ҷиноятҳои шаркиӣ беназардошти таҳлили меъёрии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар доираи танҳо як назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон, барои таҳқиқи самарабахши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ мушаххасан ишора намудан аз мафҳум ва муҳтавои шарикӣ дар ҷиноят ва шарикони онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ[447] мафҳуми шарикӣ дар ҷиноят ба назар мерасад, вале он қариб дар ҳама сарчашмаҳо як моҳиятро ифода мекунад. Сабаб дар он аст, аксари муҳаққиқон ба мафҳуми муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ такя мекунанд. Мутобиқи моддаи 35-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда

[447] Аветисян С.С. Соучастие в преступлениях со специальным составом. – М., 2004. – С. 109; Агапов А.П. Проблемы противодействия организованной преступной деятельности. – М., 2010. – С. 38; Мондохонов А.Н. Соучастие в преступной деятельности. – М., 2006. – С. 16.

ашхос дар содир намудани ҷинояти қасдона шарикӣ дар ҷиноят эътироф мешавад[448]. Мо низ ба мафҳуми муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ мувофиқ мебошем. Дар моддаи 36 шарикони ҷиноят муқаррар гардида, моҳияти вазифаҳои онҳо нишон дода шудааст. Тавре аз меъёри муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бармеояд, он моҳияти нақшҳои ҳар як шаркиро равшан кардааст, вале дар меъёри мазкур ҳеҷ ишора ба субъекти махсуси ҷиноят нашудааст. Чунин ишора дар қисми 4, моддаи 37-и КҶ ҶТ муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, шахсе, ки субъекти ҷинояти дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс махсус зикргардида набуда, дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда иштирок кардааст, барои ин ҷиноят метавонад танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад[449]. Чунин меъёр айнан дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Туркманистон низ муқаррар шудааст. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳо меъёри ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарии субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ пурра ба назар намерасад. Аз ҷумла, Кодексҳои ҷиноятии Фаронса, Ҷопон, Хитой, Корея. Мавҷуд набудани муқаррароти умумӣ оид ба ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноят бо субъекти махсус, вале бо ишораҳои дахлдор нисбат ба ҷиноятҳои алоҳида дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва танзими қонунгузории имконияти ба шарикони дигар паҳн кардани аломатҳои инфиродии субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Олмон, Туркия, Полша, Булғория, Исроил ба назар мерасанд.

Новобаста аз муқаррароти қонунгузорӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят бо субъекти махсус дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври васеъ таҳқиқ гардида, андешаҳои мухталиф дар ин хусус ҷой доранд. Маврид ба зикр аст, ки баҳсҳо дар бораи эҳтимолияти шарикии шахсон дар ҷинояти дорои субъекти махсус дар асри 19 оғоз ёфтаанд. Дар хусуси масъалаи баррасишаванда чор мавқе таҳия ва асоснок карда шудааст. Баъзе муаллифон (Н.С. Тагансев, М.Н. Меркушев, В.И. Ткаченко ва А.М. Сарегородсев)[450] чунин мешуморанд, ки шарикии шахси алоҳида дар ҷинояти дорои субъекти махсус ғайриимкон мебошад. Дар адабиёт консепсияҳо, баҳсҳо ва мавқеъҳои мухталиф оид ба масъалаҳои муайяни институти шарикӣ мавҷуд мебошанд. Масъалаи мазкур то ҳол яке аз масъалаҳои пурмуаммо мебошад. Масъалаҳои ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субекти махсус барои назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он хеле муҳиманд. Ба ин масъала ҳамеша аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешуд, вале бо вуҷуди ин, бисёре аз ҷанбаҳои он баҳсбарангез боқӣ мондааст[451].

---

[448] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 20.03.2023).
[449] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 20.03.2023).
[450] Таганцев Н.С. Русское уголовное право. Т. 1. Часть Общая / Н.С. Таганцев. – Тула: Автограф, 2001. – С. 611; Устименко, В.В. Специальный субъект преступления / В.В. Устименко. — Харьков: Выша школа, 1989. – С. 81
[451] Аветисян С.С. Соучастие в преступлениях со специальным составом: монография. – М.: ЮНИТИ, 2004. – С.305-307; Витвицкая С.С. Уголовная ответственность за экономические преступления

Шарикӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун шакли махсуси содир кардани ҷиноят, ки бо дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятӣ тавсиф мешавад ва дар чунин ҳолатҳо на бо қувваҳои оддии якчанд унсурҳои ҷиноятӣ, балки маҷмӯи рафторе, ки ба фаъолияти онҳо сифати нав мебахшад ба ҳисоб меравад. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, дар баъзе мавридҳо шарикӣ имкон медиҳад ҷиноятҳое содир карда шаванд, ки агар ҳар яке аз шарикон дар танҳои амал мекарданд, содир кардани ҷиноят имкон надошт. Кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, ки бо шарикӣ содир карда мешаванд, аксар вақт бо созиши пешакии байни шарикон ба амал меояд. Ҷиноятҳои қасдона, чун қоида, боиси оқибатҳои вазнинтар гардида, дар ошкор кардани он душвориҳо ба миён меояд[452].

Оид ба масъалаи мазкур зикр намудан ба маврид мебошад, ки проблемаҳои бандубасти ҷиноятҳои дорои субъекти махсус аксаран дар робита ба баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба ҷиноятҳое, ки дар шакл ва намудҳои гуногуни шарикӣ содир шудаанд, ба миён меоянд. Одатан, ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои бо шарикии муқаррарии содиршуда душвориҳои камтар ба миён меоянд, зеро ҳамиҷрокунанда бе тақсими нақши вазифаҳои иштирокчиёни ҷиноятро баробар мекунад. Аммо ин имконпазир аст, ки шарикони ҷиноят дорои аломатҳои якхелаи субъект мебошанд, масалан, содир кардани ҷиноят аз ҷониби ду субъекти умумӣ ё ду субъекти махсус. Дар мавриди ҷиноятe, ки аз ҷониби субъекти умумӣ ва махсус содир шудааст, дар баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ душвориҳо ба амал омада, тақсимоти нақшҳо вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонад.

Вобаста ба шарикӣ дар адабиёти илмӣ се назария васеъ паҳн шудааст – аксессуарӣ (тахмин мекунад, ки ҷавобгарӣ ва фаъолияти шарикон комилан аз фаъолияти иҷрокунанда вобаста аст), назарияи ҷавобгарии мустақил (тахмин мекунад, ки ҳар як шарик барои ҷинояти шахсан содиркардааш ҷавобгар мебошад ва барои амали иҷрокунанда ҷавобгар нест) ва назарияи ҷавобгарии омехтаи шарикон. Ба андешаи Э.А. Бачури назарияи охир онқадар маъмул нест, аммо сазовори таваҷҷӯҳ мебошад[453]. С.С. Аветисян, ки ин назарияро дастгирӣ мекунад, қайд намудааст, ки дар он ихтилофе нест, ки умуман таълимоти ҷавобгарии мустақили шарикон то андозае хусусияти ҳосилавии ҷавобгарии онҳоро аз амали иҷрокунанда ифода мекунад. Дар он чизе, ки назарияи иловагии шарикӣ аҳаммияти мустақили ҷавобгарии шариконро комилан инкор намекунад, ҳеҷ зиддият вуҷуд надорад[454].

Назария ба ду муқаррарот асос ёфтааст – дар низоми шарикӣ нақши асосӣ ба иҷрокунанда гузошта мешавад, зеро миқёс ва доираи масъулияти шарикон ба рафтори ӯ вобаста мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҷавобгарии шарикон комилан ба ҷавобгарии иҷрокунанда вобаста

---

специальных и неспециальных субъектов (проблема «фактического» исполнителя) // Рос. следователь. – 2007. – № 20. – С. 17-19.

[452] Ананич С.В. Особенности правовой оценки соучастия в преступлениях со специальным субъектом // Вестник Академии МВД Республики Беларусь. – 2011. – № 2 (22). – С. 95.

[453] Бачурии Э.А. Специальный субъект преступления: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2005. – 228 с.

[454] Аветисян С.С. К проблеме концепции «смешанной» теории ответственности соучастников преступления / С.С. Аветисян // Прокурорская и следственная практика. – 2004. – № 1-2. – С. 204.

мебошад. Шарикон барои гуноҳи ягон каси дигар дар ҷинояти «бегона» ҷавобгар нестанд, балки барои кирдорҳои ҷиноятии худашон ҷавобгаранд, вале онҳо аз ҷавобгарии содиркунандаи кирдор мустақилияти комил надоранд.

Э.А. Бачури қайд мекунад, ки барои ҷудо кардани назарияи мустақили омехта ягон асос вуҷуд надорад, гарчанде ки баъзе муқаррароти он комилан асосноканд. Мо чунин мешуморем, ки назарияи асосноктарин ҷавобгарии мустақилонаи шарикон мебошад, ки дар шакли соддакардашуда (ҳар як шарик барои кирдори содиркардааш ҷавобгар аст) дар амал дида намешавад[455]. Дар ин хусус бояд қайд намуд, ки ҳангоми муайян кардани ҷавобгарии шарикон ҳамеша таъсири амали иҷрокунанда мавҷуд аст, аммо ин таъсир ҳолати истисноие нест, ки ҷавобгарии онҳоро муайян мекунад.

Таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ оид ба масъалаи мавриди назар имкон медиҳад, чунин хулоса бароварда шавад, ки содиркунандаи ҷиноят шахсест, ки дорои аломатҳои субъекти ҷиноят – умумӣ ё махсус мебошад. Оё чунин талабот нисбат ба ҳамиҷрокунандагон – шахсоне дахл доранд, ки якҷоя бо шахсони дигар бевосита дар содир намудани ҷиноят иштирок кардаанд? Ба ин савол С.В. Ананич чунин посух медиҳад, ки агар ба ҷиноят субъекти умумӣ хос бошад, он гоҳ ҳамиҷрокунандагон бояд ба аломатҳои умумии субъект мувофиқ бошанд (мукалаф бошанд, ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расида бошанд). Дар акси ҳол, масалан ду нафар ҷиноят содир намуданд, ки яке аз онҳо ба синни муқаррарнамудаи қонун, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ ба амал меояд нарасидааст, шарикӣ ва баҳои ҳуқуқӣ ба кирдоре, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст, истисно карда мешавад[456].

Одатан, дар адабиёт аломатҳои шарикӣ ба объективӣ (ду ва зиёда шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ қодиранд; амали муштараки шарикон) ва субъективӣ (гуноҳҳои муштарак, хусусияти қасдонаи амали шарикон) тақсим мешаванд. Дар асоси хусусиятҳои анъанавӣ Т.Г. Макаров пешниҳод мекунад, ки онҳо бояд нисбат ба шарикӣ дар ҷинояти дорои субъекти махсус аниқ карда шаванд[457]. Ба андешаи Т.Г. Макаров, аломатҳои объективии шарикӣ дар ҷинояти дорои субъекти махсус инҳо мебошанд:

1) мавҷуд будани ду ё зиёда шахсоне, ки ҳар кадоми онҳо аломатҳои субъекти умумии ҷиноятро доранд ва ақаллан яке аз онҳо инчунин бояд аломатҳои махсуси иловагӣ дошта бошад;

2) амали муштараки шарикон, ки инҳоро дар назар дорад: а) натиҷаи умумии ҷиноят барои ҳама якхела; б) робитаи сababӣ байни амали ҳар як шарикон ва оқибатҳои ҷиноят[458].

---

[455] Бачурии Э.А. Специальный субъект преступления: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2005. – 228 с.
[456] Ананич С.В. Особенности правовой оценки соучастия в преступлениях со специальным субъектом // Вестник Академии МВД Республики Беларусь. – 2011. – № 2 (22). – С. 95-99.
[457] Бачурии Э.А. Специальный субъект преступления: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2005. – 228 с.
[458] Макарова Т.Г. Уголовно-правовая характеристика соучастия в преступлении со специальным субъектом / Т.Г. Макарова. – СПб., 2002. – С. 54.

Аломатҳои субъективии шарикӣ бо субъекти махсус, ба таври зайл пешниҳод карда мешаванд:

а) дарк намудани субъекти умумӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят бо субъекти махсус, аз ҷумла дарк намудани аломатҳои субъекти махсус;

б) пешгӯии фарорасии натиҷаи умумии ҷиноятӣ;

в) хоҳиш ё тахмини бошууронаи ба вуҷуд омадани чунин натиҷа[459].

Н.С. Тагансев оид ба ин масъала қайд кардааст, ки агар кирдорро танҳо шахсоне, ки дар давлат ягон вазифаи хизматиро ишғол мекунанд ё ягон уҳдадории мушаххасро иҷро мекунанд, қонунан содир карда тавонад, пас шахсоне, ки ба ин гуна кирдор ҳисса гузоштаанд, вале худашон дар шароити иҷрокунанда қарор надоранд, барои чунин кирдор ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд, агар рафтори содиркардаи онҳо кирдори мустақили ҷиноятӣ набошанд[460]. Далелҳои ин мавқеъ ифодакунандаи он мебошанд, ки шахсони алоҳида дорои аломатҳои субъекти махсус нестанд ва аз ин рӯ, барои кирдори содиршуда бо субъекти махсус наметавонанд ҷавобгар бошанд. Олимони дигар (С.В. Познишев, А.А. Жижиленко, Н. Попов, В.Н. Ширяев)[461] чунин мешуморанд, ки шарикии шахси алоҳида дар ҷинояти дорои субъекти махсус ҳамчун қоидаи умумӣ ғайриимкон аст, вале ба таври истисноӣ дар ҷиноятҳои мансабии омехта иҷозат дода мешавад.

В.Н. Ширяев дар ин хусус қайд мекунад, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ду намуди ҷиноятҳои мансабӣ – сирф ҷиноятҳои мансабӣ, ки бо объекти суиқасд ва вайрон кардани уҳдадориҳои мустаснои хизматӣ хос мебошанд ва ҷиноятҳои мансабии омехта[462]. Аз андешаи муҳаққиқ бармеояд, ки ҷиноятҳои мансабии омехта чунин ҷиноятҳое мебошанд, ки дар онҳо ғайр аз ҷиноятҳои хизматӣ, инчунин ҷиноятҳои умумӣ низ дохил мешаванд ё ҷиноятҳои умумӣ ҳамчун ҳолати иловагӣ бандубаст ба ҷиноятҳои хизматӣ дохил карда мешаванд.

Мувофиқи мавқеи сеюм масъалаи иштироки шахсони алоҳида дар намуди ҷиноятҳои мансабии дорои субъекти махсус вобаста ба хусусиятҳои қонунгузории субъекти махсус ба таври гуногун ҳал карда мешавад. Имконияти шарикии шахсони алоҳида танҳо дар ҷиноятҳои дорои хусусияти умумии қонунгузорӣ эътироф карда мешавад: ҳамаи шахсони мансабдор - дар ҷиноятҳои мансабӣ, хизматчиёни ҳарбӣ - дар ҷиноятҳои ҳарбӣ, аммо шарикӣ дар ҷиноятҳое, ки доираи маҳдуди субъектҳои аз ҷониби қонунгузор махсус муайяншуда, ғайриимкон мебошад. Ин мавқеъро П.П. Галиакбаров, А.Ф. Зелинский[463] дастгирӣ кардаанд.

Мо бо бо назардошти асосҳои зерин мавқеи мазкурро дастгирӣ мекунем: Якум, сарфи назар аз он, ки аломатҳои субъекти махсусро

---

[459] Макарова Т.Г. Уголовно-правовая характеристика соучастия в преступлении со специальным субъектом / Т.Г. Макарова. – СПб., 2002. – С. 58.

[460] Таганцев, Н.С. Русское уголовное право. Т. 1. Часть Общая / Н.С. Таганцев. – Тула: Автограф, 2001. – С. 611.

[461] Позныщев С.В. Учебник уголовного права. Очерк основных начал Общей и Особенной части науки уголовного права. I Общая часть / С.В. Нозныщев. – М.: Юридиздат, 1923. – С. 156;

[462] Ширяев В.Н. Участие частных лиц в должностных преступлениях // Право и жизнь / В.Н. Ширяев / Под ред. А.М. Винавера, М.Н. Гернета и А.Н. Трайнина. – М., 1925. - Кн. 1. – С. 59.

[463] Аветисян С.С. Соучастие в преступлениях со спениальным составом. – М., 2004. – С. 298.

объекти сӯйиқасд муайян мекунанд, вале дар ҳақиқат кирдорҳои ҷиноятии дорои субъекти махсусро ҳар як шахс содир карда метавонад. Чизи дигар ин аст, ки танҳо шахсе, ки ба аломатҳои махсус мувофиқ аст, метавонад иҷрокунандаи кирдори дорои субъекти махсус бошад. Аммо дар шарикӣ, хусусияти асосӣ қобилияти шахс барои зарар расонидан ба объект мебошад. Агар шахси алоҳида ин кирдорро бо роҳи содир намудани амалҳои (беамалии) ташкилотчигӣ, ёрирасонӣ, таҳриккунанда ё ҳамиҷрокунанда анҷом диҳад, он гоҳ масъала дар бораи он ки оё давлат ҳуқуқи ба ҷавобгарӣ кашидани ин шахсро дорад, яъне оё амали (беамалии) шахси алоҳида манъ аст ё не, оё гуноҳ муқаррар мешавад ва ғайра аҳаммият пайдо мекунад. Сониян, эҳтимоли шарикӣ аз он иборат аст, ки шарикӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ шароити махсус ба вуҷуд намеорад, аз ин рӯ ҳар як шахсе, ки кирдори ҷиноятӣ содир кардааст, вазифадор аст, ки онро ба дӯш гирад.

Ҳолатҳое имконпазиранд, ки дар ҷинояти дорои субекти махсус мавҷуд будани ақаллан як шахсе, ки ба аломатҳои субъекти махсус мувофиқат мекунад, кифоя аст. Дигар шарикон бояд танҳо аломатҳои субъекти умумӣ дошта бошанд. Ғайр аз он, агар шарик дар якҷоягӣ бо субъекти махсус тарафи объективии таркиби ҷиноятро иҷро кунад, он гоҳ ӯ ҳамиҷроҷӣ эътироф карда мешавад. Бо вуҷуди ин, мухолифони ин андеша низ мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла, Н.А. Бабий чунин мешуморад, ки субъекти ғайримахсус наметавонад иҷрокунандаи (ҳамиҷрокунандаи) ҷиноят бо субъекти махсус бошад[464].

Мавқеи дар айни замон бартариятдошта аз он иборат аст, ки шарикон-шахсони алоҳида дар ҷинояти дорои субъекти махсус метавонанд ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ бошанд, вале иҷрокунанда (ҳамиҷрокунандагони) ҷиноят шуда наметавонанд. Ин мавқеъро аксарияти олимон дастгирӣ мекунанд. Аз ҷумла, С.С. Аветисян, Т.Г. Макарова, С.А. Семёнов, В.В. Устименко, Р. Оримбоев, В.С. Орлов ва дигарон[465]. Ин мавқеъ то андозае дуруст ба назар мерасад. Зеро ҷинояти субъекти махсусро танҳо шахсе содир карда метавонад, ки дорои аломатҳои махсуси иловагӣ мебошад, новобаста аз он, ки ӯ ҷиноятро дар алоҳидагӣ ва ё дар шарикӣ бо дигар шахсон содир мекунад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки азбаски танҳо шахсе, ки дорои аломатҳои субъекти махсус мебошад, метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимоя қарордошта зарар расонад, ба истиснои субъекти махсус ҳеҷ кас наметавонад тарафи объективии ҷинояти дахлдорро иҷро намояд.

С.С. Аветисян доир ба мавқеи мазкур ду намуди таркибҳоро ҷудо мекунад – таркибҳое, ки дар он ҳамаи унсурҳо махсус мебошанд (таркибҳои махсус) ва таркибҳое, ки танҳо субъект хусусияти муайян дорад. Ба андешаи ӯ, дар таркибҳои махсус шахсони алоҳида наметавонанд ба объекти махсуси муҳофизатшаванда зарар расонанд, аз ин рӯ онҳо ба таври қонунӣ ҳамчун ташкилотчиён, ёрдамчиён, таҳриккунандагон тибқи

---

[464] Бабий Н.А. Объект преступления и виды соучастников // Проблемы борьбы с преступностью и подготовки кадров для органов внутренних дел Республики Беларусь : тез. докл. Междунар. науч.-практ. конф. – Минск: Акад. МВД, 2010. – С. 226.

[465] Аветисян С.С. Соучастие в преступлениях со снециалъным составом. – М., 2004. – С. 381-382.

қонунгузории ҷиноятӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд[466]. Ҳатто дар ҳолатҳое, ки шахси алоҳида як қисми тарафи объективии ҷиноятро бо таркиби махсус иҷро намояд ҳам, С.С. Аветисян пешниҳод менамояд, ки масъала бо роҳи ислоҳи мафҳуми «ёрдамчӣ» ҳал карда шавад, ки тибқи он амали субъектҳои ғайримахсус, ки як қисми тарафи объективии ҷиноятро бо таркиби махсус анҷом додаанд, бояд ҳамчун ёрдамчӣ арзёбӣ карда шавад[467]. Аммо, дар ин хусус Э.А. Бачури қайд менамояд, ки ба таври васеъ муайян намудани мафҳуми қонунии «ёрдамчӣ» ва ба он дохил намудани вазифаҳое, ки барои нақши ёрдамчӣ дар низоми шарикӣ хос нестанд, боиси вайрон шудани мувозинати низоми шарикӣ гардида, функсияи аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ беасос ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус, мо ба ақидаи А.А. Арутюнов[468] мувофиқ мебошем, ки тибқи он шарикӣ ин низоме мебошад, ки дар он фаъолияти муштараки шарикон нисбат ба фаъолияти якхелаи як шахс дар як шароит, вале аз якдигар дар алоҳидагӣ дараҷаи сифатан нав пайдо мекунад.

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои муҳаққиқон чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки аз ҷониби шахси алоҳида иҷро намудани тарафи объективии кирдор бо субъекти махсус ӯро дар се ҳолат ҳамҷрокунанда мегардонад: аввалан, агар ин ҷинояти дуобъекта аз сӯиқасди объекти махсус ва умумӣ иборат бошад (масалан, баъзе ҷиноятҳои ҳарбӣ); дуюм, вақте ки тарафи объективии кирдор тавре тавсиф карда мешавад, ки шахс метавонад на танҳо онро дар ҳақиқат иҷро кунад, балки барои он аз ҷиҳати қонунӣ ҷавобгар бошад; сеюм, вақте ки шахси алоҳида барои сӯиқасд ба объект ё иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ имконияти воқеӣ дорад (масалан, тасарруф ё сохтакории хизматӣ).

Бояд тазаккур дод, ки бо ин ҳама андешаҳо доир ба субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ ба итмом намерасад. Бинобар сабаби мураккаб будани масъалаи мазкур дар адабиётҳо андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Масалан, ба андешаи М.И. Ковалева, дар тамоми низомҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд будани субъектҳои махсуси ҷиноят пеш аз ҳама бо он шарҳ дода мешавад, ки баъзан кирдорҳо танҳо дар сурати аз ҷониби шахси дорои салоҳияти махсус содир шудан барои ҷамъият хавфнок мегардад, зеро дар дигар шароитҳо ё умуман содир кардан ғайриимкон аст, ё онҳо наметавонанд хатари ҷамъиятӣ дошта бошанд[469]. Мавқеи дигарро А.А. Арутюнов пешниҳод намудааст. Ӯ масъалаи мазкурро дар мисоли таҷовуз ба ба номус баррасӣ карда, қайд менамояд, ки барои ҳалли он бояд ёрдамчӣ (зан) ва иҷрокунанда (мард) бо созиши пешакӣ ҳамчун гурӯҳи шахсон эътироф карда шаванд[470]. Маълум мешавад, ки А.А. Арутюнов пешниҳод мекунад, ки мафҳуми гурӯҳ тағйир дода шуда, мавҷудияти он бо иштироки ёрдамчӣ ва иҷрокунанда ҳамчун аъзои гурӯҳи шахсон бо созиши

---

[466] Ҳамон ҷо.
[467] Аветисян С.С. Соучастие в преступлении со специальным составом. – М., 2004. – С. 390.
[468] Бачурии Э.А. Специальный субъект преступления: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2005. – 228 с.
[469] Ковалев М.И. Соучастие в преступлении / М.И. Ковалев. - Екатеринбург, 1999. – С. 115.
[470] Арутюнов А.А. Грунна лиц и группа лиц по предварительпому сговору: проблемы и ответственность / А.А. Арутюнов // Право и нолитика. – 2002. – № 2. – С. 46.

пешакӣ эътироф карда шаванд. Аммо, чун анъана, дар назарияи шарикӣ гурӯҳи шахсон ҳамчун иттиҳоди ду ё зиёда шахсоне ҳисобида мешавад, ки якҷоя бевосита ба объекти ҳифзшавандаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таъсир расонида, тарафи объективии таркиби ҷиноятро пурра ё қисман иҷро мекунанд, яъне, иштирокчиёни ҷинояти гурӯҳӣ – ҳамиҷрокунандагон мебошанд. Бинобар ин, мо бо мавқеи пешниҳодкардаи А.А. Арутюнов розӣ шуда наметавонем.

Оид ба масъалаи мавриди назар дар ҷинояти таҷовуз ба номус В.М. Хомич қайд мекунад, ки тарафи объективӣ хусусияти мураккаб дошта, аз ду амали ба ҳам алоқаманд – истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ нисбати ҷабрдида ва содир намудани алоқаи ҷинсии хушунатомез бо ӯ иборат мебошад. Ба ин маъно, ҳамчун ҳамиҷрокунанда эътироф намудани шахсоне, ки қисман амалҳои зикргардидаро бо шарикӣ иҷро мекунанд, мантиқӣ ва асоснок ба назар мерасад[471]. Ин андешаро дастгирӣ намуда, С.В. Ананич қайд намудааст, ки ба назари мо, занон низ бояд ҳамчун шарики ҷинояткор эътироф карда шаванд, ки дар мавриди зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ нисбати ҷабрдида барои кӯмак ба шахсе, ки амали зӯроварии шаҳвонӣ содир мекунад, иштирок менамояд[472]. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи прокурорӣ ва судӣ-тафтишотӣ низ ин андеша дастгирӣ ёфта, зан ҳамчун субъекти махсуси содир намудани ҷинояти муштарак дар таҷовузи дастаҷамъӣ эътироф шудааст[473]. Аммо дар ин хусус мо ба андешаи Б.В. Волженкин розӣ мебошем[474]. Ба андешаи ӯ, дар ин маврид мо ба вайроншавии меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ дучор мешавем. Мо бо он далел андешаи муҳаққиқро дастгирӣ мекунем, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ субъекти махсус (иҷрокунандаи) ҷинояти таҷовус ба номус танҳо мард шуда метавонад. Вале дар ҷиноятҳои шарикӣ зан метавонад, ташкилотчӣ, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ бошад, аммо иҷрокунанда шуда наметавонад.

Ҳақ бар ҷониби В.Г. Павлов мебошад, ки чунин қайд намудааст: тарафи объективии таҷовуз наметавонад аз як амали ҷиноятии зӯроварӣ ё алоқаи ҷинсӣ иборат бошад, ки ҳар кадоми онҳоро танҳо субъекти махсуси ҷиноят - мард содир карда метавонад. Агар дар бораи зан сухан ронем, пас вай метавонад танҳо як қисми тарафи объективиро - зӯроварӣ ба ҷабрдида иҷро намояд, ки дар натиҷа маҷмӯи амалҳое, ки бояд таркиби таҷовузро ташкил диҳанд, вуҷуд дошта наметавонад. Дар ин ҳолат зан наметавонад аломати иловагии субъекти махсуси ҷиноят, яъне аломати ҷинси мард дошта бошад, ки аз маъноии қонунгузорӣ бармеояд ва ҳангоми содир намудани таҷовуз ба номус аз ҷониби як гурӯҳи

---

[471] Хомич В.М. Системно-содержательные изменения института соучастия в Уголовном кодексе Беларуси и стандарты законности при квалификации // Судебная практика в контексте принципов законности и права: сб. науч. тр. – Минск, 2006. – С. 50-51.

[472] Ананич С.В. Особенности правовой оценки соучастия в преступлениях со специальным субъектом // Вестник Академии МВД Республики Беларусь. – 2011. – № 2 (22). – С. 95-99.

[473] Практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. Х. Д. Аликперова, Э. Ф. Побегайло. – М., 2001. – С. 333-334.

[474] *Волженкин Б.В.* Некоторые проблемы соучастия в преступлениях, совершаемых специальными субъектами // Уголовное право. – 2000. – № 1. – С. 12.

одамон ӯ ҳамиҷрокунанда шуда наметавонад[475]. Ҳалли ин масъала ба сохтори қонунгузории унсурҳои дахлдори ҷиноят вобаста мебошад. Масалан, агар ягон субъект воқеан таҷовуз ба номус содир карда тавонад, пас бо созиши пешакӣ бо субъекти махсус дар гурӯҳ амал карда, шарики ҷиноят мегардад.

Таҳлили масъалаи мазкур дар андешаҳои муҳаққиқон нишон медиҳад, ки чунин таркибҳои ҷиноят вуҷуд дорад, ки субъекти онҳо танҳо махсус мебошанд: таҷовуз ба номус, дуздии молу мулк бо роҳи сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, тасарруф ё харҷкунӣ ва ғайра. Аммо чунин таркибҳои ҷиноят мавҷуд аст, ки дар онҳо на танҳо субект, балки дигар унсурҳои таркибии ҷиноят, пеш аз ҳама аломатҳои объективии таркиби ҷиноят хусусияти махсусро доро мебошанд. Инҳо масалан, дидаю дониста ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардани шахси бегуноҳ, сӯиистифода аз мақом ё ваколатҳои мансабӣ, гирифтани пора, саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ ва ғайра мебошанд. Ё масалан, аз тарафи модар кушта шудани кӯдаки навзод.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаи субъекти махсуси ҷиноят дар ҷиноятҳои шарикӣ ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Масъалаи баҳодиҳии ҷиноятҳо бо субъекти махсус хеле васеъ буда, дар институтҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ – шарикӣ, фаъолияти ҷиноятии нотамом, радкунии ихтиёрӣ, рақобати меъёрҳо зоҳир мегардад. Таваҷҷуҳ ба институти шарикӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки таълимот дар бораи субъекти махсус аз проблемаи шарикии шахсон дар ҷиноятҳо бо субъекти махсус инкишоф меёбад. Маврид ба зикр аст, ки таҳқиқи масъалаи субъекти махсус дар ҷиноятҳои шаркиӣ беназардошти таҳлили меъёрии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар доираи танҳо як назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон, барои таҳқиқи самарабахши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ мушаххасан ишора намудан аз мафҳум ва муҳтавои шарикӣ дар ҷиноят ва шарикони онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

2.Инъикоси маҳдудияти доираи иҷрокунандагон (субъектҳои махсуси ҷиноят) ва ҷавобгарии шарикони дигар (субъектҳои умумӣ) аз тавсифи қонунгузории таркиби ҷиноятҳо вобаста буда, мазмуни ҳуқуқӣ ва ҷиноятии гуногун доранд. Агар танҳо аломатҳои субект ба сифати аломатҳои иловагии таркиб баромад кунанд – дар сурати мавҷуд будани аломатҳои иловагии таркиб (аз ҷумла, аломатҳои тарафи объективӣ: кирдор, ҳолатҳо ва ғайра) ҳамиҷрочӣ бо субъектҳои умумӣ имконпазир бошад, пас танҳо шахсеро, ки аломатҳои субекти махсус доранд, иҷрокунанда эътироф кардан мумкин аст. Иштирокчиёни дигари ҷиноят ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ баромад мекунанд, масалан, духтуре, ки дидаю дониста ҳуҷҷати бардурӯғ омада кардааст, ки шаҳрвандро аз хизмати ҳарбӣ озод намояд, шарик дар ҷинояти эътироф мешавад.

3.Натиҷаи таҳқиқоти мазкур моро водор ба чунин хулосабарорӣ менамояд, ки масъалаи ҷавобгарии шарикони ҷиноят бо субъекти махсус

---

[475]Павлов *В.Г.* Проблемы квалификации соучастия в преступлениях со специальным субъектом // Ленинградский юридический журнал. – 2007. – № 1. – С. 143-161.

яке аз масъалаҳои мураккаб дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор рафта, паҳлуҳои алоҳидаи он аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вобаста ба нақши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шакрикии содиршуда дар байни олимон ягонафикрӣ ҷой надорад. Новобаста аз он, ки қонунгузории ҷиноятӣ нақши субъекти махсусро дар ҷиноятҳои шарикӣ муқаррар кардааст, вале дар амалия ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи мазкур то ҳол баҳснок боқӣ мондааст.

**Адабиёт:**


1. Аветисян С.С. К проблеме концепции «смешанной» теории ответственности соучастников преступления [Текст] / С.С. Аветисян // Прокурорская и следственная практика. – 2004. – № 1-2. – С. 198-213.
2. Аветисян С.С. Соучастие в преступлении со специальным составом [Текст] / С.С. Аветисян. – М., 2004. – 467 с.
3. Агапов А.П. Проблемы противодействия организованной преступной деятельности [Текст] / А.П. Агапов. – М., 2010. – 240 с.
4. Ананич С.В. Особенности правовой оценки соучастия в преступлениях со специальным субъектом [Текст] / С.В. Ананич // Вестник Академии МВД Республики Беларусь. – 2011. – № 2 (22). – С. 95-99.
5. Арутюнов А.А. Грунна лиц и группа лиц по предварительпому сговору: проблемы иответственность [Текст] / А.А. Арутюнов // Право и нолитика. – 2002. – № 2. – С. 39-46.
6. Бабий Н.А. Объект преступления и виды соучастников [Текст] / Н.А. Бабий // Проблемы борьбы с преступностью и подготовки кадров для органов внутренних дел Республики Беларусь: тез. докл. Междунар. науч.-практ. конф. – Минск: Акад. МВД, 2010. – С. 226-227.
7. Бачурии Э.А. Специальный субъект преступления [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2005. – 228 с.
8. Витвицкая С.С. Уголовная ответственность за экономические преступления специальных и неспециальных субъектов (проблема «фактического» исполнителя) [Текст] /С.С. Витвацкая // Рос. следователь. – 2007. – № 20. – С. 17-19.
9. *Волженкин Б.В.* Некоторые проблемы соучастия в преступлениях, совершаемых специальными субъектами [Текст] / Б.В. Волженкин // Уголовное право. – 2000. – № 1. – С. 12-16.
10. Ковалев М.И. Соучастие в преступлении [Текст] / М.И. Ковалев. – Екатеринбург, 1999. – 204 с.
11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2023).
12. Макарова Т.Г. Уголовно-правовая характеристика соучастия в преступлении со специальным субъектом [Текст] / Т.Г. Макарова. – СПб., 2002. – 187 с.
13. Мондохонов А.Н. Соучастие в преступной деятельности [Текст] / А.Н. мондохонов. – М., 2006. – 206 с.

14. Павлов *В.Г.* Проблемы квалификации соучастия в преступлениях со специальным субъектом [Текст] / В.Г. Павлов // Ленинградский юридический журнал. – 2007. – № 1. – С. 143-161.

15. Познышев С.В. Учебник уголовного права. Очерк основных начал Общей и Особенной части науки уголовного права. I Общая часть [Текст] / С.В. Нозныщев. – М.: Юридиздат, 1923. – С.152-158.

16. Практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под ред. Х. Д. Аликперова, Э. Ф. Побегайло. – М., 2001. – 470 с.

17. Таганцев Н.С. Русское уголовное право. Т. 1. Часть Общая [Текст] / Н.С. Таганцев. – Тула: Автограф, 2001. – 800 с.

18. Устименко В.В. Специальный субъект преступления [Текст] / В.В. Устименко. – Харьков: Выша школа, 1989. – 104 с.

19. Хомич В.М. Системно-содержательные изменения института соучастия в Уголовном кодексе Беларуси и стандарты законности при квалификации [Текст] / В.М. Хомич // Судебная практика в контексте принципов законности и права: сб. науч. тр. – Минск, 2006. – С. 50-54.

# ТАШАККУЛИ МАФҲУМИ РЕТСИДИВИ ҶИНОЯТ МУТОБИҚИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: (СОЛҲОИ 1961-1998)

**Сафарзода Носир Нодирҷон,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷуи институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
**E-mail:** Nekruz.Safarzoda @mail.ru
**Тел:** (+992) 934-38-00-00

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Камолов З.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола таърихи ташаккули мафҳуми ретсидиви ҷиноят мутобиқи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1961 то қабули КҶ ҶТ соли 1998 мавриди омузиш қарор дода мешавад. Муаллиф КҶ ҶШС 1961, Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз 2 июли соли 1991, Кодекси ҷиноятии Амсилавӣ барои давлатҳо - иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 17 феврали соли 1996 дар масъалаи танзими ретсидиви ҷиноят мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки дар ин давраҳо таърифи аксарияти намудҳои сершуморагии ҷиноятҳо ҷой надошт, аз ин ҷо критерияҳои амиқи аз ҳам ҷудо намудани намудҳои сершуморагии ҷиноятҳо мавҷуд набуд, ки ин татбиқи қонуни ҷиноятиро дар ҷараёни бандубаст мушкил месохт.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, ретсидиви ҷиноят, сершуморагии ҷиноятҳо, намудҳои ретсидив, ҷавобгарии ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноят, шахсияти гунаҳгор, пурзур намудани ҷавобгарӣ, ҷазои ҷиноятӣ, категорияҳои ҷиноят.

# РАЗВИТИЕ ПОНЯТИЯ РЕЦИДИВА ПО УГОЛОВНОМУ ПРАВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: (1961-1998 ГГ.)

**Сафарзода Носир Нодирджон,**
Национальная академия наук Таджикистан, соискатель института философии, политологии и право имени А. Баховаддинова
**E-mail:** Nekruz.Safarzoda @mail.ru
**Тел:** (+992) 934-38-00-00

**Научный руководитель:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Кандидат:** Камолов З.А., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье рассматривается история развития понятия рецидива преступления в уголовном праве Республики Таджикистан с 1961 года до принятия Уголовного кодекса Республики Таджикистан 1998 год. Автором проанализированы УК Тадж. ССР 1961 г., Основы уголовного законодательства СССР и союзных республик от 2 июля 1991 г., Модельный Уголовный кодекс для государств – участников Содружества Независимых Государств от 17 февраля 1996 года по вопросу регулирования рецидива преступления. Автор приходит к выводу, что в эти периоды не было определено понятие большинства форм множественности преступлений, а значит, не было и конкретных критериев разделения форм множественности преступлений, что затрудняло применение уголовного закона в процессе квалификации преступлений.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, рецидив преступления, множественность преступлений, виды рецидива, уголовная ответственность, квалификация преступлений, личность виновного, усиление ответственности, уголовное наказание, категории преступлений.

## DEVELOPMENT OF THE CONCEPT OF RECIDIVISM IN THE CRIMINAL LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: (1961-1998)

**Safarzoda Nosir Nodirjon,**
National Academy of Sciences of the Tajikistan, applicant at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov
**E-mail:** Nekruz.Safarzoda @mail.ru
**Phone:** (+992) 934-38-00-00

**Academic supervisor:** Sharipov T.Sh., doctor of legal sciences, professor
**Candidate:** Kamolov Z.A., candidate of legal sciences, docent.

**Summary:** Today, the law enforcer faces a lot of difficulties in the classification of crime, identification of criminal act, evaluation of it, differentiation of criminal classification based on recidivism or repetition of crime. Because the composition of the total crime, repetition of the crime and recidivism of the crime are similar, there are some practical problems in the distinction. The correct and deep analysis of such phenomena has been carried out by many scientists in the science of criminal law, but there is no single, specific and universally recognized opinion.

In this article, the issues of the concept of recidivism, its connection with recidivism, recidivism with aggravating circumstances, dangerous and especially dangerous recidivism, signs of dangerous recidivism and other situations are discussed.

Taking into account the scientific literature and the analysis of the criminal legislation of foreign countries and the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, the author discussed the issues of recidivism, its signs, aggravating signs that determine its danger or especially its danger, and presented his justified opinions. This situation can be used in today's practice by law enforcement officers.

**Keywords:** Crime, recidivism, signs of crime, dangerous recidivism, recidivism, crime composition, public danger of crime, commission of crime, aggravating circumstances, act, criminal act.

17-уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд. КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 қабул гардидааст, бармеояд[476].

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961[477] мафҳуми ретсидиви ҷиноятро истифода накарда, танҳо пурзур намудани ҷавобгариро бо ҷой доштани ретсидиви махсусан хавфнок вобаста менамуд. Аммо дар як қатор моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҳамчун аломати вазнинкунанда мавҷуд будани доғи судии шахс баромад менамуд (қ.3 м.118-ба касалии венерикӣ сироят кардани шахси дигар, қ.2 м.138 туҳмат, қ.2 м.170 – фиреб додани харидорон ва заказчикҳо ва ғ-ра).

Мутобиқи м.24 КҶ ҶШС Тоҷикистон мувофиқи ҳукми суд шахсеро ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф кардан мумкин аст, ки барои содир кардани яке аз ҷиноятҳои махсусан хавфноки давлатӣ (м.м.61-70), бандитизм (м.74), дуздии молу мулки миқдораш калон ё махсусан калони давлатӣ ё ҷамъиятӣ (қ. 3 м. 89, қ. 3 м. 90, қ. 3 м. 92, қ. 3 м. 93 ва м. 96), қасдан одамкушӣ (м.м. 104, 105 ва б. “в” м. 250), қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ (м. 111), таҷовуз ба номус (м. 121), роҳзанӣ (м.м. 91 ва 156), пештар суд шудааст ва яке аз ҷиноятҳои номбар кардашударо аз нав содир кардааст, сарфи назар аз он ки шахси мазкур барои кадом яке аз ин ҷиноятҳо бори аввал суд шуда буд.

Мутобиқи қ. 2 м. 24 КҶ суд ҳуқуқ дошт, шахсеро ҳам ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф кунад, ки агар шахс мазкур барои дуздӣ (м.м. 89, 154), ғоратгарӣ (м.м. 90, 155), қаллобӣ (м.м. 93, 157), ҳаннотӣ (қ. 1,2 м. 167), авбошии ашаддӣ ( қ. 2 м. 220), се бор суд шудааст,ё гарчанде барои яке аз ҳамин ҷиноятҳо ду бор суд шуда, ғайр аз ин барои яке аз ҷиноятҳои дар қ.1 ҳамин модда зикршуда як бор суд шудааст ва баъд аз он яке аз ҷиноятҳои дар қ. 1,2 ҳамин модда номбаршударо аз нав содир кардааст.

Дар қ. 3 м. 24 муқаррароте ҷой дошт, ки мутобиқи он шахсеро, ки дар вақти адо намудани ҷазо дар ҳабсхонаҳо қасдан ҷиноят содир кардаанд, сарфи назар аз таркиби ҷиноятҳои пештар содир кардаашон, суд метавонад ки шахсияти онҳоро ба назар гирифта, ретсидивисти махсусан

[476] Муллаев М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР. Издательствао “Ирфон”, Душанбе, 1969. – С.95.
[477] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон.Душанбе, 1961.

хавфнок эътироф кунад, яъне қонуни ҷиноятӣ имконияти барои қасдан содир намудани ҷиноят дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ ретсидиви махсусан хавфнок эътироф намудани шахсро новобаста аз он ки ӯ ҷазоро барои ҷинояти қасдона ё аз беэҳтиётӣ адо намуда истодааст,пешбинӣ месохт.

Ғайр аз ин, муқаррароте мустаҳакам карда мешуд, ки суд дар вақти ҳал намудани масъалаи ретсидиви махсусан хавфнок эътироф карда шудани ин ё он шахс характер ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои корро ба назар мегирад (қ. 4 м. 24 КҶ)[478].

Аҳамияти ҳалкунанда ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор дода мешуд. Ретсидиви махсусан хавфнок эътироф намудани шахс ҳангоми ҷой доштани аломатҳои расмӣ ин ҳуқуқи суд буд.

Ҳангоми ретсидиви хавфнок эътироф намудани шахс чунин ҳолатҳо ба назар гирифта намешуданд: 1) мавҷуд будани доғи судӣ барои ҷиноятe ки онро шахс дар вақти ҳануз ҳаждаҳсола набуданаш содир кардааст; 2) доғи судие, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун барҳам хурдааст ё бардошта шудааст (қ.5 м. 24).

Ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф шудани шахс барои банду басти ҷиноят, таъини ҷазо, тартиб ва шароити адои ҷазо аҳамияти муҳим доштанд. Маҳкумшуда, ки ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф шудааст, дар доира санксияи моддаҳои дахлдори КҶ боиси таъини ҷазои вазнинтар мегардид. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба чунин шахсон, дар ҳолатҳои пешбини намудаи қонун мумкин буд ба муҳлати на зиёда аз понздаҳ сол таъин шавад (қ. 1 м. 23 КҶ). Ғайр аз ин, дар асоси қ. 4 м. 23 КҶ суд метавонист маҳрум сохтан аз озодиро ба тамоми муддаташ ё як қисми онро нисбати касоне, ки ретсидивисти махсусан хавфнок мебошанд, ба тариқи ҳабс дар маҳбас таъин намояд.

Шартан пеш аз муҳлат озод кардан ва қисми адо карданашудаи ҷазоро бо ҷазои сабуктар иваз намудан ба шахсоне, ки ретсидивисти махсусан хавфнок мебошанд, татбиқ карда намешуд ( қ. 5 м. 51 КҶ).

Ретсидивисти махсусан хавфнок дар як қатор моддаҳои қисми махсуси КҶ ба сифати аломати вазнинкунанда баромад намуда боиси ҷавобгарии пурзур мегаштанд (масалан, б “л” м. 104, қ. 2 м. 111, қ. 2 м. 112, қ. 3 м. 121 ва ғайра). Дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 3 июли соли 1963 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудани шахс” дарҷ мегардид, ки мутобиқи моддаҳои КҶ , ки ҷавобгарии пурзурро барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби ретсидивисти махсусан хавфнок пешбини месозанд, танҳо кирдорҳои ҳамон шахсоне бандубаст карда мешавад, ки ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф шудаанд, яъне бо ҳукми суд аз руи парвандаи қаблӣ[479].

Баъдан мутобиқи Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 30 июли соли 1962 “Дар бораи ба Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон даровардани тағйирот ва иловаҳо” ба м. 24 КҶ баъзе тағйироҳо ворид

[478] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон.Душанбе, 1961. – С. 20.
[479] См.: Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР, 1924-1963. М., 1964. -С. 174–177

карда шуданд[480], ки мувофиқи он аз як тараф таркиби ҷиноятҳои дар қ. 1 м. 24 КҶ пешбини шуда, аз ҳисоби дохил намудани ҷиноятҳои тайёр кардан бо мақсади дар муомилот гузаронидани пул ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ (м.85), вайрон кардани қоидаҳои оператсияҳои валютӣ (м.86), гирифтани пора бо ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2 м. 186), додани пора бо ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2 м. 187), миёнаравӣ дар порахурӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2 м. 187[1]),таҷовуз ба ҳаёти коркуни милитсия ё аъзои дружинаи халқӣ (м.206[1]) зиёд гардиданд. Аз тарафи дигар бо роҳи даровардани тағйирот ба қ. 3 м. 24 ва дар он пешбинӣ намудани "дар вақти адо намудани ҷазо дар ҳабсхонаҳо ҷинояти вазнини дар қ.4 м.23 ҳамин Кодекс нишон додаро содир намудааст" доираи ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудани шахсро то андозае маҳдуд сохт.

11 июли соли 1969 Қонуни ИҶШС "Дар бораи тағйироту иловаҳо ба Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ"[481], инчунин 6 октябри соли 1969 Указиi Президиуми Совети Олии ИҶШС дар бораи дар амал ҷорӣ намудани қонуни мазкур қабул мегардад[482]. Ба Асосҳои қонунгузории соли 1958 моддаи нав 23[1] илова мешавад, ки аломатҳои барои ҳама ҷумҳуриҳои иттифоқ ягонаи ретсидивисти махсусан хавфнокро муайян сохта як қатор масъалҳои дигари ба чунин сифат эътироф намудани шахсро ба танзим медаровард. Минбаъд мазмуни моддаи мазкури Асосҳои соли 1958-ро кодексҳои ҷиноятии ҳама ҷумҳуриҳои иттифоқ дар худ инъикос намуданд.

Аз ҷумла, бо Указиi Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 15 декабри соли 1969 ба м.24 КҶ низ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо ин қонун ба назар гирифтани ҳолатҳо ҳангоми ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудани шахс муфассалтар баён карда шуданд. Суд ҳангоми ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудани шахс на танҳо ҳолатҳои расмӣ, балки инчунин шахсияти гунаҳгор, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои содиршуда, сабабҳои содиршавии ҷиноят, дараҷа ва характери иштирокро дар содир намудани ҷиноятҳо,дараҷаи ба амал баровардани нияти ҷинояткоронаро ва дигар ҳолатҳои корро ба назар мегирифт ((б.2 қ.4 м.24 КҶ). Номгуи талаботҳои зикршуда ҳангоми муқаррар намудани ретсидивисти махсусан хавфнок доираи кушод дошта, аз ҷониби суд вобаста ба ҳар як ҷинояткорӣ мушаххас муайян мегардид. Вобаста ба ин Б.С.Никифоров зикр менамуд, ки "ретсидивисти махсусан хавфнок- мафҳуми дар навбати аввал сотсиологӣ ба ҳисоб меравад, бинобар он қонунгузор мафҳуми ҳуқуқии онро муайян сохта, онро дар назар дошт, ки бе ин аломатҳо ретсидивист вуҷуд дошта наметавонад, вале дар як вақт лозим нашуморид, ки судро ҳатман ӯҳдардор созад, ки дар мавриди ҷой доштани ин аломатҳо ҳатман субъектро ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф кунад. Ҳаёт назар ба мафҳуму майянсозии дилхоҳ мураккабтар аст ва дар чунин масъалаи муҳим сухани ҳалкунанда бояд ба суд таалуқ дошта бошад, ки ҳама

---

[480] Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон №20,1962.м.127.
[481] Закон СССР от 11 июля 1969 года// Ведомости Верховного Совета СССР. 1969. № 29. Ст. 249.
[482] Ведомости Верховного Совета СССР. 1969. № 41. Ст. 367.

ҳолатҳои корро ба инобат мегирад”[483]. Ақидаи ба ин монандро П.Ф.Гришанин низ тарафдори намуда иброз медошт, ки “баҳои амиқи иҷтимоии шахсияти ретсидивист тақозо менамояд, ки аз ҷумла суд сабаб ва шароити ба содиршавии ҷиноят мусоидатнамуда, хусусияти рафтор дар истеҳсолот ва маишӣ, муносибат ба низом, агар сухан дар бораи маҳбус равад ва дигар ҳолатҳоро ошкор намояд”[484]. Ба чунин тавсияву андешаҳо Пленуми Суди Олии ИҶШС диққат дода, дар қарори худ аз 3 июли соли 1963 нишон медод, ки суд бояд дар ҳама ҳолат онро дар назар дошта бошанд, ки ретсидивисти махсусан хавфнок мутобиқи қонун мумкин аст танҳо ҷинояткорони ашаддӣ, ки барои ҷомеа хавфи баланд доранд ва қатъият ба роҳи ислоҳшавӣ ворид шудан намехоҳанд, эътироф карда шаванд[485]. Дар қарорҳои минбаъдаи Пленум низ чунин нишондод аҳамияти худро нигоҳ медошт. Масалан, дар яке аз қарорҳои Пленум зикр мешуд, ки “на ҳама вақт масъала дар бораи ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудан аз ҷониби суд бо назардошти шахсияти гунаҳгор ҳал мегардад...”[486].

Бори аввал дар б.2 қ.4 м.24 муқаррар мешуд, ки ваҷҳу сабабҳои шахсро ретсидивист донистан бояд дар ҳукми суд нишон дода шавад. Зиёда аз ин танҳо ишора намудан ба мавҷуд будани доғи судӣ, ки маҷмуи онҳо ба суд имкон медод, вобаста ба қонун чунин қарор қабул намоянд,кофӣ набуд. Ба ғайр аз ин маълумотҳо дар ҳукм бояд ваҷҳое зикр мешуданд, ки хулосаи судро дар мавриди зарурияти ретсидивисти махсусан хавфнок донистани судшаванда тақвият медоданд[487]. Он чӣ низ диққатҷалбкунанда буд, ки модда дар бораи ретсидивист на дар боби сеюми “Дар бораи ҷиноят” КҶ, балки дар боби чорум “Дар бораи ҷазо” ҷойгир шуда буд.

Бо ин тағйироту иловаҳо дигар аломатҳои маҳдуд кунандаи ретсидиви махсусан хавфнок низ муқаррар мешуданд. Масалан, агар пештар барои шахсро ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудан танҳо далели маҳкум шудани шахс новобаста аз ҷазои барои ӯ таъин гашта кофӣ бошад, пас аз ин тағйирот қонунгузор маҳз маҳкум шудан ба маҳрум сохтан аз озодиро на танҳо барои ҷинояти нав содиршуда, балки барои ҷинояти қаблан содиргардида низ талаб менамуд.

Ғайр аз ин, шахс барои ҷинояти нави содирнамудааш аз доираи ҷиноятҳои дар қ.1 м.24 КҶ зикршуда ба муҳлати камаш панҷ сол ба маҳрум сохтан аз озодӣ (қ.1 м.24 КҶ) ва аз доираи ҷиноятҳои дар қ.2 м.24

[483] Никифоров Б.С. Новый Уголовный кодекс РСФСР - важный этап в дальнейшем развитии советского уголовного законодательства // Новое уголовное законодательство РСФСР. Материалы научной сессии, посвященной Закону о судоустройстве, Уголовному и Уголовно-процессуальному кодексам, принятым на третьей сессии Верховного Совета РСФСР пятого созыва. - М.: Госюриздат, 1961. -С. 82

[484] Гришанин П.Ф. Социальная характеристика личности особо опасных рецидивистов / П.Ф. Никифоров // Труды Высшей школы МООП РСФСР. - М.: НИиРИО ВШ МООП РСФСР. 1965. Вып. 12. -С. 51.

[485] О судебной практике по признанию лиц особо опасными рецидивистами: постановление Пленума Верховного Суда СССР от 3 июля 1963 г. № 8 // Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР за 1924-1970 гг. – М., 1970. – С. 313.

[486] О деятельности судов по борьбе с рецидивной преступностью: постановление Пленума Верховного Суда СССР от 18 марта 1970 г. // Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР за 1924-1970 гг. – М., 1970. – С. 580-587.

[487] О судебном приговоре: постановление Пленума Верховного Суда СССР от 30 июня 1969 г. (в ред. 26 апреля 1986 г., 27 июля 1990 г.) // Вестник Верховного Суда СССР. 1991. – № 1. – С.523.

КҶ пешбинишуда ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати зиёда аз як сол маҳкум шуда бошад (қ.2 м.24 КҶ).

Вобаста ба УказИ зикршуда ба м.24 тағйироти дигар ворид карда мешавад, ки мутобиқи он шахсе,ки барои хулигании ашаддӣ (м.220 қ.2), ё ки барои ҷиноятҳое,ки дар б.2 қ.1 ҳамин модда номбар карда шудаанд,пештар се маротиба ва зиёда аз он, қатъи назар аз пайдарҳамиаш, ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда ва аз нав хулигании ашаддӣ ё худ яке аз ҷиноятҳои дар б.2 қ.1 ҳамин модда номбаршударо содир кардааст, ки барои он ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда мешавад (қ.3 м.24 КҶ) мумкин аст ретсидивисти махсусан хавфнок дониста шавад.

Ретсидивисти махсусан хавфнок донистани шахс дар вақти аз зиммаи ӯ бардоштани доғи судӣ бекор карда мешавад (б.4, қ.4 м.24 КҶ).

Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, ки 2 июли соли 1991 қабул шуда буд, бори аввал мафҳуми ретсидиви ҷиноятро медод. Мутобиқи м.23 Асосҳо ретсидиви ҷиноят қасдан содир намудани ҷинояти қасдона аз ҷониби шахсе, ки барои ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, эътироф мешуд[488].

Дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз 2 июли соли 1991 якҷоя бо мафҳуми ретсидиви ҷиноят, инчунин мафҳуми ретсидивисти махсусан хавфнок низ дода мешуд. "Ретсидивисти махсусан хавфнок дар ҳолатҳои дар кодекси ҷиноятии ҷумҳуриҳо пешбинигардида, бо ҳукми суд мумкин аст, шахсе эътироф шавад, ки барои ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад ва боз барои ҷинояти қасдона ба маҳрум сохатан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз панҷ сол маҳкум мегардад" (қ.2 23 Асосҳо).

Ҳангоми ҳалли масъала дар бораи шахсро ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудан доғи судӣ барои ҷинояте,ки то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, инчунин доғи судии тибқи қонун барҳам хурда ё бардошта шуда ба назар гирифта намешавад (қ.3 м.23 Асосҳо).

Аз таърифи додашуда чунин аломатҳои ретсидивисти махсусан хавфнок бармеояд: 1) хусусияти қасдона доштани ҷиноятҳо; 2) мавҷуд будани доғи судӣ барои ин ҷиноятҳо; 3) содир гаштани ин ҷиноятҳо дар синни болиғӣ.

Дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз 2 июли соли 1991 талаботи дигаре низ муқаррар шуда буд, яъне барои ҷинояти нави содиршуда бояд ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз панҷ сол таъин мешуд, ки ин доираи шахсони ба чунин сифат эътирофшавандаро ба таври назаррас маҳдуд месохт. Дар як вақт, номгуи ҷиноятҳои қасдона, ки таносуби онҳо имконияти ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намуданро медод, барҳам дода шуданд. Муқаррар намудани чунин номгуй ба ваколати ҷумҳуриҳои иттифоқ ҳавола мешуд. Асосҳои соли 1991 нишондодро оид ба он ки ретсидиви махсусан хавфнок эътироф намудани шахс ҳуқуқи суд на ин ки ӯҳдадории ӯ мебошад, муқаррар намесохтанд. Ғайр аз ин, дар

---

[488] Основы уголовного законодательства Союза ССР и союзных республик: Закон Союза ССР от 2 июля 1991 г. № 2281-1 // Ведомости СНД и ВС СССР. 1991. № 30. Ст. 862.

Асосҳои соли 1991 зарурати аз ҷониби суд ҳангоми ретсидивисти махсусан хавфнок донистан ба назар гирифтани шахсияти гунаҳгор, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои содиршуда, сабабҳои содиршавии ҷиноят, дараҷа ва характери иштирокро дар содир намудани ҷиноятҳо,дараҷаи ба амал баровардани нияти ҷинояткоронаро ва дигар ҳолатҳои кор пешбинӣ намешуд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва 8 декабри соли 1991 ба имзо расидани Созишномаи «Дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» Асосҳои қонунгузории ҷиноятии соли 1992 ҳатто ба қувваи қонунӣ надаромада, аз эътибор соқит дониста шуд[489].

Новобаста ба ин Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба таври назаррас дигаргуниҳои баъдии КҶ-ро муайян намуданд ва ҳангоми таҳияву ташаккули қонунгузории ҷиноятии нави Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода карда шуданд[490].

Барои таҳия ва ташаккули қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Амсилавӣ барои давлатҳо - иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 17 феврали соли 1996 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо - иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул гардида буд[491] ва санади қонунгузории тавсиявӣ ба ҳисоб мерафт, аҳамияти калон дошт.

Дар м.20 Кодекси ҷиноятии Амсилавӣ ретсидиви ҷиноят содир намудани ҷинояти қасдона аз ҷониби шахсе, ки барои ҷинояти қасдонаи қаблан содир намудааш доғи судӣ дорад, эътироф мешавад. Мутобиқи моддаи мазкур ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок ҷудо карда мешуд.

Ретсидиви ҷиноят хавфнок эътироф мешуд:

а) дар ҳолати қасдан содир намудани ҷиноят, агар шахс қаблан на камтар аз ду маротиба барои ҷинояти қасдона ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад ;

б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин аз озодӣ маҳрум шуда бошад;

в) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ба маҳрум сохтан аз озоди маҳкум шуда бошад.

3) Ретсидиви ҷиноят дар ҳолатҳои зерин махсусан хавфнок дониста мешуд:

а) дар ҳолати аз ҷонби шахс қасдан содир намудани ҷинояте, ки барои он аз озодӣ маҳрум сохта мешавад, агар ин шахс қаблан ба ҳар тартиб барои қасдан содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна,вазнин ё махсусан вазнин на камтар аз се маротиба аз озодӣ маҳрум шуда бошад;

---

489 Мирзоев С.М.Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс...н.и.ҳ.Душанбе,2020. – С.36.

490 Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дисс..н.и.х. Душанбе,2020.-С.41.

491 Ниг.: Уголовный кодекс: модель. Рекомендательный законодательный акт для Содружества Независимых Государств: принят на шестом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Содружества Независимых Государств 17 февр. 1996 г. [Текст] // Приложение к «Информационному бюллетеню». – 1996. – № 10.

б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнине, ки барои он шахс аз озодӣ маҳрум сохта мешавад, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир кардани ҷинояти вазнин аз озодӣ маҳрум шуда бошад;

в) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин агар ин қаблан барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин як маротиба ё барои ҷинояти вазнин ду маротиба маҳкум шуда бошад.

Доғи судие, ки барои ҷиноят аз руи тартиби бо ҳамин Кодекс муқарраршуда бардошта ё барҳам дода шудааст, ҳангоми ретсидив эътироф намудан ба назар гирифта намешавад.

Ҳамин тавр,

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 мафҳуми ретсидиви ҷиноятро истифода накарда, танҳо пурзур намудани ҷавобгариро бо ҷой доштани ретсидиви махсусан хавфнок вобаста менамуд. Аммо дар як қатор моддаҳои қисми махсуси КҶ ҳамчун аломати бандубасткунанда мавҷуд будани доғи судии шахс баромад менамуд.

Аҳамияти ҳалкунанда ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор дода мешуд. Ретсидиви махсусан хавфнок эътироф намудани шахс ҳангоми ҷой доштани аломатҳои расмӣ ин ҳуқуқи суд буд.

Суд ҳангоми ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудани шахс на танҳо ҳолатҳои расмӣ, инчунин шахсияти гунаҳгор, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои содиршуда, сабабҳои содиршавии ҷиноят, дараҷа ва характери иштирокро дар содир намудани ҷиноятҳо,дараҷаи ба амал баровардани нияти ҷинояткоронаро ва дигар ҳолатҳои корро ба назар мегирифт

Дар ин давра таърифи аксарияти намудҳои сершуморагии ҷиноятҳо ҷой надошт, аз ин ҷо критерияҳои амиқи аз ҳам ҷудо намудани намудҳои сершуморагии ҷиноятҳо мавҷуд набуд, ки ин татбиқи қонуни ҷиноятиро дар ҷараёни бандубаст мушкил месохт.

Дар қонунгузории даврони шуравӣ мафҳуми ретсидиви ҷиноят бори аввал дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, ки 2 июли соли 1991 қабул шуда буд, мустаҳакам гардида буд.

**Адабиёт:**


1. Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон №20,1962. м.127.
2. Ведомости Верховного Совета СССР. 1969. № 41. – 367с.
3. Гришанин П.Ф. Социальная характеристика личности особо опасных рецидивистов / П.Ф. Никифоров // Труды Высшей школы МООП РСФСР. - М.: НИиРИО ВШ МООП РСФСР. 1965. Вып. 12. – С. 47-60.
4. Закон СССР от 11 июля 1969 года// Ведомости Верховного Совета СССР. 1969. № 29. 249 с.
5. Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дисс..н.и.х. Душанбе,2020. – 176 с.
6. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. Душанбе, 1961.

7. Мирзоев С.М.Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс...н.и.ҳ.Душанбе, 2020. – 199 с.

8. Муллаев М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР. Издательствао “Ирфон”, Душанбе,1969. – 426 с.

9. Никифоров Б.С. Новый Уголовный кодекс РСФСР - важный этап в дальнейшем развитии советского уголовного законодательства // Новое уголовное законодательство РСФСР. Материалы научной сессии, посвященной Закону о судоустройстве, Уголовному и Уголовно-процессуальному кодексам, принятым на третьей сессии Верховного Совета РСФСР пятого созыва. – М.: Госюриздат, 1961. – С. 41-94.

10.О деятельности судов по борьбе с рецидивной преступностью: Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 18 марта 1970 г. // Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР за 1924-1970 гг. – М., 1970. – С. 580-587.

11.О судебной практике по признанию лиц особо опасными рецидивистами: Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 3 июля 1963 г. № 8 // Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР за 1924-1970 гг. – М., 1970. – С. 313-319.

12.О судебном приговоре: постановление Пленума Верховного Суда СССР от 30 июня 1969 г. (в ред. 26 апреля 1986 г., 27 июля 1990 г.) // Вестник Верховного Суда СССР. 1991. № 1. – С. 523 - 527.

13.Основы уголовного законодательства Союза ССР и союзных республик: Закон Союза ССР от 2 июля 1991 г. № 2281-1 // Ведомости СНД и ВС СССР. 1991. № 30. Ст. 862.

14.Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР, 1924-1963. М., 1964. – 479 с.

15.Уголовный кодекс: модель. Рекомендательный законодательный акт для Содружества Независимых Государств: принят на шестом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Содружества Независимых Государств 17 февр. 1996 г. [Текст] // Приложение к «Информационному бюллетеню». – 1996. – № 10.

## ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

# СУПОРИДАНИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ БА ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ҶИНОЯТӢ ВА МАЪМУРӢ

**Искандаров Зайниддин Ҳамидович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати
прокурорӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Абдуллозода Парвиз Саъдулло,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати
прокурорӣ, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Фишурда:** Дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрам ин масъалаи таъмини ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ба хисоб меравад. Аз як тараф бо пешравии технологияи муосир, худи шахс бевосита маълумотҳои шахсиашро дар сомонаҳо ё дигар васоити паҳнкунандаи маълумот мегузорад, ки ин ҳуқуқи ӯ мебошад. Аз тарафи дигар на ҳар як шахс мехохад маълумот дар бораи ҳаёти шахсиаш ба ҳамагон ошкор гардида, шояд дар оянда барои таъкибот нисбати ӯ истифода гардад. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои муҳими фаъолиятӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ин махфи нигох доштани маълумотхои, ба онхо дар натиҷаи фаъолият ошкор гардида мебошад.

Ва нисбатан масъалаи муҳим ин ҳифзи маълумотҳои шахсӣ дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад. Ба тариқи истисно ошкор ва ҷамъ намудани маълумотҳои шахсӣ дар доираи қонунгузорӣ сурат мегирад. Бинобар зиёд гардидани талабот ба маълумотҳои шахсӣ на ин, ки дар дохилӣ кишвар балки дар хориҷӣ кишвар ба вуҷуд омадааст. Чун анъана ин гуна маълумотҳо чандин даҳсола оид ба маълаҳои ҷиноятӣ (парвандаи ҷиноятӣ) дар доираи шарномаҳои байналмилалӣ ва принсипи ҳамкории мутақобила ба давлатҳои хориҷӣ супорида мешаванд. Аммо масъалаи дигар ин супоридани маълумотҳои шахсӣ оид ба маълаҳои маъмурӣ мебошад. Доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо дархости мақомоти ваколатдорӣ давлати хориҷӣ имконияти супоридани ин гуна маълумотҳо вобаста ба ҳолатҳои алоҳида сурат мегирад, ки ин талабот вобаста ба масъалаҳои маъмурӣ низ бояд чунин ба амал бароварда шавад. Аммо бе ҳеҷ ваҷҳ набояд ба давлати

хориҷӣ имконият дода шавад, ки ба маъхзани чунин маълумотҳо дар давлати дигар дастраси дошта бошанд. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур вазъи кунунии супоридани маълумотҳои шахсӣ ва ҳифзи ин маълумотҳо дар асоси қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Супоридани маълумоти шахсӣ, давлати хориҷӣ, масъалаҳои ҷиноятӣ, масъалаҳои маъмурӣ, қонунгузории миллӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, ҳифзи маълумотҳои шахсӣ, интиқоли фаромарзӣ, ёрии байналмилалӣ ҳуқуқӣ, махфият.

## ПЕРЕДАЧА ЛИЧНОЙ ИНФОРМАЦИИ В ИНОСТРАННОЕ ГОСУДАРСТВО ПО УГОЛОВНЫМ И АДМИНИСТРАТИВНЫМ ДЕЛАМ

**Искандаров Зайниддин Хамидович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора, доктор юридических наук
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Абдуллозода Парвиз Саъдулло,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Аннотация:** В наше время одним из самых актуальных вопросов является вопрос обеспечения защиты персональных данных. С одной стороны, с развитием современных технологий человек сам непосредственно размещает свои персональные данные на сайтах или других средствах распространения информации, что является его правом. С другой стороны, не каждый человек хочет, чтобы информация о его личной жизни стала достоянием общественности, и это может быть использовано для его преследования в будущем. Поэтому одним из важных условий работы сайтов социальных сетей является конфиденциальность информации, раскрываемой ими в результате своей деятельности.

И довольно важным вопросом является защита персональных данных внутри страны и за ее пределами. В исключительных случаях раскрытие и сбор персональных данных осуществляется в рамках закона. В связи с

растущим спросом на персональные данные, он возник не в стране, а в зарубежном государстве. Традиционно такая информация по уголовным делам (уголовное дело) передается в зарубежные страны в рамках международных соглашений и принципа взаимного сотрудничества. Но другой вопрос - передача персональных данных в административных целях. Что касается уголовных дел, то по запросу компетентных органов иностранного государства возможность передачи такой информации реализуется в определенных случаях, и это требование должно быть реализовано и в отношении административных дел. Однако ни при каких обстоятельствах иностранному государству не должен быть разрешен доступ к базе данных такой информации в другом государстве. Поэтому в данной статье рассматривается текущая ситуация с передачей персональных данных и защитой этих данных на основе национального законодательства и международных правовых документов.

**Ключевые слова:** Передача персональных данных, иностранное государство, уголовные вопросы, административные вопросы, национальное законодательство, международные соглашения, защита персональных данных, трансграничная передача, международная правовая помощь, неприкосновенность частной жизни.

## TRANSFER OF PERSONAL INFORMATION TO A FOREIGN COUNTRY FOR CRIMINAL AND ADMINISTRATIVE MATTERS

**Iskandarov Zayniddin Hamidovich,**
Tajik National University, Faculty of law, Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Doctor of Legal Sciences
**Phone:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Abdullozoda Parviz Sa'dullo,**
Tajik National University, Faculty of law, docent of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision, Candidate of law
**Phone:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Annotation:** In modern times, one of the most pressing issues is the question of ensuring the protection of personal data. On the one hand, with the development of modern technologies, a person himself directly places his personal data on websites or other means of information dissemination, which is his right. On the other hand, not every person wants information about his personal life to become public, and this can be used to persecute him in the

future. Therefore, one of the important conditions of social networking sites is the confidentiality of information disclosed to them as a result of their activities.

And a relatively important issue is the protection of personal data inside and outside the country. Exceptionally, the disclosure and collection of personal data is carried out within the framework of the law. Due to the growing demand for personal data, it has arisen not in the country, but in a foreign country. Traditionally, such information in criminal cases (criminal case) is transferred to foreign countries within the framework of international agreements and the principle of mutual cooperation. But another issue is the transfer of personal data for administrative purposes. With regard to criminal cases, at the request of the competent authorities of a foreign state, the possibility of transferring such information is realized in certain cases, and this requirement should be realized also for administrative matters. However, under no circumstances should a foreign state be allowed to have access to a database of such information in another state. Therefore, this article examines the current situation with the transfer of personal data and the protection of these data on the basis of national legislation and international legal instruments.

**Keywords:** Transfer of personal data, foreign state, criminal issues, administrative issues, national legislation, international agreements, personal data protection, cross-border transfer, international legal assistance, privacy.

Маълумот оид ба ҳаёти шахси яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ҳар шахс вобаста ба фаҳмиши худ доираи ба дигарон ошкор гардидани онро худ баҳо медиҳад. Нoвобаста ба ин бо пешравии технологияи иртиботӣ, ки паҳн намудани маълумотро оид ба ҳаёти шахсӣ сода мегардонад, ҳифзи ин маълумотҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мубрам гардида, талабот ба дастрасии маълумотҳои шахсӣ на танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлат, балки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ низ меафзояд. Мутобиқи қисми 2 моддаи 23 Конститутсияи ҶТ аз 6-ум ноябри соли 1994 «Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст»[492]. Ки ин меъёр ҳолатҳои истисноиро дорад[493].

Қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи ҶТ аз 6-ум ноябри соли 1994 пешбинӣ менамояд, ки «Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад». Аз мазмуни моддаи мазкур бар меояд, ки бо мақсадҳои зикргардида мумкин аст маълумотҳои шахсӣ дастрас ва супорида шаванд.

Мафҳуми маълумотҳои шахсиро қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд. Мутобиқи моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ аз 3 августи соли 2018 «маълумоти шахсӣ – маълумот дар

[492] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994//https://mmk.tj/
[493] Искандаров, З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. Душанбе: Ирфон, 2008. 181 с.

бораи далелҳо, воқеаҳо ва ҳолатҳои ҳаёти субъекти маълумоти шахсӣ, ки ба айнияткунонии шахсияти ӯ имкон медиҳад»[494].

Дар аксари шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва дигар намудҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ яке аз бандҳои дархост ин пешниҳод намдани маълумот оид ба маълумоти шахсӣ мебошад[495]. Зеро бе пешниҳоди ин маълумотҳо пешбурди парванда истисно мегардад[496]. Дар баробари ин шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ принсипи махфиятро (конфиденциальность) пешбинӣ менамоянд. Масалан, банди 7 қисми 1 моддаи 7-уми Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ аз 22-уми январи соли 1993[497], ки бо Протокол аз 28-уми марти соли 1997 ба Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ аз 22-уми январи соли 1993[498] илова ва тағиротҳо ворид гардидааст пешбинӣ менамояд, ки дар супориш: ном ва номи падарии тарафҳо, шоҳидон,гумонбаршудагон, айбдоршавандагон судшавандагон, маҳкумшудагон ё ҷабрдидагон, ҷойи зист ва маҳали будубош , шаҳрвандӣ, шуғл, оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ инчунин ҷой ва макони таваллуд ва аз рғи имконият ном номи падарии волидон; барои шахсони ҳуқуқӣ-номи онҳо, нишонии ҳуқуқӣ ё/ва ҷойи ҷойгиршавӣ бояд дарҷ карда шавад.

Дар моддаи 60 - уми Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ аз 7 октябри соли 2002 мазмун ва шакли супориш оид ба ба амалбарории ёрии байналмилалӣ ҳуқуқиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд[499]. Қисми 1-уми моддаи мазкур ба моддаи 7 ҳангоми баррасимиятдарории супориш такя менамояд. Мутобиқи банди “г”, қисми 1 моддаи 7 пешбинӣ мегардад, ки маълумот оид ба шахсони воқеъи: насаб, ном номи падарӣ, вақт ва маҳали таваллуд, ҷойи зист, шаҳрвандӣ, ҷинс, шуғл ва ғ. бояд дар супориш дарҷ карда шаванд.

Дар баробари ин моддаи 20 махфияти маълумотро ҳангоми ба амалбарории ёрии ҳуқуқи пешбинӣ менамояд. Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки маълумот оид ба бадастовардани супориш ва мазмуни он ва маълумотҳое, ки аз иҷрои он ба дастоварда мешаванд, тамоми чораҳоро ҷиҳати ҳифзи онҳо Трафҳо меандешанд. Ва муҳлати махфияти ин

---

[494] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ аз 3 августи соли 2018 // https://mmk.tj

[495] Ниг.: Искандаров, З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. Душанбе, 2009. – 128 с.; Абдуллоев, П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса Республики Таджикистан. Применение международно-правовых. М.: ООО «НИПКЦ Восход-А», 2013. 504 с.

[496] Ниг.: Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. Москва: Юрлитинформ, 2021. – 464 с.

[497] Конвенция о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам (Минск, 22 января 1993 г.) // АМО РТ. 1993. №14. Ст. 303.

[498] Протокол к Конвенции о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам [Текст] от 22 января 1993 г. (Москва, 28 марта 1997 г.) // АМОРТ. 1999. №6. Ст. 160.

[499] Конвенция о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам [Текст] (Кишинев, 7 октября 2002 г.) // АМО РТ. 2004. №6. Ст. 389.

маълумотҳо бояд мувофиқа карда шаванд. Моддаи 67 - уми Конвенсияи Кишенёв дигар маълумотҳои шахсиро низ пешбинӣ менамояд.

Шартномаҳои ду тарафа низ пешниҳоди маълумот оид ба ҳаёти шахсиро пешбинӣ менамоянд. Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Аморoти Муттаҳидаи Араб дар хусуси расонидани кӯмаки мутақобила оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 9 апрели соли 2007[500] дар моддаи 5 шакл ва мазмуми дархострo пешбинӣ менамояд. Дархост ба ҳамон андозае, ки имконпазир ва зарур аст, бояд инҳоро дар бар гирад:

а) иттилоот дар бораи шахсият ва маҳали ҷойгиршавии шахсе, ки аз вай бояд маълумот гирифта шавад;

б) иттилоот дар бораи шахсият ва маҳали ҷойгиршавии шахсе, ки нисбати ӯ дархост дода шудааст, бо нишон додани муносибати вай ба тафтишоти судӣ ва усули супоридани нишондоди судӣ;

в) иттилоот дар бораи шахсият ва маҳали ҷойгиршавии эҳтимолии шахс ё далели шайъӣ;

г) тавсифи аниқи маҳале, ки шахс ошкор шудааст ва дар он ҷо гузаронидани кофтуков ва мусодира зарур аст ва ғ .

Дар баробари ин моддаи 8 –уми созишномаи мазкур махфиятро ба тариқи зерин пешбини менамояд:

1. Муассисаи марказии Қабулкунанда метавонад аз Тарафи дархосткунанда талаб намояд, ки ҳама гуна иттилоот ё далели тибқи ин Созишнома гирифташударо дар ин ё он таҳқиқ, таъкиб ё тафтишоти судӣ танҳо дар доираи дархост ва танҳо бо мувофиқаи Муассисаи марказии Қабулкунанда истифода барад. Ҳангоми аз ҷониби Қабулкунанда пешниҳоди шудани чунин талабот Тарафи дархосткунанда бояд шартҳои мазкурро риоя намояд.

2. Муассисаи марказии Қабулкунанда ҳифзи махфияти иттилоот ё далелҳоро, ки мутобиқи ин Созишнома ба даст омадаанд, метавонад талаб кунад, ё онро танҳо тибқи шартҳои мувофиқанамудааш истифода барад. Ҳангоми пешниҳоди чунин талабот аз ҷониби Қабулкунанда, Тарафи дархосткунанда бояд онҳоро риоя намояд.

3. Иттилоот ё далелҳое, ки дар кишвари Тарафи дархосткунанда мувофиқи бандҳои 1 ва 2 ин модда дастраси умум мегарданд, дар оянда барои ҳар мақсад метавонанд истифода шаванд.

Ҳамчунин дар Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои ҷиноятӣ 30 майи соли 2022 қисми 2 моддаи 4 пешбинӣ гардидааст, ки дархостҳои расонидани ёрии ҳуқуқӣ бояд муқарраротӣ зеринро дошта бошанд: е) шахсият, шаҳрвандӣ ва макони будубоши шахс ё шахсон, ки предмети тафтиш ё таъқибот мебошанд ва ғ. Моддаи 18 «Махфият ва маҳдудиятҳо дар истифода» ном дошта меъёри зеринро пешбини менамояд:

1. Тарафи дархостқабулкунанда баъди машварат бо Тарафи

[500] Шартнома байни Ҷумхурии Тоҷикистон ва Аморoти Муттаҳидаи Араб дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 9 апрели соли 2007// https://www.prokuratura.tj/international-cooperation-tj/the-main-international-treaty-on-legal-assistance-in-criminal-civil-and-family-matters.html

дархосткунанда метавонад махфият ва махдудияти истифодаи маълумот, далел ё манбаи чунин маълумотро талаб намояд ё фош кардан ва истифодаи чунин маълумотро бо шартҳои он хоҳиш намояд.

2. Тарафи дархосткабулкунанда тибқи дархост бояд худи дархост, мазмуни он, ҳуҷҷатҳои замимашуда ва чораҳои дар рафти иҷрои дархост андешидашударо, ба ҷуз ҳаракатҳое, ки барои иҷрои он зарур аст, махфӣ нигоҳ дорад.

3. Тарафи дархосткунанда набояд маълумот ва далелҳои бадастомадаро бе иҷозати хаттии Тарафи дархостқабулкунанда бо мақсадҳое, ки берун аз дархост алоқаманд мебошанд, истифода намояд ё ба ҷониби сеюм интиқол диҳад.

Қобили зикр мебошад, ки тарафҳо барои ҳифзи манфиати миллӣ соҳибхтиёрии давлатӣ ва ғ. метавонанд маълумотро пешниҳод нанамоянд. Новобаста ба ин имрӯз на танҳо оид ба масхалаҳои ҷиноятӣ балки ба масъалаҳои маъмурии пешниҳоди маълумот оиди ҳаёти шахсӣ ба давлати хориҷӣ имконпазир гардидааст. Моддаи 18 - уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ аз 3 августи соли 2018 интиқоли фаромарзии маълумоти шахсро ба таври зайл пешбини менамояд:

1. Интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ ба ҳудуди давлатҳои хориҷие, ки ҳифзи якхелаи ҳуқуқҳои субъектҳои маълумоти шахсиро таъмин менамоянд, мутобиқи Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад. Интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ бо мақсади ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маънавиёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, таъмини мудофиаи мамлакат ва амнияти давлат метавонад манъ ё маҳдуд карда шавад.

2. Интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ ба ҳудуди давлатҳои хориҷие, ки ҳифзи маълумоти шахсиро таъмин намекунанд, дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- мавҷуд будани розигии субъект ё намояндаи қонунии ӯ ба интиқоли фаромарзии маълумоти шахсии ӯ;
- ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;
- ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ин бо мақсади ҳифзи сохтори конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ, таъмини мудофиаи мамлакат ва амнияти давлат зарур бошад;
- ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, агар гирифтани розигии субъект ё намояндаи қонунии ӯ имконнопазир бошад.

Модддаи 14 - уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот асосҳои рад кардан аз пешниҳоди иттилоотро пешбини менамояд, ки мутобиқи он, иттилооти дорои маълумоти зеринро пешниҳод кардан мумкин нест:

б) дар бораи ҳаёти хусусии шахс бе розигии ӯ (маълумоти шахсӣ), ба шарте, ки дар қонунҳои ҷорӣ тартиботи дигар пешбинӣ нашуда бошад ва ғ.

Дар доираи ҳамкориҳои баналмилалӣ мубодилаи маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ дар доираи санадҳои байналмилалӣ дарҷ карда шудааст. Дар доираи давлатҳои ИДМ Созишнома оид ба ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои маъмурӣ дар соҳаи мубодилаи маълумоти шахсӣ аз 18.12.2020 ба имзо расидааст[501]. Айни ҳол ин Созишномаро ФР, Қазоқистон ва Қирғизистон ба тасвиб расонидаанд. Дар дебочаи Созишнома масъалаҳое ёдовар шудаанд, ки мақсади ниҳои супоридани маълумот оид ба ҳаёти шахсиро инъикос намекунанд. Аз ин рӯ, дарҷ намудани мақсади дархост ҳатмӣ мебошад (м.5)

Моддаи 1-ум ислоҳот ва таърифҳоро ба танзим медарорад. Зери мафҳуми «маълумоти шахсӣ – ҳамагуна маълумоте, ки бевосита ё бавосита ба шахси воқеъ марбут буда, ки муайян ё ки бояд айнияткунонида шаванд». Дар моддаи 2 вазифаҳоро оид ба расонидани ёрии мутақобилаи ҳуқуқи муайян менамояд. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми ба тасвиб расонидани ин созишнома вазифаҳо оид ба супоридани маълумоти шахсӣ ба вуҷуд меоянд. Гарчанде қонунгузории миллӣ низ ҳамчум асос ба роҳбари гирифта шуда доираи иҷро нанамудани чунин дархостҳо низ васеъ мебошад.

Моддаи 3-юм яке аз масъалаҳои марказиро ба танзим медарорад ин мавзуи дархост оид ба баамалбарории ёрии ҳуқуқи мебошад, доираи маълумотҳои шахсиро ба тариқи зерин муайян менамояд:

а) доштани (надоштани) шаҳрвандии Тараф;

б) доштани ҳуҷҷате, ки ҳуқуқ ба ҷойи зисти (буду боши) бемӯҳлат (муваққатӣ) дар ҳудуди Тараф медиҳад;

в) дар қайди муҳоҷиратӣ будан ё ба қайд гирифтан дар ҷои истиқомат (макони буду бош) шаҳрванди Тараф, шаҳрванди давлати сеюм ва шахсони бешаҳрванд;

г) оид ба додани раводиде, ки ҳуқуқи сафарро ба ҳудуди Тараф медиҳад;

д) оид ба ашёи ғайриманқуле, ки ба номи шахси дорои маълумоти шахсӣ дар ҳудуди Тараф;

е) оид ба уҳдадарории хусусияти молу мулки доштаи шахси дорои маълумоти шахсӣ дар ҳудуди Тараф;

ж) оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидани шахс дорои маълумоти шахсӣ дар ҳудуди Тараф;

з) оид ба ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият.

Махфият ва маҳдудияти истифодаи маълумотро моддаи 10-уми созишнома пешбинӣ менамояд, ки монанд ба ёрии ҳуқуқи оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, супоридани маълумоти шахсӣ дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ пешбинӣ гардида, мақсадҳои гуногунро доранд. Аммо онҳо ҳамчун чораи ниҳоӣ бояд талаб карда шаванд ва махфияти онҳо таъмин карда шуда, бе ҳеҷ ваҷҳ набояд ба мақсадҳои

---

[501] Соглашение о взаимной правовой помощи по административным вопросам в сфере обмена персональными данными от 18 декабря 2020 г.// https://www.gov.kz/memleket/entities/mfa/press/article/details/130268?lang=ru

ғаразнок ё таъқиботи ғайриқонунии шахс равона карда шаванд.

**Адабиёт:**

1. Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. Москва: Юрлитинформ, 2021. – 464 с.

2. Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса Республики Таджикистан. Применение международно-правовых. М.: ООО «НИПКЦ Восход-А», 2013. 504 с.

3. Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. Душанбе: Ирфон, 2008. 181 с.

4. Искандаров, З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. Душанбе, 2009. – 128 с.

# МУБОҲИСА ВА БАРОБАРҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО ҲАМЧУН ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВӢ

**Табаров Неъмон Амонович,**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ
**Тел.:** (+992) 907-97-65-12
**E-mail:** nemon.tabarov.65@mail.ru

**Мушовири илмӣ:** Насриддинзода Э.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Бобоев Ҷ.Қ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Такмили ҳокимияи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, бо таҳлили доктриналӣ, конститутсионӣ-соҳавӣ ва проблемавӣ-амалии принсипҳое, ки асоси ташкил ва фаъолияткунии онро ташкил менамоянд, алоқаманд аст. Категорияи фалсафии «принсип» (аз лотинии principium — асос, ибтидо) маънои муқарраротии асосӣ, ғояи асосиро дорад. Принсип ҳамеша бо муқаррароти бештар хусусияти умумидошта ифода карда мешавад. Дар назарияи ҳуқуқ принсипҳоро ба принсипҳои ҳуқуқи моддӣ ва принсипҳои ҳуқуқи мурофиавӣ тақсим мекунанд. Якуминҳо ғояҳои асосӣ, муқаррароти ибтидоиро ифода мекунанд, ки асоси ташаккул, рушд ва фаъолияткунии ҳуқуқро ташкил менамоянд, масалан, принсипҳои инсондустӣ, адолат, қонуният, демократизм. Дуюминҳо - ин муқаррароте мебошанд, ки асоси ташаккул ва фаъолияткунии муносибатҳои мурофиавиро ташкил медиҳанд. Онҳо бояд, аввалан, барои ҳама мурофиаҳои судӣ аҳамияти асосӣ дошта бошанд; дуюм, дар меъёрҳои ҳуқуқ ифода карда шаванд; сеюм, умумимурофиавӣ бошад ва ба ҳамаи намудҳои мурофиа (конститутсионӣ, ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ) дахл дошта бошад; чорум, мазмуни мустақил дошта бошад. Дар боби 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои (асосҳои) мурофиаи судӣ муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла қисми 2 моддаи 88 муқарраротро дар бораи он, ки мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад, дар бар гирифтааст. Сарфи назар аз содда будани меъёри дар боло зикршуда, дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамфикрӣ оиди он, ки дар қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як ё ду принсипи мустақил сабт гардидаанд, вуҷуд надорад. Бисёриҳо ҳисоб мекунанд, ки сухан дар бораи як принсип меравад. Як қатор муаллифон мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳоро ду ҷузъи таркибии як принсип баррасӣ мекунанд. Ба ақидаи дигар, баробарҳуқуқии тарафҳо унсури принсипи мубоҳиса мебошад. Баъзе олимони ҳуқуқшинос мустақилияти принсипи мубоҳисаро эътироф мекунанд. Баъзеҳо онро ба

таври мухтасар номбар намуда, танҳо як калимаи калидӣ — «мубоҳиса», дигарон бошанд, чуноне ки дар Конститутсия навишта шудааст, — мубоҳиса ва баробарҳуқуқиро истифода менамоянд. Сеюминҳо бошад мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳоро алоҳида қайд мекунанд. Дар ҳама гуна ҳолат ҳамаи муаллифон робитаи мутақобилаи диалектикии онҳоро эътироф мекунанд. Татбиқи муқаррароти конститутсионӣ дар бораи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар қонунгузории соҳавӣ ҳам вобаста ба тақсимоти принсипҳои мазкур дар байни моддаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам вобаста ба маънои меъёрии ба онҳо додашуда таваҷҷӯҳи тадқиқотӣ дорад. Сабти меъёрии принсипҳои конститутсионии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо нишон медиҳад, ки принсипҳои мазкур дар соҳаҳои гуногуни мурофиавӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Аммо фарқияти мазкур моҳияту мазмуни принсипҳои конститутсионии мазкурро дигар намекунад. Ҷудокунии меъёрии принсипи конститутсионии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ва дар моддаҳои гуногуни санади меъёрии ҳуқуқӣ сабт гардидани он, чуноне ки дар Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шудааст, дурусттар ба назар мерасад, зеро ба таври мушаххастар мазмуни ин принсипҳо кушода мешаванд, новобаста аз он, ки ин принсипҳо бо ҳам зич алоқаманданд. Робитаи мутақобилаи диалектикии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо баҳснопазир аст, аммо аз ҳам ҷудо кардани ин ду унсури ба ҳам алоқаманд ва аз ҳама бештар дар моддаҳои гуногуни санади меъёрии ҳуқуқӣ сабт гардидани онҳо сабаби коста гардидани мазмуну мақсади онҳо намегардад. Гарчанде принсипҳои мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ба ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро пурракунанда бошанд ҳам, вале онҳо принсипҳои мустақили конститутсионии мурофиаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳокимияти судӣ, принсип, категорияи фалсафӣ, принсипҳои инсондустӣ, адолат, қонуният, демократизм, назарияи ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи моддӣ, ҳуқуқи мурофиавӣ, принсипҳои конститутсионӣ, принсипҳои моддӣ, принсипҳои мурофиавӣ, мубоҳиса, баробарҳуқуқии тарафҳо, илми ҳуқуқ, муносибатҳои мурофиавӣ, муқаррароти конститутсионӣ, мурофиаи судӣ, намудҳои мурофиа, мурофиаи конститутсионӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ, давраҳои мурофиаи судӣ, унсури принсипи мубоҳиса, робитаи мутақобилаи диалектикӣ, Кодекси мурофиавии гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## СОСТЯЗАТЕЛЬНОСТЬ И РАВНОПРАВИЕ СТОРОН КАК ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ПРАВА

**Табаров Неъмон Амонович,**
Таджикский государственный

финансово – экономический университет, факультет менеджмента и экономического права, кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права
**Тел.:** (+992) 907-97-65-12
**E-mail:** nemon.tabarov.65@mail.ru

**Научный консультант**: Насриддинзода Э.С., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Бобоев Дж.К., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Совершенствование судебной власти в Республики Таджикистан связано, в том числе, с доктринальным, конституционно-отраслевым и проблемно-практическим анализом принципов, лежащих в основе ее организации и функционирования. Философская категория «принцип» (от лат. principium – основа, начало) означает основное положение, основную идею. Принцип всегда выражается положениями максимально общего характера. В теории права принципов разделяют на материальные принципы и на процессуальные принципы. Первые представляют собой основные идеи, исходные положения, лежащие в основе формирования, развития и функционирования права, например принципы гуманизма, справедливости, законности, демократизма. Вторые – это положения, которые лежат в основе формирования и функционирования процессуальных отношений. Они должны, во-первых, иметь основополагающее значение для всего судопроизводства; во-вторых, выражаться в нормах права; в-третьих, быть общепроцессуальными и относиться ко всем видам процесса (конституционный, уголовный, гражданский, экономический, административный); в-четвертых, иметь самостоятельное содержание. В главе 8 Конституции Республики Таджикистан установлены принципы (основы) судопроизводства, в том числе частью 2 статьи 88 закреплено положение об осуществлении судебного процесса на основе принципа состязательности и равенства сторон. При всей простоте приведенной нормы в юридической науке нет единого мнения относительно того, один или два самостоятельных принципа фиксируются в части 2 статьи 88 Конституции Республики Таджикистан. Многие считают, что речь идет об одном принципе. Ряд авторов рассматривают состязательность и равноправие сторон в качестве двух составляющих одного принципа. Согласно иному мнению равноправие сторон является элементом принципа состязательности. Некоторые ученые-правоведы признают самостоятельность принципа состязательности. Одни его называют емко, используя только одно ключевое слово – «состязательность», другие буквально, как записано в Конституции – состязательность и равноправие. Третьи выделяют отдельно состязательность и равноправие сторон. В любом случае все

авторы признают их диалектическую взаимосвязь. Реализация конституционных положений о состязательности и равноправии сторон в отраслевом законодательстве представляет исследовательский интерес как в связи с распределением данных принципов по статьям нормативных правовых актов, так и в связи с придаваемым им нормативным смыслом. Нормативное закрепление конституционного принципа состязательности и равноправия сторон показывает, что данный принцип в различных процессуальных отраслях существенно отличается. Однако данное отличие не умоляют сущность и содержание данного конституционного принципа. Нормативное разъединение конституционного принципа состязательности и равноправия сторон и закрепление его в разных статьях нормативного правового акта, как это сделано в Экономическом процессуальном кодексе Республики Таджикистан, представляется верным, поскольку конкретно раскрывается содержание этих принципов, независимо от того, что они тесно взаимосвязаны. Диалектическая взаимосвязь состязательности и равноправия сторон бесспорна, и разделение этих двух взаимосвязанных элементов, а тем более закрепление в разных статьях нормативного правового акта не становится причиной умаление их содержание и цели. Хотя принципы состязательность и равноправие сторон являются взаимообусловленными и взаимодополняющими друг друга, но они являются самостоятельными конституционными принципами судопроизводства в Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Судебная власть, принцип, философская категория, принципы гуманизма, справедливости, законности, демократизма, теория права, нормы права, материальное право, процессуальное право, конституционные принципы, материальные принципы, процессуальные принципы, состязательность, равноправие сторон, юридическая наука, процессуальные отношения, конституционное положение, судопроизводство, виды процесса, конституционный процесс, уголовный процесс, гражданский процесс, экономический процесс, административный процесс, стадии судебного процесса, элемент принципа состязательности, диалектическая взаимосвязь, Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан, Экономический процессуальный кодекс Республики Таджикистан, Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан.

## COMPETITION AND EQUALITY OF THE PARTIES AS BASIC PRINCIPLES OF PROCEDURAL LAW

**Tabarov Nemon Amonovich,**
Tajik State Financial and Economic University, Faculty of Management and Economic Law, candidate of legal Sciences, associate Professor of the

Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law
**Phone.:** (+992) 907-97-65-12
**E-mail:** nemon.tabarov.65@mail.ru

**Scientific consultant:** Nasriddinzoda E.S., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Boboev J.K., candidate of Legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** Improving the judiciary in the Republic of Tajikistan is associated, among other things, with doctrinal, constitutional, sectoral and problem-practical analysis of the principles underlying its organization and functioning. The philosophical category “principle” (from the Latin principium - basis, beginning) means the basic position, the main idea. The principle is always expressed by provisions of the most general nature. In legal theory, principles are divided into substantive principles and procedural principles. The first represent the basic ideas, the starting points underlying the formation, development and functioning of law, for example the principles of humanism, justice, legality, and democracy. The second are the provisions that underlie the formation and functioning of procedural relations. They must, firstly, be fundamental to all legal proceedings; secondly, to be expressed in legal norms; thirdly, to be general procedural and apply to all types of process (constitutional, criminal, civil, economic, administrative); fourthly, have independent content. Chapter 8 of the Constitution of the Republic of Tajikistan establishes the principles (fundamentals) of legal proceedings, including part 2 of Article 88, which establishes the provision on the implementation of judicial proceedings based on the principle of adversarialism and equality of parties. Despite the simplicity of the above norm, there is no consensus in legal science as to whether one or two independent principles are fixed in part 2 of Article 88 of the Constitution of the Republic of Tajikistan. Many people believe that we are talking about one principle. A number of authors consider competition and equality of parties as two components of one principle. According to another opinion, equality of the parties is an element of the adversarial principle. Some legal scholars recognize the independence of the adversarial principle. Some call it succinctly, using only one key word - “competition”, others literally, as written in the Constitution - competition and equality. Still others distinguish separately between competition and equality of parties. In any case, all authors recognize their dialectical relationship. The implementation of constitutional provisions on competition and equality of parties in sectoral legislation is of research interest both in connection with the distribution of these principles across articles of regulatory legal acts, and in connection with the normative meaning attached to them. The normative consolidation of the constitutional principle of adversarialism and equality of the parties shows that this principle differs significantly in various procedural branches. However, this difference does not reflect the essence and content of this constitutional principle. The normative separation of the constitutional principle of competition and equality of the parties and its consolidation in different articles of the normative legal act, as is done in the

Economic Procedural Code of the Republic of Tajikistan, seems correct, since the content of these principles is specifically revealed, regardless of the fact that they are closely interrelated. The dialectical relationship between competitiveness and equality of the parties is indisputable, and the separation of these two interrelated elements, and even more so their consolidation in different articles of a normative legal act, does not become a reason for derogating their content and goals. Although the principles of competition and equality of parties are interdependent and complementary, they are independent constitutional principles of legal proceedings in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** Judicial power, principle, philosophical category, principles of humanism, justice, legality, democracy, theory of law, rules of law, substantive law, procedural law, constitutional principles, substantive principles, procedural principles, competitiveness, equality of parties, legal science, procedural relations, constitutional situation, legal proceedings, types of process, constitutional process, criminal process, civil process, economic process, administrative process, stages of the judicial process, element of the adversarial principle, dialectical relationship, Civil Procedure Code of the Republic of Tajikistan, Economic Procedure Code of the Republic of Tajikistan, Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan.

Такмили ҳокимияи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, бо таҳлили доктриналӣ, конститутсионӣ-соҳавӣ ва проблемавӣ-амалии принсипҳое, ки асоси ташкил ва фаъолияткунии онро ташкил менамоянд, алоқаманд аст. Самаранокии ҳалли масъалаҳои конститутсионии ба шохаи номбурдаи ҳокимияти давлатӣ мансуббуда аз бисёр ҷиҳат аз маънидодкуниҳо, малакаи татбиқи онҳо вобаста аст.

Категорияи фалсафии «принсип» (аз лотинии principium — асос, ибтидо) маънои муқарраротии асосӣ, ғояи асосиро дорад. Принсип ҳамеша бо муқаррароти бештар хусусияти умумидошта ифода карда мешавад. М.Н. Марченко қайд мекунад, ки принсипҳои ҳуқуқ ғояҳои асосӣ, муқаррароти ибтидоӣ ё оғози пешбарандаи раванди ташаккул, инкишоф ва фаъолияткунии ҳуқуқро ифода мекунанд[502]. Онҳо на танҳо моҳият, балки мазмуни ҳуқуқро низ тавсиф мекунанд, на танҳо сохтори дохилии он, балки тамоми раванди татбиқи онро низ инъикос мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқ ба сифати як навъ сохтори ёрирасон баромад мекунанд, ки дар он на танҳо меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқ, институтҳо ё соҳаҳои ҳуқуқ, балки тамоми низоми ҳуқуқ низ такя намуда, амалӣ мегарданд.

Дар назарияи ҳуқуқ принсипҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқро фарқ мекунад. Якуминҳо ғояҳои асосӣ, муқаррароти ибтидоиро ифода мекунанд, ки асоси ташаккул, рушд ва фаъолияткунии ҳуқуқро ташкил менамоянд, масалан, принсипҳои инсондустӣ, адолат, қонуният, демократизм. Дуюминҳо - ин муқаррароте мебошанд, ки асоси ташаккул ва фаъолияткунии муносибатҳои мурофиавиро ташкил медиҳанд. Онҳо бояд, аввалан, барои ҳама мурофиаҳои судӣ аҳамияти асосӣ дошта бошанд; дуюм, дар меъёрҳои ҳуқуқ ифода карда шаванд; сеюм, умумимурофиавӣ

502 Теория государства и права / под ред. М.Н. Марченко. М., 2000. – С. 432.

бошад ва ба ҳамаи намудҳои мурофиа (конститутсионӣ, ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ) дахл дошта бошад; чорум, мазмуни мустақил дошта бошад.

Дар боби 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои (асосҳои) мурофиаи судӣ муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла қисми 2 моддаи 88 муқарраротро дар бораи он, ки мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад, дар бар гирифтааст[503]. Сарфи назар аз мухтасарӣ ва содда будани меъёри дар боло зикршуда, дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамфикрӣ оиди он, ки дар қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як ё ду принсипи мустақил сабт гардидаанд, вуҷуд надорад.

Барои таҳлили ҳамаҷонибаи категорияи «мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ» муайян кардан лозим аст:

- маҳакҳои мубоҳиса;
- оё муқаррароти қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи мурофиаи судӣ аст ё қонунгузор чизи дигареро дар назар дошт, масалан, шакли амалӣ намудани адолати судиро;
- оё муқаррароти конститутсиониро дар бораи мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ бояд мустақилона баррасӣ кард ё якҷоя бо мафҳуми «баробарҳуқуқии тарафҳо».

Агар муқаррароти қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон («мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад»)-ро айнан шарҳ диҳем, он гоҳ маълум мешавад, ки амалӣ намудани мурофиаи судӣ дар асоси мубоҳиса – ин гузаронидани вай дар асоси баҳсу мунозира мебошад. Вобаста аз чунин фаҳмиш баҳсу мунозира – ин муҳокимаи ягон чиз, ҳимояи андешаи худ, дурустии худ, иддаокунии мутақобила, яъне фаъолияти муайян мебошад. Мубоҳиса маънои онро дорад, ки айбдоркунӣ ҷудо аз суде, ки парвандаро баррасӣ мекунад, аст. Айбдоркунӣ ва ҳимояро тарафҳо амалӣ мекунанд, ки ба онҳо ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробар барои пешбурди парванда дода шудааст.

Мубоҳиса ҳамчун принсипи мурофиаи судӣ бояд дорои маҷмӯи аломатҳои зерин бошад. Ин меъёрест, ки дар қонун – санади меъёрие, ки аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти қонунгузорӣ қабул гардидааст, сабт гардидааст ва дорои эътибори олии ҳуқуқӣ мебошад. Аз рӯи хусусияти худ ин принсип - қоидаи рафторест, ки бо қувваи маҷбуркунии давлат таъмин карда шудааст.

Принсипи мубоҳиса ҳамчун принсипи конститутсионӣ - ин на ҳама гуна меъёр, балки меъёрест, ки барои ҳамаи мурофиаи судӣ асосӣ буда, хусусиятҳои асосии онро муайян мекунад. Принсипи мазкур бо принсипҳое, ки меъёр ва принсипҳои мурофиаи судӣ нестанд, дар робитаи муайян қарор дорад. Ин муносибатро ба таври зерин тавсиф кардан мумкин аст:

- меъёрҳо-принсипҳо набояд якдигарро такрор кунанд ё мустақиман аз якдигар бароянд;

[503] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе. Ганҷ. 2016.

- меъёрҳое, ки принсип нестанд, бояд аз ин ё он принсип бароянд, онро мушаххас кунад, ба он мувофиқ бошанд, вале хилофи он набошанд.

Принсипи мубоҳиса аз рӯи хусусияти худ бояд ба ҳамаи давраҳои мурофиаи судӣ дахл дошта бошад, агар ин хилофи моҳият ва мазмуни он набошад. Он ҳамчун унсури низоми принсипҳо амал менамояд, ки фаъолияткунии самараноки фаъолияти мурофиавӣ ва ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои мурофиаи судиро таъмин мекунад.

Дар қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки принсипи мубоҳисаро сабт кардааст, ба монанди дигар меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, хусусиятҳои соҳавӣ хосанд. Дар адабиёти таълимӣ бисёр муҳаққиқон хусусиятҳои зерини хоси меъёрҳои ҳуқуқии конститутсиониро таъкид мекунанд: тафовут аз рӯи сарчашмаҳо, хусусияти таъсисии нишондодҳои дар онҳо ҷойдошта, механизми махсуси татбиқ. Хусусиятҳои сохтор алоҳида қайд карда мешаванд. Азбаски принсипи мубоҳиса сабти худро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтааст, ба вай ба мисли дигар принсипҳои конститутсионӣ ин хусусиятҳо хосанд.

Агар принсипи мубоҳиса маънои онро дошта бошад, ки ҳар як тараф вазифадор аст далелу ҳолатеро исбот кунад, ки ба онҳо вай ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ ҳангоми баробарии имкониятҳо истинод менамояд, он гоҳ қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзия набуда, он уҳдадории тарафҳоро дарҷ мекунад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани диспозитсияи меъёри ҳуқуқӣ бештар мувофиқ буда, дар он зикр карда мешавад, ки рафтор ҳангоми мавҷуд будани шартҳои пешбининамудаи гипотеза чӣ гуна буда метавонад ё чӣ гуна бояд бошад. Муқаррароти меъёри дар боло зикргардида дар бораи он, ки мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад, танҳо диспозитсияи меъёри ҳуқуқиро сабт менамояд. Оё ин маънои онро дорад, ки гипотеза ва санксия мавҷуд нестанд ва ё онҳо дар дигар санадҳои қонунгузорӣ мавҷуданд?

Ҳолати воқеие, ки ҳангоми мавҷуд будани он уҳдадории исбот кардани фактҳо ва ҳолатҳое ба миён меояд, ки ба онҳо тарафҳо ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ истинод мекунад, оғози истеҳсолот аз рӯи парванда, яъне оғози мурофиаи судӣ мешавад.

Санксия дар моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст. Он дар ҳуқуқи мурофиавӣ ҷой дорад. Санксия чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро барои вайрон кардани меъёри муайяни ҳуқуқ муайян мекунад. Масалан, қисми 1 моддаи 353 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро[504] санксия ҳисобидан мумкин аст, ки мутобиқи он вайрон кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ барои бекор кардани ҳалномаи суди марҳилаи якум танҳо ба шарте асос шуда метавонад, агар ин вайрон кардан ё татбиқи нодуруст боиси ҳалли нодурусти парванда гардида бошад ё метавонист боиси он

[504] Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.6, мод.7.

гардад (ҳамин гуна талабот дар қисми 3 моддаи 249 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон[505] баён гардидааст).

Ҳамин тавр, меъёри конститутсионие, ки принсипи мубоҳисаро муқаррар мекунад, сохтори зерин дорад: агар мурофиаи судӣ амалӣ карда шавад (гипотеза), он бояд дар асоси мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо сурат мегирад. Агар ин меъёр вайрон карда шавад, он гоҳ асосҳо барои татбиқи санксия ба миён меояд, ки қонунгузории мурофиавӣ муқаррар кардааст.

Тафсири махсуси моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Аз рӯи принсипи таҳқиқшавандаи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо мавқеи ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад: «Суд дар баррасии ҳар як парванда бояд баробарии тарафҳоро оиди пешниҳоду таҳқиқи далелҳо ва дархостҳои арзшуда таъмин намояд»[506]. Дар мурофиаи судии гражданӣ ба суд тавсия карда шудааст, ки далелҳои аз ҷониби даъвогар ва ҷавобгар пешниҳодшуда ба инобат гирифта шаванд. Дар борабари ин суд метавонад ба тарафҳо таклиф намояд, ки далелҳои иловагӣ пешниҳод кунанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ, бо назардошти вазъи саломатӣ, синну сол ва дигар ҳолатҳое, ки ба имконияти аз ҷониби тарафҳо пешниҳод гардидани далелҳо монеъ мегарданду бе ин далелҳо парвандаро дуруст баррасӣ кардан имконнопазир бошад, суд бо дархости тарафҳо барои талаб кардани чунин далелҳо чора меандешад.

Дар баробари ин, гарчанде ки мавқеъи ҳуқуқии мазкур ба судҳо тартиби татбиқи меъёри конститутсионии баррасишавандаро тавзеҳ диҳад ҳам, аммо барои қонунгузор асос нест ва ба шакли сабти принсипи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар меъёрҳое, ки мурофиаи судии гражданиро танзим менамоянд, таъсир намерасонад.

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки кадом вақт принсипи мазкур конститутсионӣ гардид ва чӣ тавр ин ба танзими соҳавии он таъсир расонд.

Татбиқи муқаррароти конститутсионӣ дар бораи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар қонунгузории соҳавӣ ҳам вобаста ба тақсимоти принсипҳои мазкур дар байни моддаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам вобаста ба маънои меъёрии ба онҳо додашуда таваҷҷӯҳи тадқиқотӣ дорад.

Агар ба таърихи конститутсияҳои Тоҷикистон муроҷиат намоем, он гоҳ маълум мешавад, ки дар Конститутсияи (Қонуни Асосии) РАСС Тоҷикистон, Конститутсияҳои (Қонуниҳои Асосии) РСС Тоҷикистон солҳои 1931, 1937[507] муқаррарот дар бораи принсипи мубоҳиса, ба монанди муқаррарот дар бораи принсипи баробарҳуқуқии тарафҳо мавҷуд набуданд.

---

[505] Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.4, мод.5.

[506] Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2003). Душанбе. 2003.

[507] Конститутсияи (Қонуни асосии) РСС Тоҷикистон дар сессияи фавқулоддаи шашуми Совети Олии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон 1 марти соли 1937 қабул шудааст. – Душанбе. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1962. – 30 с.

Дар Конститутсияи (Қонуни Асосии) РСС Тоҷикистон аз соли 1978[508] сабт гардида буд, ки адолати судӣ дар РСС Тоҷикистон дар асоси баробарии гражданинҳо дар назди қонун ва суд (моддаи 157) ба амал бароварда мешавад.

Тавре, ки дар боло қайд карда шуд, дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 принсипи мубоҳиса дар қатори принсипи баробарҳуқуқии тарафҳо, дар м. 88 (мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад) сабт гардидааст.

Тасвияти мазкурро бо пештарааш муқоиса карда метавон мушоҳида кард, ки дар тасвияти амалкунанда сухан маҳз дар бораи тарафҳои мурофиаи судӣ меравад, дар ҳоле ки то соли 1994 сухан танҳо дар бораи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд мерафт. Тасвияти ҳозира барои таъмини баробарҳуқуқӣ ва мубоҳиса ҳатто дар он ҳолате, ки агар яке аз тарафҳо худи давлат ё мақомоти он баромад мекунад, равона карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «баробарӣ» истифода шудааст, дар ҳоле ки дар моддаи 13 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «баробарҳуқуқӣ» истифода бурда шудааст. Ба андешаи мо истилоҳи дар моддаи 13 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашудаи «баробарҳуқуқӣ» дурусттар мебошад, ки ба андозаи бештар ба ғояи давлати ҳуқуқбунёд мувофиқат мекунад, зеро он на танҳо баробарӣ дар назди қонун ва судро, ки метавонад маҳдуд маънидод карда шавад (танҳо аз мавқеи уҳдадориҳо), балки аз ҷониби тарафҳои дар мурофиаи судӣ иштироккунанда доро будан ба ҳамаи ҳуқуқҳое, ки бо конститутсия ва қонун кафолат дода шудаанд, низ дар назар дорад.

Он фактро қайд кардан зарур аст, ки дар Конститутсияи (Қонуни Асосии) РАСС Тоҷикистон, Конститутсияҳои (Қонуниҳои Асосии) РСС Тоҷикистон солҳои 1931, 1937 мавҷуд набудани меъёрҳое, ки принпипи таҳқиқшавандаро сабт мекунанд, умуман маънои онро надорад, ки он вуҷуд надошт. Вай дар қонунгузории соҳавии мурофиавӣ сабт гардида буд. Масалан, таърихчиёни ҳуқуқ аломатҳои принсипи мубоҳисаро ҳатто дар декретҳо дар бораи суд №1, №2, №3 пайдо мекунанд[509], гарчанде ки дар тасвияти мустақим онҳо дар он ҷо инъикос наёфтаанд.

Дар моддаи 14 Кодекси процессуалии граждании РСС Тоҷикистон соли 1964[510] меъёрҳо дар бораи он дохил карда шуда буданд, ки мурофиаи судии гражданӣ дар асоси баҳсу мунозира ва баробарҳуқуқии тарафҳо ба амал бароварда мешавад. Тарафҳо барои пешниҳоди далелҳо ва иштирок дар таҳқиқи онҳо ҳуқуқҳои баробар доранд. Суд беғаразиро нигоҳ дошта, барои ҳамаҷониба ва пурра таҳқиқ намудани ҳолатҳои парванда шароити

---

[508] Конститутсияи (Қонуни асосии) РСС Тоҷикистон дар сессияи ғайринавбатии ҳаштуми Совети Олии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон даъвати нӯҳум 14 апрели соли 1978 қабул шудааст. - Душанбе; нашрияи Совети Олии РСС Тоҷикистон. 1978. – 50 с.

[509] Ниг.: Никитина И.В. Диалектика развития принципа состязательности в российской юридической науке // Юридическое образование и наука. 2007. № 1. С. 7-15.

[510] Кодекси процессуалии граждании РСС Тоҷикистон (Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, с. 1964, №22, мод.5.

зарурӣ фароҳам меорад: ба шахсони иштироккунандаи парванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро мефаҳмонад, дар бораи оқибатҳои анҷом додан ё надодани амалҳои мурофиавӣ огоҳ мекунад ва дар ҳолатҳоиои пешбиникардаи Кодекс ба онҳо дар татбиқи ҳуқуқҳояшон кумак мерасонад.

Ба он нигоҳ накарда, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки чунин сабти принсипи мубоҳиса расман буд, зеро амали он бо принсипҳои дигар – нақши фаъоли суд дар равшан кардани ҳолатҳои парванда ва ҳақиқати объективӣ комилан бартараф карда шуда буд[511], худи факти сабти меъёрии он ба мурофиа гарчанде расмӣ бошад ҳам, вале намуди мубоҳиса дод.

Дар Кодекси амалкунандаи мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши суд бо фароҳам овардани шароит барои иштироки тарафҳо дар мурофиаи мубоҳисавӣ ва пешниҳоди далелҳо аз ҷониби онҳо, ҳалли масъалаҳо дар бораи ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо, таҳқиқи далелҳо дар маҷлиси судӣ, баҳодиҳии онҳо ва дар асоси онҳо муқаррар намудани ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамият доранд, маҳдуд аст. Зимнан худи тарафҳо уҳдадоранд он ҳолатҳоеро исбот намоянд, ки ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ ба онҳо истинод менамоянд ва метавонанд ба рафти парванда таъсир расонанд (ҳуқуқ доранд аз даъво даст кашанд, даъворо эътироф намоянд, созиши оштӣ банданд).

Чунин инкишофи танзими меъёрии принсипи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳоро дар қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар Низомнома дар бораи арбитражи давлатӣ, ки бо Қарори КИМ СССР № 5, СКХ СССР № 298 аз 3 майи соли 1931 тасдиқ карда шудааст[512] аз ин гуна муқарраротҳо даст кашиданд, онҳо дар Низомнома дар барои Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони СССР, ки бо Қарори Совети Вазирони СССР аз 17 августи соли 1960 № 892 тасдиқ карда шудааст[513] ва дар Низомнома дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони СССР, ки бо карори Совети Вазирони СССР аз 17 январи соли 1974 № 60 тасдиқ карда шудааст[514], набуданд.

Дар Қонуни СССР «Дар бораи тартиби ҳал намудани баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби Суди Олии арбитражии СССР» аз 17 майи соли 1991[515] моддаи 7 «Баробарии тарафҳо» дарҷ гардида буд, дар моддаи 30 бошад чунин тақсими уҳдадориҳо оид ба исботкунӣ ва пешниҳоди далелҳо муқаррар карда шуда буд: «Ҳар кадоме аз тарафҳо бояд он ҳолатҳоеро исбот кунад,

---

[511] Жуйков В. Принцип состязательности в гражданском судопроизводстве // Российская юстиция. 2003. № 6. С. 24.

[512] Положении о государственном арбитраже, утвержденном Постановлением ЦИК СССР N 5, СНК СССР № 298 от 3 мая 1931 г. // СЗ СССР. 1931. № 26. Ст. 203.

[513] Положение о Государственном арбитраже при Совете Министров СССР, утвержденном Постановлением Совмина СССР от 17 августа 1960 г. № 892 // СП СССР. 1960. N 15. Ст. 127.

[514] Положение о Государственном арбитраже при Совете Министров СССР, утвержденном Постановлением Совмина СССР от 17 января 1974 г. № 60 // СП СССР. 1974. N 4. Ст. 19.

[515] Закон СССР от 17 мая 1991 г. № 2171-1 «О порядке разрешения хозяйственных споров Высшим арбитражным судом СССР» // Ведомости СНД СССР и ВС СССР. 1991. № 23. Ст. 652.

ки ба онҳо вай ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ истинод менамояд. Далелҳо аз ҷониби тарафҳо ва дигар иштирокчиёни мурофиаи арбитражӣ пешниҳод карда мешаванд».

Дар Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995[516] фаъолияти суди иқтисодӣ дар талаб ва ҷамъоварии далелҳо бо ташаббуси худи суд хориҷ карда шуда буд. Чунин ҳолат дар қонунгузории мурофиавии арбитражии Россия (Кодекси мурофиавии арбитражии Федератсияи Россия соли 1995) низ ҷой дошт, ки вобаста ба ин ҳолат Аброскина Е.И., Шубина О.Л. қайд менамоянд, ки «принсипи мубоҳиса дар вақте кор мекунад, ки агар судҳо равиши ҳуқуқи советӣ — дарёфти ҳақиқати объективиро аз рӯи парванда дар гузашта гузоранд»[517].

Дар баробари ин, мавқеи мазкур ба бисёре аз намояндагони илми мурофиаи ҷиноятӣ, ки зарурати баргардонидани принсипи ҳақиқати объективиро ба қонунгузории мурофиавӣ ҳамчун кафолати даст кашидан аз мурофиаи айбдоркунии тоталитарӣ асоснок мекунанд, комилан мувофиқат намекунад[518].

Дар муқаррароти Кодекси мурофиавии иқтисодии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баробарҳуқуқии тарафҳо ва мубоҳиса принсипҳои мазкур ба маънои аз ҳама бештар умумӣ, фалсафӣ амалӣ карда шудаанд, ки рақобати тарафҳо, мухолифати диалектикии онҳоро бо иштироки объективона ва беғаразонаи суд дар татбиқи ҳуқуқҳои онҳо ифода мекунад. Дар Кодекси мазкур принсипи мубоҳиса (моддаи 9) ва принсипи баробарҳуқуқии тарафҳо (моддаи 8) аз ҳам ҷудо карда шудааст.

Дар баробари ин, мурофиат ба моҳияти принсипи конститутсионии мурофиаи судии баррасишаванда нишон медиҳад, ки ба дастрасӣ ва содда будани он нигоҳ накарда, шаклу тарзҳои татбиқи он дар қонунгузории соҳавии мурофиавӣ метавонад ба он мазмунҳои гуногун диҳад.

Мазмуни консептуалии муқаррароти конститутсиониро дар бораи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо тадқиқ намуда, С.А. Мукасеева ифодаи моҳияти принсипи мубоҳисаро дар муколамаи ҳуқуқии тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ ишора менамояд. Маҳз тавассути муколамаи мазкур дар доираи ин ё он намуди мурофиаи судӣ тарафҳо барои ҳалли баҳси байни онҳо ба миён омада кушиш карда, ба суд ваҷҳу далелҳои худро пешниҳод менамоянд[519].

Н.А. Грешнова нуқтаи назари мазкурро инкишоф дода, принсипи тадқиқшавандаро ҳамчун пешниҳоди меъёрӣ ба субъектҳое, ки дорои манфиатҳои муқобили моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ (тарафҳо) мебошанд, салоҳиятҳо оид ба пешниҳод намудани ҳама гуна ваҷҳҳо ва дигар далелҳои бо қонун манъношуда, ки имконият медиҳанд судро ба он бовар кунонид,

---

516 Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 // Ахбори Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри махсус.1998.

517 Аброськина Е.И., Шубина О.Л. Принцип состязательности в арбитражном процессе: теория и практика // Арбитражные споры. 2008. № 1. - С. 82.

518 Ниг.: Азаренок Н.В. Обусловленность состязательности в уголовном процессе // Российский юридический журнал. 2013. № 4. - С. 142-143.

519 Мукасеева С.А. Принцип состязательности в юридической практике: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Н. Новгород, 2006. – С. 7.

ки фикри онҳо нисбати предмети баҳс бинобар асосҳои моддию мурофиавӣ ҳақиқӣ аст, муайян менамояд[520].

Дар илм дар бораи он, ки оё дар моддаи 88 Конститутсия як ё ду принсипи мустақил муқаррар шудааст, ягонагии андешаҳо мавҷуд нест.

Барои мисол баъзе таърифҳоеро, ки аз ҷониби назариячиён ва таҷрибакорон дар асару нашрияҳои илмӣ додаанд, дида мебароем.

В.М. Семёнов чунин мешуморад, ки шакли мубоҳисавии мурофиаи судӣ аз баробарҳуқуқии мурофиавии тарафҳо ҷудонопазир аст, зеро маҳз ба онҳо додани ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар ба онҳо имконият медиҳад, ки дар назди суд баҳсу мунозира кунанд[521].

Ба андешаи муаллифони Тафсир ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия таҳти таҳрири Д.Н. Козак, принсипи мубоҳиса пеш аз ҳама чунин маъно дорад: 1) тафриқаи функсияҳои айбдоркунӣ (таъқиби ҷиноятӣ) ва ҳимоя ва вогузор намудани ин функсияҳо мутаносибан ба тарафи айбдоркунӣ ва ҳимоя; 2) ҷудо кардани функсияи ҳалли парванда (адолати судӣ) аз функсияҳои айбдоркунӣ ва ҳимоя; 3) баробарҳуқуқии мурофиавии тарафҳо[522].

Чуноне ки В.М. Савитский қайд менамояд, баробарҳуқуқии тарафҳо ба сифати мафҳуми алоҳида вобаста ба аҳамияти махсуси он, инчунин аз сабаби мавҷуд набудани маънои муфассали назариявии истилоҳи «мубоҳиса», ки «аз ин пеш дар ягон санади қонунгузории давраи шӯравӣ истифода нашуда буд», ҷудо карда шудааст[523].

Бисёриҳо ҳисоб мекунанд, ки сухан дар бораи як принсип меравад. Як қатор муаллифон мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳоро ду ҷузъи таркибии як принсип баррасӣ мекунанд[524]. Ба ақидаи дигар, баробарҳуқуқии тарафҳо унсури принсипи мубоҳиса мебошад[525]. Баъзе олимони ҳуқуқшинос мустақилияти принсипи мубоҳисаро эътироф мекунанд. Баъзеҳо онро ба таври мухтасар номбар намуда, танҳо як калимаи калидӣ — «мубоҳиса», дигарон бошанд, чуноне ки дар Конститутсия навишта шудааст, — мубоҳиса ва баробарҳуқуқиро истифода менамоянд. Сеюминҳо бошад мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳоро алоҳида қайд мекунанд. Масалан, дар бораи ягонагии ду принсип А.Н. Бондар қайд намуда, чунин мешуморад, ки «мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо аз нуқтаи назари мазмуни меъёрӣ-ҳуқуқии худ як принсипи ягонаи конститутсионӣ буда, нисбат ба принсипи умумии баробарии ҳама дар назди қонун ва суд дар мавқеи тобеъ қарор дорад». Аммо дар баробари ин А.Н. Бондар қайд мекунад, ки «дар сурати мавҷуд будани робитаҳои зичи системавии принсипхои дахлдори конститутсионӣ,

[520] Грешнова Н.А. Принцип состязательности в российском праве: теоретико-правовой анализ // Вестник Волгоградской академии МВД России. 2013. № 3. - С. 16.
[521] Ниг.: Курс советского гражданского процессуального права: В 2 т. / Отв. ред. А. А. Мельников. – М., 1981. – Т. 1. – С. 163-167.
[522] Ниг.: Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под ред. Д.Н. Козак и Е.Б. Мизулиной. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2004. – С. 94.
[523] Савицкий В.М. Состязательность // Ларин А.М., Мельникова Э.Б., Савицкий В.М. Уголовный процесс России: Лекции – очерки // Под ред. В.М.Савицкого. М., 1997. – С. 58-59.
[524] Ниг.: Кряжков В.А., Лазарев Л.В. Конституционная юстиция в Российской Федерации: учеб. пособие. М., 1998. - С. 157.
[525] Ниг.: Российское правосудие в контексте судебной реформы. М., 2004. – С. 72.

онҳо сатҳҳои нисбатан мустақили татбиқи худро дошта, дар қисмҳои мухталифи Конститутсия сабт гардидаанд»[526].

Ҳангоми чунин маънидодкунӣ дида мешавад, ки принсипи мубоҳисаи тарафҳо аз ҷиҳати сохторӣ дар худ принсипи баробарҳуқуқии тарафҳои мурофиаи судиро дар бар мегирад.

Ба чунин фурубарии як принсип аз ҷониби дигараш Л.Ф. Шумилова ишора менамояд: «Мубоҳиса дар мурофиа байни тарафҳои баробар имконпазир аст. Ба ин маъно, принсипи баробарҳуқуқии мурофиавии тарафҳо заминаи зарурии принсипи мубоҳиса мебошад. Дар ҳақиқат, онҳо ба он дараҷа ба ҳамдигар вобаста ва бо ҳам алоқамандии зич доранд, ки дар бисёр сарчашмаҳо онҳо танҳо дар маҷмӯъ оварда шудаанд»[527].

Дар баробари ин, бо чунин фикр розӣ шудан мумкин нест, ки мубоҳиса танҳо ҳангоми баробарҳуқуқии мурофиавии тарафҳо имконпазир аст. Л.Ф. Шумилова ба зарурати аниқи аз ҳам ҷудо кардани ин принсипҳо ишора менамояд. Дар байни ҳамаи принсипҳои мурофиаи судӣ алоқамандӣ мавҷуд аст, аммо оё дар бораи баръало вобаста будани як принсип аз дигараш сухан рондан дуруст аст?

Чунин ба назар мерасад, ки мубоҳиса ҳангоми мавҷуд набудани баробарҳуқуқии тарафҳо ва ё бо шартӣ будани баробарҳуқуқии онҳо имконпазир аст. Саволи дигар он аст, ки ин чӣ гуна мубоҳиса буда метавонад? Масалан, ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XX М.С. Строгович принсипи мубоҳисаро ҳамчун кафолати муҳимтарини ба амал баровардани адолати судӣ муайян карда буд ва ин дар он шароите, ки фаҳмиши буржуазии принсипи баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиа инкор карда мешуд, ки тибқи он суд ҳақ надорад дар рафти таҳқиқ ин ё он тарафро ишғол карда, бо дахолати худ вазъияти як тарафро осон намуда, вазъияти дигарро мушкил гардонад[528], дар он шароите, ки чуноне ки А.Я. Вишинский зикр кардааст, қонуни мурофиавӣ судро вазифадор мекард, ки «... ба равшан кардани ҳуқуқҳои воқеӣ ва муносибатҳои ҳамдигарии баҳскунандагон ҳаматарафа кушиш намояд...». Бо маводҳои пешниҳодкардаи тарафҳо маҳдуд нашуда, барои равшан кардани муносибатҳои воқеии байни тарафҳо фаъолона мусоидат намояд, маводҳои иловагиро талаб карда, дар бораи он ғамхорӣ намояд, ки ноогоҳии ҳуқуқӣ, камсаводӣ ва ҳолатҳои ба он монанд аз ҷониби вай ба зарараш истифода бурда нашавад[529].

С.Ш. Болтуев принсипҳои конститутсионии мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро ду принсипи мустақил эътироф менамояд. Зимнан ӯ принсипи конститутсионии «мубоҳиса»-ро ҳамчун принсипи «мусоҳибавӣ» ном бурда, қайд мекунад, ки «принсипи мусобиқавият дар мурофиаи гражданӣ маънои онро дорад, ки тарафҳо байни ҳам дар исботкунии ҳақ будани худ зурозмоӣ мекунанд ва кушиш менамоянд оқибатҳои ногувори иҷро накардани ин ухдадориҳоро

---

[526] Бондарь А.Н. Конституционный принцип состязательности и равноправия сторон: особенности его реализации в гражданском судопроизводстве: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2006. – С.9-10.

[527] Шумилова Л.Ф. Принципы состязательности и объективной истины как фундаментальные начала правоприменительной практики // Журнал российского права.- 2005.- № 11.- С. 56.

[528] Вышинский А.Я. Теория судебных доказательств в советском праве. – М.: Юридическое издательство Министерства юстиции СССР, 1946. – С.172.

[529] Ҳамон ҷо с.174.

пешгирӣ намоянд»[530]. Ба андешаи ӯ «принсипи соҳавии баробарҳуқуқии мурофиавии граждани ба мушаххасгаронии принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва судро барои тарафҳо нишон медиҳад ва мусобиқавияти муҳокимаи судиро таъмин мекунад»[531].

Дар ҳама гуна ҳолат ҳамаи муаллифон робитаи мутақобилаи диалектикии онҳоро эътироф мекунанд.

Татбиқи муқаррароти конститутсионӣ дар бораи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар қонунгузории соҳавӣ ҳам вобаста ба тақсимоти принсипҳои мазкур дар байни моддаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам вобаста ба маънои меъёрии ба онҳо додашуда таваҷҷӯҳи тадқиқотӣ дорад.

Масалан, дар Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ки адолати судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ба амал бароварда мешавад (моддаи 13), ки ба тасвияти конститутсионӣ мувофиқат мекунад. Қисми 2-юми моддаи мазкур ба моҳияти принсипи мубоҳиса бахшида шудааст. Принсипи баробарҳуқуқӣ алоҳида шарҳ дода нашудааст, гарчанде ки бидуни зикри бевосита он дар дигар меъёрҳои кодекс, ки ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаро танзим мекунанд, татбиқ карда мешавад.

Дар Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин принсипҳо дар моддаҳои гуногун (моддаи 8 «Баробарҳуқуқии тарафҳо», моддаи 9 «Мубоҳиса») сабт шудаанд, ки мазмуни ҳар яки онҳоро шарҳ медиҳанд.

Дар Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои конститутсионии таҳқиқшавандаи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо пешбинӣ карда нашудааст[532].

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сохторан ҷудо карда нашудааст ва дар доираи як модда ҷой гирифтаанд (м. 20 «Мубоҳиса ва баробарии тарафҳо»). Принсипи мубоҳиса ҳамчун зарурат ба тавзеҳоти иловагӣ надошта баррасӣ карда мешавад, принсипи баробарии тарафҳо бошад ба таври мухтасар тавзеҳ дода шудааст[533].

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қисми 1 моддаи 21 «Баробарҳуқуқии тарафҳои мурофиаи судӣ») пешбинӣ шудааст, ки «Дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи судӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо сурат мегирад»[534].

Азбаски дар Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарқият аз тасвияи конститутсионӣ, принсипҳои мубоҳиса ва баробарҳуқуқии

---

[530] Болтуев С.Ш. Принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 85; Сущность гражданского процесса. Монография (колл. авторов). Отв. ред. к.ю.н., профессор Болтуев С.Ш. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 92.

[531] Болтуев С.Ш. Принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 88; Сущность гражданского процесса. Монография (колл. авторов). Отв. ред. к.ю.н., профессор Болтуев С.Ш. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 94.

[532] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, мод.502.

[533] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816.

[534] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олип Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ.1, мод. 379.

тарафҳо ба таври меъёрӣ ҷудо карда шудаанд, баррасӣ намудани ибораи дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтгардидаи «мубоҳиса ва баробарии тарафҳо» ба сифати принсипи ягона тасдиқи ниҳоиро пайдо намекунад. Дар баробари ин, ҷои шубҳа нест, ки ҳатто дар ҳолати андешаҳо оиди он, ки ин на принсипи ягона, балки ду принсипи мустақиланд, онҳо ба ҳам зич алоқаманданд.

Шубҳае нест, ки дар ҳама гуна намудҳои мурофиаи судӣ мубоҳиса бидуни баробарҳуқуқӣ номумкин аст, дар ҳоле ки бидуни мубоҳиса дар бораи ягон хел баробарҳуқуқӣ наметавон сухан ронд.

Ҳамин тариқ, шаклҳои сабти принсипи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳоро дар меъёрҳое, ки муносибатҳои мурофиавиро танзим менамоянд, баррасӣ намуда, метавон ба хулосаи зерин омад:

1. Дар ҳама гуна назарияи соҳавии мурофиаи судӣ тасниф кардани принсипҳои адолати судӣ дар шаклҳои гуногун сурат мегирад, аз ҷумла ба конститутсионӣ, байнисоҳавӣ ва соҳавӣ низ одат шудааст. Пас аз ворид шудан ба матни Конститутсия, принсипи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо хусусияти конститутсионӣ ва мутаносибан ба қувваи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - қувваи олии ҳуқуқӣ пайдо кард. Ягон тағйироти қонунгузории ҷорӣ наметавонанд онро аз мурофиа хориҷ кунанд ё мазмуни конститутсионӣ-ҳуқуқии онро тағйир диҳанд.

Дар баробари арзиши олӣ эълон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сабти таъмин ва ҳифзи онҳо ба сифати ӯҳдадории асосӣ ва ягонаи конститутсионии давлат, конститутсионикунонии принсипи мазкури мурофиаи судӣ, бешубҳа, як қадами муҳим дар роҳ ба суи давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Таҷрибаи судӣ ва дигар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии бавуҷудомадаистодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи раднопазири ин мебошад.

2. Сабти меъёрии принсипҳои конститутсионии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо нишон медиҳад, ки принсипҳои мазкур дар соҳаҳои гуногуни мурофиавӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Аммо фарқияти мазкур моҳияту мазмуни принсипҳои конститутсионии мазкурро дигар намекунад.

3. Ҷудокунии меъёрии принсипи конститутсионии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ва дар моддаҳои гуногуни санади меъёрии ҳуқуқӣ сабт гардидани он, чуноне ки дар Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шудааст, дурусттар ба назар мерасад, зеро ба таври мушаххастар мазмуни ин принсипҳо кушода мешаванд, новобаста аз он, ки ин принсипҳо бо ҳам зич алоқаманданд. Робитаи мутақобилаи диалектикии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо баҳснопазир аст, аммо аз ҳам ҷудо кардани ин ду унсури ба ҳам алоқаманд ва аз ҳама бештар дар моддаҳои гуногуни санади меъёрии ҳуқуқӣ сабт гардидани онҳо сабаби коста гардидани мазмуну мақсади онҳо намегардад.

4. Гарчанде принсипҳои мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ба ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро пурракунанда бошанд ҳам, вале онҳо принсипҳои мустақили конститутсионии мурофиаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе. Ганҷ. 2016.

2. Конститутсияи (Қонуни асосии) РСС Тоҷикистон дар сессияи фавқулоддаи шашуми Совети Олии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон 1 марти соли 1937 қабул шудааст. – Душанбе. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1962. – 30 с.

3. Конститутсияи (Қонуни асосии) РСС Тоҷикистон дар сессияи ғайринавбатии ҳаштуми Совети Олии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон даъвати нӯҳум 14 апрели соли 1978 қабул шудааст. - Душанбе; нашрияи Совети Олии РСС Тоҷикистон. 1978. – 50 с.

4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олип Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ.1, мод. 379.

5. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.6, мод.7.

6. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.4, мод.5.

7. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, мод.502.

8. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 (бо тағйиру иловаҳо) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816.

9. Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 // Ахбори Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри махсус.1998.

10. Закон СССР от 17 мая 1991 г. № 2171-1 «О порядке разрешения хозяйственных споров Высшим арбитражным судом СССР» // Ведомости СНД СССР и ВС СССР. 1991. № 23. Ст. 652.

11. Кодекси процессуалии граждании РСС Тоҷикистон (Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, с. 1964, №22, мод.5.

12. Положении о государственном арбитраже, утвержденном Постановлением ЦИК СССР № 5, СНК СССР № 298 от 3 мая 1931 г. // СЗ СССР. 1931. № 26. Ст. 203.

13. Положение о Государственном арбитраже при Совете Министров СССР, утвержденном Постановлением Совмина СССР от 17 августа 1960 г. № 892 // СП СССР. 1960. N 15. Ст. 127.

14. Положение о Государственном арбитраже при Совете Министров СССР, утвержденном Постановлением Совмина СССР от 17 января 1974 г. № 60 // СП СССР. 1974. N 4. Ст. 19.

15. Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2003). Душанбе. 2003.

16. Аброськина Е.И., Шубина О.Л. Принцип состязательности в арбитражном процессе: теория и практика // Арбитражные споры. 2008. № 1. - С. 75-82.

17. Азаренок Н.В. Обусловленность состязательности в уголовном процессе // Российский юридический журнал. 2013. № 4. - С. 141-151.

18. Болтуев С.Ш. Принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 112 с.

19. Бондарь А.Н. Конституционный принцип состязательности и равноправия сторон: особенности его реализации в гражданском судопроизводстве: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2006. – 26 с.

20. Вышинский А.Я. Теория судебных доказательств в советском праве. – М.: Юридическое издательство Министерства юстиции СССР, 1946. – 248 с.

21. Грешнова Н.А. Принцип состязательности в российском праве: теоретико-правовой анализ // Вестник Волгоградской академии МВД России. 2013. № 3. - С. 13-17.

22. Жуйков В. Принцип состязательности в гражданском судопроизводстве // Российская юстиция. 2003. № 6. - С. 24-29.

23. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под ред. Д.Н. Козак и Е.Б. Мизулиной. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2004. – 823 с.

24. Кряжков В.А., Лазарев Л.В. Конституционная юстиция в Российской Федерации: учеб. пособие. М., 1998. - 462 с.

25. Курс советского гражданского процессуального права: В 2 т. / Отв. ред. А. А. Мельников. – М., 1981. – Т. 1. – 464 с.

26. Мукасеева С.А. Принцип состязательности в юридической практике: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Н. Новгород, 2006. – 28 с.

27. Никитина И.В. Диалектика развития принципа состязательности в российской юридической науке // Юридическое образование и наука. 2007. № 1. - С. 7-15.

28. Российское правосудие в контексте судебной реформы. М., 2004. - 264 с.

29. Савицкий В.М. Состязательность // Ларин А.М., Мельникова Э.Б., Савицкий В.М. Уголовный процесс России: Лекции – очерки // Под ред. В.М.Савицкого. М., 1997. – 314 с.

30. Сущность гражданского процесса. Монография (колл. авторов). Отв. ред. к.ю.н., профессор Болтуев С.Ш. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 272 с.

31. Теория государства и права / под ред. М.Н. Марченко. М., 2000. – 472 с.

32. Шумилова Л.Ф. Принципы состязательности и объективной истины как фундаментальные начала правоприменительной практики // Журнал российского права.- 2005.- № 11.- С. 54-61.

## ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)

# НИГОҲЕ БА ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИНСОНДӮСТӢ АЗ ДИДГОҲИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА ИЛМИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Шарипов Тақдиршо Шарифович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, д.и.ҳ.
**Тел.:** +992 918408600
**E-mail:** takdirshoh@mail.ru

**Саъдизода Ҷаҳонгир,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, н.и.ҳ.
**Тел.:** +992 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Холиқзода Шералӣ Лоиқ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, н.и.ҳ.
**Тел.:** +992 905559082
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи моддию мурофиавии ҷиноятии миллӣ бахшида шудааст. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки баҳри ҳимояи қурбониёни ҷанг, инчунин маҳдуд кардани усулҳо ва воситаҳои пешбурди он нигаронида шудааст.

Ба андешаи муаллифон ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстиро ҳуқуқи ҷанг, ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона низ ном мебаранд. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ба ҳадди ақалл кам кардани ранҷу машаққатҳои нафароне равона шудааст, ки дар мунокишаи мусаллаҳона иштирок мекунанд ва маҷбуранд ба ин гуна машаққату ранҷ тоб оваранд. Он маҷмуи қоидаҳоест, ки шахсият ва молумулки инсонро аз таҳдиди зарар ё нобудшавӣ дар ҷараёни амалиёти ҷангӣ муҳофизат мекунад ва тарафҳои ҷангро дар интихоби воситаҳо ва усулҳои ҷанг маҳдуд мекунад. Муаллифон бар он назаранд ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона барои таъмин

ва риояи принсипҳои ҳуқуқи инсон, махсусан принсипи инсондӯстӣ ҳангоми амалиёти ҳарбӣ равона шудааст. Дар робита ба ин аз ҷониби муаллифон принсипҳои фаъолияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ таҳлил гардида, таклифу пешниҳодҳои судманд манзур карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, озодӣ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи миллӣ, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона, ҳуқуқи ҷанг, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷиноятҳои байналмилалӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, истирдод.

## ВЗГЛЯД НА МЕЖДУНАРОДНОЕ ГУМАНИТАРНОЕ ПРАВО С ПОЗИЦИИ УГОЛОВНОГО ПРАВА И НАУКИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

**Шарипов Такдиршо Шарифович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции, д.ю.н.
**Тел.:** +992 918408600
**E-mail:** takdirshoh@mail.ru

**Саъдизода Джахонгир,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения, к.ю.н.
**Тел.:** +992 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Холикзода Шерали Лоик,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции, к.ю.н.
**Тел.:** +992 905559082
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Аннотация:** Данная статья посвящена одному из актуальных вопросов юриспруденции – международному праву и национальному материальному уголовно-процессуальному праву. Международное гуманитарное право — это совокупность норм и принципов международного права, направленных на защиту жертв войны, а также ограничение методов и средств её продвижения.

По мнению авторов, международное гуманитарное право еще называют правом войны, правом вооруженных конфликтов. Международное гуманитарное право направлено на то, чтобы свести к минимуму страдания людей, которые участвуют в вооруженных

конфликтах и вынуждены терпеть такие страдания. Это свод правил, защищающих личность и имущество человека от угрозы нанесения ущерба или уничтожения в ходе военных действий и ограничивающих стороны войны в выборе средств и методов ведения войны. Авторы полагают, что право вооруженных конфликтов направлено на обеспечение и соблюдение принципов прав человека, особенно принципа гуманности во время военных действий. В связи с этим авторы проанализировали принципы Международного уголовного суда и преподнесли полезные предложения.

**Ключевые слова**: право, свобода, права человека, международное право, национальное право, международное гуманитарное право, право вооруженных конфликтов, право войны, уголовно-процессуальное право, преступление, международные преступления, уголовная ответственность, экстрадиция.

## CRIMINAL LAW AND HUMAN RIGHTS SCIENCE PERSPECTIVE ON INTERNATIONAL HUMANITARIAN LAW

**Sharipov Taqdirsho Sharifovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Doctor of Law
**Phone:** +992 918408600
**E-mail:** takdirshoh@mail.ru

**Sa'dizoda Jahongir,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor, Department of Human Rights and Comparative Law, candidate of law
**Phone:** +992 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Kholiqzoda Sherali Loiq,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor, Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Candidate of Law
**Phone:** +992 905559082
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Annotation:** This article is devoted to one of the topical issues of jurisprudence - international law and national substantive criminal procedure law. International humanitarian law is a set of norms and principles of international law aimed at protecting the victims of war, as well as limiting the methods and means of its promotion.

According to the authors, international humanitarian law is also called the law of war, the law of armed conflict. International humanitarian law aims to minimise the suffering of people who are involved in armed conflicts and have to endure such suffering. It is a set of rules protecting human person and property from the threat of harm or destruction during hostilities and restricting the parties to war in their choice of means and methods of warfare. The authors believe that the law of armed conflict aims at ensuring and respecting the principles of human rights, especially the principle of humanity during hostilities. In this regard, the authors have analysed the principles of the International Criminal Court and provide useful suggestions.

**Keywords:** law, freedom, human rights, international law, national law, international humanitarian law, law of armed conflict, law of war, criminal procedure law, crime, international crimes, criminal responsibility, extradition.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон[535] пажӯҳишҳои илмии бунёдӣ анҷом пазируфтааст, аммо таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ангуштшуморанд.

Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки баҳри ҳимояи қурбониёни ҷанг, инчунин маҳдуд кардани усулҳо ва воситаҳои пешбурди он нигаронида шудааст. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстиро ҳуқуқи ҷанг, ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона низ ном мебаранд. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ (минбаъд ҲБИ) ба ҳадди ақалл кам кардани ранҷу машаққатҳои нафароне равона шудааст, ки дар муноқишаи мусаллаҳона иштирок мекунанд ва маҷбуранд ба ин гуна машаққату ранҷ тоб оваранд. Он маҷмуи қоидаҳоест, ки шахсият ва молумулки инсонро аз таҳдиди зарар ё нобудшавӣ дар ҷараёни амалиёти ҷангӣ муҳофизат мекунад ва тарафҳои ҷангро дар интихоби воситаҳо ва усулҳои ҷанг маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона барои таъмин ва риояи принсипҳои ҳуқуқи инсон, махсусан принсипи инсондӯстӣ ҳангоми амалиёти ҳарбӣ

---

[535] Оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон муфассал ниг.: Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 366 с.; Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.; Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02. – М., 2015; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.; Диноршоев, А.М., Сафаров Б.А. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: монография / Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. – Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО «Российская академия народного хозяйства и государственной службы». Волгоград: Изд-во Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – 296 с.; Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Миралиев Исфандиёр Карахонович. – Душанбе, 2014. – 205 с.; Саидов, И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.; Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2017. – 241 с.; Саъдизода Дж. Формирование культуры прав человека в условиях становления правового государства в Таджикистане: монография. – Душанбе: Типография ООО «Нушбод», 2022.

равона шудааст. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ё ҳуқуқи ҷанг ҳуқуқ ва уҳдадориҳои давлатҳои ҷангкунанда, давлатҳои бетараф, шахсони дар низоъҳои мусаллаҳона иштироккунанда – комбатантҳо[536] ва шахсонеро, ки аз ҷониби ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ таҳти ҳимоя қарор доранд – ғайрикомбатантҳо[537] муқаррар мекунад.

Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстиро чунин шарҳ медиҳад: "Зери мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии инсондӯсти қоидаҳои байналмилалие фаҳмида мешавад, ки ба одатҳо ва шартномаҳо асос ёфта, ба ҳалли вазифаҳои инсондӯстона дар рафти низоъҳои мусаллаҳонаи дорои хусусияти байналмилалӣ ва ғайрибайналмилалӣ равон шуда, дар руҳияи инсондӯстӣ ба тарафҳое, ки дар низоъ иштирок мекунанд, ҳуқуқи интихоб намудани восита ва методҳои бурдани ҷангро маҳдуд сохта, шаҳрвандон ва амволеро, ки дар рафти низоъ осеб мебинанд, ҳимоят мекунанд" [538].

ҲБИ маҷмуи меъёрҳоест, ки барои ҳимояи шахсони дар амалиёти ҷангӣ иштироккунанда ё дигар шахсоне, ки дар чунин амалиёт иштирок намекунанд, инчунин барои маҳдуд кардани усулҳо ва воситаҳои пеш бурдани ҷанг таҳия шудаанд. ҲБИ механизмҳоеро пешбинӣ мекунад, ки риояи меъёрҳои ин соҳаи ҳуқуқро таъмин месозанд. Дар байни онҳо, меъёрҳое, ки барои пешгирии вайронкуниҳои ҷиддии ҳуқуқи инсон равона шудаанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои содир кардани онҳо ҷазо пешбинӣ гардидааст, аҳаммияти махсус доранд. Масъулияти асосӣ барои иҷрои онҳо ба зиммаи давлатҳо гузошта шудааст. Мувофиқи ҲБИ ҷинояткорон барои содир кардани вайронкуниҳои ҷиддӣ ҷавобгарии инфиродӣ доранд ва онҳо бояд бо тариқи судӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда ва ҷазо дода шаванд. Чор Муоҳидаҳои Женева соли 1949 (МЖ I-IV), Протоколи иловагии I соли 1977 (ПИ I) ва дигар шартномаҳо уҳдадориҳои возеҳи давлатҳои иштирокчиро нисбати таъқиби судии шахсони воқеӣ барои содир кардани вайронкуниҳои ҷиддии меъёрҳои ҲБИ дар давраи низоъи мусаллаҳона муқаррар мекунанд.

Дар иртибот бо сарчашмаҳои ишорашуда лоиқ ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ уҳдадориҳои хешро дар хусуси ба тасвиб расонидан ва мувофиқ гардонидани меъёҳои қонунгузории дахлдори худ бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ пеш аз ҳама бо назардошти қ. 3-и м. 10-и Конститутсия – "Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда

[536] Комбатант – шахсоне, ки ба ҳайати неруҳои мусаллаҳи ҷонибҳои даргир дохил мешаванд ва барои дар амалиёти ҳарбӣ мустақиман иштирок кардан ҳуқуқ доранд. Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ: нашри чорум // Зери таҳрири академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҳмудзода М.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Мехроҷ-граф. – 2022. – С. 263.

[537] Ғайрикомбатант – шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳи ҷонибҳои даргир шомил буда, бевосита дар амалиёти ҳарбӣ ширкат намеварзанд (рӯзоманигорони ҳарбӣ, духтурон, ҳуқуқшиносон, руҳониён). Ниг.: Бобозода Умед, Салихов З.И. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ: (Низоъҳои ҳарбӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ). Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2014. – С. 30.

[538] Гассер Х.П. Международное гуманитарное право: Введегие. – М.: МККК, 1995. – С. 24.

мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд”[539] ва қ. 2-и м. 11-и Конститутсия – “Ташвиқоти ҷанг манъ аст”[540] иҷро менамояд. Зикри баъзе аснод, санаҳои таърихӣ ва иқдомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон далели равшани он аст, ки кишвари мо дар самти иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии хеш пайваста саъю талош менамояд ва ҷонибдори риоя ва таъмин шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар тамоми ҷаҳон аст. Ҳануз 15-уми декабри соли 1992 ба тасвиб расонидан ва аз 28-уми августи соли 1992 иштирокчии Конвенсияи Гаага оид ба ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ ҳангоми низоъҳои ҳарбӣ аз 14-уми майи соли 1954[541] будан, 13-уми январи соли 1993 ба тасвиб расонидан ва аз 26-уми феврали соли 1993 иштирокчии Муоҳидаҳои Женева аз 12-уми августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо аз 8-уми июни соли 1977[542] будан, 19-уми декабри соли 1999 ба тасвиб расонидани Низомномаи Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ аз 17-уми июли 1998[543], 21-уми майи соли 1998 муқаррар намудани моддаҳои 45 (Иҷрои фармон ё амр), 333 (Истифодаи ғайриқонунии аломату нишонаҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар), 403 (Барқасдона вайрон кардани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки дар ҷараёни низои мусаллаҳона содир шудааст), 404 (Барқасдона вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башар, ки дар вақти мухолифати мусаллаҳонаи байналмилалӣ ё дохилӣ бо таҳдид ба саломатӣ содир шудаст ё боиси осеби ҷисмонӣ гардидааст), 405 (Дигар қонуншиканиҳои меъёри байналмилалии ҳуқуқи башар) дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[544], 12-уми майи соли 2001 қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[545], 2-юми июли соли 1999 таъсиси Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ[546] ва ғайра аз чунин иқдомҳои Тоҷикистон дар бобати риояи принсипи бовиҷдонона иҷро кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳанд.

Ногуфта намонад, ки хусусият ва ҳаҷми ин гуна уҳдадориҳо дар шартномаҳои мавҷуда фарқ мекунанд. Аммо, як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки барои таъмини таъқиби судии самаранок дар сатҳи миллӣ бояд дар доираи андешаҳои илмӣ ва қонунгузории дохилии давлат

---

[539] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016.

[540] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016.

[541].Ниг.: Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутренее законодателство Республики Таджикистан. Сост.: Бобоев У.Х, Махмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Пулатов А.С., Салихов З. – Душанбе: “Контраст”, 2011. – С. 391-395.

[542] Ниг.: Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутренее законодателство Республики Таджикистан. Сост.: Бобоев У.Х, Махмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Пулатов А.С., Салихов З. – Душанбе: “Контраст”, 2011. – С. 315-391.

[543] Ниг.: Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутренее законодателство Республики Таджикистан. Сост.: Бобоев У.Х, Махмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Пулатов А.С., Салихов З. – Душанбе: “Контраст”, 2011. – С.161-191.

[544] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1998.

[545] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001, №4, мод.209.

[546] Ниг.: Раҷабов С.А. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ. – Душанбе, 2019. – С. 110.

мавриди баррасӣ, таҳлил ва имплементатсия[547] қарор гиранд. Ба ҳайси ин масъалаҳо пеш аз ҳама пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ аз қабили оғоз намудани таъқиб, интихоби суди босалоҳият, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо, тарзҳои дохил кардани ҷиноятҳои байналмилалӣ ба ҳуқуқи миллӣ, гузаштани давомнокии муҳлат, шаклҳои ҷавобгарии ҷиноятии инфиродӣ ва намудҳои ҷавобгарӣ, ба монанди ҷавобгарии сардорони болоӣ, ҳамкорӣ ва ёрии мутақобилаи давлатҳо дар масъалаҳои таъқиби ҷиноятии шахсони вайронкунандаи ҷиддии меъёрҳои ҲБИ дохил мешаванд[548].

**Пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ.** Функсияи давлат дар симои мақомоте, ки чунин фаъолиятро ба роҳ мемонанд, аз оғоз намудани таъқиб, интихоби суди босалоҳият, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо ва ғайра нисбат ба шахсони вайронкунандаи ҷиддии меъёрҳои ҲБИ иборат мебошад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавии ҳар як давлат, инчунин низоми судии он дар маҷмуъ бояд имконияти таъқиби шахсони дар содир кардани вайронкуниҳои ҷиддии ҲБИ айбдоршавандаро муқаррар намоянд. Давлатҳо аслан тартиби махсуси пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро нисбат ба таъқиби шахсоне, ки мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ кирдор содир кардаанд, надоранд. Маъмулан таъқиби судӣ ва баровардани ҳукм мувофиқи тартиби стандартии қабулшуда дар судҳои ҳарбӣ, шаҳрвандӣ ё ҳардуи онҳо ба амал бароварда мешавад. Вайронкунии ҷиддии ҲБИ метавонад аз ҷониби шахсони ҳайати қувваҳои мусаллаҳ ё шахсони дигар, дар ҳудуди миллӣ ё берун аз он, дар ҷараёни низои байналмилалӣ ё ғайрибайналмилалӣ[549] содир карда шавад. Мақомоте, ки таъқиби шахси дар содир кардани чунин ҷиноятҳо айбдоршавандаро пеш мебарад, бояд як қатор масъалаҳоро пешакӣ баррасӣ намояд. Пеш аз ҳама, муайян кардан лозим аст, ки оё кирдори шахси айбдоршаванда мувофиқи ҳуқуқи миллӣ ҷиноят эътироф шудааст ва оё судҳои миллӣ барои баррасии чунин парвандаҳо салоҳият доранд. Масъала оид ба салоҳият бахусус ҳангоме, ки сухан дар бораи ҷиноятҳои берун аз ҳудуди миллӣ содиршуда меравад, аҳаммияти муҳим дорад ва дар ин росто қонунгузорӣ бояд заминаи ҳуқуқии салоҳиятнокӣ, яъне ҳуқуқи баррасии чунин навъи парвандаҳо, аз ҷумла додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ)-ро пешбинӣ намуда бошад. Сипас масъалаи ба мақсад мувофиқ будани оғоз намудани таъқиби ҷиноятӣ бояд ҳал карда шавад. Омили асосӣ ҳангоми қабули чунин қарор бояд сифати далелҳои ҷамъоваришуда бошад. Агар айбдоршаванда шахси ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ муттаалиқ бошад, пас бояд чунин қароре қабул карда шавад, ки кадом соҳаи ҳуқуқ (ҳарбӣ ё умумии ҷиноятӣ) татбиқ карда мешавад ва кадом суд бояд парвандаро баррасӣ намояд. Мустақилияти мақоме, ки пешбурди таъқиби судӣ ба он супорида мешавад, омили муҳим барои таъмини самаранокии низоми

[547] Имплементатсия (аз лот. Impleo – татбиқ ва иҷро), дар ҳуқуқ тартиб, ҷараёни ворид намудан ва дар амал татбиқ кардани меъёрҳои асноди ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи давлат эътирофшуда дар қонунгузории миллӣ. Ниг.: Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 2019. – С. 119.

[548] Ниг.: Имплементация международного гуманитарного права на национальном уровне. Руководство. МККК, 2010. – С. 29.

[549] Ниг.: Раҷабов С.А. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ. – Душанбе, 2019. – С. 21-27.

пешгирии вайронкунии ҷиддии ҲБИ мебошад. Масалан, дар баъзе давлатҳо барои таъқиби чунин вайронкуниҳо ризоияти ҳокимияти иҷроия бояд гирифта шавад. Барои бартараф кардани беамалии эҳтимолии ҳукумат, масалан, бо сабабҳои то ҷӣ андоза ба мақсадҳои сиёсии давлат мувофиқ будани фаъолият дар ин самт бояд меъёрҳои оғоз кардани таъқиби ҷиноятӣ ва (ё) рад кардани он дар қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ баён карда шаванд. Ва ниҳоят муҳим он аст, ки қурбониёни чунин қонуншиканӣ дастрасии мустақим ва бемамониат ба адолати судӣ дошта бошанд.

Яке аз масъалаҳои мубрами пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ дар самти ба амал баровардани адолати судӣ нисбати шахсони вайронкунандаи ҷиддии меъёрҳои ҲБИ интихоби судӣ босалоҳият ба шумор меравад. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба интихоби суди босалоҳият муқаррароте вуҷуд надорад. Дар ҳоле ки дар сатҳи миллӣ таъсиси трибуналҳои махсус одатан ба талаботи таъмини суди беғаразона ва ба таври мувофиқ таъсисёфта мухолиф мебошад. Илова бар ин, додани ваколатҳо ба судҳои ҳарбӣ ё шаҳрвандӣ дар мавриди вайрон кардани меъёрҳои ҲБИ дар салоҳдиди ҳар як давлат боқӣ мемонад. Барои пешгирии вайронкунии ҷиддии меъёрҳои ҲБИ (ҷиноятҳои ҷангӣ) қонунгузорон дар сатҳи миллӣ бояд инҳоро дар хотир дошта бошанд: ҷиноятҳои ҷангӣ метавонанд на танҳо аз ҷониби шахсони дар ҳайати қувваҳои мусаллаҳ қарор дошта, инчунин аз ҷониби шахсони ғайринизомӣ низ содир карда шаванд; таъқиби судӣ метавонад дар замони осоишта, инчунин, дар замони ҷанг ба амал бароварда шавад; мумкин аст, ки гузаронидани тафтишот дар хориҷа сурат гирад ё ҳамкории байналмилалии судӣ дар парвандаҳое ба роҳ монда шавад, ки ҳангоми баррасии онҳо принсипи додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) татбиқ карда мешавад ё агар қарор дар бораи контингенти ин давлат бароварда шуда бошад. Қарорҳо метавонанд аз муносибати байни ҳуқуқи ҷиноятии ҳарбӣ ва умумӣ, миёни ҳокимияти ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ дар доираи ташкилоти аз ҷониби давлат созмондода вобастагӣ дошта бошад.

Ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо низ яке аз рукнҳои фаъолияти мақоми босалоҳият дар пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Мурофиаҳои судӣ нисбати ҷиноятҳои дар хориҷа содиршуда мушкилоти махсуси ҷамъоварии далелҳо ва ҳуқуқи ҳимоя барои таҳқиқи онҳоро ба миён меоранд. Барои ҳарчи осон намудани самти фаъолият дар ин ҷода пеш аз ҳама муҳим он аст, ки масъалаҳои зайл баррасӣ ва ҳал карда шаванд: қабули нишондодҳои дар видео сабтшуда, иҷрои супоришҳои судии дар хориҷа анҷомёфта, истифодаи созишномаҳои байналмилалии танзимкунандаи ҳамкории судӣ ва ҳоказо. Барои муқаррар кардани гуноҳи айбдоршаванда дар парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ҷангӣ, дар баробари анҷом додани дигар расмиёт, аз ҷумла нишон додан лозим аст, ки кирдор маҳз дар ҷараёни низои мусаллаҳона ё дар робита бо он сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, аксар вақт дар қонунгузории миллӣ нишон дода мешавад, ки кадом мақомот ваколатдор карда шудааст, ки вазъиятро ба сифати низои мусаллаҳона бандубаст намояд. Ғайр аз он, ба қурбониёни вазъияти мазкур бояд иҷозат дода шавад, ки дар ин раванд фаъолона иштирок

варзанд. Дар мавриди зарурӣ, онҳо бояд аз ҳимоя ба мисли айбдоршавандагон ва шоҳидон истифода баранд. Ҳуқуқ ба ҳимоя дар ҳолатҳое таъмин карда мешавад, ки агар онҳо аз ҷониби каси дигар мавриди таҳдиди интиқом қарор гиранд. Ва ниҳоят, дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ зарурати таъмини сирри ҳарбӣ ва амнияти миллӣ бояд ба назар гирифта шавад, аммо махфият набояд танҳо бо мақсади халалдор накардани таъқиби судӣ истифода шавад. Агар зарур бошад, мурофиаи судӣ метавонад дар ҷаласаи пӯшида сурат гирад.

**Тарзҳои дохил кардани ҷиноятҳои байналмилалӣ ба ҳуқуқи миллӣ.** Якчанд тазҳои инкорпоратсияи[550] ҲБИ вуҷуд дорад. Тавассути ин тарзҳо вайронкуниҳои ҷидди ҲБИ ба қонунгузории миллии ҷиноятӣ дохил карда шуда, мавриди баррасӣ ва истифода қарор мегиранд. Истифодаи ҳар яке аз тарзҳо хусусан бо афзалият ва камбудиҳои ба худ хос тафовут доранд.

**Тарзи аввал** аз истифодаи ҳуқуқи мавҷудаи умумии миллӣ ё ҳарбии ҷиноятӣ иборат мебошад. Тавассути ин тарз тахмин карда мешавад, ки ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ барои вайронкунии ҷиддии ҲБИ санксияҳои кофӣ пешбинӣ мекунад ва аз ин рӯ ба он ворид кардани ҷиноятҳои нав зарурат надорад. Дар асоси эътирофи он, ки ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқоиса бо ҳуқуқи миллӣ бартарӣ дорад, қонунгузории миллӣ бояд мувофиқи муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ, ки барои давлати дахлдор ҳатмист, тавзеҳ дода шуда, тамоми норасоиҳои дар ҳуқуқ ҷойдошта бояд бартараф карда шаванд.

Афзалияти тарзи аввал: кодексҳои ҷиноятии муосир барои як қатор ҷиноятҳо, аз ҷумла вайронкунии ҷиддии ҳуқуқҳои асосии инсон, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии руҳӣ ва ҷисмонӣ, озодии шахсӣ ва молумулк ҷазо пешбинӣ мекунанд.

Камбудиҳо: ҷиноятҳо мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ба кирдори ҷиноятии ба низоъҳои мусаллаҳона хос буда тақрибан мувофиқат мекунанд; тартиб ва шартҳое, ки ҷинояткорон тибқи ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ҷазо дода мешаванд, на ҳамеша ба талаботи ҲБИ ҷавобгӯй мебошанд; ҷазоҳое, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ пешбинӣ шудаанд, метавонанд ба вазнинии ҷиноятҳои мавриди назар мувофиқат накунанд.

**Тарзи дуюм** нисбат ба ҷиноят эътироф намудани вайронкуниҳои ҷиддии ҲБИ дар сатҳи миллӣ тавассути истиноди умумӣ ба муқаррароти дахлдори ҲБИ, ҳуқуқи байналмилалӣ дар маҷмуъ ё қонунҳо ва одатҳои ҷанг (ҳуқуқи муқаррарӣ) ва дохил кардани миқёси ҷазо равона карда шудааст.

Афзалиятҳои тарзи дуюм: оддӣ ва камхарҷ буда, ҳамаи вайронкуниҳои ҲБИ бо истинод ба воситаҳои дахлдор ва дар мавридҳои дахлдор ба ҳуқуқи муқаррарӣ ҷазо дода мешаванд; агар шартномаҳо тағйир наёбанд ё уҳдадориҳои навро барои давлате, ки иштирокчии

[550] Инкорпоратсия (аз лот. Incorporatio – ҳамроҳ кардан), дар ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз усулҳои татбиқи меъёрҳои батасвибрасидаи ҳуқуқи байналмилалӣ аз тарафи давлат дар қонунгузории миллӣ мебошад, ки дар натиҷаи он ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии расман батасвибрасида бидуни тағйири мазмуни онҳо дар қонунгузории миллӣ мураттаб мешаванд. Ниг.: Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 1. Душанбе, 2019. – С. 183.

шартномаи нав мегардад, қабул кардани ягон қонунгузории навро талаб нанамоянд.

Камбудиҳо: ҷурмангорӣ (криминализатсия)[551] бо истиноди умумӣ метавонад бо ҷой доштани принсипи қонуният нокифоя бошад, алалхусус аз он сабаб, ки ин тарз имкон намедиҳад, ки ҷазоҳо мувофиқи вазнинии кирдор дифференсатсия карда шаванд, ба шарте ки ин ба судяе, ки меъёрҳои қатъии муқаррарнамудаи қонунро татбиқ мекунад, вогузор карда нашавад; ин аз судяи суди миллӣ талаб мекунад, ки қонунро дар партави муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ шарҳ диҳад ва тавзеҳ намояд, ки ин ба мақомоти судӣ фазои назаррасро барои "манёвра" кардан замина мегузорад: вазифа аз он сабаб осонтар намешавад, ки таърифҳои ҷиноятҳои ҷангӣ, ки дар санадҳои байналмилалӣ мавҷуданд, метавонанд ба ибораҳое, ки одатан дар қонунгузории миллӣ истифода мешаванд, мувофиқат накунанд.

**Тарзи сеюм** ин аст, ки дар қонунгузории миллӣ ҷиноятҳои мушаххасе пешбинӣ шудаанд, ки ба ҷиноятҳои дар шартномаҳои байналмилалӣ муқарраршуда мувофиқат мекунанд. Инро бо роҳҳои гуногун анҷом додан мумкин аст, аз ҷумла: бо роҳи ворид кардани рӯйхати пурраи ҷиноятҳо ба қонунгузории миллӣ, бо истифода аз ибораҳои мушобеҳи шартномаҳо муқаррар кардани ҷазоҳое, ки дар мавриди ҳар як ҷинояти инфиродӣ ё категорияи ҳуқувайронкунӣ татбиқ мешаванд; ё дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ кардани таърифи нави намудҳои кирдорҳое, ки ҷиноятро ташкил медиҳанд ва ҳоказо.

Афзалиятҳои тарзи сеюм: агар ин намуди ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ таърифи алоҳида дошта бошанд, вайрон кардани шартнома боиси додани ҷазо мегардад, ҳатто агар шартномаи дахлдор аз ҷониби давлати таъқиби судиро баамалбароваранда тасдиқ нашуда бошад ҳам; дар мавриди айбдоршаванда ва ҷинояткории мушаххас риояи принсипи қонуниятро беҳтар таъмин мекунад, зеро он ба таври возеҳ ва пешгӯишаванда муайян мекунад, ки кадом намудҳои кирдор ҷиноят эътироф шуда ва боиси додани ҷазо мегарданд; ҳамзамон истифодаи чунин тарз фаъолияти онҳоеро, ки бевосита ҳуқуқро татбиқ мекунанд, осон намуда, онҳоро қисман аз вазифаи басо душвори таҳқиқот ва тафсири ҳуқуқи байналмилалӣ озод мекунад.

Камбудиҳо: ҷурмангорӣ (криминализатсия)-и мушаххас барои қонунгузор вазифаи ҷиддӣ буда, ҳангоми гузаронидани таҳқиқот ва таҳияи ибораҳо саъю кӯшиши зиёдро талаб мекунад, ки он дар навбати худ метавонад зарурати таҷдиди ҷиддии қонунгузории мавҷудаи ҷиноятиро ба миён орад; агар ҷурмангорӣ (криминализатсия) хеле муфассал ва мушаххас бошад, он наметавонад ба қадри кофӣ чандир бошад ва ин барои ворид кардани тағйирот дар ҳуқуи байналмилалӣ, ки дертар ба амал меояд, зарур аст.

[551] Ҷурмангорӣ ё криминализатсия – ҷараён ва натиҷаи муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии кирдор. Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ: нашри чорум // Зери таҳрири академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҳмудзода М.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2022. – С. 299.

Дар ниҳоят, бо истифода аз **тарзи чорум,** мақомоти миллӣ метавонанд муносибати омехтаеро қабул кунанд, ки дар он ҷурмангорӣ (криминализатсия) тавассути истиноди умумӣ бо ҷурмангорӣ (криминализатсия)-и возеҳ ва ҷурмангорӣ (криминализатсия)-и мушаххаси ҷиноятҳои ҷиддии алоҳида якҷоя карда мешавад. Дар ин маврид, истиноди умумӣ хусусияти боқимонда дорад, ба он маъно, ки он ба фактҳое дахл дорад, ки дар ҷурмангорӣ (криминализатсия)-и мушаххас инъикос наёфтаанд ва ҷазо дода намешаванд (мувофиқи принсипи lex specialis derogate lege generali – қонуни махсус қонуни умумиро бекор мекунад ё ҷойгузини он мешавад[552]. Омезиши ҷурмангорӣ (криминализатсия)-и умумӣ ва мушаххас метавонад, илова бар ин, бо истифодаи дигар муқаррароти умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ пурра карда шавад.

Афзалияти тарзи чорум: вобаста аз шаклҳои мухталифе, ки мақомоти миллӣ метавонад қабул кунад, ин тарз имкон медиҳад, ки уҳдадориҳои шартномавӣ оид ба пешгирии вайронкунии ҷидди ҲБИ бо ҳаҷми пурра ва дифференсатсияи зарурӣ иҷро карда шаванд.

Камбудӣ: ҳангоми истифодаи ин тарз судя бояд ҳамзамон қодир бошад, то муқаррароти ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалиро шарҳ диҳад[553].

**Шаклҳои ҷурмангорӣ (криминализатсия)**. Тарзҳои гуногуни дар боло тавсифшуда, алалхусус тарзҳои дуюм, сеюм ва чорум одатан шакл мегиранд ва онҳо аввалан метавонанд бо қабули қонуни махсус, мустақил ва алоҳида аз кодекси ҷиноятӣ ё сониян бо таҳия ва қабули иловаҳое, ки ба қонунгузории мавҷудаи ҷиноятӣ (кодексҳои ҷиноятии умумӣ ё кодексҳои ҷиноятии ҳарбӣ ё ба ҳардуи онҳо) ворид карда шудаанд, сурат гиранд.

Агар дар як қисми қонунгузорӣ муқаррарот дар бораи ҷиноятҳо ва принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ бо талаботи мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ якҷоя карда шаванд, ин албатта кори ҳуқуқшиносони амалкунандаро дар давлатҳое, ки чунин усули меъёрэҷодкуниро истифода бурда метавонанд, осон мекунад. Аммо қонуни махсуси мустақил, ки аз ҷониби давлат аз кодекси ҷиноятӣ ҷудо қабул шудааст, на ҳамеша ба сохтори низоми қонунгузорӣ дар мавриди масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Гузашта аз ин, ин хилофи тамоюли мавҷудаи баъзе кишварҳо барои муттаҳид кардани муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар маҷмуи ягонаи меъёрҳо мебошад. Усули дохил кардани ҷиноятҳо ба қонунгузории мавҷуда мақомоти қонунгузорро вазифадор мекунад, ки шакли инкорпоратсияро (фасл ё боби мушаххас илова ба ҷиноятҳои мавҷуда ва ғайра) истифода барад. Илова бар ин, методи мазкур дар назди онҳо савол мегузорад, ки ҷиноятҳои сазовори ҷазо донисташаванда бояд дар ҳуқуқи миллӣ – ба ҳуқуқи ҷиноятии умумӣ ё ҳуқуқи ҷиноятии ҳарбӣ ворид карда шаванд. Азбаски шахсоне, ки барои вайрон кардани ҲБИ ҷавобгаранд, метавонанд хизматчиёни ҳарбӣ ё

[552] Принсипи умумии ҳуқуқ, ки ба ҳуқуқи римӣ бармегардад, ки тибқи он дар сурати рақобати меъёрҳои хусусияти умумӣ (generalis) ва махсус (specialis) ҳангоми тафсир ва истифода бояд ба меъёрҳои махсус афзалият дода шавад. Ниг.: Братусь С.Н., Казанцев Н.Д., Кечекьян С.Ф., Кожевников Ф.И., Коток В.Ф., Кудрявцев П.И., Чхиквадзе В.М. Советский юридический словарь. – М.: Госюриздат, 1953. – 782 с.
[553] Ниг.: Имплементация международного гуманитарного права на национальном уровне. Руководство. МККК, 2010. – С. 31-32.

ғайринизомӣ бошанд, баъзе давлатҳо муқаррароти дахлдорро ҳам ба ҳуқуқи ҷиноятии умумӣ ва ҳам ба ҳуқуқи ҷиноятии ҳарбӣ дохил кардаанд ё онҳо яке аз ин маҷмуаҳои меъёрҳои ҳуқуқиро тавре васеъ кардаанд, ки онҳо ҳам ба шахсони дар ҳайати қувваҳои мусаллаҳ қарордошта ва ҳам ба шахсони ғайринизомӣ дахл доранд. Бо дарназардошти он, ки системаҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва робитаи байни ҳуқуқи ҷиноятии умумӣ ва ҳуқуқи ҷиноятии ҳарбӣ дар кишварҳои гуногун ба куллӣ фарқ мекунанд, афзалият додан ба ягон вариант аз ҷиҳати назариявӣ душвор аст. Муҳим он аст, ки интихоб боиси холигӣ дар додворӣ (юрисдиксия)-и in personam (зидди инсони мушаххас) нагардад.

**Гузаштани давомнокии муҳлат.** Истифодаи гузаштани давомнокии муҳлат (ҳамчун муҳлати даъво ё барҳам хӯрдани муҳлат маълум аст) нисбат ба даъвои судӣ дар сурати содир шудани ҷиноят метавонад ба яке аз ду ҷанбаи амалҳои мурофиавӣ дахл дошта бошад. Аз як тараф, гузаштани давомнокии муҳлат метавонад ба таъқиби судӣ истифода карда шавад. Агар муҳлати муайян пас аз содир шудани вайронкунӣ ба охир расад, ин маънои онро дорад, ки ҳеҷ гуна парвандаи судӣ оғоз карда намешавад ва ҳеҷ гуна ҳукм бароварда намешавад. Аз тарафи дигар, гузаштани давомнокии муҳлат танҳо барои иҷрои худи ҳукм татбиқ карда мешавад. Дар ин маврид, факти гузаштани муҳлати муайян маънои онро дорад, ки ҳукми аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ бароварда шуда наметавонад иҷро карда шавад. Азбаски пешгирии вайронкуниҳои ҷиддии ҲБИ барои таъмини риояи меъёрҳои ин соҳаи ҳуқуқ хеле муҳим мебошанд, масъалаи гузаштани давомнокии муҳлат нисбати ин вайронкуниҳо бояд ба миён гузошта шавад. Муҳим будани ин масъала аз он ҷиҳат асоснок карда мешавад, ки ҷиноятҳои ҷангӣ ва оқибатҳои онҳо – вазнинии вайронкуниҳои алоҳида ба манфиатҳои тамоми ҷомеаи байналмилалӣ мухолифанд.

**Гузаштани давомнокии муҳлат дар низомҳои миллии ҳуқуқи ҷиноятӣ**. Аксари низомҳои ҳуқуқӣ дар сурати вайронкуниҳои ночиз гузуштани давомнокии муҳлатро нисбатан кӯтоҳ пешбинӣ мекунанд. Дар мавриди ҷиноятҳои ҷиддитар бошад, дар низомҳои ҳуқуқӣ одатан ду равиши дигар қабул карда шудааст. Нахуст, бисёре аз кишварҳои ҳуқуқи континенталӣ (романӣ-олмонӣ) гузаштани давомнокии муҳлатро нисбат ба вайронкуниҳои хурд хеле дарозтар муқаррар мекунанд. Дуюм, барои низомҳои ҳуқуқии англосаксонӣ он хос аст, ки гузаштани давомнокии муҳлатро барои таъқиби ҷиноятҳои ҷангӣ дар умум муқаррар намекунанд.

**Гузаштани давомнокии муҳлат дар ҳуқуқи шартномавии байналмилалӣ**. Дар ҳуҷҷатҳои асосии ҲБИ дар ин масъала ягон дастур вуҷуд надорад. 26-уми ноябри соли 1968 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид Конвенсияро дар бораи татбиқ нашудани гузаштани давомнокии муҳлат ба ҷиноятҳои ҷангӣ ва ҷиноятҳо ба муқобили инсоният қабул кард[554]. Конвенсия, ки соли 1970 эътибор пайдо кард, ҳам ба таъқиби судӣ ва ҳам ба иҷрои ҳукмҳо мансуб буда, ба ҷиноятҳои ҷангӣ (хусусан вайронкунии ҷиддии МЖ) ва ҷиноятҳо ба муқобили инсоният, аз ҷумла

[554] Ведомости Верховного Совета СССР, №12(1462) от 19 марта 1969 года.

апартеид ва генотсид, ки ҳам дар замони ҷанг ва ҳам дар замони осоишта рух медиҳанд, дахл дорад. Санади мазкур дорои қувваи бозгашт мебошад, зеро он бекор кардани гузаштани давомнокии мӯҳлатро, ки қаблан бо сабаби қонунҳои мавҷуда ё дигар санадҳои меъёрӣ муқаррар карда шуда буд, талаб мекунад ва инчунин ба ҷиноятҳое, ки аллакай тибқи чунин меъёрҳо мавҷуданд, татбиқ карда мешавад.

**Гузаштани давомнокии мӯҳлат дар ҳуқуқи байналмилалии одатӣ.** Вақтҳои охир дар судҳо ва трибуналҳои ҷиноятии миллӣ ва байналмилалӣ тамоюли таъқиби қатъии шахсони дар содир кардани ҷиноятҳои ҷангӣ айбдоршаванда ба вуҷуд омадааст. Ин тамоюл, маҷмуи афзояндаи қонунгузорӣ, ки додворӣ (юрисдиксия)-и ҷиноятҳои ҷангиро бе истифодаи гузаштани давомнокии мӯҳлат таъмин мекунанд, инчунин меъёрҳои мавҷудаи шартномавиро, ки истифодаи гузаштани давомнокии мӯҳлатро ба ҷиноятҳои ҷангӣ манъ мекунанд, мустаҳкам кард. Ҳамин тариқ, чунин меъёрҳои шартномавӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи оддӣ табдил ёфтанд (Меъёри 160. Мӯҳлати даъво ба ҷиноятҳои ҳарбӣ татбиқ карда намешавад)[555]. Ғайр аз он, гузаштани давомнокии мӯҳлат метавонад ба тафтиши ҷиноятҳои ҷангӣ ва таъқиби гумонбарон халал расонад ва вайрон кардани ӯҳдадориҳои муқарарии ҳуқуқиро дар ин робита ташкил диҳад.

**Намудҳои ҷавобгарии ҷиноятии инфиродӣ**. Шахсони алоҳида метавонанд на танҳо барои содир кардани ҷиноятҳои ҷангӣ, балки барои суиқасди содир кардани онҳо, шарикӣ дар содир кардани онҳо, ҳаракатҳо бо мақсади осон кардани содир кардани чунин ҷиноятҳо ва ё мусоидат дар содир кардани ҷиноятҳои ҷангӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Фармондеҳон ва дигар сардорон метавонанд барои ҷиноятҳои ҷангӣ, ки бо фармони онҳо содир шудаанд, ҷавобгар бошанд. Вайронкуниҳо метавонанд дар натиҷаи бефаъолиятӣ низ рух диҳанд. Дар ҳолатҳои мунокишаи мусаллаҳона, қувваҳои мусаллаҳ ё гурӯҳҳо одатан таҳти фармондеҳӣ қарор доранд, ки барои ҳаракатҳои зердастонашон ҷавобгаранд. Аз ин рӯ, барои самаранок будани низоми пешгирии вайронкунӣ, мантиқан дуруст мебошад, ки роҳбарони баландпоя бояд ҷавобгарии ҷиноятии инфиродӣ дошта бошанд, агар онҳо барои пешгирии вайронкуниҳои ҷиддии ҲБИ аз ҷониби зердастонашон чораҳои зарурӣ нандешанд.

Ногуфта намонад, ки ҷавобгарии фармондеҳон дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ масъалаи муҳим буд. Гарчанде ки оинномаҳои трибуналҳои байналмилалии ҳарбӣ дар Нюрнберг ва Токио меъёрҳои марбут ба ин масъаларо дар бар намегирифтанд, судҳои пас аз ҷанг созмонёфта барои муайян кардани унсурҳои ҷавобгарии фармондеҳон принсипҳои роҳбарикунандаро таҳия карданд. Дар айни замон, ин принсипҳо ҳамчун як қисми ҳуқуқи муқаррарии байналмилалӣ эътироф

---

[555] Ниг.: Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006.

шудаанд, ки ҳам ба низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва ҳам низоъҳои мусаллаҳонаи дохилӣ татбиқ карда мешаванд (меъёри 153)[556].

Принсипҳоро метавонанд ба таври мухтасар чунин баён намуд:

• ҷавобгарии фармондеҳӣ, ки ба сардор дахл дорад, яъне шахсе, ки бар тобеаш қудрати муассир дорад, ки метавонад хизматчии ҳарбӣ ё ғайринизомӣ бошад;

• муносибати сардор / тобеъ метавонад ё de jure ва ё de facto бошад, аммо бояд имконияти ҷисмонӣ барои пешгирии содиршавии ҷиноят ё барои он ҷазо додан вуҷуд дошта бошад;

• ҷавобгарӣ метавонад аз дониши воқеӣ ё раднашавандаи эҳтимолӣ ба миён ояд: охирин маънои онро дорад, ки агар "асос" барои донистани сардор вуҷуд дошта бошад ё "дар шароити он замон" бояд медонист, ки ҷиноят содир шудааст ё содир мешавад, кофӣ буда метавонад;

• сардор тамоми чораҳои зарурӣ ва оқилонаро дар доираи салоҳияти худ барои пешгирӣ ё хотима додан ба кирдорҳои ҷиноятӣ қабул накардааст; ин андешидани чораҳоро барои ҷазо додани тобеоне, ки ҷиноятҳои ҷангӣ содир мекунанд, тавассути тафтиши ҷиноятҳои эҳтимолӣ ва (ё) ба мақомоти болоии ҳокимият дар бораи онҳо расонидани хабарро дар бар мегирад[557].

**Фармонҳои сардорони болоӣ**. Ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷангӣ метавонад ҳатто ҳангоми иҷрои фармони сардори болоӣ ба миён ояд. Барои ин ду меъёри маъмулӣ, ки ба низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва ғайрибайналмилалӣ татбиқ мешаванд, асос мебошанд.

Онҳо муқаррар мекунанд, ки аввалан, ҳар як ҷанговар (комбатант) ба фармони ошкоро ғайриқонунӣ итоат намекунад (Меъёри 154) [558]. Дуюм, итоат ба фармони сардор тобеъро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намекунад, ба шарте ки тобеъ медонист, ки амале, ки ба ӯ амр дода шудааст, ғайриқонунӣ аст ё бояд дар ин бора бо сабаби хусусияти ошкоро ғайриқонунии ин амал огоҳ бошад (Меъёри 155)[559].

Меъёр дар оинномаҳои трибуналҳои байналмилалии ҳарбӣ дар Нюрнберг ва Токио муқаррар карда шуд ва сипас ба оинномаҳои трибуналҳои байналмилалии ҷиноятӣ дар собиқ Югославияи ва Руанда, Суди махсуси Сьерра Леон ва Суди байналмилалии ҷиноятӣ дохил карда шуд. Инчунин бояд гуфт, ки содир кардани ҷиноятҳои ҷангӣ дар иҷрои фармони сардори болоӣ бо вуҷуди ин барои сабук кардани ҷазо ба назар гирифта мешуд.

**Кафолатҳои судӣ.** Дар айни замон, таҷрибаи давлатҳо муқаррар мекунад, ки дар давраи низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва ғайри байналмилалӣ ҳеҷ кас наметавонад маҳкум карда шавад ва ҳукм нисбати ягон шахс содир карда намешавад, ба истисноии қарори суди беғаразона ва

[556] Ниг.: Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006. – С. 715.

[557] Ниг.: Имплементация международного гуманитарного права на национальном уровне. Руководство. МККК, 2010. – С. 35.

[558] Ниг.: Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006. – С. 721.

[559] Ниг.: Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006. – С. 723.

бо риоя ва таъмини ҳамаи кафолатҳои асосии судӣ. Ҳуқуқ ба суди боадолатона дар чор МЖ ва ПИ I ва II пешбинӣ шудааст. Маҳрум кардани шахси ҳимояшаванда аз ҳуқуқ ба суди боадолатона ва дуруст таъсисдодашуда тибқи МЖ III ва IV ва ПИ I вайронкунии ҷиддӣ мебошад. Меъёрҳои м. 3, ки барои чор МЖ умумӣ аст, маҳкум кардан ва татбиқи ҷазоро бидуни қарори пешакии судӣ, ки аз ҷониби суди дуруст таъсис додашуда содир шудааст, манъ мекунад. Ҷониби мунокиша, ки касеро аз ҳуқуқи суди одилона маҳрум мекунад, тибқи Оинномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ, оинномаҳои трибуналҳои байналмилалии ҷиноятӣ дар собиқ Югославияи ва Руанда ва Суди махсуси Сьерра-Леон ҷинояти ҷангӣ содир мекунанд. Давлатҳо бояд тамоми тадбирҳоро андешанд, то қонунгузории миллии худ, аз ҷумла Конститутсия, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунҳои соҳавиро ба талаботи муоҳидаҳои Женева ва протоколҳои иловагӣ ба онҳо, махсусан дар самти кафолатҳои судӣ мувофиқ созанд.

Кафолатҳои судӣ дар МЖ (асосан дар МЖ III ва IV) ва ПИ ба онҳо, Низомномаи Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ (СБҶ), инчунин меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалии инсондустии оддӣ пешбинӣ шуда, асосан аз инҳо иборат буда ва дар санадҳои зикргардида ба таври зайл инъикос ва муқаррар гардидаанд:

• принсипи ҷавобгарии ҷиноятии инфиродӣ (ПИ I, м. 75.4 (b), ПИ II, м. 6.2 (b); Низомномаи СБҶ, м. 25.2; ҲБИ одӣ, меъёри 102);

• принципи nullum crimen et nulla poena sine lege – ҷиноят нест ва ҷазо бе қонун нест (МЖ III, м. 99.1; ПИ I, м. 75.4 (c); ПИ II, м. 6.2 (c); Низомномаи СБҶ, м. 22.1 и 23); ҲБИ одӣ, меъёри 101);

• принцип non bis in idem (МЖ III, м. 86; МЖ IV, м. 117.3; ПИ I, м. 75.4 (h); ПИ II, м. 6.2 (a); Низомномаи СБҶ, м. 20; ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқ ба бетаъхир маҳкум шудан аз ҷониби судҳои мустақил ва беғараз, айбдоршаванда бе таъхири беасос ҳуқуқ дорад, ки ба суд кашида шавад (МЖ III, м. 84.2; ПИ I, м. 75.4; ПИ II, м. 6.2); Низомномаи СБҶ, м. 67.1; ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқи айбдоршаванда оид ба огоҳ кардани ӯ дар бораи хусусият ва сабабҳои айбдоркунӣ (МЖ III, м. 104.2; МЖ IV, м. 71.2; ПИ I, м. 75.4 (a); ПИ II, м. 6.2 (a); Низомномаи СБҶ, м. 67.1(a); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқ ва воситаҳои ҳимоя (масалан, ҳуқуқи шахсан ҳимоя кардани худ ва ҳуқуқ ба истифода намудан аз ёрии ҳимоятгари тахассусманд аз рӯи интихоби худ) (МЖ III, м. 99 ва 105; МЖ IV, м. 72 ва 74; ПИ I, м. 75.4 (a) ва (g); ПИ II, м. 6.2(a); Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (d); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии ройгон, агар манфиатҳои адолати судӣ инро талаб кунанд (МЖ III, м. 105.2; МЖ IV, м. 72.2; Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (d); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқ ба муоширати бемамониат бо ҳимоягари худ (МЖ III, м. 105.3; МЖ IV, м. 72.1; Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (b), ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқи доштани вақти кофӣ барои омодагӣ ба ҳимоя ва тамоми имкониятҳои зарурӣ барои ин (МЖ III, м. 105.3; МЖ IV, м. 72.1; Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (b); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқи айбдоршаванда барои даъват кардани шоҳидон ба суд (МЖ III, м. 96.3 и 105.1; МЖ IV, м. 72.1; ПИ I, м. 75.4 (g); Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (e); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• эҳтимолияти бегуноҳӣ (ПИ I, м. 75.4 (d), ПИ II, м. 6.2(d), Низомномаи СБҶ, м. 66; ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқи айбдоршаванда ба муҳокимаи судӣ дар ҳузури ӯ (ПИ I, м. 75.4 (e); ПИ II, м. 6.2 (e); Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (d)); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқи айбдоршаванда оид ба надодани нишондод муқобили худ ва эътироф накардан гунаҳкории худ (ПИ I, м. 75.4 (f); ПИ II, м. 6.2 (e); Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (g); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқ ба эълони оммавии ҳукм (ПИ I, м. 75.4 (i); Низомномаи СБҶ, м. 74.5 ва 76.4; ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқи маҳкумшуда дар хусуси пурра иттилоъ доштан аз ҳуқуқҳои худ оид ба шикоят кардан, инчунин ба муҳлатҳое, ки дар давоми он бояд шикоят оварда шавад (МЖ III, м. 106; МЖ IV, м. 73; ПИ I, м. 75.4 (j); ПИ II,
м. 6.3); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100);

• ҳуқуқи айбдоршаванда барои истифодаи ёрии тарҷумон, агар зарур бошад (МЖ III, м. 96.4 ва 105.1; МЖ IV, м. 72.3 ва 123.2; Низомномаи СБҶ, м. 67.1 (f); ҲБИ одӣ, қисми меъёри 100)

**Асосҳо барои додварӣ (юрисдиксия).** Муқаррароти умумии давлат метавонанд салоҳиятро дар ҳудуди худ амалӣ кунанд. Чунин додварӣ (юрисдиксия) ваколатҳои қабули қонунҳо (додварӣ (юрисдиксия)-и қонунгузорӣ), ваколатҳои тафсир ва татбиқи қонун (додварӣ (юрисдиксия)-и судӣ) ва ваколатҳои амалӣ намудани фаъолият оид ба таъмини қонуният (додварӣ (юрисдиксия)-и ҳуқуқтатбиқнамоӣ)-ро дар бар мегирад.

Аммо, агар амалӣ намудани додварӣ (юрисдиксия)-и ҳуқуқтатбиқнамоӣ одатан бо ҳудуди миллӣ маҳдуд карда шавад, ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф мекунад, ки дар баъзе ҳолатҳо давлат метавонад фаъолияти қонунгузориро нисбат ба рӯйдодҳои берун аз ҳудуди миллӣ (додварӣ (юрисдиксия)-и экстерриториалӣ) бо қабули қарорҳои судӣ амалӣ кунад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ додварӣ (юрисдиксия)-и экстерриториалӣ ба як қатор принсипҳо асос ёфтааст, ки дар байни онҳо салоҳиятро нисбат ба: 1) ҳаракатҳое, ки шаҳрвандони давлати дахлдор (принсипи шаҳрвандӣ ё субъекти ҳуқуқии фаъол) анҷом додаанд; 2) ҳаракатҳое, ки бар зидди шаҳрвандони давлати мазкур (принсипи субъекти ҳуқуқии пассивӣ) содир шудааст, 3) ҳаракатҳое, ки ба амнияти давлат (принсипи ҳимоя) дахл доранд, зикр кардан мумкин аст. Гарчанде ки дар амал дар байни мутахассисон ин принсипҳо дастгирии гуногун доранд, ҳамаи онҳо мавҷудияти робитаи муайянеро байни кирдори содиршуда ва давлате, ки юрисдиксияи худро амалӣ мекунад, пешбинӣ мекунанд. Баръакс, принсипи

фарогир (универсалӣ), ки асоси дигари таъсиси додворӣ (юрисдиксия)-и экстерриториалӣ мебошад, чунин робитаро талаб намекунад.

**Додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ)**. Додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) ба мақоми судӣ имкон медиҳад, ки парвандаҳои ҷиноятиро новобаста аз маҳалли содир шудани онҳо ва шаҳрвандии шахси содиркарда ё қурбониёни онҳо баррасӣ кунад. Ҳуқуқи татбиқи чунин додворӣ (юрисдиксия) нисбати ҷиноятҳои ҷангӣ, ки дар давраи низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва ғайрибайналмилалӣ содир шудаанд, ҳамчун меъёри ҳуқуқи муқаррарии байналмилалии гуманитарӣ (Меъёри 157. Давлатҳо ҳуқуқ доранд ба судҳои миллии худ нисбат ба ҷиноятҳои ҷангӣ салоҳияти универсалӣ диҳанд)[560] эътироф карда мешавад.

Принсипи фарогир (универсалӣ) ба як қатор вайронкуниҳо, ки одатан ҷиноятҳои асосии байналмилалӣ мебошанд, татбиқ карда мешавад, ки пешгирии онҳо аз ҷониби ҳамаи давлатҳо ҳамчун қоидаи тартиботи байналмилалии омма талаб карда мешаванд. Як қатор шартномаҳо давлатҳои иштирокчиро вазифадор мекунанд, ки нисбати ҷиноятҳои алоҳида, аз ҷумла онҳое, ки дар ҷараёни низоъи мусаллаҳона рух медиҳанд, додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) пешбинӣ кунанд.

Дар байни онҳо вайронкунии ҷиддии режими МЖ ва ПИ I вижа қайд мешаванд. Дигар воситаҳои универсалӣ Конвенсияи зидди шиканҷа, Конвенсияи амнияти кормандони СММ ва кормандони ба он алоқаманд, Протоколи Дуюм ба Конвенсияи Гаага оид ба ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳамаи шахсон аз нобудшавии маҷбурӣ мебошанд.

Додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) метавонад ё тавассути қабули санадҳои қонунгузории дохилӣ (додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ)-и қонунгузорӣ) ё дар шакли тафтишот нисбати шахсони гумонбар дар содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва ба суд супоридани онҳо (додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ)-и судӣ) амалӣ карда шавад. Якум назар ба дуюм бештар дар фаъолияти давлатҳо таҷассум меёбад ва одатан он асосест, ки барои гузаронидани тафтишот ва мурофиаи судӣ зарур аст. Аммо барои суд, ҳадди ақкал дар принсип, имконияти асоснок кардани додворӣ (юрисдиксия)-и худ бевосита бо ҳуқуқи байналмилалӣ ва амалӣ кардани додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ)-и судӣ бе ягон истинод ба қонунгузории дохилӣ вуҷуд дорад. Давлатҳо як қатор усулҳоро барои татбиқи додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) тибқи қонунгузории миллӣ истифода мебаранд. Дар ин робита, муқаррароти конститутсионӣ барои муайян кардани мақоми ҳуқуқи муқаррарӣ ё шартномавӣ дар низоми ҳуқуқии миллӣ нақши асосӣ доранд.

Судҳо метавонанд бевосита ба ҳуқуқи байналмилалӣ барои татбиқи додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ), ки дар он ҷо иҷозат дода мешавад ё талаб карда мешавад, такя намоянд. Аммо, азбаски муқаррароти дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ худ аз худ қудрати иҷро шудан надоранд, афзалтар аст, ки дар қонунгузории миллӣ асосҳо барои

[560]Ниг.: Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006. – С. 776.

додворӣ (юрисдиксия) нисбат ба ҷиноятҳои ҷангӣ ба таври возеҳ пешбинӣ карда шаванд. Як қатор давлатҳои дорои низоми ҳуқуқи континенталӣ (дар асоси кодекс) дар кодексҳои ҷиноятӣ ва (ё) ҳарбии худ додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ)-ро пешбинӣ мекунанд. Ин кодексҳо метавонанд пахлуҳои мурофиавӣ ва моддии вайронкуниро дар як фасл муайян кунанд. Аммо, аксар вақт, муқаррарот дар бораи додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) ба фасли умумии кодекс дохил карда мешаванд ва ба ҷиноятҳои асосии дар фаслҳои дигари ҳамон ҳуҷҷат муайяншуда дахл доранд. Ҳуқуқи фарогир (универсалӣ) метавонад дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ё қонун дар бораи ташкили судҳо муқаррар карда шавад. Баъзе давлатҳо ба судҳои худ додвории фарогир (юрисдиксияи унверсалӣ)-ро нисбат ба ҷиноятҳои муайян тавассути қонунҳои махсуси мустақил додаанд. Чунин тарз ба кишварҳое, ки низоми онҳо ба кодекс асос наёфтааст, ки ин одатан давлатҳои ҳуқуқи англосаксонӣ мебошанд, хос аст.

Кадом усуле татбиқ карда нашавад, масъалаи муҳимтарини баррасӣ ин аст, ки оё додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) робитаи мушаххаси давлатро бо суд талаб мекунад. Одатан, зарур аст, ки айбдоршаванда пеш аз оғози мурофиаи судӣ дар ҳудуди он бошад.

Ҳангоми пешбинӣ кардани додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) дар қонунгузории миллӣ, бояд ба инҳо диққат дода шавад:

• барои роҳ надодан ба бе ҷазо мондан, ҳамаи ҷиноятҳои ҷангӣ, ки дар робита бо низоъҳои байналмилалӣ ва ғайрибайналмилалӣ содир шудаанд, бояд ба доираи додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) дохил карда шаванд;

• ба таври возеҳ муайян кардан муҳим аст, ки додворӣ (юрисдиксия) ба ҳамаи шахсоне дахл дорад, ки бевосита ё бавосита барои содир кардани ҷиноятҳои дахлдор, новобаста аз шаҳрвандии онҳо ва ё маҳалли содиршавии ҷиноят (ҷиноят дар ҳудуди давлат ё берун аз он содир шудааст) гунаҳгоранд;

• меъёрҳо барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардани оғоз кардани он бояд равшан ва дақиқ нишон дода шаванд;

• бо дарназардошти он, ки додворӣ (юрисдиксия)-ҳои давлатҳои гуногун метавонанд якхела бошанд, татбиқи додворӣ (юрисдиксия)-и ягон давлат метавонад аз шартҳои муайян вобаста бошад, ба монанди риояи принсипи non bis in idem (на ду маротиба барои як чиз)[561] қаблан аз ҷониби давлати дигар ё трибуналӣ байналмилалӣ.

Аммо, шарти ҷавобгарии дукаратаи ҷиноятӣ, ки тибқи он ҷиноят, ки нисбати он таъқиби ҷиноятӣ сурат мегирад, бояд кирдор дар он ҷое, ки содир шудааст ҷиноят дониста шуда бошад, бо талаботи ҲБИ мувофиқат намекунад. Ва дар ниҳоят, таъқиб ва мурофиаи ҷиноятҳои дар хориҷа рухдода дар мавриди ҷамъоварии далелҳо, риояи ҳуқуқҳои айбдоршавандагон ва ҳимояи шоҳидон ва қурбониён мушкилоти махсус эҷод мекунанд. Дар расмиёти дахлдори таъқиб ва мурофиаи судӣ тибқи

[561] Ибораи римии Non bis in idem чунин маъно дорад: ҳеҷ кас набояд барои як ҷиноят ду маротиба ҷазо гирад.

принсипи юрисдиксияи универсалӣ ин масъалаҳо бояд тавассути муқаррароти зарурӣ, ки ба гузаронидани тафтишот мусоидат мекунанд, инчунин ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо ҳал карда шаванд. Дар робита ба ин, механизмҳои ҳамкории байналмилалии судӣ хеле муҳиманд ва дар баъзе ҳолатҳо метавонанд тақвиятро талаб кунанд.

**Вайронкуни ҷиддии ҲБИ.** Вайронкуни ҷиддӣ ин вайронкунии махсусан вазнини ҲБИ мебошад, ки дар чор МЖ соли 1949 ва ПИ I номбар шудаанд, ки ҷавобгарии ҷиноятии инфиродиро пешбинӣ намуда ва таҳти доираи додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) қарор доранд. Ногуфта намонад, ки мафҳуми "вайронкуниҳои ҷиддӣ" бо роҳи номбар кардани онҳо дар матни муоҳидаҳо кушода мешавад. Ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ С.О. Раҷабов вайронкуни ҷиддӣ онҳое мебошанд, ки ба манфиатҳои асосие, ки таҳти ҳимояи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ қарор доранд, зарари ниҳоят калон расонида метавонанд. Онҳо бо номи "ҷиноятҳои ҳарбӣ" низ машҳуранд ва зери ин мафҳум мо вайронкуниҳоеро дар назар дорем, ки ба шахсон ва объектҳое, ки таҳти ҳимоя қарор гирифтаанд, зарари ҷиддӣ расонида мешавад ва гузашта аз ин, зарар ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи байналмилалӣ расонида мешавад[562]. Таҳти унвони "ҷиноятҳои ҳарбӣ" воқеан дар меъёри 156 маҷмуаи меъёрҳо ба таври зайл омадааст: "Вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ҷинояти ҳарбӣ мебошад". Дар Низомномаи Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ ҷиноятҳои ҳарбӣ, аз ҷумла ҳамчун "вайронкунии ҷиддии қонунҳо ва одатҳои дар низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ татбиқшаванда" ва "вайронкунии ҷиддии қонунҳо ва одатҳои дар низоъҳои мусаллаҳонаи ғайрибайналмилалӣ татбиқшаванда" муайян карда мешаванд[563].

Аниқтараш, тибқи муқаррароти дахлдорӣ МЖ ва ПИ I давлатҳо бояд гумонбарони содир кардани вайронкуниҳои ҷиддиро новобаста аз шаҳрвандиашон онҳоро дар судҳои худ маҳкум кунанд ё онҳоро барои маҳкум кардан ба судҳои давлати дигари иштирокчӣ (принсипи aut dedereaut judicare – ё таслим кун ё маҳкум кун "ё истирдод кунед ё ба ҷавобгарӣ кашед ) супоранд. Гарчанде Муҳоидаҳо ба таври возеҳ муқаррар намекунанд, ки додворӣ (юрисдиксия) бояд новобаста аз ҷои содиршавии ҷиноят амалӣ карда шавад, муқаррароти онҳо одатан ҳамчун додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) шарҳ дода мешаванд. Муҳоидаҳо метавонанд намунаи яке аз аввалин ҳуҷҷатҳое бошанд, ки додвории фарогир (юрисдиксияи унверсалӣ)-ро дар ҳуқуқи шартномавӣ пешбинӣ мекунанд. Гузашта аз ин, онҳо додворӣ (юрисдиксия)-и ҳатмии фарогир (унверсалӣ)-ро пешбинӣ мекунанд, зеро онҳо давлатҳоро вазифадор мекунанд, ки айбдоршавандагонро дар содир кардани ҳуқуқвайронкуаниҳои ҷиддӣ маҳкум кунанд, барои истирдоди чунин шахсон тартиботи заруриро пешбинӣ намоянд. Давлатҳо метавонанд ҳатто нисбати шахсони берун аз ҳудуди худ тафтишот ё мурофиаи судӣ оғоз

[562] Ниг.: Раҷабов С.А. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ. – Душанбе, 2019. – С. 95.
[563] Ниг.: Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006. – С. 735.

кунанд. Агар супурдан ба давлати дигар варианти қобили қабул набошад, давлатҳо бояд дар қонунгузории ҷиноятии худ меъёре дошта бошанд, то ин ки ба онҳо имконият диҳад гумонбарони ҷиноятро, новобаста аз шаҳрвандии онҳо ё ҷои содир шудани ҷиноят, маҳкум намоянд.

Ба таври дақиқ, ҲБИ талаб мекунад, ки давлат дар мавриди татбиқи муқаррароти марбут ба вайронкуни ҷиддӣ ҳаракатҳои зеринро иҷро кунад.

Аввалан, давлат бояд қонунгузории миллиро, ки вайронкуни ҷиддиро манъ кунад, пешбинӣ карда, барои содир кардани онҳо ҷазо муқаррар намояд, ё тавассути қабули қонуни алоҳида ё ворид кардани тағийротро ба қонунҳои мавҷуда ба амал барорад. Чунин фаъолияти қонунгузор бояд ба ҳама гуна шахсон, новобаста аз шаҳрвандии онҳо, ки вайронкуни ҷиддӣ содир кардаанд ё ба содир кардани онҳо амр додаанд ва ба ҳамаи ҳолатҳое, ки вайронкунии натиҷаи бефаъолиятии онҳо мебошанд, дахл дошта бошад ва агар андешидани чораҳо уҳдадории ҳуқуқии онҳоро дар бар гирад. Чунин вайронкунӣ бояд ба амалҳои ҳам дар ҳудуди давлат ва ҳам берун аз он анҷомдодашудар мансуб бошад.

Дуюм, давлат бояд шахсонеро, ки дар содир намудани вайронкуни ҷиддӣ гумонбар дониста мешаванд, ҷустуҷӯ ва ба ҷавобгарӣ кашад. Ҳамзамон давлат бояд чунин шахсонро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба суди миллӣ диҳад ё онҳоро барои ба мурофиаи судӣ кашидан ба давлати дигар супорад.

Сеюм, давлат бояд аз фармондеҳони низомии худ талаб кунад, ки вайронкуни ҷиддиро рафъ ва пешгирӣ кунанд ва нисбати нафароне, ки таҳти назорати онҳо қарор дошта чунин вайронкуниро содир мекунанд, чораҳо андешанд.

Чорум, давлатҳо бояд дар робита ба таъқиби ҷиноятӣ оид ба масъалаҳои вайронкуни ҷиддӣ ёрии мутақобила расонанд.

**Вайронкуниҳои ҷиддӣ, ки дар чор МЖ соли 1949 ва** ПИ I **соли 1977 муайян карда шудаанд**.

**Вайронкуниҳои ҷиддӣ, ки дар чор МЖ соли 1949 муайян карда шудаанд (мувофиқан моддаҳои 50, 51, 130 ва 147)** – куштори қасдона; шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ; таҷрибаҳои биологӣ; қасдан расонидани азияти вазнин; расонидани осеби ҷиддӣ ва расонидани зарар ба саломатӣ; ғайриқонунӣ, худсарона ва ба миқёси калон нобуд кардан ё азонихудкунии молу мулке, ки аз зарурати ҳарбӣ барнамеояд (ин муқаррароти охирин ба моддаи 130 МЖ III дохил карда нашудааст).

**Вайронкуниҳои ҷиддӣ, ки дар** МЖ **III ва IV соли 1949 муайян карда шудаанд (моддаҳои 130 ва 147 мутаносибан)** – маҷбуркунии асири ҳарбӣ ё шахси шаҳрвандии таҳти ҳимоя қарор дошта барои хидмат дар қувваҳои мусаллаҳи давлати душман; қасдан маҳрум кардани асири ҳарбӣ ё шахси шаҳрвандии таҳти ҳимоя қарор дошта аз ҳуқуқи мурофиаи суди беғаразона ва муқаррарии пешбининамудаи муоҳидаҳо.

**Вайронкуниҳои ҷиддӣ, ки дар** МЖ **IV соли 1949 пешбинӣ шудаанд (м. 147)** – депортатсия ё кӯчонидани ғайриқонунӣ; ҳабси ғайриқонунии шахси шаҳрвандии таҳти ҳимоя қарор дошта; гаравгонгирӣ.

**Вайронкунихои ҷидди ки дар** ПИ I **соли 1977 (м. м. 11 ва 85) муайян карда шудаанд**. Ҳама гуна амал ё беамалии қасдан, ки ба ҳолати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ва дахлнопазирии шахсони дар ҳокимияти тарафи муқобил қарордошта ё дар натиҷаи мунокишаи мусаллаҳона ба ҳабс гирифташуда, боздоштшуда ё ба таври дигар аз озодӣ маҳрумшуда таҳдид мекунад; аз ҷумла расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, гузаронидани таҷрибаҳои тиббӣ ё илмӣ, хориҷ кардани бофтаҳо ё узвҳо барои пайвандсозӣ аз сабаби вазъи саломатии шахси зикршуда талаб карда мешавад ва ба меъёрҳои умумиқабулшудаи тиббӣ, ки дар ҳолатҳои ба ин монанд, аз нуқтаи назари тиббӣ, ба шаҳрвандони тарафе, ки ин тартибро анҷом медиҳанд, ки дар ягон шакл аз озодӣ маҳрум нестанд, мувофиқат намекунанд.

**Ба вайронкуниҳои ҷиддӣ, инчунин амалҳое дохил мешаванд, ки қасдан содир карда мешаванд ва сабаби марг ё зарари ҷиддии ҷисмонӣ ё саломатӣ мебошанд**: ба объекти ҳуҷум табдил додани аҳолии мулкӣ ё шахсони алоҳидаи мулкӣ; содир кардани ҳуҷуми хусусияти ғайриинтихобии ба аҳолии мулкӣ ё объектҳои мулкӣ таъсиррасонанда, дар мавриди баръало маълум будани он ки чунин ҳуҷум боиси талафоти зиёди аҳолии мулкӣ ва ё расонидани зарари баръало аз ҳад зиёд ба объектҳои мулкӣ мегардад; содир кардани ҳуҷум ба дастгоҳ ё иншооти дорои неруи хатарнок, дар мавриди баръало маълум будани он ки чунин ҳуҷум ба талафоти зиёди аҳолии мулкӣ ва ё ба объектҳои мулкӣ зарари баръало аз ҳад зиёд мерасонад; ба объектҳои ҳуҷум табдил додани маҳалҳои муҳофизатнашаванда ва минтақаҳои аз амалиёти харбӣ озодшуда; содир кардани ҳуҷум ба шахсе, ки барои гунаҳгор қатъ кардани иштироки бевосита дар амалиёти ҷангӣ баръало маълум аст; аҳдшиканона истифода бурдани нишони фарққунандаи Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар.

**Ба вайронкуниҳои ҷиддӣ инчунин амалҳое дохил мешаванд, ки қасдан ва бо вайрон кардани Муоҳидаҳо ва Протокол анҷом дода мешаванд**: ҷойивазкунии қисми аҳолии мулкии худ ба ҳудуди ғасбшуда ё берункунӣ, ҷойивазкунии тамоми аҳолӣ ё қисми он дар доираи ҳудуди ғасбшуда ва ё берун аз худуди он; беасос мавқуфгузории баргардонидани асирони ҳарбӣ ва аҳолии мулкӣ; татбиқи амалияи апартеид ва дигар амалҳои ғайриинсонӣ ва таҳқиромез, ки шаъну шарафи шахсро таҳқир мекунанд, дар асоси табъизи нажодӣ; ба объекти ҳуҷум табдил додан ва ё нобуд кардан ё тасарруфи ёдгориҳои таърихии ба таври возеҳ шинохташаванда, осори санъат ё ҷойҳои адои маросими динsocие, ки мероси фарҳангию маънавии ҳифзшавандаи халқҳо мебошанд, ҳамчунин нисбати ин арзишҳо содир кардани кирдорҳои вандалгароӣ ҳангоми мавҷуд набудани зарурати ҳарбӣ; маҳрум кардани шахсе, ки аз ҳимояи Муоҳида ё Протоколи I ҳуқуқ ба беғаразона ва муқаррарӣ истифода мебарад[564] .

**Ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила дар масъалаҳои таъқиби ҷиноятӣ.** Барои пешгирии вайронкуниҳои ҷидди ҲБИ ҳамкории давлатҳо ва муассисаҳои гуногун зарур аст, на танҳо аз он сабаб, ки иштирокчиёни мурофиаҳо (айбдоршавандагон, ҷабрдидагон, шоҳидон ва ғайра) метавонанд шаҳрвандони давлатҳои гуногун бошанд ё дар кишварҳои гуногун ҳузур

---

[564] Барои аниқтар ва муфасалтар шиносоӣ пайдо кардан ба намудҳои вайронкуниҳои ҷиддӣ ниг.: Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006. – С. 728-780.

доранд, балки аз он сабаб, ки ҷомеаи байналмилалӣ дар маҷмуъ бевосита манфиатдор аст, ки чунин вайронкуниҳо ба таври самаранок рафъ карда шаванд. Дар робита ба ин, ҳуқуқи байналмилалӣ шаклҳои гуногуни ёрии мутақобиларо аз ҷамъоварии далелҳо дар хориҷа то иҷрои ҳукмҳои дар дигар кишварҳо баровардашударо пешбинӣ мекунад. Зарурати ёрии мутақобила махсусан дар мавриде ба назар мерасад, ки шахсони дар содир кардани ҷиноят гумонбар бояд ба суд кашида шаванд ё аз ҷониби давлат ба тарафи тақозокунанда супурда шаванд.

Истирдод ҳамчун як намуди фаъолияти ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила дар масъалаҳои таъқиби ҷиноятӣ дар Муоҳидаҳои Женева пешбинӣ шудааст ва сипас инкишофи худро дар м. 88 (Ёрии мутақобила оид ба масъалаҳои таъқиби ҷиноятӣ) Протоколи иловагии I ва дигар шартномаҳои ҲБИ меёбад. Аммо, ҳеҷ яке аз ин ҳуҷҷатҳо масъала оид ба истифодаи истисноҳоеро, ки тибқи қонунгузории миллӣ ба таври анъанавӣ пешбинӣ шудаанд, баррасӣ намекунанд. Қонунгузори миллӣ метавонад истирдодро дар ҳолатҳои алоҳида, аз қабили шаҳрвандии шахсе, ки дар бораи ӯ истирдод дархост карда мешавад, хусусияти сиёсии ҷиноят, гузаштани давомнокии муҳлат ё мавҷудияти шартномаи дуҷониба ё бисерҷониба, ки ба истирдод дахл дорад, пешгирӣ кунад. Дар хусуси ёрии ҳамдигарӣ дар масъалаҳои таъқиби ҷиноятӣ бошад, дар ин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ инчунин уҳдадории таъмини ёрии судии мутақобила ба миён гузошта шудааст. Самаранокии низоми пешгирӣ, ки ба принсипи додвории фарогир (юрисдиксияи универсалӣ) дар робита ба таъқиби судӣ ва баровардани ҳукмҳо барои содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ асос ёфтааст (ва аз ин рӯ, хусусияти фаромарзӣ дорад), аз сифати ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила дар масъалаҳои таъқиби судӣ байни мақомоти адлия, ки таъқиби ҷиноятиро дар давлатҳои гуногун амалӣ мекунанд, вобаста аст.

Адабиёт:


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001, №4, мод.209.

2. Бобозода Умед, Салихов З.И. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ: (Низоъҳои ҳарбӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ). Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2014.

3. Братусь С.Н., Казанцев Н.Д., Кечекьян С.Ф., Кожевников Ф.И., Коток В.Ф., Кудрявцев П.И., Чхиквадзе В.М. Советский юридический словарь. – М.: Госюриздат, 1953. – 782 с.

4. Ведомости Верховного Совета СССР, №12(1462) от 19 марта 1969 года.

5. Гассер Х.П. Международное гуманитарное право: Введегие. – М.: МККК, 1995.

6. Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02. – М., 2015.

7. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.

8. Диноршоев, А.М., Сафаров Б.А. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: монография / Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. – Волгоградскиӣ филиал ФГБОУ ВПО «Российская академия народного хозяйства и государственной службы». Волгоград: Изд-во Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – 296 с.

9. Жан-Мари Хенкертс и Луиза Досвальд-Бек. Обычное международное право, Нормы. – М.: МККК, 2006.

10. Имплементация международного гуманитарного права на национальном уровне. Руководство. МККК, 2010.

11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1998.

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016.

13. Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутренее законодателство Республики Таджикистан. Сост.: Бобоев У.Х, Махмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Пулатов А.С., Салихов З. – Душанбе: “Контраст”, 2011.

14. Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Миралиев Исфандиёр Карахонович. – Душанбе, 2014. – 205 с.

15. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.

16. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.

17. Раҷабов С.А. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ. – Душанбе, 2019.

18. Саидов, И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.

19. Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 366 с.

20. Саъдизода Дж. Формирование культуры прав человека в условиях становления правового государства в Таджикистане: монография. – Душанбе: Типография ООО «Нушбод», 2022.

21. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2017. – 241 с.

22. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ: нашри чорум // Зери таҳрири академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҳмудзода М.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф. – 2022.

23. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 2019.

# АСОСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ ҲАМКОРИҲОИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО АССАМБЛЕЯИ БАЙНИПАРЛУМОНИИ ДАВЛАТҲОИ ИШТИРОКЧИИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ.

**Идизода Файзали Фузайлшо,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
**E-mail:** faizali.idiev@gmail.com
**Тел:** (+992) 988-98-31-98

**Муқарриз:** Қодирқулов Х.Р., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Ҳамкории байни давлатҳо, яке аз масъалаҳои марказии ҳуқуқи байналмилаӣ ба ҳисоб меравад. Бе ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни давлатҳо рушди соҳаҳои гуногуни ҳайти мамлакатҳои ғайриимкон мебошад. Аз ин нуқтаи назар дар Оинномаи СММ, ҳамкорӣ, яке аз принсипҳои фаъолияти созмони мазкур ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ он ҳамчун принсипи умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ пазируфта шудааст. Ҳамкории байнипарлумонӣ низ ҷузъи таркибии принсипи ҳамкории давлатҳо ба ҳисоб рафта, дар наздиксозии қонунгузории давлатҳои ҷаҳон, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, густариши робитаҳои сиёсиву ҳарбӣ, иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои ҷаҳон нақши бузурге мебозад. Ҳамкории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти парлумони мамлакат ба ҳисоб меравад. Бо мавриди амал қарор гирифтани Созишнома ва Конвенсияҳои дар мақола овардашуда, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Ассамблеяи байнипарлумонӣ гардида, ҷиҳати татбиқ намудани қонунҳо ва кодексҳои моделии дар доираи созмон қабулгардида, уҳдадориҳои парлумони мамлакат ба вуҷуд омадааст. Дар мақолаи мазкур заминаҳои таърихиву ҳуқуқии пайдоиши Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ, вазъи ҳуқуқии сохтори мазкур, сохтори идоракунии он ва асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмони мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Созмонҳои байналмилалӣ, Лигаи Миллатҳо, Созмони Миллали Муттаҳид, Оинномаи СММ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи байнипарлумонӣ, Шурои Ассамблеяи байнипарлумонӣ, Котиботи Ассамблеяи байнипарлумонӣ, Конвенсия, ҳамкорӣ, комиссияҳои доимӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Кумитаҳои Маҷлиси миллӣ, Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, қонунҳои моделӣ, кодексҳои моделӣ, наздиксозӣ.

# МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СОТРУДНИЧЕСТВО МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С МЕЖПАРЛАМЕНТСКОЙ АССАМБЛЕИ ГОСУДАРСТВ — УЧАСТНИКОВ СОДРУЖЕСТВО НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ.

**Идизода Файзали Фузайлшо,**
Таджикский национальный Университет, юридический факультет, доцент кафедры международного права
**E-mail:** faizali.idiev@gmail.com
**Тел:** (+992) 988-98-31-98

**Рецензент:** Кодиркулов Х.Р., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Сотрудничество между государствами является один из центральных вопросов современного международного права. Без осущетсвление сотрудничество между государствами развитие различных отраслей государств невозможно. Исходя из этого сотрудничество государств является один из принципов деятельности ООН, а также мыровым сообществом признано как общепризнанный принцип международного права. Межпарламентское сотрудничество считается как составным частем сотрудничество и играет важную роль в гармонизации законодательств, защиты прав и свобод человека, развитие военно политических, социально-экономических сотрудничетв государств мира. Сотрудничество Маджлиси Оли Республики Таджикистан с Межпарламентской Ассамблеей государств-участников СНГ является одним из приоритетных направлений деятельности парламента страны. Наравне с ратификацией Соглашений и Конвенций, указанных в статье, Маджлиси Оли Республики Таджикистан стал членом Межпарламентской Ассамблеи, в связи с чем возникло обязательство парламента страны по приминению модельных законов и кодексов принятых в рамках организации. Исходя из этого, в статье осуществлен анализ и рассмотрены исторические и правовые основы возникновения Межпарламентской Ассамблеи государств – участников СНГ, правовой статус данной организации, структура её управления, а также международно-правовые основы сотрудничества Маджлиси Оли Республики Таджикистан с указанной организацией.

**Ключевые слова:** Международные организации, Лига Наций, Организация Объединенных Наций, Устав ООН, принципы международного права, Содружество Независимых Государств, Межпарламентская Ассамблея, Совет Межпарламентской Ассамблеи, Секретариат Межпарламентской Ассамблеи, Конвенция, сотрудничество, постоянные комиссии, Республика Таджикистан, государственная независимость, Конституция Республики Таджикистан, Маджлиси Оли, Маджлиси милли, Маджлиси намояндагон, Комитеты Маджлиси милли,

Комитеты Маджлиси намояндагон, модельные законы, модельные кодексы, гармонизация.

# INTERNATIONAL LEGAL FRAMEWORK FOR COOPERATION BETWEEN THE MAJLISI OLI OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE INTER-PARLIAMENTARY ASSEMBLY OF THE CIS MEMBER STATES

**Idizoda Faizali Fuzailsho,**
Tajik National University, Law Faculty, associate professor of the department of international law
**E-mail:** faizali.idiev@gmail.com
**Tel:** (+992) 988-98-31-98

**Reviewer:** Kodirkulov H.R., candidate of law, associate professor

**Abstract:** Cooperation between States is one of the central issues of modern international law. Without cooperation between States, the development of various branches of the state is impossible. Based on this, the cooperation of states is one of the principles of the UN's activities, as well as recognized by the international community as a universally recognized principle of international law. Interparliamentary cooperation is considered as an integral part of cooperation and plays an important role in the harmonization of legislation, the protection of human rights and freedoms, the development of military-political, socio-economic cooperation among the states of the world.Cooperation of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan with the Inter-Parliamentary Assembly of Member States of the Commonwealth of Independent States is one of the highest priorities of the parliaments' activity. With ratification of the agreements and conventions referred to in the article, the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan became a member of the Inter-Parliamentary Assembly, which led to the obligation of the country's parliament to implement model laws and codes adopted within the framework of the organization. Based on this, the article analyzes and examines the historical and legal bases of foundation of Inter-Parliamentary Assembly of Member States of the Commonwealth of Independent States, the legal status of this organization, the structure of its management, as well as the international legal frameworks for cooperation between the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan and this organization.

**Keywords:** International organizations, League of Nations, the United Nations Organization, the UNO Charter, principles of international law, Commonwealth of Independent States, Inter-Parliamentary Assembly, Council of the Inter-Parliamentary Assembly, Secretariat of the Inter-Parliamentary Assembly, Convention, cooperation, permanent commissions, the Republic of Tajikistan, State independence, Constitution of the Republic of Tajikistan, the Majlisi Oli, Majlisi Milli, Majlisi Namoyandagon, the Majlisi milli's committees,

the Majlisi Namoyandagon’s committees, model laws, model codes, harmonization.

Ҳамкорӣ яке аз масъалаи муҳим дар замони муосир ба ҳисоб рафта, тавассути он сулҳу амнияти байналмилалӣ пойдор ва робитаҳои иқтисодиву ичтимоӣ, сиёсиву фарҳангии байни халқу давлатҳо ташаккул ёфта истодааст.

Ба ақидаи Лукашук И.И. самтҳои асосии ҳамкории байни давлатҳоро масъалаи дастгирии сулҳу амният,эҳтироми умумии ҳуқуқҳои инсон, амали намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ, фарҳангӣ, техникӣ, тичорат, ҳамкори бо СММ ва ғ. ташкил медиҳад[565].

С.А. Рачабов менависад, ки пешрафти илму техника ба тақсимоти байналмилалии меҳнат, ташаккули робитаҳои байналмилалии иқтисодӣ ва дигар робитаҳо оварда расонид. Дар ин вазъият зарурати рушди иқтисодиву сиёсии давлатҳо ва фаъолгардии ҳамкорӣ байни давлатҳо ба вучуд омад, ки дар навбати худ ба пайдоиши принсипи ҳамкории давлатҳо, ҳамчун принсипи асосии ҳуқуқи байналмилалӣ замина гузошт[566]. Дар ҳақиқат ҳамин хел низ аст, зеро зимни таъсиси аввалин созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ ба масъалаи мазкур таваччуҳи чиддӣ зоҳир карда шудааст. Дар дебочаи Оинномаи Лигаи Миллатҳо аз 10 январи соли 1920 дарч гардидааст, ки «Тарафҳои олии аҳдкунанда, чиҳати рушди ҳамкориҳои байни халқҳо ва кафолати сулҳу амнияти онҳо муҳим мешуморанд, ки баъзе уҳдадориҳо қабул карда, ба чанг даст назананд, муносибатҳои байналмилалии дар заминаи адолат ва шараф асос ёфтаро комилан ошкоро нигоҳ доранд,... »[567]**.** Рачабзода М. Н., Одинаева Н.Ҳ. ва Исматзода И.Б. чунин меҳисобанд, ки «Ҳамкорӣ байни кишварҳо ҳатман бояд бо дастрас шудани мақсадҳои муайян нигаронида шаванд, аз чумла бо мақсади дастгирии сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, мусоидат ба таъмини инкишофу муътадилияти иқтисоди байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи умумии зиндагии милал» ба роҳ монда шавад.[568]

Масъалаи ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои маркази Созмони Миллали Муттаҳид (минбаъд – СММ) ба ҳисоб меравад. Дар банди 3 моддаи 1 Оинномаи СММ қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои СММ ба амал баровардани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои байналмилалии дорои хусусияти иқтисодӣ, ичтимоӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ тавассути васеъ намудани инкишофи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, сарфи назар аз чинс, нажод, забон, дин ва ғайра ба ҳисоб

[565] Международное право. Общая часть : учеб. для студентов юрид. фак. и вузов / И.И. Лукашук; Рос. акад.
наук, Инт государства и права, Академ. правовой унт. — Изд. 3е, перераб. и доп. — М. : Волтерс Клувер, 2005. – С. 320.

[566] Раджабов С.А. Международное право: учебное пособие. 3- е изд. – Душанбе:ТГПУ, 2022. – С. 32-33.

[567] Устав Лига Нации от 10 января 1920 года//Версальский мирный договор. Полный перевод с французского под редакцией Ю.В. Ключникова и А.Сабанина. М.: Издание Литиздата НКИД, 1925. – С. 7-15.

[568] Ҳуқуқи байналмилалӣ (қисми умумӣ). Воситаи таълимӣ./ Муҳаррирони масъул: Қодиркулов Х.Р., Қодиров Н.А.. – Душанбе, «Аршан», 2024. – С. 89.

меравад.[569]Ҳамкории давлатҳо яке аз приснипҳои фаъолияти СММ низ ба ҳисоб меравад. Эъломия «Дар бораи принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ» аз 24 октябри соли 1970 давлатҳоро уҳдадор намудааст, ки тибқи Оинномаи СММ ба якдигар ҳамкориҳоро ба роҳ монанд.[570] Ҳамзамон, дар Эъломияи мазкур дарҷ гардидааст, ки давлатҳо сарфи назар аз тафовути низомҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии худ, уҳдадоранд, бо ҳамдигар дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ бо мақсади муҳофизат намудани сулҳу амнияти байналмилалӣ ва мусоидат ба суботу рушди иқтисоди байналмилалӣ баҳри саодатмандии умумии халқҳо ҳамкорӣ намоянд.

Масъалаи ҳамкории давлатҳо дар Санади хотимавии Машварати амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо аз 1 августи соли 1975 дарҷ гардидааст. Дар санади мазкур қайд гардидааст, ки давлатҳои иштироккунанда ҳамкории худро бо якдигар ва тамоми давлатҳо дар ҳамаи соҳаҳо мувофиқи мақсаду принсипҳои Оинномаи СММ инкишоф медиҳанд[571]. Ҳамкорӣ ягона воситаи қонунии амалигардонии манфиатҳои давлат мебошад. Дар марҳилаи ҳамгирой ягон давлат наметавонад дар шароити муҳосираи иқтисодиву сиёсӣ «зинда монад». Баръакс, маҳрум намудани давлат аз ҳамкорӣ яке аз намуди муҷозоти сангин тибқи Оинномаи СММ мебошад[572]. Ҳамкориҳоро инкишоф дода давлатҳо бояд ҳамдигарфаҳмиву боварӣ, муносибатҳои дӯстонаро байни худ ва ба баланд бардоштани некуаҳволии халқҳо мусоидат намоянд[573].

Ба назари мо, ҳамкории байни давлатҳо яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии муосир ба ҳисоб меравад. Зеро дар замони муосир ягон давлат наметавонад тамоми масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, илмиву техникӣ ва ғайраро бе ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар, ҳамчунин созмонҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл намояд. Мавриди тазаккур аст, ки бо назардошти муҳиммияти ҳамкории давлатҳо барои таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ, эҳтирому ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва ҳалли масъалаҳои мубрами замони муосир, масъалаи мазкур ҳамчун принсипи умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф шуда, иҷрои он уҳдадории ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

### *Заминаҳои ҳуқуқии ташкилу ташаккули Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил*

[569] Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (санаи муроҷиат: 5 ноябри соли 2023)

[570] Декларация о принципах международного права, касающихся дружественных отношений и сотрудничества между государствами в соответствии с Уставом Организации Объединенных Наций. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/intlaw_principles.shtml (санаи муроҷиат: 10 ноябри соли 2023)

[571] Совещание по безопасности и сотрудничеству в Европе. Заключительный акт. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://www.osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf (санаи муроҷиат: 15 ноябри соли 2023)

[572] Учебник «Международное право»(общая часть) для студентов – бакалвров 3 курса / под .ред. Н.М. Имомовой. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – С. 97.

[573] Чепурнова Н.М. Международное право: Учебно-методический комплекс. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2008. – С.33.

8 декабри соли 1991 аз ҷониби роҳбарони давлатҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белоруссия ва Украина  Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) бо марказаш шаҳри Минскро ба имзо расониданд, ки дар таърих бо номи Созишномаи Беловежск машҳур мебошад. Дар муқаддимаи Созишнома се давлати таъсисдиҳандаи ИҶШС-и дар боло номбаршуда, оид ба қатъ гардидани фаъолияти ИҶШС ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ иброз намуданд[574].

21 декабри соли 1991 ба ғайр аз давлатҳои аъзои ИДМ ҷумҳуриҳои дигари собиқ ИҶШС – Арманистон, Озарбойҷон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Молдова (ба истиснои Латвия, Литва, Эстония ва Гурҷистон) ҳамроҳ шуда, шумораи аъзоёнаш ба 11 адад расида, марҳилаи таъсиси мақомоти ИДМ оғоз гардид.

27 марти соли 1992 дар шаҳри Алма-Ато  аз ҷониби раисони Парлумонҳои  Федератсияи Россия, Белоруссия, Арманистон, Озарбойҷон, Узбекистон, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Молдова
Созишнома дар бораи таъсиси Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба имзо расонида шуд. Солҳои 1993-1995 ба Созишномаи мазкур ҷумҳуриҳои  Озарбойҷон, Гурҷистон, Молдова, соли 1999 Украина ҳамроҳ шуданд[575].  Дар Созишномаи мазкур тарафҳо ба мувофиқа расидаанд, ки Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ-ро ҳамчун институти машваратӣ барои муҳокимаи масъалаҳо ва баррасии ҳуҷҷаҳоеро, ки манфиати умумӣ дар он ифода меёбанд, таъсис диҳанд.

Тибқи Созишнома Ассамблеяи байнипарлумонӣ аз ҳисоби ҳайати парлумонии Тарафҳо ташкил карда шуда, парлумони давлатҳои аъзо мустақилона ҳайат ва ваколати намояндагони парлумонро аз ҳисоби вакилони худ, ҳамчунин роҳбарони онро муайян менамояд. Ҳайатҳои парлумонӣ ҳуқуқҳои баробарро доро буда, ҳар кадоми он дорои як овоз мебошанд[576].

15 сентябри соли 1992 дар шаҳри Бишкек ҷаласаи якуми пленарии Ассамблеяи байнипарлумонӣ баргузор гардида, дар рафти он иштирокчиёни ҷаласаи масъалаи қароргоҳи мақомоти мазкурро баррасӣ намуданд. Дар натиҷаи баррасии масъалаҳо иштирокчиён ба хулосае омаданд, ки дафатри кории Ассамблеяи байнипарлумонӣ дар шаҳри Санкт-Петербург ифтитоҳ шавад. Бо пешниҳоди мири шаҳри Санкт-ПетербургА.И.Собчак штаб-квартираи Ассамблеяи байнипарлумонӣ дар

---

[574] Соглашение о создании Содружества Независимых Государств от 8 декабря 1991 года // Реестр правовых актов и других документов Содружества Независимых Государств. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://cis.minsk.by/reestrv2/doc/1#text (санаи муроҷиат: 29 октябри соли 2023)

[575] История МПА СНГ. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: **https://iacis.ru/ob_organizatcii/istoriya** (санаи муроҷиат: 19 октябри соли 2023)

[576] **Соглашение о Межпарламентской Ассамблее государств – участников Содружества Независимых Государств, моддаҳои 2-3.** [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:**https://iacis.ru** (санаи муроҷиат: 19 октябри соли 2023)

Қасри Таврический ҷойгир карда шуд, ки дар гузашта Думаи давлатии Империяи Россия дар ин бино фаъолият мекард[577].

Айни ҳол ба ҳайати Ассамблеяи байнипарлумонӣ намояндагони парлумони 10 давлати аъзои ИДМ шомил буда, чун анъана роҳбарии онро раиси Шурои федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия ба уҳда дорад. Аз соли 2011 инҷониб ба кори Ассамблеяи байнипарлумонӣ В. И. Матвиенко - Раиси Шурои федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия роҳбарӣ менамояд[578].

Ҷаласаҳои Ассамблеяи байнипарлумонӣ, асосан дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор мегарданд, вале дар таҷриба 17 ноябри соли 2023 ҷаласаи пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ дар қароргоҳи Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон дар шаҳри Бишкек баргузор гардид[579].

***Вазъи ҳуқуқии Ассамблеяи байнипарлумонӣ***

Бо мақсади муайян намудани вазъи ҳуқуқии Ассамблеяи байнипарлумонӣ ва бо назардошти пешрафти ҷомеа танзими масъалаҳои зарурии фаъолияти мақомоти мазкур аз ҷониби сарони давлатҳои Россия, Белоруссия, Гурҷистон, Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон 26 майи соли 1995 Конвенсия дар бораи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба имзо расониданд.

Дар муқаддимаи Конвенсия давлатҳои аъзои шартномаи мазкур нақши фоидаовари ҳамкории байнипарлумониро дар доираи ИДМ, ки Ассамблеяи байнипарлумонӣ таҷриба пайдо карда то ҳол ба ҳайси мақоми ҳамкории байнипарлумонӣ амал карда истодаст дарҷ намуда, ба чунин хулосае омаданд, ки бо мақсади ташаккули фаъолияти механизми ҳамкории байнипарлумонӣ дар доираи ИДМ ба Ассамблеяи байнипарлумонӣ вазъи ҳуқуқии дахлдор дода шавад. Дар Конвенсия давлатҳои аъзо ба Ассамблеяи байнипарлумонӣ вазъи ҳуқуқии мақомоти байнидавлатии ИДМ-ро доданд[580].

**Тибқи Конвенсия** Ассамблеяи байнипарлумонӣ вазифаҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

а) масъалаҳои ҳамкории давлатҳои иштирокчиро дар соҳаҳои гуногун муҳокима менамояд ва тавсияҳои худро оид ба ин масъалаҳо ба Шурои сарони давлатҳо ва/ё Шурои сарони ҳукуматҳо, дигар мақомоти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, парламентҳо вобаста ба моҳияти масъалаи баррасишаванда ирсол менамояд; б) масъалаҳои ба он аз ҷониби Шурои сарони давлатҳо ва/ё аз ҷониби Шурои сарони ҳукуматҳо додашударо мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин хусус тавсияҳоро ба Шурои сарони

---

[577] История МПА СНГ. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: **https://iacis.ru/ob_organizatcii/istoriya** (санаи муроҷиат: 29 октябри соли 2023)

[578] Ниг.: Асари ишорашуда.

[579] В Бишкеке состоялось 56-е пленарное заседание Межпарламентской Ассамблеи СНГ// Сомонаи расмии Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://iacis.ru/novosti/mezhparlamentskaya_assambleya/v_bishkeke_sostoyalos_56-e_plenarnoe_zasedanie_mezhparlamentskoj_assamblei_sng_ (санаи муроҷиат:20 декабри соли 2023.

[580] Конвенция о Межпарламентской Ассамблее государств – участников Содружества Независимых Государств от 26 мая 1995 года, ст. 1. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:**https://iacis.ru** (санаи муроҷиат: 20 октябри соли 2023)

давлатҳо ва/ё Шурои сарони ҳукуматҳо, инчунин дигар мақомоти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пешниҳод менамояд; в) тавсияҳоро оид ба наздик кардани қонунгузории давлатҳои иштирокчӣ қабул менамояд; г) санадҳои намунавии (моделии) қонунгузориро қабул намуда, онҳоро бо тавсияҳои дахлдор ба парлумонҳои давлатҳои иштирокчии Конвенсияи мазкур ирсол менамояд; ғ) тавсияҳоро оид ба ҳамоҳангсозии ба тасвиб расонидани шартномаву созишномаҳоеро, ки дар ИДМ ба имзо расонида шудаанд, ба парламенти давлатҳои аъзои созмон кабул менамояд; д) тавсияҳоро оид ба мутобиқ кардани қонунгузории давлатҳои иштирокчӣ ба муқаррароти шартномаҳои байналмилалии ин давлатҳо дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул мекунад; е) ба амалисозии табодули маълумоти хусусияти ҳуқуқидошта дар байни давлатҳои иштирокчӣ мусоидат менамояд; ё) масъалаҳои дигари ҳамкории байнипарлумониро муҳокима мекунад[581].

Аз таҳлили меъёрҳои моддаи мазкур бармеояд, ки Ассамблеяи байнипарлумонӣ ҳамкориҳоро дар доираи васеи масъалаҳо ба роҳ монда, нақши муҳиммеро дар гармонизатисияи қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ бозида истодааст.

Дар конвенсияи мазкур вобаста ба вазъи ҳуқуқии Ассамблеяи байнипарлумонӣ меъёр муқаррар гардидааст. Дар муққадимаи Конвенсия қайд гардидааст, ки барои рушди минбаъдаи ҳамкории байнипарлумонӣ дар доираи ИДМ таҷрибаи ҷамъкардаи Ассамблеяи байнипарлумонӣ хеле муфид арзебӣ гардида, то ҳол ҳамчун мақоми ҳамкории байнипарлумонӣ фаъолият намуда истодааст. Бо мақсади мукаммал сохтани механизми ҳамкории байнипарлумонӣ дар доираи ИДМ тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ба Ассамблеяи байнипралумонӣ вазъи ҳуқуқии мақоми байнидавлатии ИДМ дода шавад (моддаи 1 Конвенсия). Аз муқаррароти моддаи мазкур бармеояд, ки Ассамблеяи байнипарлумонӣ аз мақоми ҳамкории байнипралумонӣ ба мақоми байнидавлатии ИДМ табдил дода шуд.

Барои ба вазъи ҳуқуқии Ассамблеяи байнипарлумонӣ баҳо додан, ба мақсад муҳим мешуморем, ки ақидаи баъзе олимони соҳаро дар ин бора таҳлил ва муқоиса намоем. Чунончи, Лукашук И.И. менависад, ки хусусиятҳои хоси созмонҳои байналмилали чунинанд: бо роҳи бастани шартномаи махсус, ки санади муассисӣ (оиннома, статут) ба ҳисоб меравад, таъсис дода мешаванд; низоми мақомоти доимоамалкунандаи худро доранд; мухторият ва вазифаҳои муайянро доро мебошанд. Ӯ илова менамояд, ки хусусиятҳои номбаршуда қобилияти ҳуқуқдории байналмилалии созмонро муайян мекунанд, ки иродаи он на ҳама вақт ба иродаи ҳар як давлати аъзо мутобиқат мекунад.[582]

---

[581] Конвенция о Межпарламентской Ассамблее государств – участников Содружества Независимых Государств от 26 мая 1995 года, ст. 1. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:https://iacis.ru (санаи муроҷиат: 20 октябри соли 2023)

[582] Международное право. Особенная часть : учеб. для студентов юрид. фак. и вузов / И.И. Лукашук; Рос. акад. наук, Инт государства и права, Академ. правовой унт. — Изд. 3е, перераб. и доп. — М. : Волтерс Клувер, 2005. – С.23.

К. А. Бекяшев, Л. П. Ануфриева, Д. К. Бекяшев ва В. В. Устинов чунин меҳисобанд, ки дилхоҳ созмони байналмилалӣ ҳадди аққал шаш аломати зеринро дар худ бояд доро бошад: а) Дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсис ёфтан; б) дар асоси шартномаи байналмилалӣ (конвенсия, созишнома, трактат, протокол) ташкил гардидан; в) ҳамкориҳоро дар соҳаи мушаххас ба роҳ мондан; г) мавҷудияти сохтори дахлдори ташкилӣ; ғ) мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои созмон; д) мустақилии ҳуқуқии байналмилалӣ ва уҳдадориҳои созмон[583].

Г. В.Игнатенко ва О. И. Тиунов иброз менамоянд, ки созмонҳои байналмилалӣ аломатҳои зеринро доро мебошанд: Аввалан, аз ҷониби давлатҳо таъсис дода шуда, мақсадҳои он дар доираи санади муассисӣ – Оинннома дарҷ карда мешаванд. Дуюм, дар доираи санади муассисӣ, ки ҳуқуқу вазифаҳои онро муайян менамояд, фаъолият мекунад. Сеюм, иттиҳодияи доимоамалкунанда буда, дорои мақомоти худ мебошад. Чорум дар асоси принсипи баробарии соҳибихтиёрии давлатҳои аъзо таъсис дода мешаванд. Панҷум, давлатҳо бо қатъномаҳои мақомоти ташкилот дар доираи салоҳияти худ ва тибқи қувваи муқаррарнамудаи ҳуқуқии ин қатъномаҳо алоқаманданд. Давлатҳо ба қатъномаҳои мақомоти созмон, ки дар доираи салоҳияташон қабул карда мешаванд, алоқамандӣ доранд. Шашум, ҳар як созмони байналмилалӣ дорои маҷмуи ҳуқуқҳои ба шахси ҳуқуқӣ хос мебошад. Ҳафтум, созмонҳои байналмилалӣ маснуниияту имтиёзҳо доранд, ки фаъолияти муқаррарии онро таъмин намуда, ҳам дар ҷои қароргоҳи он ва ҳам дар ҳама давлатҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ эътироф карда мешаванд[584]. М.Н.Раҷабзода низ аломатҳои созмони байналмилалиро ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намудааст, ки ба ақидаҳои Г. В.Игнатенко ва О. И. Тиунов шабоҳати зиёд доранд[585].

Ба ақидаи С.А. Раҷабов ҳар як созмони байналмилалӣ дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи бастани созишномаҳои байналмиллаиро дошта, дар муносибатҳои дипломатӣ иштирок карда, дар ихтиёри худ захираҳои молиявиро дорад, ки он аз ҳисоби аъзоҳаққии давлатҳои иштирокчӣ ҷамъоварӣ мегардад[586].

Дар конвенсияи Ассамблеяи байнипарлумонӣ аз соли 1995 як қатор хусусиятҳои он дарҷ гардидаанд. Чунончи; Фаъолияти Ассамблеяи байнипарлумонӣ дар асоси конвенсияи мазкур ва Регламент ба роҳ монда мешавад (моддаи 8); дорои вазифаҳои мушаххаси худ буда, он дар моддаи 4 конвенсия дарҷ гардидаанд; Мақоми олии идоракуни – Шурои Ассамблея ва мақомоти доимоамалкунандаи худ – Котиботи Ассамблеяро дорад (моддаи 11); дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи бастани шартномаҳои байналмилалиро дорад (моддаи 12); дар ҳудуди давлатҳои аъзо ҳуқуқи шахси юридикӣ (шартномаҳо мебандад, ашёи манқул ва ғайри манқулро ба

[583]Международное публичное право : учеб. / Л. П. Ануфриева, Д. К. Бекяшев, К. А. Бекяшев, В. В. Устинов [и др.]; отв. ред. К. А. Бекяшев. — 4-е изд., перераб. и доп. — М. : ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. – С. 289-291.

[584]Международное право. Учебник для вузов. Ответственные редакторы — проф. Г. В. Игнатенко и проф. О. И. Тиунов. — М.: Издательская группа НОРМА—ИНФРА • М, 1999. - С.197.

[585]Раҷабов М.Н. Ташкилотҳои байналхалқӣ. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ /Муҳаррири масъул профессор Менглиев Ш.М. -Душанбе, 2010. – С.191.

[586] Раджабов С.А. Международное право: учебное пособие. 3- е изд. – Душанбе:ТГПУ, 2022.- С.124-125.

идоракунии худ гирифта, онро ихтиёрдорӣ менамояд, дар суд парвандаро оғоз карда дар мурофиаҳои судӣ иштирок менамояд)-ро дорад (моддаи 13); аз маснунияту имтиёзе, ки Конвенсия дар бораи маснунияту имтиёзи Созмони Миллали Муттаҳид барои созмони мазкур пешбинӣ намудааст, бархурдор мебошад (моддаи 14); маблағгузории фаъолияти Ассамблеяи байнипарлумонӣ аз ҳисоби аъзоҳаққии давлатҳои иштирокчӣ ба роҳ монда мешавад (моддаи 19).

Ақидаи олимони соҳаи ҳуқуқи байналмилалиро таҳлил намуда, ба хусусиятҳои хоси Ассамблеяи байнипарлумонӣ муқоиса карда, ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки мақомоти мазкур яке аз намудҳои созмони байналмилалии байнипарлумонии хислати минтақавидошта мебошад.

**Ташкил ва ташаккули ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 октябри соли 1924 ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати ҶШС Узбекистон таъсис ёфта, 5 декабри соли 1929 ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ дар ҳайати собиқ ИҶШС табдил дода шуда, то соли 1991 ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ дар ҳайати давлати мазкур фаъолият кард.

9 сентябри соли 1991 бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ эълон гардида, дар қарори мазкур оид ба арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад кардани мамлакат ишора гардид[587]. Гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияташро аз ИҶШС эълон карда бошад ҳам, пас аз мустақилияти худро соҳиб гардидани ҷумҳуриҳои дигари иттифоқӣ дар моҳҳои август ва сентябри соли 1991 Иттиҳоди Шуравӣ тахмин 4-5 моҳи дигар дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлат амал кард.

Чи тавре, ки дар боло қайд гардид 8 декабри соли 1991 аз ҷониби роҳбарони давлатҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белоруссия ва Украина Созишнома дар бораи таъсиси ИДМ ба имзо расонида шуда, тибқи созишномаи мазкур фаъолияти ИҶШС ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ қатъ гардид. 21 декабри соли 1991 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҷумҳуриҳои дигари пасошуравии дар боло номбаршуда ба созишномаи мазкур ҳамроҳ шуд.

27 марти соли 1992 дар шаҳри Алма-Ато аз ҷониби раисони Парлумонҳои Федератсияи Россия, Белоруссия, Арманистон, Озарбойҷон, Узбекистон, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Молдавия

Созишнома дар бораи таъсиси Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ба имзо расонида шуда.

Мавриди зикр аст, ки 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар санади мазкур бо назардошт хамчун субъекти мустақил дар арсаи байналмилалӣ баромад намудан, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ пазируфта шуд. Ҳамчунин, дар конститутсияи мазкур дарҷ гардид, ки Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба

---

[587]Ахбори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон.1991.№18. – С.239.

амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад. Илова бар ин, Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Ҳамзамон, бо мақсади ташаккул додани фаъолияти Ассамблеяи байнипарлумонӣ ва баланд бардоштани мақоми он, Бо назардошти манфиатҳои олии халқи мамлакат 26 майи соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конвенсия дар бораи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ-ро ба имзо расонида, конвенсияи мазкур ба Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №193, аз 4 ноябри соли 1995 мавриди ратификатсияи қарор гирифт[588]. Дар заминаи конвенсияи мазкур ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи байнипарлумонӣ ташаккул ёфт. Яъне аз 4 ноябри соли 1995 инҷониб Конвенсия дар бораи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ қисми таркибии низоми ҳуқуқии мамлакат ба ҳисоб рафта, дар заминаи он ҳамкориии байнпарлумонии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ба роҳ монда шуда истодаанд.

Тоҷикистон ва Ассамблеяи байнипарлумонӣ ин иштироки намояндагони парлумони мамлакат дар кори комиссияҳои доимии Ассамблея мебошад. Асоси ҳуқуқи танзими масъалаи мазкур, Низомнома дар бораи комиссияиҳои доимии Ассамблеяти байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 26 ноябри соли 2021 (дар таҳрири нав) мебошад. Дар моддаи 1 Низомномаи мазкур қайд гардидааст, ки комиссияҳо аз ҳисоби намояндагони парлумони давлатҳои иштирокчии Ассамблеяи байнипарлумонӣ таъсис дода шуда, намояндаҳо ҳуқуқҳои баробарро доро буда, як овоз доранд.Дар сурати дар кори ҷаласаи комиссия иштирок надоштани намояндаи парлумони давлати аъзо, ба ҷойи он бо ҳуқуқи баробар ба аъзои комиссия – муовини Котиби генералии Шурои Ассамблеяи байнипралумонӣ – намояндаи ваколатдори парлумони дахлдор ба шарти ба ӯ вогузор гардидани чунин ваколат аз ҷониби парлумони давлати дахлдор иштирок менамояд. Вогузор гардидани ваколат барои иштироки муовини Котиби генералии Ассамблеяи байнипарлумонӣ – намояндаи ваколатдори парлумони ҳар як давлати иштирокчӣ ба ивази иштироки намояндаи парлумон дар комиссияи дахлдор дар кори ҷаласа ба таври ҳуҷҷатӣ бояд барои ҳар як чунин ҷаласа тасдиқ карда шавад.

Ташкил ва қатъи фаъолияти комиссияҳои доимӣ, муайян намудани ном ва масъалаҳои танзимкунандаи онҳо тавассути қабули қарори Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ба роҳ монда мешавад. Самтҳои асосии фаъолияти комиссияҳои доимӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- дар коркарди лоиҳаи қонунҳои моделии ИДМ иштирок менамоянд;
- дар ташаккули нақшаи қонунэҷодкунии моделӣ иштирок менамоянд;

[588] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1995, №22/95. – М.–С.80

- супоришҳои Ассамблея ва Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ-ро иҷро мекунанд;

- дар баргузории конференсияҳо, муҳокимаҳои байнипарлумонӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо иштирок менамоянд;

- ба нақша-чорабиниҳои кории Ассамблея таклифҳо пешниҳод менамоянд;

- омодасозии дигар масъалаву лоиҳаи қарорҳои Ассамблея ва Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ-ро барои манзур намудан ба ҷаласаи Шурои Ассамблеяи байнипарлумонӣ амалӣ месозад;

- муҳокимаҳоро оид ба масъалаҳои мушкилотдошта баргузор намуда, таҳлил мекунанд ва маълумотро оид ба масъалаҳои идоракунӣ ҷамъбаст менамоянд[589] .

Сохтори Ассамблеяи байнипарлумонӣ аз комиссияи зерин иборат мебошад:

- Комиссияи доимӣ оид ба иқтисод ва молия;
- Комиссияи доимӣ оид ба сиёсати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон;
- Комиссияи доимӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ;
- Комиссияи доимӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
- Комиссияи доимӣ оид ба масъалаҳои амният ва мудофиа;
- Комиссияи доимӣ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш;
- Комиссияи доимӣ оид ба омузиши таҷрибаи сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;
- Комиссияи доимӣ оид ба сиёсати аграрӣ, захираҳои табиӣ ва экология;
- Комиссияи доимӣ оид ба илм ва маориф;
- Комиссияи назоратӣ-буҷетӣ.

Бояд қайд намуд, ки Маҷлиси миллӣ аз кумитаҳои зерин иборат аст: Кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният; Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология; Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон;Кумита оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ; Кумита оид ба иқтисодиёту коммуникатсия.[590]

Маҷлиси намояндагои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 кумита иборат мебошад. Аз ҷумла:Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи

[589]Положение о постоянных комиссиях Межпарламентской Ассамблеи государств — участников Содружества Независимых Государств(новая редакция). Принято на пятьдесят третьем пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств — участников СНГ(постановление № 53-11 от 26 ноября 2021 года). [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:https://iacis.ru (санаи муроҷиат: 17 ноябри соли 2023).

[590] Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2020, №103 тасдиқ шудааст (банди 72). Манбаъ: Бойгонии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

инсон; Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният; Кумита оид баиқтисод ва молия; Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин; Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот; Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон; Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ; Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ; Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия[591].

Кумитаҳои номбурдаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз масъалаҳои салоҳияташон, ки тибқи Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2020 ва Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 10 апрели соли 2023 муайян гардидаанд, бо комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонӣ ҳамкорӣ ва фаъолият менамоянд.

Тибқи тартиби муқарраргардидаи Ассамблеяи байнипарлумонӣ, раиси Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисиро дар Комиссияи доимӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии Ассамблеяи байнипарлумонӣ ба уҳда дорад.

Мақоми олии идоракунии Ассамблеяи байнипарлумонӣ, тибқи Конвенисия мазкур Шурои Ассамблея ва мақоми доимоамалкунандаи он Котибот мебошад.

Дар қисми 2 моддаи 11 Конвенсияи мазкур дарҷ гардидааст, ки «Котибот аз Котиби генералӣ ва муовинони он – намояндагони ваколатдори парлумони давлатҳои иштирокчии Конвенсияи мазкур ва чунин кормандоне, ки метавонанд барои самаранок иҷро кардани вазифаҳои худ ба онҳо ниёз дошта бошанд, иборат аст». Дар заминаи меъёри мазкур аз ҳамаи давлатҳои аъзои Ассамблеяи байнипарлумонӣ намояндагони парлумонҳо барои фаъолият дар Котибот фиристода мешаванд. Дар давраҳои гуногун дар Котиботи Ассамблеяи байнипарлумонӣ, - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Раҳимов Ибодулло Ҳабибуллоевич ва Сафарзода Бахтовар Амиралӣ намояндагӣ намуданд. Аз 30-юми январи соли 2024 ин вазифаро Ғаурзода Абдухалил Давлаталӣ ба зимма дорад.

Ҳамин тариқ, Созишнома дар бораи таъсиси Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ аз 27 марти соли 1992, Конвенсия дар бораи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ, аз 26 майи соли 1995 ва Низомнома дар бораи комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 26 ноябри соли 2021 асосҳои байналмилаӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ ба ҳисоб рафта, дар ин замина наздиксозии қонунгузории давлатҳои аъзои созмони мазкур тавассути қабули қонунҳо

[591] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 10 апрели соли 2023.Душанбе.-С.20.

ва кодесҳои моделӣ амалӣ карда шуда, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи минтақа ба танзим дароварда шуда истодаанд.

**Адабиёт:**

1. Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 10 апрели соли 2023.Душанбе. «Шарқи Озод» – 202 с.

2. Конвенция о Межпарламентской Ассамблее государств – участников
Содружества Независимых Государств от 26 мая 1995 года, ст. 1. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:**https://iacis.ru** (санаи мурочиат: 20 октябри соли 2023)

3. Международное право. Учебник для вузов. Ответственные редакторы — проф. Г. В.Игнатенко и проф. О. И. Тиунов. — М.: Издательская группа НОРМА—ИНФРА • М, 1999. — 584 с.

4. Международное публичное право : учеб. / Л. П. Ануфриева, М43 Д. К. Бекяшев, К. А. Бекяшев, В. В. Устинов [и др.]; отв. ред. К. А. Бекяшев. — 4-е изд., перераб. и доп. — М. : ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. — 784 с.

5. Международное право. Общая часть : учеб. для студентов юрид. фак. и вузов / И.И. Лукашук; Рос. акад. наук, Инт государства и права, Академ. правовой унт. — Изд. 3е, перераб. и доп. — М. : Волтерс Клувер, 2005. — 432 с.

6. Международное право. Особенная часть : учеб. для студентов юрид. фак. и вузов / И.И. Лукашук; Рос. акад. наук, Инт государства и права, Академ. правовой унт. — Изд. 3е, перераб. и доп. — М. : Волтерс Клувер, 2005. — 544 с.

7. Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (санаи мурочиат: 5 ноябри соли 2023)

8. Положение о постоянных комиссиях Межпарламентской Ассамблеи
государств — участников Содружества Независимых Государств(новая редакция). Принято на пятьдесят третьем пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств — участников СНГ(постановление № 53-11 от 26 ноября 2021 года). [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:**https://iacis.ru** (санаи мурочиат: 17 ноябри соли 2023)

9. Раҷабзода М.Н., Одинаева Н.Ҳ. ва Исматзода.Принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ/ Ҳуқуқи байналмилалӣ (қисми умумӣ). Воситаи таълимӣ./ Муҳаррирони масъул: Қодирқулов Х.Р., Қодиров Н.А. – Душанбе, «Аршан», 2023.- 320 с.

10. Раджабов С.А. Международное право: учебное пособие. 3- е изд. – Душанбе:ТГПУ, 2022.- 368 с.

11. Совещание по безопасности и сотрудничеству в европе заключительный акт. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:

https://www.osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf (санаи муроҷиат: 15 ноябри соли 2023)

12. Соглашение о создании Содружества Независимых Государств от 8 декабря 1991 года // Реестр правовых актов и других документов Содружества Независимых Государств. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://cis.minsk.by/reestrv2/doc/1#text (санаи муроҷиат: 29 октябри соли 2023)

13. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ /Муҳаррири масъул профессор Менглиев Ш.М. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. -512 саҳ.;

14. Декларация о принципах международного права, касающихся дружественных отношений и сотрудничества между государствами в соответствии с Уставом Организации Объединенных Наций. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/intlaw_principles.shtml (санаи муроҷиат: 10 ноябри соли 2023)

15. Устав Лига Нации от 10 января 1920 года//Версальский мирный договор. Полный перевод с французского под редакцией Ю.В. Ключникова и А.Сабанина. М.: Издание Литиздата НКИД, 1925. С 7-15.

16. Чепурнова Н.М. Международное право: Учебно-методический комплекс. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2008. – 295 с.

17. Учебник «Международное право»(общая часть) для студентов – бакалвров 3 курса / под .ред. Н.М. Имомовой. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – 248 с.

## КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ СОЛҲОИ ҚАБЛӢ СОДИРШУДА

**Сафаров Зеваршо Сафарович**, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторант Ph.D–и кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ
**Тел.:** (+992) 937369696
**E-mail:** szevarsho96@mail.ru

**Муқарриз:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Бояд қайд намуд, ки тафтиши ҷиноят фаъолияти мураккаб ва бисёрҷанба ба шумор рафта, тавассути тадбирҳои ташкилӣ имкони самаранок гузаронидани амалҳои тафтишотӣ шароит фароҳам мегардад, ки фаъолияти ҳамоҳангшудаи муфаттиш, кормандони оперативӣ, коршинос (эксперт), мутахассисон ва дигар иштирокчиён ҷараёни тафтишот дуруст роҳандозӣ гардад.

Муайян кардани ҳолатҳое, ки дар парванда муқаррар карда мешаванд, ба раванди ташкилию таҳлилӣ хос буда, онҳо барои тафтишот аҳаммияти асосӣ доранд. Бо дарназардошти ин, дар мақола ба таври мухтасар оид ба татбиқи самарабахши тадбирҳои ташкилӣ дар ошкорсозии ҷиноятҳо, бахусус ҷиноятҳои солҳои қабли содиршуда маълумот дода, дар ин замина фаъолияти ҳамоҳангшудаи муфаттиш, кормандони оперативӣ, коршинос (эксперт), мутахассисон ва дигар иштирокчиёни онро арзёбӣ менамоем. Дар соҳаи криминалистика коркарди принсипҳои назариявии ташкили тафтишот ва унсурҳои гуногуни он идома дорад.

Дар ин самт зарурати амалии таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба муайян ва мушаххас кардани ҳолатҳои дар парванда муқарраршуда, бозгӯӣ намудани низоми ҳадафҳои тафтишот, ҳамкории муфаттиш бо кормандони оперативӣ ва дигар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва иштирокчиёни дигари парванда ба миён меояд, ки ҳалли онҳо ба ташакули низоми коргузории кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

Мавҷудияти ҷиноятҳои дар давоми даҳсолаҳо ошкорнашуда яке аз проблемаҳои муҳимтарине ба шумор меравад, ки мавриди омӯзиши олимони соҳаи криминалистика қарор доранд, ки тафтиши саривақтӣ,

дақиқ ва ҳамаҷонибаи онҳо боис мегардад, ки бисёр масъалаҳои мубрам ҳалли худро ёбанд.

Парвандаҳо оид ба тафтиши ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои қаблӣ содиршуда методикаи махсуси тафтишотӣ доранд. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ин мавзуъ метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда нисбат ба ҷиноятҳои айни замон содиршаванда аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва табиати ҳуқуқии худ мураккабнизом буда, дорои омилҳои объективӣ ва субъективии зиёд мебошад.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки дарояндаи наздик бар асоси дастовардҳои илмиву амалӣ ва бозомӯзии таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам дар ин самт ба дастовардҳои назаррас метавон ноил гардид, ки он ба ташаккули низоми ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** Муфаттиш, корманди оперативӣ, коршинос (эксперт), мутахассис, ҷиноят, соҳаи криминалистика, парвандаи ҷиноятӣ, тафтиши ҷиноят, амалҳои тафтишӣ, ҷиноятҳои ошкорнашуда, ҷиноятҳои қаблӣ содиршуда.

## ОСОБЕННОСТИ РАССЛЕДОВАНИЯ СОВЕРШЕННЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРЕДЫДУЩИХ ГОД

**Сафаров Зеваршо Сафарович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор Ph.D. кафедры криминологии и судебной экспертизы
**Тел.:** (+992) 937369696
**E-mail:** szevarsho96@mail.ru

**Рецензент:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Следует отметить, что расследование преступления представляет собой сложную и многогранную деятельность, и благодаря организационным мерам возможно эффективное проведение следственных действий, создаются условия для слаженной деятельности следователя, оперативных работников, экспертов, специалистов и другие участники должным образом вести процесс расследования.

Установление установленных по делу обстоятельств характерно для организационно-аналитического процесса и имеет принципиальное значение для расследования. Учитывая это, в статье кратко приводятся сведения об эффективном осуществлении организационных мероприятий при раскрытии преступлений, особенно преступлений, совершенных в предыдущие годы, и в этом контексте оценивается слаженная деятельность следователя, оперативных работников, экспертов, специалистов и другие участники. В области судебной экспертизы разрабатываются теоретические основы организации расследования и его различных элементов.

В этом направлении возникает практическая необходимость разработки научно-практических рекомендаций по выявлению и выяснению установленных по делу обстоятельств, изложению системы задач расследования, взаимодействию следователя с оперативными и другими сотрудниками органов внутренних дел и другими участниками расследования. дело, решение которого помогает организовать систему работы сотрудников правоохранительных органов.

Существование преступлений, не раскрываемых десятилетиями, является одной из важнейших проблем, являющихся предметом изучения ученых-криминалистов, своевременное, точное и всестороннее расследование которых приведет к решению многих актуальных вопросов.

Дела о расследовании нераскрытых преступлений, совершенных в предыдущие годы, имеют особый метод расследования. На основе комплексного анализа данной темы можно сделать вывод, что преступления, совершенные в предыдущие годы, сложны по своему содержанию и правовой природе, имеют множество объективных и субъективных факторов.

Можно с полной уверенностью сказать, что в ближайшем будущем на основе научных и практических достижений и переучивания опыта развитых стран мира могут быть достигнуты значительные достижения в этой области, что будет способствовать формированию правовая система.

**Ключевые слова:** Следователь, оперативник, эксперт (эксперт), специалист, преступление, область криминалистики, уголовное дело, расследование преступлений, следственные действия, нераскрытые преступления, ранее совершенные преступления.

## CHARACTERISTICS OF THE INVESTIGATION OF CRIMES OF THE PREVIOUS YEARS COMMITTED

**Safarov Zevarsho Safarovich**,
Tajik National University, Faculty of Law,
doctor Ph.D of the Department of
Criminology and Forensic Examination
**Phone.:** (+992) 937369696
**E-mail:** szevarsho96@mail.ru

**Reviewer**: Nazarov A.K., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** It should be noted that the investigation of crime is a complex and multifaceted activity, and through organizational measures, it is possible to effectively conduct investigative actions, and the coordinated activity of the investigator, operatives, experts, specialists, and other participants will allow the proper conduct of the investigation process.

Determining the circumstances established in the case is characteristic of the organizational and analytical process, and they are of fundamental importance for the investigation. Taking this into account, the article briefly

provides information on the effective implementation of organizational measures in the detection of crimes, especially crimes committed in previous years, and in this context, we evaluate the coordinated activity of the investigator, operatives, experts, specialists and other participants. In the field of forensics, the theoretical principles of investigation organization and its various elements are being developed.

In this direction, there is a practical need to develop scientific and practical recommendations for identifying and clarifying the circumstances established in the case, retelling the system of investigation objectives, the investigator's cooperation with operatives and other employees of internal affairs bodies and other participants in the case, the solution of which is to helps to organize the work system of law enforcement officers.

The existence of crimes that have not been detected for decades is one of the most important problems that are the subject of study by forensic scientists, whose timely, accurate and comprehensive investigation will lead to the solution of many pressing issues.

Cases of investigation of undetected crimes committed in previous years have a special investigation method. Based on a comprehensive analysis of this topic, it can be concluded that the crimes committed in previous years are complex in terms of their content and legal nature, and have many objective and subjective factors.

It can be said with full confidence that in the near future, based on scientific and practical achievements and re-learning the experience of the developed countries of the world, significant achievements can be achieved in this area, which will contribute to the formation of the legal system.

**Keywords:** Investigator, operative, expert, specialist, crime, field of forensics, criminal case, crime investigation, investigative actions, undetected crimes, previous crimes.

Дар даврони муосир тафтишоти ҷиноят як фаъолияти мураккаб ва бисёрҷанба ба шумор меравад. Дар ин ҷода тадбирҳои ташкилӣ асосан ба беҳтар кардани сифати тафтишот нигаронида шудааст.

Тавассути тадбирҳои ташкилӣ имкони самаранок гузаронидани амалҳои тафтишӣ мавҷуд мебошад, ки дар ин замина фаъолияти ҳамоҳангшудаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, кормандони оперативӣ, мутахассисон ва дигар иштирокчиёни тафтишот дуруст роҳандозӣ мегардад.

Дар асоси тадбирҳои ташкилӣ тависяҳои амалӣ дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки раванди фаъолияти иштирокчиён дар амалҳои тафтишӣ муайян гардида, шароити муносиби онҳо бозенигарӣ карда шавад.

Муайян кардани ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, ба раванди ташкилию таҳлилӣ хос мебошанд, ки онҳо аҳамияти махсуси тафтишӣ доранд.

Бояд қайд намуд, ки ба масъалаҳои ташкилӣ дар соҳаи криминалистика ҳамеша диққати махсус равона карда шудааст. Дар соҳаи

криминалистика коркарди принсипҳои назариявии ташкили тафтишот ва унсурҳои гуногуни он идома дорад. Бо дарназардошти ин, дар бораи мафҳуми концепсияи ташкили тафтишот ва мазмуни қисмҳои асосии ин ҷараён олимони соҳа фикру мулоҳизаҳои гуногун баён карданд[592].

Дар ин самт зарурати амалии таҳияи амалии таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба муайян ва мушаххас кардани ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, бозингарӣ намудани низоми ҳадафҳои тафтишот, ҳамкории муфаттиш бо кормандони оперативӣ ва дигар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва иштирокчиёни дигари парванда ба миён меояд, ки ҳалли онҳо ба ташакули низоми коргузорӣ ва фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

Тафтиши ҷиноят яке аз фаъолиятҳои махсуси мақомоти дахлдори давлатӣ буда, мақсади асосии тафтишот мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад, ки он дар ҳалли пайгиронаи як қатор вазифаҳои ба ҳам алоқаманд (ошкор кардани ҷиноят, муайян кардани шахсияти ҷинояткорон, ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд, исбот карда шаванд, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон)[593] ифодаи худро меёбад.[594]

Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин мавзуъ муайян намудани низоми тафтишот муҳим аст. Низоми тафтишот фарогири унсурҳои бо ҳам алоқаманд мебошад, ки аз ҷузъҳои зерин иборат мебошанд: мақсади тафтишот, предмети тафтишот, субъектҳо, иштирокчиён ва амалҳое, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои тафтишот анҷом медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар фаъолияти тафтишотӣ, тибқи назарияи криминалистӣ, амалҳои тафтишӣ, мурофиавӣ, хизматӣ, чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ва тадбирҳои омодагии пешакӣ фарқ карда мешаванд.[595] Дар ин маврид мақсади асосӣ пеш аз ҳама, ин таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи амалҳои тафтишӣ ба ҳисоб меравад.

**Амалҳои тафтишотӣ** – гуфта фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва шахсони мансабдори онро меноманд, ки дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ гардида, баҳри ҷамъ овардан ва санҷидани далелҳо равона шудааст.

Баррасии ҷанбаҳои илмиву назариявии ин мавзуъ ба бисёр масъалаҳои мубрами соҳа, аз ҷумла, баррасии ҷиноятҳои ошкорношуда, равшанӣ хоҳад андохт. Ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои қаблӣ содиршуда, аз ҷумла ҷиноятҳои муқобили ҳаёт одатан ҳамчун ҷиноятҳое тасниф карда мешаванд, ки тафтиши онҳо дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун гузаронида шуда бошад ҳам, вале далелҳои ҷамъовардашуда гунаҳкории шахсро пурра ошкор насохта, дар ин асос парвандаи ҷиноятӣ боздошта шудааст.

Мавҷудияти ҷиноятҳои дар давоми даҳсолаҳо ошкорнашуда яке аз проблемаҳои муҳимтарине ба шумор меравад, ки мавриди омӯзиши

---

[592] Орлов Ю.К. Проблемы теории доказательств в уголовном процессе. – М., 2009. – С.15

[593]Орлов Ю.К. Проблемы теории доказательств в уголовном процессе. – М., 2009. – С.15.

[594]Зеленский В.Д. Организационные функции субъектов расследования преступлений. – Краснодар, 2005. – С.55-56.

[595]Зеленский В.Д. Организация расследования преступлений. Криминалистическая. – Ростов/Дону, 1989. – С.13-17.

олимони соҳаи криминалистика қарор доранд, ки тафтиши саривақтӣ, дақиқ ва ҳамаҷонибаи онҳо боис мегардад, ки бисёр масъалаҳои мубрам ҳалли худро ёбанд.

Шумораи зиёди ҷиноятҳои ошкорнашуда, инчунин вазъи ғайриқаноатбахши фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкор намудан ва тафтиши ҷиноятҳое, ки дар онҳо бо сабаби муайян нагардидани шахси айбдоршаванда парванда боздошта шудааст, кормандони соҳаро водор месозад, ки барои рафъи ин мушкилот макони будубоши гумонбаршуда ё айбдоршавандаро муқаррар намояд, аҳаммияти илмию амалии таъминоти судию тиббиро барои тафтиши ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои қабли содиршуда пешакӣ муайян созад.

Хусусиятҳои ташкили тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содириршуда бо шароите, ки раванди тафтишот дар он сурат мегирад, яъне омилҳои ба он таъсиркунанда, муайян карда мешаванд.

Маҷмӯи омилҳои таъсиррасонанда ба тафтиши ҷиноятҳое, ки аз рӯи онҳо парвандаи ҷиноятӣ боздошта шудааст, бояд аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд ва дар фаъолияти амалии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми тафтиши ин навъи ҷиноятҳо ба назар гирифта шаванд.

Масъалаҳои мансуб ба таҳқиқ ва таҳлили омилҳое, ки ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда таъсир мерасонанд, дар адабиёти криминалистӣ ба таври васеъ баррасӣ шудаанд. Дар асарҳои худ олимон В.П. Лавров, В.М. Биков, Б.Я. Гаврилов, Г.М. Савенко ва дигарон ба омилҳои дар рафти ин навъи ҷиноятҳо таъсиргузор диққати махсус додаанд.

Масалан, В.П. Лавров дар ин самт як қатор омилҳоеро муайян кард, ки то имрӯз аҳаммияти худро доранд:

1) мавҷудияти натиҷаҳои тафтишоти аллакай гузаронидашуда, далели содир намудани ҷиноят, ки талаботи тафтиши ин натиҷаҳоро ба миён меорад ва дар рафти тафтишот аз ҷониби муфаттиш бо дарназардошти хусусиятҳои баҳодиҳии далелҳои ҷамъовардашуда;

2) омӯзиши омилҳое, ки дар тафтиш душворӣ пеш меоранд: набудани шоҳидон; набудани робита байни ҷинояткор ва ҷабрдида; аз тарафи ҷинояткор барои пинҳон доштани ҷиноят ва изи он истифодаи қаллобӣ; ошкор шудани ҷиноят баъд аз чанд муддат ва ғайра;

3) хатогиҳо ва дигар камбудиҳои тафтишотии то боздоштани парванда гузаронидашуда, ки одатан дар тамоми кори минбаъдаи ошкор кадани ҷиноят таъсиргузор мебошанд;

4) омилҳои психологӣ дар фаъолияти муфаттиш, ки барои тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ ва ҳолати психологии ҷинояткори саривақт ошкорнагардида;

5) хусусиятҳои танзими мурофиавии фаъолият оид ба парвандаи ҷиноятии боздошташуда вобаста ба ҷинояти ошкорнашуда;

6) омилҳои мансуб ба вақт.

Аз таҳлили ҳамаҷониба бармеояд, ки имконнопазирии гузаронидани амалҳои тафтишӣ дар парвандаи боздошташуда камбудии ягона дар танзими ҳуқуқии фаъолияти муфаттиш дар парвандаи боздошташуда нест.

Ба фикри мо, дар ин раванд омилҳои асосиеро, ки хусусиятҳои ташкили тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршударо пешакӣ муайян мекунанд, бояд ба назар гирифт ва онҳоро ба таври зерин метавон номбар кард:

1) таъсири вақт ба рафти тафтиш;

2) хусусиятҳои сифатӣ ва усулҳои тафтиши ҷиноят то боздоштани парвандаи ҷиноятӣ;

3) хусусиятҳои равонӣ, рафтори ҷинояткор ва муфаттиш дар парвандаи ҷиноятӣ;

4) ҳолати ташкили кор оид ба парвандаҳои боздошташудаи ҷиноятҳои ошкорнашуда дар мақомоти дахлдор.

Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои криминалистӣ дар хусуси як масъалаи муҳим–дар бораи робитаи табиии байни мушкилоти ҷиноятҳои ошкорношудаи солҳои қаблӣ содиршуда ва мухолифат ба тафтишот ва шахсони манфиатдор дар даҳсолаҳои охир метавон ба таври дуруст хулосабарорӣ намуд.

Муқобилияти фаъолона ба тафтиши ҷиноятҳо, пеш аз ҳама, ба афзоиши шумораи умумии ҷиноятҳои ошкорнашуда таъсири калон мерасонад; дуюм, ҷараёни тафтишоту чорабиниҳои оперативиро оид ба ошкор намудани онҳо, инчунин рафти тафтиши минбаъдаро хеле душвор мегардонад.

Дар ин ҳолат чунин далелҳои шайъии мавҷуда (ҳар як қатраи хун, мӯйи ҷинояткор, сигори то охир нокашидаи ӯ), ки чун маводи парвандаҳои боздошташуда ёфт шудаанд, аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунанд, бо гузашти вақт аҳаммияти онҳо дар ошкорсозии ҷинояти қаблан содиршуда бештар мегардад.

Ба ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда он ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки нисбати онҳо тафтиши пешакӣ боздошта шуда, онҳо баъд аз муддати дуру дарозе ошкор карда нашудаанд. Қобили зикр аст, ки ба ин рӯйхат танҳо ҷиноятҳои ошкорнашуда, ки бо тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудаанд, дохил карда шудаанд ва муҳлати даъвои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ба охир нарасидааст.

Мувофиқи қ.1 моддаи 230 КМҶ ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои зерин, ки барои идома ва хатми тафтиши пешакӣ монеа шуда, метавонанд, тафтиши пешакӣ боздошта мешавад:

– вобаста ба муайян карда нашудани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад;

– дар ҳолате, ки айбдоршаванда аз тафтишот ё суд пинҳон шудааст ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши ӯ муайян карда нашудааст;

– дар сурати ба беморunion руҳӣ ё бемории дигари вазнин гирифтор шудани айбдоршаванда, ки аз ҷониби духтури муассисаи табобатии давлатӣ тасдиқ карда шудааст;

– дар сурате, ки маҳалли будубоши айбдоршаванда маълум аст, вале вобаста ба ҳалли масъалаи маҳрум кардани айбдоршаванда аз масуният ё супоридани ӯ ба давлати хориҷӣ, инчунин бинобар дар экспедитсия ё сафари хизматӣ зиёда аз ду моҳ буданаш имконияти воқеии иштироки ӯ дар парванда мавҷуд нест.

Дар сурати мавҷуд будани яке аз ҳолатҳои номбаршуда муфаттиш дар бораи боздоштани тафтиши пешакӣ қарори мурофиавии асоснок бароварда, нусхаи онро ба прокурор мефиристад.

Агар ба парванда ду ё якчанд айбдоршаванда ҷалб шуда, асоси боздорӣ ба ҳамаи онҳо дахл надошта бошад, муфаттиш ҳуқуқ дорад қисми маводро ба пешбурди алоҳида ҷудо намуда, дар ин қисм пешбурдро боздорад ё агар тафтиши пешакиро бе иштироки айбдоршавандагон давом додан мумкин набошад, пешбурди парвандаро боздорад.

Дар ҳолате, ки шахси айбдоршаванда муайян карда нашудааст, айбдоршаванда аз тафтишот ё суд пинҳон шудааст ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши ӯ муайян карда нашудааст тафтиши пешакӣ таанҳо пас аз гузаштани муҳлати пешбурди он боздошта мешавад.

То боздоштани тафтиши пешакӣ муфаттиш вазифадор аст ҳамаи амалҳои тафтиширо, ки пешбурди онҳо бе иштироки айбдоршаванда имконпазир аст, анҷом диҳад ва барои кофтукови айбдоршаванда, ҳамчунин муайян кардани шахсе, ки ҷиноятро содир кардааст, тамоми чораҳоро андешад[596].

Тафтиши пешакӣ дар сурати мавҷуд будани яке аз ин ҳолатҳо, инчунин ба шарте боздошта мешавад, ки ҷиноят исбот шуда бошад ва гузаронидани тамоми амалҳои тафтишӣ дар ин ҳолат имконпазир бошад.

Мавҷудияти ҷиноятҳои ошкорнашуда дар вуҷуди шаҳрвандон нисбати бехатарии онҳо ва салоҳияти мақомоти давлатӣ, ки дар тафтишот иштирок мекунанд, шубҳа ба миён меорад. Дар натиҷа дараҷаи боварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хеле паст шуда, беҷазо мондани ҷинояткорон ба ташаккули кирдори зиддиҷамъиятӣ мусоидат намуда, ин омил боиси афзоиши ҷинояткорӣ мегардад.

Шаҳрвандон барои рафтори ғайриқонунӣ масъулият эҳсос намекунанд, ки ин омил ба пойдории адолат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ошкор кардани ҷиноятҳои солҳои қабли содиршуда низ дар мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ нақши муассир дорад.

Тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда назар ба тафтиши ҷиноятҳои нав содиршуда мураккабтар аст. Дар ин самт мушкилот дар он аст, ки осори ҷиноятҳои гузашта бо мурури замон нопадид мешавад ва ё тағйир меёбад. Бо мурури замон шоҳидон метавонанд дар додани баёнот фикри худро тағйир диҳанд, худи макони содиршавии ҷиноят ва вазъият низ тағйир ёбад.

Далелҳои шайъӣ, яъне ашёҳои олами моддиро, ки бо парвандаи ҷиноятии тафтишшаванда муносибат доранд, метавон нобуд кард (олоти ҷиноят, предмети ҷиноят, доғҳои хун, шикастапораҳо) ё ба инҳо монанд,

---

[596] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

пойафзол фарсуда мешавад, амволи дуздидашуда аз нав фурӯхта мешавад ва ё онро ёфтан мумкин нест.

Намуди зоҳирии шахс низ тағйир меёбад, ки имкони шинохтани ӯро аз тарафи дигарон аз байн мебарад. Солҳои охир дар ин самт як қатор мушкилот ба миён омадаанд, ки ҳалли онҳо амали ногузир аст.[597]

Ин фаъолияти кормандони оперативӣ–ҷустуҷӯиро душвор гардонида, ба афзоиши ҷиноятҳои ошкорнашуда мусоидат мекунад. Дар ин замина ҷинояткорон пинҳон мешаванд, намуди зоҳирии худро тағйир медиҳанд ва изҳоро нест мекунанд.

Дар ин ҳолат як ҷанбаи мусбат ба ошкорсозии ҷиноят замина ба миён меорад, яъне ҷинояткор тамоми изу нишонаҳоро нест карда, мутмаин мегардад, ки тафтишот ба охир расидааст. Бо ин сабаб ҷинояткор то андозае бепарво мешавад ва маҳз ҳамин омил барои ошкор кардани ҷиноят ёрӣ мерасонад.

Чи тавре ки дар боло зикр гардид, сабаби субъективии ошкор нашудани ҷиноят дар беэътинои муфаттиш (бисёр ашёҳои зарурӣ чун далели шайъӣ дар вақташ ошкор карда нашудаанд, ки ин боиси боздоштани пешбурди парванда гардидааст) ва ташкили сусти раванди тафтишотӣ мебошад.

Агар дар оянда ҳолатҳои дигари парванда маълум гарданд, пешбурди парванда аз нав оғоз карда мешавад. Дар ин маврид саривақт муфаттише, ки ин парвандаро пеш мебарад, бояд муайян карда шавад.

Агар пеш аз боздоштани парванда баррасии он ба муфаттише, ки парвандаро пешбарӣ кардааст, вогузор карда шавад, пас эҳтимол дорад, ки ӯ ба хатогиҳои қаблан содиршуда аҳаммият надиҳад. Аммо ҳангоми пешбурди парвандаи аз нав баррасишаванда дида баромадани тамоми шаклҳои имконпазирро талаб менамояд.[598]

Дар ин раванд омилҳои психологӣ нақши муҳим доранд ва ба хоҳиши муфаттиш барои ба охир расондани парванда, ба хатогиҳои пештарааш ба таври объективӣ баҳо додан ва барои пешгирӣ кардани онҳо талош намудани ӯ вобаста аст.

Агар парванда ба муфаттиши нав дода шавад, омилҳои асосӣ ба психологияи корманди нав вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат ӯ ба ноумедӣ рӯ ба рӯ мешавад ва ё барои ошкор сохтани хатогиҳои ҳамкораш шурӯъ менамояд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ ҳангоми аз нав оғоз кардани парвандаи боздошташуда ин муайян кардани муфаттиши нав мебошад. Дар ин маврид дар баробари дараҷаи касбият омилҳои психологӣ низ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оид ба тафтиши парвандае, ки ба нобарорӣ оварда расонидааст, муфаттиш метавонад эҳсосоти рӯҳафтодагӣ ва ноумедӣ кунад.

---

[597] Стукалов В.В., Горбунов А.Н. Проблемы раскрытия преступлений прошлых лет // Общество и право. 2015. №4 (54). – С. 251-255.

[598] Лозовский Д.Н., Ульянова И.Р. Актуальные вопросы расследования нераскрытых преступлений прошлых лет // Общество и право. 2017. №4 (62). – С. 135-137.

Албатта, ин омилҳо боиси хатокориҳо дар баррасии парванда гардида, муфаттишро аз асли тафтишот дур месозад. Агар парвандаи аз нав баррасишаванда аз тарафи ҳамон муфаттише, ки пеш аз боздоштани он гузаронида шуда бошад, пас ӯ метавонад ба хатогиҳои пештар содиркардааш эътибор надиҳад.

Дар рафти кор аз рӯи парвандаи азнавошкоршуда ба парванда ба таври нав назар сохтан ва тафтиш кардани фарзияҳои нав, аз нав муайян кардани самтҳои тафтиш ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯӣ хеле муҳим аст.

Фаъолияти муфаттиш дар парвандаи барқароршуда ба сатҳу сифати тафтиши пешакӣ, ки то боздоштани парванда гузаронида шуда буд, алоқаманд аст. Ҳамаи эҳтимолиятҳо дар ин маврид санҷида ва коркард шуда, пуррагии онҳо тафтиш карда мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки ин парвандаро ба муфаттиши нав супоридан то андозае иқдоми дуруст аст.

Фаъолияти пурсамари муфаттиш дар суботкорӣ ва маҳорати касбии ӯ аён мегардад. Аммо наметавон гуфт, ки муфаттише, ки қаблан тафтиши пешакии парвандаро анҷом додааст, ҳақ надорад, ки ин тафтиши пешакии онро дубора пеш барад. Агар ин муфаттиш нақшаи кории аниқ дошта бошад, оқилона кор кунад ва суботкор бошад, пас тафтиши пешакии парвандаро метавон аз нав ба ӯ супурд.

Дар ин маврид набояд маврид фаромӯш сохт, ки барои шиносоӣ бо ин ҷинояти содиршуда барои муфаттиши нав вақти зиёд лозим аст, ки олимони соҳа ба ин омил диққати махсус додаанд.

Ба таври мисол, В.М. Биков чунин мешуморад, ки масъалаи ба муфаттиши нав супурдани тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятии солҳои қаблӣ содиршуда бояд бо дарназардошти ҳамаи омилҳо, хусусиятҳои шахсон ва ҳолатҳои парванда ба таври махсус ҳал карда шавад.[599]

Фаъолият оид ба пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятии аз нав саркардашуда бояд аз банизомдарорӣ ва аз нав дида баромадани маводи дар парвандаҳои ҷиноятии тафтиши пешакиашон боздошташуда ва чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯии мавҷудбуда, нисбати чунин парвандаҳо оғоз гардад.

Парвандаҳо оид ба тафтиши ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои қаблӣ содиршуда методикаи махсуси тафтишотӣ доранд, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи онҳо, мавҷудияти баъзе ҳолатҳо бояд дақиқ ва ҳамаҷониба бояд исбот карда шаванд: ҳодисаи ҷиноят (вақт, ҷой, тарз, ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят); ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро муайян мекунанд; ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд; ҳолатҳе, ки метавонанд боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод гардидани шахс гарданд; ҳолатҳое, ки гунаҳгории айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят ва мусоидат намудан ба он, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи онро муайян мекунанд; ҳолатҳое, ки хусусият ва андозаи зарари аз ҷинояти содиршуда расидаро муайян мекунад; ҳолатҳое,

[599] Быков В.М. Особенности расследования нераскрытых преступлений прошлых лет: лекция. –Ташкент, 1984. – С. 22.

ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд ва дигар ҳолаттҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро арзёбӣ мекунанд.

Ҳангоми тафтиши ҷинояти ошкорнашуда қаблан шаклҳои муайян коркард шуда, чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯӣ гузаронида мешаванд. Дар баробари ин, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда бо давомнокии содир шудани ҷиноят мураккаб мегардад, ки аксаран ба даст овардан ва мустаҳкам намудани далелҳои нав ва гузаронидани амалҳои муайяни тафтишотиро ғайриимкон мегардонад.

Барои тафтиши самарабахши парвандаи аз нав оғозшуда ҳамкории муфаттиш бо субъектони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ва дигар ҷузу томҳои вазорати корҳои дохилӣ нақши муҳим мебозад.

Муносибати мутақобилаи кормандони тафтишотӣ ва оперативӣ бояд дар доираи салоҳияти онҳо, ки қонун муқаррар кардааст, сурат гирад. Дар ин раванд байни кормандон бояд робитае барқарор карда шавад, ки он маҳдуд кардани ваколатҳои онҳо, фаъолияти муштарак ва ҳамоҳангшударо ҳангоми тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ фарогир бошад.

Муфаттиш ва кормандони оперативӣ бояд доимо мубодилаи иттилоот ва қарорҳои муштарак қабул кунанд, инчунин нақшаи чорабиниҳои минбаъдаро тартиб диҳанд.

Кормандони воҳидҳои оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ва экспертӣ–криминалистӣ, ки ҳангоми ошкорсозии ҷиноят масъул мебошанд, вазифадоранд тамоми супоришҳои муфаттишро иҷро намуда, дар бораи ҷинояти ошкорнашуда ва натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ё экспертиза ба ӯ хабар диҳанд.

Кормандон барои азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва бо мақсади ошкор намудани осори ҷиноят ва дигар объектҳои моддӣ, муайян кардани дигар ҳолатҳои барои парванда аҳамиятнок тамоми чораҳои заруриро меандешанд.

Муфаттиш дар навбати худ ба кормандон аз рафти иҷрои нақшаи тафтишӣ хабар медиҳад ва онҳоро барои иҷрои вазифаҳои нав, ки барои тафтиши пешакии парванда аҳамияти ҷиддӣ доранд супориш медиҳад.

Ташкили дурусти раванди тафтиши парванда вазифаи асосии муфатиш мебошад, зеро натиҷаи кори тамомӣ гурӯҳ ба он вобаста аст.

Тафтиши ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда омӯзиши миқдори зиёди маводҳоеро дар назар дорад, ки дар натиҷаи тафтиши пешакии чунин парвандаҳо аллакай ба даст оварда шудаанд.

Ин раванди мақсаднок буда, он ба омӯзиши маълумоти бойгонӣ дар бораи ашхоси дар ин навъи ширкаткунанда, оид ба ҷиноятҳои ба ҳам монанд (методикаи тафтиши онҳо), системаҳои иттилоотӣ–ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохилӣ ва монанди инҳо асос ёфтааст.

Дар баробари ин, мо набояд фаромӯш кунем, ки дар парванда аллакай баъзе хулосаҳо ва натиҷаҳо вуҷуд доранд, ки дар оянда метавон ба онҳо такя кард. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксар вақт ҷиноятkор дар байни гумонбаршавандагон буда, вале бо баъзе сабабҳо аз он ҷой хориҷ

карда шудааст. Ин далели он аст, ки дер ё зуд ҷинояткор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ин мавзуъ метавон чунин хулосагирӣ намуд, ки ҷиноятҳои солҳои қаблӣ содиршуда нисбат ба ҷиноятҳои айни замон содиршаванда аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва табиати ҳуқуқии худ мураккабнизом буда, дорои омилҳои объективӣ ва субъективии зиёд мебошад.

Дар дар даврони муосир вобаста ба пешрафти усулҳои тафтишотӣ ва ташаккули дараҷаи касбияти кормандони соҳа, инчунин таснифоти дурусти илмиву амалии ин раванди ҳуқуқӣ ошкор шудани ин навъи ҷиноятҳо ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Албатта, бо боварии комил метавон гуфт, ки дар ояндаи наздик бар асоси дастовардҳои илмиву амалӣ ва бозомӯзии таҷрибаи кишварҳои кишварҳои пешрафтаи олам дар ин самт ба дастовардҳои назаррас метавон ноил гардид, ки он ба ташаккули низомӣ ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Быков В.М. Особенности расследования нераскрытых преступлений прошлых лет: лекция. –Ташкент, 1984.С.22
3. Завацкая К.Н. Значение расследования преступлений прошлых лет // Уголовная политика Республики Беларусь: состояние и пути совершенствования: сб. материалов II Междунар. науч. практ. конф. Барановичи, 2016. С.122
4. Зеленский В.Д. Организационные функции субъектов расследования преступлений. – Краснодар, 2005. – С.55-56.
5. Зеленский В.Д. Организация расследования преступлений. Криминалистическая. – Ростов/Дону, 1989. – С.13-17.
6. Лозовский Д.Н., Ульянова И.Р. Актуальные вопросы расследования нераскрытых преступлений прошлых лет // Общество и право. 2017. №4 (62). С. 135-137.
7. Орлов Ю.К. Проблемы теории доказательств в уголовном процессе. – М., 2009. – С.15.
8. Стукалов В.В., Горбунов А.Н. Проблемы раскрытия преступлений прошлых лет // Общество и право. 2015. №4 (54). – С. 251-255.

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд**

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);

4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

6) тақриз;

7) насаб, ном ва номи муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);

9) калидвожаҳо (панҷ-ҳафт калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан: Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);

• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»**

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) рецензия;

2) аннотации на русском и английском языках (до 500 знаков каждая, включая пробелы, точки и запятые);

3) ключевые слова (пять – семь основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на русском и английском языках;

4) перевод на английский язык названия статьи;

5) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества автора статьи;

6) электронный адрес автора;

7) указывается научная специальность (код);

8) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества научного руководителя автора статьи;

9) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества рецензента статьи.

10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 28.03.2024 супорида шуд.
Ба чопаш 02.04.2024 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 32.
Супориши №65. Адади нашр 40 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14.